СУДИ ОЛИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

АЛАНАЗАРЗОДА ШАРОФ

Китоби рӯйи мизии судя
оид ба методикаи оғоз намудан, омодасозӣ, муҳокимаи судӣ ва таҳияи ҳалномаи судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ дар мурофиаи даъвогӣ

СУДИ ОЛИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар амал татбиқкунанда:

Китоби рӯйи мизии судя оид ба методикаи оғоз намудан, омодасозӣ, муҳокимаи судӣ ва таҳияи ҳалномаи судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ дар мурофиаи даъвогӣ

Дастури методӣ-таълимӣ барои судяҳо

Душанбе-2024

УДК
Би-би-си

Ба чоп тавсия кардааст Куанова Инесса, номзади илми ҳуқуқ, судяи ба истеъфобаромадаи суди вилояти Шимолии Ҷумҳурии Қазоқистон.

Китоби рӯйи мизии мазкур дар доираи Барномаи Мусоидат ба волоияти қонун дар кишварҳои Осиёи Марказӣ-Ҷамъияти ҳамкориҳои байналмилалии Олмон (GmbH GIZ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Муаллифи китоби методӣ: Аланазарзода Шароф, судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Хулосаи коршиносии китобро Инесса Куанова, номзади илми ҳуқуқ, судяи ба истеъфобаромадаи суди вилояти Шимолии Ҷумҳурии Қазоқистон пешниҳод кардааст.

Китоби рӯйи мизии судя. «Методикаи оғоз намудан, омодасозӣ, муҳокимаи судӣ ва таҳияи ҳалномаи судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ дар мурофиаи даъвогӣ». Дастури методӣ барои судяҳо. - Душанбе, нашриёт, соли 2024.

ISBN

Дар дастури методӣ-таълимии мазкур методҳои баррасии судии парвандаҳои маданиро, ки зимни баргузор намудани семинарҳои муштараки Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи Мусоидат ба волоияти қонун дар кишварҳои Осиёи Марказӣ-Ҷамъияти ҳамкориҳои байналмилалии Олмон (GmbH GIZ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои судяҳои Тоҷикистон омода шудааст, пешниҳод мегардад.

Дар дастури мазкур, дар асоси таҳлили таҷрибаи судӣ ва қонунгузории Тоҷикистон, инчунин, таҷрибаи муосири истифодаи усули иртиботӣ (релясионӣ), усулҳо ва қоидаҳои омодасозии парванда, муҳокимаи судӣ ва таҳияи санадҳои судӣ манзур карда шудаанд.

Дастур барои судяҳо ва пеш аз ҳама судяҳои марҳилаи якум, махсусан онҳое, ки собиқаи ками корӣ доранд инчунин, адвокатҳо, омӯзгорон ва донишҷӯёни факултетҳои ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқшиносони амалкунанда ва доираи васеи ҷомеаи ҳуқуқшиносӣ пешбинӣ шудааст.

Нашрия аз ҷониби Ҳукумати Федералии Олмон тавассути GmbH Deutsche Gesellschaft fur Internationale Zusammenarbeit (GIZ) - Барномаи Мусоидат ба волоияти қонун дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз номи Вазорати федералии ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушди Олмон (BMZ) фаъолият мекунад, маблағгузорӣ шудааст.

Андешаҳо ва шарҳу тафсирҳои дар китоб зикргардида инчунин, мушоҳидаҳои муқоисавии ва хулосаҳои ҳуқуқӣ танҳо нуқтаи назари муаллифон буда, бе ягон шарт мавқеи GIZ ё BMZ инъикос наменамоянд.

Бо ҳуқуқи муаллифӣ, барои ройгон (бепул) паҳн намудан пешбинӣ шудааст.

ISBN

©

МУНДАРИҶА

Пешгуфтор.

Ихтисороти шартӣ.

Фасли I. Мафҳум ва моҳияти методикаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ва таҳия додани ҳалномаи судӣ.

Боби 1. Методикаи коркарди ҳолатҳо ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқ.

§1. Методикаи аниқ ва муқаррар намудани ҳолатҳои воқеӣ;

§2. Ҳуқуқтатбиққунӣ (Субсумсия);

§3. Талабот ва асосҳои ҳуқуқи талабот;

Боби 2. Методикаи техникаи кории судя.

§1. Методикаи коркарди ҳолатҳои воқеӣ;

§2. Методикаи гузаронидани баҳодиҳии экспертӣ;

Фасли II. Истифодаи методикаи омодасозии парванда, муҳокимаи судӣ ва таҳияи ҳалномаи судӣ.

Боби 3. Ҷанбаҳои мурофиавии марҳилаи қабули аризаи даъвогӣ.

§1. Имконпазир будани қабули даъво. Қабули аризаи даъвогӣ ва амалҳои судя пас аз пешниҳоди даъво;

§2. Аризаи даъвогӣ, шакл ва мазмуни он, методикаи корбарӣ бо аризаи даъвогӣ ва амалҳои судя ҷиҳати ба баррсии суд қабул намудани аризаи даъвогӣ;

§3. Замима ба аризаи даъвогӣ ва методикаи корбарии судя бо онҳо;

§4. Методикаи амалҳои судя ҷиҳати ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ. Асосҳои ҳуқуқи барои аз қабул рад намудан, баргардонидан ва беҳаракат монондани аризаи даъвогӣ;

§5. Методикаи қоидаҳои тобеияти идоравӣ ва тобеияти судии парвандаҳои маданӣ дар марҳилаи ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ;

§6. Методикаи амалҳои судя ҷиҳати ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогии муқобили даъво;

Боби 4. Методикаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ.

§1. Вазифаҳои омодасозии парванда чӣ тавр ҳал карда мешаванд;

§2. Тарафҳоро чӣ тавр ба созиши оштӣ овардан мумкин аст;

§3. Тарзҳои гузаронидани маҷлиси пешакии судӣ;

§4. Санадҳои судӣ дар шакли таъинот, ки дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ва маҷлиси судӣ қабул карда мешаванд;

Боби 5. Методикаи муҳокимаи парвандаҳои маданӣ дар маҷлиси судӣ.

§1. Маҷлиси судӣ - вазифаҳо ва амалҳои судя ҳангоми гузаронидани он;

§ 2. Далелҳо ва методикаи таҳқиқ намудани онҳо бо парвандаи маданӣ;

Фасли III. Мафҳум ва моҳияти методикаи таҳия додани ҳалномаи судӣ.

Боби 6. Методикаи таҳияи ҳалномаи судӣ бо парвандаи маданӣ.

§1. Талаботҳое, ки нисбат ба ҳалнома судӣ аз рӯйи шакл ва мазмун пешбинӣ шудаанд;

§2. Методикаи таҳия намудани қисми муқаддимави ҳалнома;

§3. Методикаи таҳияи намудани қисми баёнии ҳалнома;

§ 4. Методикаи тарзи тартиб додани қисми асоноккунии ҳалнома;

§5. Методикаи таҳия намудани қисми хулосавии ҳалнома;

§6. Ислоҳи иштибоҳ ва хатоҳои ошкори арифметикӣ дар ҳалнома ва қабул намудани ҳалномаи иловагӣ;

Калидвожаҳо.

Замимаҳо.

Рӯйхати адабиёти истифодабурдашуда.

Ихтисороти шартӣ.

Методика - усул, усулҳо;
Факт - ҳолат;
Юридическая проверка - таҳқиқи ҳуқуқӣ;
Субсумция (subsummation) - ҳуқуқтатбиқкунӣ (субсумсия);
Гражданӣ-маданӣ;
КММ - Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон;
КМ - Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон;
КМИ - Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
ҶТ - Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон;
с. - сархат;
с.с. - сархатҳо;
б. - банд;
б.б. - бандҳо;
қ. - қисм;
қ.қ. - қисмҳо.
м. - модда;
м.м. - моддаҳо;
ниг.-нигаред ба;

ПЕШГУФТОР

Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ аз 21 ноябри соли 2019

Дар доираи талаботи қонунгузорӣ баррасӣ намудани парвандаҳои судӣ ва қабули қарорҳои асоснок яке аз кафолатҳои конститутсионии амалӣ намудани адолати судӣ ба ҳисоб меравад. Дар фаъолияти судяҳо камбудиҳо, ба монанди бо сифати паст таҳия намудани санадҳои судӣ ва дар ин замина зиёд шудани бекоршавии қарорҳои судӣ ва риоя накардани муҳлати баррасии парвандаҳо ҷой доранд, ки боиси норозигии мардум ва воридшавии арзу шикоят ба мақомоти болоӣ мегарданд. Сифати пасти таҳияи санадҳои судӣ, риоя накардани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, беасос таҳия намудани ҳалномаҳои калонҳаҷми душворфаҳм, сари вақт ва дар муҳлати муқарраршуда баррасӣ нагардидани парвандаҳо, беасос ва бидуни баррасӣ монондани аризаҳо ҷой доранд. Омузиш ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабабҳои бекор шудани санадҳои судӣ, пеш аз ҳама, аз он иборатанд, ки судяҳо дар вақти баррасии парванда беаҳамиятӣ зоҳир намуда, ба далелҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ намедиҳанд, ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдоштаро ҳаматарафа намесанҷанд ва дар баробари ин, норасоии дониши касбӣ ва таҷриба, дар баъзе ҳолатҳо мавҷуд будани ғараз нисбат ба парванда боиси татбиқи нодурусти қонунҳо ва дар охир қабули санадҳои ғайриқонунӣ мегардад. Чунин вазъ низ боиси нигаронӣ мебошад, зеро ман борҳо таъкид кардаам, ки судя ҳуқуқи хато кардан надорад, зеро бо қарори судя тақдири инсон ҳал мешавад.[1]

Барои ҳалли мушкилотҳои дар амалияи судӣ ҷойдошта методикаи оғоз намудан, омодасозӣ, муҳокимаи судӣ ва таҳияи ҳалномаи судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ дар мурофиаи даъвогӣ, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба истифодбарии таҷрибаи муосири усули иртиботии (релясионӣ) олмонӣ мутобиқ карда шудааст, мусодат хоҳад кард.

Методикаи оғоз намудан, омодасозӣ, муҳокимаи судӣ ва таҳияи ҳалномаи судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ дар мурофиаи даъвогӣ яке аз самтҳои муҳими таълими судяҳо ба ҳисоб рафта, муҳимияти он ба баланд

[1] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вохӯрӣ бо кормандони мақомоти судӣ аз 21 ноябри соли 2019, http://www.president.tj/node/21842

бардоштани талаботи тахассусӣ ва маҳорати касбии судяҳо, бо мақсади таъмини ҳифзи судӣ зимни баамалбарории адолати судӣ равона гардидааст.

Мақсади дастури мазкур ба судяҳо ва ҳуқуқшиносон фаҳмонидани фарҳанги мурофиавии муҳокимаи судӣ, омузонидан бо асосҳои назариявӣ ва малакаҳои амалии методика дар ҳамбастагӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва мурофиаи маданӣ ҷиҳати истифодаи дурусти онҳо, мебошад. Омузишӣ методикаи мазкур ба донишҷӯён ҳалли масъалаҳои мураккаби мурофиавиро, ки дар амалияи судӣ ба миён меоянд, имконият хоҳад дод.

Инчунин, таҳия намудани китоби мазкур ҷиҳати дар амал татбиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон №668 аз 30 декабри соли 2023 дар бораи “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон намудани соли 2024 сарчашма гирифта, барои доираи васеи ҳуқуқшиносон, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ ва васеъ намудани дастрасии шаҳрвандон ба иттилооти ҳуқуқӣ равона шудааст.[2]

Дар семинарҳо бо истифода аз методикаи мазкур, аз амалияи судӣ таҳлили парвандаҳои мадании мушаххас гузаронида шуданд ва ин имкон дод, ки таҷрибаи мусбӣ ворид ва таҳсин карда шавад. Методикаи пешниҳодшуда аз ҷониби шунавандагон бо таваҷҷӯҳ ба сарфаи мурофиа, ба хусусияти мушаххасоти марҳила ба марҳила зимни таҳлили мантиқии ҳолати ҳуқуқӣ ва ҳангоми анҷом додани амалҳои мурофиавӣ аз ҷониби судя, ки барои ҳалли дурусти баҳс ва таҳия намудани ҳалномаи судии босифат зарур аст, маъқул ва дастгирӣ ёфтааст.

Чунин мешуморем, ки методикаи зикршуда метавонад фаъолияти судяро дар ташкили дурусти омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ва баррасии он инчунин, дар тартиб додани ҳалномаи судӣ кумак намояд ва бо ин роҳ ба ҷорӣ намудани таҷрибаи якхела зимни баррасии парвандаҳои маданӣ дар мурофиаи даъвогӣ мусоидат хоҳад кард.

[2] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, №668 аз 30 декабри соли 2023 дар бораи “Соли маърифати ҳуқуқӣ”эълон намудани соли 2024 http://www.president.tj/node/32202

Фасли I. Мафҳум ва моҳияти методикаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ва таҳия додани ҳалномаи судӣ.
Боби 1. Методикаи коркарди ҳолатҳо ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқ.

Мафҳуми муносибатҳои ҳуқуқӣ-маданӣ дар Рими қадим (лат.-juscivile) ташаккул ёфта, ин истилоҳ барои тавсифи маҷмӯи ҳуқуқҳои дохилидавлатии миллии шаҳрвандони Рим истифода мешуд. Минбаъад бо инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ, истилоҳи ҳуқуқи маданӣ маҳдудтар татбиқ шуда, дар асл танҳо ҳамчун соҳаи алоҳидаи ҳуқуқи хусусӣ тавсиф ёфтааст. Дар баробари васеъ гардидани раванди равиши Римӣ ба ташаккули илми хуқуқшиносӣ ва истифодаи он аз тарафи давлатҳои Аврупо истилоҳи «сивилистика» ва маънои он, ки дар ҳуқуқи Рим ташаккул ёфта буд, дар низоми ҳуқуқии қариб ҳамаи давлатҳо ҳамчун яке аз соҳаҳои асосии ҳуқуқ ворид гардид.

Ҳамчун илм мурофиаи маданӣ дар асри XIX дар Олмон ба туфайли ҷудо шудан аз ҳуқуқи маданӣ пайдо шудааст. Минбаъд дар Олмон усули махсуси кории баҳодиҳии ҳуқуқӣ бо ҳолатҳои парванда ва коркарди фикрронии ҳуқуқӣ ривоҷ ёфтааст, ки он дар амалия худро самаранок нишон додааст. Ҳамин тавр, таҳлили ин ё он парвандаи маданӣ аз рӯйи алгоритми муайяни мантиқӣ сурат мегирад. Бартарии чунин корбарӣ на танҳо дар тарзи оқилонаи фаъолият, ҳамзамон дар натиҷаҳои фаҳмо, пешбинишаванда ва якхела низ мебошад.

Методикаи ҳуқуқи мурофиавии маданӣ, аз як тараф ҷараёни раванди мурофиа ва амалҳои мурофиавии бо қонун аниқ муайяншуда мебошад, ки дар натиҷаи он ҳалномаи суд барои ҳамаи шахсон ҳатмӣ мегардад. Аз тарафи дигар, иштирокдорони парванда бо салоҳдид ва хоҳиши худ маҷмӯи ҳуқуқҳои мурофиавии худро ихтиёрдорӣ мекунанд ва суд ҳуқуқ надорад бо ташаббуси худ парвандаи маданӣ оғоз намояд. Ин маънои онро дорад, ки методикаи ҳуқуқи мурофиаи маданӣ императив - диспозитивӣ мебошад.

Аввалан, мурофиаи маданиро ҳамчун маҷмӯи амалҳо ё беамалии мурофиавии субъекти мурофиа фаҳмидан мумкин аст. Дуюм, ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқи мурофиаи маданӣ. Сеюм, ҳамчун танзимкунандаи ҳуқуқи мурофиавии маданӣ. Чорум, ҳамчун тартиби аниқмуайяншудаи баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои маданӣ аз тарафи судҳо.

Мурофиаи маданӣ бо ҳар як парвандаи мушаххас пай дар пай аз якчанд марҳила мегузарад, ки онро марҳилаҳои мурофиа меноманд.

Зери мафҳуми марҳилаҳои мурофиаи маданӣ маҷмӯи амалҳои мурофиавӣ, ки ба мақсадҳои мурофиаи судӣ муттаҳид шудаанд (оғози

парванда, омода намудани парванда ба муҳокимаи судӣ, муҳокимаи судӣ, санҷиши кассатсионӣ ва назоратии қонунӣ ва асоснок будани ҳалномаи суд ва ғайра) фаҳмидан лозим аст.

Марҳилаи мурофиаи маданӣ ба пешбурди парванда мансуб мебошад, аз ин рӯ, ба мақсадҳои мурофиаи судӣ дар сурате ноил шудан мумкин аст, агар дар натиҷаи иҷрои амалҳои мурофиавӣ барои аз як марҳила ба марҳилаи дигар гузаштани парванда шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад.

Дар баробари ин, аз марҳилаҳои мурофиавии маданӣ бояд институтҳои мурофиавиро, ки ба ҳаракати парванда алоқамандӣ надоранд, фарқ кардан лозим аст. Масалан, тадбирҳо оид ба таъмини даъво, рад кардан, худрадкунӣ ва ғайра аз ҷумлаи онҳо шуда метавонанд.

Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КММ) барои ҷудо намудани шаш марҳила асос медиҳад:

1. Қабули аризаи даъвогӣ, ҳангоми ба суд мурочиат намудани шахси манфиатдор ва аз ҷониби судя қабул кардани ҳуҷҷатҳои ӯ ва оғоз намудани фаъолияти мурофиавӣ. Дар натиҷа, судя таъинот қабул мекунад, ки мутобиқи он баррасии парвандаи маданӣ дар суди марҳилаи якум оғоз мегардад.[3]

2. Ба муҳокимаи судӣ омода намудани парванда, ки дар рафти он судя талаботи пешниҳодшударо аниқ намуда, ба тарафҳо ва шахсони сеюм дар ҷамъоварии далелҳои зарурӣ кумак мерасонад, ба мурофиа шахсони манфиатдор, коршиносон, тарҷумонҳо ва шоҳидонро ҷалб мекунад. Инчунин, мурофиаи пешакии судӣ мегузаронад ва парвандаро барои муҳокимаи судӣ таъин мекунад.

3. Муҳокимаи судӣ, ки дар он судя маводи парвандаро дар маҷлиси судӣ таҳқиқ мекунад, шахсони даъватшударо мешунавад ва бо қабули ҳалнома баҳсро моҳиятан ҳал мекунад ва ё пешбурди парвандаро бо қабули таъинот ба анҷом мерасонад.

4. Дар марҳилаи кассатсионӣ аз нав баррасӣ намудани ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдонакарда, ки баъд аз қабули он суди марҳилаи кассатсионӣ аз рӯйи шикояти кассатсионии шахси иштирокдори парванда ё эътирози прокурор, зимни баррасии парванда қонунӣ ва асоснок будани санади судиро месанҷад.

5. Аз нав баррасӣ намудани санадҳои судӣ дар суди марҳилаи назоратӣ аз он иборат мебошад, ки марҳилаҳои болоии судӣ бо тартиби назоратӣ қонунӣ будани фармонҳо, ҳалномаҳо, таъинотҳо ва қарорҳои эътибори қонуни пайдокардаро месанҷанд.

[3] м.136 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

6. Вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ва ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда истисно аз қоидаҳои умумӣ буда, мувофиқи он суде, ки ҳалнома ё таъинотро қабул кардааст, қонунӣ ва асоснок будани санади судии худро, бо мавҷуд будани шартҳои махсус, ҳангоми ошкор шудани ҳолатҳои махсус - ҳолатҳои нав ошкоргардида месанҷад.

Ҳамзамон, мурофиа дар суди марҳилаи якум (се марҳилаи аввали болозикр) вобаста ба мавзуъ ва вазифаҳои фаъолияти судӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд: фармонӣ, даъвогӣ, махсус ва ё аз рӯйи парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи омма бармеоянд инчунин, мурофиа вобаста ба иҷрои санадҳои судӣ ва қарорҳо.

Мурофиаи фармонӣ намуди мустақил ва соддакардашудаи мурофиаи судии маданӣ мебошад, ки дар он ҳуқуқи субъективӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои бебаҳс (далелҳо) ҳифз карда мешавад. Вазифаи суд аз қонеъ намудани ин ҳуқуқ ва додани санади судӣ ё ҳуҷҷати иҷро барои амалигардонии маҷбурии он мебошад.

Мурофиаи даъвогӣ чунин мурофиаи судӣ мебошад, ки баҳсҳо оид ба ҳуқуқ тавассути даъво ҳал карда мешаванд. Он барои ҳифзи ҳуқуқҳои субъективии мадании вайронгардида ё мавриди баҳс қарордоштаи шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ равона гардидааст.

Мувофиқи қонунгузории амалкунанда, мурофиаи даъвогӣ намуди асосии мурофиаи судии маданӣ ба ҳисоб рафта, КММ ба таври муфассал онро ба танзим даровардааст.

Парвандаҳои мадании дигар намудҳои мурофиаи судӣ аз рӯйи қоидаҳои мурофиаи даъвогӣ бо назардошти баъзе истисноҳо ва иловаҳо вобаста ба хусусиятҳои парвандаҳои баррасишаванда ва вазифаҳое, ки дар назди суд гузошта шудаанд, баррасӣ карда мешаванд.

Мавзуи баррасӣ дар мурофиаи махсус парвандаҳои бебаҳсе мебошанд, ки зимни баррасии онҳо ҳифзи ҳуқуқҳои субъективӣ лозим набуда, мақсади он ба ҳифзи манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ равона шудааст.

Мурофиа оид ба парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии омма бармеоянд, воқеан мурофиаи судии маъмурӣ (юрисдиксияи маъмурӣ) буда, дар дурнамои оянда дар баробари мурофиаи маданӣ бояд шакли мустақили мурофиавиро дар қатори тафриқаҳои дигар давлатҳо, соҳиб шавад. Тибқи амалияи мавҷуда парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии омма бармеоянд то ҳол ҳамчун қисми таркибии мурофиаи маданӣ ба сифати яке аз намудҳои он амал мекунад. Мақсади мурофиаи маъмурӣ аз ҳалли баҳсҳое, ки аз

муносибатҳои ҳуқуқи омма бармеоянд инчунин, аз назорати судӣ нисбат ба амал ва ё беамалӣ, ҳамзамон аз қонунӣ ва асоснок будани санадҳои (қарорҳои) маъмурии мақомоти маъмурӣ иборат мебошад.

Мурофиа вобаста ба иҷрои санадҳои судӣ ва қарорҳо аз додани варақаи иҷро, боздоштан, қатъ намудани истеҳсолоти иҷро ва дигар масъалаҳои ба иҷро вобаста иборат аст.

Бояд қайд намуд, ки шумораи аксари баҳсҳо, ки аз муомилоти маданӣ бармеоянд, дар судҳои ҷумҳурӣ бо тартиби мурофиаи маданӣ баррасӣ мегарданд.

Мурофиаи маданӣ намуди фаъолияти ҳуқуқие мебошад, ки бо ҳуқуқи мурофиавии маданӣ танзим мегардад. Бинобар ин, зери мафҳуми мурофиаи маданӣ низоми амалҳои ҳуқуқии суди юрисдиксияи умумӣ ва дигар субъектони манфиатдор, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии маданӣ ба танзим дароварда шуда, ҳангоми баррасии парвандаҳои маданӣ ба миён меоянд, фаҳмида мешавад.

Аз мафҳуми мазкур аломатҳои зерини мурофиаи маданӣ бармеоянд:

- яке аз тарафҳо ҳатман суд мебошад;
- амалҳое, ки суд ва иштирокдорони мурофиа анҷом медиҳанд;
- моҳияти он, амалҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ мебошад;
- мавзуъ ва объекти мурофиаи маданӣ, ин парвандаҳои маданӣ ба маънои васеъ мебошанд.

Барои баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои маданӣ дар мурофиаи даъвогӣ методикае истифода мешавад, ки аз маҷмӯи усулҳо ва методҳои коркарди ҳолатҳои воқеӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва дигар усулҳо иборат аст.

Дар маҷмӯъ, барои дуруст дарк кардан ва истифода бурдани методика ба хусусиятҳои хоси зерини он аҳамият додан лозим аст:

1. Ба таври дақиқ ҷудо кардани маълумот оид ба ҳолатҳо аз ақидаи ҳуқуқӣ дар бораи ин ҳолатҳо зарур мебошад. Тарафҳо ҳуқуқ доранд ба суд оид ба ҳолатҳо хабар диҳанд, бандубасти ҳуқуқии онҳоро бошад судя бояд анҷом диҳад. Тараф ҳуқуқ дорад, вале уҳдадор нест, ки ақидаи ҳуқуқии худро оид ба ҳолатҳо баён кунад. Аммо ин ақида судяро зимни бандубасти ҳуқуқии баҳс “побанд” намекунад.

2. Дар методика ба омодасозии ҳамаҷонибаи таҳлилии парванда ба муҳокимаи судӣ диққати махсус дода мешавад. Дар натиҷаи чунин таҳлил аз рӯйи методика моҳияти баҳс ошкор мегардад: ин ҷо сухан дар бораи тафсири меъёрҳои ҳуқуқ ҳангоми ҳолатҳои бебаҳс ё ин ки тарафҳо оид ба ҳолатҳои парванда баҳс мекунанд, меравад. Дар мавриди охирин, чун қоида, як ё ду ҳолати баҳснок ҷудо карда мешаванд, ки бо онҳо мавзуи исботкунӣ маҳдуд

мегардад. Далелҳо танҳо оид ба ҳолатҳои баҳсноки зикршуда пешниҳод гардида, натиҷаи парванда аксар вақт аз он вобаста аст, ки тараф як ё ду ҳолатҳои зикршударо исбот карда тавонад ё не. Дар натиҷа зарурати ҷамъоварӣ ва таҳқиқи далелҳои сершумор барои тасдиқ намудани ҳамаи ҳолатҳои баҳс ва ташаккули парвандаҳои бисёрҷилда аз байн меравад. Барои тарафҳои баҳс уҳдадории исбот низ осон мегардад, зеро аз онҳо танҳо далелҳои зарурӣ талаб карда шуда ва ё дар сурати муқаррар гардидани ҳолатҳое, ки тарафҳо баҳс намекунанд (ҳолатҳои бебаҳси парванда) далелҳо пешниҳод карда намешаванд.

Барои судяҳо, махсусан онҳое, ки оид ба методика таҷриба ва малакаи кофӣ надоранд, чун қоида тартиби дигар хос аст: судяҳо ба тарафҳо таклиф мекунанд, ки тамоми далелҳои доштаашонро барои тасдиқи талаботашон пешниҳод намоянд. Ин ба он оварда мерасонад, ки судя аксар вақт далелҳои зиёдеро, ки ба бахс дахл надоранд ҷамъоварӣ мекунад ва тибқи талаботи қонун судя уҳдадор аст ба онҳо баҳои ҳуқуқӣ диҳад. Дар натиҷа ҳаҷми ҳуҷҷатҳо зиёд шуда, ҷустуҷӯи далелҳои зарурӣ дар парвандаҳои бисёрҷилда душвор мегардад ва беасос барои омӯзишӣ парванда вақти зиёд сарф мешавад, ки ин кори бе ин ҳам душвори судяро мушкил мегардонад.

3. Ба методика сохторбандии аниқи маводи парванда хос аст: таҳлили баҳс ҳамеша бо пайдарпаии муайян (ба ибораи дигар аз рӯйи нақша, алгоритми муайян) мегузарад. Аввал судя ҳама вақт бодиққат ҳолатҳои воқеии парвандаи мушаххасро ҷудо, коркард ва ташаккул медиҳад, онҳоро ба баҳснок ва бебаҳс ҷудо мекунад. Сипас меъёри ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҳуқуқии баҳснокро ба танзим медароранд, ҷустуҷу менамояд. Дар охири таҳлил ҳатман хулоса дар бораи асоснок ё беасос будани талаботи даъво ва ё вобастагии ҳалномаи суд аз исбот шудани ягон ҳолати мушаххас тартиб дода мешавад.

Яъне, аз рӯйи методика аз ҳолат ба ҳуқуқ, аз бандубасти ҳуқуқӣ ба далелҳо гузаштан лозим аст ва чунин усул кори судяро барои қабули ҳалномаи дуруст осон мегардонад.

Дар амалияи судӣ баъзан акси ин ҳол ба назар мерасад: судя аввал муносибатҳои ҳуқуқиро бандубаст намуда, сипас, ба таври сунъӣ на ин ки вазъияти воқеии баҳс, балки ҳолатҳо ва далелҳоеро, ки мавқеъ ва ақидаи ӯро асоснок мекунанд, ба меъёрҳо мутобиқ менамояд. Чунин тартиб аксар вақт боиси хатоии судӣ мегардад.

4. Татбиқи методикаи мазкур на танҳо хуб донистани қонун, самтгирӣ дар қонунгузории амалкунанда, балки таҳлили ҳаматарафаи таркиби меъёрҳои ҳуқуқ ва шартҳои татбиқи онро ба вазъияти баҳснок талаб мекунад.

Масалан, дар парванда чунин ҳолатҳои воқеӣ қайд шудаанд: шаҳрванд ба мағоза рафта, китоб гирифт ва арзиши онро пардохта, онро бо худ бурдааст. Дар хона муайян мегардад, ки дар дохили китоб даҳ саҳифа мавҷуд нест. Харидор талаб дорад, ки китоб ба китоби босифат иваз карда шавад ё ин ки пулаш баргардонида дода шавад.

Ба саволи он ки бандубасти ин баҳс чӣ гуна хоҳад буд, дар навбати аввал ҷавоби зерин пайдо мегардад: шартномаи фурӯши китоб ҷой дорад. Аммо ин ҷавоб дақиқ нест, зеро байни тарафҳо шартномаи фурӯши чакана баста шудааст. Дар мисоли овардашуда, ҳолатҳое зикр шудаанд, ки имкон медиҳанд муносибатҳои тарафҳо маҳз ҳамчун шартномаи хариду фурӯши чакана тасниф карда шавад:

- субъектҳо: мағоза (фурӯшандае, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад) ва шаҳрванд (харидор);

- амали субъектҳо: мағоза (фурӯшанда) молро ба моликият дода, шаҳрванд (харидор) китобро бо худ гирифта (молро қабул кардааст), барои он аз рӯйи нархи муқарраршуда (ба нархи мол аз рӯйи нархе, ки фурӯшанда ҳангоми бастани шартнома муқаррар карда буд) маблағ пардохт кардааст;

- мавзуи шартнома: китоб (моле, ки одатан барои истифодаи шахсӣ, маишӣ ё навъи дигари истифода таъин гардидаанд ва ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нестанд).

Чунин коркарди дақиқи маводи воқеӣ чӣ медиҳад?

Якум, имкон медиҳад, ки бандубасти дурусти ҳуқуқии баҳс амалӣ карда шавад. Аҳамият ва мубрамияти он барои ҳуқуқтатбиққунӣ ва ҳалли баҳсҳо зарурат ба шарҳ надорад. Дуюм, заминаи исботкунӣ дар сурати мавриди баҳс қарор додани ҳолати хариду фурӯш тағйир меёбад: шартномаи фурӯши чакана на танҳо бо далелҳои хаттӣ инчунин, метавонад бо нишондоди шоҳидон низ тасдиқ карда шавад. Сеюм, муайян намудани нархи мол, ки фурӯшанда ҳангоми бастани шартнома муқаррар менамояд ва он барои ҳамаи истеъмолкунандагон (харидорон) якхела аст, осон мегардад.

Яъне бандубасти дурусти ҳуқуқии баҳс асосан амалҳои минбаъдаро барои баррасии баҳс муайян мекунад: вобаста ба муайян намудани доираи ҳолатҳое, ки ба парванда аҳамият доранд инчунин, муайян намудани предмети исботкунӣ ва доираи далелҳо.

5. Татбиқи методика сохтори муайяни ҳалномаи судиро муайян мекунад: ба таври дақиқ ҳолатҳои муқарраргардида ва асоснокунии ҳуқуқии ҳалномаи қабулшуда зикр гардида, ҳолатҳо ба баҳснок ва бебаҳс ҷудо карда мешаванд. Дар ҳалнома на ҳамаи баёноти тарафҳо ва далелҳои пешниҳодшуда, балки танҳо далелҳое нишон дода мешаванд, ки аз рӯйи

ақидаи суд барои ҳалли парванда аҳамият доранд. Судяҳо меъёри ҳуқуқро вобаста бо вазъияти мушаххаси воқеӣ тафсир дода, бояд ба ҳамон як натиҷаи ҳуқуқӣ расанд.

Албатта, ба ҳамаи ин бартариҳои методикаи мурофиаи судӣ ноил шудан, сатҳи муайяни фарҳанг, маърифат ва фаҳмиши ҳуқуқӣ, танзими дахлдори ҳуқуқиро тақозо менамояд. Ба ғайр аз ин, рушди фарҳанги шарҳдиҳии ҳуқуқии ҳам қонунҳо ва ҳам ҳалномаҳои судӣ аҳамияти калидӣ хоҳад дошт.

§1. Методикаи аниқ ва муқаррар намудани ҳолатҳои воқеӣ;

Адолати судӣ аз татбиқи меъёрҳои қонун ба ҳолатҳои воқеии парванда иборат аст. Суд ҳангоми баррасии баҳси мушаххас меъёрҳои ҳуқуқи моддиро нисбат ба ҳолатҳои муқарраршудаи парванда татбиқ менамояд, тартиби татбиқи ин меъёрҳо бошад бо меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ ба танзим дароварда мешаванд. Пайдарҳамӣ ва мазмуни амалҳои мурофиавии суд бештар бо принсипҳои мурофиаи маданӣ, ба монанди диспозитивӣ, мубоҳисавӣ ва баробарҳуқуқии тарафҳо муайян мегарданд.

Мутобиқи муқаррароти м.88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мурофиа ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад. Моҳияти ба тарзи мубоҳиса сурат гирифтани мурофиа дар баробарҳуқуқии тарафҳо зимни пешниҳоди далелҳо, иштирок дар ҷараёни таҳқиқи ҳамаҷониба ва пурраи далелҳо, ибрози фикру мулоҳизаҳои онҳо оид ба масъалаҳои мавриди баррасӣ қарордошта ифода мегардад. Принсипи баробарии тарафҳо дар баробарҳуқуқии онҳо ҳангоми муроҷиат намудан ба суд, имконияти баробар дар ҳимояи мавқеи худ, пешниҳод ва таҳқиқи далелҳо дар маҷлиси суд зоҳир мегардад. Суд, судяҳоро зарур аст, ки принсипи конститутсионии мубоҳиса ва баробарии тарафҳоро қатъиян риоя намоянд, роҳбарии мурофиаро амалӣ намуда, мустақилият, беғаразӣ, холисии худ ва мувозинати байни тарафҳоро нигоҳ дошта, ба шахсони иштирокдорони парванда ҳуқуқу уҳдадориҳояшонро фаҳмонида, дар амалӣ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳояшон мусоидат намуда, оид ба оқибатҳои содир кардан ё накардани амалҳои мурофиавӣ огоҳ созанд, барои таҳқиқи ҳамаҷониба ва пурраи далелҳо, муқаррар намудани ҳолатҳои воқеӣ ва

истифодаи дурусти қонунҳо ҳангоми ҳалли парвандаҳо шароит фароҳам оваранд.[4]

Аммо, дарки нодуруст ва яктарафаи ин принсипҳо кори судяро дар татбиқи меъёрҳои қонун хеле душвор карда, ӯро барои иҷрои амалҳои барзиёдатӣ маҷбур мекунад. Ин махсусан ба чунин масъалаи муҳим, ба монанди дуруст муайян кардани доираи ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта дахл дорад. Адолати судӣ намуди махсуси фаъолият вобаста ба татбиқи қонун мебошад.

Ҳуқуқтатбиққунӣ ҳамчун раванд чунин марҳилаҳои ҳатмиро дар бар мегирад:

- муқаррар намудани заминаи воқеии парванда - таҳқиқи ҳамаи ҳолатҳои муҳими ҳуқуқӣ;

- муқаррар намудани заминаи ҳуқуқии парванда - интихоби меъёри дахлдори ҳуқуқӣ ва муқаррар намудани дурустӣ ва эътиборнокии он;

- қабул намудани ҳалнома аз рӯйи парванда ва барасмиятдарории санади ҳуқуқтатбиққунанда.

Дар марҳилаҳои зикршуда алгоритми амали муайяни ҳуқуқтатбиққунанда аз ҷумла, судя зимни баррасии баҳси мушаххас пешбинӣ шудааст. Зарурат ва уҳдадории гузаштан аз ин марҳилаҳо инчунин, мутаносибан анҷом додани амали муайяни мурофиавӣ ҳангоми баррасии парвандаи судӣ бо меъёрҳои КММ дар марҳилаҳои гуногуни мурофиаи маданӣ пешбинӣ шудаанд.

Мафҳуми ҳолат (факт) аз калимаи лотинии Factum - (ба вуқӯъ пайваст, шуд) сарчашма гирифта, синонимии ин мафҳум ҳақиқат, воқеа, ҳодиса, рӯйдоди воқеӣ муқобили хаёлӣ ва ё бофта, мушаххас ва ягона дар тафовут аз абстрактӣ ва умумӣ, фаҳмида мешавад.

Ҳодисаҳои алоҳидаро, ҳолатҳо (фактҳо) меноманд, ки барояшон падидаҳои вақт, ҷойи муайян ва шароитҳои мушаххаси пайдоиш ва мавҷудияти онҳо хос аст.

Зери мафҳуми маълумоти ба ҳақиқат мувофиқ набуда, ин воқеият ё ҳодисаҳое, ки дар вақт ва маҳали аслӣ ба маълумотҳои баҳсӣ тааллуқдошта, ҷой надошта бошанд, фаҳмида мешаванд.

Мувофиқи адабиётҳои назария ва ҳуқуқ, ҳолатҳои воқеӣ - ин ҳолатҳои ҳаётӣ, падидаҳои воқеие мебошанд, ки асоси ҳақиқии татбиқи ҳуқуқро ба вуҷуд меоранд.

[4] б.9 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №5 аз 29 сентябри соли 2014 “Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/mfs/

Ҳамин тавр, дар қатори вазифаҳои омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, аниқ намудани ҳолатҳои воқеие, ки барои ҳалли дурусти парванда аҳамият доранд инчунин, муайян намудани қонуне, ки бояд ҳангоми ҳалли парванда ва муқаррар намудани муносибатҳои ҳуқуқии тарафҳо ба роҳбарӣ гирифта шавад, нишон дода шудаанд.

Судя бо роҳи таҳлили маводи ҳуқуқӣ, ҳолатҳои воқеиро аз аризаи даъвогӣ, норозигӣ ба даъво ва баёноти тарафҳо муайян менамояд. Зарурати ҷудо намудани ҳолатҳои воқеӣ дар он аст, ки тарафҳо дар ҳуҷҷатҳо эҳсосот, ақидаи ҳуқуқии худ, тахминҳо, мулоҳизаҳо ва ғайраро дарҷ менамоянд.

Судя ҳангоми кор бо ҳолатҳои воқеии парванда бо роҳи омӯзишӣ аризаи даъвогӣ ва маводи ба он замимашуда:

- тасдиқи тарафҳоро оид ба ҳолатҳо аз маълумотҳо, мулоҳизаҳои дигар (эҳсосот, ақидаҳои ҳуқуқӣ, тахминҳо, категорияҳои баҳодиҳӣ, далелҳо ва ғайраҳо) ҷудо мекунад;

- ҳолатҳоро бо шартҳои меъёри ҳуқуқӣ муқоиса намуда, ҳолатҳоеро, ки барои парванда аҳамият доранд, ҷудо менамояд;

- ҳолатҳои аҳамиятдоштаро ба бебаҳс ва баҳснок ҷудо менамояд.

Нодуруст муайян кардани доираи ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта инчунин, вайрон кардан ё татбиқи нодурусти меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ё меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ барои бекор кардан ё тағйир додани ҳалномаи суд бо тартиби кассатсионӣ ва ё назоратӣ асос мебошанд.[5]

Ҳамин тавр, аз нуқтаи назари методика, судя ҳангоми баррасии парвандаи маданӣ бо ду ҷузъҳо: ҳолатҳои воқеӣ (масъалаҳои воқеӣ) ва меъёрҳои қонун (масъалаҳои ҳуқуқӣ) кор мебарад. Ҳамзамон, судя фаъолияти мазкурро аз марҳилаи қабули аризаи даъвогӣ ба мурофиаи судӣ оғоз мекунад, зеро маҳз дар ҳамин марҳила мутобиқати моҳияти даъво ба талаботи муқаррарнамудаи қонун санҷида мешавад. Зеро, мувофиқи с.5 қ.2 м.134 КММ дар аризаи даъвогӣ дар баробари дигар муқаррароти ҳатмӣ, ҳолатҳое, ки даъвогар талаботи худро асоснок месозад бояд нишон дода шаванд.[6]

Ин муқаррароти қонун судяро уҳдадор мекунад, ки дар марҳилаи қабул намудани аризаи даъвогӣ тафтиш кунад, ки даъвогар ҳолатҳои воқеии баҳсро дар аризаи даъвогӣ дарҷ намудааст ё не. Зикр нагардидани ҳолатҳои воқеӣ мувофиқи қ.1 м.139 КММ барои бе ҳаракат монондани аризаи даъвогӣ асос мегардад.[7]

---

[5] м.м.351, 376 КММ,
[6] м.153 КММ,
[7] м.153 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ бо назардошти вазифаҳои мурофиавии ин марҳила, судя фаъолиятро вобаста ба масъалаҳои ҳолат ва ҳуқуқ бо роҳи пурсиши даъвогар оид ба моҳияти талаботи пешниҳоднамуда ва норозигиҳои эҳтимолии ҷавобгар, пурсиш кардани ҷавобгар оид ба ҳолатҳои парванда, идома медиҳад (с.с.1-2 қ.1 м.153 КММ).[8]

Дар рафти муҳокимаи судӣ, судя баёноти тарафҳоро оид ба ҳолатҳои баҳснок мешунавад, далелҳои пешниҳоднамудаи тарафҳоро оид ба тасдиқи ин ё он ҳолатҳои парванда таҳқиқ менамояд.

Мурофиаи судӣ дар суди марҳилаи якум чун қоида бо баровардани ҳалнома ба анҷом мерасад, аз ин рӯ дар қисми асосноккунии ҳалнома ҳолатҳои парванда, ки аз тарафи суд муқаррар гардидаанд, қонуне, ки суд онро ба роҳбарӣ гирифтааст, бояд дарҷ карда шаванд. Гуфтаҳои зикршуда, ягонагӣ ва ҷудонопазирии мурофиаи маданиро тасдиқ менамояд, ки дар рафти он судя бо як фаъолият - муқаррар намудани ҳолатҳо ва татбиқи ҳуқуқ машғул мегардад, сарфи назар аз он ки раванди мазкур ба таври расмӣ ба марҳилаҳо ҷудо шудааст.

Бинобар ин, методикаи дар ин дастур зикршуда на танҳо ба ягон марҳилаи мушаххасӣ мурофиаи судӣ дар суди марҳилаи якум, балки ба тамоми мурофиаи маданӣ дар ҳама марҳилаҳои судӣ дахл дорад. Вобаста ба ин, методикаи зикршударо метавон методикаи оғоз намудан, методикаи омодасозии парванда, методикаи муҳокимаи судӣ вобаста ба баррасии даъво дар судҳои марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратӣ, вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани санадҳои судӣ инчунин, методикаи таҳияи ҳалномаи судӣ номидан мумкин аст.

Ҳангоми омузишӣ амалияи судӣ доир ба тарзҳои гузаронидани омодасозии парванда ва муҳокимаи судӣ, гуногунамалии судяҳо ба чашм мерасад. Дар аксари мавридҳо судяҳо амалҳоеро аз қабили бояд «баррасӣ», «ҳалли масъала», «талаб кардани далелҳо», «тавсия барои пешниҳоди далелҳои иловагӣ» ва ғайраҳоро тавсиф мекунанд. Дар баробари ин, мафҳумҳои мазкур мазмуни мушаххаси амалӣ судяро вобаста бо кадом усул иҷро намудани амалҳои мазкур, маҳз дар бораи чӣ пурсиш намудани тарафҳо, зимни гузаронидани пурсиш ба чӣ аҳамият лозим аст, маҳз дар кадом мавридҳо далелҳо талаб карда мешаванд ва ё барои пешниҳоди далелҳои иловагӣ чӣ тавр тавсия дода мешавад, дақиқ намекунанд.

Дар мисол, судяҳои олмонӣ ба баррасии парванда на танҳо ҳамчун амалӣ мурофиавӣ, балки ҳамчун фаъолияти мантиқӣ муносибат мекунанд, аз ин рӯ, онҳо ба “таҳлил намудан”, “муқоиса кардан” ва “баҳодиҳӣ” ишора

[8]м.153 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

мекунанд. Амалҳои мазкур ба судяҳо кумак мекунад, ки аз маводи ҳуқуқии бадастоварда заруриашро ҷудо карда, нодаркорро хориҷ намуда, хулосаҳои худро мантиқан асоснок намоянд.

Тафовути зикршуда дар баррасии баҳс, боиси он мегардад, ки судяҳои Тоҷикистон аз ибтидо ба ҷамъоварии ҳарчӣ бештари далелҳо бо парванда диққат медиҳанд, аз ин рӯ мутаносибан барои таҳқиқу баҳодиҳии онҳо, вақти бештарро сарф мекунанд.

Мисол, судяҳои олмонӣ аввал мавқеӣ ҳар ду тарафро аниқ карда, баҳснок ё бебаҳс будани ин ё он ҳолатро муайян мекунанд ва танҳо баъд аз ин далелҳои пешниҳоднамудаи тарафҳоро ба парванда ҳамроҳ намуда, далелҳои заруриро барои тасдиқи ҳолатҳои баҳснок таҳқиқ ва баҳо медиҳанд. Бо назардошти ин, ҳаҷми далелҳо то ҳадди ақал ва зарурӣ кам карда шуда, рафти баррасии парванда хеле оқилона ва сарфакорона мегардад.

Моҳияти методикаи омодасозии парванда ва муҳокимаи судӣ ҳамчун маҷмӯи усулҳо, тарз ва воситаҳои мақсадноки пеш бурдани корӣ судя дар баррасӣ ва ҳалли баҳс, аз риояи алгоритми муайяни амалҳо аз ҷониби судя иборат мебошад. Алгоритми мазкур ҳангоми баррасии ҳама гуна парвандаи маданӣ дар мурофиаи даъвогӣ, ки дар он ҳарду тараф иштирок мекунанд ё суд мавқеи ҳарду тарафро медонад, якхела мебошад.

Маҳз, аз ҷониби судя пай дар пай анҷом додани усулҳои муайяни мантиқӣ имкон медиҳад, ки мазмуни амалҳои мурофиавии судя фаҳмо шаванд ва ӯро қадам ба қадам танҳо ба ягона қарори имконпазири асоснок равона созад.

Муқаррарот оид ба гузаронидани омодасозии парванда бо истифода аз методологияи пешниҳодшуда (усули иртиботӣ (релясионӣ), дар адабиёти ҳуқуқӣ шарҳ дода шудаанд. Аз ин рӯ, дар дастури мазкур ҷадвали таҳлили парванда ва муфассалтар чунин марҳилаҳои он, ба монанди муқаррар намудани ҳолатҳои воқеӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ (субсумсия) ва асосҳои ҳуқуқи талабот ва ғайраҳо, нишон дода шудааст.

Таҳлили парванда бо пайдарҳамии зерин сурат мегирад:

1) Дар аввал, ҳолатҳои воқеии парванда таҳлил карда мешаванд (ин марҳиларо баъзан тартиб додани хулоса оид ба ҳолатҳои воқеии парванда меноманд) барои ин, аз аризаи даъвогӣ, норозигии ҷавобгар ба аризаи даъвогӣ ва баёноти тарафҳо, тасдиқи тарафҳо ҷудо карда шуда, онҳо ба шакли зайл мураттаб карда мешаванд:

- ҳолатҳои бебаҳс (B);
- тасдиқи баҳсноки даъвогар (A);
- тасдиқи баҳсноки ҷавобгар (C).

2) Минбаъд якҷоякунии ҳолатҳо ва ҳуқуқ (баҳодиҳии экспертӣ) бо роҳи ҷустуҷӯи меъёрӣ ҳуқуқии ба ҳолатҳо мутобиқ (ҳуқуқтатбиққунӣ (субсумсия)) ва муайянкунии асоси ҳуқуқи талабот бо усули зерин санҷида мешаванд:

- асоснокии тасдиқи даъвогар (A+B);

- асоснокии тасдиқи ҷавобгар (C + B).

3) Баъд аз санҷиши асоснокии тасдиқи тарафҳо, зарурати исботкунӣ муайян карда шуда, уҳдадории исбот намудани ҳолатҳои баҳснок байни тарафҳо тақсим карда шуда, хулосаи пешакӣ оид ба парванда ташаккул меёбад.

Баъзе қоидаҳои муҳими татбиқи ҳуқуқро беҳтар муаррифӣ кардан мумкин аст, агар онро ба асос гирем, ки ҳолатҳои воқеӣ бебаҳс мебошанд (мавриди баҳс қарор нагирифтаанд), дар ин ҳолат сухан танҳо дар бораи татбиқи ҳуқуқ меравад.

Баҳодиҳӣ аз баҳисобгирии бодиққати ҳолатҳои воқеӣ оғоз мегардад ва ин нуқтаи хеле муҳим мебошад. Ҳангоми баррасии парванда судя бояд доираи ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдоштаро дуруст муайян намояд.

Ба саволи чӣ тавр онро бояд анҷом дод, дастури пешниҳодшудаи мазкур то андозае барои ҳалли ин ва дигар мушкилотҳо мусоидат ҳохад кард.

Методикаи таҳлили парвандаҳои маданӣ ба зарурятӣ:

- ҷудокунии дақиқи масъалаҳои ҳолатҳо аз масъалаҳои ҳуқуқ;

- амалигардонии принсипи сарфакории мурофиавӣ, “маҳдуд” кардани предмети исботкунӣ то доираи ҳолатҳое, ки ҳатман бояд исбот карда шаванд;

- хориҷ намудани далелҳои барзиёдатӣ ва маҳдуд шудан танҳо бо далелҳои зарурӣ, равона месозад.

Мулоҳиза намудани ҳолатҳои воқеӣ бо тамоми имкониятҳояшон ва аз ин хулосаронии ҳуқуқӣ кардан, мақсади методика мебошад. Масалан, агар дар ҳолатҳои воқеӣ номи шартии «Далер» на танҳо кадом як шахс, балки истеъмолкунанда ё соҳибкор нишон дода шуда бошад, пас судяи таҳлилкунанда дар бораи оқибатҳои ҳуқуқии ин ҳолат фавран фикронӣ мекунад. Аммо агар “Далери 15-сола” гуфта шуда бошад, ин ҳолат ҳам оқибатҳои ҳуқуқӣ дорад, вале на ҳамон тавре ки дар мисоли аввал оварда шудааст.

Дар амалия судяҳо бо тарафҳое вомехуранд, ки на танҳо чизеро баён мекунанд, балки барои он нақл мекунанд, ки ба воқеаи худ бо тамоми тафсилоташ аҳамияти ҳуқуқӣ медиҳанд. Зеро, онҳо ҳисоб мекунанд, ки ҳама чиз аз ин тафсилотҳо вобаста мебошад ва бо ин роҳ ҳақ будани худро нишон диҳанд.

Судя бояд барои иштирокдорони мурофиаи судӣ «гӯшҳои кушода» дошта бошад инчунин, қобилияти “гӯш кардан” ва “шунавидан”-ро омӯзад ва он чизҳоеро, ки тарафҳо муҳим мешуморанд бодиққат ба инобат гирад ва дақиқ санҷад, ки то чӣ қадар онҳо метавонанд ягон аҳамияти ҳуқуқӣ дошта бошанд.

§2. Ҳуқуқтатбиққунӣ (Субсумсия);

Субсумсия (Subsomption) ҳамчун ҳуқуқтатбиққунӣ фаҳмида мешавад. Калимаи лотинии субсумсия: “sub - sum” маънои тобеъ буданро ифода мекунад. Мафҳуми мазкур маънои мутобиқ намудан ва ба тартиб даровардани як мафҳум (ё сохтор) зери мафҳуми дигар дорад. Дар илми ҳуқуқ ин мафҳум ҳамчун татбиқи (мутобиқати) ягон меъёри ҳуқуқӣ, аломатҳои (ва ё шартҳои) ин меъёр ба ҳолатҳои муайяни воқеӣ фаҳмида мешавад.

Фаъолияти судӣ ва ҳалномаи суд аҳамияти амалӣ доранд, зеро онҳо моҳияти мурофиа ва натиҷаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқ мебошанд. Метавон гуфт, ки бандубасти ҳуқуқии муносибатҳои воқеӣ, тавассути истифодаи усули ҳуқуқтатбиққунӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳуқуқтатбиққунӣ барои судяҳо ин усули доим истифодашаванда барои муайян намудани иҷро гардидани ягон аломати (шарти) қоидаи ҳуқуқӣ тавассути ҳолатҳои воқеӣ мебошад. Дар баробари ин, аксар ва ё мунтазам, дақиқ муайян кардани аломати меъёри ҳуқуқӣ (қоидаи ҳуқуқӣ) зарур аст. Аз ин бармеояд, ки ин таъриф чунон муфассал аст, ки тавсифи ҳолатҳои воқеӣ зимни муқоиса намудан бо он, муайян кардани мувофиқатии онҳоро имкон медиҳад.

Раванди ҳуқуқтатбиққунӣ аз инҳо иборат аст:

- муқаррар намудани ҳолатҳои воқеӣ;
- ҷустуҷӯй ва тафсири меъёри ҳуқуқӣ;
- якҷоякунии ҳолатҳо ва меъёрӣ ҳуқуқ бо роҳӣ таҳлил, муқоиса ва дигар усул ва методҳо.

Усуле, ки ба якҷоякунии ҳолатҳо ва меъёрӣ ҳуқуқро имкон медиҳад субсумсия номида мешавад, яъне тобеият доштани як мафҳум ба мафҳуми дигари бештари умумӣ.

Ҳуқуқтатбиққунӣ истифода мешавад:

- дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ (ниг. с.1 м.151 КММ);
- дар муҳокимаи судӣ (ниг. қ.2 м.159 ва м.195 КММ);

- ҳангоми қабули ҳалномаи суд (ниг. қ.4 м.202 КММ).

Ҳангоми таҳия намудани ҳалнома ҳуқуқтатбиққунӣ дар он зоҳир мегардад, ки судя ҳолатҳои воқеиро муқаррар мекунад ва онҳоро тавре баён менамояд, ки пайвастагии (марбутияти) онҳоро бо меъёри ҳуқуқӣ, ки дар асоси он суд ба хулоса омадааст, нишон диҳад.

Ҳуқуқтатбиққунӣ инчунин, бо асоснок будани ҳалномаи суд вобаста аст. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ дарҷ шудааст, ки ҳалнома дар он ҳолат воқеан пурра асоснок мешавад, агар дар он оид ба ҳамаи ҳолатҳои ҳуқуқие, ки меъёри ҳуқуқӣ моддии татбиқшаванда пешбинӣ намудааст хулосаронӣ мавҷуд бошад. Барои ноил шудан ба ин, ҳолатҳои нишондодаи тарафҳоро бо таркиби воқеии пешбининамудаи меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ, ки барои қонеъ намудани (ё рад кардани) даъво зарур аст, муқоиса кардан зарур аст. Дар натиҷаи чунин муқоиса суд аз як тараф, аз предмети исботкунӣ ҳолатҳоеро, ки ба парванда аҳамият надоранд хориҷ мекунад, аз тарафи дигар, агар тарафҳо ба ҳамаи ҳолатҳое, ки барои ҳалли дурусти парванда аҳамият доранд истинод накарда бошанд, суд бо ташаббуси худ метавонад предмети исботкуниро бо ҳолатҳои нокифоя пурра кунад ва дар бораи мавҷуд будан ё набудани онҳо хулосаҳои худро баён намояд.

Сохтори меъёрҳои ҳуқуқӣ аз инҳо иборат мебошанд:

1. Гипотезаҳо (фарзияҳо) - *агар*..... (шартҳои амалишавии меъёри ҳуқуқӣ);

2. Диспозисияҳо -…….....*чӣ бояд кард ё накард* (қоидаи рафтори ҳуқуқӣ ё ин ки аломатҳои рафтори зиддиҳуқуқӣ);

3. Санксияҳо -…..... *ин мешавад* (оқибатҳои ҳуқуқӣ).

Ҳуқуқтатбиққунӣ (субсумсия, subsummation) ин татбиққунии (мутобиққунии) аломатҳои (шартҳои) бандубасткунандаи меъёри ҳуқуқӣ (гипотеза) ба ҳолатҳои муайяни воқеӣ мебошад.

Зимни гузаронидани ҳуқуқтатбиққунӣ судя бояд:

- аз гипотезаи меъёри ҳуқуқӣ ҳамаи шартҳои татбиқ намудани онро ҷудо кунад;

- ҳолатҳои (фактҳои) воқеиро бо шартҳои меъёри ҳуқуқӣ (ҳуқуқ) муқоиса намояд ва дар натиҷа яке аз хулосабарории зеринро кунад:

- Ҳолатҳо < Ҳуқуқ (бандубаст нодуруст);

- Ҳолатҳо > Ҳуқуқ (бандубаст нодуруст);

- Ҳолатҳо ≠ Ҳуқуқ (бандубаст нодуруст);

✓ Ҳолатҳо = Ҳуқуқ (бандубаст дуруст).

Бандубасти ҳуқуқӣ - ин баҳодиҳии ҳуқуқӣ ба маҷмӯи ҳолатҳои воқеии парванда бо роҳи мутобиққунии ҳолати зикршуда ба меъёрҳои муайяни

ҳуқуқӣ мебошад. Бандубасти ҳуқуқии баҳс тавассути ҳуқуқтатбиққунӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳолатҳои парвандаро бо меъёри ҳуқуқ чӣ гуна якҷоя кардан мумкин аст ва мақсад аз ин ҳадаф чист?

Ба ин савол ҷавоб дода, гуфтан мумкин аст, ки судя кушиш мекунад нишон диҳад, ки ҳолатҳои бо парванда муайяншуда ба вазъияти фарзиявие, ки ба таври умумӣ дар қонун тавсиф шудааст, мувофиқат мекунанд. Ҳатто метавон гуфт, ки ин воситаи исбот аст. Чун қоида, ҳолатҳои парванда бо роҳи пешниҳоди далелҳо исбот карда мешаванд, вале баъдан судя бояд исбот кунад, ки ӯ қонунро нисбат ба ҳолатҳо дуруст татбиқ кардааст ва ё баръакс ҳолатҳоро нисбат ба қонун татбиқ намудааст.

Ақидаи ҳуқуқтатбиққунӣ аз он иборат аст, ки ҳолатҳо ва қонунро метавон чунин якҷоя кард, ки натиҷаи он, на танҳо боварибахш, балки мантиқан ногузир бошад. Баъзан ин вазифа оддӣ менамояд ва ҳатто ҳамчун амалиёти алоҳидаи мантиқӣ ҳисобида намешавад.

Мисол, агар дар рафти омӯзишӣ парванда саволе ба миён ояд, ки оё амали ваколатнома то ҳол оқибат ва ё эътибор дорад ё не, мумкин аст муқаррароти қ.1 м.205 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМ) татбиқ карда шавад, зеро дар он чунин меъёр: «Амали ваколатнома дар ҳолатҳои ....., гузаштани муҳлати ваколатнома қатъ мегардад», пешбинӣ шудааст. Инро метавон аз ду тараф, яъне маҳз аз шартҳои пешакӣ (гузаштани муҳлати ваколатнома) ва оқибат (амали ваколатнома қатъ мегардад) таҳлил кард. Барои «исбот» кардани он, ки ваколатнома дигар эътибор надорад, он чизе, ки ба таври умумӣ дар қонун дарҷ шудааст (гузаштани муҳлати ваколатнома) гирифта бо ҳолатҳои парванда муқоиса кардан лозим аст.

Агар дар парвандаи мазкур муҳлат гузашта бошад, пас метавон гуфт, ки “гузаштани муҳлат”-и дар қонун пешбинишуда дар ин маврид, ин ҳамон “гузаштани муҳлати ваколатнома” дар ҳамин парвандаи мушаххас мебошад ва аз ин рӯ, ваколатнома эътибор надорад.

Дар ин мисоли одӣ, ин усул ҳамчун як мураккабсозии нолозим нисбат ба чизҳои аён ба назар мерасад. Аммо аксар вақт ҳама чиз он қадар одӣ нест ва ин аз он бармеояд, ки аз як тараф тасвияи қонунҳо норавшантар буда ба шаҳрдиҳӣ эҳтиёҷ доранд. Аз тарафи дигар, муайян намудани ҳолатҳои парванда осон нест, онҳо бояд баҳодиҳӣ карда шаванд, то ин ки бо тавсифи қонун “муқоиса” намудан имконпазир гардад.

Дар мисол, бо парванда оид ба баҳси сафари хизматӣ гузаронидани ҳуқуқтатбиққунӣ бо чунин усул тавсия дода мешавад. Корхонаи сохтмонии

шаҳри Душанбе барои сохтмони бинои боғчаи бачагона дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд сохтмончиро ба кор қабул намуда, ба муҳлати шаш моҳ бо охирон шартномаи меҳнатӣ бастааст. Дар шартномаи меҳнатӣ ҷойи кори доимии корманд шаҳри Душанбе нишон дода шудааст. Сохтмончӣ барои иҷрои кор ба шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд равон шуда, дар он ҷо шаш моҳ кор кардааст. Корманд ва корфармо баҳси судӣ доранд, ки кор кардани корманд дар шаҳри Хуҷанд сафари хизматӣ мебошад ва хароҷоти сафар бояд ба ӯ пардохт карда шавад. Корфармо дар норозигиҳояш сафари хизматӣ буданро инкор намудааст.

Судя дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ бо мақсади амалӣ намудани вазифаҳои омодасозӣ, тибқи с.1 м.151 КММ қонунеро, ки ҳангоми ҳалли парвандаи мазкур бояд ба роҳбарӣ гирифта шавад, муайян менамояд.

Бинобар он, ки Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бевосита ба онҳо алоқамандро ба танзим дароварда, барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, муқаррар намудани кафолатҳои камтарини ҳуқуқ ва озодиҳо дар соҳаи меҳнат равона карда шудааст, маҳз меъёрҳои кодекси мазкур барои ҳалли баҳс бояд ба роҳбарӣ гирифта шавад.

Судя бо роҳи омӯзишӣ фасл, бобҳо ва қисмҳои Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри қ.1 м.174-ро пайдо мекунад, ки тибқи гипотезаи он мафҳуми сафари хизматӣ чунин мебошад: “Бо супориши корфармо корманд барои иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ берун аз ҷойи кори доимӣ ба маҳалли дигар ба муҳлати муайян ба сафари хизматӣ фиристонида мешавад”.

Баъд аз дарёфти меъёри ҳуқуқӣ, судя ҳамаи шартҳои татбиқи ин меъёри моддиро ҷудо мекунад, ҳамзамон ҳолатҳои воқеиро муайян ва ҷудо карда, бояд ҳолатҳои воқеиро бо шартҳои меъёри ҳуқуқӣ муқоиса намуда - инъикоси айниятии онҳоро ба даст орад.

Дар баҳси корманд ва корфармо ва дигар баҳсҳо судя метавонад бо истифодаи чунин усул ба натиҷаи самаранок расад:

Ҳолатҳо	Шартҳои меъёри ҳуқуқии қ.1 м.174
- бо супориши корфармо; - барои иҷрои корҳои сохтмонӣ; - ба муҳлати шаш моҳ; - корманд ба шаҳри Хуҷанд сафар кардааст.	- бо супориши корфармо; - барои иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ; - ба муҳлати муайян; - ба маҳалли дигар.

Бо истифодаи чунин усули ҳуқуқтатбиққунӣ судя метавонад ба хулоса ояд, ки кор кардани корманд дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд сафари хизматӣ мебошад, аз ин рӯ хароҷоти сафари хизматӣ бояд ба ӯ пардохт карда шавад. Зеро, аз шартҳои меъёри қ.1 м.174 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар ҳолатҳо ва шартҳое, ки дар норозигиҳои корфармо дарҷ шудаанд, пешбинӣ карда нашудаанд.

КММ муқаррар намудааст, ки суд бояд қонунҳоеро, ки ба роҳбарӣ гирифтааст нишон диҳад.[9] Дар аксар ҳалномаҳо ин талабот танҳо бо роҳи номбар кардани моддаҳое, ки суд татбиқ намудааст, иҷро мешавад. Чунин тартиб метавонад ҳангоми ҳалли масъалаҳои хурд бо парванда мувофиқ бошад. Масъалаҳои асосӣ оид ба парванда, яъне онҳое, ки ба қонеъ ё рад гардидани даъвои тарафҳо вобастагӣ доранд, бодиққатар татбиқ намудани қонунро талаб мекунад. Аз ин рӯ, дар ҳалнома бояд муфассал нишон дода шавад, ки суд аз ӯҳдаи ин вазифа баромадааст.

Ҳамин тариқ, бо ҷамъбасти натиҷаҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳуқуқтатбиққунӣ:

- ҳамчун татбиққунии (мутобиққунии) ягон меъёри ҳуқуқ (шартҳои ин меъёр) ба ҳолатҳои муайяни воқеӣ фаҳмида мешавад;

- тавассути ҳуқуқтатбиққунӣ бандубасти ҳуқуқии муносибатҳои воқеӣ амалӣ карда мешавад;

- ҳангоми таҳия намудани ҳалнома тавсия дода мешавад, ки ҳолатҳои воқеии муқарарршуда тавре баён карда шаванд, ки алоқамандии (мутобиқати) онҳоро бо меъёри ҳуқуқии татбиқшаванда нишон диҳад.

Ҳуқуқтатбиққунӣ мумкин аст инчунин, барои асоснок кардани он кӣ бо чӣ сабаб суд, ин ё он далелҳоро рад кардааст, истифода бурда шавад.

§3. Талабот ва асосҳои ҳуқуқи талабот;

Аз назарияи умумии мурофиаи маданӣ маълум аст, ки шартҳои ба вуҷуд омадан ва мавҷуд будани ҳуқуқи қонеъшавии даъво инҳо шуда метавонанд:

- асоснокии ҳуқуқии даъво, ки аз мавҷуд будани ҳуқуқи моддие, ки ба он талаботи пешниҳодшуда асос ёфтааст шаҳодат диҳад;

- асоснокии воқеии даъво, яъне исбот шудани ҳолатҳое, ки асоси ҳуқуқи талаботи даъвогар нисбат ба ҷавобгар гардидаанд. Асоснокии воқеии

[9] қ.4, м.202 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

даъво бо асоси даъво, ки мавҷудияти онро даъвогар исбот менамояд, алоқаманд аст.

Асоснокии ҳуқуқӣ ё ин ки асоси ҳуқуқи талабот бояд аз ҷониби суд тафтиш карда шавад. Дар даробари ин, нуктаҳои зеринро бояд ба назар гирифт:

1. Меъёри ҳуқуқӣ дар он маврид асоси ҳуқуқи талабот мегардад, агар:

- талаботи даъвогар ба сифати оқибати ҳуқуқӣ дар ҳамин меъёри ҳуқуқӣ пешбинӣ шуда бошад;

- суд тамоми маҷмӯи шартҳои меъёри ҳуқуқиро муқаррар намуда бошад.

Ҳамин тавр, асоси ҳуқуқи талабот ин меъёри қонуне мебошад, ки оқибати ҳуқуқии он талаботи даъвогарро ҳангоми мавҷуд будани аломатҳои (шартҳои) мушаххаси бандубасткунандаи дар қонун нишондодашуда, пешбинӣ менамояд.

Судя ҳуқуқ надорад бо салоҳдиди худ талаботи пешниҳодшударо ҳал намояд. Ӯ ҳуқуқ дорад тарафро ба ягон амал (мисол, иҷрои ӯҳдадориҳо, баргардонидани ашё, ҷуброни зарар ва ғайраҳо) танҳо дар сурати мавҷуд будани заминаи қонунӣ ӯҳдадор намояд, яъне ҳар як санади суди бояд бевосита ба қонун асос ёбад.

Доштани ҳуқуқи талабот, мазмуни дар қонун пешбинӣ гардидани чунин меъёр, ки он ба забони абстрактии қонун талаботи як шахсро нисбат ба шахси дигар ташакул медиҳад ва дар як вақт шартҳоеро пешбинӣ мекунад, ки зимни иҷрои онҳо, талабот асоснок мешавад. Чунин меъёрҳои ҳуқуқе, ки ба суд бо парвандаҳои маданӣ имкон медиҳад нисбат ба шахси воқеӣ (ё ҳуқуқӣ) ба манфиати шахси дигар чораҳои маҷбуркуниро амалӣ намояд, асоси ҳуқуқи талабот номида мешавад.

Аз ин рӯ, барои ҳамаи ҳуқуқтатбиққунандагон онҳо санги асос бо ҳар як парвандаи маданӣ мебошанд.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки асоси ҳуқуқи талабот (ё асоснокии ҳуқуқӣ барои талабот), ин меъёри қонуне мебошад, ки ба як тараф (кредитор) имкон медиҳад, ки аз тарафи дигар (қарздор) иҷрошавиро талаб намояд, ки он метавонад аз иҷро кардан ё худдорӣ кардан аз ин ё он амал иборат бошад.

Ҳамин тавр, дар оғози баррасии ҳар кадом парвандаи маданӣ ҳама вақт асоси ҳуқуқӣ барои ҳуқуқи талабот мавҷуд аст. Асоси ҳуқуқи талабот ба судя на танҳо ба саволи он, ки оё ӯ метавонад тарафро ба иҷрои амале вазифадор кунад, балки инчунин, ба саволи дар кадом шарту шароит

уҳдадории тараф оид ба иҷро кардан ё худдорӣ кардан аз амалӣ муайян ба миён меояд, низ ҷавоб медиҳад.

Бинобар ин, вазифаи аввалиндараҷаи судя мудом бо матни қонун корбарӣ кардан, яъне дар ҳар як ҳолати алоҳида дарёфт намудани асоси ҳуқуқи талабот иборат мебошад.

Кодекси маданӣ асосҳои зиёди ҳуқуқи талаботро дар бар мегирад ва онҳо дар тамоми қонун дарҷ гардаанд. Мисол, онҳо ба талаботҳо дар бораи маҷбур намудан ба иҷрои уҳдадориҳо дар шакли асл, беэътибор донистани санади мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ва ташкилотҳои дигар, ҷуброни зиён, рӯёнидани ноустуворона, товони зарари маънавӣ ва ғайраҳо тақсим мешаванд. Онҳо метавонанд табиати ҳуқуқҳои уҳдадорӣ ё ашёи дошта бошанд ва аз муносибатҳои шартномавӣ ё қонун бароянд.

Инчунин, метавонад сухан дар бораи талаботҳои аввала, аз қабили иҷрои уҳдадории аввала ё ин ки уҳдадориҳоии дигар масалан, ҷуброни зиён ҳангоми иҷро накардани уҳдадории аввала пешниҳод карда шаванд. Талаби ашё метавонад ба баргардонидани ниҳоии он, мисол, дар мавриди шартномаи хариду фурӯш ва ё барои нигоҳдории муваққатӣ, ё ин ки дар мисоли иҷора равона карда шавад.

Асоси ҳуқуқи талаботро аз рӯйи таркиб ва тавсияи он, осон муайян кардан мумкин аст. Онҳо ҳуқуқи як шахсро барои талаб кардани чизе аз дигар шахс ё баръакс, уҳдадории як шахсро оид ба иҷрои амали муайян нисбат ба шахси дигар пешбинӣ мекунанд.

Масалан, дар қ.1 м.521 КМ пешбинӣ шудааст, ки мутобиқи шартномаи хариду фурӯш як тараф (фурӯшанда) уҳдадор мешавад, ки молро ба моликияти тарафи дигар (харидор) диҳад ва харидор уҳдадор мешавад ин молро қабул карда, бар ивазаш маблағи муайяни пулӣ супорад. Ё ин ки асоси ҳуқуқи талабот барои молик моддаи 274 КМ мебошад, ки ба молик ҳуқуқи талаб карда гирифтани (даъвои виндикатсионӣ) ашёро аз соҳибии ғайриқонунии шахси бегона, медиҳад.

Асосҳои ҳуқуқи талабот аз рӯйи аломатҳои (шартҳои) бандубасткунанда ва оқибатҳои ҳуқуқӣ дар робитаи зеҳнӣ “агар - дар ин ҳолат” қарор дошта, дорои чунин тавсияҳо “ҳуқуқ дорад талаб кунад”, “ҳуқуқ дорад”, “рӯёнад” ё “метавонад” ва ғайраҳо иборат мебошанд.

Ҳамин тавр, аз тавсияи меъёр ҳама вақт маълум мешавад, ки он асоси ҳуқуқи талабот мешавад ё не. Дар фарқият аз ин, аҳамияти махсуси меъёр нишондод шуда наметавонад. Ҳатто агар масалан, мафҳум ва мазмуни асосҳои ба даст овардани ҳуқуқи моликият дар моддаи 288 КМ, ки ба яке аз

меъёрҳои асосии ҳуқуқи маданӣ дахл дошта бошад ҳам, аммо ин меъёр асоси ҳуқуқи талаботро пешниҳод намекунанд. Зеро, дар ин меъёр дар бораи он ки як шахс аз шахси дигар чизеро талаб карда метавонад, ҳеҷ чиз пешбинӣ нашудааст.

Дуруст пайдо намудани асосҳои ҳуқуқи талабот азназаргузаронии хуби таснифоти сохтори меъёрҳои КМ ва асосҳои муҳимтарини ҳуқуқи талаботро тақозо мекунад.

Бо мақсади осон кардани кор зимни ҷустуҷӯи асоси ҳуқуқи талаботи мувофиқ методикаи мазкур тафсия медиҳад, ки аз чор саволи калидии зерин истифода намудан муфид аст: Кӣ?, Чиро талаб мекунад?, Аз кӣ?, Дар асоси чӣ?.

Таҳлилро аз саволҳои “Кӣ? (даъвогар) Аз кӣ? (ҷавобгар, ҷавобгари муносиб)” оғоз менамоем.

Сараввал, савол гузоштан лозим аст: кӣ (даъвогар/кредитор) дар ин ҳолат аз кӣ (ҷавобгар/қарздор) чиро талаб мекунад. Дар мавриди иштироки ду шахсе, ки бо ҳамдигар дар муносибатҳои шартномавӣ қарор доранд, ё ин ки дар ҳолати расонидани зарар, шахси зараррасон ва ҷабрдида, ба ин савол ҷавоб гирифтан аксар вақт осон хоҳад буд. Аммо дар баъзе ҳолатҳо, аз ҳар ду тараф метавонад якчанд шахс иштирок намоянд ва нисбат ба онҳо асосҳои ҳуқуқи талабот, гуногун пешбинӣ карда шавад. Инчунин, дар мисол, бояд муайян карда шавад, ки оё сухан дар бораи шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ меравад, ё касе аз номи худ ё ба сифати намояндаи касе ё ин ки даъвогар дар асоси ҳуқуқи талаботи худ ё ҳуқуқи гузашт кардашуда, талабот пешниҳод мекунад.

Баъдан ба саволи “Чиро талаб дорад (талабот)?”

Ҳамчун қадами навбатӣ муайян кардан лозим аст, ки кредитор (даъвогар) аз қарздор (ҷавобгар) чиро талаб мекунад. Ин метавонад гузаштани ҳуқуқи моликият ё ин ки супоридан ба истифодаи муваққатӣ бошад. Инчунин, ин метавонад талаб карда гирифтани ашё ва ё ҷуброни зиён дар шакли пулӣ барои расонидани зарар бошад. Рӯёнидани қарзи асосӣ ва фоизҳои истифодаи маблағ метавонад талаб карда шаванд. Ин метавонад талабот дар бораи пардохт намудан ё ин ки пардохти хароҷот ё худдорӣ намудан аз иҷрои ягон амал, бошад. Танҳо дар сурати дақиқ муайян кардани “Чиро талаб дорад” судя метавонад асоси ҳуқуқи талаботи мувофиқро пайдо намояд.

Саволи чорум “Дар асоси чӣ? (асоси талабот)”.

Ин масъала дар бораи заминаи ҳуқуқӣ, яъне асоси ҳуқуқи талаботи мушаххас дар қонун мебошад. Чунин меъёреро ёфтан лозим аст, ки оқибати

ҳуқуқии он, мувофиқи тавсияи дар қонун ифода ёфта ба кредитор/даъвогар маҳз ҳамон чизеро, ки ӯ аз қарздор/ҷавобгар талаб мекунад, медиҳад.

Агар судя дар КМ асоси ҳуқуқи талаботи имконпазирро оид ба талаботи даъвогар дарёфт кунад, ӯ бояд дар қадами навбати “мутобиқ” будани ҳолатҳои парвандаи баррасӣ шудаистодаро бо меъёрҳои мазкур тафтиш кунад. Барои ин судя бояд аввал аломатҳои (шартҳои) бандубасткунандаи меъёрро ба унсурҳои алоҳида, (яъне, гипотеза, диспозисия ва санксия) ҷудо намояд. Инчунин, дар ҳолатҳои зарурӣ агар истилоҳоти дар қонун дарҷшуда якмаъно набошанд, судя бояд онҳоро шарҳ диҳад.

Баъд аз ин, судя бояд тафтиш кунад, ки оё шартҳои дар меъёри қонун пешбинишуда бо ба асос гирифтани ҳолатҳои парванда воқеан иҷро мешаванд, яъне аломатҳои бандубасткунандаи абстрактӣ ва умумии мухтасар ифодаёфтаи меъёри қонун бо ҳолатҳои мушаххаси ҳаётӣ (масалан, вайрон шудани низоми гармидиҳии автомашинаи фурӯхташуда = нуқсони мол?) бояд муқоиса карда шаванд. Ин раванд субсумсия (бандубасти ҳуқуқӣ) номида мешавад.

Аммо, аксар вақт ҳангоми тафтиш намудани ҳуқуқи талабот судя бо татбиқи як меъёри ягонаи қонун ҳамчун асоси ҳуқуқи талабот қонеъ шуда наметавонад, ӯ бояд дигар меъёрҳои КМ-ро низ баррасӣ намояд. Зеро, КМ меъёрҳои сершумореро дар бар мегирад, ки худ аз худ ҳуқуқи талаботро намедиҳанд, балки ба масъалаҳои тамоман дигар, масалан, имконпазирии созишномаҳои алоҳида, тавсифи шартҳои институтҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ ё ин ки эътиборнокии аҳдҳои ҳуқуқӣ, бахшида шудаанд. Ба сифати мисол, муқаррарот дар бораи намояндагӣ, мавриди баҳс қарор додан ва шаклҳои аҳдро қайд кардан мумкин аст. Ниҳоят, дар КМ инчунин, меъёрҳое мавҷуд мебошанд, ки худ аз худ ягон оқибати ҳуқуқиро пешбинӣ намекунанд, балки танҳо, масалан, мафҳумҳои истилоҳ, қоидаҳои тафсир, истинод ё эҳтимолиятҳоро муайян менамоянд. Онҳо танҳо дигар меъёрҳои ҳуқуқиро пурра ва шарҳ медиҳанд ва бо ҳамин ба татбиқи онҳо мусоидат мекунанд. Ҳангоми тафтиш намудани асосҳои ҳуқуқи талабот аксар вақт аз меъёрҳои ёрирасон истифода бурдан лозим меояд.

Асосҳои ҳуқуқи талаботро чӣ тавр метавон пайдо кард?

Сохтори меъёрҳо - асосҳои ҳуқуқи талабот робитаи мутақобиларо “агар - дар ин ҳолат” нисбат ба аломатҳои бандубасткунанда ва оқибатҳои ҳуқуқӣ муқаррар намуда, дорои чунин тавсияҳо “ӯҳдадор”, “ҳуқуқ дорад талаб кунад”, “ҳуқуқ дорад”, “уҳдадор аст” ва ғайраҳо мебошанд.

Масалан, дар амалия маъмултарин асоси ҳуқуқи талабот қ.1 м.521 КМ мебошад. Меъёри мазкур пешбинӣ мекунад, ки мутобиқи шартномаи хариду фурӯш фурӯшанда уҳдадор мешавад, ки молро ба моликияти харидор диҳад ва харидор уҳдадор мешавад ин молро қабул карда, бар ивазаш маблағи муайяни пулӣ супорад.

Чунин тавсиф дар худ ҳам аломати бандубасткунанда ва ҳам оқибати ҳуқуқиро дар бар мегирад. Аломати бандубасткунанда дар қонун бо калимаҳои “мутобиқи шартномаи хариду фурӯш.....” хеле мухтасар муайян карда шудааст. Оқибатҳои ҳуқуқӣ бо зикри уҳдадории тарафҳои шартнома баста, яъне аз як тараф, уҳдадории фурӯшанда дар бораи ба моликияти харидор додани мол, аз тарафи дигар, уҳдадории харидор оид ба қабул ва пардохт намудани маблағи нархи мол, тавсиф карда мешаванд. Тасвияи “мутобиқи шартномаи хариду фурӯш.....” ҳолатҳое, ки ба таври умумӣ дар шакли ниҳоят мухтасар бояд тафтиш карда шаванд, нишон дода шудааст. Бояд дар назар дошт, ки дар як ҳолат мавҷуд будани шартҳо метавонад аён бошад. Масалан, ҳангоме ки дар байни тарафҳо нисбат ба бастан ва эътиборнокии шартнома баҳс вуҷуд надорад, балки ҳамаи иддао танҳо ба дигар масъалаҳо, чун нуқсони эҳтимолии мол равона шудааст. Дар мавридҳои дигар, масъалаҳои боэътибории шартномаи хариду фурӯш метавонад гуногун бошад, агар сухан оид ба бастани шартнома равад. Масалан, оид ба оферта ва аксепт, қобилияти амалкунии тарафҳо, риояи шакли муқарраргардидаи шартнома, мавриди баҳс қарор додани боэътиборӣ ё масъалаҳои намояндагӣ. Зимни тафтиш намудани чунин аломати бандубасткунанда, ба монанди “мутобиқи шартномаи хариду фурӯш.....” судя бояд ҳамаи ин масъалаҳоро дар маҷмӯъ бо назардошти меъёрҳои дахлдор (ёрирасон) омузиш кунад.

Аммо, ҳангоми ташфтиш намудани мавҷуд будани ҳуқуқи қонунии талаботи даъвогар, инҳоро ба назар гирифтан лозим аст: қаблан доимо гуфта мешуд, ки барои фаро расидани оқибатҳои хуқуқии дар меъёр пешбинишуда бояд тамоми аломатҳои бандубасткунандаи он (шартҳои асосноккунандаи талабот) иҷро карда шаванд. Вале, ин шарти ҳадди аққали зарурӣ барои ба вуҷуд омадани ҳуқуқи талабот дар маҷмӯъ мебошад. Қарздор ҳуқуқ дорад худро аз талаботи кредитор ҳимоя кунад (ва аксар вақт аз чунин ҳуқуқи худ истифода мекунад). Барои ин, дар ихтиёри ӯ имкониятҳои гуногуни хусусияти моддӣ-ҳуқуқӣ дошта, мавҷуд мебошанд. Чунончӣ дар КМ меъёрҳои зиёде мавҷуд мебошанд, ки амалӣ талаботро қатъ мекунанд. Дар ин ҷо сухан оид ба меъёрҳои мутақобила меравад.

Аз рӯйи таъсири ҳуқуқии худ, меъёрҳои мутақобиларо ба категорияҳои гуногун тақсим кардан мумкин аст, аз ҷумла:

1. Амалӣ намудани ҳуқуқи изҳори норозигиро истисно мекунанд: натиҷаи он аз он иборат аст, ки талабот сарфи назар аз иҷрои ҳамаи аломатҳои бандубасткунанда аз ибтидо ба миён омада наметавонад. Масалан, риоя накардани шакли нотариалӣ ё талаботи бақайдгирии давлатии аҳд боиси беэътибории он мегардад (м.179 КМ) ё беэътибории аҳде, ки хилофи қонунгузорӣ (м.183 КМ) мебошад.

2. Боиси қатъ гаштани ҳуқуқи изҳори норозигӣ, ки қаблан ба миён омада буд, мегарданд: чунин норозигиҳо дар натиҷа талаботи қаблан ба миён омадаро, қатъ мегардонанд. Дар ин маврид ҳамаи аломатҳои бандубасткунандаи асоси ҳуқуқи талабот иҷро мешаванд, аз ин рӯ, он ба вуҷуд меояд. Аммо, баъдтар ҳолатҳое ба миён меоянд, ки ин талаботро қатъ менамоянд.

3. Норозигиҳои ба амалишавии ҳуқуқ монеъшаванда: онҳо ба мавҷуд будани ҳуқуқи талабот таъсир намерасонанд, балки ҳуқуқи талаботи тибқи қонун ба вуҷуд омада ва дар натиҷа қатъ нашударо, танҳо аз имконияти амалӣ намудани он маҳрум менамояд. Норозигиҳои ба амалишавии ҳуқуқ монеъшаванда, ба қарздор ҳуқуқ медиҳанд, ки аз иҷро муваққатан ё доимӣ даст кашад.

Намуди амалисозии ҳуқуқи норозигӣ инчунин, барои мунтазам тафтиш намудани ин ё он талабот аҳамият дорад. Ҳуқуқтатбиққунанда бояд пайваста дар назди худ саволҳои мантиқӣ ва пай дар пайи зеринро гузорад:

1. Оё талабот ба вуҷуд омадааст?

- шартҳое, ки ҳуқуқи талаботро асоснок менамоянд;
- амалисозии ҳуқуқи изҳори норозигиро истисно мекунанд;

2. Оё талабот (қаблан ба миён омада) аз байн рафтааст?

- қатъ гардидани ҳуқуқи талабот дар натиҷаи норозигиҳо;

3. Оё талабот иҷрошаванда аст?

- норозигиҳои ба амалишавии ҳуқуқ монеъшаванда.

Чунин пайдарҳамии тартиби тафтиш танҳо барои беҳтар намудани ёддошт пешниҳод карда мешавад. Зимни тафтиш намудани ин ё он талабот, бояд ҳамаи нуктаҳои болозикр санҷида шаванд. Ниҳоят, гузаронидани усули тафтиш аз ҳолатҳои ҳар як парвандаи алоҳида вобаста мебошад.

Дар бисёр мавридҳо барои ҳамон як талабот (масалан, ҷуброни зиён ё ин ки талаб карда гирифтани ашё) якчанд асосҳои ҳуқуқи талабот баррасӣ шуданаш мумкин аст. Масалан, агар молик ашёро тиқби шартномаи баҳснок ва ё беоқибат дода бошад ва ҳуқуқи моликият ба ин ашё бо асосҳои

беэътиборӣ ё беоқиабат нагузашта бошад, дар ин маврид молик то ҳол метавонад аз соҳибии ғайриқонунӣ ашёи худро талаб карда гирад. Ғайр аз ин, ӯ дақиқ метавонад баргардонидани ашёро талаб кунад, зеро соҳиби нав дорошавии беасос гирифтааст. Дар ин маврид, ҳатто агар талаботи пешниҳодшуда дар натиҷа асоснок бошад, набояд танҳо бо тафтиши ҳуқуқи талабот маҳдуд гашт.

Судя бояд тафтиш кардани ҳамаи асосҳои имконпазири ҳуқуқи талаботро ба худ ҳамчун одат гирад. Зеро, метавонад чунин ҳолат рӯй диҳад, масалан даъвогар дар мурофиаи судӣ шартҳои асосҳои аввалини санҷидашудаи ҳуқуқи талаботро исбот карда наметавонад, вале аломатҳои бандубасткунандаи дигар асосҳои ҳуқуқи талабот комилан иҷро шудаанд ё ин ки ба таври бояду шояд исботшаванда мебошанд. Барои судя инчунин, асоснок намудани яке аз дигар асосҳои ҳуқуқи талаботи баррасишаванда осонтар мешавад.

Ҳангоми баррасӣ намудани якчанд асосҳои ҳуқуқи талабот савол дар бораи бо кадом пайдарҳамӣ тафтиш намудани онҳо ба миён меояд. Дар Олмон таҷрибаи зерин худро хуб нишон додааст:

а) Агар байни тарафҳо муносибати шартномавӣ вуҷуд дошта бошанд, пас ҳангоми тафтиш намудани асосҳои ҳуқуқи талабот ҳамеша ба мақсад мувофиқ аст, ки аз талаботҳои авалла ва дуюм, ки аз шартнома бармеоянд (талабот оид ба иҷрои шартнома ё ин ки талабот ҳангоми иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро кардани шартнома) ба миён меоянд. Чунин равиш ба он андоза асоси мантиқӣ дорад, ки талабот аз шартнома, чун қоида мавҷуд будани талаботи асосии қонуниро истисно мекунад аз ҷумла, бе супориш ба манфиати каси дигар амал кардан, дорошавии беасос ва амали ғайриқонунӣ (деликт).

Инро дар мисоли зерин ба таври возеҳ дидан мумкин аст: Ба Алишер барои сохтумони хонааш арраи занҷирдор лозим шудааст. Аз ҳамсояаш Даврон хоҳиш мекунад, ки муҳлати як ҳафта ин асбобро ба ӯ диҳад. Даврон розӣ шуда, барои ин пул талаб намекунад. Вақте ки Алишер аррараро бармегардонад, Даврон пай мебарад, ки арра зимни истифодаи ҳамсоя кунд шудааст. Даврон аз Алишер ҷуброни зарари расонидаашро талаб дорад.

Оё ӯ чунин ҳуқуқро дорад?

Агар тафтиши асосҳои ҳуқуқи талаботро аз моддаи 1189 КМ (амали ғайриконунӣ) шурӯъ намоем, ба натиҷае омадан мумкин аст, ки Алишер дар натиҷаи истифодабарӣ, фарсудашавии аррараро ба миён оварда ба молу мулки Даврон зарар расонидааст. Азбаски Алишер ҳадди аққал аз беэҳтиётӣ рафтор

кардааст, тибқи қонун ӯ вазифадор аст, ки зарари расонидаашро ҷуброн кунад. Хулоса: даъво бояд қонеъ карда шавад.

Аммо чунин натиҷа баҳснок мебошад, зеро тибқи созишиномаи Даврон бо Алишер мумкин аст эҳтимолятии фарсудашавии арра пешбинӣ шуда бошад.

Инчунин, мумкин аст, ки талаботро, ки аз дорошавии беасос ба миён меоянд баррасӣ намуд, зеро Алишер бо роҳи истифодабарии ройгон бо арра хароҷоти худро сарфа намудааст. Аммо ин меъёр мавҷуд набудани асосҳои қонуниро оид ба истифодабарии арра пешбинӣ мекунад. Чунин асоси қонунӣ дар ин мисол созишномаи байни Алишер ва Даврон шуда метавонад.

Танҳо бо чунин пайдарпаии тафтиш намудан ба талаботҳои шартномавӣ наздик шуда, муқаррар мегардад, ки мувофиқи моддаи 762 КМ тарафҳо шартномаи истифодаи ройгон бастаанд ва тибқи моддаи 768 КМ ройгонгиранда танҳо уҳдадор аст ашёи барои истифодаи ройгон гирифташударо дар ҳолати коршоям нигоҳ дорад, таъмири ҷорӣ ва асосии онро анҷом диҳад ва ҳама хароҷоти нигаҳдории онро ба зимма гирад. Амалҳои Алишер ғайриқонунӣ намебошанд, аз ин рӯ, уҳдадории ӯро мутобиқи моддаи 1189 КМ истисно мекунад. Хулоса: даъво бояд рад карда шавад.

Муқаррар намудани чунин ҳолатҳо дар як вақт ба чунин хулосаҳо меорад, ки сухан дар бораи амалҳои ғайриқонунӣ намеравад, зеро амали Алишер дар ҳар ҳолат ғайриқонунӣ шуда наметавонад, дар баробари ин сухан дар бораи дорошавии беасос намеравад, зеро асос барои фарсудашавии арра, шартномаи истифодаи ройгон мебошад, ки ба ногузир фарсудашавии ашё имкон медиҳад.

Азбаски муносибатҳои шартномавӣ ҳама вақт ба оқибатҳои пешбининамудаи қонун таъсир мерасонанд, тавсия дода мешавад, ки тафтиш аксаран аз талаботҳое, ки аз шартнома бармеоянд оғоз карда шавад.

б) Баъдан, талаботи квази-шартномавӣ тафтиш карда мешаванд. Ба инҳо, масалан, амалҳое дохил мешаванд, ба монанди амалҳо ба манфиати ғайр бе супориш мансуб мебошанд. Инчунин, онҳо метавонанд асоси ҳуқуқӣ барои дорошавии беасос ва талаботҳои деликти бошанд, аз ин рӯ тавсия дода мешавад, ки тафтиш аз онҳо оғоз карда шавад. Ба ин гурӯҳ инчунин, талаботҳое, ки аз муносибатҳои пеш аз шартномавӣ бармеоянд, мансуб мебошанд.

в) Пас аз ин, талаботҳои ашёи (масалан, талаб карда гирифтани ашё аз соҳибии ғайриқонунӣ тибқи моддаи 274 КМ) тафтиш карда мешаванд. Аз як тараф, ҳуқуқдории маҳдуди ашёи фарогири ваколати соҳибии

қарздор/ҷавобгар метавонад аз шартнома барояд, аз тарафи дигар, ҳуқуқҳои ашёи бо сабаби мутлақ будани худ дар муқоиса бо талаботҳои қарзӣ нисбат ба ҳама амал мекунанд, аз ин рӯ, аз гурӯҳи охирини талаботҳо эътибортар мебошанд.

г) Ниҳоят, талаботҳои қонунӣ мавриди тафтиш қарор мегиранд, ба монанди даъвоҳое, ки аз амали ғайриқонунӣ ва дорошавӣ бармеоянд. Чунин талаботҳо "қонунӣ" номида мешаванд, зеро онҳо худ ба худ аз қонун бармеоянд ва аз қарори ирода дар шакли аҳди ҳуқуқӣ вобаста намебошанд.

Чунин тартиби тафтиш, танҳо як алгоритми абстрактии мантиқии пайдарпайии тафтиши асосҳои ҳуқуқиро пешбинӣ мекунад, на ин ки дараҷаи аҳамият ва амалӣ як талаботро нисбат ба дигар. На ҳама вақт ба мақсад мувофиқ аст, ки ҳамаи намудҳои талаботҳо дар ҳар як ҳолати алоҳида тафтиш карда шаванд. Масалан, агар сухан дар бораи ҷуброни зарар, ки дар натиҷаи садамаи нақлиётӣ байни тарафҳое, ки то ин вақт бо ҳам вонахурда бошанд, равад, аз рӯйи талаботи шартномавӣ оғоз намудани тафтиш бемантиқ мебошад.

Дар мисол, бо парвандаҳои маданӣ оид ба ҳимояи шаъну шараф ва эътибори корӣ шахси воқеӣ, асоси ҳуқуқи талабот вобаста ба рад намудани иттилооти беэътимод моддаи 231 КМ буда, ба даъвогар:

- ҳуқуқи ҷавоб гардонданро дорад ва метавонад рад намудани ин иттилоотро талаб кунад;

- рад намудани иттилооти беэътимод аз ҷониби шахсе, ки онро паҳн намудааст талаб кунад;

- ҳуқуқи муқаррар кардани ҳолати беэътимод будани иттилоот ва рад намудани онро талаб кунад;

- бекор ё ислоҳ кардани иттилооти беэътимод, ки дар ҳуҷҷатҳои шахси ҳуқуқӣ ҷойгир шудаанд талаб кунад;

- дар баробари ҷавоб ва раддия метавонад ҷуброни зарар ва ҷуброни зиёнро, ки дар натиҷаи паҳн кардани ин иттилоот расонда шудааст, талаб намояд.

Аммо моддаи мазкур ва ё дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ ба даъвогар асоси ҳуқуқи талаботро барои ба таври оммавӣ узр пурсидани ҷавобгар бо парвандаҳои категорияи мазкур, бо назардошти он, ки ягон меъёри ҳуқуқие, ки ҷавобгарро ба узр пурсидан уҳдадор кунад вуҷуд надорад, шуда наметавонад. Аз ин рӯ, судя зимни баррасӣ намудани чунин талабот оид ба рад намудани талаботи даъво ҳалнома қабул менамояд.

Вобаста ба ақидаи мазкур аз ҷониби Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тавзеҳоти дастурӣ қабул шуда, судяҳо бояд ба инобат гиранд,

ки ҷуброни зарари маънавӣ ба фоидаи даъвогар, на ба фоидаи дигар шахсоне, ки ӯ қайд намудааст, рӯёнида мешавад. Узр хостан ҳамчун тарзу усули ҳифзи судии шаъну шараф ва эътибори корӣ бо моддаи 231 КМ ва дигар меъёрҳои қонунгузорӣ пешбинӣ нашудааст. Аз ин лиҳоз, суд ҳуқуқ надорад ҷавобгаронро аз рӯйи парвандаҳои категорияи мазкур вазифадор намояд, ки аз даъвогарон дар ин ё он намуд узр пурсанд.[10]

Қоидаҳои тафтиш намудани асоси талабот:

- Jura novit curia (аз лотинӣ – “суд қонунҳоро медонад”);

- суд бо ақидаи ҳуқуқии тараф вобаста нест: танҳо бо таҳлили он меъёри ҳуқуқие, ки даъвогар ба он истинод мекунад, маҳдуд гаштан мумкин нест;

- суд уҳдадор аст мавҷуд будани дигар асосҳои ҳуқуқи талаботро тафтиш намояд;

- аз ҷониби даъвогар нодуруст нишон додани меъёри ҳуқуқӣ барои рад намудани даъво асос шуда наметавонад.

Ҳангоми тафтиш намудани асосҳои ҳуқуқи талабот суд ба хулосаи ҳуқуқии тарафҳо вобаста нест. Ин чунин маъно дорад, ки суд наметавонад бо таҳлили меъёри ҳуқуқие, ки даъвогар ба он истинод мекунад, маҳдуд шавад.

Ҳамин тавр, зимни муайян намудани қонун ва дигар санади меъёрии ҳуқуқие, ки ҳангоми ҳалли парванда ва муқаррар намудани муносибатҳои ҳуқуқии тарафҳо бояд ба роҳбарӣ гирифта шавад, дар назар доштан зарур аст, ки онҳо бояд дар асоси маҷмӯи маълумотҳо: предмет ва асоси даъво, норозигии ҷавобгар нисбат ба даъво ва дигар ҳолатҳое, ки барои ҳалли дурусти парванда аҳамияти ҳуқуқӣ доранд, муайян карда шаванд.

Аз ҷониби даъвогар нишон додани меъёри мушаххаси ҳуқуқӣ ба сифати асоснок намудани даъво, барои судя ҳангоми ҳалли масъала ҷиҳати он, ки оид ба парванда кадом қонун бояд ба роҳбарӣ гирифта шавад, ҳатмӣ намебошад ва аҳамияти ҳалкунанда надорад.[11]

Масалан, даъвогар тибқи м.196 КМ беэътибор донистани аҳдро, ки бо фиреб, зӯроварӣ, таҳдид, созиши бадқасдонаи намояндаи як тараф бо тарафи дигар ё шароити вазнин анҷом дода шудааст, хоҳиш намудааст. Аммо дар суд даъвогар баёнот ва ҳолатҳоеро исбот мекунад, ки аҳд дар натиҷаи гумроҳӣ анҷом дода шудааст, ки ин ҳолатро меъёри дигар, яъне м.195 КМ танзим менамояд.

---

[10] б.18 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №7 аз 23 декабри соли 2011 “Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

[11] б.5 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12 аз 19 декабри соли 2008 «Дар бораи омодасозии парвандаҳои маданӣ ба муҳокимаи судӣ» https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

Дар чунин вазъият чӣ бояд кард? Суд, ҳолатҳои муқарраршударо ба асос гирифта, дар доираи асосҳои талаботи даъвои пешниҳодшудае, ки меъёри ҳуқуқиро дар бар намегиранд, мустақилона аҳди баҳснокро бандубаст намуда, меъёри ҳуқуқии дахлдорро оид ба аҳде, ки дар натиҷаи гумроҳӣ анҷом дода шудааст татбиқ менамояд, ҳамзамон истиноди даъвогар ба меъёри ҳуқуқӣ, ҳатто агар саҳван бошад ҳам, барои суд аҳамият надорад. Дар ин маврид суд бояд даъворо қонеъ гардонад, зеро асоси ҳуқуқи талабот дар м.195 КМ муқаррар шудааст.

Суд ҳолатҳои муайяни воқеии баҳсро муқаррар намуда, бояд ҳамаи нуктаҳои эҳтимолии ҳуқуқӣ, ҳамаи асосҳои ҳуқуқи талаботи имконпазирро (дар доираи мавзуъ ва асоси даъво), ки даъвогар бинобар надоштани саводи ҳуқуқӣ ё гумроҳӣ метавонад нодуруст нишон дода бошад, тафтиш намояд.

Масалан, ҳуқуқи талабот вобаста ба миқдори пули муайян метавонад бо меъёр оид ба шартномаи хариду фурӯши ашё, ё ин ки агар мавҷуд будани шартномаи хариду фурӯш исбот нагардида бошад, бо меъёр оид ба ҳуқуқи молики ашё ҷиҳати ҷуброни зарари дар натиҷаи нобудшавии ашё расонидашуда ё ин ки аз рӯйи меъёр дар бораи дорошавии беасос, асос шуда метавонад. Тафтиши асосҳои талаботи имконпазирро ҳангоми мавҷуд будани муносибатҳои шартномавӣ бояд аз онҳое, ки аз шартнома бармеоянд, оғоз намудан лозим аст.

Талаботро ба талаботҳои шартномавӣ ва қонунӣ тақсим кардан мумкин аст.

Талаботҳои шартномавӣ - талаботҳо оид ба иҷрои уҳдадориҳо аз рӯйи шартнома (яъне, талаботҳои аввала), инчунин, талаботҳое, ки бинобар иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои шартномавӣ (яъне, талаботҳои дуюми дигар);

Талаботҳои қонунӣ - амалҳои ғайриқонунӣ, дорошавии беасос, талаб карда гирифтани ашё аз соҳибии ғайриқонунӣ, ҷуброн намудани хароҷоти зарурӣ ва хисороти воқеии расондашуда аз ҳисоби шахсе, ки ба манфиати ғайр бе супориши он амал мекунад ва ғайраҳо.

Дар ҳалномаи суд оид ба қонеъ намудани даъво бояд ҳамон асоси талаботе, ки суд бо тартиби дар боло зикргардида муайян мекунад, нишон дода шавад.

Дар ҳалнома моддаҳои меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ бояд бо тартиби муайян дарҷ карда шуда, ҳама вақт агар шартҳои пешакии меъёр риоя карда шаванд аз меъёре, ки талаботи даъвогарро қонеъ мегардонад, оғоз кардан лозим аст.

Масалан, барои он даъвогар ба суд даъво пешниҳод менамояд, ки гумон мекунад, ки ҷавобгар ҳуқуқи ӯро вайрон кардааст. Бинобар ин, ӯ дар аризаи даъвогӣ кадом навъи қонеъгардониро талаб дорад, бояд нишон диҳад. Ҳамин тариқ, нуқтаи ибтидоӣ зимни татбиқи қонун, ҳамон меъёре, ки оқибати татбиқи он маҳз ҳамон навъи қонеъ кардани талаботе, ки даъвогар дар даъвои худ хоҳиш дорад, шуда метавонад.

Дар охир, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳангоми қонеъ гардонидани даъво, дар ҳалнома ҳамон меъёри ҳуқуқие, ки асоси ҳуқуқи талабот мебошад бояд нишон дода шавад, вале дар сурати рад намудани даъво бо асосӣ он ки даъво ба қонун асос наёфтааст, зимни тафтиши асосҳои ҳуқуқи талабот суд наметавонад танҳо бо таҳлили меъёри ҳуқуқие, ки даъвогар ба он истинод овардааст маҳдуд шавад, зеро суд бояд ҳамаи асосҳои талаботи имконпазирро тафтиш намояд.

Боби 2. Методикаи техникаи кории судя.
§1. Методикаи коркарди ҳолатҳои воқеӣ;

Судя бо парвандаҳои маданӣ дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ на танҳо бо вазифаи ба ин ё он ҳолатҳо татбиқ намудани меъёрҳои дахлдорӣ ҳуқуқ инчунин, ба далелҳои бетартиб, норавшан ва ҳатто далелҳои дар худ мухолифатдоштаи тарафҳои иштирокдорони парванда, дучор мешавад. Ғайр аз ин, мушкилӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳолатҳои пешниҳоднамудаи тарафҳо аксар вақт баҳснок мебошанд.

Судя дар мавридҳои зарурӣ бо роҳи таҳқиқи далелҳо бояд ҳолатҳои барои ҳалли дурусти парванда аҳамиятдоштаро муайян намояд.[12] Дар баробари ин, дар назди ӯ инчунин, мушкилоти изҳороти аз ҳад зиёди тарафҳо оид ба ҳолатҳо, аз воқеан лозим барои ҳалли баҳси ҳуқуқӣ ба миён меояд. Гузашта аз ин, дар фарқият аз мурофиаҳои ҷиноятӣ ва маъмурӣ, ки ба онҳо принсипи инквизитсионӣ (нақши фаъолонаи суд) мансуб аст, судя ҳуқуқ надорад ҳолатҳои парвандаро бо ташаббуси худ, ба истиснои ҳалли парвандаҳое, ки аз муносибаҳои ҳуқуқии омма бармеоянд, тафтиш кунад.[13] Баръакс, дар мурофиаи мадании ихтилофнок, принсипи мубоҳисавӣ амал мекунад, ки мувофиқи он барои ҳалли парванда ҳолатҳои зарурӣ аз ҷониби худи тарафҳо пешниҳод карда мешаванд, ки зимнан барои судя ҳатмӣ мебошанд. Гуфтан мумкин аст, ки мурофиаи маданӣ аксар вақт барои судя на ба татбиқи ҳуқуқ, балки ба аниқ намудани ҳолатҳое, ки барои ҳалли парванда аҳамият доранд, нигаронида шудааст.

Одатан, ҳангоми баррасии парвандаи маданӣ судя асосан масъалаҳои зеринро таҳқиқ мекунад:

- кадом ҳолатҳо барои ҳалли парванда аҳамият доранд;
- кадом далели овардаи тарафҳо баҳснок ва кадомаш бебаҳс мебошанд;
- оё далелҳои овардаи даъвогар барои асоснок намудани талаботи даъво басанда мебошанд;
- агар ин тавр бошад, оё ҷавобгар чӣ аз нигоҳи ҳуқуқи моддӣ инчунин, мурофиавӣ норозигии назаррас пешниҳод мекунад;
- дар сурати мавриди баҳс қарор додани далелҳои овардашуда оид ба ҳолатҳо кадоме аз тарафҳо уҳдадории исботро ба зимма дорад;
- оё тарафе, ки уҳдадории исботро ба зимма дорад, метавонад тасдиқи худро, ки мавриди баҳс қарор гирифтааст, исбот намояд.

---

[12] қ.4, м. 58 КММ,

[13]м.253 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Аз ин рӯ, ба судя дар фаъолияташ чунин техникаи корие зарур аст, ки ба ӯ имкон диҳад, ки ҳолатҳои барои ҳалли дурусти парванда аҳамиятдоштаро ба зудӣ муайян намуда, нисбат ба онҳо меъёрҳои ҳуқуқии дахлдорро татбиқ намояд. Судя бояд ниҳоят зудтар муқаррар намояд, ки оё парванда барои моҳиятан баррасӣ намудан омода мебошад ё ҳануз баъзе норавшаниҳо мавҷуданд. Судя ҳуқуқ надорад далелҳоро аз ҳад зиёд таҳқиқ намояд. Вазифаи аввалиндараҷаи судя аз он иборат аст, ки ниҳоят зудтар саривақт (ва хароҷоти ҳадди ақал барои тарафҳо) ба натиҷаи дуруст ноил гардад ва сипас ҳалномаи қабулгардидаро ба таври фаҳмо асоснок намояд.

Методикаи кории таҳлили парвандаҳои мадании пешниҳодшуда, дар тӯли солҳои зиёд дар Олмон худро ба таври мусбӣ арзёбӣ намуда, барои ҳар як судя дар фикркунӣ ва корбарӣ, кӯмаки маъруф мебошад. Он, ба судяҳо имкон медиҳад, ки аз вақҳҳои овардаи тарафҳо аз ҳама ҳолатҳои муҳимтаринашро барои ҳалли баҳс боэътимод ҷудо карда гирифта, тамоми баҳси ҳуқуқиро дар доираи онҳо ҷамъ намуда, онҳоро бо назардошти тақсим намудани уҳдадории исбот муайян намуда, ба ин васила парвандаро дар муҳлатҳои кӯтоҳ дуруст баррасӣ намоянд. Техникаи кории мазкур, на танҳо кори судяро хеле осон ва вақтро сарфа мекунад, балки дар як вақт якхелагӣ ва пешгӯишавандагиро дар татбиқ намудани меъёри қонун таъмин мекунад. Дар натиҷа муҳокима судӣ бо мантиқ ва тафтишшаванда мегардад.

Техникаи кории судя аз қадамҳои зерин иборат аст:

- тафтиш намудани масъалаи имконпазирии қабул ё баргардонидани аризаи даъвогӣ;

- ҷамъоварӣ ва ба танзимдарории мунтазами ҳолатҳои баённамудаи тарафҳо, ки барои ҳалли дурусти парванда аҳамият доранд; (иқтибосҳо аз маводи парванда);

- баҳодиҳии (бандубасти) ҳуқуқии ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта дар алоҳидагӣ барои вақҳҳои овардаи даъвогар ва норозигиҳои ҷавобгар, бо ҷавоб додан ба саволҳои зерин:

а) Оё даъво танҳо бо назардошти вақҳҳои овардаи даъвогар асоснок аст?

б) Агар ҳа, пас: оё даъво сарфи назар аз норозигиҳои ҷавобгар, низ асоснок мебошад ё ин ки бояд қонеъгардонии онро рад намуд?

- ҷудо намудани ҳолатҳои баҳсноки байни тарафҳо, ки барои ҳалли парванда аҳамият доранд;

- аниқ намудани ин ҳолатҳои баҳснок дар доираи таҳқиқи далелҳо.

Ҳарчанд методикаи кории таҳлили парвандаҳои мадании мазкур бевосита дар қонуни мурофиавӣ пешбинӣ нашуда бошад ҳам, татбиқи он

ногузир аз принсипҳои асосии ҳуқуқи мурофиавии маданӣ бармеояд. Ба онҳо пеш аз ҳама, ҳукмронии тарафҳо ба раванди мурофиа ва сарфакории мурофиавии судӣ таалуқ доранд.

Принсипи ҳукмронӣ тарафҳо дар мурофиа иборат аст, аз:

а) принсипи диспозитивӣ, ки мувофиқи он масъалаи оғоз намудан, мавзуи баҳс ва ба анҷом расонидани мурофиаи маданиро на ин ки судя, балки худи тарафҳо ҳал мекунанд.

б) принсипи мубоҳисавӣ, ки тибқи он, аз як тараф судя метавонад оид ба парванда танҳо он ҳолатҳо ва далелҳоеро ба инобат гирад, ки тарафҳо пешниҳод намудаанд ва ҳуқуқи мустақилона тафтиш кардани ҳолатҳоро надорад, аз тарафи дигар судя бо ҳолатҳои пешниҳодшуда қатъиян вобаста мебошад.

Принсипи сарфакории мурофиавии судӣ маънои онро дорад, ки далелҳо танҳо ба он ҳолатҳое таҳқиқ карда мешаванд, ки барои ҳалли парванда аз нигоҳи ҳуқуқӣ аҳамият доранд ва баҳснок мебошанд. Аз як тараф, принсипи мазкур ба манфиати тарафҳое, ки бояд аз хароҷоти беҳудаи вақту маблағ ҳифз карда шавад, хизмат мекунад ва аз тарафи дигар он ба манфиатҳои мақомоти судӣ, ки заҳираҳои маҳдуди он ба амалҳои барзиёдатии мурофиавӣ имкон намедиҳанд, мусоидат мекунад.

Ба қадамҳои корӣ амалҳои зерин мансуб мебошанд:

1. Тафтиш намудани имконпазирии қабули даъво. Ҳамеша афзалият ба масъалаи имконпазирии даъво, яъне ба мурофиаи суд қабул, рад намудани қабул ва ё баргардонидани аризаи даъвогӣ мутобиқи м.м.136, 137 ва 138 КММ мебошад.

Дар ин маврид тамоми ҷанбаҳое, ки барои моҳиятан баррасӣ кардани парванда дар суд монеъ мешаванд, (масалан, тобеияти идоравии парвандаҳои маданӣ ба судҳо - м.м.24-25 КММ ё ин ки тобеияти судии парвандаҳои маданӣ м.м.26-34 КММ ва ё қобилияти ҳуқуқдории мурофиавии маданӣ ё қобилияти амали мурофиавии маданӣ м.м.38-39 КММ ва ғайраҳо) тафтиш карда мешаванд. Масалан, ба инҳо инчунин, масъалаи имконпазирии қабул будани даъво оид ба эътироф намудани муносибатҳои ҳуқуқӣ дар сурати мавҷуд набудани манфиати қонунӣ, ки зери ҳимояи ҳуқуқӣ қарор мегирад, агар даъвогар ба мақсади худ ба таври соддатар тавассути пешниҳоди даъво оид ба иҷрои уҳдадори ноил мегардад, зеро бо ҳалнома ӯ инчунин, ҳуҷҷати иҷроро бадаст меорад.

Агар, қабули аризаи даъвогӣ рад ва ё аризаи даъвогӣ баргардонида шавад, дар ин маврид судя бе моҳиятан баррасӣ намудани парванда қарори худро дар шакли таъиноти асоснок қабул менамояд ва аризаи даъвогиро бо

ҳамаи ҳуҷҷатҳои замимагардида ба даъвогар (ниг. қ.2 м.137, қ.2 м.138 КММ) равон менамояд. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи м.139 КММ бошад аризаи даъвогӣ бе ҳаракат гузошта мешавад.

Дар сурати ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ, судя ба марҳилаи навбатии корӣ мегузарад:

2. Ҷамъоварӣ ва ба танзимдарории ҳолатҳои кор. Пеш аз ҳама фаъолияти ҳар як судя оид ба парванда, аз аниқ кардани талаботи даъво оғоз меёбад: бо назардошти принципи диспозитивӣ ӯ бояд аввал муайян намояд, ки тарафҳо махсусан чиро талаб мекунанд.

Мутобиқи қ.3 м.198 КММ судя парвандаро дар доираи талаботи пешниҳодшуда баррасӣ мекунад ва ҳалнома дар доираи талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар қабул карда мешавад. Судя ҳуқуқ надорад, ки ба тараф бештар ва ё чизи дигареро диҳад, аммо оид ба камтар метавонад ҳалнома қабул намояд.[14]

Баъдан, судя ҳолатҳои пешниҳоднамудаи тарафҳоро оид ба парванда муқаррар менамояд. Ҳарчанд ин принсип худ аз худ фаҳмо бошад ҳам, аҳамияти онро аз будаш зиёд қайд кардан мумкин нест. Иштибоҳи калон, тахмине ҳисоб меравад, ки тамоми фаъолияти ҳуқуқии судя танҳо бо тафтиши масъалаҳои ҳуқуқӣ ва минбаъд ёфтани ҷавобҳо ба онҳо, маҳдуд мегардад. Аксар вақт ба таври муфассал муқаррар намудани ҳолатҳои барои ҳалли парванда аҳамиятдошта, кӯшиши бештарро талаб мекунад. Боназардошти он, ки судя дар мурофиаи маданӣ ҳуқуқ надорад бо ташаббуси худ ҳолатҳои парвандаро муайян намояд, масъала боз ҳам мушкилтар мегардад. Агар судя дар қарори худ, ҳолатҳои нодуруст ва ҳатто тобишҳоро ба асос гузорад, ин метавонад оқибатҳои ногувор дошта бошад. Хулосаҳои ҳуқуқии судя ба ҳолатҳои пешниҳодкардаи тарафҳо мувофиқат намекунад ва ҳатман боиси қабули ҳалномаи нодуруст мегарданд. Аз ин рӯ, аллакай дар доираи омузиши ҳолатҳои барои ҳалли парванда аҳамиятдошта, судя бояд эҳтиёти махсус зоҳир намояд.

Зимни овардани вақҳҳои худ, тарафҳо мувофиқи принсипи мубоҳисавии болозикр, ногузир ба суд он ҳолатҳоеро пешниҳод мекунанд, ки дар асоси онҳо баъдан судя парвандаро ҳал мекунад ва ӯ ба ин ҳолатҳо вобаста мебошад. Дар натиҷа, ин метавонад ба қабули қарор дар асоси ҳолатҳои бардурӯғ гардад. Ин дар ҳолат рух медиҳад, ки тарафҳо ҳолатҳоеро, ки воқеан рух надодаанд, ҳамчун ҳолатҳои бебаҳс пешниҳод мекунанд (масалан, ҳарду тараф якдилона изҳор мекунанд, ки “даъвогар чорроҳаро дар чароғаки роҳнамои рангаш сабз гузаштааст”, ҳоло он, ки воқеан чароғаки

[14]м.198 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

роҳнамо сурх буд. Судя бояд дар заминаи қарори худ он ҳолатро ба асос гузорад, ки чароғаки роҳнамо “сабз” буд).

Дар ин ҷо принсипи “лот.- Da mihi factum, dabo tibi ius” - “ҳолатҳоро ба ман деҳ, ман ба ту ҳуқуқ медиҳам” амал мекунад. Аммо, бо вуҷуди ин, судя ба ҳеҷ далеловарии (ваҷҳ) ҳуқуқии тарафҳо вобаста нест. Татбиқи меъёри ҳуқуқ - комилан вазифаи судя мебошад.

Ҳолатҳои барои ҳалли парванда аҳамиятдошта, чӣ тавр бояд муайян карда шаванд?

Чун қоида, судя бо ҳолатҳои бебаҳси аниқ ба танзим дароварда нашуда кор мебарад, балки одатан бо камаш ду фарзияи воқеаи рӯйдода, ки ба ин ё он дараҷа аз ҳамдигар фарқ мекунанд, корбарӣ мекунад. Ин фарзияҳоро тарафҳо аксар вақт бе тартиб, бидуни пай дар пайии дурусти мантиқӣ ва хронологӣ, дар шакли нофаҳмо ва баъзан бо зиддият ва ихтилофҳо пешниҳод мекунанд.

Зимнан, дар маводи парванда ҳуҷҷатҳои гуногуни мурофиавӣ ба таври бетартиб ҷамъ оварда мешаванд, ки дар худ инҳоро бар мегиранд:

- тасдиқи ҳолатҳо;
- ақидаҳои ҳуқуқӣ;
- далелҳо;
- арзёбии шахсӣ;
- иқтибосҳо ва ғайраҳо.

Ҳамаи ин инчунин, бо ҳуҷҷатҳо ва дигар маводи ба парванда замимашаванда, хоҳ бо мақсади аниқ кардани ваҷҳҳои овардаи тарафҳо ва хоҳ бо максади исботкунӣ пурра карда мешаванд. Баъзан тарафҳо ҳатто дар ҷараёни муҳокимаи судӣ ваҷҳҳои овардаи худро пурра ва ё тағйир мекунанд.

Агар судя нахоҳад, ки дар ҳолатҳои ба таври бетартиб баёнгардида гумроҳ шавад, ӯ бояд тасдиқи тарафҳоро нисбат ба ҳолатҳо мудом тасниф ва мураттаб намояд. Ин на ҳама вақт осон аст, барои он ки тафовути хеле дақиқро байни ҳолатҳои ҳақиқӣ ва ақидаҳои шахсӣ ё ин ки нигоҳи ҳуқуқии тарафҳо талаб мекунад. Бо охирон судя вобаста нест ва онҳо наметавонанд инчунин, бо далелҳо исбот гарданд. Ҳамзамон, ҳангоми ҷамъоварӣ ва тасниф намудани ҳолатҳо аксар вақт маълум мешавад, ки тарафҳо дар мурофиаи маданӣ, чун қоида, на дар бораи ҳолатҳо, балки зиёдтар нисбат ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ё ин ки баҳодиҳии ҳуқуқии ҳодисаи воқеан рӯйдода баҳс мекунанд.

Ҳамин тавр, аввалин қадами муҳимтарин барои судя ин ба тартибдарории ваҷҳҳои овардаи тарафҳо мебошад. Ӯ бояд муққарар намояд, ки ваҷҳҳои овардаи тарафҳо дар чӣ ба ҳамдигар мухолифанд ва бо чӣ бо ҳам мувофиқат мекунанд. Судя бояд муайян намояд, ки тарафҳо ба кадом ҳолатҳо

(ҳолатҳои бебасҳс), якхела истинод мекунанд ва бо кадом ҳолатҳо байни онҳо баҳс (ҳолатҳои баҳснок) ба миён меоянд. Дар ин марҳила ба вақҳҳои овардаи тарафҳо баҳои ҳуқуқӣ дода намешавад.

Агар тасдиқи тарафҳоро нисбат ба ҳолатҳо ба таври сеченака дар шакли эллипсӣ мувофиқ ба тартиб дарорем, он гоҳ диаграммаи зерин ба даст меояд:



B + A - тасдиқи даъвогар;

B + C - тасдиқи ҷавобгар;

B - Ҳолатҳои бебаҳс;

Қисми “B” дар ин маврид як қисми ҳолатҳои пешниҳодкардаи тарафҳоро ифода мекунад, ки онҳо “бебаҳс” мебошанд.

Бинобар ин, таҳқиқ намудани далелҳо дар қисми мазкур қобили қабул намебошад.

Қисми “A” - ин вақҳҳои овардаи даъвогар, ки ҷавобгар онҳоро мавриди баҳс қарор додааст;

Қисми “C” - ин норозигиҳои ҷавобгар, ки даъвогар онҳоро мавриди баҳс қарор додааст, мебошанд.

Бо мақсади ба тартиб даровардани вақҳҳои овардаи тарафҳо нисбат ба ҳолатҳо, аз тарафи судя амалӣ намудани тартиби мазкур мувофиқи мақсад мебошад.

Судя, варақи калонеро гирифта, онро ҳамчун ҷадвал ба ду сутун, барои вақҳҳои овардаи даъвогар ва ҷавобгар тақсим намуда, аз ибтидо дар боло талаботҳои тарафҳо, яъне дар нимаи чапи сутун талаботҳои даъвогар ва дар сутуни тарафи рост талаботҳои ҷавобгарро дарҷ менамояд. Барои тафтиши минбаъдаи ҳуқуқӣ барои судя хеле муҳим аст, ки ҳамеша талаботи аниқӣ мурофиавии тарафҳо дар пеши назари ӯ бошанд, зеро, судя парвандаро дар доираи талаботи пешниҳодшуда баррасӣ менамояд.

Талабот ва вақҳҳои овардаи даъвогар	Талабот ва вақҳҳои оварди ҷавобгар

Дар зери талаботҳои тарафҳо судя бо тартиби тезис ҳамаи вақҳҳои воқеии пешниҳодкардаи тарафҳоро, бо тартиби хронологӣ менависад, вале сараввал дар сутуни чап вақҳҳои овардаи даъвогар ва баъдан дар тарафи рост вақҳҳои овардаи ҷавобгарро қайд мекунад. Таҳти мафҳуми вақҳҳои воқеии пешниҳоднамудаи тарафҳо, пеш аз ҳама “ҳолатҳо (фактҳо)” дар назар дошта мешаванд. Одатан сухан дар бораи ин гуна ҳолатҳое меравад, ки ба таври назариявӣ бо нишондоди шоҳидон, хулосаи коршиносон ва ғайраҳо исбот карда мешаванд. Онҳоро бояд аз ақидаи ҳуқуқӣ ва арзёбии шахсии тарафҳо қатъиян фарқ намуд, зеро бо онҳо судя вобаста намебошад. Чӣ тавре зикр шуд судя танҳо бо ҳолатҳои пешниҳодкардаи тарафҳо вобаста мебошад. Ақидаҳои ҳуқуқӣ ва баҳодиҳии тарафҳоро танҳо дар он маврид ба маҷмӯи ҳолатҳо дохил кардан лозим аст, ки агар онҳо барои дарки тасдиқи тарафҳо оид ба ҳолатҳо ҷудонопазир бошанд ва инчунин, ҷиҳати беҳтараш равшантар нишон дода шаванд.

Дар баробари ҳолатҳо инчунин, бояд амалишавии ин ё он ҳуқуқи конститутсиониро низ қайд кардан лозим аст, масалан: ариза дар бораи рад намудани иҷрои уҳдадориҳо, пешниҳоди талаботи баҳисобгирӣ, норозигӣ нисбат ба нигаҳдории ашё ва ё муҳлати даъво.

Барои беҳтар таъмин намудани мушоҳидакунии тасдиқи тарафҳо оид ба ҳолатҳо, ки ба як мавзуъ мансуб мебошанд, онҳо бояд дар варақ як сатҳи баландӣ муқобили ҳамдигар ба таври дидашаванда навишта шаванд ва ҳамин тавр муқоисаи онҳоро дар ҷадвал гузарондан лозим аст.

Агар яке аз тарафҳо тасдиқи ҳолатҳои тарафи дигарро мавриди баҳс карор диҳад, дар ин маврид муқобили ин тасдиқ аломати “-” гузошта мешавад инчунин, дар ҳамин ҷо вақҳҳои овардаи иловагӣ, агар мавҷуд бошанд, низ сабт карда мешаванд. Аммо агар як тараф ягон ҳолати тарафи дигарро эътироф кунад ё ин ки баръало онро баҳс накунад дар паҳлӯи чунин тасдиқ аломати "+" гузошта мешавад.

Дар як вақт ба мақсад мувофиқ аст, ки инчунин, маълумотҳоро дар бораи далелҳои пешниҳодкардаи тарафҳо ва дар парвандаҳои калонҳаҷм ҳамзамон ҷойи зикр кардани ин ё он ҳолатҳо бо нишон додани саҳифаи

дахлдори парвандаи рақамгузорӣ карда шуда, нишон дода шавад. Чунин истинодҳо минбаъд ҷустуҷӯи душворро дар маводи парванда осон мекунанд.

Бояд дар назар дошт, ки ҷамъоварии ҳолатҳо бо парванда (иқтибос намудани ҳолатҳо аз маводи парванда) набояд мувофқи он ки кадом вақт тарафҳо ин ё он ҳолатро пешниҳод намудаанд, балки мувофиқи он ки ба чӣ чунин тасдиқ бо парванда дахл дорад, бояд ба тартиб дароварда шаванд. Ба ибораи дигар, ҷамъоварии ҳолатҳо на аз рӯйи муҳлат, балки мувофиқи маҳаки предметӣ ба амал бароварда мешавад.

Зарур будани чунин пешбурди тарзи фаъолият, бо он шарҳ дода мешавад, ки маҷмӯи вақҳҳои овардаи тарафҳо барои баррасии парванда якхела изҳор ва ба суд пешниҳодшуда ҳисоб мераванд (ба истилоҳ принсипи якхела будани мурофиаи шифоҳӣ). Дар охир, суд парвандаро дар асоси ҳолатҳои дар маҷмӯъ пешниҳоднамудаи тарафҳо якхела ҳал мекунад.

Ба таври ҷадвал, ҷамъоварии ҳолатҳо тақрибан чунин ба назар мерасанд:

Талаботи даъвогар	**Талаботи ҷавобгар**
Ҳолатҳо (изҳоркардаи даъвогар) (Далелҳо:....., саҳ.:.....…)	(Агар вақҳҳои овардаи даъвогар мавриди баҳс қарор нагиран) " + " (Агар мавриди баҳс қарор гиранд) "-" (Далелҳо:....., саҳ.:.....…) Ҳангоми зарурат, вақҳҳои овардаи иловагии ҷавобгар
(Агар вақҳҳои овардаи ҷавобгар мавриди баҳс қарор гиранд) " - " (Далелҳо:....., саҳ.:.....…) (Агар мавриди баҳс қарор нагиранд) "+" Ҳангоми зарурат, ҳуқуқҳои конститутсионе, ки даъвогар амалӣ	Ҳолати наве, ки ҷавобгар изҳор кардааст (Далелҳо:....., саҳ.:.....…) Ҳангоми зарурат, ҳуқуқҳои конститутсионе, ки ҷавобгар амалӣ намудааст (муқаррар намудан,

намудааст (муқаррар намудан, тайғир ва қатъ кардани муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки ҳамчун заминаи ҳолатҳо ба асос гирифта шудаанд)	тайғир ва қатъ кардани муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки ҳамчун ҳолатҳои асосии парванда изҳор шудаанд)
Ақидаҳои ҳуқуқии даъвогар (агар барои фаҳмиш зарур бошанд)	Ақидаҳои ҳуқуқии ҷавобгар (агар барои фаҳмиш зарур бошанд)

Чӣ қадар муфассал судя бояд мундариҷаи парвандаро дар ҷадвали ҷамъоварии ҳолатҳо дарҷ намояд, аз хусусиятҳои ҳар як парвандаи мушаххас вобаста мебошад.

Масалан:

1. Агар судя пас аз омузиши маводи парванда муқаррар намояд, ки дар баҳси мазкур сухан асосан дар бораи нуқсонҳои моли харидашуда меравад, дар ҳоле ки эътиборнокии шартнома мавриди баҳс қарор намегирад, дар ин маврид дар сутуни даъвогар зимни дарҷ намудани масъалаи бастани шартнома ба таври мухтасар “Шартномаи хариду фурӯш байни тарафҳо аз .....” ва дар сутуни ҷавобгар дар муқобили ҳолати мазкур "+" гузоштан лозим аст.

2. Агар эътиборнокии шартнома бо шубҳаҳо вобастагӣ дошта бошад, дар ин маврид судя бояд ҳолатҳоро доир ба ин масъала муфассалтар нависад (масалан, дарҷ намудани сана ва мазмуни оферта (пешниҳод барои бастани шартнома), эълони ҷавобгар дар бораи актсепти он (қабули пешниҳод) ва ғайраҳо.

Масалан, инро возеҳ, дар ҷадвали ҳолатҳо оид ба баҳсҳои меҳнатӣ дидан мумкин аст:

Даъвогар	**Ҷавобгар**
3 апрели соли 2022 даъвогар бо ҷавобгар шартномаи меҳнатӣ бастаанд	+
Шартномаи меҳнатӣ дар асоси қ.1 м.46 Кодекси меҳнат қатъ карда шудааст	+
Дар фармон сабаби асосӣ нишон дода нашудааст - талаботи даъвогар	Даъвогар бинобар ба охир расидани муҳлати шартномаи мехнатӣ аз кор озод карда шудааст

оид ба пардохт намудани вақти изофакорӣ	
—	Шартномаи меҳнатӣ ба муҳлати як сол баста шуда, ин муҳлат ба охир расидааст

Дар марҳилаи даъвогар, санҷидани асоснокии тасдиқи даъвогар лозим аст ва барои ин эътироф мекунем, ки ҳолатҳои бебаҳс ва баҳсноки даъвогар ҳақиқӣ ва воқеӣ мебошанд. Аммо, ба саволи зерин ҷавоб гирифтан лозим аст: “Оё дар асоси вақҳои даъвогар, талаботаш оид ба пардохти музди маоши изофакорӣ асоснок аст?”.

Аз даъво бармеояд, ки байни тарафҳо рӯзӣ 3 апрели соли 2022 шартномаи меҳнатӣ баста шудааст, шартнома ба муҳлати номуайян баста шудааст, рӯзӣ 3 апрели соли 2023 шартномаи меҳнатӣ бекор карда шудааст, корфармо бо фармонаш шартномаро пас аз талаби даъвогар оид ба пардохти музди маоши изофакорӣ, қатъ намудааст, даъвогар вақҳ овардааст, ки барои қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо асос мавҷуд нест (м.42 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон), хоҳиши корманд оид ба пардохти музди маоши изофакорӣ асос барои қатъ кардани шартнома асос шуда наметавонад. Бо чунин тарзи таҳлил ба хулоса омадан мумкин аст, ки талаботи даъво асоснок мебошад.

Дар марҳилаи ҷавобгар, санҷидани асоснокии норозигиҳои ҷавобгар лозим аст ва барои ин асоснокии норозигии ҷавобгар бояд санҷида шавад. Ба судя зарур мешавад, ки ба саволи зерин ҷавоб гирад: “Агар ҳолатҳои дар норозигӣ овардаи ҷавобгар асоснок бошанд, оё даъво қонеъ мегардад?”.

Аз норозигиҳои ҷавобгар бармеояд инчунин, ӯ тасдиқ мекунад ё баҳс намекунад, ки байни онҳо рӯзи 3 апрели соли 2022 шартномаи меҳнатӣ баста шудаст, шартномаи меҳнатӣ ба муҳлати як сол баста шуда, ин муҳлат ба охир расидааст, фармон оид ба қатъ намудани шартнома рӯзӣ 3 апрели соли 2023 қабул шудааст, шартномаи меҳнатӣ дар асоси қ.1 м.46 Кодекси меҳнат қатъ карда шудаст. Хулоса норозигии ҷавобгар назаррас мебошад ва мумкин аст даъво беасос бошад.

Дар марҳилаи исбокунӣ, натиҷаи баҳс аз исботкунии як ҳолати баҳснок вобаста аст, яъне “Байни тарафҳо чӣ гуна шартнома баста шудааст - муҳлатнок (ба муҳлати як сол) ё ба муҳлати номуайян?”.

Ҳар яке аз тарафҳо уҳдадоранд оид ба тасдиқи танҳо як ҳолат далел пешниҳод намоянд. Судя таҳлили парвандаро бо хулосаи пешакии зерин ба итмом мерасонад: агар даъвогар исбот кунад ки шартнома ба муҳлати

номуайян баста шуда буд - даъво қонеъ карда мешавад, вале агар ҷавобгар исбот кунад, ки шартномаи муҳлатнок (ба муҳлати як сол) баста шуда буд - даъво рад карда мешавад.

Судяе, ки таҷрибаи кофӣ надорад, ҳатто дар мавриди баҳси одӣ, майл мекунад, ки ваҷҳҳои овардаи тарафҳоро аз парванда то ҳадди имкон пурра дар ҷадвали муқоисавӣ дарҷ намояд. Бо ин, ӯ кӯшиш мекунад, ки худро аз хавфи аз даст додани ягон ҳолати муҳим зимни баррасии парванда, муҳофизат кунад. Барои он ки, аз он шумораи зиёди ҳолатҳои дарҷ намуда, ҳолатҳои барои ҳалли парванда аҳамият доштаро ҷудо намудан, ба судя дар охир зарур мешавад, ки ҳар як нуктаи ҷадвали ҷамъваории ҳолатҳоро аз нав дида барояд ва тасдиқҳоеро, ки баръало барои ҳалл парванда аҳамият надоранд ва такрор мешаванд, истисно намояд. Вале агар, ӯ муқарар намояд, ки ин ё он ваҷҳҳои (далелҳои) овардаи тарафҳо дар рафти мурофиаи судӣ аҳамияти худро гум кардаанд, онҳоро низ аз ҷадвал хориҷ менамояд.

Дар натиҷа, чунин равиш имкон медиҳад, ки тамоми ваҷҳҳои (далелҳои) овардаи тарафҳо оид ба ҳолатҳо дар ҷадвали муқоисавӣ пешниҳод ва онҳо мувофиқи самтҳои предметӣ батартиб дароварда шаванд. Сарфи назар аз мураккабии ин раванд дар назари аввал танҳо бо кумаки он, кафолат додан мумкин аст, ки дар мисоли парвандаҳои печ дар печ, суд ягон ҳолати барои ҳалли парванда аҳамиятдоштаро аз даст намедиҳад. Ҷамъоварии ҳолатҳо аз маводи парванда дар чунин ҷадвал инчунин, зимни тафтиши ҷанбаҳои ҳуқуқӣ низ кумак мерасонад. Бартарии назаррасӣ техникаи мазкур аз он иборат аст, ки он имкон медиҳад, ки тасдиқи тарафҳоро, ки ба таҳқиқи далелҳо ниёз доранд ба зудӣ муайян карда, аз таҳқиқи нолозими далелҳо оид ба ҳолатҳои бебаҳс ё барои парванда аҳамият надошта пешгирӣ намояд. Бо истифода аз техникаи кории мазкур фаъолияти судя то андозае осон гашта, ба баррасии саривақтаи парванда мусоидат менамояд.

Бартарии дигари муҳим дар он аст, ки маводи парванда тақрибан боз як маротиба дақиқ ва пурра таҳлил карда мешавад. Агар аз мазмуни ҳуҷҷати мурофиавие, ки баъдан пешниҳод шудааст ё аз баромади тарафҳо ҳангоми мурофиаи суди, дигар ҳолатҳои аҳамиятдошта ошкор карда шаванд, онҳоро низ бе душвори ба ҷадвал ворид кардан мумкин аст. Судя метавонад ҷадвали ҳолатҳоро ба парванда замима кунад ва онро дар он ҷо гузорад. Дар ҳар як мурофиаи судии навбатӣ, судя бо истифода аз ин ҷадвал зуд ва бе кӯшиши зиёд ҳолатҳои барои ҳалли парванда аҳамиятдоштаро ба хотир оварда, дигар тамоми парвандаро аз нав омӯхтан лозим намешавад. Чунин равиш ба судя имкон медиҳад, ки дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин ва босифат барои моҳиятан баррасӣ намудани парванда судӣ омода шавад. Аммо бояд дар хотир дошт,

ки ин ҷадвали ҳолатҳои парванда лоиҳаи шахсии судя мебошад, на ин ки қисми расмии ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ. Аз ин рӯ, тарафҳо ҳуқуқ надоранд талаб намоянд, ки ба онҳо барои шинос шудан ин лоиҳа пешниҳод карда шавад.

Баъдан, тавассути ин ҷадвали ҳолатҳои парванда бидуни мушкили мумкин аст қисми баёнии ҳалнома тартиб дода шавад.

Пас аз он ки судя мувофиқи қоидаҳои дар боло зикргардида ҳолатҳои пешниҳодкардаи тарафҳоро ба тартиб дароварда ҷамъбаст намудааст, ӯ фаъолияти ҳуқуқӣ - санҷиши асоснокии даъворо оғоз менамояд.

Зимнан, санҷиш аз ду марҳила иборат аст:

Аввал, бояд тафтиш карда шавад, ки оё даъво дар асоси ваҷҳҳои (далелҳои) воқеии пешниҳодкардаи даъвогар асоснок аст, яъне оё даъвогар аз рӯйи қонун ҳуқуқи пешниҳод намудани талаботро дорад (ба истилоҳ, марҳилаи даъвогар).

Агар дошта бошад, пас қадами навбатӣ аз тафтиши он ки оё норозигиҳои ҷавобгар ба амалигардонии талаботи даъвогии даъвогар монеъа мегардад ва ба кадом андоза ин норозигиҳо нисбат ба ваҷҳҳои (далелҳои) овардаи даъвогар назаррас ва ҷиддӣ мебошанд (ба истилоҳ мариҳилаи ҷавобгар). Дар хотир доштан лозим аст, ки дар ин марҳилаи санҷиш ба воқеият мувофиқ будани ё набудани тасдиқи тарафҳо аҳамият надорад.

1. Марҳилаи даъвогар:

Дар марҳилаи мазкур судя ба тамоми ҳолатҳои бебаҳс оид ба парванда ва ваҷҳҳои (далелҳои) баҳсноки даъвогар баҳои ҳуқуқӣ медиҳад. Иқтибосҳои пешакӣ омодашудаи ҳолатҳои парванда ба судя хеле муфид хоҳанд буд, чунки санҷиш дар доираи сутуни чапи ҷадвали муқоисавии ҳолатҳои парвандаи болозикр, маҳдуд мешавад. Дар баробари ин судя ба худ чунин савол медиҳад: “Агар фарз кунем, ки ҳамаи тасдиқи даъвогар ба воқеият (рост) мувофиқанд, пас оё даъвои ӯ асоснок мешавад?".

Тартиби махсуси фикркунии судя дар ин марҳила ҳамеша аз оқибати мушаххаси ҳуқуқие оғоз меёбад, ки даъвогар дар аризаи даъвогии худ талаб мекунад (масалан: иҷрои уҳдадорӣ, баргардонидани ашё, ҷуброни зиён, худдорӣ намудан аз содир намудани амали муайян), баъд аз ин ба ҷустуҷӯи меъёри ҳуқуқӣ, ки ба чунин оқибати ҳуқуқии мувофиқ оварда мерасонад, сипас ба муқаррар кардани мавҷуд будани шартҳои татбиқ намудани меъёри ба даст оварадшуда (аломатҳои бандубасткунанда) ва бо тафтиш намудани ҳолатҳои воқеии пешниҳодкардаи даъвогар (ва танҳо ӯ!) ба шартҳои меъёри мазкур, хотима меёбад.

Бинобар ин, даъво дар он маврид асоснок ҳисобида мешавад, агар:

а) дар қонун, меъёре бо оқибатҳои ҳуқуқе мавҷуд бошад, ки ба талаботи даъвогар мувофиқ бошад (ё ин ки оқибати ҳуқуқие, ки даъвогар онро талаб дорад аз шартнома барояд) ва

б) ҳолатҳои изҳорнамудаи даъвогар ба шартҳои (аломатҳои бандубасткунаи) ҳамин меъёри ҳуқуқи (ё матни шартнома) мувофиқат кунанд.

Чунин меъёр дар қонун асоси ҳуқуқи талабот номида мешавад. Таҳти мафҳуми асоси ҳуқуқи талабот, меъёре дар қонун фаҳмида мешавад, ки мувофиқи он як тараф ҳуқуқ дорад аз тарафи дигар иҷроро аз ҷумла, амал ё беамалӣ, ҳангоми иҷрошавии шартҳои бандубасткунандаи мушаххаси дар қонун пешбинишударо, талаб намояд.

Бинобар ин, асоси ҳуқуқи талабот (меъёр) аз ду қисм иборат мебошад: тавсифи умумии ҳолатҳои муайянӣ воқеӣ дар шакли абстрактӣ (ба истилоҳ, аломатҳои бандубасткунанда) ва оқибати ҳуқуқие, ки фарорасии онро қонун дар сурати мавҷуд будани маълумотҳои аломатҳои бандубасткнанда (қонеъгардонии шартҳои татбиқи меъёр) пешбинӣ намудааст.

Асоси ҳуқуқи талаботи намунавӣ, масалан, дар қ.1 м.521 КМ пешниҳод шудааст ва дар он пешбинӣ шудааст, ки мутобиқи шартномаи хариду фурӯш як тараф (фурӯшанда) уҳдадор мешавад, ки молро ба моликияти тарафи дигар (харидор) диҳад ва харидор уҳдадор мешавад ин молро қабул карда, бар ивазаш маблағи муайяни пулӣ супорад, бинобар ин, меъёри мазкур дар худ ҳам аломатҳои (шартҳои) бандбубасткунанда ва ҳам фарорасии оқибатҳои ҳуқуқиро муқаррар менамояд. Аломатҳои бандубасткунанда дар меъёр бо калимаҳои “мутобиқи шартномаи хариду фурӯш” ва оқибатҳои ҳуқуқӣ бо зикри уҳдадории тарафҳо, яъне аз як тараф, уҳдадории фурӯшанда дар бораи ба моликияти харидор додани мол, аз тарафи дигар, уҳдадории харидор оид ба қабул ва пардохт намудани маблағи нархи мол, асос гузошта шудаанд.

Аммо, тавсияи “мутобиқи шартномаи хариду фурӯш .....” хеле мухтасар маҷмӯи ҳолатҳои воқеиро ифода мекунад, ки мавҷуд будани онҳо бояд тафтиш карда шаванд. Вале, агар дар як маврид мавҷуд будани чунин шартҳо ҳаммаъно бошад, масала, дар сурати мавриди баҳс қарор додани беэътибории шартнома ва танҳо масъалаҳои дигар, ба монанди сифати номатлуби мол, пас дар мавридҳои дигар баҳс дар бораи эътиборнокии шартномаи хариду фурӯш (масалан, қобилияти ҳуқуқдории тарафҳо, риояи шакли зарурии шартнома) метавонад боиси би миён омадани мушкилиҳо

ҳангоми тафтиши иҷроишӣ шартҳои меъёр гардад. Дар доираи тафтиш намудани аломати (шарти) бандубасткунандаи “мувофиқи шартномаи хариду фурӯш” судя маҷбур мешавад, ки пеш аз татбиқи оқибатҳои ҳуқуқӣ, ҳамаи ин мураккабиҳоро таҳқиқ намояд.

Пеш аз дар қонун ҷустуҷӯй намудани асосҳои ҳуқуқи талаботи дахлдор (меъёри татбиқшаванда), судя бояд ба таври ниҳоят дақиқ муайян намояд, ки даъвогар чиро махсус талаб дорад. Инро билохира, дар асоси худи талаботи даъво ва инчунин, бо роҳи асосноккунии он, муайян мумкин аст. Минбаъд судя бояд дар қонун он меъёрро (меъёрҳоеро), ки оқибати ҳуқуқии он (онҳо) ба талаботи даъвои даъвогар мувофиқ аст, муайян намояд. Ҷустуҷӯи меъёри дахлдор дониши хуби сохтори КМ ва муҳимтарин асосҳои ҳуқуқи талаботро, ки қонун пешбинӣ намудааст, тақозо менамояд.

Бояд дар хотир бояд дошт, ки судя бо асосҳои ҳуқуқи талабот (меъёрҳои ҳуқуқ), ки тарафҳо нишон додаанд, вобаста нест ва уҳдадор нест, ки онҳоро ҳамчун асос дар ҳалномаи худ истифода барад. Судя тафтиши муносибатҳои ҳуқуқиро мустақилона амалӣ менамояд. Бо назардошти принсипи дар боло зикршудаи диспозитивӣ, ӯ танҳо бо ҳолатҳои воқеии изҳоркардаи тарафҳо вобаста мебошад. Агар асоси ҳуқуқи талабот, ки оқибати ҳуқуқии он ба талаботи даъвогар мувофиқ аст, дарёфт шуда бошад, пас дар ин маврид боз иҷро шудани аломатҳои (шартҳои) бандубасткунандаи ин меъёр мувофиқи ҳолатҳои изҳорнамудаи даъвогар, бояд тафтиш карда шаванд. Ба ибораи дигар, судя ҳолатҳои пешниҳоднамудаи даъвогарро бо аломатҳои (шартҳои) алоҳидаи бандубасткунандаи меъёри ҳуқуқии баррасишаванда мутобиқ месозад. Ин раванд субсумсия номида мешавад. Дар баробари ин, судя, чӣ тавре, ки дар боло зикр гардид, бо ақидаҳои ҳуқуқии даъвогар (масалан, оид ба масъалаи шарҳи шартҳои шартнома ё изҳори ирода) вобаста намебошад.

Гарчанде, ки судя дар ин маврид танҳо ваҷҳҳои овардаи воқеии даъвогарро мутолиа мекунад, ӯ бояд онҳоро новобаста аз он ки вазъи ҳуқуқии даъвогар беҳтар ё бадтар мешавад, дар ҳаҷми пурра тафтиш намояд. Аз ин рӯ, судя набояд таҳқиқи худро танҳо ба масъалаи мутобиқати ҳолатҳои зикршуда ба шартҳои меъёри ҳуқуқии баррасишаванда маҳдуд намояд, балки баръакс, ӯ бояд ба он инчунин, ҳолатҳои минбаъд изҳор карда ё ин ки мавриди баҳс қарор нагирифтаи даъвогарро, ки ба ӯ оқибатҳои манфӣ хоҳад дошт, масалан, риояи шудани шартҳои меъёри муқобил ва бо ҳамин истисно ва ё қатъи минбаъдаи ҳуқуқи талаботро, низ дохил намояд.

Агар даъвогар барои асоснок кардани талаботи пешниҳодкардаи худ ба таври кофӣ ҳолатҳоро пешниҳод накунад, ваҷҳҳои (далелҳои) овардаи ӯ

беасос мебошанд ва дар ин маврид қонеъгардонии даъво бояд рад карда шавад.

Судя ҳама вақт бояд тафтиш намояд, ки бо ёрии кадом асоси ҳуқуқи талабот (меъёри қонун) ӯ метавонад роҳи кӯтоҳтарин ва аз ҷиҳати сарфаи мурофиавӣ ба мақсадҳои талабкардаи даъвогар ноил гардад. Аз ин рӯ, дар марҳилаи даъвогар судя ҳамаи асосҳои имконпазири ҳуқуқи талаботро (ҳам аз рӯйи шартнома ва ҳам аз рӯйи қонун) месанҷад. Зеро, зимни тафтиши минбаъдаи норозигии ҷавобгар мумкин маълум шавад, ки норозигии ҷавобгар нисбат ба як, вале на ба ҳамаи асосҳои ҳуқуқи талабот асоснок шуда метавонад, ки дар натиҷа даъво мумкин аст бе таҳқиқи далелҳо мувофиқи дигар меъёри қонун, қонеъ карда шавад. Агар судя дар доираи таҳқиқи худ, тамоми асосҳои ҳуқуқи талаботро баррасӣ намояд, дар ин сурат ӯ метавонад муқаррар намояд, ки дар асоси кадом меъёри қонуни татбиқшаванда бо ҳадди ақали харҷи имконпазири мурофиавӣ, ҳатто бо назардошти норозигии ҷавобгар, талаботи даъво метавонад асоснок бошад.

Марҳилаи даъвогар метавонад ба натиҷаи зерин расонад:

- агар дар қонун, асоси ҳуқуқи талаботи муносиб пайдо нагардад ё ин ки ҳолатҳои пешниҳоднамудаи даъвогар ба аломатҳои (шартҳои) бандубасткунандаи меъёри (ва ё мазмуни шартнома) дарёфтшуда мувофиқат накунанд, дар ин маврид таҳқиқи ҳуқуқӣ бо ин барои судя ба анҷом мерасад. Аз ҷумла, зарурияти таҳлили норозигии ҷавобгар аз байн меравад, зеро дар ин маврид он барои ҳалли парванда аҳамияте надорад. Инчунин, зарурати таҳқиқи далелҳо низ аз байн меравад. Даъво тибқи вақҳҳои (далелҳои) овардаи худи даъвогар беасос ҳисоб меравад ва бинобар ин, рад карда мешавад;

- аммо, агар дар марҳилаи даъвогар таҳқиқи ҳуқуқӣ нишон диҳад, ки дар асоси ҳамаи ҳолатҳои бебаҳс ва вақҳҳои (далелҳои) баҳсноки даъвогар, даъво пурра ё ақаллан қисман асоснок аст, пас дар марҳилаи ҷавобгар норозигиҳои ҷавобгар мавриди таҳқиқи ҳуқуқӣ қарор мегиранд.

2. Марҳилаи ҷавобгар:

Дар марҳилаи мазкур судя бояд тафтиш кунад, ки оё асоснок ҳисобидани даъво мумкин аст давом дода шавад, агар дар заминаи таҳқиқи ҳуқуқии талаботҳои дар марҳилаи даъвогар асоснок эътирофшуда, танҳо ба ҳолатҳои бебаҳс ва тасдиқи баҳсноки ҷавобгар асос ёфта бошад. Ҳамин тавр, судя акнун танҳо норозигии ҷавобгарро тафтиш карда, ба худ чунин савол медиҳад: “Агар фарз кунем, ки тасдиқи ҷавобгар ба воқеият (рост) мувофиқ аст, оё пас даъво беасос шуда метавонад?".

Ҳимояи ҷавобгар метавонад бо роҳи мавриди баҳс қарор додани ваҷҳҳои (далелҳои) овардаи даъвогар, ба таври оддӣ ё ин ки дар асоси пешниҳод намудани ҳолатҳои комилан дигар ва ё норозигӣ асос ёбад, ки қоидаи шартҳои муқобилро иҷро мекунанд ва аз ибтидо монеаи ба миён омадани талаботи пешниҳодшуда (масалан, ба синни балоғат нарасидан (қобилияти амалкунии маданӣ), мавриди баҳс қарор додани эътиборнокии аҳд), ки боиси қатъ гардидани талабот (масалан, иҷрои уҳдадорӣ, даст кашидан аз иҷро) ё маҳдуд намудани амалигардонии талабот (масалан, гузаштани муҳлати даъво, пардохти давра ба давра), шаванд.

Агар даъво дар ин маврид низ асоснок монад, пас маълум мегардад, ки норозигиҳои баҳсноки ҷавобгар барои ҳалли парванда аҳамият надоранд ва аз рӯйи парванда ҳалнома қабул кардан мумкин аст ва таҳқиқи далелҳо дар ин маврид талаб карда намешавад. Даъво бояд қонеъ карда шавад.

Масалан, чунин вазъиятҳоро вақте пешбинӣ кардан мумкин аст, ки ҷавобгар ҳолатҳои калидие, ки даъвогар ҷиҳати асоснок намудани талаботи худ истинод мекунад, баҳс намекунад ва тасдиқи баҳсноки ӯ танҳо ба он ҷанбаҳое дахл дорад, ки барои ҳалли парванда аҳамият надоранд.

Норозигҳои ҷавобгар инчунин, дар ҳолате камаҳамият мешаванд, агар ӯ ваҷҳҳои (далелҳои) овардаи даъвогарро (ҳама вақт ҳолатҳо!) мавриди баҳс қарор надода, балки танҳо ақидаҳои ҳуқуқии нодурустро дорад.

Агар ҷавобгар бевосита ҳолатеро, ки даъвогар талаботи худро ба он асоснок мекунад, эътироф намояд, чунин эътироф дар шакли хаттӣ бояд пешниҳод гардад ва ё дар протоколи маҷлиси суд қайд карда шавад. Эътироф намудани ҳолатҳоро аз эътирофи расмии даъво бояд фарқ намуд. Дар мавриди эътирофи даъво суд мутобиқи қ.5 м.202 КММ даъворо қонеъ мекунад.[15]

Шубҳаҳо дар он маврид метавонанд пайдо шаванд, вақте, ки ҷавобгар нияти мустақиман на мавриди баҳс қарор додан, на эътироф кардани ҳолатҳои пешниҳодкардаи даъвогарро надорад. Дар амалия чунин вазъиятҳо кам нестанд, ҷавобгар ҳолатҳои алоҳидаро бе шарҳу эзоҳ мегузорад ва дар норозигии худ нисбат ба даъво тамоман масъалаҳои дигарро, ки ба ҳалли парванда аҳамият надоранд ба миён мегузорад. Чунин амалҳоро бо сабабҳои хеле гуногун шарҳ додан мумкин аст, масалан, беэътиноии оддӣ нисбат ба ҳолатҳои пешниҳоднамудаи тарафи дигар дар аризаи даъвогӣ, ё ин ки таснифоти нодурусти ҳолат аз ҷиҳати камаҳамиятии ҳуқуқӣ барои ин парвандаи мушаххас. Дар бисёр мавридҳо хомушии тарафро бо бовари комил

[15] қ.5 м.202 КММ Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

аз аввал ҳамчун хоҳиш надоштан оид ба мавриди баҳс қарор додани ҳолатҳо ҳисоб кардан мумкин аст, агар пеш аз ин ӯ, чунин вақт ва имкониятро дошта бошад. Чунин “мавриди баҳс қарор надодан” аксар вақт, масалан, ба баёни муфассали заминаи парванда, аслӣ будани ҳуҷҷатҳо ё мазмуни шартномаҳое дахл дорад, ки тараҳо оид ба оқибатҳои ҳуқуқии он баҳс мекунанд. Агар судя эътироф намояд, ки чунин ҳолат бебаҳс мебошад, дар ин сурат, ин ба талаботҳои сарфаи мурофиавӣ дар ҳар маврид мувофиқат менамояд. Махсусан, чунин талабот он вақт пурра мегардад, ки тарафро адвокат намояндагӣ мекунад, ки одатан оид ба кадом ҳолатҳо барои ҳалли парванда аҳамият доранд, медонад.

Аммо, сарфи назар аз ин, судя метавонад инчунин, аз ҳуқуқи савол додан истифода барад. Ӯ метавонад аз ҷавобгар аниқ намояд, ки оё охирон нияти бебаҳс эътироф кардани ҳолатро дорад ё ин ки онро мавриди баҳс қарор медиҳад. Агар ҷавобгар ба саволи судя беэътиноӣ кунад, сукути ӯро эҳтимол ҳамчун эътирофи ҳолат арзёбӣ кардан лозим аст. Зеро, вазифаи тарафҳо аз пешниҳод намудани ҳолатҳо ва додани баёнот нисбат ба тасдиқи тарафи дигар иборат аст. Инчунин, ин вазифаи тарафро оид ба фаҳмондани мавқеи худ дар бораи рад ва ё эътироф намудани ҳолатро дар назар дорад.

Масъала ранги дигар мегирад, агар таҳқиқи ҳуқуқии ваҷҳҳои (далелҳои) овардаи ҷавобгар ба натиҷа оид ба беасос будани даъво аз рӯйи норозигиии ҷавобгар оварда расонад. Дар ин маврид, тасдиқи баҳснок назаррас мебошанд, аз ин рӯ, вобаста ба онҳо далелҳоро таҳқиқ намудан зарур аст.

Чунин вазъият, масалан, вақте рух медиҳад, ки ҷавобгар ҳолатҳои калидеро, ки даъвогар ҷиҳати асоснок намудани талаботи худ истинод намудааст, мавриди баҳс қарор медиҳад.

Масалан, ҳангоми пешниҳод намудани талабот, ки ба уҳдадориҳои шартномавӣ асос ёфтааст, ҷавобгар баста шудани чунин шартномаро мавриди баҳс қарор медиҳад. Дар ин маврид таҳқиқ намудани далелҳо вобаста ба ҳолати баста шудани шартнома зарур мегардад.

Аммо инчунин, имкон дорад, ки ҷавобгар норозиге пешниҳод намояд, ки барои амалигардонии талабот вобаста ба шартнома монеъагӣ кунад ва боиси қатъ гардидани он ва ё иҷрои ин талаботро душвор мегардонад (масалан, иҷро намудани уҳдадории дар даъво талабкардашуда, қатъ гардидани ҳуқуқ дар натиҷаи мавриди баҳс қарор додани эътиборнокии шартнома ё ин ки пешниҳод намудани даъвои муқобил барои баҳисобгирии гузаштани муҳлати даъво ва ғайраҳо). Маҷмӯи якчанд норозигҳои назарррас

имкон доранд, ҳатто агар онҳо аз ҷиҳати мантиқӣ ҳамдигарро истисно мекунанд.

Масалан, даъвогар бо талабот оид ба рӯёнидани арзиши хариди мошини ҷомашӯӣ даъво пешниҳод мекунад. Ҷавобгар, ки нисбати ӯ талабот пешниҳод шудааст, даъворо эътироф намекунад ва иизҳор менамояд, ки ӯ бо даъвогар оид ба фурӯши мошини ҷомашӯӣ шартнома набастааст. Илова бар ин, ҷавобгар норозигии зеринро пешниҳод менамояд: а) ӯ арзиши мошини ҷомашӯиро пардохт кардааст, б) даъвогар барои давра ба давра пардохт намудан розигӣ додааст, в) мошини ҷомашӯӣ кор намекунад.

Дар ин ҷо ҳалкунанда он мешавад, ки чӣ гуна даъвогар ба норозигии ҷавобгар эътино мекунад. Агар дар мисоли боло, даъвогар аққалан яке аз норозигиҳои муҳими ҷавобгарро мавриди баҳс қарор надиҳад, он гоҳ даъво бо назардошти ваҷҳҳои овардаи худи ӯ беасос мешавад ва аз ин рӯ, рад карда мешавад.

Аммо, агар даъвогар ба сифати раддияи ҳамаи норозигии ҷавобгар ҳолатҳои беҳтарини худро изҳор намояд, дар ин маврид бояд далелҳо оид ба ҳамаи ҳолатҳои баҳснокӣ парванда таҳқиқ карда шаванд.

Техникаи кории судя ин алгоритми муайяни амалҳои судя буда, аз ин марҳилаҳо иборат аст:

1. Омухтани маводи парванда;

2. Хулоса оид ба ҳолатҳои воқеии парванда;

3. Арзёбии ҳуқуқӣ:

- Марҳилаи даъвогар;
- Марҳилаи ҷавобгар;
- Исботкунӣ;
- Хулоса оид ба ҳалли баҳс.

Дар ҷамъбаст, қадамҳои кории судяро ба таври мухтасар чунин тавсиф кардан мумкин аст:

Дар аввал, имконпазирии қабули даъво, яъне масъалаи ба мурофиаи суд қабул, рад кардан ё баргардонидани аризаи даъвогӣ бояд тафтиш карда шавад.

Дар сурати имконпазир будани қабули даъво, бо парванда ҷамъоварӣ ва батартибдарории мунтазами ҳолатҳои пешниҳоднамудаи тарафҳо амалӣ карда мешавад. Ҳолатҳои баҳснок аз ҳолатҳои бебаҳс ҷудо карда мешаванд. Тасдиқҳое, ки барои ҳалли парванда аҳамият надоранд ё ин ки аз ҷиҳати нигоҳи мурофиавӣ мубрамии худро гум кардаанд, хориҷ карда мешаванд.

Баъд аз ин, судя дар ду марҳила татбиқи ҳуқуқро амалӣ менамояд. Дар марҳилаи якум ӯ асоснокии даъворо танҳо, дар асоси ваҷҳҳои (далелҳои,

ҳолатҳои) воқеии овардаи даъвогар бо назардошти ҳақиқӣ (рост) будани онҳо, тафтиш мекунад (марҳилаи даъвогар). Дар баробари ин ӯ дар қонун чунин асоси ҳуқуқи талаботро (меъёреро) ҷустуҷӯй менамояд, ки оқибати ҳуқуқии он ба талаботи даъвогар мувофиқ мебошад ва бо назардошти ҳолатҳои пешниҳоднамудаи даъвогар иҷро гардидани аломатҳои (шарҳои) бандубасткунандаи ин меъёрро месанҷад (ба истилоҳ, ҳуқуқтатбиққунӣ-субсумсия мегузаронад). Дар мавриди ҷой доштани якчанд асоси ҳуқуқи талабот ӯ ҳар кадоми онҳоро тафтиш мекунад. Агар санҷиш нишон диҳад, ки бо назардошти вақҳҳои овардаи воқеии худи даъвогар, даъво беасос мебошад, судя даъворо бе таҳқиқи минъбаъда рад мекунад.

Аммо, агар дар асоси вақҳҳои овардаи даъвогар, даъво пурра ё қисман асоснок бошад, яъне даъвогар ҳадди ақал як асоси ҳуқуқи талабот дорад, пас дар доираи марҳилаи баъдӣ (марҳилаи ҷавобгар), судя аллакай моҳияти норозигии ҷавобгарро бо назардошти асоснокии ҳолатҳои баёнкардаи ӯ тафтиш мекунад. Агар судя муқаррар намояд, ки тасдиқи ҷавобгар оид ба ҳолатҳо ба амалишавии ақаллан яке аз асосҳои ҳуқуқи талабот, ки барои даъвогар мусбӣ арзёбӣ шудааст, монеа накунад, ӯ даъворо бе тафтиши минбаъда қонеъ мегардонад. Аммо, агар ӯ дар асоси норозигии ҷавобгар ба хулоса оид ба рад намудани даъво (пурра ва ё қисман) ояд, он гоҳ бо масъалаҳои мавҷудбудаи баҳснок далелҳо таҳқиқ карда мешаванд.

§2. Методикаи гузаронидани баҳодиҳии экспертӣ;

Методикиаи баррасӣ ва ҳаллӣ парванда бояд ба дасти судя он воситаеро диҳад, ки тавассути он, ӯ мурофиаро самаранок пеш бурда, баъдан ҳалномаи асоснок ва қонунӣ қабул намояд. Ҳарду ин ҷанбаи методика муҳим мебошанд. Тасаввурот оид ба он, ки судя мурофиаро танҳо дар асоси принсипҳои КММ амалӣ менамояд ва танҳо пас аз анҷоми мурофиа, вақте ки ӯ танҳо ё бо ҳамтоёнаш дар хонаи алоҳида қарор дорад, дар бораи он фикр кунад, ки чӣ тавр ӯ бояд ин парвандаро ҳал кунад, нодурст мебошад. Фикрронӣ намудани он ки, чӣ гуна парванда бояд баррасӣ карда шавад, тамоми қадамҳои ӯро дар рафти пешбурди мурофиа бояд роҳбарӣ намояд. Судя ҳуқуқ надорад пешакӣ муқаррар намояд, ки парванда ин ё он тавр ҳал кардан кардан лозим аст. То ба охири мурофиа судя бояд "гӯшҳои кушода" дошта бошад, то ин шунавад, ки тарафҳоро чиро баён мекунанд ва вақҳҳои онҳо чӣ гуна мебошанд. Аммо, судя наметавонад мурофиаро самаранок роҳбарӣ кунад, агар пайваста дар рафти мурофиа фиккронӣ накунад, ки чӣ гуна қарор бо назардошти ҳолатҳои воқеии дар назари ӯ дуруст, имконпазир

мегардад. Ӯ бояд инчунин, ҳама вақт фикрронӣ кунад, ки кадом тасдиқи тарафҳо барои ҳалли парванда метавонанд аҳамият дошта бошанд ва кадоме аз онҳо аз нигоҳи ҳуқуқӣ камаҳамият мебошанд.

Судя бояд фикр кунад, ки нисбат ба кадом изҳоротҳо далелҳоро таҳқиқ намудан лозим аст ва кадом тасдиқи баҳсноки тарафҳоро, ба истилоҳ, ҳалнокарда мондан мумкин аст. Ҳатто агар, мулоҳизакунии парванда дар ҷараёни мурофиаи судӣ, билохир барои омода намудани ҳалномаи асоснок равона шуда бошад ҳам, бо вуҷуди ин, чунин фикрронӣ нисбат ба ҳалнома сифатҳои дигарро дорад. Ҳалномаи судӣ танҳо қарори қабулгардидаро асоснок мекунад. Фикрронӣ намудан бо ин ё он парванда, роҳи ҷустуҷӯӣ қарори дурустро, ки ҳануз ёфт нашудааст, тасвир мекунад. Зимни арзёбӣ, ки дар он, ба ибораи дигар, ҷустуҷӯи қарори дуруст меравад, вариантҳои гуногуни ҳалли онҳо фикрронӣ карда мешаванд. Инчунин, ин бояд дар баёнкунии забонӣ комилан фаҳмо бошад. Услуби худи ҳалномаи судӣ бояд аниқ нишон диҳад, ки дар асл, танҳо ҳамин ҳалнома ягона қарори имконпазир мебошад.

Дар мисол, агар даъвогар оид ба арзиши харид даъво пешниҳод кунад, пас дар услуби “баҳодиҳии экспертӣ” ин чунин маъно дорад, ки: даъвогар чунин ҳуқуқи талаботро вобаста ба шартномаи хариду фурӯш доро мебошад. Заминаи (шартӣ) ин, байни тарафҳо баста шудани шартномаи хариду фурӯш шуда метавонад.

Баҳодиҳии экспертӣ бо саволи он, ки оё ягон гуна ҳалли парванда имконпазир аст ё не, оғоз мешавад. Сипас тафтиш карда мешавад, ки оё барои ин заминаҳои воқеӣ ва ҳуқуқӣ вуҷуд доранд. Баъ аз ин, ба натиҷаи муайян меоянд.

Дар ҳалнома бошад, судя натиҷаи фаъолияти худро тавре асоснок мекард, ки худи ӯ чунин натиҷаро “пеш мегузорад”. Масалан, ӯ аз он оғоз мекунад, ки даъво асоснок аст, зеро тарафҳо шартномаи хариду фурӯш бастаанд. Шартномаи хариду фурӯшро аз он сабаб бастаанд, ки даъвогар кадом як вақт барои бастани он таклиф пешниҳод кардааст ва барои он ки ҷавобгар ин таклифро қабул кардааст ва ғайраҳо.

Фикрронӣ намудан бо ҳар як кадом парванда ба мақсад мувофиқ аст, зеро судя ниҳоят зуд аз натиҷаи алакай омодашуда барнамеояд. Аксар вақт дар амалия парвандаҳое дида мешаванд, ки дар назари аввал мумкин аст бечунучаро ҳал карда шаванд. Инчунин, аксар вақт чунин мешавад, ки ҳангоми мулоҳизакунии муфассали парванда барои қабули ҳалнома на заминаи воқеӣ ва на ҳуқуқӣ мавҷуд нестанд. Он чизе (вазъияте), ки аз мадди

назар монд, ин буд, ки ин парванда ба бисёри дигар монанд буд, аммо дар як нуктаи муҳим аз дигар парвандаҳо тафовут дорад.

Сохтори пурраи таҳлили ҳуқуқӣ чунин тавр мебошад:

1. Маводи (фабулаи) парванда;

2. Хулоса оид ба ҳолатҳои воқеии парванда;

2.1. Тасдиқи даъвогар;

2.2. Тасдиқи ҷавобгар;

2.3. Ҳолатҳои бебаҳс (В);

2.4. Тасдиқи даъвогар, ки ҷавобгар онҳоро мавриди баҳс қарор додааст (А);

2.5. Тасдиқи ҷавобгар, ки даъвогар (онҳоро мавриди баҳс қарор додааст (С).

Баҳодиҳии экспертӣ унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

- Асоснокии тасдиқи даъвогар (А+В);
- Асоснокии тасдиқи ҷавобгар (С+В);
- Исботкунӣ;
- Хулоса доир ба қарор.

Баҳодиҳии экспертӣ аз тафтиши асоснок будани даъво ва ҷустуҷӯи асосҳои ҳуқуқи талаботи даъвогар оғоз меёбад. Судя асоснок тафтиш мекнад, ки оё талаботи даъвогар асоснок мегардад, агар ҳамаи ҳолатҳое, ки даъвогар пешниҳод кардааст ҳақиқӣ (рост) бошанд (А+В).

Асоснок будани даъво (А+В): Ба асос ҳолатҳои бебаҳс (В) ва тасдиқи баҳсноки даъвогар (А) гирифта мешаваед. Тафтиш намудани асоснокии даъво аз ҷустуҷӯи асосҳои ҳуқуқи талабот оғоз мегардад. Ин меъёри ҳуқуқи моддие мебошад ва аз он бармеояд, ки ҷавобгар уҳдадор аст талаботии даъвогарро иҷро намояд.

Мисол, мувофиқи қ.2 м.1204 КМ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки фаъолияти онҳо бо хатари зиёд барои атрофиён алоқаманд мебошад (ташкилотҳои нақлиётӣ, корхонаҳои саноатӣ, сохтмон, соҳибони воситаҳои нақлиёт ва ғайра), агар исбот карда натавонанд, ки зарар дар натиҷаи нерӯи рафънопазир ё қасди ҷабрдида рух додааст, уҳдадоранд зарари тавассути манбаи хатари зиёд расондашударо ҷуброн намоянд.

Намунаи таҳлили парванда бо истифодаи техникаи кории судя бо баҳси мерос чунин шуда метавонад: Даъвогар Каримӣ З.А. беэътибор донистани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯйи қонун аз 7 июли соли 2016 ба номи Қурбониён А.З. ва шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматиро байни Қурбониён А.З. ва Давлатзода Ҳ. аз 8 октябри соли 2016, барои он талаб кардаст, ки аҳдҳои мазкур хилофи қонун мебошанд, зеро

ҳуқуқҳои кӯдаки ноболиғи ӯ, ки фарзанди марҳум Тоиров З., ки 29 декабри соли 2015 вафот кардаст, мебошад барои гирифтани мерос халалдор карда шуданд.

Мувофиқи м.183 КМ шарти беэътибории аҳд ин хилофи қонун будани он мебошад.

Бо ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдонамудаи суд аз 4 апрели соли 2016 ҳолати эътирофи падарии марҳум Тоиров З. нисбат ба фарзанди Каримӣ З.А. муқаррар карда шудааст ва ин ҳолат тибқи талаботи моддаи 64 КММ исботро талаб намекунад. Бинобар ин вақҳои ҷавобгар оид ба баҳснок будани ин ҳолат ва аз ҷониби ӯ пешниҳод намудани шикояти назоратӣ қобили қабул нест.

Тибқи қ.1 м.1274 КМ меросгирони навбати якум тибқи қонун аз рӯйи ҳиссаҳои баробар фарзандон (инчунин, фарзандхондшудагон), ҳамсар ва падару модар, фарзандхонди меросгузор инчунин, кӯдаки шахси вафоткарда, ки пас аз вафоти ӯ зинда таваллуд шудааст, мебошанд.

Дар чунин ҳолат фарзанди Каримӣ З.А. ҳамчун фарзанди меросгузор марҳум Тоиров З. вориси навбати аввали меросгузор ҳисоб буда, ҳангоми ба расмият даровардани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос, ҳуқуқҳои меросии ӯ ба манзили меросӣ вайрон карда шуданд.

Бо ҳамин асос шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ низ аҳди хилофи қонун аст ва даъвои Каримӣ З.А. асоснок мебошад.

Ё ин ки, намунаи таҳлили парванда бо истифодаи техникаи кории судя бо дигар парванда низ ба сифати мисол оварда мешавад: Даъвогар Шарифзода М. рӯёнидани 440 000 сомониро аз ҷавобгар Саидзода М. ҳамчун дорошавии беасос талаб кардааст. Барои пайдо шудани уҳдадориҳо аз рӯйи дорошавии беасос бояд се шарти дар моддаи 1117 КМ пешбинишуда ҷой дошта бошанд, яъне аз ҳисоби шахси дигар ба даст овардан ё нигоҳ доштан ва бидуни асосҳои бо қонун муқарраргардида.

Муқаррар гардид, ки ҷавобгар Саидзода М. маблағи зикршударо тибқи супориши шифоҳии Пулодӣ Қ. ҳамчун маблағи шартномаи хариду фурӯш гирифта ба Шарифзода М. калиди манзили истиқоматиро супоридааст. Пулодӣ Қ. барои иҷрои амали зикршуда ба Саидзода М. тариқи хаттӣ ваколатнома надодааст. Ҳолатҳои мазкур шаҳодати он мебошанд, ки байни Пулодӣ Қ. ва Саидзода М. шартномаи супориш тибқи талаботи қ.1 м. 1085 КМ шифоҳӣ баста шуда, тибқи он, мувофиқи шартномаи супориш як тараф (вакил) уҳдадор мешавад аз ном ва аз ҳисоби тарафи дигар (ваколатдиҳанда) амали муайяни ҳуқуқиро анҷом диҳад. Дар ин ҳолат Саидзода М. уҳдадор шудааст, ки бо супориши Пулодӣ Қ. аз даъвогар

Шарифзода М. маблағи манзили истиқоматиро гирифта калиди манзили истиқоматиро супорад.

Шакли хаттии шартномаи супориш риоя нашуда бошад ҳам, мувофиқи м.176 КМ ин ҳолат тарафҳоро аз ҳуқуқи мавриди баҳс қарор додани тасдиқи аҳд ва шартҳои он аз истинод ба нишондоди шоҳидон маҳрум месозад. Мавҷуд будани шартномаи супориш аз ҷониби тарафҳо мавриди баҳс қарор дода нашудааст.

Мутобиқи қ.1 м.1085 КМ вобаста ба аҳде, ки вакил иҷро мекунад ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро бевосита ваколатдиҳанда пайдо мекунад.

Дар чунин ҳолат эътироф карда мешавад, ки маблағи манзили истиқоматиро ҳамчун фурӯшандаи манзил Пулодӣ Қ. гирифтааст. Даъвои Шарифзода М. ҳамчун харидор тибқи талаботи қ.2 м.1085 КМ танҳо ба тарафи шартнома фурӯшанда Пулодӣ Қ. пешниҳод шуда метавонад.

Ҳамин тариқ асоси ҳуқуқи талабот барои талаб кардани маблағи 440000 аз Саидзода М. ҳамчун дорошавии беасос мавҷуд нест, зеро аломатҳои меъёри м.1227 КМ ба даст овардан ё нигоҳ доштани молу мулк бидуни асосҳои бо қонун муқарраргардида мавҷуд нестанд ва талабот беасос аст.

Даъвогар Шарифзода М. аз ҷавобгар Саидзода М. инчунин, рӯёнидани зарарро ба маблағи 120 000 масъалагузорӣ намудааст. Шарти татбиқи рӯёнидани зарар тибқи талаботи м.1189 КМ бо амал (беамалӣ)-и ғайриқонунӣ ба шахс ё молу мулки шахси воқеӣ расонидани зарар аст. Чунин ҳолат дар муносибатҳои даъвогар Шарифзода М. ва Саидзода М. ҷой надоштанд, зеро Саидзода М. супориши Пулодӣ Қ.-ро иҷро намуда маблағро тибқи супориши харидор гирифтааст ва дар ҳаракатҳои Саидзода М. амал ё беамалие, ки ҳуқуқҳои даъвогарро вайрон мекунанд мавҷуд нестанд. Аз ин рӯ ин талабот низ беасос аст.

Инчуни даъвогар Шарифзода М. хоҳиш кардааст, ки аз Пулодӣ Қ. зарар ба маблағи 7000 сомонӣ хароҷоти барои барасмиятдарории шартномаи қарз сарфшуда рӯёнида шавад.

Муносибатҳои Пулодӣ Қ. ва Шарифзода М. танҳо бо бастани шартномаи хариду фурӯш маҳдуд мешаванд. Дар амалҳои Пулодӣ Қ. амал ё беамалие, ки ҳуқуқҳои даъвогарро халалдор карда бошанд мавҷуд нестанд ва ҳолати мазкур рӯёнидани зарарро аз Пулодӣ Қ. истисно менамояд.

Фасли II. Истифодаи методикаи омодасозии парванда, муҳокимаи судӣ ва таҳияи ҳалномаи судӣ.

Боби 3. Ҷанбаҳои мурофиавии марҳилаи қабули аризаи даъвогӣ.

Мурофиаи судии маданӣ бо худ маҷмӯи амалҳои мурофиавиеро ифода мекунад, ки бо қонуни мурофиавии маданӣ танзим ёфта ҷиҳати ба амал баровардани адолати судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ равона шудааст.

Амалҳои мурофиавии мадании дарҷшударо судҳо (судя, суди марҳилаи якум, кассатсионӣ ва назоратӣ) инчунин, дигар субъектҳои ба баррасии парвандаи маданӣ ҷалб кардашуда, анҷом медиҳанд.

Мурофиаи судии маданӣ амалҳои гуногунро дар бар мегирад, вале ҳамаи онҳо мақсади ниҳоии саривақт ва дуруст ба амал баровардани адолати судӣ бо парвандаи мушаххаси маданиро доранд.

Дуруст ва саривақт баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳои маданӣ яке аз принсипҳои КММ ба ҳисоб рафта, ҷиҳати амалигардонии онҳо дар назди судя вазифаҳои мурофиавиро тақозо менамояд.[16]

Таҳти мафҳуми адолати судии “бамаврид” чунин фаъолияти мурофиавие фаҳмида мешавад, ки мувофиқи муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонун ё суд амалӣ карда шавад. Адолати судии “дуруст” маънои қонунӣ, асоснок ва одилона баррасӣ ва ҳал намудани баҳс оид ба ҳуқуқро дорад. Истифодабарии ин ду мафҳум дар қонун барои тавсифи натиҷаи мурофиаи судии маданӣ маънои ду вазифаи мустақили мурофиаи маданиро надорад, зеро саривақтӣ ва қонунӣ будани ба амалбарории адолати судӣ ба ҳамдигар мухолиф набуда, маҷмӯи ягонаро ташкил медиҳанд - суръат набояд хилофи қонун инчунин, дурустии доираи ҳуқуқ набояд бо расмиёти бюрократӣ алоқаманд бошанд.

Ба мурофиаи судии маданӣ ду вазифаи асосии мурофиавӣ рабт дорад:

1. Баррасӣ ва ҳалли парванда.

2. Аз нав баррасӣ намудани санадҳои судӣ (фармон, ҳалнома, қарор ва таъинотҳои судӣ).

Суд бояд ин вазифаҳоро пай дар пай бо тартиби дар қонун пешбинишуда иҷро намояд. Баррасӣ ва ҳалли ҳама гуна парванда бо тартиби мурофиаи судӣ ҳатмӣ мебошад, дар ҳоле ки аз нав дида баромадани санадҳои судӣ аз ҳолатҳои мушаххаси парванда, ба монанди шикоят овардани шахсони манфиатдор ё эътирози прокурор нисбат ба санади судии қабулкардаи суд ба марҳилаи судии болоӣ вобастагӣ дорад.

---

[16] м.3 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Ҳар яке аз вазифаҳои зикршуда маънои самти фаъолияти мурофиавиро ба ҳалли чунин масъалаҳо, аз қабили моҳиятан баррасӣ намудани парванда, тафтиш намудани қонунӣ, асоснок ва одилона будани санади судии ҳуқуқтатбиққунандаро дорад. Он бо ҳайати махсуси иштирокдорони мурофиаи судӣ, махсусияти ҳуқуқу уҳдадориҳои ба онҳо додашуда ва хусусияти фаъолияти мурофиавӣ фарқ мекунад. Ба ибораи дигар, ҳар як вазифа муносибатҳои махсуси ҳуқуқии мурофиавии мадании ба худ хос мансуб аст.

Мурофиа дар суди марҳилаи якум марҳилаи асосии мурофиаи маданӣ ҳисоб рафта, дар он парвандаи маданӣ оғоз, ташаккул ва бо далелҳо пурра карда шуда, моҳиятан баррасӣ карда мешавад. Ба таври идеалӣ, парвандаи маданӣ маҳз дар ин марҳила бояд ҳалли ниҳоӣ ва дурусти худро ёбад. Ваколатҳои суди марҳилаи якум нисбат ба марҳилаҳои минбаъдаи судӣ хеле фарохтаранд. Мақсади асосии марҳилаҳои болоӣ аз ислоҳи хатоҳои эҳтимолӣ, вале на моҳиятан ҳал намудани парванда мебошанд.

Аз ҷумла, танҳо дар суди марҳилаи якум талаботҳои даъво ташаккул, аниқ ва ё тайғир дода мешаванд. Танҳо ба ҳамин марҳилаи судӣ, ба истиснои баъзе мавридҳо, далелҳо аз ҷониби тарафҳо ва дигар шахсони иштирокдорони парванда пешниҳод карда мешаванд. Суд уҳдадор аст, далелҳоро дар маҷлиси судӣ таҳқиқ намуда, натиҷаҳои баҳодиҳии далелҳоро дар ҳалнома дарҷ намояд.[17]

Норасоиҳо ва ё хатоҳои дар ин марҳилаи мурофиаи судӣ роҳ додашударо на ҳама вақт дар марҳилаҳои минбаъдаи болоии судӣ, ки ба вазифаҳои дигар вобаста ба санҷиши асоснок ва қонунӣ будани санадҳои суди марҳилаи якум алоқаманд мебошад, бартараф кардан мумкин аст.

Аз ин рӯ, нақши бартаридошта дар мурофиаи маданӣ ба судяе, ки дар суди марҳилаи якум фаъолият мекунад, тааллуқ дорад. Маҳз аз амалҳои мурофиавии ӯ, пеш аз ҳама, он вобаста аст, ки парвандаи маданӣ то чӣ андоза саривақт ва дуруст баррасӣ ва ҳал карда шуда, ҳифзи судии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии вайронгардида ё мавриди баҳс қарордоштаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад.

[17]к.4 м.70 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

§1. Имконпазир будани қабули даъво. Қабули аризаи даъвогӣ ва амалҳои судя пас аз пешниҳоди даъво;

Вазифаҳои мурофиаи судии маданӣ аз дуруст ва саривақт баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳои маданӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии вайронгардида ё мавриди баҳс қарордоштаи шаҳрвандон (шахсони воқеӣ), шахсони ҳуқуқӣ инчунин, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони дигар, ки субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, манзил, замин, экологӣ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд, иборат аст. Мурофиаи судии маданӣ ба таҳкими адолат, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, ташаккули муносибати эҳтиромона ба ҳуқуқ ва суд бояд мусоидат намояд.[18]

Ҳар шахси манфиатдор тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии судии маданӣ барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии вайронгардида ё мавриди баҳс қарордоштаи худ ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ дорад.[19]

Принсипи мазкур аз муқаррароти м.м.17 ва 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ инчунин, баробариро ба адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳоро қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк кафолат додааст, сарчашма мегирад.

Моҳияти принсипи ҳифзи судӣ аз он иборат аст, ки ҳеҷ кас ба амалисозии ҳуқуқҳои мадании шахси дигар, монеъ шуда наметавонад ва худи ҳуқуқдори ҳуқуқи субъективӣ (қобилияти ҳуқуқдории маданӣ) аз имконияти ҳуқуқӣ истифода бурда, бартараф намудани монеаҳоро оид ба амалисозии ҳуқуқ ё ин ки барқарор намудани ҳуқуқеро, ки алакай вайрон шудааст, талаб мекунад.

Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки Конститутсия ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро афзалиятнок эътироф намуда, онро кафолат додааст. Мафҳуми ҳимояи ҳуқуқ дар фаъолияти шахсони ваколатдор оид ба татбиқи тарзу тадбирҳое (чораҳое), ки барои барқарорсозии ҳуқуқи вайроншуда, ҷазо додани гунаҳгор ва пешгирии вайронкунии ҳуқуқ равона гардидааст, ифода меёбад. Ба амал баровардани

[18] м.3 КММ,

[19] қ.1 м.4 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

ҳуқуқи ҳар як шахс оид ба ҳифзи судӣ на танҳо ҳуқуқи бо ариза ба суд мурочиат кардан, балки аз тарафи суди босалоҳият, мустақил ва беғараз моҳиятан, дар асоси қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳал намудани парванда инчунин, қабул кардани санади судие, ки дар асоси он ҳуқуқҳои вайронгардидаи шахси барои ҳимоя мурочиат кардааст барқарор мегарданд, фаҳмида мешавад. Босалоҳиятии суд дар он ифода меёбад, ки судҳо танҳо дар доираи ваколатҳои худ ҳуқуқи баррасӣ намудани парвандаро доранд. Аз дуруст муайян кардани салоҳияти ин ё он суд, қонунӣ ва асоснок будани санади судии қабулшуда вобастагӣ дорад.[20]

Ҳимояи ҳуқуқҳои мадании вайронгардида ё мавриди баҳс қарордоштаро суди юрисдиксияи умумӣ, суди иқтисодӣ, суди ҳакамӣ ё арбитражӣ тибқи тобеияти идоравии парвандаҳо, ки дар қонунгузории мурофиавӣ муқаррар гардидааст, амалӣ менамоянд.[21]

Салоҳияти суди юрисдиксияи умумӣ аз салоҳиятҳои Суди конститутсионӣ ва судҳои иқтисодӣ аз рӯйи қоидаҳои тобеияти идоравӣ фарқ мекунад. Салоҳияти суди юрисдиксияи умумӣ (Суди Олӣ, Суди ҳарбӣ, Суди ВМКБ, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳия) оид ба баррасии парвандаҳои мушаххас аз рӯйи тобеияти судӣ муайян карда мешаванд.

Адолати судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии судии маданӣ танҳо аз ҷониби судяҳо ва судҳои юрисдиксияи умумӣ амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, ягон мақомот ё шахси дигар ҳуқуқи амалӣ намудани адолати судиро надоранд.[22]

Мувофиқи меъёри КМ ҳуқуқҳои маданӣ бо тарзҳои зерин ҳимоя карда мешаванд:

- эътирофи ҳуқуқ;

- барқарор намудани ҳолате, ки то вайрон гардидани ҳуқуқ ҷой дошт ва пешгирӣ намудани амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ё барои вайрон кардани он таҳдид менамоянд;

- беэътибор донистани аҳди баҳснок ва татбиқи оқибатҳои беэътибор донистани онҳо, татбиқи оқибатҳои беэътибор донистани аҳди беоқибат;

- беэътибор донистани санади мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ва ташкилотҳои дигар;

- худҳимоякунии ҳуқуқ;

- маҷбур намудан ба иҷрои уҳдадориҳо дар шакли асл;

---

[20]б.6 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №5 аз 29 сентябри соли 2014 “Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/mfs/

[21]қ.1 м.10 КМ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

[22]қ.2 м.2 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

- ҷуброни зиён;

- рӯёнидани ноустуворона;

- товони зарари маънавӣ;

- қатъ кардан ё тайғир додани муносибати ҳуқуқӣ;

- аз ҷониби суд татбиқ накардани санади хилофи қонунгузорӣ қабулнамудаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ва ташкилотҳои дигар;

- бо тарзҳои дигари пешбининамудаи қонунгузорӣ.[23]

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои маданиашонро бо ирода ва ба манфиати худ ба даст оварда, бо салоҳдиди худ амалӣ менамоянд. Аз ин рӯ, тарзҳои ҳимоя намудани ҳуқуқи маданӣ интихоб ва салоҳдиди тарафҳо буда, суд бояд адолати судиро оид ба парвандаҳои маданӣ дар асоси принсипҳои конститутсионии мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо ба амал бароварда, мустақилият, беғаразӣ ва холисии худро нигоҳ дошта, роҳбарии мурофиаро анҷом дода, ба шахсони иштирокдорони парванда ҳуқуқ ва уҳдадориҳояшонро фаҳмонида, оид ба оқибатҳои содир кардан ё накардани амалҳои мурофиавӣ огоҳ сохта, ба онҳо дар татбиқи ҳуқуқҳояшон мусоидат намуда, барои таҳқиқи ҳамаҷониба ва пурраи далелҳо, муқаррар намудани ҳолатҳои воқеи ва истифодаи дурусти қонунҳо ҳангоми ҳалли парвандаҳои маданӣ шароит фароҳам оварад.[24]

Масалан, мувофиқи м.19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз” ҳар як шахс ё гурӯҳи шахсон, ки худро ҷабрдидаи табъиз мешуморанд, ҳуқуқ доранд ба суд бо талабот оид ба муқаррар намудани ҳолати вайронкунии ҳуқуқи шахс ба муносибати баробар ё ин ки манъ кардани амалҳое, ки ҳуқуқи шахс ба муносибати баробар ва (ё) амалӣ кардани тадбирҳо оид ба бартараф намудани табъиз ё оқибатҳои онро вайрон кардаанд ё метавонанд вайрон кунанд инчунин, оид ба ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ барои риоя накардани ҳуқуқҳое, ки бо Қонуни мазкур ҳифз шудаанд ва ё беэътибор донистани санаде, ки боиси ба миён омадани ҳолати табъиз гардидааст ва бо талаботи дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиат намоянд. Муроҳиатҳо оид ба ҳимоя аз табъиз, ки дар моддаи мазкур номбар шудаанд, аз ҷониби суди дахлдор мутобиқи муқаррароти қонунгузории мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд.

Дар баробари ин ба ҳама ҳимояи судӣ кафолат дода мешавад. Дар доираи муҳокимаи судӣ ва дар асоси ҳалномаи суд, давлат монеаҳоро барои

[23] м.11 КМ,

[24]м.13 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

амалисозии татбиқи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ маҷбуран бартараф мекунад ва ё аз ҳисоби вайронкунандаи ҳуқуқ, ҳуқуқҳои вайроншудаи маданиро маҷбуран барқарор менамояд.

Мурофиаи маданӣ аз пешниҳоди аризаи даъвогӣ оғоз мегардад. Аризаи даъвогӣ, ин мурочиати хаттӣ ё ин ки электронии шахси воқеӣ ё ҳуқуқии манфиатдор ба суд бо талабот оид ба ҳифзи ҳуқуқи поймолшуда ё манфиати бо қонун ҳифзшаванда бо роҳи ҳалли баҳс оид ба ҳуқуқ мебошад. Мурофиаи даъвогӣ ба ҳалли низоъ байни субъектҳои баробарҳуқуқ, ки дар байни онҳо муносибатҳои тобеияти маъмурӣ ё тобеияти дигари ҳокимиятии як тараф ба тарафи дигар асос ёфтааст вучуд надоранд, равона карда шудааст.

Ҳуқуқи пешниҳод намудани аризаи даъвогӣ ба шахсони воқеӣ, масалан шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аз ҷумла, ноболиғони синни аз чордаҳ то ҳаждаҳсола инчунин, шахсони ҳуқуқӣ, масалан Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ва ғайраҳо дода шудааст.

Мисол, мувофиқи қ.4 м.39 КММ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун нисбат ба парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва омма бармеоянд, ноболиғони синни аз чордаҳ то ҳаждаҳсола дар суд шахсан ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи худро ҳимоя мекунанд ва суд ӯҳдадор аст ҷиҳати иштирок дар чунин парвандаҳо худи ноболиғонро ҷалб намояд. Масалан, ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола ҳуқуқ доранд вобаста ба баҳсҳо оид ба музди меҳнат, стипендия ва даромади дигари қонунии худ инчунин, ҳуқуқҳои муаллиф ба асари илмӣ, адабӣ, санъат, ихтироот ё натиҷаи дигари фаъолияти зеҳнии бо қонун ҳифзшавандаи худ ва дар дигар мавридҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ, бе розигии намояндагони қонунӣ ба суд бо аризаи даъвогӣ мурочиат намоянд.[25]

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, давлати хориҷӣ, ташкилотҳои хориҷӣ ва байналмилалӣ метавонанд ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншуда ё баҳсталаб, озодӣ ва манфиатҳои қонуниашон ба судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиат намоянд. Баррасии судии парвандаҳо, ки дар онҳо шахсони зикршуда иштирок менамоянд, дар асоси КММ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст ва ҳамчунин дар асоси созишномаи тарафҳо анҷом дода мешавад.[26]

[25] м.27 КМ,
[26]м.387 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Ҷавобгар дар мурофиаи маданӣ тарафи баробарҳуқуқ аст, аз ин рӯ, ӯ дорои ҳамаи ҳуқуқҳо ба ҳимоя буда, аз ҳуқуқи баробари пешбинишудаи мурофиавӣ истифода мебарад. Воситаҳои ҳифзи ӯ норозигиҳо, яъне баёноти ҷавобгар, ки нисбати ӯ беасос пешниҳод шудани даъворо асоснок намояд инчунин, даъвои муқобили даъво, яъне талаботи даъвогии мустақил, ки дар худи ҳамон як мурофиа барои баррасии якҷоя бо даъвои ибтидоӣ бо мақсади ҳифз намудани манфиатҳояш пешниҳод шудааст, шуда метавонанд. Мисол, нисбат ба талаботи даъво дар бораи пардохти қарз ҷавобгар дар бораи ҷуброни зиёне, ки даъвогар ба молу мулкаш (масалан, автомашина) дар ҷараёни истифодабарӣ расонидааст, даъвои муқобили даъво пешниҳод мекунад. Ё мисоли дигар, мувофиқи қ.1 м.264 КМ шахсе (ҷавобгаре), ки ба он талабот оид ба ҳимояи соҳибӣ пешниҳод шудааст, наметавонад ба нишони норозигӣ ба он ҳавола намояд, ки ба ӯ ҳуқуқ ба объекти соҳибӣ мансуб аст, вале ҳуқуқ дорад талаботи мутақобилро оид ба ҳимояи ҳуқуқи ашё ба ин ашё ба шарти пешакӣ супоридани ашёи баҳснок ба соҳибии шахсе, ки суд муайян кардааст (секвестр), пешниҳод кунад.

Мувофиқи м.5 КММ суд парвандаи маданиро дар асоси аризаи шахсе, ки барои ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии худ муроҷиат кардааст, оғоз менамояд.

Инчунин, дар мавридҳои пешбининамудаи КММ, дигар қонунҳо парвандаи маданӣ мумкин аст дар асоси аризаи даъвогии шахсе, ки аз номи худ барои ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии вайроншуда ва мавриди баҳс қарордоштаи шахсони дигар, барои ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои доираи номуайяни шахсон ё ин ки барои ҳимояи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад, оғоз гардад.

Ҳамин тариқ, номгӯйи субъектоне, ки ҳуқуқи пешниҳод намудани аризаи даъвогиро доро мебошанд, истиснои набуда парвандаи маданӣ мумкин аст дар асоси аризаи даъвогии шахсе, ки мутобиқи КММ ва дигар қонунҳо ба онҳо чунин ҳуқуқ дода шудааст, мисол, намояндаи қонунӣ (яъне, падару модар, ба фарзандӣ қабулкунандагон), васӣ ё парастор, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мақомоти васояту парасторӣ, прокурор, мақомоти ваколатдори давлатӣ ва ғайраҳо, ки барои пешниҳоди чунин талабот, барояшон ин ҳуқуқро қонун пешбинӣ намудааст ва ё тибқи қонун ба ӯҳдаи онҳо ҳифзи ҳуқуқу манфиати дигар шахсон вогузор карда шудааст, оғоз гардад.[27]

Масалан, прокурор ҳуқуқ дорад ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, гурӯҳи номуайяни шахсон, корхонаҳо,

[27]м.м.5, 39, 54 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

муассисаҳо, ташкилотҳои давлатӣ ё ба манфиати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аризаи даъвогӣ ба суд мурофиат кунад. Вале бояд дар назар дошт, ки чунин ҳуқуқро прокурор танҳо дар ҳолате пайдо мекунад, ки агар шаҳрванд вобаста ба вазъи саломатӣ, синну сол, ғайри қобили амал будан ва дигар сабабҳои узрнок ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии худ мустақилона ба суд мурофиат карда натавонад. Ҳангоми чунини мурофиат прокурор бояд дар аризаи даъвогӣ имконнопазирии аз ҷониби худи шаҳрванд пешниҳод намудани аризаи даъвогиро асоснок намояд.[28]

Ҳамин тавр, дар мурофиаи маданӣ оғоз намудани парвандаи маданӣ натиҷаи ду амали мурофиавӣ: мурофиати шахси манфиатдор ба суд ва аз ҷониби судя ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогии пешниҳодшуда, мебошад.

“Хишти аввал гар ниҳад меъмор кач,

То ба охир меравад девор кач.”- С.Шерозӣ.

Ин гуфтаҳои шоири бузурги тоҷику форсро, аҷаб бошад ҳам, мумкин аст бо фаъолияти судя дар марҳилаи қабул намудани аризаи даъвогӣ пайваст намуд, зеро дар сурати нодуруст қабул шудани аризаи даъвогӣ, билохир парвандаи маданӣ қатъ мегардад ва ё бебаррасӣ мононда мешавад ё ин ки дар бадтарин мавриди ҳалнома метавонад аз ҷониби суди марҳилаи болоӣ бекор карда шавад, ки ин вазъият ба сифати кори судя таъсир расонда, боиси талафот додани вақт ва хароҷоти маблағҳои тарафҳо мегардад.

Амалҳои судя бо меъёрҳои КММ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муфассал танзим карда шудаанд ва онҳо бояд аз лаҳзаи ба суд ворид шудани аризаи даъвогӣ дуруст дарк ва татбиқ карда шаванд.

Дар ҷараёни кор бо ҳуҷҷатҳо дар судҳо компютерҳо ва дигар воситаҳои техникии электронӣ аз ҷумла, аудио ва видеоӣ истифода бурда мешаванд. Роҳбарии методии таҳияи ҳуҷҷатҳоро бо истифодаи воситаҳои техникӣ корманди масъули суд анҷом медиҳад. Қабул ва ирсоли муросилот ва дигар ҳуҷҷатҳои шахсан пешниҳодшуда, тариқи алоқаи почта ва хадамоти фелдъегерӣ воридшуда дар рӯзҳои корӣ аз тарафи корманди шуъбаи коргузорӣ ба амал бароварда мешавад. Дар рӯзҳои истироҳатӣ ва дар вақти ғайрикорӣ танҳо муросилоте, ки барои баррасии онҳо қонун муҳлатҳои кӯтоҳ муқаррар кардааст, аз тарафи судяи навбатдор ва кормандони навбатдори дастгоҳи суд қабул карда мешаванд. Муросилоте, ки бо чунин тартиб қабул шудааст, бояд на дертар аз рӯзи якуми навбатии корӣ бо тартиби умумӣ ба қайд гирифта шавад. Аризаҳои даъвогӣ ва маводе, ки судяҳо ҳангоми қабули

[28] м.47 ва қ.5 м.134 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

шахсӣ гирифтаанд, худи ҳамон рӯз барои бақайдгирӣ ва барасмиятдарорӣ ба шуъбаи коргузории суд супорида мешаванд. Корманди шуъбаи коргузории суд (котиби суд) мутобиқати маводи дар рӯйхат бударо санҷида, дар саҳифаи аввали аризаи даъвогӣ муҳри воридоти судро мегузорад, ки дар он санаи воридшавӣ ва рақами тартибӣ аз рӯйи дафтари воридоти муросилот сабт мегардад. Корманди шуъбаи коргузории суд ҳуҷҷати шахсан пешниҳодшударо қабул карда, муҳри бақайдгириро дар нусхаи дуюми ҳуҷҷат гузошта, онро ба муроҷиаткунанда ҳамчун тасдиқи воқеъияти қабули ҳуҷҷат медиҳад. Муросилот аз ҷиҳати мутобиқати ҳуҷҷатҳои аслӣ ва нусхаҳои ҳуҷҷатҳо ба номгӯй ва шумораи дар замима нишондодашуда санҷида мешавад. Муросилоти ба суд воридшуда дар дафтари воридоти муросилот (шакли №10) худи ҳамон рӯз ба қайд гирифта шуда, на дертар аз рӯзи дигари корӣ ба раиси суд пешниҳод карда мешавад. Баъди амри хаттии раиси суд сардори раёсат (шуъба)-и коргузорӣ муросилоти воридотро дар дафтари воридот ба қайд гирифта, онҳоро ба судяҳо бо қайди сана, гирифтани имзо ва нишон додани насаб, ном ва номи падари ӯ дар дафтари дахлдор месупорад.[29]

Судя пас аз гирифтани аризаи даъвогӣ ва маводи бо он замимашуда, сараввал масъалаи имконпазирии қабули даъворо, яъне ба мурофиаи суд қабул, рад намудани қабул, баргардонидан ва ё беҳаракат монондани аризаи даъвогиро мутобиқи меъёрҳои м.м.136, 137, 138 ва 139 КММ баррасӣ менамояд.

Барои иҷрои ин амалҳо КММ ба судя то се рӯз аз рӯзи ворид гардидани аризаи даъвогӣ муҳлатҳои мурофиавӣ муқаррар намудааст. Вале, мувофиқи м.138 КММ ин муҳлат на зиёда аз панҷ рӯз аз рӯзи ба суд ворид шудани аризаи даъвогӣ пешбинӣ шуда, дар м.139 КММ бошад барои беҳаракат монондани аризаи даъвогӣ муҳлати мурофиавии мушаххас нишон дода нашудааст. Дар ин маврид, азбаски муҳлати ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ се рӯзро дар мегирад, масъалаи беҳаракат монондани аризаи даъвогӣ низ дар ҳамин муҳлати серӯза бояд ҳал карда шавад. Зеро, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қарори Пленум дастури зерини тавзеҳотиро додааст, ки судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки шурӯъшавии ҷараёни муҳлати се рӯзаи ҳалли масъалаи қабули аризаи даъвогӣ аз лаҳзаи ба қайд гирифтани он дар шуъбаи коргузории суд оғоз

[29] боби 18 Дастурамал оид ба коргузорӣ дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши №48 аз 11 декабри соли 2017

ёфта, бо қабул намудани таъиноти дахлдори асоснок аз ҷониби судя, хотима меёбад.[30]

Мисол, саволе метавонад ба миён ояд, ки агар аризаи даъвогӣ ба судя дар рӯзи охирини ҳафтаи корӣ, яъне рӯзи ҷумъа супорида шавад, оё муҳлати серӯза, ки барои ҳалли масъала пешбинӣ шудааст, рӯзи душанбе ба итмом мерасад ё не. Ҷавобро ба ин савол судя аз меъёри м.110 КММ, ки дар он чунин пешбинӣ шудааст, ки агар рӯзи охирини муҳлат ба рӯзи истироҳат рост ояд, хотима ёфтани муҳлат рӯзе ба ҳисоб меравад, ки баъди он рӯзи корӣ фаро мерасад, пайдо карда метавонад. Аз ин рӯ, дар мисоли зикршуда муҳлати ҳалли масъала рӯзи сешанбе хотима меёбад.

Амалиёти мурофиавӣ дар муҳлатҳои мурофиавии муқаррарнамудаи қонун анҷом дода мешавад. Муҳлат барои анҷом додани амалиёти мурофиавӣ бо санаи дақиқи тақвимӣ, зикри ҳодисае, ки бояд ҳатман фаро расад ё фосилаи вақте, ки дар ҷараёни он амал бояд иҷро карда шавад, муайян мегардад.[31]

Дар амалияи судӣ мумкин аст вазъияте рух диҳад, ки судя муҳлати барои ҳалли масъалаи ба мурофиаи суд қабул, рад намудани қабул, баргардонидан ва ё беҳаракат монондани аризаи даъвогиро бо сабабҳои субъективӣ ё объективӣ гузаронад. Дар ин маврид, судя бояд амалиёти мурофиавиро дар рӯзи воқеан анҷомдодааш дар таъинот дарҷ намояд, зеро ин ҳолат аҳамияти ҳуқуқӣ дошта, ба тарафҳо оқибати ногувори ҳуқуқиро (мисол, баҳисобгирии муҳлати даъво ё муҳлати муроҷиат намудан ба суд), метавонад ба миён оварад. Инчунин, ин вазъият судяро барои ба амал баровардани фаъолияти барзиёдатӣ, масалан, қабул намудани таъиноти асоснок оид ба тамдид ва ё барқарор намудани муҳлатҳои мурофиавӣ мутобиқи м.м.113-114 КММ, ки нисбат ба он шахсони иштирокдорони парванда метавонанд шикояти хусусӣ пешниҳод намоянд, водор менамояд.

Бинобар ин, судяҳо бояд амалиёти мурофиавиро дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонун анҷом диҳанд, дар акси ҳол ҷавобгарӣ барои дағалона вайрон намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳои маданӣ оид ба риоя накардани муҳлатҳои мурофиавӣ ба зиммаи судя вогузор карда мешавад.[32]

Аз ин рӯ, судя дар марҳилаи қабул намудани аризаи даъвогӣ саривақт ҳамаи ҳолатҳое, ки ба суд барои моҳиятан баррасӣ намудани парванда монеа

---

[30] б.3 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №4 аз 14 июни соли 2013 “Оид ба муҳлатҳои мурофиавии баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

[31] м.109 КММ,

[32] м.123 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

мегарданд, мавриди санҷиш қарор медиҳад. Масалан, дар ин марҳила судя яке аз масъалаҳои зеринро меомӯзад ва муайян мекунад:

- тобеияти идоравии парвандаҳои маданӣ ба судҳо (м.24 КММ);
- тибқи созиши тарафҳо супоридани баҳс ба суди ҳакамӣ (м.25 КММ);
- тобеияти судии парвандаҳои маданӣ ба судҳо (м.м.26-34 КММ);
- мавҷуд набудани қобилияти ҳуқуқдории мурофиавии маданӣ ва ё қобилияти амали мурофиавии маданӣ (м.м.38-39 КММ) ва ғайраҳо.

Дар вақти қабул намудани аризаи даъвогӣ судя бо муқаррар намудани он, ки шахс ҳуқуқи ба суд мурочиат карданро дорад, ҳамзамон бояд тафтиш намояд, ки оё шахси манфиатдор тартиби (шартҳои) мурочиат намудан ба судро риоя намудаст ё не.

Чунин шартҳо иборатанд аз: тобеияти судии парванда (одатан даъво вобаста ба маҳалли истиқомат ё маҳалли ҷойгиршавии ҷавобгар баррасӣ мегардад м.30 КММ); қобилияти амали мурофиавии мадании даъвогар (дар мавриди қобилияти пурраи амал надоштани даъвогар аз номи ӯ бояд намояндаи қонунӣ ва ё дигар шахсоне, ки қонун ба онҳо чунин ҳуқуқро додааст баромад кунанд м.м.39, 54 КММ); барасмиятдарории ваколатҳои намоянда барои анҷом додани амалҳои мурофиавӣ (м.м.50-53, 55-56 КММ); мутобиқ будани шакл ва мазмуни аризаи даъвогӣ ба талаботи қонун (м.134 КММ), мавҷуд будани нусхаи аризаи даъвогӣ ва дар ҳолати зарурӣ ҳуҷҷатҳое, ки ба он замима карда мешавад (масалан, забонхат ё шартномаи қарз оид ба даъво дар бораи рӯёнидани маблағи қарз); ҳуҷҷати тасдиққунандаи пардохти боҷи давлатӣ (м.135 КММ) ва ғайраҳо.

§2. Аризаи даъвогӣ, шакл ва мазмуни он, методикаи баррасӣ намудани аризаи даъвогӣ ва амалҳои судя ҷиҳати ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ;

Аризаи даъвогӣ метавонад ба судҳо дар шакли хаттӣ ва ё шакли электронӣ пешниҳод карда шавад, яъне даъвогар ҳуқуқ дорад аризаи даъвогӣ ва ҳуҷҷатҳо инчунин, далелҳоро дар шакли электронӣ ба суд пешниҳод намояд. Дар шакли электронӣ пешниҳод намудани аризаи даъвогӣ ва ҳуҷҷатҳое, ки ба он замима карда мешаванд тавассути ҷойгир намудани он дар сомонаи судҳо ба роҳ монда мешавад. Ҳуҷҷатҳое, ки дар шакли электронӣ ба воситаи ҷойгир намудан дар сомонаи судҳо пешниҳод шудаанд бояд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо

имзои электронии рақамӣ (имзои электронии ҳифзшуда) тасдиқ карда шаванд.[33]

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ” №1965 аз 15 марти соли 2023, таҳти мафҳуми “ҳуҷҷати электронӣ” ин маълумоте, ки дар шакли электронӣ пешниҳод шудааст, “шакли электронӣ” ин маҷмӯи технологияҳое, ки барои омода кардан, қабул намудан ва табодули маълумот бо истифода аз имзои электронӣ имкон медиҳанд эътироф шудааст. Бо ёрии ҳуҷҷатҳои электронӣ метавонанд аҳдҳо ба амал бароварда шаванд (шартномаҳо баста шаванд), ҳисоббаробаркуниҳо, мукотибот, интиқоли ҳуҷҷатҳо ва маълумоти дигар ба роҳ монда шаванд.

Тибқи қонуни мазкур ҳуҷҷатҳои электронӣ ба ҳифзшуда ва одӣ тақсим мешаванд. Ҳуҷҷати электронии ҳифзшуда бо имзои электронии ҳифзшуда имзо карда мешавад. Ҳуҷҷати электронии одӣ бо имзои электронии одӣ ё имзои электронии мукаммал имзо карда мешавад.

Ҳуҷҷати электронӣ аз қисмҳои умумӣ ва махсус иборат аст. Қисми умумии ҳуҷҷати электронӣ аз маълумоте, ки мазмуни ҳуҷҷатро ташкил менамояд ва маълумот дар бораи гирандаи мактуб иборат аст. Қисми махсуси ҳуҷҷати электронӣ аз як ё якчанд имзоҳои электронӣ иборат аст. Ҳуҷҷати электронӣ дар ҳамон вақт имзошуда эътироф карда мешавад, агар ҳангоми имзои он, имзои электронӣ истифода шуда бошад. Ҳуҷҷати электронӣ, ки бо имзои электронии ҳифзшуда имзо шудааст (ҳуҷҷати электронии ҳифзшуда) бо ҳуҷҷати ҳомили коғазӣ, ки бо имзои дастӣ имзо шудааст, эътибори ҳуқуқии баробар дорад.

Вақти фиристонидани ҳуҷҷати электронӣ лаҳзаи баромадани ҳуҷҷати электронӣ аз низоми иттилоотии ирсолкунанда ва вақти қабул намудани ҳуҷҷати электронӣ лаҳзаи ворид шудани ҳуҷҷати электронӣ ба низоми иттилоотии қабулкунанда ҳисобида мешавад. Макони фиристодан ва қабул намудани ҳуҷҷати электронӣ ҷойи истиқомат барои шахсони воқеӣ ва суроғаи ҳуқуқӣ барои иштирокдорони дигари гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ эътироф карда мешавад.

Имзои электронӣ ҳангоми ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои электронӣ, аҳдҳо (шартномаҳо), дар ҳолатҳо ва тартиби пешбининамудаи Қонуни мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад.

Мутобиқи ҳамин қонун ҳангоми тартиб додани ҳуҷҷатҳо ва аҳдҳо (шартномаҳо) метавонанд имзоҳои электронии зерин истифода шаванд:

---

[33] қ.2 м.4, қ.1 м.37 ва қ.1 м.134 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

1) имзои электронии одӣ - маълумоте, ки барои муайян намудани иштирокдорони муомилоти ҳуҷҷатҳои электронӣ ва иродаи дар амал ва аҳдҳо (шартномаҳо) имкон медиҳад;

2) имзои электронии мукаммал - реквизити ҳуҷҷати электронӣ, ки бо истифода аз калиди имзои электронии мукаммал ташаккул меёбад ва барои ҳифзи ҳуҷҷати электронӣ аз қалбакӣ сохтани он равона карда мешавад;

3) имзои электронии ҳифзшуда (имзои электронии рақамӣ) - реквизити ҳуҷҷати электроние, ки дар натиҷаи табдили криптографии маълумот бо истифода аз калиди пӯшидаи имзои электронӣ ба даст оварда шудааст ва барои айниятқунонии соҳиби сертификати калиди имзо имкон медиҳад, мавҷуд набудани таҳрифи маълумотро дар ҳуҷҷати электронӣ муқаррар менамояд ва ба ҳифзи ҳуҷҷати электронӣ аз тағйироти беиҷозат равона карда шудааст.

Имзои электронии одӣ бо комбинатсияи логин ва парол, рамзи тасдиқкунӣ, тавассути почтаи электронӣ, СМС-паёмак, фармоишҳои UҒҒD ва усулҳои ҳамшабеҳи дигар тасдиқ карда мешавад ва танҳо дар сурате истифода мешавад, ки агар дар созишномаи иштирокдорони низоми иттилоотӣ имконияти истифодаи он пешбинӣ шуда бошад. Ҳангоми истифодаи имзои электронии одӣ калиди санҷиши имзо, воситаҳои имзои электронӣ ва сертификати калиди санҷиши имзо истифода намешаванд.

Имзои электронии мукаммал бо калиди имзои электронӣ тасдиқ карда мешавад. Калиди имзои электронии мукаммал аз ҷониби субъектҳое, ки имзои электронии мукаммалро дар гардиши ҳуҷҷатҳои дохилӣ ё низоми иттилоотии корпоративӣ истифода мебаранд, мустақилона таҳия карда мешавад. Имзои электронии мукаммал бояд маълумот дар бораи дорандаи имзои электронӣ ва силсилаи калидро дар бар гирад. Қоидаҳои сертификатонии имзоҳои электронии ҳифзшуда, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, нисбат ба имзоҳои электронии мукаммал низ татбиқ мегарданд.

Имзои электронии ҳифзшуда танҳо ҳангоми имзои ҳуҷҷатҳои электронии ҳифзшуда истифода мешавад. Ҳуҷҷати электронии ҳифзшуда ва имзои электронии ҳифзшуда бояд маълумот дар бораи дорандаи имзои электронӣ, рақами сертификат ва муҳлати амали онро доро бошанд.

Инчунин, мувофиқи қонуни мазкур иштирокдорони низоми иттилоотӣ ҳуқуқ доранд, ки шумораи бемаҳдуди имзоҳои электрониро истифода баранд.

Фаъолият оид ба додани сертификатҳои калидҳои имзоҳои электронии ҳифзшуда, хизматрасониҳо вобаста ба истифодаи имзоҳои электронии ҳифзшуда ва тасдиқи аслияти ҳифзи имзоҳои электронии

ҳифзшуда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд таҳти иҷозатномадиҳӣ қарор дода шавад.[34]

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатномадиҳӣ” №1968 аз 22 июни соли 2023, “Феҳристи ягонаи давлатии иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташаванда” муқаррар карда шудааст.

Тибқи боби 20, б.57 Феҳристи ягонаи мазкур, мақоми ваколатдори давлатӣ доир ба фаъолият оид ба додани сертификатҳои калидҳои имзои электронии рақамӣ, ба қайд гирифтани соҳибони имзоҳои электронии рақамӣ, хизматрасонӣ вобаста ба тасдиқ кардани ҳаққонияти имзоҳои электронии рақамӣ Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст.

Инчунин, мутобиқи Феҳристи ягонаи мазкур андозаи хироҷи иҷозатномадиҳӣ барои баррасии ариза 4 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, хироҷи яккарата барои додани иҷозатнома 2 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва хироҷи минбаъдаи ҳарсола барои нигоҳ доштани эътибори иҷозатнома 2 нишондиҳанда барои ҳисобҳо пешбинӣ шудааст.[35]

Бо назардошти он, ки тибқи меъёрҳои КММ шахсони иштирокдорони парванда ҳуқуқ доранд аризаи даъвогӣ (ё аризаи даъвогии муқобили даъво) ва ҳамаи ҳуҷҷатҳоро дар шакли электронӣ ба суд пешниҳод намояд, тарафҳо бояд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории болозикр, ин ҳуҷҷатҳоро бо имзои электронии рақамӣ (имзои электронии ҳифзшуда) тасдиқ намуда, бо ҷойгир намудани онҳо дар сомонаи суд пешниҳод намоянд.

Аризаи даъвогӣ бояд талаботи нисбат ба ҷавобгар пешниҳодшударо аниқ ифода намояд ва дар он ҳатман маълумотҳои зерин зикр карда мешаванд:

1. номи суде, ки ба он аризаи даъвогӣ пешниҳод карда мешавад;

2. насаб, ном ва номи падари даъвогар, маҳалли истиқомат ё маҳалли ҷойгиршавии ӯ;

3. насаб, ном ва номи падари намоянда ва суроғаи ӯ, агар аризаи даъвогиро намоянда пешниҳод карда бошад;

4. насаб, ном ва номи падари ҷавобгар, маҳалли истиқомат ё маҳалли ҷойгиршавии ӯ;

5. моҳияти вайрон кардани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии даъвогар ё таҳдид ба он аз чӣ иборатанд;

---

[34] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ”,

[35] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатномадиҳӣ”, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

6. ҳолатҳое, ки даъвогар талаботи худро асоснок месозад ва далелҳое, ки ин ҳолатҳоро тасдиқ мекунанд;

7. нархи даъво, агар даъво нарх дошта бошад;

8. ҳисоби маблағҳои ситонидашаванда ё баҳснок;

9. талаботи даъвогар;

10. номгӯйи ҳуҷҷатҳои ба аризаи даъвогӣ замимагардида;

11. имзои даъвогар ё намояндаи ӯ, ки барои имзои аризаи даъвогӣ ва пешниҳод намудани он ба суд ваколатдор мебошад.[36]

Шакл ва мазмуни аризаи даъвогӣ дар моддаи 134 КММ кушода дода шудааст, аммо моҳияти ин маълумотҳоро қонун ба таври возеҳ нишон надодааст.

Мувофиқи адабиётҳои назария ва ҳуқуқ аз рӯйи таркиб аризаи даъвогиро метавон ба қисмҳои зерин тақсим намуд:

1-4) муқаддимавӣ – дар он номи пурраи суди марҳилаи якум, ки ба он аризаи даъвогӣ пешниҳод карда мешавад инчунин, мувофиқи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият[37] насаб, ном, номи падар ва суроғаи маҳалли истиқомат ё маҳалли ҷойгиршавии шахсони иштирокдорони парванда (даъвогар, ҷавобгар ва шахсони сеюм), маҳалли ҷойгиршавии молу мулки ҷавобгар ё маҳалли охирини истиқомати ӯ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, номи аризаи даъвогӣ нисбат ба ҷавобгар (масалан, аризаи даъвогӣ оид ба эътироф намудани ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматӣ, оид ба ситонидани алимент, оид ба ҷуброни зиён, оид ба товони зарари маънавӣ ва ғайраҳо)-ро дар бар мегирад;

5-8) асосноккунӣ - дар он асоснокии воқеӣ ва ҳуқуқии аризаи даъвогӣ, моҳияти вайрон гаштани ҳуқуқ (оқибати ҳуқуқӣ), халалдор ва ё поймол гаштани озодӣ ва манфиатҳои қонунии даъвогар ё таҳдид ба он аз чӣ иборатанд, ҳолатҳои (фактҳои) аҳамиятноки ҳуқуқӣ ва далелҳо оид ба тасдиқ намудани асоснокии талаботи даъво, нархи даъво, агар даъво нарх дошта бошад ва ҳисоби маблағҳои ситонидашаванда ё баҳснок зикр мегарданд;

9) хоҳиш (талаб) кардан - дар он талаботи мушаххаси даъвогар бо роҳи интихобнамудаи ӯ оид ба ҳифзи ҳуқуқи поймолшуда (масалан, эътироф намудани ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматии муайян бо тавсифи муфассали ин иншоот ва маҳалли ҷойгиршавии он) шаклгирӣ шуда, хоҳиши даъвогар оид ба қонеъ намудани даъво, баён карда мешаванд;

---

[36] қ.2 м.134 КММ,

[37] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият” Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

10-11) номгӯйи замима ба аризаи даъвогӣ, ки дар он бояд рӯйхати ҳуҷҷатҳои ба аризаи даъвогӣ замимагардида аз ҷумлаи дар м.135 КММ пешбинишуда ва имзои даъвогар ё намояндаи ӯ дарҷ карда шаванд.

Инчунин, мувофиқи қ.3 м.134 КММ дар аризаи даъвогӣ метавонад рақами телефонҳо, факсҳо, суроғаҳои почтаи электронии даъвогар, намояндаи ӯ, ҷавобгар, дигар маълумоте, ки барои баррасӣ ва ҳалли парванда аҳамият доранд инчунин, дархостҳои дахлдори даъвогар, агар онҳо якҷоя бо аризаи даъвогӣ пешниҳод шуда бошанд, зикр гардад. Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки шартҳои меъёри мазкур уҳдадоркунанда набуда, дарҷ намудани ин маълумот ҳуқуқи даъвогар аст, аз ин рӯ, дарҷ накардани чунин маълумот барои беҳаракат монондани аризаи давогӣ мутобиқи м.139 КММ асос шуда наметавонад.

Меъёрҳои КММ нисбат ба аризаи даъвогие, ки прокурор оид ба ҳифзи манфиатҳои давлат ё ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, гурӯҳи номуайяни шахсон, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои давлатӣ ё ба манфиати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, талаботи махсусро муқаррар намудааст. Аз ҷумла, дар аризаи даъвогии мазкур бояд зикр гардад, ки манфиатҳои давлат ё ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии гурӯҳи номуайяни шахсон ба таври мушаххас аз чӣ иборатанд, ҳамзамон кадом ҳуқуқҳо вайрон карда шудаанд. Инчунин, дар аризаи даъвогӣ истинод ба қонун ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки тартиби ҳифзи манфиати давлат ё шаҳрвандон, гурӯҳи номуайяни шахсон, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои давлатиро пешбинӣ менамояд, бояд дарҷ карда шавад.

Ғайр аз ин, ҳангоми муроҷиати прокурор ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои қонунии шаҳрвандон дар аризаи даъвогӣ бояд имконнопазирии аз ҷониби худи шаҳрванд пешниҳод намудани даъво асоснок карда шавад. Зеро чунин аризаи даъвогиро прокурор метавонад танҳо дар ҳолате пешниҳод намояд, ки агар шаҳрванд вобаста ба вазъи саломатӣ, синну сол, ғайри қобили амал будан ва дигар сабабҳои узрнок ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии худро ҳимоя карда натавонад.[38]

Мафҳуми калимаи прокурор дар м.2 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” нишон дода шуда инчунин, дар қонуни мазкур вазифа, самтҳои фаъолият, салоҳиятҳои прокурор ва ғайраҳо ба танзим дароварда шудааст.

[38] қ.1 м.47, қ.қ.4 ва 5 м.134 КММ, м.12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Истинод ба қонун ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ чунин маъно дорад, ки зимни таҳия намудани аризаи даъвогӣ прокурор уҳдадор аст номи қонун, санади меъёрии ҳуқуқӣ ё санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ, модда, қисм ё банди мушаххаси дахлдорро, ки ба прокурор ҳуқуқ ва салоҳияти пешниҳод намудани ин ё он категорияи даъворо ба судҳо пешбинӣ менамояд, бояд дарҷ намояд. Мисол, м.м.28-29 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба прокурор ҳуқуқ додааст, ки талаботро оид ба беэътибор донистани ақди никоҳе, ки маҷбурӣ ё бо роҳи фиреб баста шудааст ё ин ки мутобиқи м.70 ҳамин Кодекс оид ба маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ ва ё м.73 Кодекси мазкур аризаи даъвогиро дар хусуси гирифтани кӯдак, ба суд пешниҳод намояд.

Аммо, чунин ҳуқуқро на ҳама вақт санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба прокурор медиҳанд масалан, мувофиқи м.24 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” прокурор ҳангоми ба амал баровардани назорати умумӣ ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон, давлат инчунин, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликияташон аз ҷумла, ҷиҳати барқарор кардани зарари расонидашуда, ба суд мурочиат кунад.

Бояд дар назар дошт, ки дар ин маврид аз тарафи прокурор дар аризаи даъвогӣ истинод намудан ба м.24 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва ё м.47 КММ нокифоя буда, прокурор бояд истинод ба он санадҳои меъёрии ҳуқуқие намояд, ки тартиби ҳифзи манфиатҳои давлат ё шаҳрвандон, гурӯҳи номуайяни шахсон, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои давлатиро пешбинӣ менамояд.

Аз ин рӯ, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки шартҳои дар меъёрҳои қ.1 м.47, қ.қ.4 - 5 м.134 КММ пешбинишуда, нисбат ба прокурор уҳдадоркунанда буда, дарҷ накардани маълумотҳои болозикр тибқи м.139 КММ асос барои беҳаракат монондани аризаи давогии прокурор мебошад.

Аризаи даъвогӣ дар ҳомили қоғазӣ дар шакли хаттӣ бо имзои дастӣ ва аризаи даъвогӣ дар шакли электронӣ бо имзои электронии рақамӣ аз ҷониби даъвогар ё намояндаи ӯ имзо карда мешавад. Намоянда дар ҳамон маврид аризаи даъвогиро ҳуқуқи имзо кардан дорад, агар даъвогар ба ӯ барои имзо намудани аризаи даъвогӣ ва пешниҳод намудани он ба суд, чунин ваколатро дода бошад ва ин ваколат дар ваколатнома мушаххсас пешбинӣ шуда бошад. Ваколатномаи мазкур ҳатман ба аризаи даъвогӣ бояд замима карда шавад.

Агар даъвогар шахси ҳуқуқӣ бошад, имзои роҳбари он бо мӯҳри шахси ҳуқуқӣ тасдиқ карда мешавад.[39]

Дуруст таҳия ва тартиб додани аризаи даъвогӣ, риоя намудани шакл ва мазмуни он ба судя имкон медиҳад, ки доираи ҳолатҳои парванда, иштирокдорони мурофиа ва қонунеро, ки мувофиқи он баҳс бояд ҳал шавад, дуруст муайян намояд. Аз ҷониби даъвогар дар аризаи даъвогӣ аниқ нишон додани як талабот ё ду се талаботҳо бо истифодаи ибораҳои равшан ва дақиқ, ҳамзамон бе шарту эҳзоҳот ба судя имкон медиҳад, ки минбаъд нақшаи равиши фаъолияташро доир ба парванда дуруст ба роҳ монда, дар доираи талаботҳои аниқ изҳорнамудаи даъвогар баррасии парвандаро таъмин намояд. Судяҳо низ бояд ба шакл ва мазмуни аризаи даъвогӣ, талаботи пешниҳоднамуда ба таври ҳатмӣ муносибати ҷиддӣ намоянд, зеро ин вазъиятҳо ба имконпазир будани қабули даъво аҳамияти ҳуқуқӣ дорад.

§3. Замима ба аризаи даъвогӣ ва методикаи корбарии судя бо онҳо;

Дар марҳилаи қабул намудани аризаи даъвогӣ ба мурофиаи суд замима намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ аз ҷумла, нусхаи далелҳое, ки даъвогар дар аризаи даъвогиаш ҷиҳати асоснок намудани талаботи даъвогӣ ба онҳо истинод овардааст, аҳамияти ҳуқуқӣ дошта ба судя имкон медиҳад, ки дар воқеъ онҳоро бо мазмуну муҳтавои аризаи даъвогӣ муқоиса намуда, оид ба ҳолатҳои дарҷнамуда хулосаронӣ намояд.

Мутобиқи м.135 КММ ба аризаи даъвогӣ ҳуҷҷатҳои зерин замима мегарданд:

1. нусхаи аризаи даъвогӣ мутаносибан ба теъдоди ҷавобгарон ва шахсони сеюм;

2. ҳуҷҷати тасдиққунандаи пардохти боҷи давлатӣ;

3. ваколатнома ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи ваколати намояндаи даъвогар;

4. нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳолатҳое, ки даъвогар талаботҳои худро асоснок менамояд;

5. ҳисоби маблағҳои ситонидашаванда ё баҳсноке, ки аз ҷониби даъвогар, намояндаи ӯ имзо шудаанд, бо нусхаҳо мутаносибан ба теъдоди ҷавобгарон ва шахсони сеюм.

Меъёри мазкур замима намудани панҷ ҳуҷҷатро ба аризаи даъвогӣ ба таври истиснои муқаррар намуда, пешниҳод намудани дутои онро ба сифати

[39] қ.2 м.4 ва қ.6 м.134 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

нусха муқаррар намудааст. Ҳуҷҷатҳои болозикр вобаста ба баъзе категорияи даъвоҳо ҳатмӣ ҳисоб шуда, метавонанд ва бояд аз ҷониби даъвогар пешниҳод карда шаванд. Судяҳо дар марҳилаи қабул намудани аризаи даъвогӣ ҳуқуқ надоранд аз номгӯйи муқаррарнамудаи м.135 КММ берун бароянд ва даъвогарро барои пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои барзиёдатии дигар ба монанди, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият, маълумотнома аз маҳалли зисти даъвогар ё ҷавобгар ва ғайраҳоро уҳдадор намоянд. Аз мазмуни қ.1 м.139 КММ бармеояд, ки танҳо дар мавриди аз тарафи даъвогар пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои дар м.135 Кодекси мазкур номбаршуда, судя ҳуқуқ дорад оид ба беҳаракат монондани аризаи даъвогӣ таъинот қабул намояд. Бинобар ин, дар доираи мурофиаи даъвогӣ бо дигар асосҳо судя чунин ҳуқуқро надорад. Ғайр аз ин аз даъвогар талаб намудани ҳуҷҷате, ки ба баҳс алоқамандӣ надорад, мисол дар баҳси беэътибор донистани шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ, аз тарафи судя уҳдадор намудани даъвогар оид ба замима намудани ҳисоби маблағҳои ситонидашаванда мантиқан нодуруст ва хилофи қонун мебошад.

1) Ба аризаи даъвогӣ замима намудани нусхаи аризаи даъвогӣ мутаносибан ба теъдоди ҷавобгарон ва шахсони сеюм - чунин маъно дорад, ки даъвогар дар шакли хаттӣ ё ин ки электронӣ нусхаҳои аризаи даъвогиро бо шумораи ҷавобгарон ва шахсони сеюме, ки дар аризаи даъвогӣ аз ҷониби худи даъвогар дарҷ намудааст, бояд пешниҳод намояд. Мисол, агар дар аризаи даъвогӣ ному насаби ду ҷавобгар ва як шахси сеюм зикр шуда бошад, дар ин маврид давогар ба ғайр аз аризаи даъвогӣ дар шакли асл, бояд боз се адад нусхаи онро замима намояд. Инчунин, дар амалияи судӣ саволе ба миён меояд, ки оё ба нусхаи аризаи даъвогӣ инчунин, нусхаҳои ҳуҷҷатҳои дигаре, ки бояд аризаи даъвогӣ замима шаванд, бо теъдоди ҷавобгарон ва шахсони сеюм пешниҳод карда мешаванд ё не. Бинобар он, ки с.1 м.135 КММ чунин талаботро нисбат ба даъвогар муқаррар накардааст, пешниҳод намудани нусхаҳои дигари ҳуҷҷатҳо уҳдадории даъвогар шуда наметавонад. Замима намудани нухсаи аризаи даъвогӣ барои он лозим аст, ки баъд аз ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ ва оғоз намудани парвандаи маданӣ, судя онро ба ҷавобгар ва шахсони сеюм барои шинос шудан месупорад ва номбурдагон ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳояшон омодагӣ мебинанд.

2) Ҳуҷҷати тасдиққунандаи пардохти боҷи давлатӣ - чунин маъно дорад, ки даъвогар ба аризаи даъвогӣ дар шакли хаттӣ ё электронӣ расид (квитансия)-ро, ки ҳолати аз ҷониби ӯ пардохт гардидани боҷи давлатиро тасдиқ мекунад, замима менамояд.

Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки хароҷоти судӣ аз буҷаи давлатӣ ва хароҷоти вобаста ба баррасии парванда иборат мебошад. Таҳти мафҳуми буҷаи давлатӣ - пардохти ҳатмӣ барои анҷом додани амалиёти дорои аҳамияти ҳуқуқӣ аз ҷумла, мурочиат намудан ба суд ё додани ҳуҷҷатҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдоршуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаҳмида мешавад. Буҷаи давлатӣ аз аризаҳои даъвогӣ (ариза, шикоятҳо, аризаи давъогии муқобили даъво, шикоятҳои кассатсионӣ ва назоратӣ), ки ба судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд ситонида мешавад.

Диқати судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки дар вақти ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ маълумотҳоро оид ба нархи даъво, агар даъво нарх дошта бошад инчунин, ҳисоби маблағҳои ситонидашаванда ё баҳснокро, ки дар аризаи даъвогӣ зикр карда шудааст, ё не бояд муайян намоянд. Аз ин рӯ, ҳангоми тафтиш намудани риояи талабот оид ба андоза ва тартиби пардохти буҷаи давлатӣ судяҳо бояд талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷаи давлатӣ”-ро, ки бо меъёрҳои он зимни пешниҳоди аризаи даъвогӣ ба судҳои юрисдиксияи умумӣ андозаи буҷаи давлатӣ муқаррар шудааст, ба назар гиранд ва онро дар робита бо дигар меъёрҳои боби 7 КММ, ки хусусиятҳои хосӣ пардохт намудани буҷаи давлатиро пешбинӣ намудааст баҳо диҳанд.[40]

Мувофиқи КММ нархи даъво бо чунин тарз муайян карда мешавад:

- даъво оид ба ситонидани маблағи пулӣ - бо дарназардошти маблағҳои ситонидашаванда;

- даъво оид ба талаб карда гирифтани молу мулк - бо дарназардошти арзиши молу мулк;

- даъво оид ба ситонидани алимент - бо дарназардошти маҷмӯи маблағҳо дар як сол;

- даъво оид ба пардохтҳои фаврӣ ва додани маблағ - бо дарназардошти маҷмӯи тамоми пардохтҳо ё додани маблағ, аммо ба муҳлати на бештар аз се сол;

- даъво оид ба пардохтҳо ва додани маблағи бемуҳлат ё якумрӣ - бо дарназардошти маҷмӯи пардохтҳо ё додани маблағ дар се сол;

- даъво оид ба кам ё зиёд кардани пардохтҳо ё додани маблағ - бо дарназардошти маблағе, ки пардохт ё додани маблағ кам ё зиёд карда мешавад, аммо на бештар аз як сол;

---

[40] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷаи давлатӣ”, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj ва Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №8 аз 23 декабри соли 2011 “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба пардохти буҷаи давлатӣ аз рӯйи парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

- даъво оид ба қатъ кардани пардохт ё додани маблағ - бо дарназардошти маҷмӯи маблағҳои боқимондаи пардохтҳо ва додани маблағ, аммо на бештар барои як сол;

- даъво оид ба пеш аз муҳлат бекор кардани шартномаи кирояи молу мулк - бо дарназардошти маҷмӯи пардохтҳо барои истифодаи молу мулк дар ҷараёни муҳлати боқимондаи амали шартнома, аммо на бештар аз се сол;

- даъво оид ба ҳуқуқ ба моликияти ғайриманқул, ки бо ҳуқуқи моликият ба шаҳрвандон тааллуқ дорад - бо дарназардошти арзиши объект, аммо на камтар аз арзиши инвентаризатсионӣ ва ҳангоми мавҷуд набудани он - на камтар аз нархи шартномаи суғурта ва барои объектҳои марбути ташкилот - на камтар аз арзиши балансии объект;

- даъвои дорои якчанд талаботи мустақил - бо дарназардошти ҳар як талабот дар алоҳидагӣ.

Нархи даъворо даъвогар муайян мекунад. Дар сурати баръало мутобиқат надоштани нархи зикрнамудаи даъвогар ба арзиши воқеии молу мулки талабшаванда нархи даъворо суд ҳангоми қабули аризаи даъвогӣ муайян менамояд ва дар ин хусус судя таъинот қабул мекунад. Ҳангоми душвории муайян намудани нархи даъво дар рӯзи пешниҳоди он андозаи боҷи давлатиро судя пешакӣ муайян намуда, минбаъд боҷӣ давлатӣ иловатан, мутаносибан ба нархи даъвое, ки суд ҳангоми ҳалли парванда муайян кардааст, пардохт карда мешавад.[41]

Мутобиқи қ.2 м.4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи боҷи давлатӣ” оид ба парвандаҳое, ки дар судҳои юрисдиксияи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд, боҷи давлатӣ ба андозаҳои зерин ситонида мешавад:

1) аз аризаҳои даъвогии дорои хусусияти молумулки аз рӯйи нархи даъво:

- то 50 нишондиҳанда барои ҳисобҳо - 3% аз нархи даъво;

- зиёда аз 50 то 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо - 2% аз нархи даъво;

- зиёда аз 100 то 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо - 0,7% аз нархи даъво;

- зиёда аз 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо - 0,5 % аз нархи даъво;

2) аз аризаҳои даъвогии дорои хусусияти шахсии ғайримолумулкӣ, ки мавзуи онҳо нархгузорӣ карда намешаванд:

- барои шахсони воқеӣ - 5% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

[41]м.92, қ.1 м.93 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

- барои шахсони ҳуқуқӣ - ба андозаи дукаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

3) аз аризаҳои даъвогӣ дар бораи озод намудани молу мулк аз ҳабс боҷ аз рӯйи нархи даъво мутобиқи банди 1 қ.2 м.4 ҳамин Қонун муайян карда мешавад;

4) аз аризаҳои даъвогӣ оид ба баҳсҳои пеш аз шартномавӣ - ба андозаи яккаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

Ҳамчунин, ҳангоми ба ҳисоб гирифтани боҷи давлатӣ судяҳо бояд ба назар гиранд, ки барои аризаи даъвогие, ки ҳамзамон дорои хусусияти молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ мебошад, дар як вақт боҷи давлатӣ барои аризаи даъвогии дорои хусусияти молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ муқарраргардида тибқи б.б.1 ва 2 қ.2 м.4 Конуни мазкур ситонида мешавад.[42]

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо” нишондиҳанда барои ҳисобҳо маблағи пулие мебошад, ки ҳар сол дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли дахлдор муқаррар гардида, барои ҳисоб кардани андозҳо, боҷҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва муҷозоти ҷаримавӣ инчунин, барои ҳисоб кардани ин ё он бузургии арзиши ҳадди ниҳоӣ (поёнӣ ё болоӣ), кӯмакпулиҳо ва иловапулиҳои иҷтимоӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад. Ҳар сол муқаррар намудани нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлати барои соли дахлдор ҳамчун қоида бо дарназардошти сатҳи бекурбшави, ки барои соли дахлдор пешбинӣ карда мешавад, сурат мегирад.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошад, ки андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ҳамасола дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” муқаррар карда мешавад. Мисол, мувофиқи м.23 ҳамин Қонун барои соли 2024 нишондиҳанда барои ҳисобҳо аз 1 январи соли 2024 ба андозаи 72 сомонӣ муқаррар карда шудааст.[43] Аз ин рӯ, ҳангоми муайян намудани андозаи боҷи давлатӣ дар таносуб бо нишондиҳанда барои ҳисобҳо, судяҳо бояд талаботи Қонуни мазкурро ба роҳбарӣ гиранд.

Инчунин, диққати судяҳо ба он равона карда шавад, ки дар қ.1 м.5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи боҷи давлатӣ” масъалаи имтиёз

[42]қ.4 м.4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи боҷи давлатӣ” Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

[43]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024”, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

доштани гурӯҳҳои алоҳидаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ марбут ба пардохти боҷи давлатӣ пешбинӣ шудааст.

Мутобиқи қ.1 м.5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи боҷи давлатӣ” ҳангоми баррасии парвандаҳо дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектони мазкур аз пардохти боҷи давлатӣ озод карда шудаанд:

1) шаҳрвандон - аз рӯйи даъвоҳои ситонидани маош (таъминоти пулӣ) ва дигар талаботе, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи меҳнатӣ бармеоянд;

2) даъвогарон - аз рӯйи баҳсҳои муаллифӣ, муаллифон тибқи даъвое, ки аз ҳуқуқи ҳаммуаллифӣ, ҳуқуқи ихтироъ, намунаи муфид, намунаҳои саноатӣ инчунин, аз дигар ҳуқуқҳо, ки аз моликияти зеҳнӣ бармеоянд;

3) даъвогарон - аз рӯйи даъвои руёнидани алимент;

4) даъвогарон - аз рӯйи даъвоҳои ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи маъюб шудан ё дигар зарар ба саломатӣ инчунин, фавти саробон расонида шудааст;

5) мақомоти суғуртаи иҷтимоӣ ва мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ - аз рӯйи даъвоҳои акс (регрессӣ) аз зараррасон ситонидани маблағи кӯмакпулиҳо ва нафақа, ки ба ҷабрдида пардохта шудааст ва мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ – инчунин, аз рӯйи даъвои дар бораи руёнидани кӯмакпулӣ ва нафақаи нодуруст пардохташуда;

6) даъвогарон - аз рӯйи даъвоҳои талофи намудани зарари моддии дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда;

7) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ - барои ба онҳо додани ҳуҷҷатҳои вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва парвандаҳо оид ба руёнидани алимент;

8) тарафҳо - аз шикояти кассатсионӣ оид ба парвандаи бекор кардани ақди никоҳ;

9) прокурор, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомот, ки дар ҳолати пешбининамудаи қонун барои ҳифзи манфиати давлат ва ҷамъият муроҷиат мекунанд;

10) мақомоти корҳои дохилӣ ҷамчун даъвогар - аз рӯйи парвандаҳои ситонидани хароҷот доир ба ҷустуҷӯи шахсоне, ки аз пардохти алимент ва дигар пардохтҳо саркашӣ мекунанд инчунин, оид ба парвандаҳои ҷуброни хароҷоти иловагӣ ҷиҳати ба пешгирии фирори гумонбаршудагон ва ё айбдоршавандагон, ки дар маҳбас нигоҳ дошта мешаванд инчунин, кофтукови онҳо ва табобат ҳангоми зарар ба саломатии худ;

11) муассисаҳо ва мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ - аз рӯйи даъвоҳои ҷуброни хароҷоти иловагӣ вобаста ба пешгирии фирори гумонбаршудагон ё айбдоршавандагони дар ҳабс буда, ҳамчунин ҷустуҷӯи шахсони ба

маҳдудияти озодӣ, ҳабс ё маҳрум кардан аз озодӣ маҳкумшуда ва табобати онҳо дар ҳолати қасдан расондани зарар ба саломатии худ;

12) мақомоти андоз, гумрук ва молия, Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва мақомоти назорати асъор ва содирот ҳамчун даъвогарону ҷавобгарон аз рӯйи даъвоҳои ситонидани андозҳо, рӯёнидани кредитҳои давлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет ва баргардонидани онҳо аз буҷет;

13) мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоте, ки дар ҳолати пешбининамудаи қонун барои ҳифзи манфиатҳои давлатию ҷамъиятӣ муроҷиат мекунанд инчунин, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон, ки дар ҳолати пешбининамудаи қонун барои ҳимояи ҳуқуқҳои ҳифзкунандаи қонун ва манфиатҳои шахсони дигар муроҷиат мекунанд - дар сурати қонеъ гардонидани даъвои онҳо;

14) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ - ҳангоми ба суд додани ариза дар мавриди батаъхирандози ё дароз намудани муҳлати иҷрои қарорҳо оид ба тағйирёбии тарз ва тартиби иҷрои қарорҳо, барқарорсозии муҳлатҳои гузашта, аз нав баррасӣ намудани қарорҳо, таъинот ва қарори суд оид ба ҳолатҳои нав ошкоршуда, дар хусуси аз нав баррасӣ намудани қарори ғоибонаи суде, ки онро баровардааст;

15) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ - ҳангоми шикоятҳо ба амалҳои иҷрочии мақомоти иҷро инчунин, шикоятҳо нисбати қарорҳо ба парвандаҳо доир ба ҳуқуқвайронкунии маъмурии аз ҷониби мақомоти ваколатдор баровардашуда;

16) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ - ҳангоми пешниҳод намудани шикоятҳои хусусӣ нисбат ба таъиноти суд аз ҷумла, оид ба таъмини даъво ё иваз намудани як навъи таъминот ба таъминоти дигар, оид ба қатъ ё боздоштани парвандаҳо, оид ба рад кардани зиёд ё кам намудани ҳаҷми ҷаримае, ки суд таъин намудааст;

17) шаҳрвандон - аз рӯйи шикоятҳои кассатсионӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятие, ки дурустии ситонидани зарари моддӣ дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда мавриди баҳс қарор гирифтааст;

18) шаҳрвандон - ҳангоми тасдиқи дурустии нусхаҳои ҳуҷҷатҳое, ки барои гирифтани ёрдампулиҳо ва нафақаҳои давлатӣ заруранд;

19) маъюбон, иштирокдорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда - аз рӯйи даъвоҳои барқароркунии ҳуқуқҳояшон;

20) шаҳрвандон - ҳангоми ба суд пешниҳод намудани ариза оид ба фарзандхондӣ;

21) Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон - аз рӯйи даъвоҳои ситонидани ҳаққи узвият, пардохтҳои тақвимӣ ва ноустуворона аз ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина.

Мисол, мувофиқи с.1 қ.1 м.5 Қонуни мазкур, даъвогар оид ба даъвои ситонидани алимент аз пардохти боҷи давлатӣ озод карда шудааст. Аммо, хароҷотҳое, ки суд мутобиқи м.95 КММ вобаста ба баррасии парванда оид ба ситонидани алимент кардааст ва боҷи давлатие, ки аз пардохти он даъвогар озод карда шудааст, ҳангоми қабул намудани ҳалнома аз ҳисоби ҷавобгар рӯёнида мешаванд. Боҷи давлатӣ аз ҳисоби ҷавобгар аз рӯйи маҷмӯи пардохтҳои яксолаи алиментӣ муқаррар карда мешавад. Ё ин ки, кормандон аз пардохти боҷи давлатӣ ҳангоми пешниҳоди даъво оид ба барқарор кардан ба кор, рӯёнидани музди миёнаи моҳона барои ҳамаи давраи ноилоҷ ба кор набаромадан ва дигар талаботе, ки аз муносибатҳои ҳуқуки меҳнатӣ бармеоянд озод мебошанд.[44]

Ҳамзамон, мутобиқи қ.3 м.91 КММ бо дарназардошти вазъи молу мулкии даъвогар (ҷавобгар, шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод намудаанд) судя метавонад ин шахсонро аз пардохти боҷи давлатӣ озод кунад ё андозаи боҷи давлатиро кам кунад ё муҳлати пардохти боҷи давлатиро ба таъхир андозад ё ин муҳлатро ба даврaҳо ҷудо намояд. Дар ин хусус, ба аризаи даъвогӣ ё дар матни он, дархост дар бораи озод ё кам кардани андозаи боҷи давлатӣ ё ба таъхир андохтани пардохти он ё ин муҳлатро ба даврaҳо ҷудо намудан замима ё дарҷ карда мешавад, ки дар он бояд маълумот дар бораи вазъи молу мулкии арзкунанда дарҷ гардад.[45]

Мисол, агар имтиёз бо хусусияти талаботи арзшуда нею, балки бо шахсияти даъвогар алоқаманд бошад, он гоҳ ба аризаи даъвогӣ ва дархост нусхаи дахлдорӣ шаҳодатномаи намунаи муқарраршуда (масалан, маъюбон, иштирокдорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда ва ғайраҳо) замима карда мешавад.

Дар баробари ин ба дархости мазкур далелҳои тасдиққунандаи вазъи молу мулкии даъвогар ё ҷавобгар бояд пешниҳод карда шаванд, зеро бе онҳо ба судя имконияти моҳиятан ҳал намудани масъала ғайриимкон аст. Дар сурати бо аризаи даъвогӣ замима гардидани чунин дархост, судя дархости мазкурро дар марҳилаи қабул намудани аризаи даъвогӣ ба мурофиаи суд

[44] б.5 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1 аз 12 ноябри соли 2021 “Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ҳангоми баррасии баҳсҳои меҳнатии фардӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

[45] Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №8 аз 23 декабри соли 2011 “Дар бораи тачрибаи судӣ оид ба пардохти боҷи давлатӣ аз рӯйи парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

тибқи талаботи қ.3 м.91 КММ баррасӣ намуда, таъиноти асоснок қабул менамояд. Дар мавриди қонеъ намудани дархост судя таъинотро дар ин бора бояд бо далелҳои тасдиққунандаи он, ки тарафҳо барои чунин ҳолатҳо ҳуқуқ доранд асоснок намояд.

Ҳамзамон, дар сурати рад намудани дархости болозикр судя сабаб ва асосҳое, ки ғайриимкон будани қонеъгардонии онро бояд дар таъинот дарҷ намуда, бо сабаби пардохт накардани боҷи давлатӣ ҳуқуқ дорад аризаи даъвогиро бе ҳаракат мононад. Зеро, мувофиқи с.2 м.135 КММ ба аризаи даъвогӣ ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи пардохти боҷи давлатӣ бо тартиб ва андозаи муқаррарнамудани қонунгузорӣ бояд замима карда шавад.

Инчунин, агар боҷи давлатӣ вобаста ба аризаҳои даъвогӣ ва дигар аризаҳо, ки мавзуи ситонидани боҷи давлатӣ шуда метавонанд, пардохт нашуда бошад, он гоҳ судя дар асоси талаботи м.139 КММ таъинот дар бораи беҳаракат монондани аризаро қабул менамояд. Аризаҳои даъвогие, ки боҷи давлатӣ аз рӯйи онҳо дар ҳаҷми пурра пардохта нашудааст низ беҳаракат мононда мешаванд. Нисбат ба таъинот оид ба масъалаҳои хароҷоти судӣ аз ҷумла, рад намудани дархост ва ё беҳаракат монондани аризаи даъвогӣ шахсони иштирокдорони парванда ҳуқуқ доранд шикояти хусусӣ пешниҳод намоянд.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки боҷи давлатӣ пурра ба буҷети ҷумҳуриявӣ ворид карда мешавад инчунин, мутобиқи м.6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи боҷи давлатӣ” ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №586 аз 22 июни соли 2023 “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” боҷи давлатӣ тариқи ғайринақдӣ аз ҳисоби боҷсупоранда бо пули миллӣ тавассути ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва инфрасохтори дигари қабули пардохтҳои ғайринақдӣ пардохт карда мешавад. Тибқи фармони мазкур ба таври нақдӣ қабул намудани пардохти хизматрасониҳои музднок аз ҷумла, боҷи давлатӣ манъ карда шудааст.[46]

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ” таҳти мафҳуми воситаи электронии пардохтӣ - восита ва (ё) усуле, ки ба муштарии таҳвилгари хизматрасониҳои пардохтӣ барои таҳия, тасдиқ ва додани фармоиши пардохтӣ бо мақсади интиқоли маблағ дар доираи шаклҳои истифодашавандаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо истифодаи

[46] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи боҷи давлатӣ” ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №586 аз 22 июни соли 2023 “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ”, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ҳомили электронии иттилоот аз ҷумла, корти пардохтии бонкӣ ва дигар таҷҳизоти техникӣ имкон медиҳад, фаҳмида мешавад.

Инчунин, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №225 аз 2 майи соли 2019 “Тартиби қабули маблағҳои андоз, боҷҳо, пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет ва маблағҳои дигари буҷети давлатӣ тавассути терминалҳо ва терминалҳои худкори худхизматрасон” тасдиқ шудааст ва мувофиқи он бонкҳо, бонкҳои исломӣ, ташкилотҳои қарзии молиявии ғайрибонкӣ, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурди исломӣ дар асоси шартномаи бо мақоми масъул басташуда хизматрасонии қабули пардохтҳои ғайринақдиро, ки номгӯйи онҳо дар шартнома дарҷ шудааст, ба аҳолӣ тавассути терминалҳо ва терминалҳои автоматиконидашудаи худхизматрасон пешниҳод менамоянд. Қабули пардохтҳо тавассути терминалҳо ва терминалҳои автоматиконидашудаи худхизматрасон бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ аз ҷумла, кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ амалӣ карда мешавад. Терминал ва терминали худкори худхизматрасоне, ки тавассути он пардохтпулӣ қабул карда мешавад, ба сифати тасдиқи гузаронидани амалиёт бояд бо дастгоҳи додани чеки (расиди) хазина, ки ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, муҷаҳҳаз гардонида шавад. Ҳамчунин ташкилотҳои қарзии молиявӣ бояд ба рақами телефони мобилӣ ва (ё) суроғаи почтаи электронии муштарӣ чеки (расиди) хазинаро дар шакли электронӣ ирсол намоянд.

Бо назардошти он, ки меъёрҳои болозикр ба даъвогар (ҷавобгар) пардохт намудани боҷи давлатӣ ва дигар хароҷотҳои судиро тавассути терминалҳо ва терминалҳои автоматиконидашудаи худхизматрасон бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ аз ҷумла, кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ ҳуқуқ додааст, судяҳо расидҳое (квитансияҳое), ки дар ҳомили қоғазӣ ва ё шакли электронӣ, ки ҳолати аз ҷониби тараф пардохт гардидани боҷи давлатиро тасдиқ мекунанд, ҳамчун ҳуҷҷати тасдиққунандаи пардохти боҷи давлатӣ бояд ба ҳисоб гирифта, қабул намоянд.

Инчунин, судяҳо набояд аризаҳои даъвогиро бо сабаби ба таври дахлдор тасдиқ нагардидани расид беҳаракат мононда, ба тарафҳо барои иловатан дар расид гузоштани муҳри бонкҳо, ташкилотҳои қарзии молиявии ғайрибонкӣ ё ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ҳамчун норасоҳӣ муҳлат диҳанд.

Мисол, дар марҳилаи ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ судя имкон дорад, ки воқеан пардохт гардидани боҷи давлатиро аз рӯйи “рақами расид”, ки тарафҳо ба аризаи даъвогӣ (аризаи даъвогии муқобили даъво) замима намудаанд, дар телефони мобилӣ тавассути замимаи мобилии “Амонат мобайл”-и Корхонаи воҳиди давлатии “Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” ё дигар замимаи мобилии бонкҳо муайян намояд. Бо ин мақсад судя ба замимаи мобилии “Амонат мобайл” ворид шуда, дар блоки “Пардохтҳо” ба саҳифаи “Пардохти хизматрасониҳо” ворид шуда, тугмачаи “Санҷиши расид”-ро мекушояд. Сипас, дар саҳифаи “Санҷиши расид” судя дар сатри “рақами ҳуҷҷат” рақами расидро (мисол,70951615) ворид намуда, тугмачаи “Давом додан”-ро пахш менамояд. Дар натиҷаи чунин амалиёт замимаи мобилии “Амонат мобайл” ба судя маълумоти заруриро оид ба вазъи пардохт, рақами воситаи электронии пардохтӣ (расид, чек, квитансия), суратҳисоби шахсӣ, ном, насаб ва номи падари пардохткунанда, андозаи маблағи пардохтшуда, рӯз моҳ, сол ва соати пардохт шудани маблағ, рақами мушаххаси андозсупоранда, суроғаи зисти пардохткунанда, номгӯйи қабулкунанда (суд) ва намуди хизматрасониро (боҷи давлатӣ) пешниҳод менамояд.

Илова ба ин, судяҳо метавонанд феҳристи операторони низоми пардохтӣ аз ҷумла, бонкҳо, ташкилотҳои қарзии молиявии ғайрибонкӣ ё ташкилотҳои амонатии қарзии хурдро, аз сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон дастрас намоянд.[47] Амалӣ намудани чунин усул ба судя имконият медиҳад, ки бе харҷи вақт ва дигар фаъолияти нодаркор пардохт гардидани боҷи давлатиро ба осонӣ муқаррар намояд.

3) Бо аризаи даъвогӣ замима намудани ваколатнома ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи ваколати намояндаи даъвогар - чунин маъно дорад, ки танҳо дар мавриди аз ҷониби намоянда имзо ва пешниҳод намудани аризаи даъвогӣ ба суд, ба он бояд ваколатнома, ки мутобиқи қонун ба расмият дароварда шудааст ва ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи ваколат, ба таври ҳатмӣ замима карда шавад. Агар аризаи даъвогиро даъвогар шахсан имзо ва пешниҳод намуда бошад замима намудани ваколатнома зарур нест.

Тибқи меъёрӣ м.199 КМ ваколати намоянда бо чунин тартиб метавонад анҷом дода шавад:

а) дар асоси ваколатнома;

б) дар асоси қонун;

в) дар асоси санади мақомоти ваколатдори давлатӣ ё мақомоти маҳаллии худидоракунӣ.

[47] https://nbt.tj/tj/payment_system/fehrist_op_niz_pard.php

Мувофиқи қ.1 м.202 КМ ваколатнома аз ҷониби як шахс ба шахси дигар додани ваколати хаттӣ барои намояндагӣ дар назди шахси сеюм (мисол, суд) дониста мешавад. Ваколатнома барои анҷом додани аҳде, ки шакли нотариалиро талаб мекунад, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, бояд бо тартиби нотариалӣ тасдиқ карда шавад.

Судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки мувофиқи қонун дар марҳилаи пешниҳод намудани аризаи даъвогӣ ба суд, шакли ваколатнома бояд ҳатман хаттӣ бошад. Ваколатномаи хаттӣ метавонад ҳам дар шакли хаттии одӣ ва ҳам нотариалӣ тасдиқ карда барасмият дароварда шавад.

Меъёрҳои м.55 КММ пешниҳод намудани ваколатномаро ба суд танҳо бо тартиби тасдиқ намудани он дар идораи нотаралӣ ба таври истиснои пешбинӣ намекунад, зеро ваколатнома метавонад аз ҷониби дигар шахсоне, ки мувофиқи қонунгузорӣ барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ ваколатдор мебошанд низ тасдиқ ва ба суд пешниҳод карда шавад. Қонунгузорӣ танҳо дар шакли хаттӣ (одӣ ё нотариалӣ) ба расмият даровардани ваколатномаро ба танзим дароварда, интихоб намудани намуди онро ба салоҳдиди вакилкунанда додааст.

Ваколатнома дар он вақт бояд бо тартиби нотариалӣ тасдиқ карда шавад, ки агар чунин талабот нисбат ба ваколатнома, бевосита дар қонун пешбинӣ шуда бошад. Масалан, тибқи қ.3 м.204 КМ ваколатномае, ки бо тартиби ба шахси дигар вогузор намудани ваколат дода шудааст, ё ин ки ваколатномаи бозхонднашаванда мутобиқи қ.6 м.206 КМ бояд бо тариқи нотариалӣ тасдиқ карда шавад.

Мувофиқи қ.6 м.199 КМ ба воситаи намоянда анҷом додани аҳде, ки бо хусусияти худ метавонад танҳо шахсан баста шавад инчунин, аҳди дигари дар қонун зикргардида, роҳ дода намешавад. Масалан, мутобиқи м.33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ” асос барои бақайдгирии давлатии ақди никоҳ аризаи муштараки шахсони никоҳшаванда ба ҳисоб меравад. Зеро, шахсони никоҳшаванда ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ аризаи хаттии муштарак пешниҳод менамоянд ва дар он, онҳо бояд розигии худро барои бастани ақди никоҳ ва инчунин, мавҷуд набудани монеаҳои ақди никоҳ, ки моддаи 14 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, қайд намоянд. Аммо, барои бекор намудани ақди никоҳ дар суд, зану шавҳар ҳуқуқ доранд парвандаро ба воситаи намоянда пеш баранд, зеро мувофиқи қонунгузорӣ танҳо бастани ақди никоҳ бояд шахсан ба анҷом расонида шавад.

Судяҳо бояд аҳамият диҳанд, ки барасмиятдарории ваколатнома бо тартиб ва шаклҳои шифоҳӣ ва хаттӣ метавонад ба роҳ монда шавад. Аммо,

дар марҳилаи ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ танҳо шакли хаттии ваколатнома, ки аз ҷониби шахсоне, ки мувофиқи қонунгузорӣ барои тасдиқ намудани он ваколатдор мебошанд, роҳ дода мешавад. Барасмиятдарории шакли шифоҳии ваколатнома танҳо баъд аз оғоз намудани парвандаи маданӣ бо тартиби дар қ.6 м.55 КММ пешбинишуда дар муҳокимаи судӣ анҷом дода мешавад.

Шахсоне, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи тасдиқ намудани ваколатномаро доранд, бо тариқи зайл ҷудо кардан мумкин аст:

1. ваколатномаи бо тариқи нотариалӣ тасдиқшуда, аз ҷониби нотариуси давлатӣ тасдиқ карда мешавад;

2. ваколатномаи хизматчиёни ҳарбӣ ва шахси дигари дар госпиталҳо, санаторияҳо ва ташкилотҳои дигари ҳарбии табобатӣ муолиҷашаванда, аз ҷониби сардори чунин ташкилот, муовини ӯ оид ба қисми тиббӣ, сардухтур ё духтури навбатдор тасдиқ карда мешавад;

3. ваколатномаи хизматчиёни ҳарбӣ ва дар маҳалҳои ҷойгиршавии қисмҳо, ҷузъу томҳо, муассисаву таълимгоҳҳои ҳарбӣ, ки идораҳои нотариалӣ ва мақомоти дигари анҷомдиҳандаи амалҳои нотариалӣ надоранд, аз ҷониби командир (сардор)-и ин қисм, ҷузъу том, муассиса ё таълимгоҳ, ки вакилкунанда дар он кор мекунад ё таҳсил менамояд, тасдиқ мешавад;

4. ваколатнома барои коргарону хизматчиён, аъзои оилаҳои онҳо ва аъзои оилаҳои хизматчиёни ҳарбӣ, аз ҷониби командир (сардор)-и ин қисм, ҷузъу том, муассиса ё таълимгоҳ, ки вакилкунанда дар он кор мекунад ё таҳсил менамояд, тасдиқ карда мешавад;

5. ваколатномаи шахсони дар маҳалҳои маҳрум сохтан аз озодӣ қарордошта, аз ҷониби сардори муассисаи дахлдори маҳалли маҳрум сохтан аз озодӣ тасдиқ карда мешавад;

6. ваколатномаи шахсони воқеии болиғи дорои қобилияти амалкунӣ дар муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мисол, хонаи пиронсолон, шифохона, госпитал ё дигар муассисаи статсионарии табобатӣ, ки дар он вакилкунанда қарор дорад, аз ҷониби маъмурияти ин муассиса ё роҳбари мақомоти дахлдори ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (муовини ӯ) тасдиқ карда мешавад;

7. ваколатномае, ки аз ҷониби мақоми худидоракунии маҳаллӣ, ташкилоти истифодаи манзили маҳалли истиқомати вакилкунанда, тасдиқ гардидааст;

8. ваколатномае, ки дар киштиҳои баҳрӣ шино карда истода ё дар киштиҳои обии таҳти Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон шинокунанда, аз тарафи капитанҳои ин киштиҳо тасдиқ карда мешавад;

9. ваколатномае, ки дар экспедитсияҳои ҷустуҷӯӣ фаъолияткунанда, аз ҷониби сардорони ин экспедитсияҳо тасдиқ карда мешаванд.[48]

Ғайр аз ин, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки агар шахси воқеӣ бо сабаби иллати ҷисмонӣ, беморӣ ё бесаводӣ шахсан имзо гузошта натавонад, бо хоҳиши ӯ ваколатномаро шахси воқеии дигар имзо карда метавонад. Имзои ин шахси воқеӣ бояд аз ҷониби нотариус ё шахси мансабдори дигари барои анҷоми чунин амали нотариалӣ ҳуқуқдошта бо зикри сабабҳое, ки шахси анҷомдиҳандаи аҳд бо дасти худ имзо карда натавонистааст, тасдиқ карда шавад. Ҳамзамон ҳангоми анҷоми аҳди дар қ.5 м.202 КМ зикргардида ва додани ваколатнома барои анҷоми онҳо имзои шахсе, ки аҳдро имзо мекунад инчунин, мумкин аст аз ҷониби ташкилоте, ки дар он шахси воқеии бо дасти худ имзо карда наметавониста кор мекунад ё аз ҷониби маъмурияти ташкилоти табобатии статсионарие, ки ӯ дар он табобат меёбад, тасдиқ карда шавад.[49]

Тибқи м.2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нотариати давлатӣ” ҳуқуқи ба ҷо овардани амалиёти нотариалиро нотариусони давлатие, ки дар идораҳои нотариалии давлатӣ амалиёти нотариалиро ба ҷо меоранд инчунин, раисони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот, шахсони ваколатдори намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсоне, ки тибқи қонун барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ ваколатдор карда шудаанд, доранд.

Аз меъёри мазкур бармеояд, ки раисони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот салоҳияти тасдиқ намудани ҳама гуна ваколатномаҳо аз ҷумла, ба истилоҳ ваколатномаи судиро, ба истиснои ваколатнома оид ба идора ва ихтиёрдорӣ кардани воситаҳои нақлиёт ва молу мулки ғайриманқулро доранд. Вале бояд дар назар дошт, ки раисони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ҳуқуқ надоранд амалиёти нотариалиеро, ки барои истифода берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, тасдиқ намоянд.[50]

Ғайр аз ин, мутобиқи м.34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нотариати давлатӣ” шахсони ваколатдори намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳо, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд,

---

[48] қ.4 м.202 КМ, қ.2 м.55 КММ ва м.35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нотариати давлатӣ”

[49] қ.5 м.174 КМ,

[50] м.33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нотариати давлатӣ” ва м.22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

ҳуқуқи тасдиқ намудани ваколатномаро ҷиҳати пешбурди парванда дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон доранд.

Мақсад аз васеъ намудани доираи субъектоне, ки ҳуқуқи тасдиқ намудани ваколатномаҳоро доро мебошанд, дар дастрас ва осон гардонидани хизматрасонӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Мисол, ба сокини деҳаи Деҳавзи, Ҷамоати деҳоти Лангари ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳи вилояти Суғд барои барасмият даровардани ваколатнома то ба маркази ноҳия, ки дар он ҷо Идораи нотариалӣ ҷойгир аст, тай намудани зиёда аз сад километр роҳи кӯҳӣ ва сарф намудани зиёда аз ҳашт соат инчунин, маблағи роҳкиро лозим меояд. Ҳол он ки номбурда метавонад чунин ваколатномаро дар идораи Ҷамоати деҳоти Лангар, ки ба макони зисти ӯ нисфи роҳ ва вақт камтар аст, ба расмият дарорад ва бо ин нерӯи инсонӣ, вақт ва хароҷотҳояшро сарфа намояд.

Дар асоси қонун ба амал барвардани намояндагӣ чунин маъно дорад, ки ба шахс чунин ҳуқуқ бевосита дар қонугузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст. Мисол, мувофиқи қ.1 м.54 КММ ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи шаҳрвандонро, ки дорои қобилияти пурраи амал нестанд (мисол, хурдсолон, ноболиғон ва дигарон), дар суд падару модари онҳо, ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда), васиён, парастрон ё дигар шахсоне, ки қонун ба онҳо чунин ҳуқуқро пешбинӣ намудааст, ҳимоя мекунанд. Дар чунин маврид намояндагони қонунӣ ба суд ҳуҷҷатҳоеро пешниҳод менамоянд, ки вазъи ҳуқуқии онҳоро тасдиқ мекунад (мисол, шаҳодатномаи таваллуди кӯдак, ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдонамудаи суд оид ба фарзандхондӣ).

Мувофиқи қ.2 м.202 КМ ваколатномаро аз номи шахсони воқеии то синни чордаҳ (м.29 ҳамин Кодекс) ва аз номи шахсони ғайриқобили амал (м.30 Кодекси мазкур) намояндагони қонунии онҳо медиҳанд. Аз мазмуни қонун бармеояд, ки намояндагони қонунӣ ҳуқуқ доранд, ки ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи хурдсолон, ноболиғон ва дигаронро ба воситаи намоянда ҳифз намоянд. Аз ин рӯ, намояндаи қонунӣ ҳуқуқ дорад дар суд намояндаи ваколатдор дошта бошад.

Дар асоси санади мақомоти ваколатдори давлатӣ ё мақомоти маҳаллии худидоракунӣ доштани ваколат чунин маъно дорад, ки ба шахси воеии ба балоғат расидаи дорои қобилияти пурраи амалкунӣ ҳуқуқи амалӣ намудани ин ё он ваколат дар асоси санади маъмурии мақомоти ваколатдор дода мешавад. Мисол, дар асоси қарори мақомоти ваколатдор (мақомоти васояту парастрӣ) ба сифати васӣ ё парастор таъин намудани шахс барои хурдсолон, ноболиғон инчунин, шахсони воқеие, ки суд онҳоро дар натиҷаи бемории руҳӣ ё сустақлиашон ғайриқобили амал эътироф намудааст ё ин ки

суд қобилияти амалкунии онҳоро бо сабаби мубталои қиморбозӣ, суиистеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ва маводи нашъаовар маҳдуд намудааст. Дар ин мавриd ба васӣ ё парастор ваколатнома лозим набуда, номбурдагон бе ваколати махсус ҳуқуқу манфиатҳои шахсони таҳти васоят ё парастoриашон қарордоштаро дар муносибат бо ҳама шахсон аз ҷумла, дар судҳо ҳифз мекунанд.[51] Васӣ ё парастор дар ин сурат ба суд қарори мақомоти васояту парастoриро, ки вазъи ҳуқуқӣ ва ваколатҳои ӯро тасдиқ мекунад, пешниҳод менамояд.

Оид ба парвандае, ки дар он бояд вориси шахси вафоткарда ё тибқи тартиби муқарраргардида вориси шахси вафоткарда эълоншуда иштирок намояд, агар меросро ҳанӯз касе қабул накарда бошад, ба сифати намояндаи ворисон нигаҳдоранда ё васӣ, ки барои ҳифз ва идораи амволи меросӣ таъин гардидааст, иштирок мекунад.[52]

Ваколатҳои роҳбарони шахсони ҳуқуқӣ мутобиқи ҳуҷҷатҳои ба суд пешниҳоднамудаи онҳо, ки вазъи хизматии онҳоро тасдиқ менамоянд ва ҳангоми зарурат мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, мисол, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаи раиси шаҳр ё ноҳия таъин намудан ё шаҳодатномаи хизматӣ, ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ, протоколҳои маҷлисҳои муасиссони шахсони ҳуқуқӣ ва ғайраҳо тасдиқ карда мешаванд. Ваколатнома аз номи шахси ҳуқуқӣ бо имзои роҳбари он ё шахси дигаре, ки тибқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ваколатдор шудааст, дода мешавад ва бо мӯҳри ин ташкилот тасдиқ карда мешавад.

Ҳуқуқи адвокат ҷиҳати иштирок намудан дар суд ҳамчун намоянда бо ордер, ваколатнома ва шаҳодатнома тасдиқ карда мешавад. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” мафҳуми адвокат -шахсе, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонуни мазкур соҳиби мақоми адвокат гардидааст ва ҳатман узви Иттифоқи адвокатҳо мебошад, фаҳмида мешавад.

Адвокат маслиҳатчии касбии мустақили ваколатдиҳанда оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ мебошад. Шаҳодатномаи адвокат ҳуҷҷати ягонаи тасдиққунандаи соҳиби мақоми адвокат будани шахсро тасдиқ менамояд ва аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба адвокат дода мешавад. Дар шаҳодатномаи адвокат насаб, ном, номи падари адвокат ва рақами бақайдгирии ӯ дар Феҳристи ягонаи адвокатҳо, дарҷ карда шудааст. Ордер, ин ҳуҷҷати намунаи ягонаи аз ҷониби Иттифоқи адвокатҳо муқарраршуда, ки

[51] қ.2 м. 32 КМ,
[52]қ.3 м.55 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

ваколатҳои адвокатро оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ тасдиқ менамояд, мебошад. Ваколатҳои адвокат, ки ба сифати намояндаи шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ дар мурофиаи судии маданӣ иштирок мекунад, бо меъёрҳои КММ ба танзим дароварда мешавад.[53]

Тибқи қ.2 м.8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” ҳангоми расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва амалӣ намудани намояндагии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ваколатдиҳанда, адвокат уҳдадор аст шаҳодатномаи адвокатии худ ва ордерро, ки аз тарафи ташкилоти адвокатии дахлдор дода шудааст, пешниҳод намояд. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатҳои адвокат бо ваколатнома тасдиқ карда мешаванд.

Бинобар ин, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки дар мавриди аз ҷониби адвокат имзо ва пешниҳод намудани аризаи даъвогӣ мутобиқи қ.5 м.55 ва с.3 м.135 КММ адвокат бояд се ҳуҷҷат аз ҷумла, ордер, ваколатнома ва шаҳодатномаро бо аризаи даъвогӣ замима намояд.

Ғайр аз ин судяҳо бояд донанд, ки қ.5 м.3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” адвокатҳои давлатҳои хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти адвокатиро надоранд, ба истиснои парвандаҳои иқтисодӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқи давлати хориҷӣ, ки дорои сирри давлатӣ намебошанд. Чунин фаъолияти адвокатиро адвокатҳои давлатҳои хориҷӣ танҳо баъди ба Феҳристи махсуси адвокатҳои давлатҳои хориҷии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда ворид намудани онҳо амалӣ менамоянд.

Судяҳо метавонанд маълумотро дар бораи доштан ё надоштани мақоми адвокат аз Феҳристи ягонаи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сомонаи расмии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли электронӣ дастрас намоянд.[54]

Иштироки ҳуқуқшиноси давлатӣ дар суд ба сифати намоянда бо тартиби пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ" таъмин карда мешавад. Зеро, шахсони иштирокдорони парванда ҳуқуқ доранд аз ёрии ҳуқуқии аз тарафи давлат кафолатдодашуда дар асос ва бо тартиби пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ" истифода баранд.[55]

---

[53] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

[54] https://adliya.tj/ftp/users/fehrasti_advokathoi_tocikiston_26.09.2023.pdf

[55] м.92 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1 қ.1 м.37 ва қ.7 м.55 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Инчунин, бояд дар назар дошт, ки мутобиқи қ.3 м.174 КМ дар ҳолатҳо ва бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ ё созишномаи тарафҳо ҳангоми анҷом додани аҳд истифодаи акси айнии имзо бо ёрии воситаҳои нусхабардории механикӣ ё воситаи дигар, имзои электронӣ ё шакли дигари имзои шахсӣ роҳ дода мешавад. Яъне, агар қонун ва ё санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсоне, ки мувофиқи қонунгузорӣ барои тасдиқ намудани ваколатнома салоҳиятдор мебошанд, ҳуқуқи тасдиқ намудани ваколатномаро дар шакли электронӣ дар ҳолатҳо ва бо тартиби муқараршуда пешнибӣ намояд, дар ин ҳолат чунин ваколатнома ба қатори ваколатномаҳои хаттӣ баробар ҳисоб карда, шуда метавонанд (ниг. ба м.7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ”).

Дар қатори ин судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки тибқи қ.6 м.202 КМ ваколатномае, ки бо истифодаи намудҳои гуногуни алоқа фиристода мешавад, агар ирсоли ҳуҷҷатҳо аз ҷониби корманди алоқа анҷом дода шавад, аз тарафи ташкилотҳои алоқа тасдиқ мегардад.

Ҳамзамон, судяҳо бояд донанд, ки ваколатнома ва ё ҳуҷҷатҳое, ки мақомоти салоҳиятдори давлатҳои хориҷӣ тибқи шакли муқарраргардида ва берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қонунҳои давлати хориҷӣ ба шаҳрвандон ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахсони хориҷӣ додаанд, таҳия ё тасдиқ намудаанд, агар дар қонунҳо ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми мавҷудияти апостил ё барасмиятдарории консулӣ қабул карда мешаванд.[56] Аз ин рӯ, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки шартҳои меъёри қ.1 м.397 КММ ба қонунҳо ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ҳавола мекунанд, ки онҳо метавонанд тартиби дигареро барои барасмиятдарории ваколатнома ё дигар ҳуҷҷатҳо, ки мақомоти салоҳиятдори давлатҳои хориҷӣ додаанд, пешбинӣ намояд.

Мутобиқи муқаррароти м.10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаҳои байналмилалии (мисол, шартнома, созишнома, конвенсия, протокол, паймон ва ё шартномаҳои байналмилалии дигари) дуҷониба ё бисёрҷониба, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф (тасдиқ - ратификатсия) кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Чунин меъёр дар қ.2 м.1 КММ низ пешбинӣ шудааст.

[56]м.397 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Мисол, Конвенсияи Гаага дар бораи бекор кардани талаботи таъйиди ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ (Конвенсия дар бораи Апостил) 5 октябри соли 1961 аз ҷониби давлатҳои иштирокдорони Конференсияи Гаага оид ба ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ қабул шуда, конвенсияи мазкур дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзӣ 31 октябри соли 2015 эътибор пайдо намудааст. Конвенсияи Гаага барои ҳамаи кишварҳои иштирокдорони расмиёти тасдиқи консулии ҳуҷҷатҳоро бо расмиёти апостилгузорӣ иваз намуда, бо ин ҷараёни муайянкунии аслии ҳуҷҷатҳои расмии дар кишварҳои дигар содиршударо осон гардонид. Конвенсия имконият медиҳад, ки вақт ва маблағи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ сарфа карда шуда, ҷараёни тасдиқи аслӣ будани ҳуҷҷат содда ва шаффофтар гардад. Апостилгузорӣ амали дастрасу фаҳмо буда, дар зиёда аз 103 кишвари иштирокдори Конвенсия ҷараёни содда ва якхеларо пешкаш менамояд. Шоҳигарии Белгия, Ҷумҳурии Австрия ва Ҷумҳурии Федеративии Олмон нисбат ба ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи мазкур эътироз намудаанд, аз ин рӯ, ҳуҷҷатҳои аз кишварҳои зикргардида пешниҳодшуда, танҳо баъд аз таъйиди консулӣ барои истифодаи минбаъда дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд. Бо кишварҳои аъзои Конвенсияи Гаага дар бораи Апостил дар сомонаи www.hcch.net шинос шудан мумкин аст.

Апостил (аз калимаи фаронсавӣ Apostille) - шакли пуркунии стандартикунонидашудаи байналмилалии идоракунӣ доир ба қонунии ҳуҷҷат барои пешниҳод дар қаламрави мамлакатҳои аъзои Конвенсияи Гаага доир ба апостил мебошад. Апостил, аслияти имзо, мӯҳр ё штампи ҳуҷҷати расмиро тасдиқ намуда, дар шакли чопӣ бо акси мӯҳр ва имзои корманди мақомоте, ки гузоштани апостилро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор аст, дода мешавад. Апостил танҳо пайдоиши ҳуҷҷати расмиро тасдиқ мекунад мисол, аслияти имзоҳо, ҳайси шахсе, ки ҳуҷҷатро имзо кардааст, аслияти мӯҳр ё штампе, ки дар ин ё он ҳуҷҷат акс ёфтааст, аммо на мазмуни онро. Штампи «Apostille» ба ҳуҷҷатҳои аслӣ ва нусхаҳои ҳуҷҷатҳо гузошта мешавад. Апостил дигар намудҳои тасдиқотро талаб намекунад ва аз тарафи мақомотҳои расмии мамлакатҳои аъзои созишномаи Гаага дар бораи апостил, ки розигии худро дар бораи шинохтани чунин апостил дар ҳудуди мамлакатҳои дигар додаанд, шинохта мешавад. Мақсад аз расмиёти гузоштани апостил таъмин намудани кафолати ҳақиқӣ будан ва дуруст ба расмият дароварда шудани ҳуҷҷатҳои апостил гузошташаванда мебошад, ки барои пешниҳод дар қаламрави кишварҳои иштирокдори Конвенсия пешбинӣ гардидаанд. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти расмӣ, ки

ҳуқуқи гузоштани апостилро дорад Вазоратҳои адлия ва корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Мувофиқи м.1326 КМ шакл ва муҳлати амали ваколатнома бо ҳуқуқи кишваре, ки ваколатнома дода шудааст, муайян карда мешаванд. Ваколатнома наметавонад дар натиҷаи риоя накардани шакл беэътибор эътироф карда шавад, агар он талаботи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистонро қонеъ гардонад. Яъне агар ваколатномаи хаттие (одӣ ё нотариалие), ки аз рӯйи мазмун ба шартҳои меъёрҳои қонунгузории Тоҷикистон аз ҷумла, КММ ва КМ ҷавобгӯй аст, наметавонад аз рӯйи шакл қобили қабул набошад.

Дар мавридҳое, ки агар асосҳои ҳуқуқӣ барои бекор намудани қонунигардонии ҳуҷҷат аз ҷумла, ваколатнома мавҷуд бошад, апостил истифода бурда намешавад, ба монанди Конвенсияи байни давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил доир ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои маданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ, ки 7 октябри соли 2002 дар шаҳри Кишинёв ба имзо расида, бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Тоҷикистон №1189 аз 1 октябри соли 2004, тасдиқ шудааст (ниг. ба м.м.12 ва 43 Конвенсияи Кишинёв).

Ғайр аз ин, дар қ.2 м.397 КММ пешбинӣ шудааст, ки ҳуҷҷатҳои ба забони хориҷӣ таҳияшуда бояд ба судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тарҷума ба забони давлатӣ, ки ба тариқи нотариалӣ тасдиқ гардидаанд, пешниҳод карда шаванд. Аммо дар мисоли Конвенсияи Кишинёв аз 7 октябри соли 2002 чунин ваколатнома мувофиқи м.м.17 ва 43 Конвенсияи мазкур метавонад ҳам бо тарҷума ба забони давлатӣ (тоҷикӣ), ки ба тариқи нотариалӣ тарҷумаи он тасдиқ шудааст ё ин ки бо забони русӣ бе ҳеҷ гуна тасдиқи махсус ба судҳо пешниҳод карда шавад. Зеро шартномаи бисёрҷонибаи болозикр ба даъвогар (ё ҷавобгар) ҳуқуқи интихоб кардани намуд ва тарзи пешниҳод намудани ваколатномаро ба салоҳдиди ӯ додааст. Аз ин рӯ, дар чунин мавридҳо ваколатномаҳо чӣ бо тарҷума ба забони давлатӣ ва чӣ бо забони русӣ бе тарҷума аз ҷониби судҳо бояд қабул карда шаванд.

Инчунин, судяҳо бояд ба муҳлати ваколатнома аҳамияти ҷиддӣ диҳанд, зеро мувофиқи с.2 қ.1 м.205 КМ бо гузаштани муҳлати ваколатнома амали он қатъ мегардад. Мувофиқи м.203 КМ агар дар ваколатнома муҳлат нишон дода нашуда бошад, он эътибори худро дар давоми як соли пас аз санаи дода шуданаш нигоҳ медорад. Ваколатномае, ки санаи дода шуданаш зикр наёфтааст, беоқибат аст. Ваколатномаи тариқи нотариалӣ тасдиқшудае, ки барои анҷоми амалҳо дар хориҷа пешбинӣ гардида, дар хусуси муҳлати

эътибори он ишорае надорад, то аз ҷониби шахси ваколатномадода бекор карда шуданаш эътибор дорад.

Бо назардошти изҳоршуда, дар ҳар як ҳолати мушаххас судяҳо ваколатнома ё дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ваколати намояндаи даъвогарро, ки бо аризаи даъвогӣ замима шудаагд, бояд дақиқ омӯзанд ва ба талаботи м.56 КММ инчунин, қонунгузорӣ ё шартномаҳои байналмилалӣ ҷавобгӯй будани онҳоро санҷанд.

4) Нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳолатҳое, ки даъвогар талаботи худро асоснок менамояд - чунин маъно дорад, ки даъвогар он ҳуҷҷатҳоеро, ки ҳамчун делел дар матни аризаи даъвогӣ ҷиҳати тасдиқ намудани асоснокии талаботи даъвояш зикр намудааст, бояд замима намояд. Тасвияи ҳолатҳое, ки асоси даъворо ташкил менамоянд (ҳолатҳои ҳуқуқӣ), барои муайян намудани предмети исботкунӣ зарур мебошанд. Бинобар ин, даъвогар уҳдадор аст, ки дар аризаи даъвогӣ ҳолатҳо (фактҳо) ва далелҳоеро, ки асоснок будани талаботи даъвои ӯро тасдиқ намоянд дарҷ намояд. Барои тасдиқ намудани ин вазъиятҳо даъвогар ба аризаи даъвогӣ нусхаи чунин ҳуҷҷатҳоро (далелҳо), ки ҳолатҳои (ваҷҳҳои) зикрнамудаи ӯро исбот менамоянд, бояд замима намояд, зеро мутобиқи қонун воқеан асоснок намудани даъво ба зиммаи даъвогар вогузор карда шудааст. Чун қоида, чунин ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳолатҳои даъвогар аз далелҳо (мисол, шартномаҳо, забонхатҳо, мукотиба, санадҳо ва ғайраҳо) иборат мебошанд.

Дар аризаи даъвогӣ зикр намудани ҳолатҳо (фактҳо) ва далелҳо инчунин, доир ба онҳо замима намудани ҳуҷҷатҳо ба судя имкон медиҳад, ки дар марҳилаи ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ, хусусияти муносибатҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ, ки бояд татбиқ карда шаванд, муайян намояд. Мисол, агар талаботи даъво оид ба рӯёнидани маблағи қарз нисбат ба ҷавобгар пешниҳод шуда бошад, дар ин маврид даъвогар уҳдадор аст, ҷиҳати асоснок будани талаботаш ҳолати (факти) қарздор будани ҷавобгар ва далелҳое, ки қарздории ӯро тасдиқ менамояд дар аризаи даъвогӣ зикр карда, ба аризаи даъвогӣ далели (шартномаи қарз, забонхат ва ғайраҳо) мазкурро замима намояд. Дар мисоли мазкур, замима намудани шартномаи қарз ва ё забонхати ҷавобгар ба судя имкон медиҳад, ки ба чунин масъалаҳо аз ҷумла, асоснокии талаботи даъво, мавзуи даъво ва нархи он, ба таври кофӣ пардохт гардидани боҷи давлатӣ ва ғайраҳо пешакӣ оид ба имконпазирии қабул будани аризаи даъвогӣ хулосаронӣ намояд.

5) Ҳисоби маблағҳои ситонидашаванда ё баҳсноке, ки аз ҷониби даъвогар, намояндаи ӯ имзо шудаанд, бо нусхаҳо мутаносибан ба теъдоди ҷавобгарон ва шахсони сеюм - чунин маъно дорад, ки даъвогар ё намояндаи

ӯ ба аризаи даъвогӣ ҳисоби маблағи пулӣ ва ё дигар воситаеро, ки нисбат ба он талаботи даъво пешниҳод шудааст, замима менамояд. КММ ягон талаботи махсусро нисбат ба шакл ва мазмуни ҳуҷҷати мазкур муқаррар накардааст, аз ин рӯ давогар ҳуқуқ дорад ҳисоби маблағҳое, ки аз ҷониби суд ситонида мешаванд ё мавриди баҳс қарор доранд дар шакли одӣ (мисол ҷадвали ҳисоб, дафтари пардохт, санади ҳисоб ва ғайраҳо) пешниҳод намояд. Шарти қонун танҳо аз ҷониби даъвогар ва ё намоянда имзо намудани ин ҳуҷҷат ва ба теъдоди ҷавобгарон ва шахсони сеюм пешниҳод намудани онҳо мебошад. Зарурат ба замима намудани ҳуҷҷатҳои мазкур вақте ба миён меояд, ки талаботи даъво оид ба ситонидани маблағҳо ва ё баҳснок будани ҳисоби онҳо ҳисобу китобро талаб мекунанд.

Мисол, мувофиқи қ.2 м.691 КМ агар иҷорагир аз ҳисоби маблағҳои худ ва бо розигии иҷорадеҳ беҳтарсозии молу мулки ба иҷора гирифташударо анҷом дода бошад, ки ҷудо намудани он бе расондани зиён ғайриимкон аст, иҷорагир баъди қатъи шартнома, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, ба ҷуброни арзиши чунин беҳтарсозӣ ҳуқуқ дорад. Дар мисоли мазкур аз ҷониби даъвогар ба аризаи даъвогӣ замима намудани ҳисоби маблағҳои ситонидашаванда ба судя имкон медиҳад, ки ҳангоми ҷуброн намудани маблағҳои сарф кардаи иҷорагир ҷиҳати беҳтарсозии молу мулк, намуд ва арзиши чунин беҳтарсозиро дуруст муайян намояд.

Инчунин, бо дигар категорияҳои парвандаҳои маданӣ пешниҳод намудани ҳисоби маблағҳои ситонидашаванда ё баҳснок, ки хусусияти пулӣ доранд зарур мебошад мисол, ба ҳисоб гирифтани маблағи асосӣ ва ё боқимондаи қарз, фоизҳо, ноустуворона (ҷарима, пеня) ва ғайраҳо.

§4. Методикаи амалҳои судя ҷиҳати ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ. Асосҳои ҳуқуқи барои аз қабул рад намудан, баргардонидан ва беҳаракат монондани аризаи даъвогӣ;

Аризаи даъвогие, ки ба суд ворид шудааст, баъд аз бақайдгирӣ дар дафтари воридоти муросилот, бо тартиби аз ҷониби раиси суд муқарраргардида, на дертар аз рӯзи дигари корӣ ба судя бо гирифтани дастхат дар дафтари мазкур супорида мешавад.[57]

Масъалаи ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогиро судя танҳо баррасӣ мекунад. Барои ин амал меъёрӣ м.136 КММ ба судя се рӯз аз рӯзи ворид гардидани аризаи даъвогӣ муҳлат муқаррар намудааст. Дар ин

[57] б.19.15, Дастурамал оид ба коргузорӣ дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши №48 аз 11 декабри соли 2017

муҳлат судя ҳуқуқ надорад, ки тарафҳоро вобаста ба кадом як норавшаниҳо ва норасоиҳои аризаи даъвогӣ ё дигар вазъиятҳо ба суд даъват намуда, масъалаҳои мурофиавиро аз онҳо муайян намояд. Қонуни мурофиавӣ судяро уҳдадор намудааст, ки дар муҳлати се рӯз таъинотро дар хусуси ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ дар шакли санади судӣ интишор намояд, зеро мутобиқи таъиноти мазкур баррасии парвандаи маданӣ дар суди марҳилаи якум оғоз мегардад.[58]

Инчунин, судя ҳуқуқ дорад дар ҳамин муҳлати муқаррашуда аризаи даъвогиро бо шарте беҳаракат мононад, агар тартиби он мутобиқи м.м.134 ва 135 КММ риоя нашуда бошад ё ин ки аризаи даъвогиро танҳо бо шартҳои дар м.137 КММ пешбинишуда аз қабул рад намояд ва ё онро дар асоси шартҳои м.138 КММ ба даъвогар баргардонад.

Тибқи меъёрҳои мазкур дар ҳар чор маврид судя санади судиро дар шакли таъинот қабул намуда, хулосаҳои худро оид ба натиҷаи баррасии аризаи даъвогӣ дар ҳамин марҳила асоснок менамояд.

Ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ на танҳо оқибатҳои мурофиавӣ-ҳуқуқӣ инчунин, оқибатҳои моддӣ-ҳуқуқӣ низ дорад, масалан, алимент барои давраи баъди мурофиат намудан ба суд муқаррар карда мешавад ё алимент барои давраи гузашта метавонад дар ҳудуди муҳлати сесола аз лаҳзаи мурофиат кардан ба суд ситонида шавад ё ин ки аз бадасторандаи бовиҷдон талаб намудани баргардондани ашё ё пардохти даромаде, ки бадасторандаи бовиҷдон ба даст овардааст ё мебоист ба даст орад, аз лаҳзаи гирифани хабарномаи суд вобаста ба даъвои виндикатсионии молик нисбати он, мумкин аст.[59]

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки рад намудани қабули аризаи даъвогӣ бо сабаби беасос будани талаботи пешниҳодшуда ё мавҷуд набудани қонуне, ки муносибатҳои баҳснокро танзим мекунад, мумкин нест. Инчунин, судя ҳуқуқ надорад қабули аризаи даъвогиро ба мурофиаи суд бо сабаби гузаронидани муҳлати даъво ва ё мурофиат намудан ба суд рад намояд. Ин масъалаҳо на ба имконпазирии қабул будани даъво, балки ба асоснокии он дахл доранд, ки танҳо баъд аз ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ ва оғоз намудани парвандаи маданӣ дар марҳилаи муҳокимаи судӣ баррасӣ ва ҳал карда мешаванд.

Дар баробари ин, судя наметавонад масъалаи қабул намудани аризаи даъвогиеро, ки ба талаботи тобеияти судӣ ва идоравӣ ҷавобгӯй аст, якбора бе

[58] м.136 КММ,

[59] қ.2 м.108 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қ.2 м.276 КМ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

санҷиши дурустии барасмиятдарории он ва пуррагии маводи ба он замимашуда ҳал намояд. Барои ин дар навбати аввал фаҳмидан лозим аст, ки натиҷаи баррасӣ намудани парванда аз тарафи суд ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии киҳо дахл дошта метавонад инчунин, дар кадом мурофиа (даъвогӣ, махсус ва ғайраҳо) парванда бояд баррасӣ карда шавад. Дар ин асос шакл ва мазмуни аризаи даъвогӣ, ҳайати шахсони иштирокдорони парванда, вазъи мурофиавии онҳо (даъвогарон, аризадиҳандагон, ҷавобгарон, шахсони сеюм, шахсони манфиатдор) тафтиш карда мешавад. Судяҳо бояд диққати махсус ба он диҳанд, ки меъёрҳои мурофиавие, ки қоидаҳои умумии мурофиаи даъвогиро муайян мекунанд аз ҷумла, ба шартҳои таҳия намудани аризаи даъвогӣ, тартиби пешниҳоди он, қабул намудани аризаи даъвогӣ, баррасӣ намудан дар маҷлиси судӣ ва қабул намудани санади судӣ алоқаманданд, ҳамзамон ба дигар намуди парвандаҳои маданӣ аз ҷумла, парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи омма, мурофиаи махсус ва ғайраҳо бармеоянд, бо он хусусиятҳои хос, ки меъёрҳои махсус барои ҳар намуди мурофиа, ки дар бобҳои 23, 24 25 ва 27 КММ муқаррар шудааст пурра панҳн мегарданд.[60]

Ҳангоми омухтани аризаи даъвогии воридшуда, судяҳо бояд диққати махсус дода ба саволи он, ки оё аризаи мазкур бояд бо тартиби мурофиаи судии маданӣ баррасӣ ва ҳал карда шавад ё ин ки ҳолатҳое мавҷуданд, ки судя дар асоси м.137 КММ пешбинишуда дар бораи рад намудани қабули аризаи даъвогӣ таъинот қабул мекунад, бояд ҷавоб гиранд.

Агар чунин ҳолатҳо мавҷуд набошанд ва талаботҳои дар аризаи даъвогӣ пешниҳодшуда ба салоҳияти судҳои юрисдиксияи умумӣ тобеияти идоравӣ дошта бошанд, пас ба саволи дуюм - оё аризаи даъвогӣ ба ҳамин суд тобеияти судӣ дорад ё не, ҷавоб гирифтан лозим аст.

Ба ин ду савол ҷавоб нагирифта, судя наметавонад ба иҷрои амалҳои минбаъдаи мурофиавӣ, ки ба тафтиши дуруст ва пурраи барасмиятдарории аризаи даъвогии воридшуда ва ҳуҷҷатҳои ба он замимагардида мансубанд, гузарад.

Таассуроти манфӣ нисбат ба судя дар он маврид ташаккул меёбад, агар мисол, судя аввал аризаи даъвогии воридшударо бо сабаби напардохтани боҷи давлатӣ ё дигар асосҳо беҳаракат монда, пас аз бартараф намудани норасоиҳо аз ҷониби шахсе, ки ба суд мурочиат кардааст, онро бо сабаби тобеияти судӣ доштан ба суди дигар баргардонад ва дар натиҷа суди дигар таъинот оид ба рад намудани қабули аризаи даъвогӣ бинобар тобеияти идоравӣ надоштани аризаи мазкур қабул намояд.

---

[60] м.250 ва қ.1 м.268 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Пеш аз ҳама мафҳумҳои “тобеияти идоравӣ” ва “тобеияти судӣ”-ро дақиқ фарқ кардан лозим аст. Қоидаҳо оид ба тобеият имкон медиҳанд, ки доираи парвандаҳои мадании ба салоҳияти суди юрисдиксияи умумӣ тааллуқдоштаро муайян карда, онҳоро аз парвандаҳое, ки бояд бо тартиби дигари мурофиаҳои судӣ масалан, мурофиаи иқтисодӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ инчунин, мурофиаи конститутсионӣ ва ғайраҳо баррасӣ карда мешаванд, аз мурофиаи даъвогӣ ҷудо намояд, зеро дар ин судҳо аризаи даъвогӣ (ва ё ариза, шикоят) бо тартиби дигари судӣ баррасӣ ва ҳал карда мешаванд.[61]

Масалан, Сайдалиева Ш. ва Сайдалиев Т. хоҳиш намудаанд, ки қарори муфаттиши прокуратураи шаҳри Ҳисор аз 14 октябри сол 2023 оид ба рад намудан аз оғози парвандаи ҷинояти нисбати Мамадҷонов Т. бо м.м.351-352 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор карда шуда, прокуратураи шаҳри Ҳисор вазифадор карда шавад, ки нисбати Мамадҷонов Т. барои додани нишондоди бардуруғ парвандаи ҷиноятӣ оғоз намояд. Даъвогарон аризаи даъвогиро дар асоси м.м.254-258 КММ таҳия намуда, масъалаи бекор намудани қарори мақомоти тафтиши пешакиро аз суд бо тартиби мурофиаи даъвогӣ хоҳиш намудаанд. Аммо, масъалаи болозикр мутобиқи муқаррароти м.м.123-124 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби мурофиаи ҷиноятӣ аз ҷониби прокурори болоӣ ва ё суд баррасӣ карда мешавад. Бинобар ин аризаи даъвогии номбурдагон тибқи тартиби мурофиаи судии маданӣ баррасӣ ва ҳал карда намешавад ва судя дар асоси с.1 қ.1 м.137 КММ қабули аризаи даъвогии Сайдалиева Ш. ва Сайдалиев Т.-ро бояд рад намояд. Дар мисоли мазкур гарчанде Сайдалиева Ш. ва Сайдалиев Т. ҳуқуқи дар суд шикоят намудани қарори мақомоти тафтиши пешакиро дошта бошанд ҳам, он набояд бо тартиби мурофиаи судии маданӣ балки тибқи тартиби мурофиаи ҷиноятии судӣ баррасӣ ва ҳал карда шавад.

Салоҳияти суди юрисдиксияи умумӣ аз салоҳиятҳои Суди конститутсионӣ ва судҳои иқтисодӣ аз рӯйи қоидаҳои тобеияти идоравӣ фарқ мекунад. Салоҳияти суди юрисдиксияи умумӣ (Суди Олӣ, Суди ҳарбӣ, Суди ВМКБ, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳия) оид ба баррасии парвандаҳои мушаххас аз рӯйи тобеияти судӣ муайян карда мешаванд.[62]

Инчунин, мувофиқи қ.1 м.10 КМ ҳимояи ҳуқуқҳои мадании вайронгардида ё мавриди баҳс қарордоштаро суди юрисдиксияи умумӣ, суди

[61] м.24 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj
[62] б.6 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №5 аз 29 сентябри соли 2014 “Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/mfs/

иқтисодӣ, суди ҳакамӣ ё арбитраж тибқи тобеияти идоравии парвандаҳо, ки дар қонунгузории мурофиавӣ муқаррар гардидааст, амалӣ менамоянд.

Парвандаҳое мадание, ки ба судҳои юрисдиксияи умумӣ тобеият доранд дар м.24 КММ муайян карда шудаанд. Судҳои зикршуда ҳамаи парвандаҳои маданиро оид ба баҳсҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, экологӣ, манзил, замин ва дигар муносибатҳо бармеоянд баррасӣ ва ҳал менамоянд. Судҳои мазкур парвандаҳои мадании мурофиаҳои даъвогӣ ва ғайридаъвогиро, ки дар қ.қ.1 ва 2 ҳамин модда номбар шудаанд, ба шарте баррасӣ мекунанд, ки онҳо тибқи қонун ба категорияи баҳсҳои иқтисодӣ мансуб набошанд.[63]

Мисол, даъвоҳо дар хусуси ҳимояи шаъну шараф ва одоби касбӣ дар соҳаи соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ ба судҳои юрисдиксияи умумӣ тобеияти идоравӣ надошта, тобеияти махсуси идоравии судҳои иқтисодӣ мебошанд.[64] Аммо, агар тарафҳои баҳс оид ба ҳимояи шаъну шараф ва одоби касбӣ шахсони ҳуқуқие бошанд, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ ё иқтисодӣ алоқамандӣ надоранд, пас чунин баҳс тобеияти судҳои юристиксияи умумӣ мебошад. Даъвоҳо оид ба товони зарари маънавӣ дар натиҷаи паҳн кардани иттилооте, ки шаъну шараф ва эътибори кории шахсоне, ки фаъолияти соҳибкорӣ ё иқтисодиро намебаранд, паст мезанад, низ аз ҷониби судҳои юрисдиксияи умумӣ баррасӣ ва ҳал карда мешаванд.

Ҳангоми ба суд мурочиат намудани даъвогар бо аризаи даъвогӣ, ки дорои якчанд талаботҳои ба ҳам алоқаманд мебошанд ва баъзеи талаботҳо таҳти тобеияти суди юрисдиксияи умумӣ ва баъзеи онҳо таҳти тобеияти суди иқтисодӣ қарор доранд, агар тақсим намудани талаботҳо имконнопазир бошад, парванда бояд дар суди юрисдиксияи умумӣ баррасӣ ва ҳал карда шавад. Дар сурати имконпазир будани тақсим кардани талаботҳо судя дар бораи ба мурофиа суд қабул намудани талаботи таҳти тобеияти суди юрисдиксияи умумӣ қарор дошта ва дар асоси с.1 қ.1 м. 137 КММ оид ба рад намудани қабули талаботи боқимондаи таҳти тобеияти суди иқтисодӣ қарордошта таъиноти асоснок қабул менамояд.

Дар амалияи судӣ вазъияте ба миён меояд, ки дар натиҷаи даст кашидан аз қисми даъво нисбат ба шахси воқеӣ ба сифати иштирокдори парванда танҳо шахсони ҳуқуқие мемонанд, ки талаботи пешниҳоднамудаи

---

[63] қ.3 м.24 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

[64] қ.1 м.32 КМИ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj ва б.3 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №7 аз 23 декабри соли 2011”Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории шахрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

онҳо тобеияти суди иқтисодӣ дорад. Бинобар ин саволе ба миён меояд, ки оё чунин парвандаро қатъ намудан лозим аст.

Дар ин маврид бояд аз он сарчашма гирифт, ки оё зимни ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогие, ки дорои якчанд талаботи ба ҳам алоқаманд дошта, талаботи қ.4 м.24 КММ иҷро ва риоя шудааст ё не. Агар тақсим намудани талаботҳои даъво имконнопазир бошад, шахси воқеӣ ҷавобгари муносиб мебошад ва аризаи даъвогӣ бо ҳамаи талаботҳои дар он пешниҳодшуда дуруст аз ҷониби суди юрисдиксияи умумӣ қабул шудааст. Бинобар ин новобаста аз тағйир ёфтани вазъиятҳо, ки дар натиҷа парванда ба суди иқтисодӣ тобеият пайдо намудааст, он бояд дар суди юрисдиксияи умумӣ баррасӣ карда шавад.

Хулосаи мазкур ба қ.2 м.2 КММ асос ёфтааст, чунки дар сурати мавҷуд набудани меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ, ки муносибатҳои дар мурофиаи судӣ бавуҷудояндаро танзим менамоянд, суд ҳуқуқ дорад меъёрҳоеро, ки муносибатҳои шабеҳро танзим менамоянд (қиёси қонун)-ро татбиқ намояд. Дар ин маврид чунин меъёр м.35 КММ мебошад, ки мувофиқи он парвандаеро, ки суд бо риояи қоидаҳои тобеияти судӣ барои баррасӣ қабул кардааст, бояд аз ҷониби ҳамин суд моҳиятан ҳал карда шавад, ҳарчанд минбаъд он мумкин аст таҳти тобеияти судии суди дигар қарор гирад ва агар ҷавобгар аз лаҳзаи расман ба суд даъват шуданаш масъалаи тобеияти судии ҳамин парвандаи маданиро мавриди баҳс қарор надиҳад.

Мувофиқи м.25 КММ тибқи созиши тарафҳо баҳси таҳти тобеияти идоравии судӣ қарордоштаро, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ба миён меоянд, то қабули ҳалномаи суди марҳилаи якум, ки бо он моҳиятан баррасии парвандаи маданӣ хотима меёбад, тарафҳо метавонанд барои баррасӣ ба суди ҳакамӣ пешниҳод намоянд, агар қонун тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад.

Баҳсҳои дорои хусусияти ҳуқуқиро тибқи қонунгузорӣ на танҳо судҳо, балки инчунин, дигар мақомоти ғайрисудӣ (бо тартиби расмиёти маъмурӣ, тартиби нотариалӣ, суди ҳакамӣ ва ғайра) низ баррасӣ ва ҳал менамоянд. Муроҷиат намудан ба ин ё он шакли ҳифзи ҳуқуқ аз салоҳдиди даъвогар, аризадиханда, шахси манфиатдори дигар вобаста аст ё чунин тартиб бо созиши тарафҳо ва ё бевосита дар қонун муайян карда шуда бошад. Масалан, мувофиқи м.20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” мақомоти ҳизбҳои сиёси, ки номзадҳоро пешбари кардаанд, худи номзадҳо, шахсони боэътимод, мушоҳидон ва интихобкунандагон ба комиссияҳои болоии интихобот ё ба суд аз хусуси қарорҳои комиссияҳои интихобот дар давоми

даҳ рӯзи пас аз қабул гардидани қарорҳо шикоят карда метавонанд. Аз мазмуни меъёри мазкур бармеояд, ки мурочиати пешакӣ ба комиссияи болоии интихобот барои мурочиат ба суд шарти хатмӣ нест, зеро қонун тарзи ҳифз намудани ҳуқуқу манфиатҳоро ба салоҳдиди даъвогар додааст.

Инчунин, суд қабули аризаи даъвогиро рад мекунад, агар аризаи давогӣ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии дигар шахс аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахси ҳуқуқӣ ё шаҳрванде пешниҳод гардида бошад, ки мутобиқи КММ ё дигар қонунҳо ба онҳо чунин ҳуқуқ дода нашудааст.[65] Ҳуқуқи мурочиат намудан ба суд барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони дигар бо м.м.47-48 КММ ба танзим дароварда шудаанд. Шарти асосӣ барои ба манфиати шахсони дигар пешниҳод намудани аризаи даъвогӣ, ин бевосита пешбинӣ гардидани чунин ҳуқуқ дар КММ ва ё дар дигар қонунгузорӣ мебошад.

Мисол, мувофиқи м.42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон (ассотсиатсия, иттифоқҳои онҳо) дар мавридҳои пешбининамудаи оинномаи иттиҳодияҳои мазкур ҳуқуқ доранд, барои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон (доираи номуайяни истеъмолкунандагон) ба суд мурочиат намоянд.

Судяҳо ҳангоми қабул намудани чунин аризаҳои даъвогӣ, мавҷуд будани чунин ҳуқуқро бояд бодиққат санҷанд, зеро меъёрҳои КММ ва ё дигар қонунгузорӣ метавонад ҳуқуқи ба суд мурочиат намуданро ба манфиати дигар шахсон ва ё Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври умумӣ пешбинӣ намояд.

Масалан, мувофиқи с.1 қ.1 м.19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” мақомоти агентӣ дар доираи ваколатҳои худ барои иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда ҳуқуқ дорад тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти судӣ бо аризаи даъвогӣ мурочиат намояд. Вазифаҳои мақомоти агентӣ дар м.3 ва уҳдадориҳои он дар м.18 Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд.

Дар мавриди аз ҷониби мақомотӣ агентӣ пешниҳод намудани аризаи даъвогӣ, судяҳо бояд ба вазифа, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти мазкур аҳамият диҳанд, зеро қонунгузор ба мақомоти мазкур мувофиқи с.3. қ.1 м.19 ҳамин Қонун, танҳо дар доираи ваколатҳо ва барои иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда, бо мақсади муқаррар намудани мувофиқати санадҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва шахсони

[65] с.2 қ.1 м.137 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

мансабдори онҳо ба талаботи қонунгузорӣ ба суд барои бекор кардан ё ба прокурори дахлдор оид ба овардани эътироз аз болои чунин санадҳо пешниҳод овардан, ҳуқуқ додааст.

Ҳамзамон чунин ҳуқуқ мутобиқи м.32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат бо коррупсия” ба мақомоти зикршуда дода шуда, мувофиқи меъёри мазкур санадҳои дар натиҷаи ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд қабулгардида мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси худи мақомот ё бо ҳуҷҷатҳои мавриди эътиноии прокурорӣ, мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, мақомоти дигари ваколатдори давлатӣ аз ҷониби мақомоти барои қабули он ваколатдор ё мақомоти болоӣ ва ё аз тарафи суд беэътибор дониста мешаванд. Аз меъёрҳои мазкур бармеояд, ки мақомотӣ агентии болозикр мутобиқи қонунгузорӣ танҳо оид ба бекор ва ё беэътибор донистани санадҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва шахсони мансабдор ҳуқуқи бо аризаи даъвогӣ ба суд мурочиат карданро дошта, вобаста ба дигар категорияҳои баҳсҳо чунин ҳуқуқро надорад. Мисол, агар масъалаи товони зиёни дар натиҷаи амалҳои коррупсионӣ содиршуда ба манфиати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён ояд, мақомоти мазкур пешниҳодро доир ба ин масъала ба прокурор равон мекунад ва дар ин маврид прокурор дар асоси м.24 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва меъёри м.47 КММ ҳуқуқ дорад ба суд бо ин даъво мурочиат намояд.

Ғайр аз ин, дар ҳолати мавҷуд будани ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдонамудаи суд вобаста ба баҳси байни ҳамин тарафҳо, дар ҳамон мавзуъ, тибқи ҳамон асос ва ё таъинот дар хусуси қатъ намудани баррасии парванда вобаста ба қабул намудани аризаи даст кашидани даъвогар аз даъво ё тасдиқи созиши оштӣ, судя қабули аризаи даъвогиро рад мекунад. Инчунин, агар ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдонамудаи суди ҳакамӣ вобаста ба баҳси байни ҳамин тарафҳо, дар ҳамин мавзуъ, тибқи ҳамин асос мавҷуд бошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар суд додани варақаи иҷроро барои иҷрои маҷбурии ҳалномаи суди ҳакамӣ рад карда бошад, дар ин маврид низ судя қабули аризаи даъвогиро рад мекунад.[66]

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки шартҳои меъёри м.137 КММ ҷиҳати рад намудани қабули аризаи даъвогӣ истиснои буда, тасвияи васеъ ва барзиёдатӣ оид ба рад намудани қабули аризаи даъвогӣ роҳ дода намешавад.

[66] с.с. 3 ва 4 қ.1 м.137 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Судя танҳо дар он маврид метавонад аз қабули аризаи даъвогӣ рад намояд, агар муқаррар намояд, ки ба аёнияти даъвои пешниҳодшуда бо санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдонамуда ягон шубҳа надорад. Дар сурати мавҷуд будани ягон гуна шубҳа судя вазифадор аст, ки аризаи даъвогиро ба мурофиаи суд қабул намуда, масъалаи аёнияти даъвоҳоро дар маҷлиси судӣ баррасӣ ва муқоиса намояд ва дар сурати тасдиқ гаштани ин ҳолатҳо дар охир парванда метавонад бо ин асос мутобиқи м.225 КММ қатъ карда шавад.

Мисол, мувофиқи банди 15 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1 аз 26 декабри соли 2023 “Дар бораи баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми татбиқ намудани Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд” ба судяҳо тавзеҳоти дастурӣ дода шудааст, ки агар аз талаботи даъвогӣ дар бораи бартараф намудани монеагиҳои ҷавобгар оид ба истифодабарии манзили истиқоматӣ ва ё маскун намудан муайян гардад, ки санади эътибори қонунӣ пайдокардаи суд оид ба маскун кардан ба манзили истиқоматӣ мавҷуд аст ва мақсади даъвогар аз нав маскун шудан ба ҳамон манзили истиқоматӣ мебошад, суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи истеҳсолоти иҷро” тартиби аз нав иҷро намудани ҳуҷҷати иҷро оид ба маскун намудан ва таъмини бемамонияти истифодабарии манзили истиқоматӣ ба танзим дароварда шудааст.[67]

Аз ин рӯ, дар чунин маврид, судя бо муқаррар намудани аёнияти даъвои пешиҳодшуда бо ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдонамудаи қаблии суд вобаста ба баҳси байни ҳамин тарафҳо, дар ҳамон мавзуъ ва тибқи ҳамон асос, дар муҳокимаи судӣ таъиноти маҷлиси судӣ қабул намуда дар асоси с.2 м.225 КММ баррасии парвандаро қатъ менамояд.

Риоя накардани қоидаҳои дар м.137 КММ пешбинишуда барои судя асос мебошад, ки дар хусуси рад намудани қабули аризаи даъвогӣ таъиноти асоснок қабул намояд ва онро дар муҳлати на дертар аз панҷ рӯз аз рӯзи ба суд ворид шудани аризаи даъвогӣ ба даъвогар якҷоя бо ариза ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои замимагардида супорад ё фиристонад.

Судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки баъд аз рад намудани қабули аризаи даъвогӣ даъвогар наметавонад ба суд вобаста ба ҳамин баҳс, нисбат ба ҳамин ҷавобгар, оид ба ҳамин мавзуъ ва тибқи ҳамин асосҳо такроран мурочиат намояд. Бинобар ин, нисбат ба таъинот дар бораи рад намудани қабули

[67] б.15 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1 аз 26 декабри соли 2023 “Дар бораи баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми татбиқ намудани Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

аризаи даъвогӣ шахсони иштирокдорони парванда метавонанд шикояти хусусӣ пешниҳод намоянд.

Судяҳо бояд дарк намоянд, ки рад кардан аз қабули аризаи даъвогӣ танҳо бо асосҳои дар м.137 КММ пешбинишуда, ки номгӯйи онҳо мукаммал буда, мавриди шарҳи васеъ қарор намегирад, имконпазир мебошад.

§5. Методикаи корбарӣ бо қоидаҳои тобеияти идоравӣ ва тобеияти судии парвандаҳои маданӣ дар марҳилаи ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ;

Қоидаҳои тобеияти идоравӣ ва тобеияти судӣ вобаста ба парвандаҳои маданӣ дар боби 3 КММ муқаррар шудаанд. Дар воқеъ оид ба масъалаи тобеияти идоравӣ, яъне муқаррар намудани доираи парвандаҳои мадание, ки ба салоҳияти судҳои юрисдиксияи умумӣ дахл доранд, дар ин боб танҳо қ.1 м.24 КММ бахшида шудааст, ки он шаш намуди парвандаҳои маданиро ҷудо мекунад аз ҷумла,:

1. Парвандаҳои маданӣ оид ба даъвои шаҳрвандон, ташкилот, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар хусуси ҳифзи ҳуқуқи вайроншуда ё мавриди баҳс қарордошта, озодӣ ва манфиатҳои қонунӣ, оид ба баҳсҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, экологӣ, манзил, замин ва дигар муносибатҳо бармеоянд, тибқи тартиби мурофиаи даъвогӣ ҳал карда мешаванд (зерфасли II);

2. Парвандаҳои маданӣ оид ба талаботе, ки дар м.124 ҳамин Кодекс номбар шудаанд, тибқи тартиби мурофиаи фармонӣ ҳал карда мешаванд (зерфасли I);

3. Парвандаҳои мадание, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи омма бармеоянд ва дар м.249 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудаанд, тибқи мурофиаи ҳуқуқи оммма ҳал карда мешавад (зерфасли III);

4. Парвандаҳои мадание, ки тибқи мурофиаи махсус, ки дар моддаи 267 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, тибқи мурофиаи махсус ҳал карда мешавад (зерфасли IV);

5. Парвандаҳои маданӣ оид ба эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ ва ҳалномаҳои судҳои ҳакамии давлатҳои хориҷӣ (арбитражҳо) тибқи боби 44 баррасӣ ва ҳал карда мешаванд;

6. Парвандаҳои маданӣ дар хусуси додани варақаи иҷро барои иҷрои маҷбурии ҳалномаҳои судҳои ҳакамӣ мутобиқи фасли VI ҳал карда мешаванд.

Меъёрҳои моддаҳои боқимондаи боби 3 КММ ба тобеияти судӣ дахл дошта, парвандаҳои маданиро дар байни судҳои гуногуни юрисдиксияи умумӣ, яъне судҳои шаҳру ноҳияҳои салоҳияти якхела дошта инчунин, судҳои марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ ҳам аз рӯйи асосҳои умумӣ (мавзуӣ) ва ҳам дар асоси ҳудудӣ тақсим мекунанд. Мисол, мувофиқи қ.2 м.24 КММ судяҳо парвандаҳоро бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд, ташкилотҳои хориҷӣ, ташкилотҳо бо инвеститсияҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ баррасӣ ва ҳал менамоянд. Тартиб ва қоидаҳои баррасӣ намудани парвандаҳоро бо иштироки шахсони зикршуда, фасли V КММ ба танзим медарорад.

Ҳангоми татбиқи м.24 КММ аксар вақт мушкилиҳо вобаста ба муайян кардани тобеияти идоравии парвандаҳои маданӣ байни судҳои юрисдиксияи умумӣ ва судҳои иқтисодӣ ба миён меоянд. Маҳакҳои умумии фарқкунонӣ дар меъёрӣ қ.3 м.24 КММ муайян карда шудаанд, ки мувофиқи он судяҳо парвандаҳои мадании пешбининамудаи қ.қ.1 ва 2 ҳамин моддаро, ба истиснои баҳсҳои иқтисодӣ ва дигар парвандаҳое, ки тибқи қонун таҳти тобеияти судҳои иқтисодӣ қарор доранд, баррасӣ ва ҳал менамоянд.

Аз рӯйи қоидаи умумӣ судҳои иқтисодӣ баҳсҳои иқтисодӣ ва дигар парвандаҳое, ки бо амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ алоқаманд ба миён меоянд, агар тарафҳои онҳо шахсони ҳуқуқӣ инчунин, воқеие, ки мақоми соҳибкорони инфиродиро доранд ва ғайраҳо, бо тартиби пешбининамудаи м.м. 26-32 КМИ баррасӣ мекунанд.[68]

Бо назардошти ин, дар вақти фарқкунонии салоҳият байни судҳои зикршуда маҷмӯи ду маҳак, хусусияти муносибатҳои баҳснок ва таркиби субъективии онҳоро ба асос гирифтан лозим аст.

Аммо аз ин қоида истисное мавҷуд аст, ки дар моддаи 31 КМИ пешбинӣ шудааст, ки тобеияти махсуси парвандаҳоро ба судҳои иқтисодӣ муқаррар менамояд. Тибқи ин меъёри мурофиавӣ танҳо судҳои иқтисодӣ парвандаҳои зеринро баррасӣ ва ҳал менамоянд:

- дар бораи муфлисшавӣ;

- оид ба баҳсҳои таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ташкилотҳои тиҷоратӣ инчунин, кооператсияи матлубот ё фондҳои ҷамъиятӣ;

- оид ба баҳсҳои ба қайди давлатӣ нагирифтан, аз бақайдгирии давлатӣ саркашӣ кардани соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ;

[68]м.м.26-32 КМИ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

- дар бораи баҳсҳои байни саҳмиядор ва ҷамъияти саҳомӣ, иштирокдорони дигар ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, ки аз фаъолияти ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ бармеоянд;

- дар хусуси ҳимояи шаъну шараф ва одоби касбӣ дар соҳаи соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ;

- дигар парвандаҳое, ки дар рафти фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ дар мавриди пешбиникардаи қонун ба вуҷуд меоянд.

Парвандаҳои мадании номбаршуда аз ҷониби суди иқтисодӣ новобаста ба иштирокдор будан ё набудани шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ ё дигар шаҳрвандон ва ташкилот дар муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз онҳо баҳс ё талабот ба вуҷуд омадааст, баррасӣ мегарданд.[69]

Қоидаҳои тобеияти судӣ имконият медиҳанд, ки парвандаҳои маданиибаи судҳои юрисдиксияи умумӣ таалуқдоштаро дар байни судҳои гуногун ҷудо намуда, судеро, ки ба салоҳияти он баррасӣ ва ҳалли парвандаи мадании мушаххас дахл дорад, муайян карда шавад.

Ду намуди тобеияти судӣ пешбинӣ шудааст:

1. Умумӣ (мавзуӣ) - зинаҳои судҳои (судяҳои) юрисдиксияи умумиро, ки барои баррасии категорияҳои алоҳидаи парвандаҳои маданӣ ваколатдор мебошанд, муайян мекунад;

2. Ҳудудӣ - парвандаҳои маданиро байни судҳои (судяҳои) як сатҳ (судҳои ноҳиявӣ, судҳои вилоятӣ ва ба онҳо баробар) тақсим мекунад.

Тобеияти идоравиро бо тобеияти судӣ омехта кардан мумкин нест. Бештари вақт ин вазъият ҳангоми ба суд мурочиат намудани хизматчиёни ҳарбӣ, ки аризаҳои даъвогии онҳо ва ё нисбати онҳо дар асоси с.1 қ.1 м.137 КММ аз қабул рад карда мешаванд, ба назар мерасад. Дар баробари ин, истинод намудан ба он, ки аризаи даъвогӣ тибқи мурофиаи маданӣ баррасӣ ва ҳал карда намешавад, зеро он бо тартиби дигари судӣ, яъне дар суди ҳарбӣ баррасӣ ва ҳал мешавад, нодуруст мебошад. Чунин мавқеъ хато аст, зеро чунин аризаи даъвогӣ, агар ба суди юрисдикисия умумии ноҳия ё шаҳр пешниҳод шуда бошад, бояд мувофиқи с.2 қ.1 м.138 КММ бинобар таҳти тобеияти ҳамин суд набуданаш баргардонида шавад.

Судҳои ҳарбӣ ба низоми ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил буда, судҳои юрисдиксияи умумӣ мебошанд. Ба судҳои ҳарбӣ ҳамаи парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ, ки дар онҳо яке аз тарафҳо хизматчиёни ҳарбӣ мебошанд тобеияти судӣ доранд.[70]

---

[69] қ.2 моддаи 32 КМИ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

[70] м.м.3, 58, 59, 60, 62 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Инчунин, саволе метавонад ба миён ояд, ки агар яке аз ҷавобгарон дар ҳудуди хизматрасонии як суд ва ҷавобгари дуюм дар ҳудуди суди дигар қарор дошта бошанд, парвандаро кадом суд бояд баррасӣ намояд. Дар ин маврид ҷавоб чунин мебошад, қоидаҳои қ.1 м.33 КММ бояд татбиқ карда шаванд, ки мувофиқи онҳо даъво нисбат ба якчанд ҷавобгар, ки дар маҳалҳои мухталиф истиқомат мекунанд ё ҷойгир шудаанд, тибқи интихоби даъвогар ба суди маҳалли истиқомат ё маҳалли ҷойгиршавии яке аз ҷавобгарон пешниҳод карда мешавад.

Баргардонидани аризаи даъвогӣ метавонад танҳо бо асосҳои дар м.138 КММ пешбинишуда, ки номгӯйи онҳо ниҳои буда, ба шарҳи васеъ зарурат надоранд, сурат гирад.

Мувофиқи с.1 қ.1 м.138 КММ судя аризаи даъвогиро дар ҳолати аз ҷониби даъвогар (аризадиҳанда) тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ оид ба бо роҳи ғайрисудӣ (яъне, пешазсудӣ) ҳал намудани баҳс риоя нашуда бошад бармегардонад.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки бо роҳи ғайрисудӣ ҳал намудани баҳс дар он маврид ҳатмӣ мебошад, ки агар чунин тартиби пешазсудии ҳалли баҳс бевосита дар қонунгузорӣ пешбинӣ шуда бошад. Мисол, мувофиқи м.880 КМ то ба боркашон пешниҳод намудани даъво, ки аз интиқоли бор бармеояд, бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ пешниҳоди иддао ҳатмӣ мебошад. Аризаи даъвогӣ ба боркашон аз ҷониби борфиристанда ё боргиранда ҳангоми пурра ё қисман аз ҷониби боркашон рад намудани қонеъгардонии иддао ё аз ҷониби боркашон дар муҳлати сӣ рӯз нагирифтани ҷавоб пешниҳод шуданаш мумкин аст. Ё ин ки мисоли дигар тибқи қ.3 м.312 КМ шахсе, ки молу мулки он реквизитсия шудааст, ҳуқуқ дорад баъди қатъи ҳолате, ки вобаста ба он молу мулк реквизитсия шуда буд, баргардондани молу мулки боқимондаашро талаб намояд ва дар ҳолати радди он ба суд мурочиат кунад.

Судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки қонунгузорӣ тартиби бо роҳи ғайрисудӣ (пешазсудӣ) ҳал намудани баҳсро, дар меъёрҳои мушаххас пешбинӣ намуда, шарт ва ё роҳҳои ҳалли пеш аз ба суд мурочиат намудани тарафҳоро танзим намудааст. Чунин шартҳо метавонад бо муҳлатҳои махсус, иддао ва ё раддияи тарафи дигар пешбинӣ шаванд. Мисол, мутобиқи қ.2 м.518 КМ талаби тағйир додан ё бекор кардани шартномаро тараф танҳо баъди гирифтани раддияи тарафи дигар оид ба тағйир додан ё бекор кардани шартнома ё ин ки дар муҳлати дар пешниҳод ё дар қонун ва ё дар шартнома муқарраршуда ва дар сурати набудани он дар муддати сӣ рӯз нагирифтани ҷавоб ба суд пешниҳод карда метавонад.

Ғайр аз ин, тибқи с.2 қ.1 м. 138 КММ судя аризаи даъворо бармегардонад, агар аризаи даъвогӣ таҳти тобеияти судии ҳамин суд набошад. Меъёрҳои м.м.26-35 КММ салоҳияти судҳои мушаххаси низоми судиро оид ба баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо дар марҳилаи якум вобаста ба тобеияти судӣ инчунин, тартиби супоридани парвандаҳоро аз як суд ба суди дигар муқаррар намудаанд.

Ҳамаи парвандаҳои маданиро аз рӯйи тобеияти судии умумӣ (мавзуӣ) чунин тақсим намудан мумкин аст:

- парвандаҳои мадание, ки таҳти тобеияти судии судҳои шаҳр ва ноҳия қарор доранд;

- парвандаҳои мадание, ки таҳти тобеияти судии судҳои ҳарбӣ қарор доранд;

- парвандаҳои мадание, ки таҳти тобеияти судии суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, суди вилоят ва суди шаҳри Душанбе қарор доранд;

- парвандаҳои мадание, ки таҳти тобеияти судии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.

Чун қоидаи ҳатмӣ ҳамаи парвандаҳои маданӣ аз ҷониби судҳои шаҳр ва ё ноҳия ба сифати суди марҳилаи якум баррасӣ ва ҳал карда мешаванд.

Судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, суди вилоят ва суди шаҳри Душанбе инчунин, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба сифати судҳои марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ эътироф шудаанд, парвандаҳои маданиро ба сифати судӣ марҳилаи якум танҳо дар асос ва мавридҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита пешбинӣ намудааст, баррасӣ ва ҳал менамоянд.

Мисол, мувофиқи қ.3 м.260 КММ аризаи давогӣ (ариза, шикоят) нисбат ба қарорҳои Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст дар муҳлати даҳ рӯзи баъд аз қабул шудани қарор пешниҳод гардад. Ё ин ки тибқи қ.2 м.7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат бо терроризм” Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси аризаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузорӣ ташкилотро (филиал ва (ё) намояндагии онро) ташкилоти террористӣ эътироф менамояд. Инчунин, мутобиқи қ.6 м.121 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” нисбат ба қарор ва хулосаи Коллегияи тахассусии судяҳо ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати даҳ рӯз аз лаҳзаи супоридани онҳо шикоят (ариза) овардан мумкин аст.

Меъёрҳои КММ номгӯйи возеҳу равшанро оид ба тобеияти парвандаҳои маданӣ, ки ба сифати суди марҳилаи якум аз ҷониби судҳои марҳилаи кассатсионӣ ва ё назоратӣ бояд баррасӣ карда шавад, пешбинӣ накарда, танҳо ба мутобиқи қонун таҳти тобеияти судии онҳо қарор доштани чунин даъвоҳо истинод менамояд. Аз ин рӯ, судяҳо дар марҳилаи ба мурофиаи суд қабул намудани ин ё он категорияи аризаҳои даъвогӣ ба ғайр аз меъёрҳои КММ инчунин, талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки метавонанд масъалаҳои тобеияти судии парвандаҳои маданиро ба танзим дароранд, бояд ба назар ва эътибор гиранд.

Дар амалияи судӣ метавонад вазъияте ба миён ояд, ки меъёрҳои қонунгузорӣ масъалаи тобеияти судии аризаҳои даъвогиро ба таври умумӣ ба салоҳияти судҳо ҳавола намояд. Масалан, мувофиқи қ.2 м.18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба экстремизм” гурӯҳҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ ва ё ташкилотҳои дигар метавонанд танҳо бо санади суд, ки дар асоси аризаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст, экстремистӣ эътироф карда шаванд. Аммо қонуни мазкур ба таври дақиқ аз ҷониби кадом суд қабул намудани чунин санади судиро пешбинӣ накардааст. Дар ин маврид меъёрҳои умумӣ оид ба тобеияти судӣ, ки КММ муқаррар намудааст амал мекунанд.

Вале вазъият тағйир меёбад, агар Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як аризаи даъвогӣ бо ду талабот ҳам оид ба террористӣ ва ҳам экстремистӣ эътироф намудани ташкилотҳо ба суд ариза пешниҳод намояд. Дар ин маврид аризаи мазкур ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеияти судӣ дорад, зеро мувофиқи қонунгузорӣ ташкилоти террористӣ эътироф намудан танҳо салоҳияти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ғайр аз ин, тибқи қ.2 м.м.28, 29, қ.2 м.351 ва қ.2 м.379 КММ дар сурати ду маротиба бекор карда шудани ҳалномаҳои судҳои шаҳру ноҳияҳо ва қарорҳои судӣ вобаста ба парвандаи мушаххас судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, суди вилоят ва суди шаҳри Душанбе инчунин, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин парвандаро ба истеҳсолоти худ қабул намуда, ба сифати суди марҳилаи якум баррасӣ менамоянд.

Дар ҳамаи судҳои марҳилаи якум парвандаҳои маданӣ аз ҷониби судяҳо танҳо баррасӣ карда мешаванд ва ҳангоми танҳо баррасӣ намудани парванда судя аз номи суд амал мекунад, ҳатто агар чунин парванда дар судӣ марҳилаи кассатсионӣ ва ё назоратӣ баррасӣ ва ҳал карда шавад.

Оид ба тобеияти судии ҳудудӣ (маҳаллӣ) м.м.30-34 КММ тобеияти умумиро, яъне пешниҳоди аризаи даъвогиро вобаста ба маҳалли истиқомат ё

маҳалли ҷойгиршавии ҷавобгар, ғайр аз ин тобеияти судиро мутобиқи интихоби даъвогар инчунин, тобеияти истисноии судӣ, тобеияти судии якчанд парвандаҳои ба ҳам алоқаманд ва тобеияти судиро тибқи созишномаи хаттии тарафҳо пешбинӣ менамояд.

Аз рӯйи қоидаи умумӣ аризаи даъвогӣ ба суди маҳалли истиқомати ҷавобгар ва ё маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешавад.[71] Мувофиқи м.21 КМ маҳалли истиқомат ҷое эътироф мегардад, ки шахси воқеӣ доимӣ ё бештар дар он зиндагӣ мекунад. Маҳалли истиқомати ноболиғони то чордаҳсола ё шахси воқеие, ки таҳти васоят қарор дорад, маҳалли истиқомати намояндагони қонунии онҳо эътироф мегардад. Инчунин, тибқи м.55 КМ маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ маҳалли бақайдгирии давлатии он ҳисоб меёбад. Ном ва маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ дар ҳуҷҷатҳои таъсисии он нишон дода шудааст.

Дар баъзе мавридҳои пешбининамудаи қонун аризаи даъвогӣ ба судҳо метавонад мутобиқи интихоби даъвогар пешниҳод карда шавад. Масалан, аризаҳои даъвогӣ оид ба ситонидани алимент, дар хусуси муқаррар намудани падарӣ, оид ба барқарор намудани ҳуқуқҳои меҳнатӣ, нафақа, манзил, баргардондани молу мулк ё арзиши он, вобаста ба ҷуброни зараре, ки ба шаҳрванд дар натиҷаи ғайриқонунӣ маҳкум намудан, ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ғайриқонунӣ баҳабсгирӣ ба сифати чораи пешгирӣ, забонхат оид ба аз маҳалли истиқомат набаромадан, ғайриқонунӣ татбиқ намудани ҷазои маъмурӣ дар шакли ҳабс ё корҳои ислоҳӣ расонида шудааст ва ғайраҳо, мумкин аст аз ҷониби даъвогар ҳам ба маҳалли истиқомат ё маҳалли ҷойгиршавии ҷавобгар ва ҳам ба суди маҳалли истиқомати даъвогар пешниҳод шаванд.[72]

Мутобиқи қ.3 м.31 КММ ва тавзеҳоти дастурии б.3 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №3 аз 14 июни соли 2013 “Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунҳое, ки муносибатҳоро оид ба ӯҳдадориҳо вобаста ба расонидани зарар ба ҳаёт ё саломатии шаҳрванд ба танзим медароранд” аризаҳои даъвогӣ оид ба ҷуброни зарари дар натиҷаи осеб ё зиёни дигари ба саломатӣ расонидашуда инчунин, вобаста ба фавти шаҳрванд аз ҷумла, дар бораи ҷуброни зарари маънавӣ метавонанд ҳам ба суди маҳалли истиқомати ҷавобгар (маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ), ҳам ба суди маҳалли истиқомати даъвогар ё маҳалле, ки дар он зарар расонида шудааст низ пешниҳод карда шаванд.

[71] м.30 КММ,
[72]м.31 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Қонунгузорӣ дигар ҳолатҳоро низ оид ба пешниҳод намудани аризаи даъвогӣ мутобиқи интихоби даъвогар пешбинӣ намудааст, аз ин рӯ судяҳо набояд ҳуқуқи даъвогарро вобаста ба интихоби суд маҳдуд намуда, аризаҳои даъвогиро беасос баргардонанд.

Дар баробари ин, нисбат ба баъзе категорияҳои парвандаҳои маданӣ интихоби суд барои пешниҳод намудани аризаи даъвогӣ бо хоҳиш ва иродаи даъвогар вобаста набуда, балки дар қонун бо истилоҳи тобеияти истисноии судӣ дақиқ муайян карда шудааст. Мисол, аризаҳои даъвогӣ дар хусуси ҳуқуқ ба қитъаҳои замин, қитъаҳои қаъри замин, иншооти махсуси обӣ, ҷангалзор, ниҳолзори бисёрсола, бино, иншоот, дигар объектҳо, ки устувор бо замин пайванданд инчунин, озодкунии молу мулк аз ҳабс танҳо ба суди маҳалли ҷойгиршавии ин иншоот ё молу мулки ба ҳабс гирифташуда пешниҳод мегардад.[73] Яъне, қонуни мурофиавии маданӣ тобеияти истисноии судиро муқаррар намуда, тағйир додани он дар асоси кадом як шарт ё эҳзоҳот ғайриимкон аст.

Ғайр аз ин, қонуни мурофиавӣ ҳолатҳои тобеияти судии якчанд парвандаҳои ба ҳам алоқамандро дар як суд муқаррар намудааст, мисол даъвои муқобили даъво, сарфи назар аз тобеияти судии он, ба суди маҳалли баррасии даъвои ибтидоӣ пешниҳод ва баррасӣ карда мешавад.[74]

Тобеияти судии умумӣ ва тобеият мутобиқи интихоби даъвогар мутобиқи қ.1 м.34 КММ мумкин аст дар асоси созишномаи хаттии тарафҳо тағйир дода шавад. Яъне тарафҳо метавонанд то пешниҳод намудани аризаи даъвогӣ ба суд тибқи созишномаи хаттии байни ҳамдигар тобеияти судии ҳудудиро барои ҳамин парванда тағйир диҳанд. Аммо судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки тобеияти судии муқаррарнамудаи м.м.27, 28, 29 ва 32 КММ наметавонад мутобиқи созишномаи тарафҳо тағйир дода шавад.[75]

Новобаста аз ин судяҳо бояд донанд, ки шарти асосии чунин созишнома хилофи қонунгузорӣ набудани он мебошад, зеро мутобиқи м.183 КМ аҳде, ки талаботи қонунгузориро вайрон мекунад, баҳснок ва беоқибат мебошад.

Инчунин, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки тобеияти судии парвандаҳои маданӣ бо иштироки шахсони хориҷӣ мувофиқи боби 43 КММ бо хусусиятҳои хосӣ он ба танзим дароварда шудааст, аз ин рӯ дар мавриди пешниҳод гардидани аризаҳои даъвогӣ аз ҷониби шахсони хориҷӣ ва ё нисбат

[73]м.32 КММ,
[74]м.33 КММ,
[75] м.34 КММ Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

ба онҳо қоидаҳои ҳамин боб бо назардошти фасли V КММ ба роҳбарӣ гирифта шавад.

Аризаи даъвогие, ки бо вайрон намудани қоидаҳои тобеият ба суд пешниҳод шудааст дар асоси с.2 қ.1 м.138 КММ бо таъиноти асосноки судя бо зикр намудани он ки даъвогар бояд ба кадом суди юрисдиксияи умумӣ мурочиат кунад баргардонида мешавад.

Судя аризаи даъворо бармегардонад, агар аризаи даъвогиро шахси ғайри қобили амал пешниҳод карда бошад. Қобилияти амали мурофиавии маданӣ бо м.39 КММ ба танзим дароварда шудааст. Қобилияти бо амали худ анҷом додани ҳуқуқи мурофиавӣ, иҷрои уҳдадориҳои мурофиавӣ ва супоридани пешбурди парванда ба намоянда дар ҳаҷми пурра ба шаҳрвандоне, ки ба синни ҳаждаҳсолагӣ расидаанд ва ба шахсони ҳуқуқӣ марбут мебошад, қобилияти амали мурофиавии маданӣ ҳисоб меёбад.

Мутобиқи қ.5 м.39 КММ ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи ноболиғон инчунин, шаҳрвандоне, ки ғайри қобили амал эътироф шудаанд, дар мурофиа аз ҷониби намояндагони қонунии онҳо, падару модар, ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда), васиён, парасторон ё дигар шахсоне, ки қонун ё ин ки ҳалномаи суд ва ё қарори мақомоти ваколатдор оид ба таъин кардан ба сифати васӣ ё парастор ба онҳо чунин ҳуқуқро додааст, ҳимоя карда мешавад. Намояндагони қонунӣ ба суд ҳуҷҷатҳои тасдиққунандае, ки вазъи ҳуқуқӣ ва ваколатҳои онҳоро тасдиқ менамояд бояд пешниҳод намоянд.

Ғайр аз ин, судя аризаи даъвогиро бармегардонад, агар он аз тарафи шахсе имзо шуда бошад, ки барои имзо ва ба суд пешниҳод кардани он ҳуқуқ надорад. Муқаррароти меъёри мазкур пеш аз ҳама ба намояндагон дар суд, ки вазъи ҳуқуқии онҳоро м.м.50-56 КММ танзим менамояд, дахл дорад.

Барасмиятдарории дурусти ваколатҳои намоянда аҳамияти калон дорад. Ҳуҷҷати маъмултарине, ки ваколати намояндаро тасдиқ мекунад, ваколатнома, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун тартиб дода шуда, тасдиқ карда мешавад, дар мавриди адвокатҳо ордер, ваколатнома ва шаҳоданома мебошад. Ҳуқуқи намоянда барои имзо кардани аризаи даъвогӣ ва пешниҳод намудани он ба суд ва ё пешниҳод намудани аризаи даъвогии муқобили даъво (инчунин, ҳуқуқҳои дигар) бояд дар ваколатнома махсус дарҷ карда шавад.[76]

Бинобар ин, агар аризаи даъвогӣ аз ҷониби намояндаи даъвогар имзо ва пешниҳод шуда бошад ба он ҳатман ваколатномаи ба таври дахдор

[76]қ.2 м.56 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

барасмиятдаровардашуда ё ин ки дигар ҳуҷҷате, ки ваколати ӯро барои имзо ва пешниҳод кардани аризаи даъвогӣ тасдиқ мекунад, бояд замима карда шавад.

Ғайр аз ин, тибқи с.5 қ.1 м.138 КММ судя аризаи даъвогиро бармегардонад, ки агар дар баррасии ҳамин суд ё суди дигар парванда вобаста ба баҳси ҳамин тарафҳо, оид ба ҳамин мавзуъ ва тибқи ҳамин асосҳо мавҷуд бошад. Муайян намудани ин вазъият барои судя дар аксар мавридҳо ғайриимкон аст, ба шарте, ки даъвогар дар аризаи даъвогӣ чунин маълумотҳоро зикр карда, доир ба ин ҳолат далелҳо пешниҳод намуда бошад. Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки бо ин асос танҳо дар он мавриди аризаи даъвогиро баргардондан мумкин аст, ки агар далелҳои бебасҳ оид ба дар баррасии ҳамин суд ё суди дигар вобаста ба баҳси ҳамин тарафҳо, оид ба ҳамин мавзуъ ва тибқи ҳамин асосҳо парванда мавҷуд бошад. Дар сурати ба миён омадани ягон гуна шубҳа судя вазифадор аст, ки аризаи даъвогиро ба мурофиаи суд қабул намояд. Вале, агар баъдан ин ҳолат дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ва ё маҷлиси судӣ ошкор шавад, парванда метавонад дар асоси с.3 м.227 КММ бебаррасӣ мононда шавад.

Дар бораи баргардонидани аризаи даъвогӣ судя таъиноти асоснок қабул мекунад ва дар он дарҷ менамояд, ки агар парванда таҳти тобеияти ҳамин суд набошад даъвогар бояд ба кадом суд мурочиат кунад ё чӣ тавр ҳолатҳоеро, ки ба оғоз намудани парванда монеа шудаанд, бартараф намояд. Яъне дар қисми хулосавии таъинот судя бояд дақиқ нишон диҳад, ки даъвогар аризаи даъвогиро ба кадом суд аз рӯйи тобеияти судӣ бояд супорад ва ё роҳҳои бартараф намудани монеагиҳое, ки барои ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ асос шудаанд, зикр намояд.

Мисол, Қодирӣ Н.А. ба суди ноҳияи Рӯдакӣ мурочиат намуда хоҳиш кардааст, ки ақди никоҳи байни ӯ ва Ҳоҷазода Г.А., ки рӯзи 5 июни соли 2006 таҳти №37 дар ҷамоати деҳоти Д.Холматови ноҳияи Б.Ғафурови вилояти Суғд ба қайд гирифта шудааст, бе додани муҳлати оштишавӣ бекор карда шавад. Аз омузиши аризаи даъвогӣ муайян шудааст, ки ҷойи истиқомати ҷавобгар Ҳоҷазода Г.А. шаҳри Душанбе, кӯчаи Восеъ, бинои №16 хонаи №20 мебошад. Асос барои баргардонидаи аризаи Қодирӣ Н.М. м.30 КММ, ки мувофиқи он аризаи даъвогӣ ба суди маҳалли истиқомати ҷавобгар пешниҳод карда мешавад, мебошад. Дар чунин маврид аризаи мазкур таҳти тобеияти ноҳияи Рӯдакӣ набуда, дар асоси с.2 қ.1 м.138 КММ аризаи даъвогӣ бо ҳамаи ҳуҷҷатҳои замимагардида ба Қодирӣ Н.А. барои пешниҳод намудани он ба суди ноҳияи Сино баргардонида мешавад. Дар баробари қабул намудани таъиноти мазкур судя уҳдадор аст, ки дар қисми хулосавии таъинот ба

Қодирӣ Н.А. тавзеҳ диҳад, ки ӯ ҳуқуқ дорад ба суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе мурочиат намояд.

Барои осон намудани чунин усули муайянкунии тобеияти ҳудудӣ судяҳо бояд рӯйхати расмии номгузории ҷамоату деҳот ва кӯчаву маҳаллаҳои ноҳия ва ё шаҳрро, ки дар ҳудуди он суд фаъолият дорад, дошта бошанд. Рӯйхати расмӣ ва дақиқи мазкурро судяҳо аз мақомоти иҷрояи маҳаллӣ ё хоҷагию комуналӣ метавонанд дастрас намоянд ва он ба судя имкон медиҳад, ки ҳудуди хизматрасонии судро, ки судя дар он фаъолят дорад муайян намояд.

Ҳамзамон, дар назар доштан лозим аст, ки чунин таъинот бояд дар муҳлати се рӯз аз рӯзи ба суд ворид шудани аризаи даъвогӣ қабул карда шуда, ба даъвогар якҷоя бо ариза даъвогӣ ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои ба ариза замимагардида фиристонида шавад. Нисбат ба таъинот дар хусуси баргардонидани аризаи даъвогӣ шахсони иштирокдори парванда метавонанд шикояти хусусӣ пешниҳод намоянд.

Баргардонидани аризаи даъвогӣ барои мурочиати такрории даъвогар ба суд вобаста ба ҳамин даъво нисбат ба ҷавобгар, оид ба ҳамин мавзуъ ва тибқи ҳамин асосҳо монеа шуда наметавонад, агар аризадиҳанда норасоиҳои ҷойдоштаро бартараф намояд.

Мисол, агар судя дар асоси с.1 қ.1 м.138 КММ аризаи даъвогии борфиристанда ё боргирандаро бо сабаби аз ҷониби онҳо риоя накардани тартиби пешбининамудаи м.880 КМ оид ба роҳи пешазсудӣ ҳал намудани баҳс баргардонда бошад, баъд аз ҷониби даъвогар пешниҳоди иддао ва ҷониби ҷавобгар (боркашон) пурра ё қисман рад намудани қонеъгардонии иддао ва дар муҳлати сӣ рӯз нагирифтани ҷавоб ба иддаҳо, ҳуқуқ дорад аризаи даъвогиро дубора ба суд пешниҳод намояд. Дар ин маврид даъвогар ҳамон аризаи даъвогиро бо дарҷ намудани он ҳолат, ки тартиби пешазсудии ҳалли баҳс риоя шудааст дар аризаи даъвогӣ дарҷ намуда доир ба ин ҳолат далелҳоро замима менамояд.

Аз рӯйи талаботи қонуни мурофиавии маданӣ даъвогар уҳдадор аст номи судеро, ки ба он аризаи даъвогӣ пешниҳод карда мешавад ва тамоми маълумоти заруриро дар бораи иштирокдорони асосии мурофиаи судӣ, яъне ному насаби дақиқи тарафҳо ва намояндагон ва суроғаи онҳоро дар аризаи даъвогӣ зикр намояд.

Тавре, ки дар м.134 КММ муқаррар шудааст, даъвогар бояд дар аризаи даъвогӣ талаботи худро, ки мавзуи (предмети) даъво мебошад нишон диҳад. Мавзуи даъворо набояд бо мавзуи (объекти) моддии муайяни баҳс (мавзуи баҳс), яъне пул, ашё, манзили истиқоматӣ ва ғайраҳо омехта намуд. Доир ба

ҳар як объекти баҳс даъвоҳои дорои хусусияти хеле гуногун, масалан, вобаста ба ашёи ғайриманқул (молу мулки ғайриманқул, ғайриманқула) қитъаи замин, бино (истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ), иншоот ва объектҳои сохтмонашон нотамом, дарахтҳои бисёрсола ва молу мулки дигар метавонанд пешниҳод карда шаванд. Даъвоҳо метавонанд дар бораи эътироф намудани ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматӣ ва объектҳои дигар, оид ба кӯчонидан, маскун намудан, тақсим намудан, баратараф кардан ва ғайраҳо бошанд. Ҳамин тавр, мавзуи моддии (объекти) баҳс ва мавзуи даъво мафҳумҳои гуногун мебошанд.

Ҳуқуқи муайян кардани мавзуи даъво танҳо ба даъвогар тааллуқ дорад, масалан, доир ба баҳси аз муносибатҳои ҳуқуқҳои маданӣ бармеомада, худи даъвогар бояд тарзи дахлдори ҳифзи ҳуқуқи маданиро бо салоҳдиди худ интихоб намояд. Масалан, маҷбур намудан ба иҷрои уҳдадориҳо дар шакли асл, ҷуброни зиён, рӯёнидани ноустуворона, товони зарари маънавӣ ва ғайраҳо.[77]

Мисол, оид ба парвандаи мушаххас даъвогар талабот пешниҳод кардааст, ки монеагиҳо оид ба истифодаи қитъаи замини боғ бартараф карда шуда, ҷавобгар бинои сохтаашро бартараф намояд. Аз тарфи суди марҳилаи якум даъво қонеъ карда шудааст. Аммо ҳалнома аз ҷониби коллегияи суди оид ба парвандаҳои мадании марҳилаи кассатсионии шаҳри Душанбе бинобар сабаби аз ҷониби суди марҳилаи якум муайян нагардидани мутобиқатии талаботи даъвогар ба оқибатҳои аз ҷониби ҷавобгар риоя нагардидани меъёрҳои сохтмонӣ бекор карда шудааст. Инчунин, коллегияи судӣ хулосаронӣ намудааст, ки даъвогар имконият дошт, ки ҳимояи ҳуқуқҳои худро дар шакли товони зиён пешниҳод намояд. Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои мадании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори марҳилаи кассатсионии суди шаҳри Душанберо бекор намуда, ҳалномаи суди марҳилаи яукмро бетағйир гузошта, қайд кардааст, ки интихоби яке аз тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ, ки дар м.11 КМ пешбинӣ шудааст, на ин ки ба суд балки танҳо ба даъвогар таалуқ дорад ва даъвогар мутобиқи м.8 КМ ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои маданиашро бо салоҳдиди худ, ки тарзи ҳимояи онро дар аризаи даъвогиаш зикр менамояд, амалӣ менамоянд.

Ба таври дақиқ ва дуруст муқаррар намудани мавзуи даъво иҷрои минбаъдаи санади судиро муайян мекунад, зеро талаботи ба таври маҳдуд ифода намудаи даъвогар дар оянда ба таври маҷбурӣ иҷро намудани онро имкон намедиҳад. Мисол, даъвогар талаботи даъворо танҳо дар бораи

[77]м.м.8 ва 11 КМ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

беэътибор донистани шартномаи хариду фурӯш пешниҳод намуда, талаботро вобаста ба оқибатҳои ҳуқуқии қонеъшавии даъво пешниҳод накардааст. Дар ин маврид суд танҳо оид ба беэътибор донистани шартнома ҳалнома қабул менамояд. Вале барои ба миён омадани оқибатҳои аҳди беэътибор танҳо дар асоси талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар дар ҳалномаи суд бояд амалҳои минбаъда, аз қабили баргардонидани тамоми чизеро, ки аз рӯйи аҳд тарафҳо ба даст ба овардаанд ё ин ки аз тарафи суд уҳдадор намудани ҷавобгар оид ба пардохт намудани арзиши онро бо пул, муайян карда шаванд.[78] Дар ин ҳолат даъвогар ҳуқуқ дорад иҷроиши маҷбурии ҳалномаро дар ҷараёни иҷро талаб намояд.

Агар ҳалнома танҳо дар доираи талаботи пешниҳодшуда қабул карда шавад, мисол танҳо дар бораи беэътибории аҳд, он гоҳ иҷроиши маҷбурии чунин ҳалнома оид ба оқибатҳои беэътибории аҳд, ғайриимкон мегардад, зеро суд мутобқи қ.3 м.198 КММ ҳалномаро дар доираи талаботи пешниҳодшуда қабул менамояд.

Барои баъзе категорияҳои парвандаҳои маданӣ мазмуни аризаҳои даъвогӣ нисбат ба талаботи даъво хусусиятҳои худро доранд. Масалан, дар парвандаҳо оид ба тақсим намудани манзили истиқоматие, ки таҳти моликияти ҳиссагӣ қарор дорад ва аз он ҷудо намудани ҳисса, даъвогар ҳангоми тартиб додани аризаи даъвогӣ ва мурочиат намудан ба суд на ҳама вақт метавонад талаботи худро ба таври кофӣ мушаххас намояд инчунин, наметавонад тарз ва шартҳои тақсими молу мулки умумӣ ё ҷудо кардани ҳиссаро дар шакли асл дақиқ нишон диҳад, зеро барои ин гузаронидани экспертизаи судӣ-сохтмонӣ зарур аст. Танҳо баъд аз шинос шудан бо хулосаи коршинос даъвогар метавонад талаботи даъворо муайян намояд.[79]

Дар аризаи даъвогӣ бояд маълумотҳо оид ба ҳолатҳое (фактҳое), ки даъвогар талаботи худро нисбат ба ҷавобгар асоснок месозад ва далелҳое, ки ин ҳолатҳоро тасдиқ мекунанд зикр гарданд. Агар даъвогар ҳангоми баррасии парванда истифода бурдани нишондоди шоҳидонро ба сифати далел зарур шуморад, дар охири аризаи даъвогӣ ё замима ба он бояд дархост дар бораи ба суд даъват намудани шоҳидон бо нишон додани он ки ки шоҳид кадом ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдоштаро метавонад тасдиқ кунад ва ба суд оид ба насаб, ном, номи падар ва маҳалли истиқомати шоҳид бояд маълумот пешниҳод намояд.[80]

---

[78] қ.2 м. 182 КМ,
[79] м.324 КМ,
[80]қ.2 м.72 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Дар марҳилаи ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ судя ҳуқуқ надорад онро аз қабул рад намояд ва ё ба даъвогар баргардонад, агар даъвогар оид ба ҳолатҳои дар аризаи даъвогиаш дарҷнамуда далелҳоро пешниҳод ва ё нусхаи онҳоро замима накарда бошад зеро, дар м.м.137 ва 138 КММ чунин асосҳо пешбинӣ нашудаанд. Судя бо мақсади аз ҷониби даъвогар риоя намудани меъёрҳои м.м.134 ва 135 КММ метавонад аризаи даъвогиро дар асоси таъиноти асосонок танҳо беҳаракат мононад.

Шакли аризаи даъвогӣ чун қоида якхела буда, мазмуни аризаи даъвогӣ оид ба категорияҳои алоҳидаи даъвоҳо вобаста ба хусусияти муносибатҳои ҳуқуқии баҳсшаванда метавонад ба таври иловагӣ муайян карда шаванд. Масалан, дар аризаи даъвогӣ оид ба бекор кардани ақди никоҳ ба ғайр аз маълумотҳои зарурие, ки дар қ.2 м.134 КММ пешбинӣ шудаанд инчунин, маълумотҳо оид ба он ки ақди никоҳ кай ва дар куҷо ба қайд гирифта шудааст, оё зану шавҳар фарзандони умумӣ доранд, синну соли онҳо фарзандони ноболиғ, зану шавҳар дар хусуси таъмин ва тарбияи фарзандон созишнома бастаанд ё не, ҳангоми набудани розигии тарафайн оид ба бекор намудани ақди никоҳ асосҳо барои бекор намудани ақди никоҳ, оё байни тарафҳо дигар талаботҳо, ки дар якҷоягӣ бо талабот оид ба бекор кардани ақди никоҳ баррасӣ шуданашон мумкин аст, ҳастанд ё не бояд дарҷ карда шаванд ва мутобиқи м.135 КММ нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳолатҳое, ки даъвогар талабҳои худро асоснок менамояд ба аризаи мазкур бояд замима карда шавад.[81]

Аз тарафи Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон додани чунин дастури тавзеҳотӣ бо мақсади аз ҷониби судҳо риоя намудани талаботҳои м.24 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст, зеро суд вазифадор аст, ки ҳангоми баррасӣ намудани парванда ва қабул намудани ҳалнома оид ба бекор кардани ақди никоҳ масъалаҳое, ки дар моддаи мазкур пешбинӣ шудааст муқаррар ва бо назардошти қ.3 м. 198 КММ ҳал намояд.

Агар даъво нарх дошта бошад, дар аризаи даъвогӣ нархи он инчунин, ҳисоби маблағҳои ситонидашаванда ё баҳснок зикр карда мешавад. Илова бар ин, дар охири аризаи даъвогӣ бояд номгӯйи ҳуҷҷатҳое, ки ба аризаи даъвогӣ замима мешаванд нишон дода шавад. Ҳуҷҷатҳое, ки ба аризаи даъвогӣ замима карда мешаванд дар м.135 КММ номбар шудаанд.

Агар судя ҳангоми омузиши аризаи даъвогӣ ва маводи бо он замимашуда муайян намояд, ки аризаи даъвогӣ аз рӯйи шакл ва мазмун ба

[81] б.7 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №10 аз 29 майи соли 2003 “Дар бораи тағрибаи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба бекор кардани ақди никоҳ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

талаботи м.134 КММ ҷавобгӯй намебошад ё ин ки ба он ҳуҷҷатҳои зарурие, ки дар м.135 КММ пешбинӣ шудаанд замима нашуда бошанд, танҳо дар ин мавриd судя ҳуқуқ дорад дар асоси м.139 КММ аризаи даъвогиро беҳаракат мононад.

Оид ба беҳаракат монондани аризаи даъвогӣ судя мутобиқи м.139 КММ дар муҳлати се рӯз таъиноти асоснок қабул мекунад ва дар он норасоиҳои мушаххасро нишон дода, ба даъвогар барои ислоҳи норасоиҳо муҳлати воқеӣ муқаррар менамояд. Инчунин, судя дар таъинот оқибати ислоҳ накардани норасоиҳои дар таъинот номбаршударо дарҷ менамояд.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки чунин муҳлат бояд оқилона бошад, яъне ҷиҳати дарк намудани норасоиҳои ошкоршуда ва бартараф намудани онҳо дар муҳлати муқарраршуда, даъвогар имконияти воқеӣ ва кофӣ дошта бошад.

Инчунин, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки ислоҳ намудани норасоиҳои аризаи даъвогӣ бояд дар қисми хулосавии таъинот на ба таври умумӣ, балки бо роҳи номбар намудани норасоиҳои мушаххас нишон дода шаванд. Зеро таъиноти суд мутобиқи м.230 КММ аз қисмҳои муқаддимавӣ, баёнӣ-асосноккунӣ ва хулосавӣ иборат буда, хулосаҳои суд оид ба натиҷаи ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ бояд дар қисми хулосавии таъинот дарҷ карда шаванд.[82] Дар қисми хулосавии таъинот мушаххас дарҷ намудани норасоиҳои ҷойдошта ба хонандаи чунин санади судӣ оид ба чӣ тавр амал кардан ва маҳз кадом норасоиҳоро бартараф кардан имкон медиҳад.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки дар сурати бо аризаи даъвогӣ дархост дар бораи озод кардан аз пардохти боҷи давлатӣ, кам кардани андозаи он, ба таъхир андохтан ё ба даврaҳо ҷудо кардани муҳлати пардохти боҷи давлатӣ замима шуда ё дар матни аризаи даъвогӣ чунин дархост пешниҳод шуда бошад, он гоҳ судя ҳуқуқ надорад аризаи даъвогиро бо асоси пардохт накардани боҷи давлатӣ бе ҳал намудани дархости мазкур беҳаракат гузорад. Чунин дархостҳоро судя дар асоси м.91 КММ бо қабул намудани таъиноти асоснок дар шакли санади судии алоҳида баррасӣ ва ҳал менамояд, ки нисбат ба он ба суди марҳилаи кассатсионӣ шикояти хусуӣ пешниҳод кардан мумкин аст.[83]

Бо назардошти он ки тамоми маълумоти зарурӣ барои ислоҳи норасоиҳо дар таъиноти судя бояд мавҷуд бошанд, чунин маълумот

---

[82] қ.2 м.139, қ.1 м.229 ва қ.1 м.230 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

[83] б.б. 2 ва 3 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №8 аз 23 декабри соли 2011 “Дар бораи тафрибаи судӣ оид ба пардохти боҷи давлатӣ аз рӯйи парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

тавассути фиристодани нусхаи таъинот ба даъвогар расонида мешавад. Нусхаи таъиноти мазкур дар муҳлати на дертар аз се рӯзи қабул гардиданаш ба аризадиҳанда супорида мешавад.[84]

Агар даъвогар дар муҳлати муқарраршуда норасоиҳои дар таъинот номбаршударо ислоҳ кунад, аризаи даъвогӣ аз рӯзи пешниҳоди ибтидоии он ба суд пешниҳодшуда эътироф мегардад. Дар чунин ҳолат шурӯъшавии муҳлати баррасии парванда аз рӯзи қабули аризаи даъвогӣ ҳисоб карда мешавад.

Дар мавриди ислоҳ накардани норасоиҳо аризаи даъвогӣ пешниҳодшуда ба ҳисоб намеравад ва дар асоси мактуби судя ба даъвогар бо ҳамаи ҳуҷҷатҳои ба аризаи даъвогӣ замимагардида баргардонида мешавад. Баъд аз баргардонидани он, даъвогар ҳуқуқ дорад норасоиҳои ҷойдоштаро бартараф намояд ва дар дилхоҳ вақт ба суд вобаста ба ҳамин даъво нисбат ба ҷавобгар, оид ба ҳамин мавзуъ ва тибқи ҳамин асосҳо такроран мурочиат намояд. Аммо чунин мурочиати такрорӣ бо тартиби нав ба қайд гирифта шуда, мумкин аст боз ба ҳамон судя ва ё дигар ҳамтояш барои баррасӣ вогузор карда шавад.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки муқаррар намудани муҳлат дар таъинот оид ба беҳаракат монондани аризаи даъвогӣ барои ислоҳи норасоиҳо бояд оқилона, яъне басанда бошад ва вақти додашуда имконияти ислоҳи норасоиҳоро таъмин карда тавонад.[85]

Ғайр аз ин, судяҳо ҳангоми муқаррар намудани муҳлат барои ислоҳи норасогиҳо бояд ба инобат гиранд, ки таъиноти мазкур дар муҳлати даҳ рӯз аз рӯзи ба шахсони иштирокдори парванда супоридани нусхаи таъинот эътибори қонунӣ пайдо мекунад. Аз ин рӯ дар вақти додани муҳлат судяҳо бояд ҳаҷми ислоҳи норасогиҳо ва вақтро чунон ба ҳисоб гиранд, ки даъвогар шароит пайдо намояд, то тавонад норасогиҳои нишондодашударо воқеан ислоҳ намояд.

Масалан, агар аризаи даъвогӣ санаи 4 март ба суд ворид шуда бошад, судя онро то рӯзӣ 6 март омухта, таъинот оид ба беҳаракат монондани он қабул намуда, на дертар аз се рӯз, яъне то 9 март нусхаи таъинотро ба даъвогар месупорад. Аз рӯзӣ 9 март то санаи 19 март муҳлати шикояти хусусӣ овардан ба таъинот буда, таъиноти мазкур рӯзӣ дигар, яъне 20 март эътибори қонунӣ пайдо мекунад ва маҳз аз ҳамин рӯзӣ 20 март даъвогар ухдадор аст норасогиҳои нишондодашударо дар муҳлати муқаррарнамудаи

[84]м.139 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj
[85] б.4 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №4 аз 14 июни соли 2013 “Оид ба муҳлатҳои мурофиавии баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

суд ислоҳ намояд. Ҳамин тавр, аз рӯзӣ ба суд ворид шудани аризаи даъвогӣ то эътибори қонунӣ пайдо намудани таъиноти судя оид ба беҳаракат монондани аризаи даъвогӣ 17 рӯз лозим мешавад. Аз ин рӯ, судя бояд чунин баҳисобгирии муҳлатҳои мурофиавиро дар назар дошта бошад.

Инчунин, дар таъинот дарҷ намудани санаи тақвимии муҳлат (мисол, то 20 марти соли 2024) барои ислоҳи норасогиҳо нодуруст буда, муҳлати мазкур бо калимаҳои “даҳ, понздаҳ ё бист рӯз пас аз эътибори қонунӣ пайдо намудани таъинот” бояд нишон дода шавад.

Ҳамзамон бояд ба инобат гирифт, ки баҳисобгирии муҳлат барои ислоҳи норасоиҳо танҳо баъд аз эътибори қонунӣ пайдо намудани таъинот оид ба беҳаркат монондани аризаи даъвогӣ бояд оқилона ва басанда бошад. Эътибори қонуни пайдо намудани таъинот оид ба беҳаракат монондани аризаи даъвогӣ баъд аз супоридани нусхаи таъинот ва гузаштани муҳлати пешниҳоди шикояти хусусӣ ва дар мавриди пешниҳод шудани шикоят бошад, баъд аз қабул намудани қарори суди марҳилаи кассатсионӣ дар хусуси қонеъ нагардонидани шикояти хусусӣ анҷом дода мешавад.

Дар баробари ин, судяҳо бояд ба эътибор гиранд, ки таъинотҳое, ки дар асоси м.м.137, 138 ва 139 КММ қабул шудаанд, метавонанд мавриди шикояти хусусӣ қарор гиранд. Зеро, мувофиқи м.361 КММ шикояти хусусӣ мумкин аст дар муҳлати даҳ рӯз аз рӯзӣ ба шахсони иштирокдори парванда супоридани нусхаи таъиноти суди марҳилаи якум пешниҳод карда шавад.

Тартиби супоридани нусхаи таъинот дар моддаи 232 КММ ба танзим дароварда шудааст. Мувофиқи меъёрҳои он таъиноте, ки дар шакли санади судии алоҳида қабул гардида, дар шакли электронӣ тартиб дода шудааст, на дертар аз панҷ рӯзи пас аз қабул шудани он ба шахсони иштирокдори парванда ва шахсони дигари манфиатдор тавассути ҷойгир намудани он дар сомонаи суд дар реҷаи дастрасии маҳдуд ирсол карда мешавад.

Бинобар ин таъинотҳои судие, ки ба воситаи компютер ё дигар воситаи таҷҳизоти электронӣ дар шакли электронӣ таҳия карда шудаанд бояд бо имзои электронии рақамии судя тасдиқ карда шуда, дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонун ба тарафҳо ба воситаи почтаи электронии расмии суд (мисол, info@sud.tj), ки дар сомонаҳои судҳои ҷумҳурӣ амал мекунанд равон карда шаванд. Мафҳуми реҷаи дастрасии махдуд маънои онро дорад, ки таъиноти мазкур танҳо ба даъвогар, ҷавобгар ва дигар шахсони иштирокдорони парванда ирсол карда мешавад.

Мафҳумҳои “ҳуҷҷати электронӣ, шакли электронӣ ва имзои электронии рақамӣ” дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷати

электронӣ ва имзои электронӣ” аз 15 марти соли 2023, №1965 шарҳ дода шудаанд.[86]

Судя масъалаи ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ дар давоми се рӯз аз рӯзи ворид гардидан баррасӣ намуда, онро барои барасмиятдарорӣ ба шуъбаи коргузорӣ месупорад. Нусхаи аслии таъинот, нусхаи ариза ва мактуби роҳбаладӣ дар бораи баргардонидани ҳуҷҷатҳо дар бастаи алоҳида нигоҳ дошта мешавад. Доир ба парвандаи ба мурофиаи суд қабулгардида варақаи баҳисобгирии оморӣ тартиб дода мешавад. Дар сурати рад намудани қабул, баргардонидан ва беҳаракат монондани аризаи даъвогӣ парвандаи маданӣ оғоз карда нашуда, рақам дода намешавад. Чунин ҳуҷҷатҳо бо санадҳои суди ва муросилот бо онҳо дар бастаи алоҳида нигоҳ дошта мешаванд ва дар дафтари воридоти муросилот сабти дахлдор гузошта мешавад.[87]

Дар мавридҳое, ки барои бе ҳаракат гузоштани аризаи даъвогӣ асос вуҷуд надошта бошад ё ин ки даъвогар дар муҳлати муқарраргардида норасоиҳои номбаршударо ислоҳ карда бошад, судя дар асоси м.136 КММ дар бораи ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ таъинот қабул менамояд, ки тибқи он баррасии парвандаи маданӣ дар суди марҳилаи якум оғоз мегардад.

Дар таъиноти ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ ва оғоз намудани парвандаи маданӣ истинод овардан ба он ки аризаи даъвогии пешниҳоднамудаи даъвогар ба талаботи м.м.134 ва 135 КММ ҷавобгӯй буда, асосҳо барои рад намудани қабул, баргардонидан ва беҳаракат монондани аризаи даъвогӣ, ки дар м.м.137, 138 ва 139 КММ пешбинӣ шудаанд муайян карда нашудаанд, кифоя мебошад.

Инчунин, дар таъиноти мазкур судя бо асосҳои дар қ.қ.2 ва 3 м.154 КММ пешбинишуда, ҳуқуқ дорад як ё якчанд талаботи даъворо ба мурофиаи алоҳида ҷудо кунад, агар эътироф намояд, ки чунин ҷудокунӣ мувофиқи мақсад буда, барои дуруст ва саривақт баррасӣ ва ҳал кардани парванда мусоидат мекунад.

Ҳамаи амалҳои мурофиавии судя вобаста ба рад намудани қабул ё баргардонидани аризаи даъвогӣ, беҳаракат монондани он ё ин ки ба мурофиаи суд қабул ва оғоз намудани баррасии парвандаи маданӣ дар суди марҳилаи якум инчунин, дигар масъалаҳои мурофиавие, ки дар ҳамин марҳила баррасӣ ва ҳал карда мешавад (мисол, озод кардан аз пардохти боҷӣ давлатӣ

[86] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ” аз 15 марти соли 2023, №1965, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

[87] б.б.19.15., 19.9. ва 19.25., Дастурамал оид ба коргузорӣ дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши №48 аз 11 декабри соли 2017

ва ғайраҳо) бояд танҳо бо қабул намудани таъиноти дахлдорӣ асоснок ба расмият дароварда шаванд.

Риоя накардани ин талаботи ҳатмӣ, соддагардонии беасос ҳангоми ба воситаи мактуб баргардонидани аризаи даъвогӣ, ба таври ҷиддӣ вайрон кардани меъёрҳои қонуни мурофиавӣ ҳисоб шуда, ҳуқуқи конститутсионии шахсонеро, ки барои ҳимояи судӣ мурочиат кардаанд поймол мекунад ва онҳоро аз имконияти шикоят кардан ба суди марҳилаи болоӣ нисбат таъиноте, ки ба барои оғоз гардидани парвандаи маданӣ монеа мешаванд, маҳрум месозад. Судяе, ки хатоҳои зикршудаи мурофиавиро содир кардааст ё муҳлати мурофиавии қабули аризаи даъвогиро гузаронидааст, вазифадор аст онро фавран бартараф намояд ва амали мурофиавиро бо таъиноти дахлдор ба расмият дарорад.

Парвандаи маданӣ ва оилавӣ дар муҳлати на дертар аз се рӯз аз рӯзи дигари қабули таъиноти судя бо қайд намудан дар дафтар, кушодани варақаи баҳисобгирии оморӣ ва муқова кардан ба расмият дароварда шуда, ба судя - раисикунандаи парванда бо гирифтани имзояш супорида мешавад.[88]

Ҳамин тавр, пешниҳод намудани аризаи даъвогӣ ба суд ва аз ҷониби судя барои баррасӣ ба мурофиаи суд қабул намудани он, боиси фаро расидани оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ мегардад. Муҳимтарини онҳо пайдоиши мурофиаи судии маданӣ бо парвандаи мушаххас мебошад. Маҳз аз лаҳзаи ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ, ҳаракати пай дар пайи мурофиавии парванда оғоз мегардад. Баррасии парвандаи маданӣ дар суд боиси пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии мадании мурофиавӣ мегардад. Дар назди суд ва дигар иштирокдорони мурофиаи судӣ ҳуқуқ ва ухдадориҳои мурофиавӣ ба миён меоянд, ки татбиқи онҳо дар рафти баррасии парванда амалӣ мешаванд. Бинобар ин, суд вазифадор аст, ки баҳси байни тарафҳоро баррасӣ намуда, аз рӯйи парванда санади судии дахлдор қабул намояд. Даъвогар имкон пайдо мекунад, ки дар ҳаҷми пурра ҳамаи ҳуқуқҳои марбут ба пешрафти мурофиаи судӣ, ки аз як марҳила ба марҳилаи дигар гузаштани онро истифода барад, ҷавобгар бошад имконияти амалӣ намудани ҳуқуқҳои бо қонун барои ҳимоя ба ӯ пешбинишударо амалӣ намояд.

[88] боби 21, б.21.2., Дастурамал оид ба коргузорӣ дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши №48 аз 11 декабри соли 2017

§6. Методикаи амалҳои судя ҷиҳати ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогии муқобили даъво;

Дар мурофиаи маданӣ тарафҳо, яъне даъвогар ва ҷавобгар метавонанд субъектҳои эҳтимолӣ ё воқеии муносибатҳои баҳсноки ҳуқуқии моддӣ бошанд. Даъвогар ва ҷавобгар аз ҳуқуқи баробари мурофиавӣ истифода бурда, дорои уҳдадориҳои баробари мурофиавӣ мебошанд.[89]

Қонуни мурофиавии маданӣ пешбинӣ мекунад, ки тарафҳо бояд аз воситаҳои ҳимоя истифода баранд. Дар мурофиаи даъвогӣ даъвогар ҳуқуқҳои худро бо роҳи пешниҳод намудани аризаи даъвогӣ, ки онро мутобиқи қ.1 м.43 КММ ихтиёрдорӣ менамояд, ҳифз менамояд.

Воситаҳои ҳимояи ҷавобгар норозигӣ ва ё аризаи даъвогии муқобили даъво мебошанд. Ҷавобгар ҳуқуқ дорад аризаи даъвогии муқобили даъво пешниҳод намояд, ки он якҷоя бо аризаи даъвогии ибтидоии пешниҳоднамудаи даъвогар баррасӣ карда мешавад. Судя аризаи даъвогии муқобили даъворо дар сурати ҷавобгӯи м.141 КММ будани он қабул мекунад. Пешниҳод намудани аризаи даъвогии муқобили даъво, чун қоида, аз эътироф накардани даъво аз ҷониби ҷавобгар ва пешбарӣ намудани ваҷҳҳои (далелҳои) нав, ки онҳо бояд ҳатман дар маҷлиси судӣ мавриди тафтиш ва таҳқиқ қарор гиранд, шаҳодат медиҳад.

Аризаи даъвогии муқобили даъво ин талаботи мустақили ҷавобгар мебошад, ки нисбат ба талаботи даъвогар дар мурофиаи оғозшуда барои баррасии якҷоя бо даъвои ибтидоӣ пешниҳод шудааст. Ин имкон медиҳад, ки даъвоҳои бисёрҷониба дар як парвандаи маданӣ баррасӣ ва ҳал карда шаванд.

Пешниҳод намудани аризаи даъвогии муқобили даъво тибқи қоидаҳои умумии пешниҳоди аризаи даъвогӣ сурат мегирад. Аз ин рӯ, ҷавобгар ҳуқуқ дорад ба суд то оғози муҳокимаи судӣ нисбат ба даъвогар аризаи даъвогии муқобили даъворо дар ҳомили қоғазӣ дар шакли хаттӣ ё ин ки дар шакли электронӣ тавассути ҷойгир намудани он дар сомонаи суд пешниҳод намояд ва он якҷоя бо аризаи даъвогии ибтидоӣ баррасӣ карда мешавад.[90]

Аризаи даъвогии муқобили даъво дар ҳомили қоғазӣ дар шакли хаттӣ бо имзои дастӣ аз ҷониби ҷавобгар ё намояндаи ӯ, имзо ва ба суд пешниҳод карда мешавад. Аризаи даъвогии муқобили даъво дар шакли электронӣ бошад бо тартиби муқаррарнамудаи КММ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

[89]м.40 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj
[90] қ.2 м.4, қ.1 м.134 ва м.140 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

“Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ” бо имзои электронии рақамӣ тасдиқшуда дар сомонаи судҳо ҷойгир карда мешавад.

Азбаски байни аризаи даъвогии муқобили даъво ва аризаи даъвогии ибтидоӣ вобастагии мутақобила вуҷуд дорад, бинобар ин баррасии якҷояи онҳо барои саривақт ва дуруст ҳал намудани баҳсҳо мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, аризаи даъвогии муқобили даъво мутобиқи қ.2 м.33 КММ сарфи назар аз тобеияти судии он, ба суди маҳалли баррасии даъвои қаблӣ пешниҳод карда мешавад.

Аризаи даъвогии муқобили даъво танҳо нисбат ба даъвогар (шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ), ки ба манфиати худ даъвои ибтидоӣ ё ин ки нисбати шахсе, ки ба манфиати ӯ, прокурор даъво пешниҳод намудааст, пешниҳод карда мешавад. Нисбати шахсони сеюм ё прокурор аризаи даъвогии муқобили даъворо пешниҳод кардан мумкин нест.

Тавре қайд гардид, аризаи даъвогии муқобили даъво аз ҷониби суд ҳангоми риоя намудани қоидаҳои умумии пешниҳоди аризаи даъвогӣ қабул карда мешавад. Истисно аз ин қоида тобеияти судӣ мебошад.

Тибқи қоидаҳои умумӣ, аризаи даъвогии муқобили даъво бояд ба талаботи м.м.134 ва 135 КММ мувофиқ бошад аз ҷумла, бо он бояд боҷи давлатӣ пардохт карда шавад, ба истиснои мавридиҳое, ки дар қ.1 м.5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи боҷи давлатӣ” пешбинӣ шудааст.

Ҳангоми пешниҳод намудани аризаи даъвогии муқобили даъво андозаи боҷи давлатӣ мутобиқи қ.2 м.4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи боҷи давлатӣ” оид ба парвандаҳое, ки дар судҳои юрисдиксияи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд, пардохт карда мешавад.[91]

Судя ҳуқуқ дорад дар асос ва тибқи тартиб ва қоидаҳои пешбининамудаи м.м.137 ва 138 КММ аз қабули аризаи даъвогии муқобили даъво рад намояд, онро баргардонад инчунин, дар асоси м.139 КММ онро беҳаракат мононад. Аммо бояд дар назар дошт, ки дар асоси с.2 қ.1 м.138 КММ (тобеияти судӣ надоштан), аризаи даъвогии муқобили даъворо баргардонад мумкин нест, зеро мутобиқи қ.2 м.33 КММ чунин ариза сарфи назар аз тобеияти судӣ якҷоя бо даъвои ибтидоии даъвогар баррасӣ ва ҳал карда мешавад.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки дар сурати қабул намудани таъинот бо масъалаҳои болозикр шахсони иштирокдорони парванда ҳуқуқи пешниҳод намудани шикояти хусусӣ нисбат ба таъинотро доранд. Истисно

[91] б.4 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №8 аз 23 декабри соли 2011 “Дар бораи тачрибаи судӣ оид ба пардохти боҷи давлатӣ аз рӯйи парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

аз ин қоида ҳангоми аз тарафи судя бо асосҳои м.141 КММ рад намудани қабули даъвои муқобил шуда метавонад ва дар ин маврид таъиноти судя мавриди шикояти хусусӣ қарор намегирад.

Шартҳои м.м.136, 137, 138 ва 139 КММ судяро уҳдадор намудаанд, ки дар муҳлати се рӯз аз рӯзи ба суд ворид шудани даъво масъалаи ба мурофиаи суд қабул, рад аз қабул, баргардонидан ва ё беҳаракат монондани онро ҳал намояд. Аз ин рӯ, мувофиқи қ.2 м.2 КММ қабул намудани таъиноти асосноки дахлдор аз рӯйи аризаи даъвогии муқобили даъво низ бояд дар муҳлати се рӯз ба анҷом расонда шавад, зеро мувофиқи м.140 КММ пешниҳоди аризаи даъвогии муқобили даъво тибқи қоидаҳои умумии пешниҳоди аризаи даъвогӣ сурат мегирад.

Аз рӯйи қоидаи умумӣ ҷавобгар ҳуқуқ дорад дар ҳар вақт то ба охир расидани омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ аризаи даъвогии муқобили даъворо пешниҳод намояд. Дар рафти мурофиаи судӣ пешниҳод намудани аризаи даъвогии муқобили даъво имконпазир аст, ба шарте, ки ҷавобгар дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокима бо ин ё он асоси субъективӣ ё объективӣ иштирок накарда бошад. Ин маънои онро дорад, ки ҳуқуқи пешниҳод намудани аризаи даъвогии муқобили даъво метавонад то ба охир расидани моҳиятан баррасӣ намудани парванда ва ҳатто то барои қабули ҳалнома ба хонаи алоҳида рафтани суд амалӣ карда шавад.

Дар сурати дар рафти маҷлиси судӣ пешниҳод гардидани аризаи даъвогии муқобили даъво, бо мақсади ҳаллӣ масъалаи қабул ё рад намудан аз қабули он инчунин, ба иштирокдорони парванда пешниҳод намудани муҳлат ҷиҳати пайдо намудани имконият барои омодагӣ гирифтан аз рӯйи даъвои муқобил, баррасии парвандаи маданӣ мавқуф гузошта мешавад. Дар вақти чунин мавқуфгузорӣ судя дар муҳлати се рӯз амалиёти мурофиавии заруриро амалӣ менамояд.[92]

Дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, судя бо мақсади иҷро намудани вазифаҳои омодасозӣ амалҳои мурофиавии дахлдорро гузаронда, ҷавобгарро оид ба ҳолатҳои парванда пурсида, муайян менамояд, ки муқобили аризаи даъвогии даъвогар кадом норозигиҳо мавҷуданд ва бо кадом далелҳо ин норозигиҳоро ҷавобгар метавонад тасдиқ намояд. Инчунин, судя ба ҷавобгар пешниҳод намудани далелҳои асосноккунандаи норозигиашро тавсия дода, ҳуқуқҳояшро дар бораи то оғози

[92]к.1 м.172 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj ва б.11 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №23 аз 26 июни соли 2009 “Дар бораи татбиқи меъёрҳои Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳо дар суди марҳилаи якум” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

муҳокимаи судӣ пешниҳод намудани аризаи даъвогии муқобили даъво мефаҳмонад.[93]

Агар аризаи даъвогии муқобили даъво пас аз музокираҳои судӣ ва то ба хонаи алоҳида рафтани суд ё пештар пешниҳод шуда бошад, вале суд қабули онро рад намуда бошад, ҷавобгар ҳуқуқ дорад чунин талабои даъвогиро ба сифати даъвои мустақил дар мурофиаи алоҳида пешниҳод намояд. Иштироки танҳо намоянда дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ барои қабул намудани аризаи даъвогии муқобили даъво аз тарафи ҷавобгар дар рафти мурофиаи судӣ асоси мустақилона пешниҳодшуда асос шуда наметавонад, зеро амалӣ намоянда дар доираи ваколатҳои бо ваколатнома ба ӯ додашуда, амалӣ ҷавобгар ҳисоб меравад.

Пешниҳод намудани аризаи даъвогии муқобили даъво метавонад бо риояи дақиқи талаботи м.м.140 ва 141 КММ сурат гирад. Дар акси ҳол, чунин даъво метавонад мустақилона пешниҳод карда шавад.

Мувофиқи м.141 КММ судя дар ҳолатҳои зерин аризаи даъвогии муқобили даъворо қабул мекунад, агар:

1. Байни аризаи даъвогии муқобили даъво ва аризаи даъвогии ибтидоӣ вобастагии мутақобила мавҷуд бошад ва баррасии якҷояи онҳо барои саривақт ва дуруст баррасӣ намудани баҳсҳо мусоидат намояд;

2. Қонеъгардонии аризаи даъвогии муқобили даъво қонеъгардонии аризаи даъвогии ибтидоиро пурра ё қисман истисно намояд.

Шартҳои қабули аризаи даъвогии муқобили даъво чунин мебошанд:

1) Шарти аввал ин аст, ки байни даъвои муқобил ва даъвои ибтидоӣ робитаи мутақобила мавҷуд буда, ки баррасии якҷояи онҳо боиси саривақт ва дуруст ҳал намудани баҳсҳо мегардад. Мисол, нисбат ба даъвои ибтидоӣ оид ба бекор кардани ақди никоҳ мумкин аст, даъвои муқобил дар бораи ситонидани алимент ва ё тақсим намудани молу мулки муштарак пешниҳод карда шавад. Ё ин ки зимни баррасӣ намудани даъвои ибтидоии фармошгар дар бораи даст кашидан аз шартномаи паймонкорӣ, паймонкор дар асоси м.791 КМ ҳуқуқ дорад ҷуброни зиёни расондашударо дар аризаи даъвогии муқобили даъво талаб намояд. Яъне, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки шарти муҳими чунин аризаи даъвогии муқобили даъво ин алоқамандии бевосита доштан бо аризаи даъвогии ибтидоӣ, ки оқибатҳои чунин муносибатҳои маданӣ аз меъёрҳои моддӣ ба миён меоянд, иборат мебошанд.

2) Шарти дигар ин аст, ки қонеъгардонии аризаи даъвогии муқобили даъво қонеъгардонии аризаи даъвогии ибтидоиро пурра ё қисман истисно

[93]б.18 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12 аз 19 декабри соли 2008 “Дар бораи ба муҳокимаи судӣ омода намудани парвандаҳои маданӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

намояд. Дар ин маврид аз рӯйи хусусият метавонад талаботҳои гуногун пешниҳод карда шаванд. Мисол, нисбат ба даъвои ибтидоӣ оид ба бекор кардани ақди никоҳ метавон даъвои муқобил дар бораи беэътибор донистани ақди никоҳ пешниҳод намуд. Ё ин ки нисбат ба талаботи даъвои ибтидоии даъвогар оид ба рӯёнидани маблағи қарз ҷавобгар дар бораи беэътибор донистани шартномаи қарз аризаи даъвогии муқобили даъво пешниҳод мекунад. Мисоли дигар, бо даъвои ибтидоӣ оид ба кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ, метавон аризаи даъвогии муқобили даъво оид ба беэътибор донистани шартномаи хариду фурӯши ҳамин манзили истиқоматӣ ё ин ки эътироф намудани ҳуқуқи моликият ба ҳамин манзили истиқоматӣ аз ҷониби ҷавобгар пешниҳод карда шавад.

Тибқи б.11 тавзеҳоти дастурии Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №23 аз 26 июни соли 2009 “Дар бораи татбиқи меъёрҳои КММ ҳангоми баррасии парвандаҳо дар суди марҳилаи якум” дигар шартҳо барои қабули аризаи даъвогии муқобили даъво асос шуда наметавонанд. Ҳангоми рад намудани қабули аризаи даъвогии муқобили даъво бо асосҳои мавҷуд набудани шартҳои дар м.141 КММ пешбинишуда, судя таъинот қабул менамояд, ки он мавриди шикоят ё эътирози хусусӣ қарор дода намешавад (қ.2 м.360 КММ), зеро таъиноти мазкур ҷиҳати амалӣ намудани ҳуқуқи муроҷиат барои ҳифзи судӣ бо роҳи пешниҳод кардани даъвои мустақилона монеа шуда наметавонад.

Аммо бояд дар назар дошт, ки агар таъинот дар асоси м.м.137, 138 ва 139 КММ қабул шуда бошад, ҷавобгар ҳуқуқ дорад нисбат ба он шикояти хусусӣ пешниҳод намояд.

Инчунин, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мутобиқи б.11 тавзеҳоти дастурии Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №23 аз 26 июни соли 2009 “Дар бораи татбиқи меъёрҳои КММ ҳангоми баррасии парвандаҳо дар суди марҳилаи якум” пешниҳод намудани аризаи даъвогии муқобили даъво оид ба рад намудани даъво бинобар беасос буданаш ё бо сабаби гузаронидани муҳлати даъво рад намудани даъво, аризаи даъвогии муқобили даъво эътироф намешвад ва бояд ҳамчун норозигӣ ба аризаи даъвогӣ ҳисоб карда мешавад. Дар мавриди аз ҷониби ҷавобгар ё намояндаи ӯ, дар шакли аризаи даъвогии муқобили даъво пешниҳод намудани чунин талаботҳо, судя онро дар асоси м.141 КММ аз қабул рад намуда ба ҷавобгар оид ба дар шакли норозигии хаттӣ пешниҳод намудани онро тавзеҳ медиҳад. Зеро, асоси талаботи даъво ҳуқуқи як шахсро барои талаб кардани чизе аз дигар шахс ё баръакс, уҳдадории як шахсро оид ба иҷрои амали муайян нисбат ба шахси дигар пешбинӣ мекунанд.

Дар сурати мувофиқ будани аризаи даъвогии муқобили даъво ба шартҳои меъёрҳои м.м.137-139 ва 141 КММ судя дар бораи ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогии муқобили даъвои ҷавобгар ва якҷоя бо аризаи даъвогии ибтидои даъвогар баррасӣ он таъинот қабул менамояд. Бо сабаби он, ки меъёрҳои м.м.140 ва 141 КММ қабул намудани аризаи даъвогии муқобили даъворо ба қоидаҳои умумии пешниҳоди аризаи даъвогӣ ҳавола намудааст, судяҳо таъиноти қабули аризаи даъворо дар асоси меъёрҳои м.м.136,140,141, қ.2 м. 229 ва 230 КММ бояд таҳия намоянд.

Инчунин, баъд аз қабули чунин даъвои муқобил судя ҷиҳати омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ бояд таъинот қабул намояд, зеро омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ нисбат ба ҳар як парвандаи маданӣ ҳатмӣ буда чунин таъинот бояд дар ҳар як ҳолати зарурӣ қабул карда шавад.[94]

[94]м.150 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj ва б.4 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12 аз 19 декабри соли 2008 “Дар бораи ба муҳокимаи судӣ омода намудани парвандаҳои маданӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

Боби 4. Методикаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ.
§1. Вазифаҳои омодасозии парванда чӣ гуна ҳал карда мешаванд;

Судя баъд аз ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ, ки мутобиқи он баррасии парвандаи маданӣ дар суди марҳилаи якум оғоз мегардад, ҷиҳати омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ таъинот қабул мекунад. Гузаронидани омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ нисбат ба ҳар як парвандаи маданӣ, сарфи назар аз мураккабии он ҳатмӣ мебошад.[95]

Барои ба манфиати кор қабул намудани таъинот, судя бояд дарк намояд, ки барои чӣ ба ӯ омодасозӣ лозим аст. Он гоҳ ба ӯ равшан мешавад, ки дар таъинот оид ба омодасозии парванда маҳз чиро нишон додан лозим аст. Аз амалия бармеояд, ки судя таъиноти омодасозии парвандаро барои худ ва суди марҳилаи болоӣ менависад, то ин ки нишон диҳад, ки ӯ талаботи КММ-ро оид ба гузаронидани омодасозии парванда иҷро намудааст.

Ҳарчанд таъиноти омодасозии парвандаро бо манфиати бештар истифода бурдан мумкин бошад ҳам, судяҳо дар аксар вақт нусхаи онро ба тарафҳо намесупоранд. Дар асл ин таъинот воситаи қонунии робитаи судя бо тарафҳо мебошад, зеро бо фиристодани нусхаи таъинот ба тарафҳо судя метавонад ба онҳо оид ба норасоиҳои мавқеъашон, зарурати равшан кардан ё пурра намудани ҳолатҳое хабар диҳад.

Омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ барои чӣ лозим аст. Мақсади асосии омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, аз водор намудани тарафҳо ҷиҳати нишон додани мавқеъи худ, ба суд саривақт пешниҳод намудани маълумотҳо барои таҳлили парванда, аниқ кардани ҳолатҳои парванда (нокифоя ё норавшан будани асосҳои воқеии парванда) иборат мебошад.

Судя дар таъиноти мазкур амалеро, ки тарафҳо, шахсони дигари иштирокдори парванда бояд анҷом диҳанд инчунин, муҳлати иҷрои ин амалҳоро он зикр менамояд. Аз ҳамин лаҳза шахсони иштирокдори парванда инчунин, намояндагони онҳо метавонанд ба иҷрои амалҳои мурофиавӣ оид ба омодасозии парванда ба муҳокимаи парванда шурӯъ намоянд.

Риояи намудани меъёрҳои КММ, ки омодасозии парвандаҳои маданиро танзим менамояд, яке аз шартҳои асосии ҳалли дурусти парванда ва таъмини саривақтии баррасии он мебошад. Ба таври дахлдор нагузарондани амалҳо оид ба омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, боиси мавқуф гузоштани муҳокимаи судӣ, кашолакорӣ ва қабул намудани санадҳои судии беасос мегардад.

---

[95]м.150 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Мувофиқи м.156 КММ судя танҳо баъд аз ба анҷом расонидани ҳамаи амалҳои зарурӣ вобаста ба омодасозии парванда, ки дар боби 14 КММ пешбинӣ шудаанд, ҳуқуқ дорад ба баррасии парвандаи маданӣ дар муҳокимаи судӣ шурӯъ намоянд.

Омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ марҳилаи мустақили мурофиаи маданӣ буда, ҳадафи он аз таъмин намудани баррасии саривақтӣ ва ҳалли дурусти парвандаи маданӣ равона гардида, мутобиқи м.150 КММ амалӣ намудани он бо ҳар як парвандаи маданӣ аз ҷониби судя ҳатмӣ мебошад. Инчунин, омодасозии саривақтӣ ва пурраи парванда ба муҳокимаи судӣ барои дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонун босифат баррасӣ намудани парвандаи маданӣ аҳамияти муайянкунанда дорад.[96]

Дар амалияи судӣ ба аҳамияти марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ баъзан кам диққат дода мешавад, ҳол он ки маҳз дар ҳамин марҳилаи мурофиаи судии маданӣ имконияти баррасии дуруст ва саривақтии парванда таъмин гардида, барои таҳқиқи далелҳо дар маҷлиси судӣ заминаи шаклгирӣ ба вуҷуд меояд ва як қатор масъалаҳои муҳими мурофиавӣ ҳал карда мешаванд.

Вазифаҳои мурофиавии марҳилаи омодасозии парванда, номгӯйи амалҳои мурофиавие, ки дар ин марҳила анҷом дода мешаванд, дар м.м.150 то 155 КММ пешбинӣ шудаанд. Ин меъёрҳо пеш аз ҳама ба тарафҳо ва дигар шахсони иштирокдорони парванда бо шартҳои мурофиаи мубоҳисавӣ ба зиммаи онҳо уҳдадории амалигардонии омодасозии парвандаро вогузор намудаанд, равона шудаанд. Судя бошад амалҳои дахлдори мурофиавии иштирокдорони парвандаро ташкил, назорат ва ба расмият медарорад. Дастурдиҳии босифати судя барои ноил шудан ба мақсадҳои омодасозии парванда аҳамияти муҳим дорад.

Вазифаҳои омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ аз инҳо иборат мебошанд:

1. Муайян намудани қонуне, ки бояд ҳангоми ҳалли парванда ва муқаррар намудани муносибатҳои ҳуқуқии тарафҳо ба роҳбарӣ гирифта шавад;

2. Аниқ намудани ҳолатҳои воқеие, ки барои ҳалли дурусти парванда аҳамият доранд;

3. Ҳалли масъалаҳо оид ба ҳайати шахсони иштирокдорони парванда ва дигар иштирокдорони мурофиа;

---

[96] б.1 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12 аз 19 декабри соли 2008 “Дар бораи ба муҳокимаи судӣ омода намудани парвандаҳои маданӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

4. Пешниҳоди далелҳои зарурӣ аз ҷониби тарафҳо ва дигар шахсони иштирокдорони парванда;

5. Оштии тарафҳо.[97]

Меъёри м.153 КММ ба саволҳои он ки судя дар марҳилаи омодасозӣ бояд чӣ кор кунад ҷавоб медиҳад. Вале, қонун танҳо шакли мурофиавии амалҳои судяро танзим мекунад, чунончӣ:

- пурсиши даъвогар ва ҷавобгар;
- пешниҳод намудан оид ба супоридани далелҳои иловагӣ;
- муайян кардан, ки нисбат ба даъво кадом норозигиҳо мавҷуданд;
- тавзеҳ додани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии тарафҳо;
- ҳал намудани масъалаи ба парванда ҳамроҳ шудани ҳамдаъвогарон, ҳамҷавобгарон ва шахсони сеюм;
- ҳал намудани масъалаҳои иваз намудани ҷавобгари номуносиб;
- андешидани тадбирҳо барои аз ҷониби тарафҳо бастани созиши оштӣ;
- ҳал намудани масъалаҳои даъвати шоҳидон;
- ҳал намудани масъалаи таъини экспертиза;
- ҳал намудани масъалаи ба мурофиа ҷалб намудани мутахассис ва тарҷумон;
- анҷом додани дигар амалҳои зарурии мурофиавӣ.[98]

Айнан шабеҳ м.155 КММ амалҳои мурофиавии судя ва тарафҳоро дар маҷлиси пешакии судӣ муқаррар менамояд.

Қонуни мурофиавӣ ба саволи он ки чӣ тавр ҳамаи инро бояд амалӣ намуд мушаххас ҷавоб намедиҳад. Инчунин, қонуни мазкур ба чунин саволҳои дар бораи чӣ пурсиш намудан лозим аст, чӣ тавр ин ё он масъаларо ҳал намудан, дар кадом мавридҳо пешниҳод намудан оид ба супоридани далелҳо лозим аст, чӣ тавр андешидани тадбирҳо барои аз ҷониби тарафҳо бастани созиши оштӣ ва дар кадом мавриди экспертиза таъин кардан ва ғайраҳо, лозим аст ҷавоб намедиҳад.

Зимнан, ҳангоми донистан ва истифодаи методика, фаҳмидан мумкин аст, ки чӣ гуна ҳар як вазифаи омодасозии парвандаро ҳал кардан мумкин аст.

Вазифаҳои омодасозии парванда ба муҳокимаи судиро бо тартиби зерин амалӣ намудан мумкин аст:

Вазифаи 1. Муайян намудани қонуне, ки бояд ҳангоми ҳалли парванда ва муқаррар намудани муносибатҳои ҳуқуқии тарафҳо ба роҳбарӣ гирифта шавад:

---

[97]м.151 КММ,

[98]м.153 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

- даъвогар танҳо холатҳоро зикр ва исбот менамояд (асоснокии воқеии даъво). Даъвогар уҳдадор нест, меъёри ҳуқуқи моддиро нишон диҳад (қ.1 м.58 ва қ.2 м.134 КММ). Истинод ба қонун ё дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ танҳо дар аризаи даъвогии прокурор, ки ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, гурӯҳи номуайяни шахсон ё ба манфиати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, бояд зикр гардад;

- суд уҳдадор аст санҷад, ки талаботи даъвогар ба меъёрҳои ҳуқуқ асос ёфтаанд (асоснокии ҳуқуқии даъво).

Ба судҳо тавзеҳот дода мешавад, ки судя даъвогар ва намояндаи ӯро дар асоси моҳияти талаботи пешниҳодгардида бо мақсади аниқ сохтани хусусияти талаботи мазкур, ҳолатҳое, ки асоси даъво гардидаанд ва далелҳое, ки ҳолатҳои мазкурро тасдиқ мекунанд, пурсад. Ин ҳолат барои аз ҷониби судя муайян сохтани қонуне, ки бояд ҳангоми баррасии парванда дастрас гардад ва муқаррар намудани муносибатҳои ҳуқуқии тарафҳо, муайян сохтани ҳолатҳое, ки барои баррасии парванда ва ҳаллу фасл намудани масъала ҷиҳати тақсимоти ӯҳдадориҳо оид ба исботи онҳо алоқаманданд аҳамияти муҳим доранд. Ҳангоми муайян кардани қонун ва дигар санади меъёрии ҳуқуқие, ки дастрас намудани онҳо дар рафти баррасии парванда ва муқаррар намудани муносибатҳои ҳуқуқии тарафҳо зарур аст, мавзуъ ва асоси даъво, норозигии ҷавобгар нисбати даъво, дигар ҳолатҳое, ки барои дуруст ҳаллу фасл намудани парванда аҳамияти ҳуқуқӣ доранд дар назар дошта шаванд.[99]

Вазифаи навбатӣ ба корбарӣ бо ҳолатҳо дахл дорад.

Вазифаи 2. Аниқ намудани ҳолатҳои воқеие, ки барои ҳалли дурусти парванда аҳамият доранд.

Ҳангоми муайян кардани ҳолатҳои воқеӣ судя:

- тасдиқи тарафҳоро оид ба ҳолатҳои парванда ҷудо мекунад (қ.2 м.58 КММ);

- ҳолатҳоро бо меъёрҳои ҳуқуқи моддии дахлдор (татбиқшаванда) муқоиса менамояд ва ҳолатҳои воқеии барои парванда аҳамиятдоштаро муайян мекунад;

- баҳснок ва бебаҳс будани ҳолатҳои воқеиро муайян менамояд (қ.қ.2 ва 3 м.58 КММ).

Ҳолатҳои барои ҳалли дурусти парванда аҳамиятдоштаро судҳо бояд дар заминаи фактҳои ҳуқуқие, ки асоси даъво ва норозигии тарафҳоро дар

[99] б.б.5 ва 17, Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12 аз 19 декабри соли 2008 “Дар бораи ба муҳокимаи судӣ омода намудани парвандаҳои маданӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

бар мегирад, хусусияти муносибатҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ, ки бояд татбиқ карда шавад, муайян намоянд.[100]

Вазифаи 3. Ҳалли масъалаҳо оид ба ҳайати шахсони иштирокдорони парванда ва дигар иштирокдорони мурофиа.

Судя ҳайати шахсони иштирокдорони парвандаро бо усули мазкур муайян мекунад, аз:

- меъёри ҳуқуқии татбиқмешуда;
- мазмуни муносибати ҳуқуқии моддӣ;
- қоидаҳои ҳамиштирокии мурофиавии ҳатмӣ.

Мисол, мувофиқи қ.3 м.421 КМ зомин то қонеъ намудани талаботи кредитор уҳдадор аст қарздорро аз ин огоҳ намояд ва агар нисбат ба зомин даъво пешниҳод шуда бошад, қарздорро барои иштирок дар парванда ҷалб намояд. Ё ин ки дар асоси м.839 КМ тибқи шартномаи паймонкорӣ дар корҳои лоиҳакашб ва ҷустуҷӯйӣ, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, фармоишгар уҳдадор аст паймонкорро ба парванда оид ба даъвое, ки шахси сеюм нисбат ба фармоишгар вобаста ба камбудиҳои ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ё корҳои иҷрошудаи ҷустуҷӯйӣ пешниҳод намудааст, ҷалб кунад.

Агар даъвогар дар аризаи даъвогӣ шахсони сеюмро ҷалб накарда бошад, дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокима судӣ пас аз иҷро намудани вазифаи якуми омодасозӣ ва муайян намудани қонуне, ки бояд ҳангоми ҳалли парванда ва муқаррар намудани муносибатҳои ҳуқуқии тарафҳо ба роҳбарӣ гирифта шавад, судя аз шартҳои меъёри қонуне, ки бояд ҳангоми ҳалли баҳс татбиқ шавад, метавонад шахсони сеюмеро, ки бояд ба баррасии парванда ҷалб карда шавад, муайян намояд. Дар мурофиаи даъвогӣ судя дар баъзе мавридҳо уҳдадор аст чунин шахсони сеюмро муайян карда, бо қабули таъинот онҳоро ба парванда ҷалю намояд.

Дар асоси мазмуни муносибатҳои ҳуқуқии моддӣ муайян намудани ҳайати шахсони иштирокдорони парвандаро судя бо усули мазкур амалӣ менамояд. Агар тарафи баҳс бо шахсони сеюм алоқаманд бошад ва чунин шахс дар асоси қонун, ҳуқуқи пешниҳод намудани даъвои аксро (регрессӣ) дошта бошад, дар ин маврид судя чунин шахсонро ба сифати шахси сеюм ҷалб менамояд, мисол:

- агар талаботи даъво оид ба ҷуброни зарари тавассути манбаи хатари зиёд расондашуда нисбат ба соҳибони воситаҳои нақлиёт мутобиқи м.1204 КМ пешниҳод шуда бошад, бо назардошти қ.1 м.1206 КМ шахсони воқеӣ ё

[100] б.6 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12 аз 19 декабри соли 2008 “Дар бораи ба муҳокимаи судӣ омода намудани парвандаҳои маданӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

ҳуқуқӣ, ки манбаи мазкурро дар асоси ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ ё ҳуқуқи идораи оперативӣ ё тибқи ҳама гуна асосҳои қонунӣ (шартномаи иҷораи молу мулк, ваколатномаи ҳуқуқи идоракунии воситаи нақлиёт, амри мақомоти ваколатдор оид ба додани манбаъ ва ғайра) соҳибӣ менамоянд, мисол ронандаи ташкилотҳои нақлиётӣ, ки садамаи нақлиётиро содир кардааст;

- агар талаботи даъвои ҷабрдида оид ба ҷуброни зарар нисбат ба яке аз шахсони якҷоя зараррасонда дар асоси м.1205 КМ пешниҳод шуда бошад, бо назардошти қ.2 м.1206 КМ ҳар як шахси боқимондаи расонандаи зарар.

Дар ҳар як ҳолати мушаххас судяҳо бояд аз мазмуни муносибати ҳуқуқии моддӣ, ки ҳамчун шарт дар меъёрҳои қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд, шахсони сеюмро ба парванда ҳамчун иштирокдорон ҷалб намояд.

Ба ғайр аз ин, аз назарияи ҳуқуқи мурофиавӣ асосҳо оид ба шарикии мурофиавии ҳатмӣ маълум мебошад. Суд шахсони сеюмро барои иштирок дар парванда оид ба баҳсҳои зерин ҷалб менамояд:

- оид ба моликияти умумӣ (муштарак, якҷоя ва ҳиссагӣ);

- оид ба мерос;

- оид ба моликияти зеҳнӣ, агар натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ё воситаҳои фардикунонӣ якчанд ҳуқуқдори моликияти зеҳнӣ бошанд;

- оид ба аз рӯйхати ҳабс хориҷ намудан;

дар бораи ҳуқуқи истифодаи манзили истикоматӣ ва ғайраҳо.

Мисол, аз рӯйи парвандҳои вобаста ба ҳуқуқу манфиатҳои ноболиғони синну солашон аз чордаҳ то ҳаждаҳсола, судя ӯҳдадор аст онҳоро барои иштирок дар парванда ҷалб намояд.

Мувофиқи м.41 КММ шарикии мурофиавӣ иҷозат дода мешавад, агар:

- мавзуи баҳс ҳуқуқ ё уҳдадориҳои умумии якчанд даъвогар ё ҷавобгар бошад;

- ҳуқуқ ва уҳдадориҳои якчанд даъвогар ё ҷавобгар як асос дошта бошанд;

- мавзуи баҳс ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шабеҳ бошад.

Ғайр аз ин, тибқи қ.1 м.45 КММ шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод накардаанд, метавонанд дар мурофиа ба ҷонибдории даъвогар ё ҷавобгар то қабул намудани санади судӣ аз рӯйи парванда аз ҷониби суди марҳилаи якум ҳамроҳ шаванд, агар ҳалнома ба ҳуқуқ ё уҳдадориҳои онҳо ё яке аз тарафҳо таъсир расонад.

Тартиби ҷалб шудани шахсони мазкур бо роҳи ба суд пешниҳод намудани аризаи хаттӣ аз ҷониби шахсони сеюм ва ё тибқи аризаи хаттии шахсони иштирокдорони парванда, ки дар он бояд асосҳои ҷалби шахси сеюм зикр гарданд, амалӣ карда мешавад.

Бинобар ин, судяҳо бояд ба назар гиранд, ки аз рӯйи парвандаҳои мадание, ки ҳалномаи суд метавонад ба ҳуқуқ ё уҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ таъсир расонад, дар ин маврид суд бо тартиби пешбининамудаи м.м.44-45 КММ ҷиҳати ҷалб намудани шахсони мазкур барои иштирок дар мурофиаи судӣ ба сифати шахсони сеюм таъинот қабул менамояд.

Вазифаи навбатии омодасозии парванда ба муқокимаи судӣ ба далелҳо ва исботкунӣ дахл дорад.

Вазифаи 4. Пешниҳод намудани далелҳои зарурӣ аз ҷониби тарафҳо ва дигар шахсони иштирокдорони парванда:

- ҳангоми ҳалли вазифаҳои 1 (ҳуқуқ) ва 2 (ҳолатҳо) судя мавзуи (предмети) исботкунӣ - ҳолатҳои баҳснок, ки барои ҳалли баҳс аҳамият доранд, муайян менамояд;

- барои тасдиқ намудани ҳолатҳои мазкур тарафҳо уҳдадоранд далелҳоро нишон диҳанд ва онҳоро пешниҳод намоянд (м.58, қ.2 м.м.134-135 КММ).

Судя дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокима судӣ, дар асоси қ.3 м.70 КММ ҳар як далелро дар алоҳидагӣ ва дар маҷмӯъ аз нуқтаи назари дахлдорӣ, ҷоизӣ, саҳеҳӣ ва басандагӣ пешакӣ баҳо медиҳад.

Вазифаи дигари омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ин оштии тарафҳо мебошад. Чӣ тавр методика дар ҳалли ин вазифа ба судя метавонад кӯмак расонад.

Вазифаи 5. Оштии тарафҳо. Барои оштӣ додани тарафҳо, судя:

- мавқеъ ва манфиати тарафҳоро муқаррар менамояд;

- дар мавқеи тарафҳо ҷиҳатҳои қавӣ ва заифро муайян мекунад;

- дар бораи баҳодии пешакии далелҳо маълумот медиҳад (хориҷкунии далелҳои ҷоиз ва дахлдор набуда);

- таҳлили ҳуқуқии парвандаро мегузаронад ва бастани созиши оштиро таклиф менамояд.

Судя ба таҳлили баҳс ҳангоми шинос шудан бо аризаи даъвогӣ, зимни ҳалли масъалаҳои мурофиавии қобили қабул будан ва қабули аризаи даъво ба мурофиаи суд шурӯъ менамояд. Пас аз оғоз намудани парванда судя ба таҳлили мавзуии моҳияти аризаи даъвогӣ мегузарад. Аллакай дар ин марҳила судя метавонад асоснокии мавқеи даъвогарро санҷида, доираи ҳолатҳоеро, ки ба аниқкунӣ ва муайянкунӣ заруранд, муайян намояд ва саволҳоро мухтасар барои даъвогар омода намояд. Судя ҳуқуқ дорад, ки зарурати пешниҳод намудани ин маълумотҳоро, ки барои омодасозии намудани парванда лозиманд, дар таъинот оид ба омодасозии парванда дарҷ намояд ва нусхаи чунин таъинотро бояд ба ҳар ду тараф равон намояд.

Таъиноти мазкур на танҳо усули қонунии муошрати судя бо тарафҳо пеш аз мулоқот дар мурофиаи пешакии судӣ ҷиҳати гирифтани маълумоти зарурӣ, балки воситаи идоракунии рафтори тарафҳо дар мурофиаи судии оғозгардида мебошад. Тавассути дастурҳои дар таъиноти омодасозии парванда дарҷ намуда, судя даъвогарро водор месозад, ки баъзе ҳолатҳо дақиқ кунад, диққати тарафҳоро ба зарурати дар ҳуҷҷатҳои худ нишон додан ва асоснок намудани ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта ҷалб менамояд. Масалан, даъвогар оид ба беэътибор донистани васиятнома нисбат ба меросгирони дигар аризаи даъвогӣ пешниҳод намуда, ба он истинод мекунад, ки ӯ аз тибқи қонун меросгирӣ навбати якум мебошад, вале қисми зиёди мерос ба меросгирони дигар гузошта шудааст, дар сурате, ки васиятгузор ҳангоми тартиб додани васиятнома маънои амалӣ худро дарк намекард, яъне қобилияти пурраи амалкуниро надош, ки ин бо ҳуҷҷатҳои тиббӣ тасдиқ мегардад. Чунин маълумотҳо барои ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ кофӣ мебошад, аммо барои ҳалли парванда кифоя нест. Судя дар таъинот оид ба омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ҳуқуқ дорад ба даъвогар пешниҳод намояд, ки ҳолатҳои парванда бояд аниқ карда шаванд аз ҷумла, фаҳмондан лозим аст, ки оё даъвогар бо роҳи ба нотариус пешниҳод намудани ариза ё барои ба даст овардани мерос онро воқеан қабул намудааст. Чунин муайянкунӣ ба судя имкон медиҳад, ки бе амиқтар шудан ба моҳияти баҳс дар бораи қобилияти пурраи амалӣ меросгузор, даъвогари дахлдор будани худи ӯро муқаррар намояд.

Барои ба амал баровардани вазифаҳои дар боло зикргардида аз ҷониби судя ба маҷлиси пешакии судӣ даъват намудани тарафҳои парванда ба мақсад мувофиқ мебошад. Ҳангоми ба омодасозии парванда даъват намудани танҳо яке аз тарафҳо принсипҳои муқарраршудаи мубоҳисавӣ ва баробарҳуқуқии тарафҳо вайрон мегарданд, зеро тарафи дуюм дар ин марҳила аз имконияти пешниҳод намудани тавзеҳотҳои худ оид ба дақиқ намудани талаботи даъво ва асосҳои воқеии ин талаботҳо, изҳор намудани норозигӣ, эродҳо ва пешниҳод намудни дархост оид ба талаб карда гирифтани далелҳое, мустақилона пешниҳод карда наметавона ғайраҳо маҳрум мегардад. Чунин амалҳои судя метавонад ба холисӣ ва беғаразии ӯ шубҳа орад, ки ин барои радкунии судя асос гардад.

Судя бояд ба ҳамаи шахсони иштирокдорони парванда ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии онҳоро фаҳмонад ва пешниҳод намояд, ки аз имкониятҳои ин марҳилаи мурофиа васеъ истифода баранд. Аз ҷумла, ҳуқуқҳояшон оид ба пешниҳод намудани далелҳои мавҷуд буда ё аз куҷо дастрас намудани онҳоро истифода бурда, оид ба талаб намудани далелҳо ва

ё таъин намудани экспертиза дархост пешниҳод намояд, оид ба таъмини далелҳо ва даъво тадбирҳо андешанд, талаботҳои даъвогӣ ва асосҳои воқеии талаботҳоро аниқ намояд, вобаста ба онҳо эрод пешниҳод намояд, бо аризаи даъвогии муқобили даъво ва ғайраҳо, муроҷиат намояд.

Мисол, мувофиқи б.8 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №10 аз 29 майи соли 2003 “Дар бораи тақрибаи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба бекор кардани ақди никоҳ” ба судяҳо тавзеҳоти дастурӣ дода шудааст, ки ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ оид ба бекор кардани ақди никоҳ, судя ҷавобгарро даъват намуда оид ба ҳолатҳои кор мепурсад ва муайян мекунад, ки нисбати даъво чӣ норозигӣ дорад ва ин норозигиаш бо кадом далелҳо тасдиқ карда мешаванд. Ҳамчунин судя ба тарафҳо мефаҳмонад, ки кадом талаботҳоро мумкин аст якҷоя бо даъво оид ба бекор кардани ақди никоҳ баррасӣ намояд.

Ё ин ки бо мақсади саривақт ва дуруст ҳал кардани парвандаҳои марбут ба ситонидани алимент барои таъминоти фарзандон судҳо бояд ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ҳаракатҳои дар м.153 КММ нишондодаро ба амал бароранд ва аз ҷумла, аз даъвогарон якҷоя бо ариза пешниҳод кардани:

а) шаҳодатномаи таваллуди кӯдак;

б) ҳуҷҷатҳоеро, ки байни тарафҳо мавҷуд будани никоҳи бақайдгирифта ё қатъ гардидани никоҳро собит месозанд;

в) маълумотномаҳо оид ба он, ки кӯдак дар таъминоти даъвогар мебошад;

г) маълумономаҳо аз ҷойи кори ҷавобгар оид ба андозаи музди меҳнати мегирифтаи ӯ (дар сурате, ки агар ҷавобгар кор накунад, ҳуҷҷати ин ҳолатро тасдиққунанда, ҳамчунин маълумотнома аз Маркази шуғли аҳолӣ оид ба ба сифати бекор ба қайд гирифта шудани ӯ);

д) ҳуҷҷате, ки дигар даромад доштан ё надоштани ҷавобгарро тасдиқ мекунад, талаб намоянд.

Дар ҳолате, ки пешниҳоди далелҳои зарурӣ барои тарафҳо мушкил бошад, суд мутобиқи дархости онҳо дар ҷамъоварӣ ва талаб карда гирифтани далелҳо мусоидат мекунад.[101]

Ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ бо назардошти қ.2 м.13 ва с.2 қ.1 м.153 КММ судя уҳдадор аст, ки ба тарафҳо ва дигар шахсони

[101] б.10 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12 аз 16 декабри соли 2004 “Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани меъёрҳои Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳои марбут ба ситонидани алимент барои таъминоти кӯдак” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

иштирокдор, ки ба парванда ҷалб карда шудаанд ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавиашонро ба таври муфассал фаҳмонад инчунин, мазмуни талаботи қ.1 м.71 КММ оид ба он ки агар тарафе, ки уҳдадор аст талабу норозигии худро исбот намояд, далелҳои доштаашро ба суд пешниҳод накунад, суд ҳуқуқ дорад хулосаи худро бо баёноти тарафи дигар асоснок кунад, тавзеҳ диҳад.

Бо назардошти он, ки мутобиқи талаботи м.67 КММ таъмини далелҳо ба тариқи судӣ аз лаҳзаи оғоз намудани парвандаи маданӣ дар суд сурат мегирад, судя ҳуқуқ дорад ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ низ чораҳоро баҳри таъмини онҳо андешад. Яъне, агар шахсони иштирокдорони парванда шубҳа дошта бошанд, ки пешниҳод намудани далелҳои зарурӣ барояшон имконнопазир ё душвор мегардад, метавонанд таъмини ин далелҳоро бо роҳи пешниҳод намудани дархост аз суд хоҳиш кунанд. Ҳамзамон, бояд дар назар дошт, ки доираи далелҳое, ки метавонанд таъмин карда шаванд бо қонун маҳдуд карда нашудааст.

Судяҳо бояд дарк намоянд, ки мувофиқи қ.2 м.150 КММ омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ бо ҳар як парвандаи маданӣ ҳатмӣ буда, бо иштироки шахсони иштирокдорони парванда ва намояндагони онҳо аз ҷониби судя анҷом дода мешавад. Яъне, ҳангоми гузаронидани омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ иштирок намудани даъвогар ва ҷавобгар инчунин, намояндагони онҳо ва шахсони сеюм шарти ҳатмии қонун мебошад.

Мувофиқи талаботи қ.2 м.116 ва қ.2 м.153 КММ судя ба ҷавобгар нусхаи ариза ва ҳуҷҷатҳои замимагардидаро, ки талаботи даъвогарро асоснок мекунанд, месупорад ё мефиристад ва тавсия медиҳад, ки дар муҳлати муқаррарнамудаи он барои асоснок намудани норозигии худ далелҳоро пешниҳод кунад. Судя тавзеҳ медиҳад, ки аз ҷониби ҷавобгар дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи суд пешниҳод накардани далелҳо ва норозигӣ барои баррасии парванда дар асоси далелҳои мавҷуда монеа шуда наметавонад.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки муҳлати анҷом додан ва давомнокии онро дар ҳар як ҳолати мушаххас бо назардошти имконпазирии воқеии иҷроиш муайян карда шуда, бояд дар таъиноти омодасозӣ нишон дода шавад.[102]

Ҳангоми ҳозир нашудани ҷавобгар дар давраи омодасозии парванда, судя дар асоси қ.2 м.153 КММ амал менамояд ва дар сурати мунтазам мухолифат намудани даъвогар ва ё ҷавобгар ба омодасозии саривақтии

[102] б.4 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12 аз 19 декабри соли 2008 “Дар бораи ба муҳокимаи судӣ омода намудани парвандаҳои маданӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

парванда ба муҳокимаи судӣ судя метавонад барои сарфи воқеии вақт ба манфиати тарафи дигар мутобиқи қоидаҳои муқаррарнамудаи м.101 ҳамин Кодекс ҷубронпулӣ ситонад.[103]

Аз мазмуни қ.2 м.150 ва м.м.152-153 КММ бармеояд, ки омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ аз ҷониби судя бо иштироки шахсони иштирокдорони парванда ва намояндагони онҳо анҷом дода мешавад. Яъне, судя баъд аз оғоз намудани парвандаи маданӣ рӯзи омодасозии парвандаро муайян ва таъин карда, бо мактуби супоришӣ ба ҷавобгар нусхаи аризаи даъвогиро барои шинос шудан равон мекунад.

Судяҳо бояд ба инобар гиранд, ки мактуби супоришӣ бояд ҷавобгӯйи м.м.115-116 КММ буда, дар муҳлатҳо ва бо тартиби м.м.117 ва 118 КММ супорида ва ё ирсол карда шавад. Дар мактуби супоришӣ судя даъвогар ва ҷавобгарро ба рӯз, соат ва маҳалли баргузор гардидани омодасозии парванда хабардор менамояд ва инчунин, тавзеҳ медиҳад, ки онҳо ҳуқуқ доранд парвандаро ба воситаи намояндаҳои ваколатдор пеш баранд, ғайр аз ин таклиф дар бораи пешниҳод намудани ҳамаи далелҳои дар даст доштаи онҳо оид ба парванда, карда мешавад. Инчунин, судя ба ҷавобгар пешниҳод менамояд, ки дар муҳлати муайян, мисол даҳ рӯҳ ба суд норозигиҳои хаттӣ ва ё аризаи даъвогии муқобили даъворо пешниҳод намоянд. Дар мактуби супоришӣ судя тарафҳоро оид ба оқибатҳои ҳозир нашудан ва уҳдадории ба суд иттилоъ додани сабабҳои ҳозир нашуданро огоҳ месозад. Судя инчунин, ҷавобгарро огоҳ мекунад, ки далелҳо ва норозигии дар муҳлати муайяннамудаи судя аз ҷониби ҷавобгар пешниҳод нашуда, барои баррасии парванда аз рӯйи далелҳои мавҷуд буда, монеа шуда наметавонад.

Дар рӯзи таъиннамудаи омодасозӣ судя дар ҳузури даъвогар ва ҷавобгар инчунин, намояндагони онҳо ва шахсони сеюм амалҳои муқаррарнамудаи м.м.152 ва 153 КММ ба анҷом мерасонад. Ҳангоми гузаронидани омодасозии парванда судя таъинотро таҳия намуда, супоришҳои мушаххасеро, ки ба тарафҳо ва шахсони сеюм додааст ва муҳлати иҷрои онро дар таъиноти мазкур дарҷ менамояд ва бо тартиби муқаррарнамудаи м.232 КММ нусхаи таъинотро ба тарафҳо месупорад.

Судя вазифадор аст дар давраи омодасозии парванда барои таҳқиқи ҳамаҷониба ва пурраи ҳолатҳо, ки барои дуруст ҳаллу фасл гардидани парванда аҳамият доранд, шароит фароҳам оварад. Судя ҳангоми гузаронидани омодасозии парванда ба тарфҳо тавзеҳ медиҳад, ки исботи ин

[103] қ.қ.2 ва 3 м.153 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj ва б.8 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12 аз 19 декабри соли 2008 “Дар бораи ба муҳокимаи судӣ омода намудани парвандаҳои маданӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

ё он ҳолат ба зиммаи кӣ гузошта мешавад ва инчунин, оқибати пешниҳод накардани далелҳоро мефаҳмонад. Агар далелҳои пешниҳодшуда барои тасдиқи талаботи даъвогар ё норозигии ҷавобгар нокифоя бошанд, судя ҳуқуқ дорад ба онҳо оид ба пешниҳод намудани далелҳои иловагӣ тавсия диҳад.[104]

Агар тарафҳо ва ё яке аз онҳо дар рӯзи баргузории омодасозии парванда ҳозир нашаванд, судя чунин расмиётро такрор намуда баъдан метавонад дар асоси маводи парванда ва далелҳои он таъиноти омодасозии парвандаро қабул намояд ва ҳатман нусхаи онро ба иштирокдорони парванда барои шинос шудан ва иҷро намудани талаботҳои дар он дарҷшуда равон намояд.

Дар ин марҳилаи мурофиа ҳолатҳои воқеие, ки барои ҳалли дурусти парванда аҳамият доранд, аниқ карда мешаванд. Дар баробари ин, даъвогар ҳуқуқ дорад талаботҳои даъво ва асосҳои ин талаботро бо мақсади дуруст ва пурра дарк намудан аз ҷумла, бо тавзеҳоти судя саҳеҳ ва ё аниқ намояд. Илова намудан ба талаботи пешниҳодшуда, тағйир додани мавзуъ (предмет) ё асосҳои талаботҳои даъво танҳо аз иродаи даъвогар вобаста аст, зеро ӯ мувофиқи принсипи диспозитивӣ ҳуқуқҳои моддӣ ва мурофиавии худро мустақилона ихтиёрдорӣ мекунад. Судя ҳуқуқ надорад ба даъвогар дар бораи тағйир додан ё пурра намудани талаботҳояш дастур диҳад, зеро ин боиси вайрон шудани принсипи баробарҳуқуқии тарафҳо мегардад.

Тағйир додани, асос ё мавзуи даъво кам ё зиёд намудани андозаи талаботи даъво бояд бо тариқи хаттӣ, бо мақсади вайрон нагардидани ҳуқуқҳои дигар шахсони иштирокдорони парванда амалӣ карда шаванд. Судя бояд нусхаи чунин аризаи даъвогиро (аризаҳоро) ба иштирокдорони мурофиа чӣ дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ва чӣ дар рафти маҷлиси судӣ супорад ва оид ба омода шудан барои онҳо шароит фароҳам оварад.[105]

Ҳалли масъалаҳо оид ба ҳайати шахсони иштирокдорони парванда ва дигар иштирокдорони мурофиа яке аз вазифаҳои асосии омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ мебошад. Зеро, ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ҳаллу фасл намудани масъала дар бораи ба парванда ҳамроҳ шудан ва ҷалб кардани ҳамдаъвогарон, ҳамҷавобгарон ва шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод

[104]б.7 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12 аз 19 декабри соли 2008 “Дар бораи ба муҳокимаи судӣ омода намудани парвандаҳои маданӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/
[105]м.43 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

накардаанд, барои дуруст муайян сохтани ҳайати шахсони иштирокдорони парванда зарур мебошад.

Ҳангоми ҳалли ин масъала шартҳои м.42 КММ бояд ба роҳбарӣ гирифта шаванд, зеро тибқи он агар судя ҳангоми омодасозии парванда (инчунин, ҳангоми муҳокимаи баррасии минбаъдаи он дар суди марҳилаи якум) муқаррар намояд, ки даъво нисбат ба шахсе пешниҳод шудааст, ки набояд мутобиқи даъво ҷавобгар бошад, метавонад бо мувофиқаи даъвогар, агар ҳамзамон тобеияти судии ҳамин парванда тағйир наёбад, ҷавобгари номуносибро ба ҷавобгари муносиб иваз намояд.

Агар даъвогар барои ба шахси дигар иваз намудани ҷавобгари номуносиб дархост накунад ва ё ба чунин ивазкунӣ розӣ набошад, судя ҳуқуқ надорад ин амалро бо ташаббуси худ ба анҷом расонад, аз ин рӯ парвандаро тибқи талаботи даъвои пешниҳодшуда нисбат ба ҳамон ҷавобгар баррасӣ менамояд.

Инчунин, судяҳо ба шарти дигари меъёри зикршуда бояд аҳамият диҳанд, ки ҳангоми ҳал намудани масъала ҷиҳати иваз намудани ҷавобгари номуносиб ба ҷавобгари муносиб парвандаро ҳамин суд ҳамон вақт баррасӣ менамояд, ки агар ивазкунии ҷавобгар тобеияти судии парвандаро тағйир надиҳад. Дар сурати бо розигии даъвогар иваз намудани ҷавобгари номуносиб ба ҷавобгари муносиб, тобеияти судии парвандаи маданӣ тағйир ёбад, он гоҳ судя дар асоси м.35 КММ масъаларо оид ба тобеияти судӣ парванда бояд ҳал намояд.[106]

Дар баробари ин, судя ҳуқуқ дорад ба парванда аз ҷумла, бо ташаббуси худ, ҳамҷавобгар ё ҳамҷавобгарон инчунин, шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод накардаанд, агар аз рӯйи хусусияти муносибатҳои ҳуқуқии баҳснок баррасӣ намудани парвандаро бе иштироки онҳо ғайриимкон эътироф намояд, ҷалб намояд.[107]

Бояд зикр намуд, ки иваз намудани ҷавобгари номуносиб, эътироф намудани шахсоне сеюме, ки нисбати мавзуи баҳс талаботи мустақил пешниҳод мекунанд инчунин, ба парванда ҷалб намудани ҳамҷавобгарон ва шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод намекунанад, бо таъинот ба расмият дароварда мешавад, ки нисбат ба ин таъиноти суд шахсони иштирокдорони парванда метавонанд шикояти хусусӣ пешниҳод намоянд.

---

[106]б.19 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12 аз 19 декабри соли 2008 “Дар бораи ба муҳокимаи судӣ омода намудани парвандаҳои маданӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

[107] м.м.44-45 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Инчунин, бояд донист, ки шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод намудаанд, аз тамоми ҳуқуқи даъвогар истифода мебаранд ва ӯҳдадориҳои даъвогарро ба зимма доранд. Яъне чунин шахс дар доираи аризаи даъвогии пешниҳоднамуда худ барои тағйир додани асос ва мавзуи даъво, зиёд ё кам кардани андозаи талаботи даъво, даст кашидан аз даъво, бастани созиши оштӣ инчунин, талаботи иҷрои маҷбурии санади судӣ ҳуқуқ дорад.

Аммо, шахсони сеюме, ки талаботи мустақилона пешниҳод накардаанд, аз ҳуқуқҳои мурофиавӣ истифода мебаранд ва дорои уҳдадории мурофиавии тарафҳо мебошанд, ба истиснои ҳуқуқ барои тағйир додани асос ва мавзуи даъво, зиёд ё кам кардани андозаи талаботи даъво, даст кашидан аз даъво, эътирофи даъво, бастани созиши оштӣ инчунин, пешниҳоди даъвои муқобили даъво ва талаботи иҷрои маҷбурии санади судӣ.[108]

Мувофиқи м.152 КММ ба ғайр аз тарафҳо ё намояндагони онҳо амалҳои мурофиавиро ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ метавонанд шахсони дигари иштирокдорони парванда низ иҷро намоянд аз ҷумла, шахсони сеюм, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод намудаанд, минҷумла, прокурор, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони ҳуқуқӣ ё шаҳрвандон. Масалан, дар як вақт якҷоя бо шахсе, ки ба манфиати ӯ парванда оғоз гардидааст ва ӯ дар он ҳамчун даъвогар баромад мекунад, дар амали намудани амалҳои бо м.152 ҳамин Кодекс пешбинишуда бояд шахсе низ иштирок намояд, ки бо ташаббуси ӯ парванда оғоз гардидааст.[109]

Дар хотир бояд дошт, ки тибқи қ.1 м.154 КММ даъвогар ҳуқуқ дорад дар як аризаи даъвогӣ якчанд талаботи даъвои ба ҳам алоқамандро якҷоя кунад. Қонунгузор ба судя ҳуқуқ додааст, ки бо роҳи қабул намудани таъинот, бидуни ба инобат гирифтани фикри тарафҳо ҳангоми пешниҳод намудани як ё якчанд талаботи даъво аз ҷониби як ва ё якчанд даъвогарон нисбат ба якчанд ҷавобгар чунин талаботҳоро ба мурофиаи алоҳида ҷудо намояд, агар эътироф намояд, ки чунин ҷудокунӣ мувофиқи мақсад буда, барои дуруст ва саривақт баррасӣ ва ҳал кардани парванда мусоидат мекунад.[110]

Мисол, мувофиқи б.12 тавзеҳоти дастурии Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №10 аз 29 майи соли 2003 “Дар бораи таҷрибаи

[108] қ.4 м.45 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

[109] б.15 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12 аз 19 декабри соли 2008 “Дар бораи ба муҳокимаи судӣ омода намудани парвандаҳои маданӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

[110]м.154 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба бекор кардани ақди никоҳ" ҳангоми ҳал намудани масъалаи имконпазирии дар мурофиаи бекор карданиақди никоҳ баррасӣ намудани талаботи тақсими молу мулки муштараки зану шавҳар бояд дар назар дошт, ки дар ҳолатҳое, ки агар тақсими молу мулк ба манфиатҳои шахси сеюм дахолат намояд (масалан: агар молу мулк моликияти хусусии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ё ки собиқ хонаводаи колхозӣ, ки дар ҳайати онҳо ба ғайр аз ҳамсарон ва фарзандони ноболиғи онҳо дигар аъзоён низ ҳастанд, ё ин ки моликияти кооперативи манзилу сохтмонӣ ё дигар кооператив, ки ҳанӯз аъзоёи он пурра саҳмияпулиҳои худро насупоридаанд ва аз ин сабаб ҳуқуқи моликиятро ба молу мулки дахлдор, ки аз ҷониби кооператив барои истифода ба ӯ ҷудо шудааст, соҳиб нашудаанд ва ғайра), мутобиқи қ.4 м.24 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба судя лозим аст, ки масъалаи ба истеҳсолоти алоҳида ҷудо намудани ин талаботро мавриди муҳокима қарор диҳад.

Инчунин, агар судя дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ муайян намояд, ки дар баррасии ҳамин суд якчанд парвандаҳои ба ҳам монанд бо иштироки ҳамин тарафҳо ё якчанд парванда оид ба даъвои як даъвогар нисбат ба ҷавобгарони гуногун ё якчанд даъвогарон нисбат ба ҳамин як ҷавобгар мавҷуд мебошад, дар асоси қ.4 м.154 КММ ҳуқуқ дорад бо дарназардошти фикри тарафҳо ин парвандаҳоро барои якҷоя баррасӣ ва ҳал намудан дар як мурофиаи судӣ якҷоя намояд, агар эътироф кунад, ки чунин якҷоя намудан барои дуруст ва саривақт баррасӣ ва ҳал кардани парванда мусоидат мекунад. Тибқи мазмуни ин меъёр судя ҳуқуқи барои дар як мурофиа якҷоя баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳоро танҳо бо назардошти фикри тарафҳо амалӣ менамояд.

Ҳамин тавр, қонунгузор ба судя ҳуқуқ медиҳад, ки аз маҷмӯи талаботҳои дар аризаи даъвогии даъвогар пешниҳодшуда, як ё якчанд талаботҳоро ба мурофиаи алоҳида ҷудо намояд, вале чӣ тавре аз меъёри мурофиавӣ бармеояд судя ҳуқуқ надорад парвандаҳои маданиро ба мурофиаи дигар ҷудо намояд.

Ҳангоми анҷом додани чунин амалҳо оқибатҳои манфии эҳтимолиро барои шахсони иштирокдорони парванда ба назар гирифтан лозим аст. Аз ҷумла, якҷоя намудани якчанд парвандаҳои якхела метавонад боиси зиёд шудани муҳлати мурофиавии моҳиятан баррасӣ намудани парванда дар натиҷаи ба маҷлиси судӣ ҳозир нашудани яке аз ҳамдаъвогарон ё ҳамҷавобгарон гардад, ки ин ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокдорони дигари мурофиа инъикос мегарадад. Дар чунин маврид ба судя лозим аст, ки вазъиятро аллакай дар марҳилаи омодасозии парванда ба

муҳокимаи судӣ бо роҳи ҷудо кардани як ё якчанд талабот ба мурофиаи алоҳида, ба танзим дарорад. Чунин усулро дар он маврид истифода бурдан ба мақсад мувофик аст, агар ҷудо намудани талабот ба ҳалли дурусти ҳамаи талаботҳо таъсир нарасонад, балки ба дуруст ва саривақт баррасӣ ва ҳал кардани парванда мусоидат кунад ва ба манфиати иштирокдорони мурофиаи судӣ бошад. Амалияи судӣ нишон медиҳад, ки дар чунин ҳолатҳо талаботҳои боқимонда баъди ин зуд ҳалли худро меёбанд.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки дар як мурофиаи судӣ баррасӣ намудани талаботҳое, ки бо тартиби мурофиаи даъвогӣ баррасӣ ва ҳал карда мешаванд, наметавонанд дар якҷоягӣ бо талаботҳое, ки бо тартиби мурофиаи дигар бояд баррасӣ шаванд, масалан, мурофиаи фармонӣ ва ё махсус, бо назардошти хусусиятхои баррасӣ ва қабул намудани ҳалномаҳо, дар як парванда якҷоя баррасӣ ва ҳал карда шаванд.

Далелҳо аз ҷониби тарафҳо ва дигар шахсони иштирокдорони парванда на танҳо ҳангоми ба суд пешниҳод намудани аризаи даъвогӣ ва ё даъвои муқобил, балки дар марҳилаҳои минбаъдаи мурофиа низ пешниҳод карда шаванд. Дар ҳолатҳои зарурӣ, бо назардошти ҳолатҳои муҳими ҳуқуқӣ, ки бояд барои ҳалли дурусти талаботи пешиҳодгардида муқаррар карда шаванд, судя бояд ба шахсони иштирокдорони парванда бо назардошти қоидаҳо оид ба ҷоизӣ ва дахлдории онҳо, пешниҳод намудани далелҳои иловагиро тавзеҳ диҳад. Дар мавриде, ки пешниҳод намудани далелҳои зарурӣ барои тарафҳо ва дигар шахсони иштирокдорони парванда мушкил бошад, суд мутобиқи дархости онҳо дар асоси м.60 КММ дар ҷамъоварӣ ва талаб карда гирифтани далелҳо бояд мусоидат намояд.

Ба ғайр аз ин, судя ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ масъалаи ба мурофиа ҷалб намудани тарҷумонро бояд ҳал намояд. Доир ба ин масъала дар б.8 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №5 аз 29 сентябри соли 2014 “Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ” ба судяҳо тавзеҳоти дастурии зерин дода шудааст. Мувофиқи қ.3 м.2 Конститутсияи Тоҷикистон ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳақ доранд аз забони модариашон озодона истифода баранд. Бо дарназардошти меъёри конститутсионии мазкур шахсони иштирокдорони парванда, ки забони давлатиро намедонанд, ҳуқуқ доранд бо забони модариашон дар мурофиаи судӣ баёнот ва хулоса диҳанд, баромад ва дархостҳо пешниҳод кунанд инчунин, аз хизмати тарҷумон истифода баранд. Дараҷаи донистани забони мурофиавӣ ва кифоягии он барои дар мурофиаи судӣ иштирок намудан, бояд бо дарназардошти фикри шахси ба хизмати

тарҷумон эҳтиёҷманд муайян карда шавад. Ҳуқуқи истифодаи забони модарӣ ё хизмати тарҷумон ҳангоми омодасозии парвандаи маданӣ ё оилавӣ ба муҳокимаи судӣ пас аз барои иштирок ба парванда ҷалб кардани шахс фаҳмонида мешавад. Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки вайрон гардидани ҳуқуқҳо дар бобати истифодаи забони модарӣ ё хизмати тарҷумон ба таври ҷиддӣ вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳар маврид барои бекор кардани санади судӣ асос мегардад.

Ғайр аз ин, судяҳо бояд фаромуш накунанд, ки андешидани тадбирҳо барои аз ҷониби тарафҳо бастани созиши оштӣ яке аз вазифаҳои омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ буда, мувофиқи с.4 қ.1 м.153 КММ уҳдадории судя мебошад. Судяҳо дар марҳилаи мазкур ҳуқуқи тарафҳоро оид ба бастани созиши оштӣ бояд дуруст фаҳмонанд, зеро тасдиқи созиши оштӣ боиси зудтар ҳал гардидани баҳс ва сарфа шудани хароҷоти судии тарафҳо мегардад. Созиши оштӣ бо роҳи гузашт кардан ва ба созиш даромадани тарафҳо ба миён меояд. Доир ба ин нақши муҳим ва назаррас ба судя таалуқ дорад. Судя на танҳо оқибатҳои бастани созиши оштиро муфассал тавзеҳ медиҳад, балки бо ҷанбаҳои маънавӣ ва ахлоқу одоб бастани чунин созиш бояд диққати ҷиддӣ диҳад, зеро дар натиҷаи он тарафҳо аксар вақт муносибатҳои хубро бояд барқарор ва нигоҳ доранд. Мисол, ҳангоми тақсим намудани манзили истиқоматӣ тарафҳо ҳамчун ҳамсоя боқӣ мемонанд, ки хусусияти муносибатҳои ояндаи онҳо барояшон бетафовут нест. Ин тарафҳоро водор мекунад, ки барои ба созиши оштӣ омадан аз ҳуқуқҳои муайяни эҳтимолӣ даст кашанд.

Судя бояд ба баррасии масъалаҳое, ки бо андешидани тадбирҳои таъмини даъво вобастаанд, махсусан бодиққат бошад, зеро дар амалия ҳангоми ҳалли ин масъалаҳо аксар вақт ба хатоҳое роҳ дода мешаванд, ки боиси оқибатҳои ногувор мегарданд. Чунин тадбирҳои таъмини даъво танҳо дар сурате қобили қабул мебошанд, ки агар наандешидани чунин тадбирҳо иҷрои ҳалномаро мушкил ё ғайриимкон гардонад.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошад, ки тадбирҳо оид ба таъмини даъво бояд ба талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар мутаносиб бошанд. Аз ин рӯ, дар таъинот оид ба андешидани тадбирҳои таъмини даъво ва навъи он бояд асоснок карда шавад.

Таъмини даъво дар ҳама марҳилаҳои баррасии парванда имконпазир буда, судя тибқи аризаи шахсони иштирокдорони парванда бо назардошти меъёрҳои м.143 КММ барои таъмини даъво тадбирҳо меандешад. Чунин

ариза мумкин аст ба суд дар шакли электронӣ бо ҷойгир намудани он дар сомонаи суд пешниҳод карда шавад.[111]

Бештари вақт дар таҷрибаи судӣ ин намуди тадбирҳои таъмини даъво, ба монанди ҳабси молу мулк аз ҷумла, манзилҳои истиқоматӣ воситаҳои пулӣ, мошини сабукрав, ки ҷавобгар мансуб аст, татбиқ карда мешаванд. Дар ин ҷо бояд дар назар дошт, ки ҳабс намудани ҳамаи суратҳисобҳои ҷавобгар, алалхусус ташкилот мумкин нест, зеро ин метавонад боиси беасос боздошта шудани фаъолияти ташкилот ва мутаносибан ба миён омадани талафоти назаррас гардад. Ҳабс ба воситаҳои пулӣ бояд на зиёд аз андозаи талаби даъво гузошта шавад.

Ҳангоми гузоштани ҳабс ба молу мулки ғайриманқул дар шакли манъ намудани анҷом додани амалҳои муайяни ҷавобгар, фиристодани нусхаи таъинотро ба мақоми дахлдори давлатие, ки бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқулро анҷом медиҳад, барои ворид намудани сабт дар бораи муваққатан маҳдуд кардани ҳуқуқи моликият ба молу мулки дахлдорро фаромӯш набояд кард. Даъвогар бошад, огоҳиномаи гарави дахлдорро дар Феҳристи ягонаи давлатии уҳдадориҳои таъминшуда назди Вазорати адляи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд мегирад.[112]

Инчунин, бо мақсади андешидани тадбирҳо оид ба таъмини даъво, манъ намудан ё боздоштани фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷониби мақомоти идоракунии онҳо гузаронидани маҷлисҳо ва ҷаласаҳо (маҷлисҳои умумии саҳмдорон, ҷаласаҳои шурои директорон, раёсати ҷамъият, анҷуманҳо ва конференсияҳои ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайра) иҷозат дода намешавад.

Дар КММ пешбинӣ нашудааст, ки бо ҳамон як парванда оид ба омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ якчанд таъинот баровардан мумкин аст. Дар баробари ин меъёрҳои мурофиавӣ барои анҷом додани ин амали мурофиавӣ ягон маҳдудият низ муқаррар накардаст. Бо дарназардошти ин, судяҳо метавонанд ба чунин саволе рӯ ба рӯ гарданд, ки оё ҳангоми баррасии як парванда омодасозии парванда такроран ё якчанд маротиба таъинот баровардан мумкин аст ё не. Дар б.4 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12 аз 19 декабри соли 2008 “Дар бораи ба муҳокимаи судӣ омода намудани парвандаҳои маданӣ” ба судҳо тавзеҳоти дастурӣ дода шудааст, ки чунин таъинот бояд дар ҳолати зарурӣ оид ба гузаронидани амалиётҳои иловагӣ ҷиҳати омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ,

[111]м.м.142 ва 143 КММ,
[112]қ.6 м.143 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

ҳамчунин пас аз бекор шудани ҳалномаи суд ва ирсоли парванда ба баррасии нав ё пас аз нав оғоз намудани истеҳсолоти боздошташуда ё мавқуфгузошташуда низ қабул карда мешавад.

Ҳамин тавр, аз мавқеи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин, аз баъзе меъёрҳои қонуни мурофиавӣ бармеояд, ки судяҳо вобаста ба як парванда метавонанд оид ба омодасози парванда ба муҳокимаи судӣ якчанд маротиба таъинот бароранд ва инчунин, якчанд маротиба худи омодассозии парвандаро анҷом диҳанд. Мисол, агар даъвогар бо истифода аз ҳуқуқи дар қ.1 м.43 КММ пешбинишуда, пас аз қабул намудани таъинот оид ба омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ асос ё мавзуи даъворо тағйир диҳад, андозаи талаботи даъворо кам ё зиёд кунад ва бо чунин тағйирот чӣ барои судя ва чӣ барои тарафҳо зарурати гузаронидани амалҳои иловагии мурофиавӣ ба вуҷуд ояд, дар ин маврид судя таъиноти дигарро оид ба омодасозии такрорӣ ё иловагии парванда ба муҳокимаи судӣ бояд қабул намояд ва вазифаҳои омодасозии парвандаро ба анҷом расонад.

Инчунин, чунин таъинотҳо аз ҷониби судя, аз рӯйи аризаи давогии муқобили даъво ва аз рӯйи даъвои шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод намудаанд бояд қабул шавад, зеро ба ин талаботҳо қоидаҳои умумии пешниҳоди даъво паҳн гардида, тибқи талаботи м.151-153 КММ доир ба онҳо ба амал баровардани амалҳои мурофиавӣ зарур мебошад.

Танҳо баъд аз ба анҷом расонидани тамоми амалҳои мурофиавӣ ва расидан ба вазифаҳои марҳилаи омодасозӣ, судя бо эътироф намудани он ки парванда пурра барои таъин намудани парванда ба муҳокимаи судӣ омодашуда мебошад, ҳуқуқ дорад дар хусуси таъин намудани парванда ба муҳокимаи судӣ таъинот қабул намояд.

Дар таъинот оид ба таъини парванда ба муҳокимаи судӣ масъалаҳои огоҳ намудани тарафҳо ва дигар шахсони иштирокдорони парванда аз ҷумла, намояндагон, шоҳидон, коршиносон, муттахассисон, дар ҳолатҳои зарури прокурор, тарҷумон ва дигарон оид ба вақт ва маҳалли баррасии парванда дар маҷлиси судӣ нишон дода мешавад. Ғайр аз ин дар таъиноти мазкур мутобиқи м.11 КММ судя масъалаи ба таври ошкоро ё дар маҷлиси пӯшидаи судӣ баррасӣ намудани парвандаро бояд асоснок ва дарҷ намояд. Нисбат ба таъинотҳо оид ба омодасозии парванда ва таъин намудани парванда ба муҳокимаи судӣ шикояти хусусӣ пешниҳод намудан мумкин нест, зеро ин таъинотҳо ба ҳаракати минбаъдаи парванда монеагӣ намекунад.[113]

[113] м.156 ва қ.2 м.360 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

§2. Тарафҳоро чӣ тавр ба созиши оштӣ овардан мумкин аст;

Тарафҳо ҳуқуқ доранд дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ баҳси худро бо бастани созиши оштӣ хотима диҳанд, агар амали онҳо бархилофи қонун набошад, ҳуқуқу манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шахсони дигарро вайрон насозад.

Ҳамзамон, санҷиши шартҳои созиши оштӣ, ки тарафҳо бастаанд ва вобастакунии мурофиавии амалҳои амрии дахлдори тарафҳо дар мурофиаи пешакии судӣ аҳамияти муҳим доранд. Созиши оштии тарафҳо аз ҷониби онҳо дар шакли хаттӣ тартиб дода шуда, ба суд пешниҳод карда мешавад, ки ба он даъвогар ва ҷавобгар имзо мегузоранд. Дар созиши оштии тарафҳо шартҳои созиш ва оқибатҳои ногуворӣ ичро нагардидани шартҳои созиш нишон дода мешавад.[114]

Аз рӯйи мазмун, созиши оштӣ ин созишномаи байни тарафҳо дар бораи ҳаллу фасли мутақобилаи баҳси моддӣ-ҳуқуқӣ бо шартҳои ба ҳамдигар қобили қабули тарафҳои баҳс мебошад. Бо бастани созиши оштӣ, даъвогар аз қисми талаботҳои даъвояш даст мекашад. Ҳамин тавр, ӯ имконият пайдо мекунад, ки тартиб ва шартҳои муносиби ичрои ӯҳдадориҳои ҷавобгарро дар назди худ интихоб кунад. Ҷавобгар бошад имтиёз оид ба озод шудан аз пардохт намудани ҳамаи хароҷотҳои талабкардаи даъвогар дар суд ба даст меорад. Ин як навъи мусолиҳа аст. Оқибатҳои бастани созиши оштиро ба тарафҳо судя бояд тавзеҳ диҳад. Агар созиши оштӣ ихтиёрона ба ичро расонида нашавад, онро мумкин аст бо тариқи маҷбурӣ ба ичро расонид.

Созиши оштӣ яке аз категорияи мураккаби ҳуқуқӣ мебошад. Созиши оштӣ ҳамчун ҳолати ҳуқуқии мурофиавии маданӣ баромад карда, агар онро дар қатори созишнома дар бораи тағйир додани тобеияти судӣ ва идоравӣ баррасӣ намоем, он ҳам яке аз намудҳои шартномаи мурофиавӣ ҳисоб рафта, пеш аз ҳама он санади мурофиавӣ мебошад. Танҳо дар мавридҳои алоҳида, ҳангоме, ки созиши оштӣ ба муносибатҳои ҳуқуқии моддии то мурофиавӣ таъсир расонад, он ҳамчун ҳолати ҳуқуқии ҳуқуқи моддӣ баромад мекунад.

Бо назардошти маҷмӯи изҳоршуда, гуфтан мумкин аст, ки созиши оштӣ бо хусусиятҳои умумии худ, шартномаи байни тарафҳо дар бораи дар суд қатъ намудани муҳокимаи судӣ бо шартҳои муайяни мувофиқашуда мебошад. Аз ин лиҳоз, созиши оштӣ худро дар як вақт ҳам ҳолати ҳуқуқии ҳуқуқи моддӣ ва ҳам мурофиавӣ нишон доша, боиси оқибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ мегардад. Ҳамчун ҳолати ҳуқуқии ҳуқуқи моддӣ созиши оштӣ аҳди

[114] б.13 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12 аз 19 декабри соли 2008 “Дар бораи ба муҳокимаи судӣ омода намудани парвандаҳои маданӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

маданӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки дар шароити муайян ҳуқуқу уҳдадориҳои қаблии тарафҳоро қатъ намуда, муносибатҳои тарафҳоро барои оянда бо роҳи муқаррар намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои навро байни онҳо, ба танзим медарорад. Ҳамчун ҳолати ҳуқуқии ҳуқуқи мурофиавӣ созиши оштӣ мурофиаи судиро қатъ менамояд, муҳокимаи судиро ба охир мерасонад ва бо ин оқибатҳои мурофиавиро ба миён меоварад. Ба ғайр аз ин, дар қиёс аз аҳди одии ҳуқуқии маданӣ, ки дар доираи муносбатҳои иштирокдорони муомилоти маданӣ баста мешавад, созиши оштӣ таҳти назорати суд дар доираи муҳокимаи судӣ бо риоя намудани қоидаҳо ва меъёрҳои мурофиавӣ баста мешавад, зеро вайрон кардани он, метавонад боиси бекор шудани санади судӣ оид ба тасдиқ намудани созиши оштӣ гардад. Аз ин рӯ, сарчашмаи танзими ҳуқуқии созиши оштӣ на танҳо ҳуқуқи мурофиавӣ, балки ҳуқуқи маданӣ низ мебошад. Дар сурати ба миён омадани баҳс, нисбат ба созиши оштӣ ҳамаи қоидаҳои умумии бекор намудани шартномаҳо, беэътибор донистани аҳдҳо ва ғайраҳо татбиқ карда мешаванд.

Созиши оштӣ метавонад дар ҳама марҳилаи мурофиаи маданӣ, аз баррасии парванда дар суди марҳилаи якум то ба истеҳсолоти иҷро баста шавад.

Мутобиқи талаботи КММ созиши оштӣ таҳти назорати суд қарор дошта, судя бояд тафтиш кунад, ки он хилофи қонун набошад ё ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигар шахсонро халалдор насозад. Дар мавриде, ки созиши оштӣ ба меъёрҳои КММ мувофиқат накунад, суд дархости тарафҳоро дар асоси таъинот рад намуда, моҳиятан баррасӣ намудани парвандаро давом медиҳад.

Пеш аз қабули таъинот дар бораи тасдиқи созиши оштӣ, суд ба тарафҳо оқибати бастани созиши оштиро тавзеҳ дода, аз онҳо забонхат мегирад, ки он ба маводи парвандаи маданӣ замима карда мешавад. Оқибати мурофиавии бастани созиши оштӣ аз қатъ гардидани парванда ва оид ба баҳси байни ҳамин тарафҳо вобаста ба ҳамин мавзуъ ва тибқи ҳамин асосҳо ғайриимкон будани муроҷиати такрорӣ ба суд иборат мебошад. Созиши оштӣ қувваи иҷро дорад, ки вобаста ба он ҳуҷҷатӣ иҷро дода мешавад. Агар яке аз тарафҳо аз иҷрои он даст кашанд, созиши оштӣ бо ташаббуси тарафи дигар метавонад ба тариқи маҷбурӣ ба иҷро расонида шавад.

Созиши оштӣ шартномаи ҳуқуқии маданӣ мебошад, ки тарафҳои баҳс бо шартҳои мувофиқакардаи онҳо баста ва ҳатман аз ҷониби суд тасдиқ карда мешавад.

Созиши оштии тарафҳо барои ҳатман қатъ намудани пешбурди парванда асос намегардад ва аз ҳолатҳои мушаххас вобаста мебошад. Суд

созиши оштии тарафҳоро танҳо дар сурате тасдиқ мекунад, ки чунин иродаи ихтиёрдорӣ-ҳуқуқии тарафҳо ба қонун мухолифат накунад ва ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии касеро халалдор накунад. Дар акси ҳол, қатъ намудани баррасии парванда хилофи қонун хоҳад буд. Пеш аз рафтан ба хонаи алоҳида барои тасдиқи созиши оштии тарафҳо, суд вазифадор аст оқибатҳои мурофиавии ин амалҳоро тавзеҳ диҳад ва дар таъинот оид ба қатъ намудани парванда бояд шартҳои созиш дақиқ нишон дода шавад, то доир ба мазмуни он норавшанӣ ва баҳсҳо ҳангоми иҷро пайдо нашавад.

Дар сурати қатъ гардидани баррасии парванда муроҷиати такрорӣ ба суд иҷозат дода намешавад. Аз ин рӯ, таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамудаи суд дар бораи қатъ намудани баррасии парванда дорои хусусиятҳои истисноӣ ва раднопазирӣ мебошад.

Созиши оштӣ яке аз шаклҳои оштишавии тарафҳо мебошад, ки суд бояд ба амалишавии он мусоидат намояд. Яке аз вазифаҳои муҳими мурофиаи маданӣ оштии додани тарафҳо мебошад. Дар байни вазифаҳои омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ вазифаи оштии тарафҳо мебошад.

Оё методика ба ҳалли ин масъала ёрӣ расонда метавонад ва чӣ тавр ин мушкилотро бояд ҳал кард. Созиши оштӣ бояд барои судя, тарафҳо ва намояндагони онҳо ҷолиб бошад ва судя аз ҳама имкониятҳои қонунӣ истифода бурда тарафҳо ва намояндагони онҳоро бояд ба бастани созиши оштӣ ҳавасманд намояд.

Созиши оштӣ барои тарафҳо ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии худро дорад. Ҷиҳатҳои мусбӣ дар бар мегиранд:

- санади судӣ мавриди шикоят қарор намегирад, бинобар ин, он аз ҷониби марҳилаи болоии судӣ бекор карда намешавад;

- дар баҳс оид ба ҳуқуқ розигӣ ба миён омада, оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо ҳалнома қабул карда намешавад;

- ҳисси қаноатмандии тарафҳо аз расидан ба созиши оштӣ ва барои судя натиҷаи хуби фаъолияти анҷомдодашуда мебошад, зеро созиши оштӣ дар таҷрибаи кории судя натиҷаи дараҷаи олӣ мебошад.

Ҷиҳатҳои манфии созишномаи оштӣ иборатанд аз:

- арзиши он: барои бастани созиши оштӣ баъзан, саъю кӯшиш, вақт ва эҳсосоти бештарро талаб мекунад, зеро судя бояд на танҳо вазъиятро аз нигоҳи қонун баррасӣ намояд, балки бо тарафҳо бештар кор кунад, ба онҳо ҳама ҳолатро дар бораи созиши оштӣ, шартҳои он, тартиби иҷрои он ва ғайраҳоро фаҳмонад;

- мувофиқи омори судӣ таъинот нисбат ба ҳалномаи судӣ қурби пасттар дорад: сифати бекоршавӣ ва тағйирёбиро, чун қоида, аз шумораи

ҳалномаҳои қабулшуда на аз таъинотҳо оид ба созиши оштӣ ба ҳисоб мегиранд. Ин вазъиятро дар сурати ворид намудани тағйироти дахлдор ба омори судӣ ислоҳ кардан мумкин аст, агар сифати фаъолияти судя аз ҷамъи санадҳои судии қабулшуда ва мавриди шикоят ёэътроз қарор додашуда ба ҳисоб гирифта шавад.

Методика метавонад ба ҳалли мушкилоти созиши оштии тарафҳо бо шартҳои зерин кӯмак расонад:

Шарти 1. Гузаронидани омодасозии босифати (суперомодасозии) парванда ба муҳокимаи судӣ ба судя имкон медиҳад:

- манфиати тарафҳо дарк карда шавад;

- доираи мухолифатҳо ва мавзуи созиш (аҳд), (ки ба мавзуи исботкунӣ яксон нест) муқаррар карда шаванд;

- дар мавқеи тарафҳо ҷиҳатҳои қавӣ ва заиф муайян карда шавад;

- воситаҳои (асосҳои) таъсиррасонӣ муқаррар карда шавад;

- озодона истифода бурдани маводи парванда ва муҳокимаронӣ кардан.

Агар баҳси судӣ аз нуқтаи назари низоъшиносӣ (конфликтология) баррасӣ карда шавад, дар ин маврид мумкин аст унсурҳои баҳс ҷудо карда шаванд, ки барои дарк намудани судя оид ба он ки чиро чӣ тавр барои ба созиши оштӣ овардани тарафҳо истифода бурдан мумкин аст, кӯмак намояд:

Низоъ ва баҳси судӣ	
Унсурҳои таркибии низоъ (медиасия, миёнаравӣ)	Унсурҳои баҳси судӣ (созиши оштӣ)
Иштирокдорони низоъ (тарафҳои низоъ)	Тарафҳои баҳс (даъвогар, ҷавобгар)
Доираи мухолифатҳо (сабабҳои ба миён омадани низоъ)	Мавзуи (предмети) даъво
Тасаввуроти тарафҳои низоъ оид ба вазъият	Мавқеи тарафҳо (даъво, норозигӣ ба даъво)
Асосҳои (ангезаи) иштирокдорони баҳс	Ҳуқуқ ва манфиатҳои тарафҳо
Амалҳои иштирокдорони баҳс	Амалҳои мурофиавии тарафҳо

Тавре ки таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, барои ба созиш овардани тарафҳо барои судяҳо муҳим аст, ки муносибатҳоеро, ки тарафҳои баҳс дар он қарор доранд, ба назар гиранд:

Муносибати пештараи тарафҳо то баҳс	
Тарафхо пеш аз баҳс ҳамдигарро намешинохтанд - муносибатҳои деликтӣ (мисол, садамаи нақлиётӣ), муносибатҳои яккаратаи шартномавӣ (дар мағоза, бозор) ва ғайраҳо...	Тарафҳо дар муносибатҳои муайян қарор доштанд - баҳсҳои меҳнатӣ, оилавӣ, оид ба замин, шартномавӣ (қарздор, паймонкор, ҳамсоя) ва ғайраҳо...

Тавассути донистани дигар имлҳо, аз қабили равоншиносӣ, конфликтология, медиасия ва ғайраҳо, судя мафҳуми “манфиат”-ро дарк менамояд, ки он барои ба созиши оштӣ овардани тарафҳо аҳамияти муҳим дорад.

Шарти 2. Манфиатҳои тарафҳо:

- Мавқеъ ва манфиати тарафҳо бояд ҷудо карда шаванд;

- Мавқеъ - ин ироаи талабот ё хоҳиши тарафҳо, ки дар аризаи даъвогӣ, норозигӣ ба даъво ва баёнотҳои тарафҳо мебошад (формула: кӣ қарздор аст + чӣ карздор аст + чӣ қадар қарздор аст);

- Манфиатҳо - ин асосҳое (ангезаҳое) мебошанд, ки тарафҳоро барои ишғол намудани ин ё он мавқеъ водор месозанд (саволҳо: Барои чи? Чаро не?);

- Агар тарафҳо пеш аз баҳс якдигарро намешинохтанд, мавқеъ чун қоида манфиатҳоро ифода мекунад;

- Агар тарафҳо пештар шинос бошанд, дар ин маврдид мавқеъ манфиати тарафҳоро ифода намекунад, дар ин маврид бояд сабаби аслиро ҷустуҷӯ карда лозим аст;

- Тамоми диққатро ба манфиатҳо қарор додан лозим аст, на ин ки ба мавқеъ.

Судяҳо аз рӯйи вазифаи касбии худ одатан бо ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо машғул шаванд, на ин ки бо манфиати онҳо. Чӣ тавр мумкин аст дар чӣ зоҳир гаштани манфиати тараф муқаррар карда шавад.

Чӣ тавр манфиатҳоро дидан мумкин аст?

- Пурсед: "Чаро?" Худро ба ҷойи одамони дигар гузоред. Мавқеи ишғолнамудаи ҳар як тарафро баррасӣ намуда, кӯшиши дарк намудани онро ки барои чӣ онҳо маҳз чунин мавқеро ишғол карданд, намудан лозим аст.

- Пурсед: "Чаро не?" Таҳлил кунед, ки чаро таклифҳои мавҷуда рад карда мешаванд.

Шарти сеюм ин интихоби воситаҳои мувофиқ барои усулҳои таъсиррасонӣ ба тарафҳо - расонидани маълумоти зарурӣ, фаҳмонидани оқибатҳои амали онҳо мебошад.

Шарти 3. Воситаҳои мувофиқ.

Воситаҳои таъсиррасониро ба тарафҳоро, чунин тақсим кардан мумкин аст:

- умумӣ - ин пешниҳод намудани маълумот дар бораи он, ки муҳокимаи судӣ ё ин ки бастани созиши оштӣ чӣ оқибат доранд, номуайянии ҳуқуқии натиҷаи парванда (мурофиаҳои судӣ дар марҳилаҳои гуногун, стресси иловагӣ, хароҷоти иловагии судӣ дар марҳилаҳои минбаъдаи судӣ, таъсири манфии баҳс ба муҳити тарафҳо (хешовандон, шахсони наздик), роҳи арзандаи баромадан аз вазъият қувваи қонунии қарор, муҳлати дарози иҷро ва ғайраҳо) иборат мебошад;

- махсус- созиши оштӣ имкон медиҳад: муносибатҳои хуб боқӣ мононанд, дар пеши назари шиносҳо афкори умумӣ нигоҳ дошта шавад, аз идомаи муошират номатлуб канорагирӣ карда шавад. Муҳокимаи судӣ: баҳс ба фарзанд зарар мерасонад (баҳсҳои оилавӣ), намунаи манфӣ барои хешовандон, дӯстон, ҳамкорон (баҳсҳои меросӣ, меҳнатӣ), имконияти пешниҳод гардидани даъвоҳои муқобил (молу мулки умумӣ, муносибатҳои дарозмуддати шартномавӣ).

- мушаххас (конкретӣ) - дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳои мушаххас истифода бурда мешаванд: далелҳои алоҳида шубҳанок ба назар мерасанд (ваколатномаҳои нотариалӣ, полисҳои суғурта), барои тафтиш ба маҳал рафтан лозим аст (садамаи нақлиёти, баҳсҳои замин - хароҷоти иловагӣ), даъват кардани шоҳидони зиёд (хароҷоти иловагӣ, нороҳатӣ, имконияти ҳозир нашудан), зарурияти таъин намудани экспертиза (хароҷоти иловагӣ ва номуайян будани хулосабарории коршинос), додани баёноти бардуруғ (ҷавобгарии чиноятӣ, паҳн гардидани маълумоти парванда ба эътибори корӣ таъсир мерасонад).

Агар тарафҳо шинос набошанд бояд воситаҳои умумӣ, агар тарафҳо шинос бошанд воситаҳои умумӣ ва махсус, оид ба парвандаи мушаххас воситаҳои мушаххас (конкретӣ) истифода бурда шаванд.

Шарти навбатии созиши оштии бомуваффақияти тарафҳо ин санъати судя будан мебошад.Судя бояд:

- гӯш кардан ва шунавиданро тонад;

-аз воситаҳои муошрати шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ истифода бурда тавонад ва боварибахш, сухандон бошад;

- малакаи равоншиносро дошта бошад;

- самимӣ бошад;

- донишманд ва ҷаҳонбинии васеъ дошта бошад;

- некхоҳ ва бомулоҳиза бошад.

Барои судя хеле муҳим аст, ба он ки чӣ мегӯяд, инро чӣ гуна мегӯяд ва бо тарафҳо чӣ тавр муошрат мекунад, аҳамият диҳад. Судя бояд босаводона воситаҳои муошрати шифоҳиро истифода барад.

Муошрати нутқӣ аз лотинӣ-"communico" - маънои "умумӣ мекунам, пайваст мекунам, муошрат мекунам" ифода мекунад. Калимаи "муошрат" аз ҷиҳати маъно наздиктарин мебошад в ин як амали тафаккури нутқ аст, ки бо мақсади ҳамкории якҷоя амалӣ карда мешавад, муошрати расмӣ набояд берун аз танзимоти мақсаднок амалӣ карда шавад, чунин муошрат ба ҳамсӯҳбат таъсир мерасонад.

Ҳангоми ба созиши оштӣ овардани тарафҳо, бояд дар хотир дошт, ки барои ба мақсад расидан ҳамаи воситаҳо муҳиманд, аммо набояд тарафҳоро барои бастани созиши оштӣ маҷбур намуд инчунин, ба онҳо бор намудани шартҳои басо бефоидаро мумкин нест. Созиши оштӣ бояд ихтиёрӣ ва ба ҳар як тараф фоидаовар бошад. Суд барои матлуб будани созиши оштӣ шароит фароҳам меорад, вале маҷбур намекунад ва оқибатҳои ҳуқуқии амалҳои мурофиавиро шарҳ медиҳад.

Барои ба созиши оштӣ моил намудани тарафҳо алгоритми зеринро истифода бурдан мумкин аст:

- пайдарҳамии амалҳо, пешниҳоди маълумот ба тарафҳо;

- таҳлили ҳуқуқии парванда, яъне хулосаи пешакӣ оид ба ҳолатҳо ва далелҳо;

- муайян намудани мавқеи тарафҳоро оид ба созиши оштӣ;

- пешниҳод намудани маълумотӣ умумӣ дар бораи созиши оштӣ;

- ҷиҳатҳои мусбии созиши оштиро номбар кардан;

- ҷиҳатҳои манфии муҳокимаи судиро нишон додан;

- ҷоннок намудани тезисҳо;

- пешниҳод кардани созиши оштӣ;

- мусоидат намудан ба созиши оштӣ;

- ба итомом расондани расмиёти созиши оштӣ.

Судя бо истифода аз методика омодасозии парвандаро гузаронда, аллакай дурнамои судии парвандаро бояд донад. Судя ба тарафҳо нишон медиҳад, ки парвандаро хуб медонад ва ин ба ӯ барои равшан кардани баъзе ҳолатҳо монеъ намешавад. Судя таҳлили ҳуқуқии парвандаро гузаронда истода, кадом ҳолатҳои воқеӣ баҳснок ва кадомашон бебаҳс мебошанд ва ба далелҳои пешниҳодшуда баҳои пешакӣ дода, ба тарафҳо чунин муроҷиат менамояд:

- Ман парвандаи Шуморо бодиққат омӯхтам ва баъзе саволҳо ба миён омаданд.....

- Мехостам ҷиҳатҳои алоҳидаро аниқ намоям ……

- Аз аризаи даъвогӣ (норозигӣ ба даъво) мавқеи Шумо оид ба масъалаи ..……. нофаҳмо аст.

Ҳангоми маърузаи парванда (изҳор намудани таҳлили ҳуқуқӣ) судя метавонад масъалаи имконияти бастани созиши оштиро ба миён гузорад. Судя бо додани саволҳои зерин мавқеъи тарафҳоро оид ба созиши оштӣ муайян менамояд:

- Шумо кӯшиш кардед, ки баҳсро бо созиши оштӣ ҳал кунед?

- Пеш аз суд бо ҷавобгар ҳамсӯҳбат шудед?

- Даъвогар (ҷавобгар) барои бо созиши оштӣ ҳал намудани баҳс ба Шумо муроҷиат кардааст?

- Шарти оқилонаи созиш..... Чаро розӣ нашудед?

- Кадом пешниҳод даъвогар (ҷавобгар) ба Шумо писанд наомад?

Бояд ба тарафҳо равшан фаҳмонда шавад, ки созиши оштӣ чист. Муҳим аст, ки судя ба тарафҳо моҳияти дурусти созиши оштиро фаҳмонад, то ки тараф дар асоси маълумоти пурраву объективона гирифтааш қарори дахлдор қабул намояд:

- Оё шумо медонед, ки созиши оштӣ чист?

- Оё шумо дар бораи созиши оштӣ маълумот доред?

- Оё намояндаи шумо моҳияти созиши оштиро ба шумо тавзеҳ дод?

- Оё шумо дар бораи тарафҳои мусбати созиши оштӣ хабар доред?

-Ман ҳамчун судя вазифадор ҳастам, ки ба шумо моҳияти созиши оштиро фаҳмонам;

Ман ба шумо дар бораи созиши оштӣ шарҳ медиҳам, то шумо ақидаи дуруст пайдо намоед .....

Хусусияти мусбии созишномаи оштӣ бояд равшан нишон дода шавад:

- Дар бораи бартариҳои созиши оштӣ медонед?

- Созиши оштӣ тибқи қонун ба манфиати тарафҳо пешбинӣ шудааст;

- Созиши оштӣ имкон медиҳад.....

Бояд оқибатҳои манфии идома додани муҳокимаи судӣ ошкоро нишон дода шавад:

- Оё шумо дар бораи муҳокимаи судӣ маълумот доред?

- Шумо мефаҳмед, ки бо чӣ бархурдор шудед?

- Шумо хароҷотҳоятонро дарназар доред?

- Барои хароҷотҳои иловагӣ маблағ ва вақт омода ҳастед?

Шумо омодаед ҳаққи хизматрасонии адвокати тарафи муқобилро дар сурати рад шудани даъво пардохт намоед?

Судя метавонад таъкидҳои худро бо саволҳо ва ибораҳои зерин тақвият диҳад:

- Дар ҷаҳони муосир созиши оштӣ ҳалли беҳтарини низоъ эътироф шудааст;

- Имрузҳо аксари тарафҳо бо созиши оштӣ баҳси худро ҳал мекунанд;

- То сулҳ тавон кард, дари ҷангро макӯб!

- Шумо гум кардани саломатӣ, қувват, вақт ва маблағҳоятонро мехоҳед?

Инчунин, судя метавонад ба шубҳа андозад:

- Шумо боварӣ доред ки бурд мекунед? (бо нобоварӣ);

- Медонед ки на ҳамаи даъвоҳо қонеъ мешаванд?

- Парвандаатон хеле мураккаб ва ғайриоддӣ аст……..(изҳори шубҳа);

- Боварии Шумо оид ба натиҷаи парванда асоснок аст? Тарафи дигар ҳам далелҳои ҷолиби диққат пешниҳод кардааст;

- Истодагарӣ муҳим аст, аммо оё он чунин арзишро дорад?

Судя ҳатман бояд роҳи баромадан аз вазъияти баҳснокро пешниҳод намояд:

- Оё Шумо намехоҳед, ҳолати худро сабуктар намоед? Шумо имконияти воқеӣ барои бастани созиши оштӣ доред.

- Оё дар чунин вазъият ба мусолиҳа омадан хубтар нест?

- Ду нафари оқил ҳама вақт метавонанд ба мусолиҳа оянд.

- Барои ба созиш омадан ба Шумо вақт лозим аст?

Бояд имкониятҳои бастани созиши оштӣ, намудҳои гузашт кардан бе дақиққунии ҳаҷми он пешниҳод карда шаванд:

- Шумо ҳуқуқ доред дар созиши оштӣ.....

- Чун қоида дар чунин ҳолатҳо, тарафҳо оид ба (муҳлати пардохти қарз, ҳаҷми ноустоворона ва ғайраҳо) ба мусолиҳа меоянд;

- Дар таҷрибаи судӣ одатан пешбинӣ менамоянд.....

Муҳим аст, ки судя ҳангоми ба анҷом расонидани расмиёти созиши оштӣ, тарафҳо бояд водор намояд, ки созиши оштии басташуда роҳи оқилона

мебошад ва онҳо уҳдадориҳои ба зимма гирифтаашонро бояд бовиҷдонона иҷро намоянд:

- Акнун тақдири созиши оштӣ дар дасти Шумо аст;
- Қавл (ваъда) додед иҷро намоед;
- Умед дорем, ки бо ҳамин баҳси Шумо хотима ёфт.

Созиши оштии тарафҳо аз ҷониби тарафҳо дар шакли хаттӣ тартиб дода шуда, ба суд пешниҳод карда мешавад, ки ба он даъвогар ва ҷавобгар имзо мегузоранд. Дар созиши оштии тарафҳо шартҳои созиш ва оқибатҳои ногувори иҷро нагардидани шартҳои созиш нишон дода мешаванд. Суд бо таъиноти худ созиши оштии тарафҳоро тасдиқ ва баррасии парвандаро қатъ мекунад. Дар протоколи маҷлиси судӣ оид ба бастани созиши оштии тарафҳо қайд карда мешавад.[115]

Ҳамзамон, санҷиши шартҳои созиши оштӣ, ки тарафҳо бастаанд ва вобастакунии мурофиавии амалҳои амрии дахлдори тарафҳо дар мурофиаи пешакии судӣ аҳамияти муҳим доранд. Агар тарафҳо оид ба бастани созиш хоҳиши худро баён карда бошанд, пас дар ҳолати зарурӣ мумкин аст ба онҳо барои таҳияи шартҳои созиши оштӣ имконият дода шавад. Дар чунин маврид, ба маҷлиси судӣ танаффус эълон карда мешавад, ё вобаста ба ҳолатҳои кор мурофиаи судӣ мавқуф гузошта мешавад.

Судя метавонад ба созиши оштии тарафҳо танҳо дар мавриде мусоидат намояд, агар омодасозии парвандаро босифат гузаронида, ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи мавқеъи ҳар як тараф ва манфиатҳои тарафҳоро муайян намуда, васитаҳои имконпазири таъсиррасониро ба тарафҳои баҳс муқаррар намуда бошад. Амалҳои дар боло зикргардидаи судя ҳангоми муайян кардани мавқеи тарафҳо, мушаххас кардани далелҳо (ваҷҳҳои) овардашуда, пешниҳод намудани далелҳои иловагӣ ва анҷом додани дигар амалҳои мурофиавӣ ба мазмуни муқаррарнамудаи м.13 КММ, принсипи мубоҳисавӣ мувофиқат мекунанд.

Аммо, агар тарафхо нахоханд, ки парвандаро бо созиши оштӣ ба охир расонанд, он гоҳ дар маҷлиси пешакии судӣ зарур аст, ки он нуктаҳои вазъияти баҳснокро, ки барои судя дар оянда барои моҳиятан ҳал намудани ин баҳс заруранд, муайян ва муҳокима намоянд. Чунин муҳокимаи муштарак дар асоси таҳлили ҳуқуқии парванда ба тарафҳо имкон медиҳад, ки раванди мулоҳизаронии судро дарк намоянд, ба рушди муайяни парванда ва ҳалномаи пешбинишаванда омода шаванд.

[115] қ.қ.2 ва 3 м.177, с.4 м.225 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

§3. Тарзҳои гузаронидани маҷлиси пешакии судӣ;

Маҷлиси пешакии судӣ (минбаъд МПС) барои пешбурди омодасозии парванда ва баъзан барои зуд ҳал намудани баҳс имкониятҳои калон фароҳам меоварад. Ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи м.155 КММ судя масъалаҳои гузаронидани мурофиаи пешакии судиро ҳал мекунад, вақт ва маҳалли гузаронидани онро муайян намуда, тарафҳоро бо тартиби муқарраршуда огоҳ месозад.

Тартиби амалҳои судя, оид ба мураттабсозии ҳолатҳои воқеӣ ва гузаронидани бандубасти ҳуқуқии муносибатҳои хукукии баҳснок, ки дар бобҳои қаблӣ дарҷ гардида буд, ба судя пеш аз хама, барои омодасозии мустақилона парванда зарур аст. Аммо, ҳамин усулҳо ва методҳои коркард ва таҳлили маълумотҳои воқеӣ ва меъёрҳои ҳуқуқиро судя дар ПМС ва баъдан дар маҷлиси судӣ бо назардошти хусусиятҳои ҳар яке аз ин шаклҳои мурофиавӣ идома медиҳад.

Мақсадҳои МПС иборат аз:

- аз таҳкими мурофиавии амалҳои амрии тарафҳо, ки ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ анҷом дода шудаанд;

- муқаррар намудани ҳолатҳои барои баррасии дуруст ва ҳалли парванда аҳамиятдошта;

- муқаррар намудани кифоягии далелҳо барои парванда;

- таҳқиқи далели гузаронидани муҳлати муроҷиат ба суд ва ё муҳлати даъво.

Меъёрҳои КММ ба судя ҳуқуқ ба муошират намудан бо тарафҳо аз ҷумла, тавассути додани дастурҳо дар таъинот оид ба омодасозии парванда инчунин, муҳокима намудани парванда дар МПС медиҳад.

Моҳияти вазъияти баҳснок бояд аз маводи даъвогӣ (аризаи даъвогӣ, норозигии хаттӣ ва мушаххаскунии ҳолатҳои парванда, ки судя дар таъинот оид ба омодасозии парванда талаб кардааст) муқаррар карда шавад. Чун қоида, тарафҳо ҳангоми пурсиш ҳамон чизеро, ки аллакай дар ҳуҷҷатҳои хаттии парванда мавҷуданд, такрор мекунанд. Нофаҳмо аст, ки чи тавр муошират чандинкаратаи судя бо тарафҳо барои сарфа намудани вақти кори, ки судя онро метавонист онро барои омузиш ва таҳлил намудани парванда истифода намояд, чӣ гуна кӯмак мекунад. Ин ба асоснокӣ ва ба мақсад мувофиқ будани чунин ташкил намудани омодасозии парвандаро таалуқ дорад. Агар ба ҷанбаи ҳуқуқии ин масъала рӯ орем, пас аз таҳлили меъёрҳои КММ чунин ба назар мерасад, ки дар қонун сӯҳбат намудан, ҳамчун амали алоҳидаи мурофиавӣ пешбинӣ нашудааст. Ҳангоми

омодасозии парванда судя маводи парвандаро меомузад, парвандаро таҳлил мекунад ва парвандаи омодашударо ба муҳокимаи тарафҳо дар МПС мегузорад. Масъалаи дигар дар он аст, ки то кадом андоза судя вақти кории худро инчунин, воситаҳои мурофиавӣ ва методологиро босифат ва самаранок истифода мебарад то ин, ки МПС-ро омодашуда оғоз намояд ва бо дониши дахлдори парванда бо тарафҳо оид ба баҳс музокираи мавзуи намояд.

МПС ба судя имконият медиҳад, ки:

- бо тарафҳо ҷанбаҳои ҳуқуқии парвандаро муҳокима намояд (масалан, оё ҷавобгар муносиб мебошад, зарурати ҷалби шахсони дигар ба парванда ва ғайраҳо);

- муайян ва аниқ намудани баъзе ҳолатҳои парванда: судя пас аз гузаронидани таҳлили ҳуқуқӣ бояд аллакай донад, ки кадом ҳолатҳо барои парванда аҳамият доранд ва дар атрофи ин ҳолатҳо муҳокимаронӣ гузаронад;

- мавҷуд будан ва басандагии далелҳоро ҷиҳати тасдиқи ҳолатҳои баҳснок ва зарурати пешниҳод намудани далелҳои иловагиро муқаррар намояд;

- муҳокима намудани имкониятҳои ба созиши оштӣ овардани тарафҳо. Барои бо тарафҳо гузаронидани чунин муҳокима судя ба асос таҳлили ҳуқуқие, ки аллакай омода намуда ва ба тарафҳо дар шакли хулосаҳои муайяни пешакӣ пешниҳод менамояд, истифода бурдан мумкин аст.

Ҳамин тавр, судя метавонад назари худро оид ба вазъияти баҳснок, ки дар асоси маводи омухташуда ба вуҷуд омадааст, баён намояд аз ҷумла, ҳолатҳои бебаҳси парвандаро нишон дода, аниқ кунад, ки оё дар ҳақиқат тарафҳо ин ҳолатро байни ҳамдигар мавриди баҳс қарор намедиҳанд. Пас аз ин, судя метавонад ҳолатҳои баҳснокро, ки барои парванда аҳамият доранд ва натиҷаи ҳалли баҳс аз исботкунии онҳо вобаста мебошад, нишон диҳад. Дар ин ҷо “хориҷкунии” ҳолатҳои баҳснок низ метавонад ба амал ояд, агар тараф ҳолатеро, ки қаблан онро пинҳон медошт ё рад мекард, эътироф намояд. Ба судя чунин ҳуқуқи хориҷкунро қ.2 м.159 КММ пешбинӣ намудааст, ки мувофиқи он раисикунанда маҷлиси судиро роҳбарӣ карда, барои таҳқиқи ҳамаҷониба ва пурраи далелҳо ва ҳолатҳои парванда шароит фароҳам меоварад, аз муҳокимаи судӣ ҳамаи маводеро, ки ба парвандаи баррасишаванда муносибат надоранд, хориҷ мекунад.

Баъдан судя метавонад бо тарафҳо далелҳои тасдиққунандаи ҳолатҳои баҳснокро муҳокима намояд. Чунин муҳокима махсусан камбудиҳои мавқеи тарафро ошкор менамояд (масалан, набудан ё нокифоя будани далелҳо), ки вобаста ба онҳо кор кардан лозим аст. Баъди чунин муҳокима бо назардошти

ҳолатҳои парванда ба муҳокимаи масъалаи оштишавии тарафҳо гузаштан ба мақсад мувофиқ аст.

Дар амалияи судӣ истифодабарии МПС ба таври кофӣ маъмул набуда, саволе ба миён меояд, ки дар кадом мавридҳо МПС ҳатман бояд гузаронда шавад. Мисол, мувофиқи б.11 тавзеҳоти дастурии Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12 аз 19 декабри соли 2008 “Дар бораи омодасозии парвандаҳои маданӣ ба муҳокимаи судӣ” ҳангоми таъини экспертиза дар давраи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, судя ҳуқуқ дорад мутобиқи м.221 КММ баррасии парвандаро бозторад. Дар ин мавриди судя дар бораи бозтоштани баррасии парванда дар маҷлиси пешакии судӣ таъинот мебарорад, ки дар ин бора протокол тартиб дода мешавад.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки дар марҳилаи МПС ҳангоми мавҷуд будани асосҳои дар м.м 220, 221, 225, с.с.1-4 моддаи 227 КММ пешбинишуда, баррасии парванда метавонад бозтошта шавад ё қатъ карда шавад ва ё аризаи даъвогӣ бебаррасӣ мононда шавад. Ҳамзамон судя дар бораи бозтоштан, қатъ гардидани баррасии парванда, бебаррасӣ мононданди аризаи даъвогӣ дар МПС таъинот қабул менамояд.

Ё ин ки мувофиқи б.27 ҳамин Қарор ба судяҳо тавзеҳот дода шудааст, ки дар давраи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ даъвогар метавонад аз даъво даст кашад, тарафҳо созиши оштӣ ё ин ки шартнома дар бораи супурдани даъво ба баррасии суди ҳакамӣ банданд. Азбаски ҳалли масъала роҷеъ ба қабули ариза оид ба аз даъво даст кашидан ва тасдиқи созиши оштии тарафҳо дар давраи омодасозии парванда аз ҷараёни дахлдор ҳангоми баррасии судӣ фарқе надорад, чунин ҳаракатҳои амрии тарафҳо бояд ба тариқи мурофиавӣ дар маҷлиси пешакии судӣ қайд карда шаванд. Аммо, агар дар давраи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ҷавобгар даъворо эътироф намояд, судя парвандаро ба баррасӣ дар маҷлиси судӣ таъин карда, масъалаи мазкурро тибқи талаботи муқарраркардаи қ.3 м.176 КММ ҳаллу фасл менамояд, яъне суд ҳангоми аз ҷониби ҷавобгар эътироф гардидани даъво ва қабули он дар хусуси қонеъгардонии талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар ҳалнома қабул мекунад.

Ғайр аз ин дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ҷавобгар метавонад дар норозигиҳояш изҳор намояд, ки даъвогар бе сабабҳои узрнок муҳлати даъворо оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфитаҳояш ва ё муҳлати муқаррарнамудаи қонун барои мурочиат ба судро гузаронидааст. Чунин мурочиатҳои ҷавобгарро судя бояд дар МПС, ки мақсади он таҳкими мурофиавии амалҳои амрии тарафҳо мебошад, баррасӣ намояд. Ҳангоми муқаррар намудани далели бе сабабҳои узрнок гузаронидани муҳлати даъво

ё муҳлати мурочиат ба суд бе таҳқиқи дигар ҳолатҳои воқеии парванда дар хусуси рад намудани даъво ҳалнома қабул мекунад. Ба ҳалнома аз ҷониби шахсони иштирокдорони парванда мумкин аст бо тартиби кассатсионӣ шикоят оварда шавад.

Зеро, тибқи меъёрҳои қ.3 м.216 КМ ва қ.6 м. 155 КММ инчунин, тавзеҳоти дастурии б.19 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” ҳангоми муайян намудани далели бе сабабҳои узрнок гузаронидани муҳлати даъво ё муҳлати мурочиат ба суд судя метавонад бе таҳқиқи дигар ҳолатҳои воқеии парванда дар маҷлиси пешакии судӣ дар хусуси рад намудани даъво ҳалнома қабул карда, дар қисми асосноккунии ҳалнома танҳо ин ҳолатҳоро зикр намояд.[116]

Ҳалнома дар он маврид қабул карда намешавад, агар ҳолатҳои бо сабабҳои узрнок гузаронидани муҳлати даъво ё ин ки мисол, асосҳои дар м.м.198, 208-212, 215, 217, 218, 219, 220, 222 ва 224, 265, 473,799, қ.3 м.880 инчунин, м.1372 КМ пешбинишуда ҷой дошта бошанд. Чунин ҳолатҳо бояд ҳангоми санҷиши ҳолатҳои воқеии парванда дар марҳилаҳои минбаъдаи мурофиаи судӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта шаванд. Дар сурати ҷой доштани чунин вазъиятҳо судя МПС-ро ба итмом расонида дар асоси м.156 КММ дар хусуси таъин намудани парванда ба муҳокимаи судӣ таъинот қабул мекунад. Маҷлиси пешакии судӣ метавонад танҳо як маротиба гузаронида шавад ва баъд аз он парванда бояд ба муҳокимаи судӣ таъин карда шавад.

Тартиби гузаронидани маҷлиси судиро меъёрҳои КММ ба таври муфассал муқаррар намудааст. Аз ҳама муҳим он аст, ки дар вақти гузаронидани маҷлиси судӣ, аллакай:

- моҳияти баҳс ва мавзуи (предмети) исботкунӣ аниқ муайян карда шуда бошад;

- суд ва тарафҳо бояд диққати худро танҳо ба баррасии он ҳолатҳое равона кунанд, ки барои парванда аҳамият доранд;

- танҳо далелҳое бояд мавриди таҳқиқ қарор гиранд, ки барои тасдиқ намудани ҳолатҳои баҳснок пешниҳод шудаанд.

Яке аз навовариҳо ҳангоми қабули КММ ин меъёр оид ба МПС мебошад. Ин марҳилаи хеле муҳими омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ мебошад. Аммо дар КММ он ба таври мухтасар танзим шудааст, ки дар байни судяҳо саволҳоеро ба миён меорад, ки МПС барои чӣ лозим аст ва чӣ тавр онро самаранок барои пешбурди парванда истифода бурдан мумкин аст.

[116]б.25 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12 аз 19 декабри соли 2008 “Дар бораи ба муҳокимаи судӣ омода намудани парвандаҳои маданӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

Азбаски МПС як намуди маҷлиси судӣ мебошад, нисбати он қоидаҳои умумии гузаронидани маҷлиси судӣ татбиқ мешаванд.

Ғайр аз ин меъёрҳои КММ муҳлатҳои мурофиавии гузаронидани МПС-ро ба ҳаволаи судя ва бо дарназардошти фикри тарафҳо тарнҳо бо парвандаҳои мураккаб мегузорад, вале ин парвандаҳоро кадомҳоянд мушаххас нишон намедиҳад. Муҳлати мурофиавии муайянкардаи судя барои гузаронидани МПС метавонад аз доираи муҳлатҳои барои баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо муқаррарнамудаи КММ (фавран, дах рӯз, як моҳ, се моҳ) зиёд бошад.[117]

Дар б.9 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №4 аз 14 июни соли 2013 “Оид ба муҳлатҳои мурофиавии баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ” ба судяҳо тавзеҳоти дастурӣ дода шудааст, ки бо назардошти он ки МПС амали мурофиавӣ дар давраи омодасозӣ марбут ба парвандаҳои маданӣ, оилавӣ ба ҳисоб меравад суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки МПС дар доираи муҳлати умумии муқарарнамудаи қонун барои парвандаҳо гузаронида мешавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ марбут ба парвандаҳои мураккаб судя бо назардошти фикри тарафҳо ва мураккабии парванда метавонад барои гузаронидани МПС муҳлатеро муайян кунад, ки аз доираи муҳлатҳои барои баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо муқаррарнамуда зиёд мебошад. Ин муҳлат бояд оқилона ва барои гузаронидани амалҳои мурофиавӣ басанда бошад. Амали мазкур бо қабули таъиноти алоҳидаи судӣ анҷом дода мешавад.

Бо дарназардошти он ки роҷеъ ба баъзе категорияи парвандаҳо ва аризаю шикоятҳо муҳлатҳои баррасии онҳо мушаххас муайян карда нашудаанд суд, судяҳо метавонанд чунин парвандаҳо, аризаю шикоятҳоро дар муҳлатҳои оқилона вобаста ба мураккабӣ, хусусиятҳои хоси онҳо баррасӣ намоянд. Дар ин сурат, принсипи баррасии саривақтии ба амал баровардани адолати судӣ риоя карда шуда, ҳолатҳои аз муҳлати муайяннамудаи қонун зиёд муқаррар намудани муҳлати баррасӣ роҳ дода намешавад.[118]

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки дар хусуси гузаронидани МПС мутобиқи м.м.233 ва 234 КММ протоколи маҷлиси судӣ тартиб дода мешавад.[119]

---

[117]қ.3 м.155 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

[118]б.11 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №4 аз 14 июни соли 2013 “Оид ба муҳлатҳои мурофиавии баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

[119]қ.7 м.155 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Ҳангоми ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ судя бояд:

- маҷлиси судиро оғоз намуда, эълон намояд, ки оид ба кадом парванда МПС гузаронида мешавад;

- шахсияти иштирокдорони ҳозиршудаи мурофиаро муайян карда, ваколати шахсони мансабдор ва ё намояндаҳои онҳоро санҷад;

- дар сурати иштироки тарҷумон уҳдадории ӯро тавзеҳ диҳад;

- ҳайати судро эълон намуда, ҳуқуқи худрадкунӣ ва рад намуданро тавзеҳ диҳад;

- ба шахсони иштирокдорони парванда ҳуқуқ ва ухдадориҳоро тавзеҳ диҳад;

- мавҷуд будани дархостҳор муайян намуда ва агар имкон бошад, онҳоро ҳал намояд.

Инчунин, ба судя зарур аст муайян намояд, ки оё тарафҳо ҳуҷҷатҳои мурофиавии тарафи дигарро (аризаи даъвогӣ, норозигӣ ба даъво ва ғайраҳо) гирифтаанд ё не.

Агар зарур бошад ҳал намудани масъалаҳо оид ба:

- имконияти шинос намудан бо ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ дар маҷлиси судӣ ва идомаи маҷлиси пешакии судӣ;

- аз ҷониби ҷавобгар пешниҳод намудани норозигӣ нисбат ба даъво ё муқаррар намудани муҳлати пешниҳоди норозигӣ ва ё аризаи даъвогии муқобили даъво (м.м.152-153 КММ).

Пас аз ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ судя ба баррасии пешакии парванда мегузарад, ки моҳияти он аз:

- муқаррар намудани ҳолатҳое, ки барои баррасӣ ва ҳалли дурусти парванда аҳамият доранд;

- муқаррар намудани басандагии далелҳо аз рӯйи парванда;

- таҳқиқи ҳолатҳои гузаштани муҳлати мурочиат намудан ба суд ва ё муҳлати даъво (қ.1 м.155 КММ).

Маҳз чӣ тавр ин амалҳоро ба анҷом расонидан мумкин аст, КММ муқаррар накардааст. Бо истифода аз методика тартиби зерини гузаронидани МПС-ро пешниҳод кардан мумкин аст.

Ҳангоми моҳиятан баррасӣ намудани парванда, судя дар асоси маводи мавҷуд буда таҳлили ҳуқуқии парвандаро пешниҳод мекунад, пас аз он тарафҳо шунида мешаванд, ки метавонад таҳлилро пурра намоянд. Судя бояд таъкид намояд, ки ин таҳлилу хулосаҳо хусусияти пешакӣ дошта, бештар аз фаъол будани тарафҳо вобаста аст ва имкони ба охир расидани парванда дар ин ҷаласа истисно нест.

Муҳим он аст, ки судя на танҳо ба тарафҳо чӣ мегӯяд, балки ин корро чӣ тавр иҷро мекунад. Аз ин рӯ, масъалаи иртиботҳои шифоҳӣ, яъне чӣ гуна бо ҷонибҳо сӯҳбат карданро бояд баррасӣ карда шавад.

Судя ба тарафҳо маълумот медиҳад, ки дар ибтидо дар бораи ҳолатҳои парванда хулосаҳои пешакии худро, ки дар асоси таҳлили аризаи даъвогӣ ва норозигӣ ба даъво бароварда шудаанд, пешниҳод менамояд. Пас аз ин, ба ҳар як тараф имкон дода мешавад, ки назари худро ба таҳлили ҳуқуқӣ илова карда, мавқеъи худро аниқ намояд. Агар тарафҳо бо чунин расмиёт розӣ бошанд ва норозигӣ надошта бошанд, судя ба таҳлили ҳуқуқии парванда мегузарад.

Пеш аз оғоз намудани таҳлили ҳуқуқӣ ба судя хеле муҳим аст, ки таъкид намояд, ки чунин пешниҳод намудани ҳолатҳои парванда ва баҳодиҳии пешакии далелҳо тибқи принсипи мубоҳисавӣ дар м.88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва м.13 КММ муқаррар шудааст, сурат мегирад, ки тибқи он: “суд мустақилият, беғаразӣ ва холисии худро нигоҳ дошта, роҳбарии мурофиаро анҷом медиҳад, ба шахсони иштирокдорони парванда ҳуқуқ ва уҳдадориҳояшонро фаҳмонида, оид ба оқибатҳои содир кардан ё накардани амалҳои мурофиавӣ огоҳ месозад, ба онҳо дар татбиқи ҳуқуқҳояшон мусоидат намуда, барои таҳқиқи ҳамаҷониба ва пурраи далелҳо, муқаррар намудани ҳолатҳои воқеи ва истифодаи дурусти қонунҳо ҳангоми ҳалли парвандаҳои маданӣ шароит фароҳам меоварад”.[120]

Пешниҳод намудани ҳолатҳои парванда, арзёбии пешакии далелҳо, фаҳмонидани ҷиҳатҳои ҳуқуқии парванда дар доираи ваколатҳои суд, ки дар м.13 КММ ҳамчун “суд, роҳбарии мурофиаро анҷом медиҳад, мефаҳмонад, огоҳ месозад, мусоидат менамояд” пешбинӣ шудаанд, дар бар мегирад.

Азбаски судя ин гуна амалҳоро нисбат ба ҳарду тараф анҷом медиҳад, ҳеҷ гуна асос барои айбдор намудани судя оид ба маслиҳат додан ба тараф ва вайрон кардани принсипи беғаразӣ ҷой надорад.

Ҳангоми МПС судя таҳлили ҳуқуқии парвандаро гузаронида истода, аввал бояд ҳолатҳои бебаҳсро баён намояд ва баъдан ҳолатҳои баҳсноки парвандаро баён намуда, дар мавриди зарурӣ ҳолатҳоеро, ки дар онҳо мавқеи тарафҳо бояд аниқ карда шаванд нишон диҳад инчунин, ба нокифоя будани ҳолатҳои воқеӣ барои бандубасти ҳуқуқии баҳс ишора намуда ба тарфҳо ҷиҳати аниқ намудани мавқеашон таклиф пешниҳод кунад.

Дар ин марҳила судя ҳуқуқ дорад ба далелҳо аз рӯйи дахлдорӣ, ҷоизӣ, саҳеҳӣ инчунин, басандагӣ баҳои пешакӣ дода, дар ҳолати зарурӣ меъёрҳои м.м.58 ва 60 КММ-ро оид ба уҳдадории исбот ва қоидаҳои пешниҳод

[120]м.13 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

намудани далелҳо ба тарафҳо ва дигар шахсони иштирокдорони павранда тавзеҳот диҳад ва пешниҳод намудани далелҳои иловагиро тавсия диҳад.

Инчунин, агар зарур бошад, ҷанбаҳои ҳуқуқии баҳсро муҳокима намуда аз ҷумла, аз даъвогар муайян менамояд, ки чаро даъво маҳз нисбати ҳамин ҷавобгар пешниҳод шудааст ва ҳуқуқи иваз кардани ҷавобгари номуносбро бо оқибатҳои содир кардан ё накардани амалӣ мазкур (м.42, 168 КММ) ва ғайраҳоро фаҳмонад.

Раванди минбаъдаи МПС метавонад чунин бошад, судя бояд ба тарафҳо барои бо парванда пурра ва аниқ намудани мавқеашон (пешниҳод намудани далелу ваҷҳ ва дархост) сухан диҳад, оид ба ҳолатҳо саволҳои муайянкунанда диҳад ва бо созиши оштӣ ҳал намудани баҳсро фаҳмонад (қ.2 м.155 КММ).

Дар ҳолатҳои зарурӣ судя бояд то оғози моҳиятан баррасӣ намудани парванда, масъалаи таъин намудани экспертиза, вобаста ба парванда ҷалб намудани мутахассис, масъалаи ба маҷлиси судӣ даъват намудани шоҳидон, масъалаи зарурати ирсол намудани супориши судиро ҳал намуда, оид ба муҳлати пешниҳод намудани аризаи даъвогии муқобили даъворо шарҳ диҳад.

Судя МПС-ро ба итмом расонида, ба тарафҳо мефаҳмонад, ки парванда ба муҳокимаи судӣ омодашуда мебошад ва дар ин хусус таъинот дар бораи таъин намудани парванда ба муҳокимаи судӣ қабул карда мешавад ва тарафҳо дигар шахсони иштирокдорони парванда оид ба вақт ва маҳалли баррасии парванда огоҳ карда мешаванд ё ин ки дар асоси қ.4. м.155 КММ таъинот қабул менамояд ва ё созиши оштии тарафҳоро тасдиқ менамояд ё ин ки дар мавриди гузаштани муҳлати даъво ва ё муҳлати муроҷиат ба суд тибқи қ.6 м.155 КММ ҳалнома қабул менамояд.

Ҳамин тавр, судя дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ва МПС фаъолияти худро оид ба тартиб додани хулоса оид ба ҳолатҳои парванда ва баҳодиҳии экспертӣ мантиқан идома медиҳад ва инчунин, метавонад:

- тарафҳоро ба созиши оштӣ оварда баррасии парвандаро бо тасдиқи созиши оштӣ қатъ намояд, агар он хилофи қонун набошад ё ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигар шахсонро халалдор насозад.;

- аз даъво даст кашидани даъвогарро қабул намуда парвандаро қатъ намояд, агар он хилофи қонун набошад ё ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигар шахсонро халалдор насозад.;

- парвадаро бебаррасӣ мононда дар ин хусус таъиноти асоснок қабул намояд;

-масъалаи гузаштани муҳлати даъворо таҳқиқ намуда, дар бораи рад намудани даъво ҳалнома қабул намояд;

- аз ҷониби ҷавобгар эътироф гардидани даъворо қабул намуда, дар хусуси қонеъгардонии талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар ҳалнома қабул намояд, агар чунин эътирофи даъво хилофи қонун набошад ё ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигар шахсонро халалдор насозад;

- мавҷуд набудани зарурати гузаронидани амалҳои иловагии мурофиавӣ ё таҳқиқи далелҳоро муқаррар намуда, аз рӯйи моҳияти талаботи пешниҳодшуда қарор қабул намояд, агар ба судя маълум бошад, ки таҳлили парванда анҷом ёфтааст ва тарафҳо наметавонанд ба ҳолатҳои парванда чизеро илова кунанд.

Имкониятҳои мурофиавии судя дар рафти МПС маҳдуд набуда, оид ба ҳамаи масъалаҳои дигари мурофиавие, ки бо мақсади таҳқими мурофиавии амалҳои амрии тарафҳо, ки ҳангоми амалисозии вазифаҳои омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ заруранд, метавонанд аз ҷониби судя анҷом дода шаванд.

§4. Санадҳои судие, ки дар шакли таъинот дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ва маҷлиси судӣ қабул карда мешаванд;

Судяҳо бояд дарк намоянд, ки таъиноти суди марҳилаи якум оид ба парвандаи маданӣ санади судие мебошад, ки парвандаро моҳиятан ҳал намекунад.[121] Дар баробари ин саривақт ва дуруст қабул намудани таъинот оид ба масъалаҳое, ки зимни баррасии парвандаи маданӣ ба миён меоянд, барои омодасозии дурусти он ба муҳокимаи судӣ, амалӣ гардидани ҳуқуқҳои иштирокдорони мурофиаи судӣ ва қабул намудани ҳалномаи қонунӣ ва асоснок мусоидат мекунад.

Муқаррароти умумие, ки тартиби қабул намудан, муҳтаво, шакл ва иҷрои таъиноти суди марҳилаи якумро ба танзим медароранд дар боби 20 инчунин, дигар меъёрҳои гуногуни КММ муқаррар шудаанд. Таъинот дар хонаи алоҳида тибқи тартиби пешбининамудаи моддаи 198 КММ, яъне дар хонаи алоҳида, танҳо аз ҷониби судяи баррасикунандаи парванда ва дар доираи талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар (ҷавобгар) қабул карда мешавад.

Таъиноти суди марҳилаи якум метавонад ҳамчун санади судии алоҳида, ки дар хонаи алоҳида (хонаи алоҳида) қабул ва тартиб дода шавад

[121]қ.5 м.14 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

инчунин, таъинот метавонад дар толори маҷлиси судӣ бо роҳи сабти дахлдори қарори қабулкардаи суд дар протоколи маҷлиси судӣ қабул карда шавад. Аммо дар ҳар сурат, чунин таъинотҳо баъди қабул шуданашон фавран эълон карда мешаванд.

Ҳамин тавр мувофиқи меъёрҳои КММ дар доираи мурофиаи судии маданӣ таъинотҳоро ба се намуд ҷудо кардан мумкин аст:

1. Таъинотҳое, ки то оғоз намудани парвандаи маданӣ дар шакли санадӣ судии алоҳида қабул карда мешаванд;

2. Таъинотҳое, ки дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ва ё дар маҷлиси судӣ дар шакли санадӣ судии алоҳида қабул карда мешаванд;

3. Таъинотҳое, ки дар ҷараёни муҳокимаи судӣ дар толори маҷлиси судӣ бе гузаштан ба хонаи алоҳида, бо ҳатман зикр гардидан дар протоколи маҷлиси судӣ қабул карда мешаванд.

Ба мисоли таъинотҳо, ки то оғоз намудани парвандаи маданӣ аз ҷониби судя қабул карда мешаванд, таъинот оид ба беҳаракат монондан, баргардонидан ва ё аз қабул рад намудани аризаи даъвогӣ, пурра ё қисман озод намудан аз пардохти боҷи давлатӣ ва ғайраҳо шуда метавонанд.

Дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, судя дар шакли санадӣ судии алоҳида як қатор таъинотҳоро метавонад қабул намояд, вале дар мавриди рад намудани даъво бинобар сабаби гузаштани муҳлати даъво ё муҳлати муроҷиат намудан ба суд танҳо ҳалнома қабул қабул карда мешавад. Мисол: дар асоси ҳалнома рад намудаи даъво бинобар бе сабабҳои узрнок гузаронидани муҳлати якмоҳаи муроҷиат ба суд оид ба баҳси барқарор намудан ба ҷойи кори пештара.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ инчунин, ҳангоми гузаронидани МПС судя уҳдадор аст, таъинотҳои барои баррасии парванда аҳамиятдоштаро қабул намояд. Ба ғайр аз ин, дар мавридҳои зарурӣ судя метавонад таъинотҳои гунони дигарро низ қабул намояд.

Дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ инчунин, МПС ва ё маҷлиси судӣ судя чунин таъинотҳоро дар шакли санади судии алоҳида бояд қабул намояд:

- оид ба муҳокимаи парванда дар маҷлиси пӯшидаи судӣ (қ.4 м.11 КММ);

- оид ба масъалаҳои супоридани парванда ба суди дигар (қ.4 м.35 КММ);

- дар хусуси рад намудани супоридани парванда ба суди дигар (қ.4 м.35 КММ);

- иваз намудани ҷавобгари номуносиб ба ҷавобгари муносиб (қ.1 м.42 ва қ.1 м.153 КММ);

- эътироф намудан ба сифати шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод мекунанд (қ.2 м.44 КММ);

- рад намудан ба сифати шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод мекунанд (қ.2 м.44 КММ);

- ба парванда ҳамроҳ намудани шахсони сеюме, ки ба мавзуи баҳс талаботи мустақил надоранд (м.45 ва қ.1 м.153 КММ);

- дар хусуси иваз намудан тараф бо вориси ҳуқуқӣ (қ.1 м.46 КММ);

- дар хусуси рад намудани ивази тараф бо вориси ҳуқуқӣ (қ.1 м.46 КММ);

- азназаргузаронӣ ва таҳқиқи ҳуҷҷатҳо ё ашёи дорои сирри давлатӣ (қ.3 м.59 КММ);

- ба суди дахлдор додани супориши судӣ (қ.2 м.65 КММ);

- оид ба масъалаҳои ихтиёрдории далелҳои шайъӣ (қ.4 м.79 КММ);

- оид ба масъалаҳои баргардонидани ҳомили сабти овоз ва видео (қ.3 м.81 КММ);

- оид ба таъини экспертиза ва коршиноси судӣ (қ.1 м.82 КММ);

- гирифтани намунаҳои тарзи навишт (хат) барои муқоисаи таҳқиқии ҳуҷҷати хаттӣ ва имзоҳо дар ҳуҷҷат (қ.1 м.84 КММ);

- муайян намудани нархи даъво ҳангоми қабули аризаи даъвогӣ (қ.2 м.92 КММ);

- дар хусуси баргардонидани боҷи давлатӣ (қ.4 м.94 КММ);

- ба таъхир андохтан ё ба даврaҳо ҷудо кардани муҳлати пардохт, кам кардани андозаи он ва ё озод намудан аз хароҷоти судӣ вобаста ба баррасии парванда (м.96 КММ);

- оид ба ҷарима бастан (қ.3 м.107);

- дар хусуси рад намудани зиёд ё кам кардани андозаи ҷарима (қ.2 м.108 КММ);

- оид ба ошкоро супоридани хабарнома ё даъвати судӣ ва ҳуҷҷатҳои замимашуда (қ.1 м.121 КММ);

- дар бораи эълон намудани кофтукови ҷавобгар (қ.1 м.122 КММ);

- бекор кардани фармон (м.132 КММ);

- рад намудани қабули аризаи даъвогии муқобили даъво бо асосҳои мавҷуд набудани шартҳои дар м.141 КММ пешбинигардида (м.м.136 ва 140 КММ);

- дар бораи тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати таъмини даъво (м.144 КММ);

- иваз кардани як навъи таъмини даъво ба навъи дигар (қ.2 м.146 КММ);

- ҷиҳати омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ (қ.1 м.150 КММ);

- ба мурофиаи алоҳида ҷудо намудани як ё якчанд талаботи даъвои якҷояшуда (қ.5 м.154 КММ);

- якҷоя намудани парвандаҳо барои якҷоя баррасӣ ва ҳал намудан дар як мурофиа (қ.5 м.154 КММ);

- дар хусуси боздоштани баррасии парванда (қ.5 м.155 ва м.м.220-222 КММ);

- дар хусуси қатъи баррасии парванда (қ.5 м.155, қ.3 м.176, қ.3 м.177, м.225 ва қ.1 м.226 КММ);

- дар хусуси бебаррасӣ мононданиаризаи даъвогӣ (қ.5 м.155, м.227 ва қ.1 м.228 КММ);

- таъин намудани парванда ба муҳокимаи судӣ (м.156 КММ);

-дар хусуси идома додани муҳокимаи судӣ ё мавқуф гузоштани муҳокимаи парванда (қ.1 м.171 ва м.232 КММ);

-маҷбурӣ овардани шоҳид ба маҷлиси судӣ (қ.2 м.171 КММ);

- аз нав оғоз намудани баррасии парванда (м.224 КММ);

- таъиноти хусусӣ (м.231 КММ);

- оид ба пурра ё қисман рад намудани эродҳо нисбат ба протоколи маҷлиси судӣ (қ.1 м.237 КММ);

- дар хусуси бо тартиби ғоибона баррасӣ намудани парванда (қ.1 м.238 КММ).

-оид ба ошкоро супоридани ҳалномаи ғоибона (қ.1 м.248 КММ).

Номгӯйи таъинотҳои болозикр истисноӣ набуда, дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ва марҳилаиҳои минбаъда, судя аз рӯйи ҳама гуна масъалаҳои мурофиавӣ метавонад дигар намудҳои таъинотҳоро дар шакли санади судии алоҳида тибқи меъёрҳои КММ қабул намояд. Мисол, тибқи тавзеҳоти дастурии б.29 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12 аз 19 декабри соли 2008 “Дар бораи омодасозии парвандаҳои маданӣ ба муҳокимаи судӣ” мутобиқи қ.3 м.155 КММ судя аз рӯйи парвандаҳои мураккаб метавонад муҳлати гузаронидани мурофиаи пешакии судиро, ки аз доираи муҳлати бо КММ барои баррасӣ ва ҳалли парванда муқарраркардашуда, баромадааст, таъин намояд ва дар ин бора таъиноти асоснок бо қайди мушаххаси муҳлати гузаронидани мурофиаи пешакии судӣ тартиб дода, қабул намояд.

Дар чандин меъёрҳои КММ истилоҳи судя, суд “таъинот” ё ин ки “таъиноти асоснок” қабул менамояд ба таври гунонун пешбинӣ шудааст. Новобаста аз ин судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки аз рӯйи принсипҳои қонунӣ ва асоснок будани санадҳои судӣ дар ҳар маврид судяҳо бояд таъинотҳои асоснок қабул намояд. Мисол, мувофиқи б.9 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №6 аз 29 сентябри соли 2014 “Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо” ба судяҳои ҷумҳурӣ тавзеҳоти дастурӣ дода шудааст, ки масъалаи баррасӣ намудани парвандаҳои маданӣ ё оилавиро дар маҷлиси пӯшидаи судӣ аз ҷониби судя бо ташаббуси худ ё аз рӯйи дархости тарафҳо ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ҳал намоянд. Дар ин хусус бо нишон додани ҳолатҳои мушаххаси монеашавандаи дар толори маҷлиси суд ҳузур надоштани шахсони иштирокдорони мурофиа набударо талаб менамояд, аз ин рӯ бояд таъиноти асоснок қабул карда шавад. Чунин таъинот метавонад дар бораи гузаронидани қисми муҳокимаи парванда дар маҷлиси пӯшидаи судӣ қабул карда шавад.

Инчунин, бояд дар назар дошт, ки судя метавонад дар толори маҷлиси судӣ ҳангоми баррасии парванда бе гузаштан ба хонаи алоҳида, аз рӯйи масъалаҳои одии мурофиавӣ таъинот қабул намояд, ки он ҳатман дар протоколи маҷлиси судӣ бояд зикр гардад.

Ба мисоли чунин таъинотҳо, ки метавонанд бе гузаштан ба хонаи алоҳида ва бе тартиб додани санади судии алоҳида дар толори маҷлиси судӣ аз ҷониби судя қабул карда шаванд, инҳо шуда метавонанд:

- аз толори маҷлиси судӣ хориҷ намудани шахси иштирокдори парванда ва ё шаҳрвандоне, ки иштирокдорони мурофиа намебошанд, дар тамоми муҳлати муҳокимаи судӣ ё як қисми он, ки такроран тартиботро дар маҷлиси судӣ вайрон кардаанд (қ.қ.2 ва 5 м.162 КММ);

- ҳал намудани дархости шахсони иштирокдорони парванда оид ба масъалаҳои муҳокимаи парванда (м.169 КММ);

- дар хусуси идома додани муҳокимаи судӣ (қ.4 м.170 КММ);

- оид ба мавқуф гузоштани муҳокимаи парванда ҳангоми ҳозир нашудани ин ё он шахси иштирокдорони парванда (қ.қ.2, 3 ва 7 м.170 ва 172 КММ);

- бе иштироки тарафҳо баррасӣ намудани парванда (қ.6 м.170 КММ);

- оид ба мавқуф гузоштани муҳокимаи парванда ҳангоми пешниҳод гардидани аризаи даъвогии муқобили даъво (м.172 КММ);

- муайян намудани пайдарҳамии таҳқиқи далелҳо (м.179 КММ);

- дар вақти пурсиши шоҳиди ноболиғ аз толори маҷлиси судӣ хориҷ кардани ин ё он шахси иштирокдори парванда ё ин ки ин ё он шахси дар толори маҷлиси судӣ ҳузурдошта (қ.2 м. 183 КММ);

- азназаргузаронӣ ва таҳқиқи далелҳои хаттӣ ва шайъе, ки овардани онҳо ба суд имконнопазир ё душвор аст (қ.1 м.188 КММ);

- ҳангоми зарурат ҷиҳати иштирок дар азназаргузаронӣ ва таҳқиқи далелҳо ҷалб ва даъват намудани коршиносони судӣ, мутахассисон ва шоҳидон (қ.2 м.61, қ.2 м.188 ва м.193 КММ);

- хотимаёфта эълон намудани таҳқиқи парванда (м.194 КММ);

- дар хусуси аз нав таҳқиқ намудани далелҳо (қ.2 м.196 КММ).

Ҳамин тавр ҳангоми анҷом додани дигар амалиёти мурофиавӣ ва ё ҳал намудани масъалаҳое, ки ҳаллашон ба идома додани мурофиа монеа намегардад, судя метавонад бе гузаштан ба хонаи алоҳида таъинот қабул намояд. Таъиноти мазкур баъди қабул намудани он фавран эълон карда мешаванд ва дар протоколи маҷлиси судӣ дарҷ мегардад.[122]

Номгӯйи таъинотҳое, ки метавонанд бе гузаштан ба хонаи алоҳида ва бе тартиб додани санади судии алоҳида дар толори маҷлиси судӣ аз ҷониби судя қабул карда шаванд истисноӣ набуда, судяҳо дар мавридҳои дигар низ ҳуқуқ доранд чунин таъинотҳоро қабул намояд. Аммо бояд дар назар дошт, ки чунин таъинотҳо ҳатман дар протоколи маҷлиси судӣ бояд дарҷ гарданд.

Мисол, мувофиқи қ.7 м.11 КММ ва б.13 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №23 аз 26 июни соли 2009 “Дар бораи татбиқи меъёрҳои КММ ҳангоми баррасии парвандаҳо дар суди марҳилаи якум” шахсони иштирокдорони парванда, дигар шахсони иштирокдори мурофиа, намояндаи ташкилотҳо ва шаҳрвандон дар маҷлиси ошкорои судӣ ҳузурдошта ҳуқуқ доранд дар шакли хаттӣ ҷараёни муҳокимаи судиро сабт кунанд. Истифодаи воситаҳои аксбардорӣ, сабти аудио, видео, пахши ҷараёни маҷлиси судӣ тариқи радио, телевизион ва шабакаи интернет танҳо бо иҷозати суд роҳ дода мешавад. Чунин амалҳо бояд дар ҷойҳои нишондодаи суд, дар толори маҷлиси судӣ ба амал бароварда шавад. Бо таъиноти суд ин амалҳо метавонанд аз рӯйи вақт маҳдуд карда шаванд. Истифодаи воситаҳои аксбардорӣ, сабти аудио, видео, пахши ҷараёни маҷлиси судӣ тариқи радио ва телевизион бо дарназардошти фикри шахсони иштирокдорони парванда роҳ дода мешавад.

Ё ин ки мувофиқи қ.1 м.12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо” шаҳрвандон ва намояндагони

[122]қ.қ.2 ва 3 м.229 ва қ.2 м.234 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

ташкилотҳо ҳуқуқ доранд дар мурофиаҳои ошкорои судӣ иштирок дошта бошанд инчунин, рафти маҷлиси судиро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт намоянд.

Дар ин маврид, шахсони дар маҷлиси ошкорои судӣ ҳузурдоштае, ки иштирокдори мурофиа намебошанд ва намояндагони воситаҳои ахбори омма, ки хоҳиши суратгирӣ, сабти видеоии рафти маҷлиси судро доранд, бо дархост (ариза) ба суд, судя мурочиат менамоянд. Чунин дархост дар протоколи маҷлиси суд дарҷ гардида, аз ҷониби суд, судя бо дарназардошти фикри иштирокдорони мурофиа таҳти баррасӣ қарор дода шуда, дар бораи қонеъ ё рад намудани дархост (ариза) таъиноти (қарори) асоснок қабул карда мешавад.[123]

Зарурияти қабул намудани таъинотҳо бо риояи дақиқи талаботи қонун чӣ аз рӯйи шакл ва чӣ муҳтавои он уҳдадории судя мебошад. Тибқи мазмуни қ.1 м.230 КММ муҳтавои таъинот дар шакли санади судӣ, ки дар хонаи алоҳида қабул карда мешавад аз қисмҳои муқаддимавӣ, баёнӣ-асосноккунӣ ва хулосавӣ иборат мебошад.

Дар қисми муқаддимавии таъинот, ки дар шакли санади судӣ қабул шудааст бояд маълумотҳои зерин зикр гарданд:

- санаи қабули таъинот;
- маҳалли қабули таъинот;
- номи суде, ки таъинотро қабул намудааст;
- насаб, ном ва номи падари судя;
- насаб, ном ва номи падари котиби маҷлиси судӣ, агар таъинот дар маҷлиси судӣ қабул шуда бошад;
- насаб, ном ва номи падари шахсони иштирокдорони парванда, агар таъинот дар маҷлиси судӣ қабул шуда бошад;
- мавзуи баҳс ё талаботи пешниҳодшуда.

Дар қисми баёнӣ-асосноккунӣ таъинот бояд маълумотҳои зерин зикр гарданд:

- масъалае, ки вобаста ба он таъинот қабул карда шудааст;
- баёнот ё дархостҳои шахсони иштирокдорони парванда, агар таъинот дар маҷлиси судӣ қабул шуда бошад;
- асосҳое, ки тибқи он суд хулосаи худро қабул намудааст ва истинод ба қонуне, ки суд ба роҳбарӣ гирифтааст.

Дар қисми хулосавии таъинот бояд маълумотҳои зерин зикр гарданд:

[123] б.17 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №6 аз 29 сентябри соли 2014 “Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/mfs/

- хулосаи суд;

- тартиб ва муҳлати пешниҳод намудани шикоят ва эътироз нисбат ба таъинот, агар нисбат ба он шикоят ва эътироз овардан мумкин бошад.

Ғайр аз талаботҳои умумӣ нисбат ба таъинот пешбинишуда, дар баъзе мавридҳо дар таъинот метавонанд дигар масъалаҳое, ки ба иҷро намудани таъинот вобаста мебошанд дарҷ карда шаванд. Аз ин рӯ, судяҳо бояд ба он диққат диҳанд, ки дар моддаҳои 65, 83, 137, 138, 139, 176, 177, 226 ва 228 КММ нисбат ба муҳтавои таъинот оид ба баъзе масъалаҳо талаботи иловагӣ муқаррар карда шудаанд.

Мисол мувофиқи м.83 КММ дар таъинот оид ба таъини экспертиза ва коршиноси судӣ маълумотҳои зерин зикр мегарданд:

- номи суд, насаб, ном ва номи падари судя ва санаи таъини экспертиза;

- насаб, ном ва номи падари тарафҳо вобаста ба парвандаи баррасишаванда;

- номи экспертиза, фактҳое, ки барои тасдиқ ё рад намудани онҳо экспертиза таъин гардидааст;

- саволҳои дар назди коршиноси судӣ гузошташуда, насаб, ном ва номи падари коршиноси судӣ ё номи муассисаи экспертие, ки ба он гузаронидани экспертиза супориш дода шудааст;

- насаб, ном ва номи падари шахси пардохткунандаи музди экспертизаи давлатии судӣ;

- маводе, ки ба коршиноси судӣ ирсол мегардад, муҳлате, ки дар ҷараёни он бояд экспертиза гузаронида шавад ва ба суд хулоса пешниҳод гардад. Дар таъиноти мазкур ҳамчунин зикр мегардад, ки барои дидаю дониста пешниҳод кардани хулосаи бардурӯғ суд коршиноси судиро ё роҳбари муассисаи экспертие, ки корманди ҳамин муассиса экспертизаро мегузаронад, дар хусуси ҷавобгарии пешбининамудаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳ менамояд.

Тибқи қ.4 м.192 КММ бошад, дар таъинот оид ба гузаронидани экспертизаи такрорӣ ё иловагӣ бояд асосҳои норозигии суд бо хулосаи ибтидоии экспертиза зикр карда шаванд.

Хусусиятҳои ҷудогона нисбат ба таъинотҳо дар меъёрҳои КММ мушаххас пешбинӣ шудаанд, аз ин рӯ, дар ҳар як ҳолати алоҳида судяҳо бояд бо назардошти шартҳои меъёри мурофиавии татбиқмешуда муҳтавои таъинотро тартиб диҳанд. Мисол, тибқи қ.2 м.65 КММ дар таъинот оид ба супориши судӣ муҳтавои мухтасари парвандаи баррасишаванда ва маълумот оид ба тарафҳо, маҳалли истиқомат ё маҳалли ҷойгиршавии онҳо, ҳолатҳое,

ки бояд муайян карда шаванд, далелҳое, ки суди иҷрокунандаи супориши судӣ онҳоро бояд ҷамъ намояд, бояд нишон дода шаванд.

Ё ин ки мутобиқи қ.2 м.121 КММ дар таъинот оид ба ошкоро супоридани хабарнома ё даъват ва ҳуҷҷатҳои замимашуда маълумоти зайл бояд дарҷ гардад: номи суд, насаб, ном ва номи падари судяе, ки таъинотро қабул кардааст, сана ва маҳалли қабули таъинот, матни хабарнома ё даъват ва рӯйхати ҳуҷҷатҳои замимашуда, муҳлате, ки хабарнома ё даъват ва ҳуҷҷатҳои замимашуда ба ҷавобгар ба тариқи ошкоро супоридашуда эътироф мегардад. Нусхаи ҳамин таъинот аз рӯзи қабул шуданаш бояд дар ҷойи эълонҳои судӣ насб ва дар сомонаи судҳо ҷойгир карда шавад. Хабарнома ё даъват ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашуда пас аз гузаштани як моҳ аз рӯзи дар ҷойи эълонҳои судӣ насб ва дар сомонаи судҳо ҷойгир кардани нусхаи таъинот дар бораи ошкоро супоридани хабарнома ё даъват ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашуда ба ҷавобгар ошкоро супоридашуда эътироф мегардад.

Тасвияи қисми хулосавии таъинот бояд дақиқ ва возеҳ бошад, то ин ки ҳангоми иҷрои таъинот нофаҳмоиҳоро ба вуҷуд наорад.

Аз мисолҳои мазкур бармеояд, ки мутобиқи меъёрҳои КММ дар таъинот дарҷ намудани амалҳои алоҳидаи мурофиавӣ оқибати ҳуқуқи дошта барои пешбурд, баррасии дуруст ва саривақтии парвандаи маданӣ аҳамият доранд.

Истисно аз қоида таъинотҳое мебошанд, ки суд бе гузаштан ба хонаи алоҳида қабул менамояд. Дар таъиноти мазкур танҳо маълумотҳое, ки дар с.с. 4, 5 ва 6 қ.1 м.230 КММ пешбинӣ шудаанд, дар протоколи маҷлиси судӣ дарҷ мегарданд.[124]

Дар амалияи судӣ, одатан дар суди марҳилаи якум агар таъинотро судя танҳо қабул намояд, сарлавҳаи онро ҳамчун “Таъинот” ва дар мавриде, ки суд парвандаро дар маҷлиси судӣ баррасӣ намуда бошад, чунин таъинотро ҳамчун “Таъиноти маҷлиси судӣ” номгузорӣ мекунанд. Мувофиқи меъёрҳои КММ аз ҷумла, қ.5 м.14 ва қ.1 м.229 КММ дар ҷараёни мурофиаи судӣ қабул намудани санадҳои суде, ки мутобиқи онҳо парванда моҳиятан ҳал намегардад, таъинот номида мешаванд.

Бинобар ин, санади судиро бо номи “Таъиноти маҷлиси судӣ” номгузорӣ намудани судя хилофи меъёрҳои КММ мебошад, зеро қонуни мурофиавӣ бо парвандаҳои маданӣ ҳар як санади судиро мушаххас номгузорӣ намудааст.[125]

---

[124]қ.2 м.229 ва қ.2 м.230 КММ,

[125]м.14 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Аз ин рӯ, сарлавҳаи ҳама гуна чунин санади судӣ ҳамчун “Таъинот” бояд номгузорӣ карда шаванд. Тарафҳо, дигар шахсони иштирокдорони парванда инчунин, судҳои марҳилаи кассатсионӣ ё назоратӣ аз қисми муқаддимавии таъинот имконият доранд фаҳманд, ки таъинот дар маҷлиси судӣ ё ин ки аз ҷониби судя танҳо қабул шудааст, зеро чунин таъинотҳо аз ҳамдигар аз рӯйи муҳтаво фарқ мекунанд.

Тартиби супоридани нусхаи таъинот дар моддаи 232 КММ ба танзим дароварда шудааст. Мувофиқи шартҳои меъёри мазкур ба шахсони иштирокдорони парванда нусхаи таъинот дар бораи мавқуф гузоштан ё боздоштани баррасии парванда мувофиқи дархосташон ва нусхаи таъинот дар бораи қатъ намудани истеҳсолот оид ба парванда ё бебаррасӣ мондани ариза бошад, дар муҳлати на дертар аз се рӯзи қабул гардиданаш ба таври дахлдор тасдиқ карда шуда, супорида мешавад.

Таъиноте, ки дар шакли санади судии алоҳида қабул гардида, дар шакли электронӣ тартиб дода шудааст, на дертар аз панҷ рӯзи пас аз қабул шудани он ба шахсони иштирокдорони парванда ва шахсони дигари манфиатдор тавассути ҷойгир намудани он дар сомонаи суд дар реҷаи дастрасии маҳдуд ирсол карда мешавад.[126]

Аз ин рӯ, таъинотҳое, ки аз ҷониби судя ба воситаи компютер ё дигар воситаи тақҳизоти электронӣ дар шакли электронӣ таҳия карда шудааст, бояд бо имзои электронии рақамии судя тасдиқ карда шуда, дар муҳлати то панҷ рӯз ба тарафҳо, шахсони иштирокдорони парванда инчунин, дигар шахсони манфиатдор ба воситаи почтаи электронии расмии суд, ки дар сомонаҳои судҳои ҷумҳурӣ амал мекунанд, равон карда шаванд.

Ғайр аз ин, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки нусхаи таъинот, ки дар шакли санади судӣ қабул карда шудааст, на танҳо ба тарафҳо ва дигар шахсони иштирокдорони парванда, балки ба дигар шахсоне, ки таъинот ба ҳуқуқ ё уҳдадориҳои онҳо таъсир мерасонад бояд супорида шавад. Мисол, мувофиқи қ.1 м.231 КММ ҳангоми муайян кардани ҳолатҳои вайронкунии қонун суд ҳуқуқ дорад таъиноти хусусӣ қабул намояд ва онро ба ташкилот ва шахсони мансабдори дахлдор ирсол намояд.

Гарчанде, ташкилот ва шахсони мансабдори дахлдор иштирокдорони парванда набошанд ҳам нусхаи таъиноти хусусӣ ба онҳо барои андешидани тадбирҳо бояд аз ҷониби суд равон карда карда шавад. Зеро шахсе, ки

[126]м.232 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

нисбаташ таъиноти хусусӣ қабул гардидааст, ҳуқуқ дорад нисбат ба таъиноти мазкур шикояти хусусӣ пешниҳод намояд.[127]

Инчунин, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳуқуқи пешниҳод намудани шикоят ва ё эътирози хусусӣ нисбат ба таъинот дар муҳлати даҳ рӯз на аз рӯзи эълон намудани таъинот, балки аз рӯзи ба шахсони иштирокдорони парванда супоридани нусхаи таъиноти суди марҳилаи якум пешниҳод карда шавад.[128]

Аз ин рӯ, муҳлати эътибори қонунӣ пайдо намудани таъинот ва оғоз гардидани иҷрои он баъд аз гузаштани даҳ рӯзӣ ба тарафҳо ва дигар шахсони иштирокдорони парванда бо тартиби пешбининамудаи қонун супоридани нухсаи таъинот ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳангоми ба охир расонидани кор бе моҳиятан қабул кардани ҳалнома, яъне ҳангоми қатъ кардани баррасии парванда, ё бе баррасӣ монондани ариза, судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ин шаклҳои ба охир расондани парванда бо таври ҷиддӣ аз якдигар фарқ мекунанд. Ҳангоми қатъ намудани баррасии парванда, даъвогар аз ҳуқуқи муроҷиати такрорӣ ба суд оид ба баҳси байни ҳамин тарафҳо, вобаста ба ҳамин мавзӯъ тибқи ҳамин асосҳо (м. 226 КММ) маҳрум мегардад, ҳангоми бе баррасӣ монондан бошад, даъвогар ҳуқуқ дорад баъди бартараф намудани ҳолатҳое, ки барои бе баррасӣ монондани ариза (м.м.227, 228 КММ) асос гардида буданд, бо тартиби умумӣ даъворо пешниҳод намояд. Аз болои таъиноте, ки мувофиқи муқаррароти с. 5 м.227 ҳамин Кодекс бароварда шудааст, шикояти хусусӣ оварда намешавад, зеро қ.3 м.228 Кодекси мазкур масъалаи бекор намудани таъиноти мазкурро ба танзим даровардааст.[129]

Ҳангоми қабул намудани таъинот, ки пешбурди парвандаро ба охир мерасонад, мисол оид ба қатъ кардани баррасии парванда ё бебаррасӣ монондани аризаи даъвогӣ судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки номгӯйи асосҳо барои қатъ намудани баррасии парванда ва бебаррасӣ монодани аризаи даъвогӣ, ки дар м.м. 225 ва 227 КММ пешбинӣ шудаанд, мукаммал мебошанд.

Ҳангоми аз ҷониби суд қабул намудани таъинот оид ба бебаррасӣ монондани аризаи даъвогӣ, судя уҳдадор аст дар таъинот ҳолатҳои дар м.227 КММ номбаршударо, ки ба баррасии парванда монеа гаштаанд зикр намояд

---

[127]қ.4 м.231 КММ,

[128]м.361 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

[129]б.21 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №23 аз 26 июни соли 2009 “Дар бораи татбиқи меъёрҳои Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳо дар суди марҳилаи якум” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

ва дар қисми хулосавии таъинот роҳҳои бартараф намудани онҳоро тавзеҳ диҳад.[130]

Дар мавриди аризаи даъвогиро бо асоси дар қ.5 м.227 КММ пешбинигардида бебаррасӣ монондан, суд вазифадор аст, ки ба даъвогар ё ҷавобгар ҳуқуқи пешниҳод намудани дархост ва далелҳои тасдиққунандаи бо сабабҳои узрнок ҳозир нашудан ба маҷлиси судӣ ва имконнопазирии иттилоъ додани он, оид ба имконияти бекор намудани таъинот дар бораи бебаррасӣ монондани аризаи даъвогӣ аз ҷониби ҳамин суд ё ин ки оид ба баъд аз бартараф шудани ҳолатҳое, ки барои бебаррасӣ монондани ариза асос шудаанд, ба суд тибқи тартиби умумӣ бо аризаи даъвогӣ муроҷиат намуданро фаҳмонад ва инро дар қисми хулосавии таъинот дарҷ намояд.[131]

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мавҷуд будани ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдокардаи суд оид ба баҳси байни ҳамин тарафҳо вобаста ба ҳамин мавзуъ ва тибқи ҳамин асосҳо ё таъиноти суд дар хусуси қатъи баррасии парванда вобаста ба даст кашидани даъвогар аз даъво ё дар хусуси тасдиқи созиши оштии тарафҳо мувофиқи с.2 қ.1 м.255 КММ асос барои барои қатъ намудани баррасии парванда мебошад. Бинобар ин, судяҳо ҳангоми қабул намудани аз даъво даст кашидани даъвогар мутобиқи м.176 КММ инчунин, тасдиқ намудани созиши оштии тарафҳо дар асоси м.177 КММ, уҳдадор мебошанд, ки на танҳо забонхат гирифта ба парванда ҳамроҳ намоянд, балки ба тарафҳо оқибатҳои даст кашидан аз даъво ва ё бастани созиши оштиро дуруст тавзеҳ диҳанд.

Тавзеҳи суд ба ғайр аз оқибатҳои ногувори ба таври ихтиёри иҷро накардани таъинот оид ба тасдиқи созиши оштӣ инчунин, дар бораи он, ки баъд аз қатъ намудани баррасии парванда муроҷиати такрорӣ ба суд оид ба баҳси байни ҳамин тарафҳо, вобаста ба ҳамин мавзуъ ва тибқи ҳамин асосҳо иҷозат дода намешавад ва баррасии парванда тибқи таъинот қатъ мегардад, бояд иборат бошад.[132]

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мувофиқи қ.1 м.94 КММ ва қ.4 м.6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи боҷи давлатӣ” боҷи давлатии пардохтшуда дар ҳолатҳои зерин қисман ё пурра тариқи ғайринақдӣ баргардонида мешавад:

- пардохти барзиёди боҷ нисбат ба андозае, ки қонун муайян кардааст;

- рад намудани қабули ариза дар хусуси баровардани фармон тибқи асосҳои пешбининамудаи қ.1 м.127 ҳамин Кодекс;

---

[130]қ.1 м.228 КММ,
[131]қ.қ.2 ва 3 м.228 КММ,
[132]қ.1 м.226 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

- рад намудани қабули ариза барои баррасӣ тибқи асосҳои пешбининамудаи қ.1 м.137 Кодекси мазкур;

- баргардонидани ариза тибқи асосҳои пешбининамудаи қ.1 м.137 ва қ.1 м.138 ҳамин Кодекс;

- қатъи баррасии парванда тибқи асосҳои пешбининамудаи сархатҳои якум, дуюм ва панҷуми м.225 ҳамин Кодекс;

- бебаррасӣ монондани ариза мутобиқи асосҳои пешбининамудаи сархати якуми м. 227 ҳамин Кодекс инчунин, дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун.

Баргардонидани боҷи давлатӣ аз ҷониби мақоми молиявии давлатии маҳалли ҷойгиршавии бонк (филиали он), ки пардохтро қабул кардааст, дар асоси таъинот дар хусуси баргардонидани боҷи давлатӣ тариқи ғайринақдӣ анҷом дода мешавад. Боҷи давлатие, ки ба буҷети ҷумҳуриявӣ пардохта шудааст, дар муҳлати дах рӯз аз рӯзи қабул кардани таъинот баргардонида мешавад.[133]

Бо назардошти ин, судяҳо ҳангоми қабул намудани таъинотҳои дар болозикргардида бояд масъалаи баргардонидани боҷи давлатро низ дар ҳамин таъинот ҳал намояд.

Судяҳо бояд таъинотҳое, ки бо тартиби хусусӣ аз ҳалнома ҷудо ё ин ки якҷоя бо ҳалнома мавриди шикоят ва ё эътирози хусусӣ қарор мегиранд, аз таъинотҳое, ки нисбат ба онҳо бо тартиби хусусӣ шикоят (эътироз) пешниҳод карда намешавад, аммо норозигӣ нисбат ба онҳо метавонад ба шикоят ва эътирози кассатсионӣ нисбат ба ҳалнома дохил карда шавад, фарқ намоянд.

Ҳамин тавр, мутобиқи қ.1 м.360 КММ нисбат ба таъиноти суди марҳилаи якум ба суди марҳилаи кассатсионӣ аз ҳалнома ҷудо мумкин аст, шикояти хусусӣ ва прокурор эътироз пешниҳод намоянд, агар ҳуқуқи пешниҳод намудани шикояти хусусӣ бевосита дар меъёрҳои КММ пешбинӣ шуда бошад ё ин ки агар таъинот имконпазирии мурофиаи минбаъдаи парвандаро истисно намояд.

Мувофиқи моддаҳои мухталифи КММ нисбат ба таъинотҳои зерини суди марҳилаи якум шикоят ва ё эътирози хусуӣ пешниҳод намудан мумкин аст:

- оид ба масъалаҳои супоридани парванда ба суди дигар ё дар хусуси рад намудани супоридани парванда ба суди дигар (қ.4 м.35 КММ);

[133]қ.4 м.94 КММ ва қ.7 м.6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи боҷи давлатӣ” Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

- ҷиҳати эътироф ё рад намудан ба сифати шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод мекунанд (қ.2 м.44 КММ);

- дар хусуси иваз намудан ё рад намудани ивази тараф бо вориси ҳуқуқӣ (қ.3 м.46 КММ);

- оид ба масъалаҳои ихтиёрдории далелҳои шайъӣ (қ.4 м.79 КММ);

-оид ба масъалаҳои баргардонидани ҳомили сабти овоз ва видео (қ.3 м.81 КММ);

- муайян намудани нархи даъво ҳангоми қабули аризаи даъвогӣ (қ.2 м.92 КММ);

- дар хусуси баргардонидани боҷи давлатӣ (қ.4 м.94 КММ);

- ба таъхир андохтан ё ба даврaҳо ҷудо кардани муҳлати пардохт, кам кардани андозаи он ва ё озод намудан аз хароҷоти судӣ вобаста ба баррасии парванда (м.96 КММ);

- оид ба масъалаҳои хароҷоти судӣ (м.106 КММ);

- оид ба ҷарима бастан ба шахс (қ.4 м.107 КММ);

- дар хусуси рад намудани зиёд ё кам кардани ҷарима (қ.2 м.108 КММ);

- оид ба барқарор ё рад намудани барқарор кардани муҳлати мурофиавӣ (қ.6 м.114 КММ);

- дар бораи рад намудани қабули ариза оид ба қабули фармон ё баргардонидани он (қ.4 м.127 КММ);

- беҳаракат монондани ариза дар бораи қабули фармон (қ.3 м.128 КММ);

- дар бораи рад намудани қабули аризаи даъвогӣ (қ.4 м.137 КММ);

- дар хусуси баргардонидани аризаи даъвогӣ (қ.4 м.138 КММ);

- оид ба беҳаракат монондани аризаи даъвогӣ (қ.3 м.139 КММ);

- ҳамаи таъинотҳо оид ба таъмини даъво (қ.1 м.148 КММ);

- дар хусуси аз даъво даст кашидани даъвогар (қ.5 м.155 ва қ.4 м.176 КММ);

- оид ба тасдиқ намудани созиши оштии тарафҳоро ва қатъ намудани парванда (қ.5 м.155 КММ);

- оид ба бебаррасӣ монондани аризаи даъвогӣ (қ.5 м.155 КММ);

- оид ба ворид намудани ислоҳ ба ҳалнома (қ.3 м.204);

- оид ба рад намудани аризаи шахсони иштирокдорони парванда оид ба қабули ҳалномаи иловагӣ (қ.3 м.205 КММ);

- оид ба масъалаҳои батаъхиргузорӣ ё ба даврaҳо ҷудо намудани муҳлати иҷрои ҳалнома ҷиҳати тағйир додани тарз ва тартиби иҷрои ҳалнома (қ.3 м.207 КММ);

- оид ба масъалаҳои индексатсияи маблағҳои пулии мансуб донисташуда (қ.3 м.212 КММ);

- оид ба масъалаи иҷрои фаврии ҳалнома (қ.3 м.216 КММ);

- оид ба боздоштани баррасии парванда (қ.5 м.155 ва 223 КММ);

- оид ба қатъ намудани баррасии парванда (қ.5 м.155 ва қ.2 м.226 КММ);

- оид ба рад намудани қонеъгардонии дархост оид ба бекор намудани таъинот ҷиҳати бебаррасӣ монондани аризаи даъвогӣ (қ.4 м.228 КММ);

- нисбат ба таъиноти хусусӣ (қ.4 м.231 КММ);

- дар хусуси беҳаракат монондани шикоят ва эътирози кассатсионӣ (қ.3 м.330);

- баргардонидани шикоят ва ё эътирози кассатсионӣ (қ.3 м.331 КММ);

- рад намудани қонеъ гардонидани ариза ҷиҳати аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъинот вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида (с.2 қ.1 м.360 КММ);

- оид ба масъалаи додани дубликати варақаи иҷро, фармон (м.414 КММ);

- дар бораи барқарорсозии муҳлати гузаронидашуда ҷиҳати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иҷро барои иҷро (қ.2 м.417 КММ);

- дар хусуси боздоштан ё қатъ кардани истеҳсолоти иҷро (қ.3 м.425 КММ);

- дар бораи баргардонидани иҷрои ҳалнома (қ.3 м.430 КММ).

Нисбат ба дигар таъинотҳои суди марҳилаи якум шикоят ва ё эътирози хусусӣ пешниҳод карда намешаванд, аммо норозигӣ нисбат ба онҳо метавонад ба шикоят ва эътирози кассатсионӣ нисбат ба ҳалнома дохил карда шавад.[134]

Ба номгӯйи таъинотҳое, ки дар шакли санади судии алоҳида қабул гардида, имконпазирии мурофиаи минбаъдаи парвандаро истисно намекунанд ва бинобар ин, нисбат ба онҳо шикоят ва ё эътирози хусусӣ пешниҳод карда намешавад, чунин таъинотҳо дохил мешаванд:

- оид ба муҳокимаи парванда дар маҷлиси пӯшидаи судӣ (қ.4 м.11 КММ);

- оид ба ҳалли масъалаҳои вобаста ба рад намудан (қ.қ.5 ва 6 м.22 КММ);

- азназаргузаронӣ ва таҳқиқи ҳуҷҷатҳо ё ашёи дорои сирри давлатӣ (қ.3 м.59 КММ);

---

[134] қ.2 м.360 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

- оид ба супориши судӣ (қ.2 м.65 КММ);

- оид ба таъини экспертиза ва коршиноси судӣ (м.м.82-83 КММ);

- гирифтани намунаҳои тарзи навишт (хат) барои муқоисаи таҳқиқии ҳуҷҷати хаттӣ ва имзоҳо дар ҳуҷҷат (м.84 КММ);

- оид ба ошкоро супоридани хабарнома ё даъват ва ҳуҷҷатҳои замимашуда (м.121 КММ);

- дар бораи эълон намудани кофтукови ҷавобгар (м.122 КММ);

- бекор кардани фармон (м.132 КММ);

- ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ (м.136 КММ);

- рад намудани қабули аризаи даъвогии муқобили даъво бо асосҳои мавҷуд набудани шартҳои дар м.141 КММ пешбинигардида (м.141 КММ);

- дар хусуси омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ (м.150 КММ);

- ба мурофиаи алоҳида ҷудо намудани як ё якчанд талаботи даъвои якҷояшуда (қ.3 м.154 КММ);

- якҷоя намудани парвандаҳо барои якҷоя баррасӣ ва ҳал намудан дар як мурофиа (қ.4 м.154 КММ);

- таъин намудани парванда ба муҳокимаи судӣ (м.156 КММ);

- аз толори маҷлиси судӣ хориҷ намудани шахси иштирокдори парванда ва ё шаҳрвандоне, ки иштирокдори мурофиа намебошанд дар тамоми муҳлати муҳокимаи судӣ ё як қисми он, ки такроран тартиботро дар маҷлиси судӣ вайрон кардаанд (м.162 КММ);

- дар хусуси идома додани муҳокимаи судӣ ё мавқуф гузоштани муҳокимаи парванда (қ.1 м.171 ва м.232 КММ);

- маҷбурӣ овардани шоҳид ба маҷлиси судӣ (қ.2 м.171 КММ);

- аз нав оғоз намудани баррасии парванда (м.224 КММ);

- оид ба пурра ё қисман рад намудани эродҳо нисбат ба протоколи маҷлиси судӣ (қ.1 м.237 КММ);

- дар хусуси бо тартиби ғоибона баррасӣ намудани парвандаи маданӣ (қ.1 м.238 КММ);

- оид ба ошкоро супоридани ҳалномаи ғоибона (қ.1 м.248 КММ).

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки таъиноте, ки дар алоҳидагӣ аз ҳалномаи суд мавриди шикоят қарор мегиранд, бо тартиби пешбининамудаи қонун эътибори қонунӣ пайдо мекунанд. Таъинотҳое, ки мавриди шикоят қарор намегиранд, фавран пас аз эълони онҳо эътибор пайдо мекунанд.

Марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ бо қабули санади мурофиавӣ дар шакли таъинот дар бораи ба муҳокимаи судӣ таъин кардани парванда ба анҷом мерасад. Судя парвандаро ба муҳокимаи судӣ омодашуда

эътироф намуда, дар хусуси таъин намудани парванда ба муҳокимаи судӣ таъинот қабул мекунад ва тарафҳо, дигар шахсони иштирокдорони парвандаро оид ба вақт ва маҳалли баррасии парванда огоҳ намуда, дигар иштирокдорони мурофиаро даъват мекунад.[135]

Ҳангоми таҳия намудани таъинот дар бораи ба муҳокимаи судӣ таъин кардани парванда судяҳо инчунин, бояд масъалаи дар маҷлиси ошкоро ва ё пушидаи судӣ баррасӣ намудани парвандаро асоснок карда, ҳал намоянд.

Ҳамин тавр, аз худ намудан ва истифодаи методикаи гузаронидани омодасозӣ ба муҳокимаи судӣ ба судя имкон медиҳад:

- мазмун ва усулҳои ҳалли ҳар як вазифаи омодасозии парвандаро мушаххастар дарк кунад;

- аниқ фаҳмад, ки барои ба муҳокимаи судӣ омода намудани парванда маҳз кадом амалҳо бояд ба анҷом расонида шаванд;

- бо тарафҳо дар марҳилаҳои омодасозии парванда ва маҷлиси пешакии судӣ кадом масъалаҳо муҳокима карда шаванд ва бо кадом тарз ҳал карда шаванд.

Ҳангоми ҷамъбаст намудани ақидаҳои ин боб, хулосаҳои умумии зеринро баровардан мумкин аст:

- методикаи пешниҳодшудаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ маҷмӯи усулҳоест, ки барои самаранок ташкил намудани баррасии парванда, сарфакорона ва мақсаднок будани фаъолияти судя ҳангоми баррасии маводи даъво ва омода намудани он барои муҳокимаи муштарак бо тарафҳо дар маҷлиси пешакии судӣ заруранд, иборат мебошад;

- таҳлили ҳуқуқии парванда фаъолияти пай дар пайро оид ба коркард намудани ҳолатҳои воқеӣ, аз нуқтаи назари қонун қадам ба қадам санҷидани мавқеӣ даъвогар ва ҷавобгар, муқаррар намудани мавзуи (предмети) исботкунӣ ва ташаккулдиҳии хулосаи пешакӣ оид ба парванда ҳисоб меёбад.

Методикаи мазур тавсия медиҳад, ки усулҳои коркардӣ маълумоти воқеӣ бо роҳи ҷудо ва хориҷ намудани онҳо аз дигар иттилоот, муқаррар намудани золатҳои воқеии аҳамиятдошта, ки ба шартҳои меъёри ҳуқуқии татбиқшаванда мувофиқанд, муайян кардани баҳснок ё бебаҳс будани ҳолатҳо бо роҳи муқоиса намудани мавқеи тарафҳо нисбат ба ҳамон ҳолатҳо, амалӣ карда шаванд. Таҳлили парванда аз ҷустуҷӯи асосҳои ҳуқуқи талабот аз ҳамон меъёри ҳуқуқие, ки оқибати ҳуқуқии он талаботи даъвогарро ҳангоми мавҷуд будани аломатҳои (шартҳои) мушаххаси бандубасткунандаи дар қонун нишондодашуда пешбинӣ менамояд, оғоз меёбад. Ҷудокунии

[135]м.156 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

ҳамаи шартҳо барои татбиқи меъёри ҳуқуқӣ - асоси ҳуқуқи талабот - имкон медиҳад, муайян намуд, ки маҳз кадом ҳолатҳо бояд муқаррар карда шаванд ва дар асоси меъёрҳои ҳуқуқии татбиқмешуда ба тафтиши танҳо ҳамон ҳолатҳое, ки барои парванда аҳамият доранд, гузашта шавад. Танҳо далелҳое бояд мавриди таҳқиқ қарор гиранд, ки барои тасдиқ намудани ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта ва баҳснок пешниҳод шудаанд. Мутобиқи методика, омодасозии парвандаҳо ба муҳокимаи судӣ оқилона ташкил намуда, маҷлиси пешакии судӣ ва маҷлиси судиро гузарондан мумкин аст.

Татбиқ намудани тавсияҳои методика ба судяҳо имкон медиҳад, ки вақт ва қувва сарфа гардида, фаъолияти худро ба маълумоти барзиёдатӣ харҷ накарда, диққат ва кӯшишҳои худро барои ҳалли дурусти парванда танҳо ба ҳолат ва далелҳои зарурӣ ва аҳамиятдоша равона намуд.

Боби 5. Методикаи муҳокимаи парвандаҳои маданӣ дар маҷлиси судӣ.

§1. Маҷлиси судӣ - вазифаҳо ва амалҳои судя ҳангоми гузаронидани он;

Олими олмонӣ, сиёсатшинос Никлас Луман дар китоби “Қонунигардонии мурофиа” (соли 1970) аҳамияи мурофиаи судиро на танҳо бо қабул намудани ҳалномаи асоснок инчунин, бо раванди қонунии муҳокимаи судӣ, ки дар рафти он суд бояд ба тарафҳо шароит фароҳам оварад, ки онҳо ба моҳияти ҳалнома таъсир расонда тавонанд, то ки қонуни будани онро эътироф намоянд, дарҷ намудааст.

Тартиби гузаронидани маҷлиси судиро меъёрҳои КММ ба таври муфассал муқаррар намудааст. Муҳим он аст, ки ҳангоми гузаронидани маҷлиси судӣ масъалаҳои зерин ҳалли худро ёфта бошанд:

- моҳияти баҳс ва мавзуи исботкунӣ аллакай аниқ муайян карда шуда бошанд;

- суд ва тарафҳо бояд диққати худро ба баррасии танҳо он ҳолатҳое, ки барои парванда аҳамият доранд, равона кунанд;

- танҳо он далелҳое, ки барои тасдиқ намудани ҳолатҳои баҳснок пешниҳод шудаанд, мавриди таҳқиқ қарор мегиранд.

Барои фаҳмидани аҳамият ва имкониятҳои методика дар муҳокимаи судӣ, мақсадҳои муҳокимаи судиро дарк кардан лозим аст. Ба ғайр аз фаҳмиши муқаррарӣ, ки мурофиаи судӣ барои ба амал баровардани адолати судӣ, баровардани санади судӣ ва ҳал намудани баҳси судӣ равона шудааст, боз як ҷиҳати муҳокимаи судӣ низ вуҷуд дорад, ки барои ошкор намудани имкониятҳои истифодаи методика кӯмак мерасонад.

Аҳамияти муҳокимаи судӣ на танҳо бо асосноккунии ҳалномаи суд, балки инчунин, бо ҷараёни мурофиаи судӣ ифода меёбад, зеро муҳокимаи судӣ бояд нишон диҳад, ки ҳалнома асоснок қабул карда шудааст, суд бояд ба тарафҳо имконият диҳад, ки ба қарори суд таъсир расонанд, то ки онҳо онро қонунӣ эътироф намоянд. Судя бояд чунин шаротҳоеро фароҳам оварад, ки тарафҳо дарк намоянд, ки ҷараёни мурофиаи судӣ, суръати баррасии парванда ва оқибати қабул намудани ин ё он санади судӣ ин натиҷаи ҳуқуқдории мурофиавии онҳо мебошад.

Методикаи омодасозии парванда ва методикаи муҳокимаи судии парванда бо ҳам алоқамандӣ доранд, зеро ин ҳамон методика буда, муҳокимаи судӣ давоми омодасозии парванда мебошад.

Омодасозии парванда ва муҳокимаи судӣ марҳилаҳои мурофиаи судии маданӣ маҷмӯи амалҳои мурофиавӣ мебошанд, ки ба як ҳадафи наздиктарин нигаронида шудаанд. Мақсади онҳо ба қабул намудани аризаи

даъвогӣ, омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, худи муҳокимаи судӣ ва ғайраҳо иборат мебошанд. Мақсади умумии марҳилаҳо - таъмин намудани қабули ҳалномаи қонунӣ ва асоснок мебошад. Бо назардошти ин методикаи омодасозии парванда дар ҷараёни муҳокимаи судӣ низ идома меёбад.

Судя бо истифодаи методика вобаста аз натиҷаи омодасозии босифати парванда ба муҳокимаи судӣ ба натиҷаҳои зерин меояд:

- муайян намудани ҳолатҳои воқеии парванда, ки барои парванда аҳамият доранд;

- муайян намудани мавзуи исботкунӣ ва он чизеро, ки тарафҳо дар муҳокимаи судӣ исбот мекунанд;

- гузаронидани ҳуқуқтатбиққунӣ (субсмасия) ва дарёфт намудани меъёри ҳуқуқии дахлдор;

- омода намудани тарафҳоро барои муҳокимаи судӣ.

Аммо баъзан чунин мешавад, ки судя бо ин ё он сабаб омодасозии парвандаро ба таври дахлдор гузаронида наметавонад. Норасоиҳои омодасозии парванда, ки таҳлили ҳуқуқиро мушкил ё ғайриимкон мегардонанд чунин шуда метавонанд:

-даъвогар пешниҳодҳои дар таъиноти омодасозӣ дарҷ шударо иҷро накардааст (ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдоштаро дақиқ накард ва ғайраҳо);

- ҷавобгар норозигиҳои хаттиашро пешниҳод накард ва ё норозигии носаҳеҳ пешниҳод кард;

-тарафҳо (ё як тараф) ба омодасозии паварнда ва ё маҷлиси пешакии судӣ ҳозир нашуданд.

Аз ин рӯ, агар дар марҳилаи мазкур гузаронидани омодасозии босифати парванда имкон надошта бошад, пас инро дар муҳокимаи судӣ ислоҳ кардан мумкин аст. Дар муҳокимаи судӣ бояд норасогиҳои омодасозӣ пурра карда шаванд, усулҳои методика давом дода шаванд ба тарафҳо фаҳмонда шавад, ки онҳо дар ташаккули ҳалномаи судӣ иштирок мекунанд.

Ҳар як марҳилаи маҷлиси судӣ мақсади худро дорад, ки онро ҳамаи иштирокдорони мурофиа бояд ба инобат гиранд. Дар бораи баъзеи онҳо қайд кардан лозим меояд, зеро дар он на танҳо амалҳои нодурусти тарафҳо ва шахсони иштирокдорони парванда, балки инчуни суди баррасикунандаи парванда низ ҷой дорад.

Пеш аз ҳама, ин марҳилаест, ки дар он масъалаи имконияти баррасӣ намудани парванда дар ғоибии шахсони ба маҷлиси судӣ ҳозирнашуда мебошад. Судя аз лаҳзаи қабул намудаи таъинот оид ба таъин намудани баррасии парванда бояд дар фикри дуруст ташкил намудани маҷлиси судӣ

бошад ва барои таъмин намудани иштироки ҳамаи шахсони маҷлиси судӣ чораҳои дахлдорӣ мурофивӣ андешад. Аз ҷумла, рӯз, вақт ва маҳаллаи баррасии парванда бояд бо назардошти вақти воқеии дастрас гардидани хабарномаҳо, мактубҳои супоришӣ ва ғайраҳо ба ҳисоб гирифта шавад, зеро мувофиқи м.158 КММ муҳокимаи парвандаҳои маданӣ дар маҷлиси судӣ бо огоҳонидани ҳатмии шахсони иштирокдорони парванда оид ба маҳал ва вақти маҷлиси судӣ сурат мегирад.

Барои самаранок амалӣ намудани ин вазифа ба судяҳо лозим аст, ки на танҳо меъёрҳои КММ инчунин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо” ғайр аз ин “Дастурамал оид ба коргузорӣ дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 11 декабри соли 2017 ва “Қоидаҳо оид ба пешбурди сомонаҳои судӣ” аз 31 июли соли 2023-ро ба роҳбарӣ гиранд.

Тибқи қ.3 м.6 инчунин, с.3 б.2 қ.1 м.14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо” яке аз тарзҳои дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо ин интишор намудани иттилоот оид ба фаъолияти судҳо дар сомонаи судҳо аз ҷумла, маълумот оид ба парвандаҳо мебошад.

Ғайр аз ин, мувофиқи б.3 Қоидаҳо оид ба пешбурди сомонаҳои судӣ аз 31 июли соли 2023 судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастрасии иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, сомонаҳои расмии худро фаъол гардонида, иттилоотро аз ҷумла, рӯйхати парвандаҳо бо зикри ҳайати суд, шахсони иштирокдорони парванда, моҳияти парванда, вақт ва маҳалли баррасии он, дар сомонаҳои судҳо мунтазам ҷой медиҳанд.

Аз ин рӯ, судяҳо бояд мунтазам чунин рӯхати парвандаҳоро, ки барои баррасӣ таъин шудаанд ва воситаи шахси ваколатдор, ки мувофиқи қ.2 м.9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо” бо мақсади пешбурди сомонаҳои судӣ муайян ва таъин шудааст, дар сомонаҳои расмии судҳо ҷой диҳанд.

Дар сомонаи суд ҷой кардани рӯйхати парвандаҳо, ки дорои маълумоти дахлдор оид ба вақт ва маҳалли баррасии парванда мебошанд инчунин, супурдани (ирсоли) хабарнома ё даъвати судӣ ба воситаи сомонаи суд, ҷойгир намудани таъинот оид ба ошкоро супоридани хабарнома ё даъват ва ҳуҷҷатҳои замимашуда дар сомонаи суд барои судя воситаи самаранок ҷиҳати саривақт таъмин намудани расонидани хабарнома бе харҷи зиёди вақт, нерӯи инсонӣ ва хароҷотҳои судӣ мебошад. Аз ин рӯ судяҳо, котибони маҷлиси судӣ, приставҳо ва шахси ваколатдор, ки ба пешбурди сомонаҳои

судӣ таъин гардидаанд аз воситаҳои электронии хабардор намудани иштирокдорони парванда бояд истифода баранд.

Баъзан вақт шахсони иштирокдорони парванда, ки ба таври дахлдор оид ба вақт ва маҳалли маҷлиси судӣ огоҳ шудаанд, дар бораи мавқуф гузоштани парванда дархости хаттӣ мефиристанд ва боварӣ доранд, ки он ҳатман бояд қонеъ карда шавад. Аммо, шартҳои қ.1 м. 170 КММ бояд ба назар гирифта шавад, ки мувофиқи он, шахсони иштирокдорони парванда уҳдадоранд ба суд оид ба сабабҳои ҳозир нашудани худ иттилоъ диҳанд ва оид ба узрнок будани ин сабабҳо далелҳо пешниҳод намоянд. Аз ҷумла, ба дархост ҳуҷҷатҳоеро замима намоянд, ки бечунучаро узрнок будани ҳозир нашудан ба маҷлиси судӣ мисол, нусхаи тасдиқшудаи варақаи корношоямӣ, маълумотнома оид ба сафари хизматӣ ва ғайраҳоро исбот намоянд.

Суд ҳуқуқ дорад бо дархост розӣ нашавад ва қонеъгардонии онро рад намояд, агар сабабҳои ҳозир нашуданро узрнок эътироф накунад ва ё узрнок будани ин сабабҳо бо далелҳо тасдиқ нагардида бошанд. Дар ин маврид суд ҳуқуқ дорад парвандаро моҳиятан баррасӣ намояд.[136] Дар ин ҷо фаҳмидан лозим аст, ки агар маҷлиси судӣ беасос мавқуф гузошта шавад, ҳуқуқҳои мурофиавии тарафи дигар, ки ба маҷлиси судӣ ҳозир шудааст, поймол карда мешаванд.

Дар амалияи судӣ аксар вақт шахси ҳуқуқӣ дар бораи мавқуф гузоштани маҷлиси судӣ бо асосӣ бо сабабҳои узрнок (беморӣ, сафари хизматӣ ва ғайра) муваққатан ҳозир набудани ҳуқуқшинос ё корманди дигари ташкилот, ки барои ҳимояи манфиатҳои шахси ҳуқуқӣ ваколатдор шудааст, дархост мефиристад. Аммо дар ин маврид шахси иштирокдори парванда корманди ғоиб набуда, балки худи шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки аз имконияти фиристодани намояндаи дигар аз ҷумла, гирифтани адвокат ва ваколатдор намудани ӯ барои пешбурди парвандаи маданӣ маҳрум нест. Аз ин рӯ, дар мавридҳои муайян чунин дархост метавонад аз ҷониби суд рад карда шуда, парванда бе иштироки намояндаи шахси ҳуқуқӣ баррасӣ шавад.

Мувофиқи қ.1 м.115 КММ далели исбот намудани ба таври дахлдор хабардор ё даъват намудани шахсони иштирокдорони парванда инчунин, шоҳидон, коршиносони судӣ, мутахассисон ва тарҷумонҳо оид ба вақт ва маҳалли баррасии парванда воситаҳои зерин ҳисоб мераванд:

- мактуби супоришӣ бо огоҳонидан оид ба супоридани он;
- даъвати судӣ бо огоҳонидан оид ба супоридани он;
- телефонограмма;

[136]қ.4 м.170 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

- телеграмма;

- алоқаи факсималӣ;

- воситаи дигари алоқа ва дастраскунӣ.

Ба шахсони иштирокдорони парванда инчунин, намояндаҳо даъват бояд тарзе супурда шавад, ки онҳо барои саривақт ҳозир шудан ба суд ва омодагӣ ба парванда вақти кофӣ дошта бошанд, аммо хабарнома дар ҳар ҳолат на дертар аз се рӯз то оғози маҷлиси судӣ дастраси онҳо гардад.[137]

Меъёрҳои м.м.115-119 КММ ба судя тарзҳои гунонуни даъват намудани шахсони иштирокдорони парвандаро имкон додааст. Тарз ва роҳҳои хабардор намудани тарафҳо ва дигар шахсони иштирокдорони парвандаро судя бояд дар марҳилаи омодасозии парванда бо номбурдагон мувофиқа намояд.

Бо мақсади саривақт ташкил намудани маҷлиси судӣ судя метавонад дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ аз широкчиёни парванда рақами телефонҳо, факсҳо, суроғаҳои почтаи электронии даъвогар, ҷавобгар, намояндаҳо инчунин, воситаҳои дигари алоқа ва дастраскуниро муайян намуда, шахсони мазкурро ба воситаҳои интихобнамудаи тарафҳо ба маҷлиси судӣ даъват намояд. Ғайр аз ин судяҳо чӣ дар марҳилаи омодасозии парванда ва чӣ дар ҷараёни муҳокимаи судӣ дар асоси с.7 қ.1 м.37 КММ бояд ба шахсони иштирокдорони парванда фаҳмонанд, ки онҳо ҳуқуқ доранд ба суд ҳуҷҷатҳоро дар шакли электронӣ аз ҷумла, ҳуҷҷатҳоеро, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо имзои электронии рақамӣ тасдиқ карда шудаанд, бо ҷойгир намудани онҳо дар сомонаи суд пешниҳод намоянд.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки аз ҷониби котиби маҷлиси судӣ ва ё дигар корманди масъули суд тартиб додани кадом як маълумотнома ё санад оид ба хабардор намудани иштирокдорони парванда маънои исбот намудани ба таври дахлдор даъват намудани тарафҳо кофӣ намебошад. Зеро, мувофиқи қ.1 м.116 КММ мӯтавои хабарнома ва даъвати судӣ бояд маълумотҳои зеринро дар бар гиранд:

- ном ва суроға, сомона, рақами телефон ва суроғаи почтаи электронии суд;

- маҳал ва вақти ҳозиршавӣ;

- номи парвандае, ки тибқи он даъват сурат гирифтааст;

- насаб, ном ва номи падари шахсе, ки ба ӯ хабарнома ё даъвати судӣ фиристода шудааст ва ба кадом сифат даъват ё хабардор карда шудааст;

[137]қ.2 м.115 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

- таклиф ба шахсони иштирокдорони парванда дар бораи пешниҳод намудани ҳамаи далелҳои дар дастдоштаи онҳо оид ба парванда;

- ӯҳдадориҳои шахсе, ки хабарнома ё даъвати судиро аз сабаби набудани шахси қабулкунанда гирифтааст, ҷиҳати ба шахси қабулкунанда дар муҳлати кӯтоҳтарин супоридани он;

- огоҳонӣ оид ба оқибатҳои ҳозир нашудан ва уҳдадории ба суд иттилоъ додани сабабҳои ҳозир нашудан.

Котиби маҷлиси судӣ даъватнома ва хабарномаҳои судиро бо назардошти намуди парванда аз рӯйи шаклҳои муайяннамудаи дастурамал ва кодексҳои мурофиавӣ таҳия менамояд.[138]

Дар қ.1 м.115 КММ зарурати таъмин намудани сабт кардани супоридани хабарнома ва ё даъвати судӣ ба шахси қабулкунанда пешбинӣ шудааст. Вобаста ба ин, ҳангоми ба воситаи телефонограмма хабардор намудани тарафҳо ва дигар иштирокдорони маҷлиси судӣ, дар парванда бояд матни чунин хабарнома, маълумот дар бораи он, ки аз кадом рақами телефон ба кадом рақами телефон он равон карда шудааст инчунин, аз тарафи кӣ қабул шудааст (насаб, ном, номи падар, вазифаи ишғолкардааш) ва кадом рақами воридот ба қайд гирифта шудааст, бояд дарҷ карда шавад.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки тартиби расонидан ва ё супоридани (ирсоли) хабарнома ё даъвати судӣ дар меъёрҳои м.м.117-118 КММ мушаххас ба танзим дароварда шудааст. Хабарнома ё даъвати судӣ ба шахсони иштирокдорони парванда ва иштирокдорони дигари мурофиаи судӣ ҳамчунин бо ҷойгир намудани он дар сомонаи суд ирсол мегардад. Ҳамзамон суд шахсони иштирокдорони парванда ва иштирокдорони дигари мурофиаи судиро оид ба вақт ва маҳалли маҷлиси судӣ ва амалҳои алоҳидаи мурофиавӣ ба воситаи ирсоли телефонограмма, телеграмма, алоқаи факсимилӣ, почтаи электронӣ ва воситаҳои дигари алоқа хабардор менамояд.[139]

Пешбурди кори суроғаи электронии суд, мукотибот бо мактубҳои электронии содиротӣ, воридотӣ аз ҷумла, муроҷиатҳои тавассути интернет-қабулгоҳи сомонаи суд воридшаванда ба сохтори коргузории суд ё шахси аз ҷониби раиси суд ваколатдоркардашуда вогузор карда мешавад.[140]

Ҳангоми муҳокима намудани масъалаи имконпазирии баррасии парванда дар ғоибии ягон иштирокдори парванда, ки аз рӯзи баргузории

---

[138] боби 23, б.21.3., Дастурамал оид ба коргузорӣ дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши №48 аз 11 декабри соли 2017

[139]қ.4 м.118 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

[140] б.17 Қоидаҳо оид ба пешбурди сомонаҳои судӣ, фармоиши № №21, №36/1 аз 31 июли соли 2023

маҷлиси судӣ ба таври дахлдор огоҳ карда нашудаанд, бояд дар назар дошта шавад, ки агар тарафи парванда оид ба рӯзи баррасиии парванда бо назардошти вақте, ки ба ӯ имконияти иштирокро медиҳад бо назардошти он ки агар аз тарафи ӯ тасмим гирифта бошад, ки аз ҳуқуқи бо қонунгузорӣ кафолатдодашуда истифода бурда дар мурофиа иштирок намояд бояд ба ҳисоб гирифта шавад, агар чунин набошад пас дар ин маврид суд бояд баррасии парвандаро мавқуф гузорад.

Мувофиқи қ.1 м.164 КММ котиби маҷлиси судӣ дар бораи ҳозир шудани шахсони вобаста ба парвандаи баррасишаванда даъватшуда, оид ба хабардор будани шахсони ҳозирнашуда ва сабабҳои ҳозир нашудани онҳо ба суд маълумот медиҳад. Судя дар давраи оғози муҳокимаи судӣ бояд муайян намояд, ки оё шахсони ҳозирнашуда дар бораи вақт ва маҳалли маҷлиси судӣ бо тартиби муқарраркардаи қонун дар муҳлати кофӣ барои саривақт ҳозир шудан ба суд ва омода шудан ба парванда хабардор шудаанд ё не. Муҳлати хабардор намудан ё даъват кардан дар ҳама ҳолат бояд бо назардошти маҳалли истиқомати шахсони иштирокдорони парванда, огоҳ будани онҳо оид ба ҳолатҳои кор, имконияти ба маҷлиси судӣ тайёр шудан инчунин, бо назардошти мураккабии парванда муайян карда шаванд.[141]

Аз ин рӯ, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки тибқи қ.қ.2 ва 3 м.170 ва қ.1 м.172 КММ дар сурати ба маҷлиси судӣ ҳозир нашудани ин ё он шахси иштирокдори парванда, ки нисбат ба огоҳонида шудани ӯ маълумот мавҷуд намебошад, муҳокимаи парванда бояд мавқуф гузошта шавад. Инчунин, агар шахсони иштирокдорони парванда оид ба вақт ва маҳалли маҷлиси судӣ огоҳ шуда бошанд, суд дар сурати узрнок эътироф намудани ҳозир нашудани онҳо, ҳуқуқ дорад муҳокимаи парвандаро мавқуф гузорад.

Ҳангоми мавқуф гузоштани муҳокимаи парванда рӯзи нави маҷлиси судӣ бо дарназардошти вақте, ки барои даъвати иштирокдорони мурофиа ё талаб карда гирифтани далелҳо заруранд, таъин гардида, дар ин хусус ба шахсони ҳозиршуда бо гирифтани дастхат эълон карда мешавад. Шахсони ҳозирнашуда ва шахсоне, ки бояд аз нав ба мурофиаи судӣ ҷалб гарданд, оид ба вақт ва маҳалли маҷлиси нави судӣ бо тартиб ва қоидаҳо болозикршуда бояд огоҳ карда шаванд. Муҳокимаи парванда баъди мавқуф гузоштани он аз лаҳзаи мавқуфгузорӣ идома дода мешавад.

Ба ғайр аз ин судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мувофиқи қ.1 м.158(1) КММ шахсони иштирокдорони парванда ҳуқуқ доранд дар маҷлиси

[141]б.3 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №23 аз 26 июни соли 2009 “Дар бораи татбиқи меъёрҳои КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳо дар суди марҳилаи якум” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

судӣ тариқи реҷаи мустақим (онлайн) иштирок кунанд, агар онҳо дар ин хусус дархост намуда бошанд ва имконияти техникии баргузор намудани он дар суд мавҷуд бошад.

Дар мавриди аз ҷониби даъвогар, ҷавобгар, дигар шахсони иштирокдорони парванда, намояндагони онҳо, ҳамчунин шоҳидон, коршиносон, мутахассисон ва тарҷумонҳо пешниҳод намудани дархост оид ба иштирок намудани онҳо дар маҷлиси судӣ тариқи реҷаи мустақим (онлайн, яъне алоқаи видеоӣ) дар маҳалли истиқомат, маҳалли будубош ва ё маҳалли ҷойгиршавиашон, суде, ки парвандаро баррасӣ намуда истодааст ба суди дахлдор мувофиқи м.65 КММ бояд супориши судӣ ирсол намояд ва дар ин хусус таъиноти асоснок қабул намояд.

Дар таъинот оид ба супориши судӣ муҳтавои мухтасари парвандаи баррасишаванда ва маълумот оид ба шахсони дархосткунанда, маҳалли истиқомат ё маҳалли ҷойгиршавии онҳо, ҳолатҳое, ки дигаре бояд муайян карда шаванд, далелҳое, ки суди иҷрокунандаи супориши судӣ онҳоро бояд ҷамъ намояд, инчуниин гирифтани забонхат аз ин шахсон дар бораи аз ҷониби суди баррасикунандаи парванда фаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо ва огоҳ намудан дар бораи ҷавобгарӣ барои қонунвайронкунӣ аз ҷониби онҳо ва ғайраҳо бояд нишон дода шаванд.[142]

Чунин супориши судӣ метавонад ҳам аз ҷониби судҳои дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда ва ҳам аз тарафи судҳои давлатҳои хориҷие, ки Тоҷикистон бо онҳо шартномаҳо оид ба ҳамкориҳои дуҷониба ё бисёрҷонибаро (мисол, Конвенсияи Кишинёв) тасдиқ намудааст, ба иҷро расонида шавад.

Судҳои дахлдори маҳалли истиқомат, маҳалли будубош ва ё маҳалли ҷойгиршавии шахсони иштирокдорони парванда, барои баргузории мурофиаи судӣ тариқи реҷаи мустақим (онлайн) мусоидат менамоянд. Барои таъмини иштироки шахсоне, ки дар тавқифгоҳи нигаҳдории муваққатӣ, тавқифгоҳи тафтишотӣ ва ё муассисаҳои тарбиявию ислоҳӣ қарор доранд, суде ки супориши судиро иҷро намуда истодааст дар мурофиаи судӣ аз алоқаи видеоии ин муассисаҳо истифода мебарад.

Ҳамин тавр, мисол, агар ҷавобгар ба суде, ки парвандаро дар ҳудуди шаҳри Душанбе баррасӣ намуда истодааст, дархост оид ба иштирок намудани ӯ дар маҷлиси судӣ тариқи реҷаи мустақим (онлайн, яъне алоқаи видеоӣ) дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд пешниҳод намуда бошад, суди мазкур оид ба ирсол намудани супориши судӣ таъинот қабул намуда, онро ба

[142]қ.2 м.65 ва қ.қ.2 ва 3 м.158(1) КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

суди шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, ки ҷавобгар дар ҳудуди хизматрасонии он қарор дорад ирсол менамояд. Дар таъинот ба ғайр аз маълумот ва супоришҳои мурофиавӣ, суд инчунин, бояд рӯз ва соати баррасии парвандаро тариқи реҷаи мустақим дарҷ намояд.

Суде, ки дар маҷлиси судӣ иштироки шахсони дархосткунандаро тариқи реҷаи мустақим (онлайн) таъмин менамояд, бо тартиби муайяннамудаи КММ ба суд ҳозир шудани онҳоро таъмин менамояд в шахсияти онҳоро месанҷад.

Ҳамин тавр шахси дархосткунунанда бо суде, ки дар он парванда моҳиятан баррасӣ гардида истодааст тариқи реҷаи мустақим (онлайн), яъне ба воситаи алоқаи видеоӣ иштирок менамояд. Судяҳо бояд дар назар дошта бошад, ки қонуни мурофиавӣ маҳз кадом намуди воситаи алоқаи видеоирро мушаххас накардааст, аз ин рӯ истифода бурдани ҳамаи имкониятҳои техникие, ки дар судҳо мавҷуд мебошанд, роҳ дода мешавад.

Бояд дар назар дошт, ки ба сифати далел истифода намудани сабти видеоии баёноти шахсони иштирокдори парванда инчунин, шахсони дигар, ки дар баррасии парвандаҳо дар судҳо бо тартиби пешбининамудаи моддаи 158(1) Кодекси мазкур гирифта шудааст, иҷозат дода мешавад.[143]

Ҳангоми мавҷуд будани имконияти техникӣ ба суд, судяҳо лозим аст, ки ҷараёни маҷлиси судиро бо истифода аз воситаҳои техникӣ сабт намоянд. Маводи сабти ҷараёни маҷлиси суд, ки аз ҷониби суд ба амал бароварда мешавад (масалан, ҳомили сабти овоз), ба парванда ҳамроҳ карда мешаванд.[144]

Аз ин рӯ, баёнот ва ё нишондоди шахси дархосткунда бояд дар протоколи маҷлиси судӣ дарҷ гардида сабти видеоии мурофиаи мустақим ба парванда дар ҳомили электронӣ замима карда шавад.

Маҷлиси судӣ набояд дар вазъияти асабонӣ гузарад, ҳамзамон муҳокимаи судӣ бояд дар шароите сурат гирад, ки дар он кори муътадили суд ва амнияти иштирокдорони мурофиа таъмин карда шавад. Тартиби муътадили муҳокимаи судии парванда набояд амалӣ шаҳрвандони дар толори маҷлиси судӣ ҳузурдоштаро халалдор созад. Судяҳо ҷиҳати таъмини тартиби дахлдор дар маҷлиси судӣ тамоми тадбирҳои заруриро бояд андешанд. Ба чунин тадбирҳо аз ҷумла, толори маҷлиси судӣ, ки имконияти баробар ба ҳамаи иштирокдорони парванда ба имконияти озодона истифода

[143]қ.2 м.57 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

[144] б.20 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №6 аз 29 сентябри соли 2014 “Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/mfs/

бурдан аз маводу далелҳои дар дастдоштаашон дошта ҳисоб меравад. Ҷойи нишасти баробар ба тарафҳо, имконияти истифода бурдан аз мизу курсӣ, навишта гирифтани маълумотҳо ва ҳатто сояву рӯшноӣ инчунин, ҳарорат дар толори маҷлиси судӣ ва сару либосӣ махсуси судя, барои бо таври расмӣ гузаронидани муҳокимаи судӣ аҳамияти муҳим доранд.

Ғайр аз ин, судя оид ба ҳуқуқҳои шахсони иштирокдорони парванда ҷиҳати озодона изҳор намудани мавқеи худ бояд ҳурмату эҳтиром зоҳир намуда, дар ташкил ва гузаронидани маҷлисҳои судӣ дақиқ бошад, чораҳои боандешаи барои ноил гардидан ба мақсаду ҳадафҳои адолати судӣ равонагардидаро қабул намояд. Инчунин, судя дар маҷлиси судӣ маданияти баланди рафторро риоя ва тартиботро нигоҳ дошта, нисбат ба иштирокдорони парванда ва дигар шахсони дар маҷлиси судӣ иштирокдошта босаброна ва боадабона муносибат намояд.[145]

Судяҳо бояд донанд, ки мувофиқи қ.1 м.134 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳамзамон тибқи с.с.3-4 қ.қ.1 ва 2 м.5 инчунин, с.с.2-3 қ.1 м.8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикиситон” дар толорҳои маҷлиси судӣ ва ҳуҷраҳои кории судяҳо Парчам ва тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври доимӣ афрохта ва ҷойгир карда мешаванд.

Ғайр аз ин тибқи қ.2 м.134 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ судяҳо бо либоси махсус бояд маҷлисҳои судиро гузаронанд.

Аз ин рӯ, чун қоида чунин толорҳои маҷлиси судӣ дар қароргоҳи судҳои ҷумҳурӣ омода гардида, судяҳо ҳангоми баррасии парвандаҳо либоси масхсусро (мантия, або) бояд ба бар намоянд.

Инчунин, аз тарафи судя ботамкинона, салоҳиятнок ва босаводона гузаронидани маҷлиси судӣ ҷиҳати аз тарафи иштирокдорони парванда риоя намудани тартиб ва иҷро намудани амрҳои раисикунанда барои фароҳам овардани фазои расмӣ, мусоидат мекунад.

Судяҳо принсипи ошкоро будани муҳокимаи судиро ба роҳбарӣ гирифта, маҷлиси ошкорои судиро бояд дар толорҳое, ки барои ҳузур доштани ҳамаи шахсони иштирокдорони парванда, намояндагони воситаҳои ахбори омма ва дигар шахсон шароит муҳайё карда шудааст, таъин намоянд.

[145]м.11 Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 ноябри соли 2013 https://sud.tj/

Аз ҷумла, барои шахсони дорои имконияти маҳдуд муҳокимаи судӣ бояд дар толори маҷлиси судии барои онҳо дастрас ташкил карда шавад.[146]

Мутобиқи қ.2 м. 164 КММ раисикунандаи маҷлиси судӣ шахсияти иштирокдорони ҳозиршудаи мурофиаро муайян карда, ваколати шахсони мансабдор ва ё намояндаҳои онҳоро месанҷад. Суд шахсияти иштирокдорони ҳозиршудаи мурофиаро муайян карда истода, бояд ном, номи падар, насаб, рӯзи таваллуд, ҷойи кор ва истиқомати онҳоро дар асоси таҳқиқи шиноснома, шаҳодатномаи хизматӣ ё дигар ҳуҷҷате, ки шахсиятро тасдиқ мекунад, муайян намояд. Ғайр аз он, бояд доираи ваколати шахси мансабдор ё намоянда ӯ (м.50, 56 КММ), намояндагони шахсони иштирокдорони парванда инчунин, мавҷудияти ҳолатҳое, ки имконияти дар суд намоянда будани онҳоро ғайриимкон мегардонад (м.53 КММ) муайян карда шавад. Инчунин, маълумот дар бораи мансаби ишғолкардаи эксперт, маълумот ва собиқаи кории ӯ аз рӯйи ихтисос, ҳамчунин муносибати хешу таборӣ ва дигар муносибатҳои бо тарафҳо доштаи шоҳид бояд муайян карда шавад.[147]

Чунин ҳуҷҷатҳо бояд ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият”, ки номгӯйи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсияти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро муқаррар менамояд, мувофиқ бошанд. Тибқи м.11 Қонуни мазкур ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият инҳоянд:

- шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- шиносномаи дипломатии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- шиносномаи хизматии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- шиносномаи умумишаҳрвандии хориҷии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- шиносномаи шаҳрванди хориҷӣ;
- шаҳодатномаи шахси бешаҳрванд;
- шаҳодатномаи муваққатии паноҳҷӯянда;
- шаҳодатномаи гуреза;
- шаҳодатномаи таваллуд;
- шаҳодатномаи бозгашт ба Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- гувоҳномаи иқомат барои шаҳрванди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

---

[146] б.5 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №6 аз 29 сентябри соли 2014 “Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/mfs/

[147] б.5 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №23 аз 26 июни соли 2009 “Дар бораи татбиқи меъёрҳои КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳо дар суди марҳилаи якум” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

- гувоҳномаи иқомат барои шахси бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти хизматчии ҳарбӣ;

- шаҳодатномаи ронандагӣ,

- шаҳодатномаи хизматӣ,

- шаҳодатномаи иштирокдорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва собиқадорони меҳнат (шахсони ба онҳо баробаркардашуда), маъюбон, донишҷӯён ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

Дар амалияи судӣ ҳолатҳое ба миён меоянд, ки дар ҷараёни муҳокимаи судӣ даъвогар ва ё дигар шахсони иштирокдорони парванда насаб, ном ва номи падарашонро мутобиқи тартиби пешбининамудаи қонун иваз мекунанд ва ба суд шиноснома ва ё шаҳоданома дар бораи иваз намудани насаб, ном ва номи падарро пешниҳод менамоянд. Инчунин, судя ин ҳолатро ҳангоми дар маҷлиси судӣ муайян намудани шахсияти иштирокдорони ҳозиршудаи мурофиа муайян мекунад. Мисол, бо парвандаи маданӣ сар карда аз таъиноти ба муҳокимаи судӣ қабул намудани аризаи даъвогӣ, омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ то ба қабул намудани таъинот оид ба таъин намудани баррасии парванда ба маҷлиси судӣ, дар ҳамаи таъинотҳо насаб, ном ва номи падари даъвогар “Абдуллоев Зафар Қудратович” дарҷ шудааст. Аммо, пас аз иваз намудани ном ва номи падар даъвогар ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсиятро бо ному насаби “Кудратзода Зафар Абдулло” ба суд пешниҳод менамояд. Дар ин маврид судя чӣ тавр ин вазъиятро метавонад ҳал намояд, то ки айнияти ҳамин даъвогар будани боқи санадҳои судӣ муқаррар карда шаванд.

Меъёрҳои КММ тартиби ҳалли мурофиавии масъалаи мазкурро ба танзим надаровардааст. Қонуни мурофиавӣ дар м.120 КММ танҳо ҳангоми тағйирёбии суроғаи маҳалли истиқомат ё маҳалли ҷойгиршавӣ, шахсони иштирокдорони парвандаро уҳдадор намудааст, ки дар хусуси чунин тағйирёбӣ ҳангоми баррасии парванда судро огоҳ намоянд.

Баъзе судяҳо оид ба иваз гардидани насаб, ном ва номи падар бо дастрасии м.м.229-230 КММ таъинот қабул мекунанд, баъзеи дигари ҳамтоён оид ба иваз шудани насаб, ном ва номи падар тараф танҳо дар протоколи маҷлиси судӣ қайд мекунанд.

Ҳалли масъалаи мазкур таҷрибаи ягонаро талаб карда, судяҳо бояд дар назар дошта бошад, ки қабул намудани таъинот роҳи асосӣ ва дуруст буда, ҳамчун санади судӣ эътибори расмӣ дорад. Аммо дар таъиноти мазкур дастрас намудани м.м.229-230 КММ нокифоя мебошад, зеро меъёрҳои

мазкур танҳо муҳтавои таъинотро ба танзим медароранд. Ҳол он ки дар қисми баёнӣ-асосноккунии таъинот маълумотҳо оид ба масъалае, ки вобаста ба он таъинот қабул карда шудааст ва асосҳое, ки тибқи он суд хулосаи худро қабул намудааст ва истинод ба қонуне, ки суд вобаста ба ҳалли масъала ба роҳбарӣ гирифтааст бояд зикр карда шавад.

Чӣ тавре қайд гардид меъёрҳои КММ ҳалли мурофиавии масъалаи мазкурро ба танзим надаровардааст, аз ин рӯ саволе ба миён меояд, ки судя ба кадом меъёри қонун, ки иваз намудани насаб, ном ва номи падари тарафро ба танзим дароварда бошад ба роҳбарӣ гирифта, дар таъинот ба чунин меъёри мушаххас истинод намояд.

Мувофиқи қ.1 м.12 КММ суд уҳдадор аст парвандаҳоро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мазкур, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ҳал намояд.

Инчунин, дар қ.3 моддаи мазкур пешбинӣ шудаст, ки дар сурати мавҷуд набудани меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои баҳснокро танзим менамоянд, суд меъёрҳои қонунеро, ки муносибатҳои шабеҳро (қиёси қонун) танзим менамоянд, татбиқ мекунад ва ҳангоми мавҷуд набудани чунин меъёрҳо парвандаро дар асоси принсипҳои умумӣ ва муҳтавои қонунгузорӣ (қиёси ҳуқуқ) ҳал менамояд.

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ суд парвандаҳои маданиро тибқи талаботи анъанаҳои муомилоти корӣ ҳал мекунад. Судяҳо бояд ндар назар дошта бошанд, ки одатҳои муомилоти корӣ, ки хилофи муқаррароти санади қонунгузорӣ ё шартномаи барои иштирокдорони муносибати дахлдор ҳатмӣ мебошанд, татбиқ намешаванд.[148]

Мафҳуми қиёси қонун ин, бинобар набудани меъёрҳои қонуни танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ нисбати онҳо татбиқ намудани меъёрҳои қонуне, ки муносибатҳои ҷамъиятии шабеҳро танзим менамояд, мебошад. Мафҳуми қиёси ҳуқуқ бошад ин, бинобар набудани меъёрҳои қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва меъёрҳои шабеҳи он нисбати муносибатҳои ҷамъиятӣ татбиқ намудани принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқ, мазмуни қонун, талаботи бовиҷдонӣ, хирад ва адолат, муқаррар шудааст.[149] Яъне қиёси ҳуқуқ дар он маврид бояд татбиқ

[148] қ.2 м.5 КМ,

[149]м.2, қ.қ.2 ва 3 м.86 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

карда шавад, ки агар муносибатҳои шабеҳро қиёси қонун ба танзим надарорад ва ё истофода бурдани қиёси қонун номумкин бошад.

Аз мазмуни меъёрҳои қ.қ.1 ва 3 м.12 КММ бармеояд, ки дар сурати мавҷуд набудани меъёрҳои ҳуқуқии мушаххас, суд уҳдадор аст парвандаҳоро бо татбиқ намудани меъёрҳои дигари санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муносибатҳои шабеҳро (қиёси қонун) танзим менамоянд, ҳал намояд.

Дар ин маврид, меъёри қонуне, ки тартиби ҳалли масъалаи иваз гардидани насаб, ном ва номи падари тарафро ба танзим медарорад м.123 КМИ мебошад, ки мувофиқи қ.1 моддаи мазкур шахсони иштирокдори парванда уҳдадоранд оид ба иваз шудани ном (номи шахси ҳуқуқӣ) суди иқтисодиро огоҳ намоянд. Дар ҳолати набудани чунин маълумот шахси иштирокдори парванда дар санади судӣ бо назардошти номи охирини барои суд маълуми ин шахс дарҷ карда мешавад.

Тартиби ҳалли масъалаи болозикр дар қ.4 м.123 КМИ пешбинӣ шуда, тибқи он суди иқтисодӣ маълумот оид ба тағйирёбии номи шахси иштирокдори парванда, суроғаи ҷойгиршавӣ, рақами телефон, факс, суроғаи почтаи электронӣ ва ё маълумоти дигари ба ин монандро дар таъинот ва ё протоколи маҷлиси судӣ сабт менамояд.

Бо назардошти меъёрҳои мазкур судя ҳангоми ҳалли масъалаи иваз гардидани насаб, ном ва номи падари тарафро ғайр аз меъёрҳои м.м.229-230 КММ, ҳамзамон ҳуқуқ дорад меъёрҳои қ.қ.1 ва 3 м.12 КММ ва қ.қ.1 ва 4 м.123 КМИ-ро ҳамчун қиёси қонун ба роҳбарӣ гирифта, дар қисми баёнӣ-асосноккунии таъинот оид ба иваз гардидани ном ва номи падари тараф хулосаи худро ҳамчун асос ба ин меъёрҳо истинод намояд.

Нисбат ба намояндагон инчунин, шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳо, ғайр аз ин, ваколатҳои онҳо дар асоси ваколатномаи пешниҳодкардаи онҳо тафтиш карда мешаванд. Оид ба парвандаҳое, аз ҷониби васӣ ё парастор ба манфиати шахси дорои қобилияти амалаш маҳдуд ё шахси ғайриқобили амал оғоз гардидааст, мавҷуд будани ҳалнома, ки мутобиқи он шахс ғайри қобили амал ё қобилияти амалкунии шахси воқеӣ маҳдуд шудааст ё ин ки қарори мақомоти васояту парасторӣ, ки вазъи ҳуқуқӣ ва ваколатҳои васиро тасдиқ мекунад, бояд санҷида шаванд. Ваколати намояндаҳои қонунӣ, ки ба манфиати худсолон ва ноболиғон ба суд мурочиат намудаанд дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсияти намояндаҳои қонунӣ ва инчунин, шаҳоданомаи таваллуди ноболиғон, ҳалномаи суд ва шаҳодатнома дар бораи муқаррар намудани ҳолатӣ падарӣ санҷида мешавад.

Моҳиятан баррасӣ намудани парванда бо маърузаи раисикунандаи маҷлиси судӣ ё яке аз судяҳо, агар парванда дар ҳайати се судя ба таври дастаҷамъона баррасӣ карда шавад, оғоз мегардад. Маърузаи судя бояд мухтасар, вале барои ҳамаи иштирокдорони муҳокимаи судӣ фаҳмо, мавзуи баҳс ва асосҳои талаботи пешниҳоднамудаи тарафҳо, моҳияти норозигиҳо нисбат ба он пешниҳодшударо бояд ифода намояд. Нодуруст аст, агар судя ҳангоми маъруза намудани парванда матни аризаи даъвогӣ ва норозигиҳои хаттиро хонда диҳад.

Маъруза оид ба парванда бояд маълумот дар бораи ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта, ки аз ҷониби тарафҳо бояд исбот карда шаванд, ироа мегардад. Ба маъруза дохил намудани ҳолатҳое, ки ба моҳияти баҳс алоқамандӣ надоранд, метавонад иштирокдорони мурофиаро нисбат ба доираи ҳолатҳои ҳуқуқии аҳамиятдошта, ки барои исбот ё рад кардани онҳо тарафҳо бояд далелҳо пешниҳод намоянд, гумроҳ созад. Судя ҳолатҳои бебаҳсро, ки барои парванда аҳамият доранд маъруза намуда истода инчунин, ба он ҳолатҳое, ки тарафҳо баҳс мекунанд, ишора мекунад. Инчунин, иқтибос овардан ба ақидаҳои ҳуқуқии тарафҳо, меъёрҳои ҳуқуқие, ки тарафҳо барои тасдиқи мавқеи худ ба онҳо истинод мекунанд, ҷоиз мебошад.

Судя дар ҳамин марҳилаи муҳокимаи судӣ ба тарафҳо бояд хотиррасон намояд, ки имконияти қатъ намудани баҳс бо роҳи бастани созиши оштӣ, ҳуқуқи ҷавобгар барои эътирофи даъво ва оқибатҳои мурофиавии чунин амалҳо мавҷуд мебошад.

Раисикунанда ваколатҳои мутобиқи м.159 КММ ба ӯ додашударо амалӣ намуда истода, ҳуқуқ дорад такроршавии бисёркаратаи ҳолатҳоро аз ҷониби иштирокдорони мурофиа бартараф намояд ва аз муҳокимаи судӣ ҳамаи маводеро, ки ба парвандаи баррасишаванда муносибат надоранд, хориҷ намояд. Ба шахсони иштирокдорони парванда таклиф кардан мумкин аст, ки он чизеро, ки дар маъруза баён шудааст, бо тавзеҳоти худ пурра кунанд, ба ҳолатҳои муҳимтарин таваҷҷуҳ кунанд, ки ба пурратар ва дурусттар фаҳмидани мавқеи даъвогар ва норозиги ҷавобгар оид ба парванда мусоидат мекунанд. Набояд фаромуш кард, ки маълумоте, ки аз баёноти тарафҳо ба даст омадааст, далел оид ба парванда мебошад.[150]

Дар баробари ин, аз ҷониби як тараф тасдиқ намудани ягон ҳолати парванда ё мавриди баҳс қарор надодани ягон ҳолат, ки тарафи дигар талаботҳои даъво ва ё норозигиашро ба он асос мекунад, ҳамин тарафро аз

[150]қ.2 м.57 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

исбот кардани ин ҳолат озод менамояд. Чунин тасдиқи тараф дар протоколи маҷлиси судӣ дарҷ карда мешавад ва агар он дар аризаи хаттӣ зикр шуда бошад, он ба парванда замима карда мешавад. Ҳамин гуна аҳамиятро тасдиқи ҳолат аз ҷониби намояндаи тараф низ дорад, зеро ӯ ҳуқуқ дорад аз номи вакилкунанда тамоми амалҳои мурофиавиро анҷом диҳад ва м.56 КММ дар ваколатнома пешбинӣ намудани банди махсусро дар бораи ҳуқуқи намоянда оид ба тасдиқ намудани ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта талаб намекунад. Дар баробари ин аз тарафи намоянда тасдиқ намудани ҳолатҳое, ки он боиси пурра ё қисман даст кашидан аз даъво, кам ё зиёд намудани талаботи даъво ё ин ки пурра ё қисман эътироф намудани даъво мегаранд аз тарафи суд метавонад қабул карда нашавад, зеро барои амалӣ намудани чунин ваколат дар ваколатномаи намоянда чунин ҳуқуқҳо бояд махсус нишон дода шавад. Тасдиқ намудани ҳолатҳо аз ҷониби адвокате, ки мувофиқи м.52 КММ ба сифати намояндаи ҷавобгаре, ки маҳалли истиқомати он маълум нест, таъин шудааст, аҳамият надорад.

Методика ба судяҳо пешниҳод менамояд, ки дар марҳилаи муҳокимаи судӣ норасоиҳои омодасозии парвандаро пурра кунанд, тадбиқи методикаро идома диҳанд ва ба тарафҳо нишон диҳанд, ки онҳо дар ташаккулёбии ҳалномаи суд иштирок доранд.

Ҳами тавр, методикаи муҳокимаи парванда ин идомаи методикаи омодасозии парванда, аммо дар шароити нав, имкониятҳои нав оид ба таҳқиқи далелҳо (пурсиши шоҳидон ва ғайра) ва гузаштан аз тахминҳо ба боварӣ оид ба натиҷаи парванда, мебошад.

Дар охир ҳаминро қайд кардан ба маврид аст, ки судяҳо бояд дарк намоянд, ки муҳокимаи парванда шифоҳӣ мебошад ва он дар ҳайати тағйирнаёбандаи суд анҷом дода мешавад. Суд ҳангоми баррасии парванда уҳдадор аст бевосита баёноти тарафҳо ва шахсони сеюм, нишондоди шоҳидон, хулосаи коршиносони судӣ, маслиҳат ва шарҳи мутахассисонро шунавад, аз ин рӯ таъмин намудани иштироки ҳар як иштирокдорони парванда дар маҷлиси судӣ, фароҳам овардани шароит барои изҳори назар ва мавқеи худ доир ба баҳс, шарти ҳатмӣ ва зарурии мурофиаи адолатнокӣ судӣ мебошад.

§2. Далелҳо ва методикаи таҳқиқ намудани онҳо бо парвандаи маданӣ;

Далелҳо оид ба парванда ин ҳама гуна маълумот оид ба ҳолатҳое, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун гирифта шудаанд ва дар асоси онҳо суд мавҷуд будан ё набудани ҳолатҳои асосноккунандаи талабот ва норозигии тарафҳо инчунин, дигар ҳолатҳои барои ҳалли дурусти парванда аҳамиятдоштаро муқаррар менамояд, эътироф мешаванд. Маълумот оид ба ҳолатҳо мумкин аст аз баёноти тарафҳо ва шахсони сеюм, нишондоди шоҳидон, далелҳои хаттӣ ва шайъӣ, сабтҳои овоз ва видео, хулосаи коршиносони судӣ ба даст оварда шавад. Маълумот оид ба ҳолатҳое, ки бо вайрон кардани қонун дастрас шудаанд, далел ба ҳисоб намеравад ва ҳалнома наметавонад ба онҳо асос ёбад.[151]

Далелҳо аз ҷумла, маълумот оид ба ҳолатҳо, ки дар баёноти иштирокдорони парванда мавҷуданд, ба суд пешниҳод кард мешавад. Судя бошад доираи ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта муайян менамояд. Раисикунанда дар маҷлиси судӣ ҳуқуқ дорад аз муҳокимаи судӣ ҳамаи он чизеро, ки ба парвандаи баррасишаванда муносибат надоранд хориҷ намояд аз ҷумла, ба шахсе, ки баёнот медиҳад пешниҳод кунад, ки гуфтаҳояшро шарҳ диҳад ё ин ки агар мавқеъи баромадкунанда оид ба ҳолатҳо барои суд комилан фаҳмо бошад, гузаштан ба изҳор намудани ҳолатҳои дигар таклиф кунад.

Нақши муҳимро рафтори фаъолонаи иштирокдорони мурофиа дар таҳқиқи далелҳои парванда мебозад, ки ба он раисикунандаи парванда бояд мусоидат намояд.

Вазифаи суд ҳангоми исботкунӣ аз он иборат аст, ки тарафҳоро барои ҳарчӣ зудтар пешниҳод намудани далелҳо водор кунонад, ба далелҳои пешниҳодшуда пешакӣ баҳо диҳад, то ки тарафҳо дар ҳолати зарурӣ раванди исботкуниро фаъол созанд. Судя метавонад инро ҳангоми таҳлили ҳуқуқӣ дар марҳилаи омодасозии парванда (ё дар МПС) ва ё дар маърузаи раисикунанда дар маҷлиси судӣ анҷом диҳад.

Мавзуи исбот ин, ҳолатҳои воқеие мебошанд, ки барои парванда аҳамият доранд ва онҳоро тарафҳо мавриди баҳс қарор додаанд. Мавзуи исботкуниро шартҳои гипотезаи меъёри ҳуқуқи моддӣ, ки ба муносибатҳои баҳснок татбиқ мешавад муайян мекунад, бинобар ин судя мавзуи исботро аз шартҳои гипотезаи меъёри ҳуқуқи моддӣ, ки барои ҳалли баҳс оид ба муносибатҳои ҳуқуқии баҳсноки тарафҳо татбиқ менамояд, муайян менамояд.

---

[151]м.57 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Судя дар ҳама марҳилаҳои муҳокимаи судӣ метавонад ба тарафҳо такрор ба такрор таъкид намояд, ки парвандаро на он касе бурд мекунад, ки ҳақ аст, балки касест, ки ҳақ будани худро исбот карда тавонад.

Маҳакҳои баҳодиҳии далелҳо, ки дар КММ пешбинӣ шудаанд, инҳоянд:

- дахлдорӣ (м. 62 КММ);
- ҷоизӣ (м.63 КММ);
- саҳеҳӣ (м.70 КММ);
- басандагӣ (м.70 КММ).

Мисол, оид бо дахлдории далелҳо, даъвогар оид ба бартараф намудани монеагӣ муроҷиат намуда, талаботи даъвогиашро бо он асоснок кардааст, ки ҷавобгар дар қитъаи замини ба ӯ вобасташуда худсарона бинои ёрирасон бунёд намудааст. Дар натиҷа ҳуқуқҳои ӯ барои истифодаи замин халалдор карда шудааст. Ба сифати асоснокии даъво пешниҳоди Ҷамоати деҳотро оид ба вобаста кардани қитъаи замин пешниҳод кардааст. Ҷавобгар даъворо эътироф накарда, дар норозигиҳоят ваҷҳ пешниҳод кардааст, ки пешниҳоди Ҷамоати деҳот ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодаи замин намебошад. Вобаста ба ин мисол далели дахлдор қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар бораи додани қитъаи замин, ҳисоб меравад.

Қонуни мурофиавӣ талаботи умумиро оид ба тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун гирифтани далелҳоро дар қ.1 ва 3 м.57 КММ ва қоидаҳои махсуси истифодаи воситаҳои муайяни исботро дар м.63 КММ муқаррар намудааст.

Дахлдории далелҳо маънои онро дорад, ки суд танҳо он далелҳоеро қабул менамояд, ки барои парванда аҳамият доранд. Аз ин рӯ судя бояд делели барои парванда аҳамиятдоштаро, ки аз ҷониби шахсони иштирокдорони парванда пешниҳод шудааст ба мурофиа қабул намояд. Мисол, қоида оид ба дахлдории далел қ.1 м.176 КМ, ки мувофиқи он риоя накардани шакли одии аҳди хаттӣ тарафҳоро аз ҳуқуқи дар мавриди баҳс ҷиҳати тасдиқи аҳд ва шартҳои он аз истинод ба нишондоди шоҳидон маҳрум месозад, вале онҳоро аз ҳуқуқи овардани далелҳои хаттӣ ва далелҳои дигар маҳрум намесозад, шуда метавонад.

Ҷоизии далелҳо маънои онро дорад, ки ҳолатҳои парванда, ки бояд мутобиқи қонун бо воситаҳои муайяни исбот тасдиқ гарданд, бо ҳеҷ воситаҳои дигари исбот тасдиқ шуда наметавонанд. Яъне исбот намудани ҳолатҳо танҳо ба воситаи далелҳое, ки бо тартиби пешнибинамудаи қонун ба даст оварда шудаанд ба роҳ монда мешавад. Мисол, мувофиқи б.8 Қарори

Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷиикистон №34 аз 24 декабри соли 2010 “Дар бораи тачрибаи судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ марбут ба баҳсҳои аз ҳабс озод ё аз рӯйхат хориҷ намудани молу мулк” ба судяҳо тавзеҳоти дастурӣ дода шудааст, ки дар вақти баррасии парвандаҳо талаботи моддаи 58 КММ оид ба уҳдадории тарафҳо дар хусуси исботи ҳолатҳои парванда бояд риоя карда шаванд. Яъне тарафҳо бояд ҳолатҳоеро исбот намоянд, ки асоси талаботи даъво ва норозигии онҳо мебошад. Судҳо вазифадоранд, ки дар асоси далелҳои пешниҳодкардаи тарафҳо ба таври мушаххас муайян кунанд, ки оё даъвогар молики молу мулке, ки ба ҳабс ё ба рӯйхат гирифта шудааст мебошад ё не, дар асоси қонун ё шартнома он молу мулкро соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ мекунад, оё тибқи ҳукми суд молу мулки мазкур ба маблағи бо роҳи ҷинояткорӣ бадастомада эътироф шудааст ё не ва ғайра. Агар ҳолатҳои мансубияти молу мулк танҳо бо воситаи муайяни исбот тасдиқ гардад (м.63 КММ), суд наметавонад ин ҳолатҳоро бо воситаҳои дигари исбот тасдиқшуда, ҳисоб кунад.

Вайрон намудани қоидаҳо оид ба дахлдорӣ ва ҷоизии далелҳо ҳамчун воситаҳои исбот барои ҷиҳати ба парванда роҳ додани далелҳои дахлдор набуда асос барои бекор намудани ҳалнома шуда метавонад. Мисол, бо ҳалномаи суди ноҳияи Рӯдакӣ даъвои Дустзода М.Ш. қонеъ карда шуда, ӯ бо фарзанди ноболиғаш Ҷумазода А.С. аъзои оилаи истифодарбаранда ҷавобгар Сафарзода Ҷ. эътироф шуда, ба ҳуҷраи масоҳаташ 12,0 метри мураббаъи манзили истиқоматии воқеъ дар деҳаи Чорсу, Ҷамоати деҳоти Чоргултеппаи ноҳияи Рӯдакӣ бо ҳуқуқи истифодабарии иншоотҳои ёрирасон маскун карда шудаанд. Бо қарори кассатсионии коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалномаи суди марҳилаи якум бекор шудааст. Коллегияи судӣ ҳангоми бекор намудани ҳалнома муқаррар намудааст, ки асоси қонеъ намудани даъвои Дустзода Ш.М. ин муддати як сол ҳамроҳи ҷавобгарон Сафарзода Ҷ. ва Сафарзода С.Ҷ. ба таври доимӣ истиқомат кардан дар манзили истиқоматии воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Чорсу будааст. Ҳангоми аъзои оилаи истифодабаранда ҷавобгар Сафарзода Ҷ. эътироф намудани даъвогар, суди марҳилаи якум ба баёноти даъвогар Дустзода Ш.М. ва маълумотномаи раиси маҳалла маҳдуд шуда, бе ҷамъоварии далелҳои саҳеҳ оид ба кӣ таалуқ доштани манзили истиқоматии воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Чорсу амалҳои дахлдори мурофиавиро наандешидааст, ки ин ҳолатҳоро суди марҳилаи кассатсионӣ хилофи талаботи м.м.13 ва 60 КММ эътироф намудааст. Коллегияи судӣ бо ин хулосаронихои суди марҳилаи якум розӣ нашуда, зикр намудааст, ки дар қабати парвандаи оилавӣ

оид ба дар истифодабарӣ ва ё соҳибмулкии ҷавобгар Сафарзода Ҷ. мавҷуд будани манзили истиқоматӣ далели дахлдор мавҷуд нест. Аз ин рӯ, ба суди марҳилаи якум зарур будааст, ки мухолифатҳои байни маълумотномаҳои раиси маҳаллаи деҳаи Чорсуро бо роҳи дар маҷлиси судӣ пурсиш намудани раиси маҳалла, шоҳидон ва ба даст овардани далелҳои ҷоиз ба парванда, бартараф намуда, сипас оид ба натиҷаи баҳс хулосаронӣ мекард, зеро, ҷавобгарон Сафарзода Ҷ. ва Сафарзода С.Ҷ. чӣ дар норозигиҳо ба даъво ва чӣ дар маҷлисҳои судӣ тасдиқ намудаанд, ки соҳибмулки манзили истиқоматии болозикр Шукурзода Р. мебошад, онҳо бошад дар ин манзили истиқоматӣ ба сифати иҷоранишин истиқомат мекунанд ва доир ба ин ваҷҳҳояшон далел пешниҳод намудаанд.

Коллегияи судӣ ба хулоса омадааст, ки баҳри дуруст муайян намудани ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта, ба суди марҳилаи якум зарур будааст, ки иштироки воқеъии Шукурзода Р.-ро ба муҳокимаи судӣ таъмин намуда, бо роҳи муайян намудани ҳолатҳои воқеии парванда ва баҳодиҳии дурусти далелҳо хулосаҳои худро доир ба ҳар як ваҳҷи пешниҳоднамудаи тарафҳо дар ҳалнома бояд асоснок намояд. Зеро, тибқи қ.4 м.202 КММ дар қисми асосноккунии ҳалнома бояд ҳолатҳои парванда, ки суд муқаррар намудааст, далелҳое, ки хулосаи суд оид ба ин ҳолатҳо бо ин далелҳо асос ёфтаанд, ваҷҳҳое, ки дар асоси онҳо суд ин ё он далелро рад кардааст, дарҷ гардад.

Маҳаки навбатии баҳодиҳии далелҳо пас аз дахлдорӣ ва ҷоизии далелҳо, саҳеҳии далелҳо мебошад.

Саҳеҳӣ - суд далелҳоро ҳангоме саҳеҳ эътироф менамояд, ки агар дар натиҷаи таҳқиқ, муқоиса бо дигар далелҳо муайян гардад, ки маълумоти дар он мавҷуд буда ба ҳақиқат мувофиқанд (ниг. қ.5 м.70 КММ).

Ҳангоми баҳодиҳии саҳеҳии ҳуҷҷатҳо ва дигар далелҳои хаттӣ суд бояд бо назардошти дигар далелҳо эътимод дошта бошад, ки ҳуҷҷат ва дигар далелҳои хаттӣ аз мақомоте пешниҳод шудаанд, ки барои додани чунин навъи далелҳо ваколатдоранд, аз ҷониби шахсе имзо шудааст, ки ҳуқуқ дорад ба ин ҳуҷҷатҳо имзо гузорад, дорои ҳамаи дигар реквизитҳое мебошад, ки барои чунин навъи далелҳо заруранд. Ҳангоми баҳодиҳии саҳеҳии нусхаи ҳуҷҷат ё дигар далелҳои хаттӣ суд месанҷад, ки оё ҳангоми нусхабардорӣ дар мазмуни нусхаи ҳуҷҷат нисбат ба асли он тағйирот ба миён наомадааст, нусхабардорӣ бо кадом усули техникӣ сурат гирифтааст, оё ҷараёни

нусхабардорӣ барои аёнияти нусха ва манбаи аслӣ кафолат медиҳад, нусхаи ҳуҷҷат бо чӣ усул нигоҳ дошта мешавад.[152]

Агар байни далелҳо мухолифатҳо ҷой дошта бошанд онҳо бояд бо роҳи таҳқиқи иловагии ин далел ва ё таҳқиқи далелҳои иловагӣ бартараф карда шаванд, мисол, муқоисаи нусхаи ҳуҷҷат бо асли он.

Агар ҳангоми баҳодиҳии саҳеҳии далели мавриди таҳлил қарордошта шубҳа пайдо гардад, бояд бо роҳи муқоиса намудан бо дигар далелҳои муқарраркардаи суд, санҷидани дурустии мазмун ва барасмиятдарории ҳуҷҷат, дар ҳолатҳои зарурӣ таъин намудани экспертиза ва ғайраҳо, ҳал карда шавад.[153]

Саҳеҳии далелҳо аз боэътимодии сарчашмаи маълумот вобаста аст, мисол тасдиқ гардидани ҳуҷҷат аз тарафи мақомоти ваколатдор. Нораво аст, ҳангоме, ки суд ба нишондоди ду шоҳид нобоварӣ изҳор мекунад, зеро ин нишондодҳо ба нишондоди чор шоҳиди дигар мухолиф мебошанд, яъне шумораи далел ба саҳеҳии далел алоқаманд нест.

Маҳаки дигари баҳодиҳии далелҳо басандагии далелҳо мебошад, ки асоси онро метавон чунин баён кард он чизеро, ки бо камтар маънидод кардан мумкин аст, набояд тавассути зиёд ифода кард ё набояд аз тавзеҳоти мураккабе, ки дар он шарҳҳои одӣ комилан мувофиқанд, истифода бурда шаванд. Яъне, ҳолате ки ба воситаи далели басанда исбот шудааст, ба исбот бо шумораи зиёди дигар далелҳо эҳтиёҷ надорад. Мисол, даъвогар ҳолати аз ҷавобгар харидани пойафзолро ҳам бо расиди хазинавӣ ва инчунин, нишондоди се шоҳид исбот кардааст. Ҳол он ки расиди хазинавӣ далели басанда мебошад.

Далелҳо оид ба парванда мувофиқи қ.2 м.57 КММ инҳо шуда метавонанд:

- баёноти даъвогар;
- баёноти ҷавобгар;
- баёнотҳои шахсони сеюм;
- нишондоди шоҳидон;
- далелҳои хаттӣ;
- далелҳои шайъӣ;
- сабтҳои овоз ва видео;
- хулосаи коршиносони суд.

---

[152]қ.қ.6 ва 7 м.70 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

[153]б.15 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №23 аз 26 июни соли 2009 “Дар бораи татбиқи меъёрҳои КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳо дар суди марҳилаи якум” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

Қонуни мурофиавӣ нишондоди шоҳидонро ҳамчун намуди далел ба таври муфассал ба танзим дароварда, тартиби ба даст овардан ва таҳқиқи онро дар м.м.72-73 ва 180-184 КММ муқаррар намудааст. Ҳангоми пурсиши шоҳид судя бояд муносибати шоҳидро ба шахсони иштирокдорони парванда, синну соли ӯ, таҳсилот, сатҳи зеҳнии ӯ ва дигар ҳолатҳоро ба инобат гирифта, бо назардошти инҳо тасвияи саволҳоро пешниҳод намояд ва ба нишондодҳои гирифташуда баҳо диҳад.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки маълумоте, ки шоҳид баён намудааст, аммо наметавонад манбаи онро зикр кунад, далел ба ҳисоб намеравад, зеро шоҳид оид ба ҳамаи ҳолатҳои вобаста ба парванда, ки барояш шахсан маълуманд, бояд ба суд маълумот диҳад.

Мутобиқи қ.1 м.74 ва дигар меъёрҳои КММ номгӯйи далелҳои хаттӣ чунинанд:

- ҳуҷҷатҳо;
- санадҳо;
- шартномаҳо;
- маълумотномаҳо;
- муросилоти корӣ;
- дигар ҳуҷҷат ва маводе, ки дар шакли шифоҳӣ, рақамӣ, сабтҳои графикӣ аз ҷумла, тавассути алоқаи факсимилӣ, электронӣ, тавассути истифодаи шабакаи интернет ё дигар навъи алоқа ё ба таври дигар гирифташуда, ки имконият медиҳад мазмуни ҷуҷҷат муқаррар карда шавад;
- ҳукми эътибори қонунӣ пайдокарда;
- ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдокарда;
- қарори эътибори қонунӣ пайдокардаи судя;
- дигар санадҳои судии (фармон, таъинот, қарор) эътибори қонунӣ пайдокарда;
- протоколҳои анҷом додани амалҳои мурофиавӣ;
- протоколҳои маҷлисҳои судӣ;
-замимаҳо ба протоколҳои анҷом додани амалҳои мурофиавӣ нақшаҳо;
- харитаҳо;
- барномаҳо;
- ҷадвалҳо;
- ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ;
- нақша;
- тарҳ;
- ҳисобҳо;

- хулосаи хаттии коршиноси судӣ ва маслиҳати мутахассис.

Инчунин, судяҳо бояд дар назар дошта бонад, ки дар м.64 КММ асосҳои озод кардан аз исбот пешбинӣ шуданд. Яъне далелҳое, ки дар моддаи мазкур номбар шудаанд, тарафҳоро аз уҳдадории исбот озод менамоянд, вале бояд ба инобат гирифт, ки тартиби таҳқиқ намудани чунин далелҳо бояд бо тартиби мурофиавӣ ба роҳ монда шавад.

Ҳамин тавр мувофиқи м.64 КММ ҳолатҳое, ки суд онҳоро умумимаълум эътироф кардааст, ба исбот эҳтиёҷ надоранд.

Ҳолатҳое, ки бо санади эътибори қонунӣ пайдокардаи судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ, оилавӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурии қаблан баррасигардида муқаррар шудаанд, барои суд ҳатмӣ буда, онҳо ҳангоми баррасии дигар парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ, ки дар он ҳамин шахсон иштирок менамоянд, аз нав исбот карда намешаванд ё мавриди баҳс қарор намегиранд.

Санади эътибори қонунӣ пайдокардаи судӣ оид ба парвандаи иқтисодии қаблан баррасигардида барои суди юрисдиксияи умумӣ, ки парвандаҳои маданӣ ва оилавиро баррасӣ мекунад, ҳатмӣ буда, оид ба ҳолатҳое, ки бо санади судии суди иқтисодӣ муқаррар карда шудаанд, ҳангоми баррасии парвандаи дигар, ки дар он ҳамин шахсон иштирок менамоянд, аз нав исбот карда намешавад ё мавриди баҳс қарор намегирад.

Санади эътибори қонунӣ пайдокардаи суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ барои суди баррасикунандаи парванда оид ба оқибатҳои маданию ҳуқуқии амали шахсе, ки нисбати ӯ санади судӣ дар хусуси оё чунин амалҳо ҷой доштанд ва ё онҳоро ҳамин шахс содир намудааст, бароварда шудааст, ҳатмӣ мебошад.

Ҳолатҳое, ки аз ҷониби нотариус ҳангоми ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ тасдиқ гардиданд, исботкуниро талаб намекунанд, агар асл будани ҳуҷҷати бо тариқи нотариалӣ тасдиқгардида бо тартиби пешбининамудаи моддаи 190 КММ рад нагардида ё агар санади нотариалӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур бекор нашуда бошад.

Далелҳои хаттӣ ва тартиби таҳқиқи онҳо бо м.м.74, 185 - 186 КММ танзим мегарданд. Дар амалияи судӣ на ҳама вақт шартҳои қ.2 м.74 КММ оид ба он ки далелҳои хаттӣ дар шакли асл ё дар шакли нусхаи ба таври дахлдор тасдиқгардида пешниҳод карда мешаванд баҳои дурусти ҳуқуқи дода мешавад. Дар асоси ин меъёрҳои мурофиавӣ баъзан вақт судяҳо аз тарафҳо талаб менамоянд, ки нусхаҳои ҳуҷҷатҳо бо тариқи нотариалӣ тасдиқ намуда ба суд пешниҳод намояд. Ҳол он ки, чунин талабот аз меъёрҳои дар боло зикршуда барнамеояд. Аз таҳлили шартҳои он якҷоя бо м.75 КММ чунин

бармеояд, ки нусхаи ҳуҷҷат метавонад бевосита аз тарафи судя пас аз муқоиса намудан бо аслӣ ҳуҷҷат тасдиқ карда шавад ва дар парванда нусхаи далелҳои хаттии аз ҷониби судя тасдиқгардида боқӣ монанд. Табиист, ки агар зарурати таҳқиқи ҳуҷҷати аслӣ мавҷуд бошад инчунин, дар ҳолатҳое, ки ҳолатҳои парванда тибқи қонунҳо ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд танҳо бо ҳуҷҷатҳои аслӣ (мисол, саҳмия, вомбарг, вексел, чек, сертификати бонкӣ, коносамент ва ҳуҷҷатҳои дигар) тасдиқ карда шаванд, чунин ҳуҷҷат бояд ба суд пешниҳод карда шуда, дар маҷлиси судӣ таҳқиқ карда шавад.

Ғайр аз ин судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мувофиқи қ.2 м.4 КММ ҳуҷҷатҳои замимашаванда метавонанд ба судҳо дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ пешниҳод карда шаванд. Инчунин, тибқи с.7 қ.1 м.37 КММ шахсони иштирокдорони парванда ҳуқуқ доранд ба суд ҳуҷҷатҳоро дар шакли электронӣ аз ҷумла, ҳуҷҷатҳоеро, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо имзои электронии рақамӣ тасдиқ карда шудаанд, бо ҷойгир намудани онҳо дар сомонаи суд пешниҳод намоянд.

Бинобар ин агар нусхаи ҳуҷҷатҳо ба суд дар шакли электронӣ пешниҳод гардида бошанд, судя метавонад пешниҳоди нусхаи аслии ин ҳуҷҷатҳоро талаб намуда онро бо асли ҳуҷҷат муқоиса карда, тасдиқ ва ба парванда ҳамроҳ намояд.[154]

Далелҳои шайъӣ ашёе мебошанд, ки бо намуди зоҳирии худ, хосият, маҳалли ҷойгиршавӣ ё дигар нишонаҳо метавонанд ҳамчун воситаи муайян намудани ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта истифода шаванд. Ашёе, ки ба суд оварданаш имконнопазир аст, дар маҳалли ҷойгиршавии он ё дар маҳалли дигаре, ки суд муайян менамояд, нигоҳ дошта мешавад. Он бояд аз ҷониби суд аз назар гузаронида шуда, дар протоколи судӣ муфассал дарҷ гардад ва ҳангоми зарурат аксбардорӣ карда ва мӯҳр гузошта шавад.

Оид ба бисёре аз парвандаҳо, махсусан дар мавридҳое, ки ба баҳсҳои молу мулки ғайриманқул, тақсим ва муайян кардани тартиби истифодаи он алоқаманд мебошанд, хулосаи коршинос аҳамияти калон дорад.

Коршиноси судӣ дар шакли хаттӣ хулоса пешниҳод менамояд, ки дар он бояд тафсилоти муфассали таҳқиқоти гузаронидашударо, ки дар натиҷаи хулосаҳо ва ҷавобҳо ба саволҳои пешниҳодкардаи суд ба даст омадаанд, дар бар гирад. Агар коршиноси судӣ ҳангоми гузаронидани экспертиза ҳолатҳоеро муқаррар кунад, ки барои парванда аҳамият доранд ва оид ба онҳо дар назди ӯ масъала гузошта нашудаанд, ҳуқуқ дорад натиҷаҳои ин ҳолатҳоро

[154]қ.3 м.74 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

дар хулосаи худ дарҷ намояд. Хулосаи коршиноси судӣ дар маҷлиси судӣ таҳқиқ гардида, дар баробари дигар далелҳо баҳо дода мешавад.[155]

Экспертиза бояд бо риояи талаботи м.82 КММ таъин карда шавад. Ҳамзамон, судя набояд фаромуш кунад, ки ба шахсони иштирокдорони парванда ҳуқуқи онҳоро оид ба дар назди коршиноси судӣ гузоштани саволҳое, ки аз рӯйи онҳо бояд хулоса дода шавад, фаҳмонида мешавад. Тарафҳо, дигар шахсони иштирокдорони парванда мутобиқи қ.3 м.82 КММ ҳуқуқ доранд, аз суд хоҳиш намоянд, ки аз ҷумлаи шахсони зикрнамудаи онҳо ё ташкилотҳои махсусгардонидашуда коршиноси судиро таъин намояд, ба коршиноси судӣ саволҳо пешниҳод намоянд, бо таъинот оид ба таъини экспертиза ва саволҳои дар он тартибдодашуда инчунин, бо хулосаи коршиноси судӣ шинос шаванд, ба суд бо дархост дар хусуси таъин намудани экспертизаи комплексӣ, такрорӣ, иловагӣ ё комиссионӣ муровиат кунанд.

Бояд дар назар дошт, ки мутобиқи талаботи моддаи 82 КММ ба баррасии коршиноси судӣ танҳо он саволҳое гузошта мешаванд, ки дониши махсусро дар соҳаи илм, техника, санъат ва касбҳои мухталиф талаб мекунанд. Дар назди коршиноси судӣ саволҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ, ки ҳаллу фасли онҳо ба салоҳияти суд тааллуқ дорад (масалан, оид ба хусусияти бемории шаҳрванд нею, балки қобили амал будани ӯ), гузошта намешавад.[156]

Ҳамаи шахсони иштирокдори мурофиа манфиатдор мебошанд, ки хулосаи коршиноси судӣ пурра, возеҳ ва босифат бошад, ки ин на танҳо бо роҳи интихоби дурусти коршинос, муайян кардани доираи масъалаҳое, ки бояд аз ҷониби ӯ ҳал карда шаванд, балки тавассути таҳқиқи ин хулоса дар маҷлиси судӣ аз ҷумла, бо иштироки коршинос, ки ба ӯ барои бо мақсади тасдиқ ё рад кардани хулоса мумкин аст саволҳо дода шавад, ба даст оварда мешавад. Вақҳҳои (далелҳо) овардашуда, ки ба миён гузоштани масъалаи таъин кардани экспертизаи иловагӣ ё такрориро асоснок мекунанд, низ бояд хаматарафа муҳокима карда шаванд. Бояд дар назар дошт, ки мавҷуд будани якчанд хулосаҳои экспертизаи бо ҳам мухолиф на ҳама вақт гузаронидани экспертизаи такрориро талаб мекунад. Дар ин ҳолат суд метавонад бо роҳи пурсиши эксперт ва ё коршинос шарҳи зарурӣ ва хулосаҳои асосноккунии иловагиро ба даст орад.

Масалан, мувофиқи б.14 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №2 аз 25 июни соли 2004 “Дар бораи баъзе масьалаҳое, ки дар таҷрибаи аз ҷониби судҳо баррасӣ намудани баҳсҳои оид ба ҳуқуқи моликият

[155]м.88 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj
[156]б.11 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12 аз 19 декабри соли 2008 “Дар бораи омодасозии парвандаҳои маданӣ ба муҳокимаи судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

ба хонаи истиқоматӣ пайдо мегарданд” ба судҳо тавзеҳоти дастурӣ дода шудаст, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои марбут ба тақсими хонаи истиқоматӣ, оид ба имконияти ҷудо кардани қисми хона ва сохтмонҳои барои хоҷагидорӣ таъиншуда мувофиқан бо ҳиссаҳои соҳибмулкон бо риоя намудани меъёрҳои техникӣ, зиддисӯхтор ва санитарӣ ва оид ба ҳамаи вариантҳои имконпазири тақсим ё ба истифода додани бино аз ҷумла, аз рӯйи вариантҳои пешниҳоднамудаи тарафҳо, ташхиси сохтмонӣ-техникӣ таъин намоянд.

Ҳамин тавр, агар дар парванда оид ба тақсим намудани хонаи истиқоматӣ дар шакли асл, хулосаи экспертӣ вариантҳои пешниҳоднамудаи тарафҳоро оид ба тақсим намудани молу мулк дар бар нагирад ва мавҷуд набудани имконияти техникии тақсимот аз рӯйи чунин вариантро нишон надиҳад, талаби тарафе, ки ба чунин вариант манфиатдор аст, дар бораи пешниҳоди ҳисобҳои техникӣ аз ҷониби коршиноси судӣ барои ба таври иловагӣ пешниҳод намудани хулоса асоснок мебошад. Суде, ки ба хонаи алоҳида гузаштааст, метавонад танҳо он вариантҳо ва қисматҳое, ки ба ӯ пешниҳод ва дар маҷлиси судӣ таҳқиқ шудааст, баҳо диҳад. Дар парванда мавҷуд набудани хулосаи коршинос оид ба варианти пешниҳоднамудаи яке аз тарафҳои парванда имконияти баҳодиҳии онро аз ҷониби суд истисно мекунад, ки ин боиси вайрон кардани ҳуқуқҳои мурофиавии ин тараф аз ҷумла, барои пешниҳоди далелҳо ва дар натиҷа қабул намудани ҳалномаи беасос мегардад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки хулосаи коршиноси судӣ дар баробари дигар далелҳои парванда воситаҳои истисноии исбот ва барои суд далели дорои эътибори қаблан муқарраргардида намебошад ва бояд дар маҷмӯъ бо ҳамаи далелҳои дар парванда мавҷудбуда таҳқиқ карда шавад. Дар амалияи сулӣ ҳолатҳои алоҳидае вуҷуд доранд, ки коршиноси судӣ хулосаи нодуруст додааст ё тартиби таҳия ва додани хулосаро вайрон кардааст, ки ба сифат ва мукаммалии хулосаҳо таъсир расонидааст. Ваҷҳҳои муфассал барои рад кардани ин хулоса метавонанд ба хулосаҳои коршинос таъсир расонанд ё онҳоро тағйир диҳанд. Бинобар ин, ҳангоми омода намудани парванда ба маҷлиси судӣ, ки дар он хулосаи коршинос таҳқиқ карда мешавад, судя бояд хулосаи пешниҳоднамудаи коршиноси судӣ пешакӣ омузад. Методика тавсия медиҳад, ки ҷиҳати муайян кардани тарз ва усулҳои аз ҷониби коршинос истифодашуда, бо меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қоидаҳои техникӣ, адабиёти махсуси марбут ба моҳияти масъалаи таҳқиқшаванда инчунин, бо норозигӣ ва эродҳои хаттии пешниҳоднамудаи тарафҳо ба хулосаи экспертиза шинос шуда, истифода бурда шавад. Ин имкон медиҳад, ки хулосаи пешниҳодшуда

бо касбият ва босаводона таҳқиқ карда шуда, мукаммалии он санҷида шуда, саволҳои воридшуда ва дархостҳои тарафҳо оид ба ин хулоса муҳокима карда шаванд ва дар ниҳоят ба хулосаи коршинос дар ҳалномаи суд баҳои дуруст дода шавад.

Ҳангоми таҳқиқ намудани хулосаи коршиноси судӣ, судяҳо бояд мувофиқ омадан, асоснокӣ, пуррагии мазмун ва хулосаҳои онҳоро ба саволҳои дар назди эксперт ва коршинос гузошташуда, мавриди санҷиш қарор диҳанд. Бо мақсади шарҳ додан ё пурра намудани хулоса, суд метавонад эксперт ва коршиносро барои пурсиш ба маҷлиси судӣ даъват намояд. Ҳангоми дар парванда мавҷуд будани якчанд хулосаҳои бо якдигар мухолиф мумкин аст, экспертҳо ва коршиносоне, ки хулоса додаанд ба суд даъват карда шаванд.

Экспертизаи такрорӣ ҳангоме гузаронида мешавад, ки агар хулосаи коршиноси судӣ асоснок набошад, натиҷагирӣ шубҳанок бошад, маводи ба коршиноси судӣ пешниҳодшуда боэътимод эътироф нашуда бошад, байни хулосаҳои якчанд коршиносони судӣ ихтилофоти назар вуҷуд дошта бошад, инчунин ҳангоме, ки қоидаҳои гузаронидани экспертиза вайрон карда шуда бошанд. Бояд дар назар дошт, ки мавҷуд будани якчанд хулосаҳои экспертизаи бо ҳам мухолиф на ҳама вақт гузаронидани экспертизаи такрориро талаб мекунад. Дар ин ҳолат суд метавонад бо роҳи пурсиши эксперт ва ё коршинос шарҳи зарурӣ ва хулосаҳои асосноккунии иловагиро ба даст орад.[157]

Хулосаи коршиносро аз маслиҳати мутахассис, ки ба воситаи исбот алоқаманд нест, фарқ кардан лозим аст. Худ ба худ маслиҳати мутахассис манбаи маълумоте, ки дар асоси он суд мавҷуд будан ё набудани ҳолатҳои аҳамияти ҳуқуқиро муқаррар менамояд, шуда наметавонад. Маслиҳати мутахассис на танҳо хаттӣ инчунин, шифоҳӣ низ шуда метавонад. Мутахассис дар қатори эксперт вобаста ба навъи фаъолияташ дар соҳаи илм, техника ва санъат дониши касбӣ дорад. Вазифаи ӯ аз он иборат аст, ки дар асоси дониши касбии худ ба суд дар вақти азназаргузаронии далелҳои хаттӣ ё шайъӣ шунидани сабтҳои овоз, тамошои сабтҳои видео, таъини экспертиза, пурсиши шоҳидон ва ғайра барои муайян намудани мазмуни воқеии онҳо хизматрасонии бевоситаи техникӣ (мисол, аксбардорӣ, таҳия намудани нақша ва ҷадвалҳо, интихоби намуна барои экспертиза, нархгузории молу мулк ва ғайраҳо) расонад. Дар фарқият бо коршинос, мутахассис дар бораи

[157]б.б.16-17 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №23 аз 26 июни соли 2009 “Дар бораи татбиқи меъёрҳои КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳо дар суди марҳилаи якум” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

ҷавобгарии ҷиноятӣ барои додани маслиҳати бардурӯғ огоҳ карда намешавад, зеро ин гуна ҷавобгариро қонун муқаррар накардааст. Маслиҳати мутахассис, ки дар шакли хаттӣ пешниҳод шудааст, дар маҷлиси судӣ эълон гардида, ба парванда замима карда мешавад, маслиҳати шифоҳӣ ё тавзеҳи мутахассис дар протоколи маҷлиси судӣ бояд дарҷ карда шаванд.[158]

Ғайр аз ин маълумот оид ба ҳолатҳо мумкин аст аз сабтҳои овоз ва видео, ба даст оварда шавад. Дар қ.2 м.80 КММ пешбинӣ шудааст, ки сабти овоз ё видео, ки бо роҳи пинҳонӣ ба даст оварда шудааст, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин сабтро қонун иҷозат медиҳад, наметавонад ба сифати далел истифода бурда шавад.

Масалан, даъвогар талаб мекунад маблағи қарз аз ҳисоби ҷавобгар рӯёнида шавад. Ҳолати мазкурро дар суд бо забонхати ҷавобгар исбот менамояд. Ҷавобгар даъворо эътироф намекунад, ва барои тасдиқи ҳолати пурра пардохт намудани маблағи қарз сабти овози даъвогарро пешниҳод мекунад. Даъвогар хоҳиш кардааст, ки сабти овоз ҳамчун далел ба инобат гирифта нашавад зеро он бо роҳи пинҳонӣ сабт карда шуда, ҷоиз нест. Оё сабти пинҳонии овоз ё видео дар ин маврид далели ҷоиз аст ё не?

Мувофиқи қ.1 м.80 КММ шахсе, ки сабти овоз ё видеоро дар ҳомили электронӣ ё дигар ҳомил пешниҳод кардааст ё дар мавриди талаб карда гирифтани он дархост намудааст, бояд зикр кунад, ки ин сабт кай, аз ҷониби кӣ ва дар кадом шароит анҷом дода шудааст. Аз мазмуни меъёри мазкур бармеояд, ки талабот нисбати чунин далел танҳо кай, аз ҷониби кӣ ва дар кадом шароит анҷом дода шудани сатб иборат буда, дар ҳар як ҳолати мушаххас бояд аз ҷониби судя санҷида шавад.

Сабти пинҳонӣ танҳо дар сурати халалдор ва ё вайрон намудани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ ва ё бо қонун ҳифзшудаи шахсон далели ҷоиз шуда наметавонад ва мутобиқи қ.2 м.80 КММ наметавонад ба сифати далел истифода бурда шавад. Зеро, ҳангоми исбот амалҳои мурофиавие, ки ба ҳаёт, саломатӣ, эътибори шахсии шаҳрвандон метавонад зарар расонанд, қадру номуси шаҳрвандон ва эътибори кории шахси ҳуқуқиро паст мезананд, иҷозат дода намешаванд.[159]

Қоидаҳои дигар низ вобаста ба баҳодиҳии далелҳо мавҷуд мебошанд, ки аз судя диққати иловагиро талаб мекунад. Агар барои исбот намудани ҳолати баҳснок далел пешниҳод нашуда бошад ё далелҳо ба ҳамдигар мухолифат кунанд, дар ин маврид саҳеҳии онҳо шубҳанок аст, аз ин рӯ ҳолат

[158]м.193 КММ,
[159]қ.1 м.59 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

бо як далели бавосита исбот карда намешавад, барои исбот маҷмӯи далелҳои бавосита заруранд.

Дар қ.1 м.60 КММ пешбинӣ гардидааст, ки суд ҳуқуқ дорад ба тарафҳо ва дигар шахсони иштирокдорони мурофиа пешниҳод намудани далелҳои иловагиро тавсия диҳад. Дар ҳолате, ки пешниҳоди далелҳои зарурӣ барои онҳо мушкил бошад, суд мутобиқи дархости онҳо дар ҷамъоварӣ ва талаб карда гирифтани далелҳо мусоидат менамояд.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки калимаҳои “ҳуқуқ дорад” маънои ихтиёрдории амалигардонии чунин ҳуқуқ бо салоҳдиди худро (суд хоҳад пешниҳод мекунад ё нахоҳад пешниҳод намекунад) надорад. Зеро салоҳияти (уҳдадорӣ) қонунии суд тибқи принсипи мубоҳисавӣ (м.13 КММ) ин огоҳ намудани шахсони иштирокдорони парванда оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии онҳо дар хусуси пешниҳод намудани далелҳои иловагӣ (қ.1 м. 37 КММ) ва оқибати ногувори исбот накардани ҳолатҳо (м. 58 КММ) мебошад. Аз ин рӯ, судяҳо уҳдадоранд ба тарафҳо ва шахсони дигар иштирокдорони парванда ҳуқуқи онҳоро оид ба пешниҳод намудани далелҳо дуруст фахмонанд.

Баъд аз дар маҷлиси судӣ таҳқиқ намудани ҳамаи далелҳо раисикунанда аз шахсони иштирокдорони парванда ва намояндагони онҳо муайян менамояд, ки оё онҳо метавонанд маводи парвандаро пурра кунанд. Ҳангоми мавҷуд набудани чунин аризаҳо раисикунандаи маҷлиси судӣ таҳқиқи парвандаро хотимаёфта эълон менамояд ва суд ба музокираҳои судӣ шурӯъ мекунад.[160]

Музокираҳои судӣ аз баромади тарафҳо, дигар шахсони иштирокчии парванда ва намояндагони онҳо иборат мебошад. Дар музокираҳои судӣ аксар вақт талаботҳои даъво ва норозигиҳое, ки дар маҷлиси суд борҳо баён карда шудаанд ва ба ҳамаи иштирокчиёни муҳокимаи судӣ маълуманд, такрор мегарданд. Дар баробари ин, бо асосӣ он ки тараф дар музокираҳо чизеро такрор намуда истодааст, ки қаблан баён карда буд, сухани баромадкунандаро буридан мумкин нест. Раисикунанда шунидани музокираҳои судиро эълон карда истода, бояд аҳамияти ин марҳилаи муҳокимаи судӣ ва мақсадҳое, ки дар назди иштирокдорони музокираҳои судӣ истодаанд, бояд шарҳ диҳад.

Мақсадҳои музокираи судӣ аз он иборат аст, ки шахсони иштирокдорони парванда нишон диҳанд, ки кадом ҳолатҳои ҳуқуқии аҳамиятнокро онҳо муқарраршуда ҳисоб мекунанд ва маҳз бо кадом далелҳо

[160]м.194 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

ин ҳолатҳо тасдиқ шудаанд. Иштирокдорон дар музокираҳои судӣ дар баромадҳои худ бояд далелҳоро таҳлил намуда, баҳои худро ба далелҳо пешниҳод намоянд, доир ба парванда меъёри қонунеро, ки ба муносибатҳои ба миён омада бояд татбиқ карда шавад баён намоянд, оид ба чӣ гуна ҳал гардидани баҳс бо назардошти ҳолатҳои муқарраршуда ақидаи худро бояд изҳор намоянд. Масалан, дар мавриди тақсим кардани бинои истиқоматӣ ё муайян намудани тартиби истифодабарӣ тарафҳо метавонанд тарзи мувофиқи тақсимоти онро пешниҳод намуда, пешниҳоди худро на танҳо аз ҷиҳати техникӣ, балки бо назардошти дигар ҳолатҳо, бо истинод ба нақша ва ё ҳисобҳои мушаххасе, ки коршиноси судӣ пешниҳод кардааст, асоснок намоянд. Чунин баромадҳо дар музокираи судӣ, албатта, ҳангоми қабули ҳалнома аз ҷониби суд дар хонаи алоҳида бояд ба назар гирифта ва таҳлил карда шавад.

Баъд аз хотима ёфтани баромади ҳамаи иштирокдорони музокираҳои судӣ шахсони иштирокдорони парванда метавонанд вобаста ба муҳтавои дар баромадҳояшон изҳоршуда бо ҳамдигар луқмапартоӣ кунанд. Ҳуқуқи охирин луқмапартоӣ ба ҷавобгар ва намояндаи ӯ тааллуқ дорад. Луқмапартоиҳо бояд мухтасар ва ба масъалаҳои асосии музокираи судӣ дахл дошта бошанд.

Иштирокдорони музокираҳои судӣ ҳуқуқ надоранд дар баромади худ ба ҳолатҳои муқаррарнакардаи суд инчунин, далелҳое, ки дар маҷлиси судӣ таҳқиқ нашудаанд, истинод кунанд.

Бинобар ин, дар баромадҳои худ шахсони иштирокдорони парванда ва намояндагони онҳо инчунин, прокурор ва намояндагони мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳо ва шаҳрвандоне, ки барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони дигар ба суд мурочиат кардаанд, дар музокираҳои судӣ оид ба парванда фикру ақидаашонро изҳор намуда истода, бояд танҳо он ҳолатҳоеро дастрас кунанд, ки аз тарафи суд муқаррар гардида буданд. Инчунин, онҳо метавонанд танҳо он далелҳое, ки мавзуи таҳқиқи судӣ буданд, таҳлил, хулосабарорӣ намоянд ва назари худро танҳо дар асоси ҳамин ҳолатҳо ва далелҳо изҳор намоянд.

Таҳқиқи далелҳо аз тарафи суд метавонад бо тартиби қ.2 м.196 КММ аз нав оғоз карда шавад. Яъне, суд танҳо дар асоси аризаи тарафҳо оид ба зарурати муайян намудани ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта ё таҳқиқ намудани далелҳои нав метавонад дар рафти музокираҳои судӣ ё баъди онҳо дар хусуси аз нав таҳқиқ намудани далелҳо таъинот қабул намояд. Дар таъиноти мазкур суд хулосаи худро дар бораи зарурати аниқ кардани ҳолатҳои нав ва таҳқиқи иловагии далелҳо асоснок мекунад. Баъди хотимаи

нави таҳқиқи далелҳо музокираҳои судӣ бо тартиби умумӣ, яъне аз нав сурат мегирад.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошад, ки эълон намудани танаффус ва ё мавқуф гузоштани баррасии парванда пас аз ба охир расидани музокираҳои судӣ ва пеш аз рафтан ба хонаи алоҳида иҷозат дода намешавад.

Суд баъд пас аз ба охир расидани музокираҳои судӣ дарҳол барои қабул намудани ҳалнома ба хонаи алоҳида меравад, ки дар ин бора ӯ ба ҳозирини толори маҷлиси судӣ эълон менамояд.

Инчунин, раисикунанда вақти ошкоро хондани ҳалномаро ба иштирокдорони мурофиаи судӣ пеш аз даромадан ба хонаи алоҳида бояд эълон намояд, то ки иштирокдорони мурофиа дар толори маҷлиси судӣ ҳузур дошта бошанд ва имконияти гӯш кардани ҳалномаи эълоншударо дошта бошанд.[161]

Меъёрҳои КММ ба судя ҳуқуқ намедиҳанд, ки бе қабули санади судӣ барои муайян намудани ягон ҳолати санҷида нашуда ва ё дигар сабабҳо аз хонаи алоҳида барояд. Аз ин рӯ судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки агар дар хонаи алоҳида судя бо масъалаҳое бархӯрад, ки таҳқиқи иловагиро талаб менамояд, дар ин маврид дар ҳар сурат суд бояд ҳалнома ва ё таъинотро қабул намуда, санади судии қабулшударо дар толори маҷлиси судӣ эълон намояд.

Ҳамин тавр, далелҳо ва исботкунӣ яке аз институтҳои муҳими мурофиаи маданӣ мебошанд, ки нисбат ба онҳо методика низ татбиқ карда мешавад. Қоидаи асосии пешниҳод намудани далелҳо аз он иборат аст, ки онҳо бояд барои тасдиқи ҳолатҳои баҳснок, ки барои парванда аҳамият доранд ва то барои қабули ҳалнома ба хонаи алоҳида рафтани суд пешниҳод карда шаванд.

[161]қ.8 м.11, қ.1 м.161 ва м.199 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Боби 6. Методикаи қабул ва таҳия намудани ҳалномаи судӣ аз рӯйи парвандаи маданӣ.

§1. Талаботе, ки нисбати ҳалнома аз рӯйи шакл ва мазмун пешниҳод мегардад;

Дар хонаи алоҳида суд масъалаҳои дар м.198 КММ пешбинишударо ҳал намуда, ҳалномаро дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул мекунад. Ҳалномае, ки ба шакли муқаррарнамудаи қонун дароварда нашудааст, қабулшуда ҳисоб намеравад. Бинобар ин ба таври шифоҳи қабул намудани ҳалнома иҷозат дода намешавад. Ҳалнома ин санад, санади ҳуқуқтатбиққунии судӣ мебошад, ки суди марҳилаи якум ҳангоми моҳиятан ҳал намудани парвандаи маданӣ ва ҳалли баҳси тарафҳо қабул менамояд, аз ин рӯ, ҳалнома хусусияти салоҳиятдорӣ ва ҳатмӣ будани онро тасдиқ мекунад.

Моҳияти ҳалномаи суд аз он иборат аст, ки он санади мақомоти давлатӣ, яъне ҳокимияти судӣ мебошад. Ҳалномаи суд санади ҳуқуқтатбиққунӣ мебошад, зеро ҳал намудани баҳси маданӣ ба татбиқ намудан нисбат ҳолатҳои муқаррарнамудаи меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ асос меёбад. Ҳар як ҳалномаи суд меъёри мушаххаси қонунро ифода карда аз ҷониби суд мазмуни он маънидод карда мешавад.

Суд бо ҳалнома ҳуқуқҳои даъвогарро, ки аз ҷониби ҷавобгар поймол шудааст, пурра ё қисман барқарор мекунад ва ё эътироф мекунад, ки чунин вайронкунии ҳуқуқ ҷой надошт ва даъвои даъвогарро рад намуда, ҳуқуқҳои ҷавобгарро ҳифз мекунад.

Дар хонаи алоҳида аз тарафи суд баҳодиҳии ниҳоии далелҳои таҳқиқшуда ва баҳодиҳии ниҳоии ҳуқуқии парвандаи мадании баррасишуда амалӣ карда мешавад. Ба хонаи алоҳида рафтани суд барои таъмин намудани беғаразии суд ва амалигардонии принсипи мустақилияти судяҳо зарур мебошад. Ба суде, ки аз дахолати беруна ҳифз шудааст қабул намудани ҳалномаи ба талаботи қонун ҷавобгӯ ва асоснок имконият дорад.

Новобаста аз он ки КММ тартиби гуногуни баррасии парвандаҳоро вобаста ба намудҳои мурофиавии парвандаҳо (фармонӣ, даъвогӣ, махсус ва ё аз рӯйи парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи омма бармеоянд) муқаррар намудааст, барои ҳамаи онҳо шакли ягонаи моҳиятан ба охир расонидани муҳокимаи парвандаро бо роҳи қабул намудани ҳалнома пешбинӣ намудааст. Бинобар ин судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки талаботи м.202 КММ

оид ба тартиби таҳияи ҳалнома барои ҳама гуна мурофиаи мадании парвандаҳо ҳатмӣ мебошад.[162]

Санади судие, ки суди марҳилаи якум ҳангоми моҳиятан ҳал намудани парванда қабул намудааст, ҳалнома номида мешавад. Аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли ҳалнома қабул намудани санади суди марҳилаи якум, ки ба воситаи он парванда моҳиятан ҳал мешавад, шарти ҳатмӣ мебошад.[163]

Меъёри қ.2 м.198 КММ судяҳоро уҳдадор намудааст, ки ҳалномаро дар хонаи алоҳида қабул намоянд, ки дар он танҳо судяи баррасикунандаи парванда ҳуқуқ дорад ҳузур дошта бошад. Ҳузур доштани шахсони дигар ҳангоми қабул намудани ҳалнома дар хонаи алоҳида манъ мебошад.

Маънои хонаи алоҳида бояд ҳуҷраи ғайриистиқоматии алоҳидае фаҳмида шавад, ки бо шароити махсус ҷиҳозонида шудааст аз ҷумла, дар он мизу курсӣ, компютер, принтер, қонунгузорӣ, қоғаз, қалам ва ғайраҳо мавҷуд бошанд, ки ба судя имкон диҳад дар муҳити корӣ ба қабул ва таҳияи ҳалнома машғул шавад. Шарти дигари асосӣ ин ба шахсони дигар манъ будани воридшавӣ ба хонаи алоҳида мебошад.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки меъёрҳои КММ масъалаи бо фарорасии шаб, ҳангоми зарурат инчунин, рӯзона бе қабул намудани ҳалнома баромадан аз хонаи алоҳида ва ё барои истироҳат танаффус эълон намуданро пешбинӣ накардааст. Дар амалияи судӣ, судяҳо қисми хулосавии ҳалномаро эълон намуда, муҳокимаи парвандаро хотима медиҳанд.

Меъёри қ.1 м.199 КММ пешбинӣ намудааст, ки судя баъди имзои ҳалнома ба толори маҷлиси судӣ бармегардад ва ҳалномаро эълон карда, муҳтавои ҳалнома, тартиб ва муҳлати овардани шикоят ва эътирозро нисбат ба ҳалнома шифоҳӣ тавзеҳ медиҳад.

Мутобиқи қ.1 м.203 КММ таҳияи ҳалномаи асоснок метавонад ба муҳлати на бештар аз панҷ рӯз мавқуф гузошта шавад, аммо қисми хулосавии ҳалномаро, суд бояд дар ҳамин маҷлиси судӣ, ки муҳокимаи парванда хотима ёфтааст, эълон намояд. Ҳангоми эълон намудани қисми хулосавии ҳалнома судя уҳдадор аст тавзеҳ диҳад, ки шахсони иштирокдори парванда ва намояндагони онҳо дар кадом муҳлат метавонанд бо ҳалномаи асоснок шинос шаванд.

Аз мазмуни моддаҳои болозикр бармеояд, ки судя дар хонаи алоҳида ҳалномаро бо ду тартиб метавонад таҳия намояд, яъне ҳалнома метавонад дар шакли пурраи асоснок ва ё танҳо қисми хулосавии ҳалномаи қабулкардашуда

---

[162]б.18 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

[163]қ.3 м.14 ва қ.1 м.198 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

таҳия карда шуда, ин санади судӣ дар толори маҷлиси судӣ эълон карда шавад.

Дар адабиётҳо оид ба масъалаи бе қабул намудани ҳалнома баромадан аз хонаи алоҳида, пурра таҳия намудани ҳалнома ва ё танҳо қисми хулосавии он, андешаҳо ва тачрибаҳои гунонун пешниҳод карда шудаанд.

Чӣ тавре зикр шуд, қонуни мурофиавӣ баромадани судяро аз хонаи алоҳида мисол, бо фарорасии шаб ё ҳангоми зарурат бе қабул намудани ҳалнома манъ накардааст, вале иҷозат ҳам надодааст. Қонун танҳо шакл ва тартиби қабул намудани ҳалномаро ба танзим дароварда ба судя имкон додааст, ки дар хонаи алоҳида қисми хулосавии ҳалномаро таҳия намояд ва онро эълон намояд.

Амалияи судии ҷойдошта оид ба таҳия ва эълон намудани қисми хулосавии ҳалнома хилофи қонун намебошад, аммо судяҳо чунин қисми хулосавии эълоншудаи ҳалномаро бояд имзо гузошта, онро ҳатман ба парванда замима намоянд.[164]

Мисол, ҳангоми бекор намудани ҳалномаи суди марҳилаи якум коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои мадании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қарори кассатсионӣ қайд намудааст, ки суди марҳилаи якум зимни қабул ва таҳия намудани ҳалнома меъёрҳои м.м.198-203 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастрас намудааст, аммо дар қабати парвандаи оилавӣ қисми хулосавии эълоншудаи ҳалнома мавҷуд нест. Ҳол он ки мутобиқи талаботи қ.2 м.203 КММ қисми хулосавии ҳалномаро судя бояд имзо гузорад ва он бояд ба парванда замима гардад.

Чӣ тавре зикр шуд, яке аз шартҳои ҳатмии қонунӣ будани ҳалнома ин қабул намудани ҳалнома дар хонаи алоҳида бо риояи махфияти хонаи алоҳида (машваратӣ) мебошад. Ҳангоми қабул намудани ҳалнома ба ғайр аз судяе, ки парвандаро баррасӣ намудааст, ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки дар хонаи алоҳида ҳузур дошта бошад. Муқаррароти мазкур яке аз кафолатҳои татбиқи принсипи мустақилияти судяҳо дар татбиқи адолати судӣ ва итотат намудани судяҳо танҳо ба Конститутсия ва қонун мебошад.[165]

Дар м.87 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки судяҳо дар фаъолияти худ мустақил буда, танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат мекунанд. Дахолат ба фаъолияти онҳо манъ аст. Принсипи номбурда судяҳоро уҳдадор менамояд, ки онҳо аз таъсироти беруна озод бошанд ва ҳама гуна кӯшиши дахолат намуданро ба ҳалли парвандаи мушаххас

[164] қ.2 м.203 КММ,
[165] м.м 84, 87 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва м.9 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

пешгирӣ намоянд. Беғаразии судя яке аз кафолатҳои асосии одилона баррасӣ намудани парвандаҳои судӣ мебошад. Ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои касбии худ судя бояд аз ҳама гуна бартариятдиҳӣ, ақидаи бармаҳал ё муносибати хотирбинона канорақӯӣ намояд ва барои истиснои беғаразиаш кӯшиш ба харҷ диҳад.[166]

Ҳангоми қабули ҳалнома ҳеҷ кас набояд ба ташаккули иродаи судя таъсир расонад. Қабули ҳалномаи суд дар хонаи алоҳида барои ҷалби таваҷҷӯҳи судя ба ҳалли парванда мусоидат мекунад.

Инчунин, ҳангоми қабул намудани ҳалнома судяҳо ҳуқуқ надоранд аз хонаи алоҳида бо телефон ё дигар воситаи алоқа фикру мулоҳизаи ҳангоми муҳокимаи судӣ ва қабул намудани ҳалнома ҷойдоштаро фош кунанд, аз ин рӯ бо мақсади ба миён наомадани ягон гуна шубҳа зарур аст, ки воситаҳои алоқа истифода бурда нашаванд. Зеро, судя ҳуқуқ надорад иттилоотеро, ки вобаста ба иҷрои уҳдадориҳояш ба даст овардааст, фош намояд. Инчунин, зимни адои вазифа судя набояд дигар фаъолиятеро, ки метавонад мустақилӣ ва беғаразии ӯро зери шубҳа гузорад ва ба ихтилофи манфиатҳо оварда расонад, амалӣ намояд.[167]

Таҳти мафҳуми қоидаҳои махфияти машварати судӣ ҳангоми қабул намудани ҳалнома, ошкор накардани маълумот аз ҷониби судя дар бораи ҳалнома фаҳмида мешавад.

Ҳангоми қабул намудани ҳалнома риоя накардани қоидаҳои махфияти машварати судӣ новобаста аз далелҳои шикоят ва эътирози кассатсионӣ асос барои бекор намудани ҳалнома мебошад.[168]

Агар аз ҷониби судя ошкор намудани чунин маълумот баъд аз ҳалли парванда ва эълон намудани ҳалнома сурат гирифта бошад, дар ин маврид ин ҳолат барои бекор кардани ҳалнома асос шуда наметавонад, зеро ин вайронкунӣ ба ироаи иродаи судя ҳангоми машварат оид ба масъалаҳои муҳокимашаванда таъсир расонида наметавонад.

Мисол, агар суд бегоҳии рӯзи ҷумъа ба хонаи алоҳида гузашта бошад ва дар сурате, ки тартиб додани ҳалномаи асоснок ғайриимкон бошад, чун қоида бояд қисми хулосавии ҳалнома худи ҳамон рӯз қабул ва эълон карда шавад. Суд набояд эълон намудани ҳалнома ё қисми хулосавии онро то рӯзи душанбе ба таъхир гузорад, муҳлати панҷрӯзаи муқарраршуда танҳо барои

---

[166]б.6 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №5 аз 29 сентябри соли 2014 “Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/mfs/

[167]қ.3 м.5 ва қ.5 м.11 Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 ноябри соли 2013 https://sud.tj/

[168]с.8 қ.2 м.353 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj ва б.1 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

тартиб додани ҳалномаи асоснок баъд аз эълон намудани қисми хулосавии ҳалнома пешбинӣ шудааст. Вале агар судя имконияти ба охир расонидани қабул намудани ҳалнома ва эълони онро надошта бошад ва бо фарорасии шаб ба хулоса ояд, ки қабул ва эълон намудани ҳалномаро ба дигар рӯз гузорад, дар ин мавриД вақти эълон намудани ҳалнома ба иштирокдорони муҳокимаи судӣ бояд эълон карда шавад.

Ғайр аз ин судяҳо бояд дар назар дошта бошад, ки мувофиқи қ.1 м.234 КММ протоколи маҷлиси судӣ ё амали ҷудогонаи мурофиавии берун аз маҷлиси судӣ гузарондашуда бояд ҳамаи маълумоти муҳимро оид ба баррасии парванда ё гузаронидани амали ҷудогонаи мурофиавӣ инъикос намояд. Бо назардошти ин дар протоколи маҷлиси судӣ вақти аз хонаи алоҳида баромадани суд, ҳамзамон рӯз ва соати ба хонаи алоҳида баргаштани суд бояд дарҷ карда шавад.

Инчунин, баъд аз эълон кардани ҳалнома раисикунанда бо розигии иштирокдорони мурофиаи судӣ масъалаи дар сомонаи суди дахлдор ҷойгир намудани ҳалномаро пас аз эътибори қонунӣ пайдо кардани он ҳал менамояд. Дар ин хусус дар протоколи маҷлиси судӣ қайд карда мешавад.[169]

Мувофиқи с.5 қ.2 м.353 КММ ҳалномаи суди марҳилаи якум новобаста аз далелҳои шикоят ва эътирози кассатсионӣ бояд бекор карда шавад, агар ҳалномаро судя имзо накарда бошад ё ҳалномаро на ҳамон судя ё судяҳо имзо карда бошанд, ки дар ҳалнома зикр шудаанд. Бо назардошти ин, имзо намудани ҳалнома аз ҷониби судя шарти ҳатмӣ мебошад. Бо ҳамин тартиб қисми хулосавии ҳалномаи эълоншуда низ бояд аз ҷониби судя имзо карда шуда, ба парванда замима карда шавад.

Мувофиқи қ.3 м.198 КММ ҳалнома дар доираи талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар қабул карда мешавад. Дар ин меъёр қонунгузор судро уҳдадор намудааст, ки баҳсро дар доираи талаботе, ки даъвогар дар аризаи даъвогӣ ва ё ҷавобгар дар аризаи даъвогии муқобили даъво пешниҳод намудаанд, ҳал намояд. Муқаррароти мазкур аз ҳуқуқи диспозитивии даъвогар барои муайян кардани мавзуи даъво, яъне талаботи моддӣ-ҳуқуқӣ нисбат ба ҷавобгар бармеояд, зеро танҳо даъвогар ё ҷавобгар мувофиқи принсипи диспозитивӣ ҳуқуқҳои моддӣ ва мурофиавии худро мустақилона ихтиёрдорӣ менамоянд. Аз ин рӯ, суд ҳуқуқ надорад аз доираи талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар барояд.

Кодекси мурофиавии маданӣ, ки аз 1 апрели соли 2008 мавриди амал қарор дода шудааст, баррасии парвандаҳоро дар асоси принсипҳои

[169]қ.3 м.199 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

мубоҳисавӣ ва баробарҳуқуқии тарафҳо, бо мақсади дуруст ва саривақт баррасӣ намудани парвандаҳои маданӣ, таъмин намудани мустақилияти тарафҳо, ки дар баён намудани иродаи худ зарур аст, пешбинӣ намудааст. Яъне суд ҳуқуқ надорад, ки аз доираи талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар (аз доирае, ки даъвогар дар аризаи даъвогиаш махсус нишон додааст) берун баромада, аз рӯйи онҳо қарор қабул намояд. Бо ин, суд амалигардонии принсипҳои конститутсионии мубоҳисавӣ ва баробарҳуқуқии тарафҳоро таъмин менамояд.

Масалан, мувофиқи қ.3 м.196 КМ агар аҳд бо яке аз асосҳои пешбининамудаи м.196 ҳамин Кодекс беэътибор дониста шавад, мутобиқан қоидаҳои дар қ.2 м.182 КМ пешбинигардида татбиқ мешаванд. Ҳамчунин тарафи дигар зиёни ба ҷабрдида расондаро ҷуброн менамояд ва таваккали нобудшавии мавзуи аҳдро ба зимма дорад.

Тибқи қ.2 м.182 КМ дар сурати беэътибории аҳд, агар дар қонун оқибатҳои дигари беэътиборӣ пешбинӣ нагардида бошанд, ҳар тараф уҳдадор аст ба тарафи дигар тамоми чизеро, ки аз рӯйи аҳд ба даст овардааст, баргардонад ва агар дар шакли асл баргардондани он имконнопазир бошад (аз ҷумла, дар ҳолате, ки он дар истифодаи молу мулк, кори иҷрошуда ё хизматрасонӣ ифода гардида бошад), арзиши онро бо пул пардохт намояд.

Аз мазмуни меъёрҳои болозикр бармеояд, ки агар суд аҳдеро, ки бо фиреб, зӯроварӣ, таҳдид, созиши бадқасдонаи намояндаи як тараф бо тарафи дигар анҷом дода шудааст инчунин, аҳдеро, ки шахс бо сабаби шароити вазнин бо шартҳои барояш тамоман бенафъ маҷбуран анҷом додааст ва тарафи дигар онро истифода намудааст (аҳди асоратовар), бо даъвои ҷабрдида беэътибор донад, суд ҳамзамон оқибатҳои дар қ.3 м.196 ва қ.2 м.182 КМ пешбинишударо бояд ҳал намояд.

Гарчанде, меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ, ки ба сифати мисол оварда шуданд ба суд салоҳият медиҳанд ё ин ки баъзе дигар меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ судро уҳдадор мекунанд, ки ҳангоми ҳалли баҳс аз доираи талаботи даъво берун барояд, аммо суд мувофиқи қ.3 м.198 КММ бояд ҳалномаро дар доираи талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар қабул намояд.

Бо назардошти он, ки меъёрҳои КММ қоидаҳои мурофиаи судии маданиро ба танзим медарорад, ин кодекс махсус буда, ба суд ҳуқуқ намедиҳад, ки аз доираи талаботи даъвои пешниҳоднамудаи даъвогар берун барояд.

Аммо судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки аз ҷониби суд зиёд ё кам қонеъ намудани ҳаҷми ҳамон як талаботи даъво, тағйир додани мавзуи

даъво ҳисоб карда намешавад, зеро дар ин маврид танҳо дар бораи аниқ кардани объекти ҳамон талаботи даъво сухан меравад.

Масалан, даъвогар оид ба товони зарари маънавӣ (азоби руҳӣ ё ҷисмонӣ), ки дар натиҷаи зарар ба саломатӣ расонида шудааст, ба маблағи бист ҳазор сомонӣ талаботи даъво пешниҳод кардааст. Ҳангоми баррасии парванда даъвогар бо назардошти хулосаи коршиноси судӣ ва мавқеи ҷавобгар товони зарари маънавиро дар ҳаҷми панҷоҳ ҳазор сомонӣ хоҳиш намудааст ё ин ки ба чунин хулоса суд дар асоси далелҳои таҳқиқнамуда омадааст. Агар суд дар ҳаҷми панҷоҳ ҳазор сомонӣ даъворо қонеъ намояд, дар ин маврид мавзуи баҳс ва талаботи даъво тағйир наёфта, танҳо андозаи маблағи ҷуброни зарари расонидашуда зиёд карда мешавад ва дар ин маврид ба вайронкунии қ.3 м.198 КММ роҳ дода намешавад. Зеро, чунин салоҳиятро ба суд меъёри м.1226 КМ пешбинӣ намудааст, ки мувофиқи он, андозаи товони зарари маънавӣ вобаста ба хусусияти ба ҷабрдида расондани азоби руҳӣ ё ҷисмонӣ инчунин, дараҷаи гуноҳи расонандаи зарар дар ҳолатҳое, ки агар гуноҳ асоси товон бошад, аз имешавад. Ҳангоми муайян кардани андозаи товони зарар бояд талаботи оқилона ва одилона ба инобат гирифта шаванд.

Ё ин ки ҳангоми дар асоси м.83 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи устувор ситонидани алимент барои кӯдакони ноболиғ мувофиқи шартҳои меъёри мазкур андозаи маблағи устувор аз тарафи суд дар асоси имконияти нигоҳ доштани сатҳи ҳадди аксари дараҷаи пештараи таъминоти кӯдак бо назардошти вазъи моддию оилавии тарафҳо ва ҳолатҳои дигари қобили тавақҷуҳ муайян карда мешавад.

Мисоли дигар мувофиқи қ.6 м.293 КМ ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсаронаи аз ҷониби шахси дигар анҷомдодашуда аз тарафи суд бо талаби шахсе, ки қитъаи замин ба он барои сохтмон дода шудааст, эътироф шуда метавонад. Дар ин ҳолат шахсе, ки ҳуқуқи моликияташ ба сохтмони худсарона эътироф шудааст, ба шахси сохтмонро анҷомдода арзиши хароҷоташро, ки андозаи онро суд муайян менамояд, пардохт мекунад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Ҳамин тавр, агар ҳангоми баррасии парванда суд бо назардошти ҳолатҳои воқеӣ ва таҳқиқи делелҳо ба хулоса ояд, ки андоза, ҳаҷм ё миқдори муайяннамудаи суд аз талабнамудаи даъвогар зиёд мебошад, танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи меъёри мушаххаси қонун ҳуқуқ дорад онро зиёд муайян намояд. Дар ин маврид мавзуи баҳс ва талаботи даъво тағйир намеёбад.

Аммо агар ҳаҷми талаботи даъво ба қонун ё шартнома асос ёфта бошад, он гоҳ суд ҳуқуқ надорад аз доираи талаботи даъво берун барояд ва наметавонад он чизеро, ки даъвогар дар аризаи даъвогӣ хоҳиш накардааст, ҳал намояд.

Мавзуи даъворо набояд бо мавзуи (объекти) моддии муайяни баҳс (мавзуи баҳс, яъне пул, ашё, манзили истиқоматӣ ва ғайраҳо) омехта намуд. Доир ба ҳар як объекти баҳс даъвоҳои дорои хусусияти хеле гуногун, метавон пешниҳод карда шаванд. Аз ин рӯ, дар назар доштан лозим аст, ки мавзуи моддии (объекти) баҳс ва мавзуи (предмети) даъво мафҳумҳои гуногун мебошанд.

Мавзуи даъво, аз пешниҳод намудани талаботи мушаххаси даъвогар, ки мазмуни моддӣ-ҳуқуқӣ дорад бо ишора намудан ба моҳияти вайрон гардидани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии даъвогар ё таҳдид ба он, иборат мебошад.

Асоси даъво, ҳолатҳое (фактҳое), ки даъвогар дар аризаи даъвогӣ талаботи худро бо далелҳо асоснок месозад, ки боиси оқибатҳои ба миён омадан, тағйир ёфтан ва ё қатъ гардидани муносибатҳои моддӣ-ҳуқуқӣ мегардад, ки мавзуи даъво мебошад, бояд фаҳмида шавад. Агар даъвогар ҳангоми асоснок намудани талаботи даъво аз доираи талаботи даъво берун барояд, суд бояд ҳуқуқи тарафро оид ба пешниҳод намудани талаботи иловагӣ фаҳмонад.

Аз ҷониби суд зиёд ва ё кам қонеъгардонии талаботи даъво набояд ҳамчун тағйир ёфтани мавзуи даъво эътироф карда шавад, зеро дар ин маврид сухан оид ба аниқ кардани андозаи талабот меравад.

Баромадан аз доираи талаботи даъво чунин маъно дорад, ки суд талаботи дигари барзиёдатиро, ки аз ҷониби тарафҳо пешниҳод нашудааст, баррасӣ ва ҳал намуда бошад, фаҳмида мешавад.

Бояд дар назар дошт, ки танҳо дар он сурат суд метавонад талаботи даъворо дар андозаи зиёд қонеъ гардонад, агар чунин салоҳият бевосита дар қонун пешбинӣ шуда бошад. Дар ин маврид суд дар ҳалнома асосҳои чунин хулосаҳоро бо ҳатман истинод овардан ба меъёри ҳуқуқи моддӣ бояд асоснок намояд.

Дар қатори ин суд ҳуқуқ надорад, мавзуъ ва асоси даъворо тағйир диҳад, зеро талаботи даъвои пешниҳодшуда бо асосҳои дарҷнамудаи даъвогар баррасӣ ва ҳал карда мешавад.

Чунин мавқеъ асоснок буда, ба меъёри м.8 КМ, ки мувофиқи он, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои маданиашонро бо салоҳдиди худ амалӣ менамоянд, мувофиқ мебошад.

Инчунин, ҳуқуқи истиснои даъвогарро оид ба он, ки мувофиқи қ.1 м.43 КММ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур даъвогар ҳуқуқ дорад асос ё мавзуи даъворо тағйир диҳад, андозаи талаботи даъворо зиёд ё кам намояд набояд фаромуш кард. Судяҳо дар ҳар марҳилаи муҳокимаи судӣ доштани чунин ҳуқуқро бояд ба даъвогар дуруст фаҳмонанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ даъвогарро ба аниқ намудани талаботи даъво равона созанд.

Ҳалномаро судя дар шакли хаттӣ қабул намуда, онро имзо мекунад. Ҳалнома дар шакли хаттӣ (коғазӣ ва (ё) электронӣ) тартиб дода мешавад. Агар дар суд имконияти дар шакли электронӣ тартиб додани ҳалнома мавҷуд набошад, ҳалнома танҳо дар шакли хаттӣ (коғазӣ) таҳия карда мешавад.[170]

Дар назар доштан зарур аст, ки ҳалномаи аз тарафи суд дар шакли хаттӣ қабул кардашуда аз тарафи раисикунандаи парванда таҳия дода шуда, он дастӣ навишта шуда, ё дар компютер ва ё дигар воситаҳои техникӣ чоп карда мешавад. Ҳалнома аз ҷониби судяи баррасикунандаи парванда имзо карда шуда, дар ҳамон маҷлиси судие, ки дар он баррасии парванда ба анҷом расидааст, эълон карда мешавад. Риоя намудани талаботҳои зикргардида ҳангоми эълон намудани қисми хулосавии ҳалнома низ ҳатмӣ аст.[171]

Бинобар ин, ҳалнома аз ҷониби судя метавонад бо тартиби дастнавис ё ба воситаи компютер таҳия карда шавад. Ҳалнома бояд мухтасар, фаҳмо, дақиқ ва аз ҷиҳати хулосаронии ҳуқуқӣ тасвияҳои босаводона дошта бошад.

Тартиб додан ва таҳия намудани ҳалнома дар шакли хаттӣ (қоғазӣ) маънои онро дорад, ки судя ҳалномаро дар ҳомили қоғазӣ дастӣ менависад ва бо имзои дастӣ ба он имзо мегузорад.

Дар шакли электронӣ таҳия намудан ва тартиб додани ҳалнома чунин фаҳмида мешавад, ки судя ба воситаи компютер ё ин ки дигар маҷмуи технологияҳое, ки барои омода кардан, қабул намудан ва табодули маълумот бо истифода аз имзои электронӣ имкон медиҳанд, ҳалномаро чоп мекунад ва онро бо имзои электронии рақамӣ тасдиқ мекунад. (ниг. ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ”).

Судяҳо бояд дар назар дошта бошад, ки мувофиқи қ.1 м.218 КММ ду тартиби супоридани нусхаи ҳалнома муқаррар шудааст. Ҳалномае, ки дар шакли электронӣ тартиб дода шудааст, на дертар аз панҷ рӯзи пас аз қабул шудани он, бо имзои электронии рақамии судя ё ҳайати суд тасдиқ карда шуда, ба шахсони иштирокдорони парванда бо ҷойгир намудани он дар сомонаи суд дар реҷаи дастрасии маҳдуд ирсол карда мешавад.

---

[170]қ.1 м.201 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

[171]б.13 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

Бинобар ин ҳалномаҳое, ки ба воситаи компютер ё дигар воситаи маҷмуи технологӣ дар шакли электронӣ таҳия карда шудаанд бояд бо имзои электронии рақамии судя имзо карда шуда, дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонун ба тарафҳо ба воситаи почтаи электронии расмии суд, ки дар сомонаҳои судҳои ҷумҳурӣ амал мекунанд ирсол карда шаванд. Мафҳуми реҷаи дастрасии махдуд маънои онро дорад, ки нухсаи ҳалнома танҳо ба даъвогар, ҷавобгар ва дигар шахсони иштирокдорони парванда ирсол карда мешавад ва то эътибори қонуни пайдо намудан набояд дастрасӣ омма гарадад.

Тартиби дуюм оид ба супоридани нухсаи ҳалнома чунин мебошад, нусхаи ҳалнома дар шакли хаттӣ (коғазӣ) бо дархости шахсони номбурда дар муҳлати на дертар аз панҷ рӯзи пас аз қабул шудани он, тавассути почта бо огоҳинома оид ба супоридан ирсол карда мешавад ва ё бо гирифтани забонхат ба онҳо супорида мешавад.[172]

Аз мазмуни қонун бармеояд, ки судя уҳдадор аст ҳалномае, ки дар шакли электронӣ тартиб дода шудааст ба тарафҳо дар муҳлати то панҷ рӯз бо ҷойгир намудани он дар сомонаи суд ирсол намояд, вале ҳалномае, ки шакли хаттӣ (коғазӣ) таҳия шудааст танҳо бо дархости тарафҳо ба онҳо супорида мешавад.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мувофиқи қ.6 м.14 КММ санадҳои судӣ дар шакли хаттӣ қабул карда мешаванд. Санадҳои судӣ, ба истиснои санадҳои судие, ки дорои маълумоти сирри давлатӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда мебошанд ва ё парванда дар мурофиаи пӯшидаи судӣ баррасӣ гардида бошад, метавонанд дар шакли электронӣ тартиб дода шаванд, ки онҳо бо имзои электронии рақамии судя ё ҳайати суд тасдиқ карда мешаванд. Ҳангоми дар шакли электронӣ тартиб додани санади судӣ нусхаи он иловатан дар шакли коғазӣ чоп карда мешавад.

Сари вақт ба тарафҳо супорида шудани ҳалномаи судӣ барои ба ҳисоб гирифтани шурӯъшавии муҳлати пешбининамудаи м.327 КММ, ки муҳлати овардани шикоят ва эътирози кассатсиониро муқаррар намудааст аҳамияти ҷиддӣ дорад. Аз ин рӯ, ба судҳо зарур аст, ки дар муҳлати кутоҳтарин пас аз таҳия намудани ҳалномаи асоснок чораҳои ба тарафҳо супоридани онро андешанд. (Масалан, даъвати тарафҳо, бо воситаи почта фиристодани нусхаи ҳалнома, қабул намудани эродҳои бо шикояти пешниҳодгардида ва ғайраҳо). Ба судяҳо тавзеҳот дода мешавад, ки парвандаҳои маданӣ, оилавӣ наметавонанд пеш аз ба охир расидани муҳлати овардани шикоят ва эътирозӣ

[172]қ.1 м.218 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

кассатсионӣ, ки м.327 КММ муқаррар намудааст ба суди марҳилаи кассатсионӣ ирсол карда шаванд. Парванда ба суди марҳилаи кассатсионӣ баъди ба иҷро расонидани амалҳои дар м.м. 332-333 КММ пешбинигардида фиристонида мешавад. Оид ба иштирокчиёни мурофиа дастрас шудани санади судии дар парванда буда, маълумоти дақиқ бояд бошад, аз ҷумла дастхат, расиди почта, ки гирифтани санади судиро тасдиқ менамоянд.[173]

Инчунин, то ба ҳар як шахси иштирокдори парванда, супоридани нусхаи тасдиқгардидаи ҳалномаи эълоншуда ва пурра таҳиягардида ба ситонанда нусхаи ҳалнома, ки барои иҷрои маҷбурӣ зарур аст, дода намешавад.

Дар хонаи алоҳида дар нусхаи асл ҳалнома аз ҷониби судя имзо карда шуда, баъд аз имзо намудани ҳалнома судя дарҳол ба толори маҷлиси судӣ бармегардад ва ҳалномаро эълон карда, муҳтавои ҳалнома, тартиб ва муҳлати овардани шикоят ва эътирозро ба ҳалнома шифоҳӣ тавзеҳ медиҳад.[174]

Ҳангоми амалӣ намудани принсипи конститутсионии ошкоро будани муҳокимаи судӣ, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳалномаҳо ошкоро эълон карда мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки эълони ошкорои ҳалнома ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ноболиғон, ҳаёти шахсии шаҳрвандонро халалдор мекунад.[175]

Бо назардошти ин, судяҳо бояд донанд, ки ҳамаи ҳалномаҳо аз ҷумла, ҳам ҳалномаи пурраи асоснок ва ҳам қисми хулосавии ҳалнома дар толори маҷлиси судӣ ошкоро эълон карда мешаванд, ҳатто агар парвандаи маданӣ дар маҷлиси пӯшидаи судӣ баррасӣ шуда бошад, ба истиснои ҳолатҳое дар қ.8 м.11 КММ пешбинӣ шудаанд.

Судя ҳалномаро рост истода эълон менамояд, ҳамзамон ҳамаи шахсоне, ки дар толори маҷлиси судӣ ҳузур доранд, эълони ҳалномаро аз ҷой барҳеста гӯш мекунанд. Истисно аз ин қоида танҳо ба шахсони бо сабабҳои вазъи саломатӣ бо иҷозати раисикунандаи маҷлиси судӣ анҷом дода мешавад.

Ҳангоми аз ҷониби суд қабул ва эълон намудани ҳалнома натиҷаи тамоми мурофиа ҷамъбаст карда мешавад. Қонунгузорӣ нисбат ба ҳалнома талаботҳои муайянеро муқаррар намудааст. Ҳалнома бояд ба меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавӣ асос ёбад, қонунӣ ва асоснок бошад, яъне

[173]б.12 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №4 аз 14 июни соли 2013 “Оид ба муҳлатҳои мурофиавии баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

[174]қ.1 м.199 ва қ.1 м.201 КММ,

[175]қ.8 м.11 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдоштаро дар бар гирифта, ҳалнома танҳо бо он далелҳое асоснок бояд шавад, ки дар маҷлиси судӣ таҳқиқ гардидаанд.[176]

Ҳалнома дар он ҳолат қонунӣ мебошад, ки агар он бо риояи дақиқи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ қабул карда шуда, ба меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ, ки нисбат ба ҳамин муносибатҳои ҳуқуқӣ татбиқ карда мешаванд, пурра мувофиқат кунад, ё дар ҳолатҳои зарурӣ ба татбиқи қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ асос карда шуда бошад. Агар байни санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки ҳангоми баррасӣ ва ҳал кардани баҳси мазкур татбиқ карда мешаванд, мухолифат ҷой дошта бошад, пас ҳалнома ҳамон вақт қонунӣ ҳисоб мешавад, ки суд қонуни эътибори бештари ҳуқуқӣ доштаро татбиқ карда бошад.[177]

Бинобар ин судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ба таври ҷиддӣ вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқҳои моддӣ дар ҳолатҳое, ки агар суд қонунро нодуруст маънидод карда бошад, ё қонунеро, ки бояд татбиқ гардад, татбиқ накарда бошад, ё суд қонунеро татбиқ намуда бошад, ки набояд татбиқ гардад, вайронкардашуда ё нодуруст татбиқгардида ба ҳисоб меравад.

Меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ бошад, дар ҳолатҳое вайронкардашуда ба ҳисоб мераванд, ки агар суд парвандаро бо ҳайати ғайриқонунӣ баррасӣ карда бошад, парванда ҳангоми ҳозир набудани яке аз шахсони иштирокдорони парванда, ки оид ба вақт ва маҳалли гузаронидани маҷлиси судӣ огоҳ карда нашудааст, баррасӣ карда шуда бошад, суд масъаларо оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсоне ҳал карда бошад, ки барои иштирок ба муҳокимаи парванда ҷалб нашудаанд, ҳалномаро судя имзо накарда бошад ё ҳалномаро на ҳамон судя ё судҳо имзо карда бошанд, ки дар ҳалнома зикр шудаанд, ҳангоми баррасии парванда қоидаҳои оид ба забони мурофиаи судӣ риоя нагардида бошанд, ҳалномаро на он судяҳое қабул карда бошанд, ки ба ҳайати суди парвандаро баррасинамуда дохил буданд, дар парванда протоколи маҷлиси судӣ мавҷуд набошад, ё ҳангоми баровардани ҳалнома қоидаҳои махфияти машварати судӣ риоя нагардида бошанд.[178]

Бинобар ин судяҳо набояд фаромуш кунанд, ки мутобиқи қ.1 м.351 ва 376 КММ асосҳо барои бо тартиби кассатсионӣ ва ё назоратӣ бекор кардан ва ё тағйир додани ҳалнома, ин ба таври ҷиддӣ вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқҳои моддӣ ва мурофиавӣ мебошад.

---

[176]қ.1 м.200 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

[177]м.м.352-353 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj ва б.2 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

[178]б.8 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №14 аз 19 декабри соли 2008 “Дар бораи татбиқи меъёрҳои қонунгузории мурофиавии маданӣ дар суди марҳилаи назоратӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

Мисол, бо қарори кассатсионии коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалномаи суди марҳилаи якум бекор шудааст. Коллегияи судӣ аз қисми асосноккунии ҳалнома муайян намудааст, ки суди марҳилаи якум зимни ҳалли баҳс муқаррароти м.м.24 ва 25 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки аз 1 сентябри соли 2022 мавриди амал қарор дорад ба роҳбарӣ гирифта, татбиқ намудааст. Аммо, аз мазмуни аризаи даъвогӣ ва баёноти додаи тарафҳо бармеояд, ки муносибатҳои ҳуқуқии баҳснок байни тарафҳо моҳи августи соли 2022 пайдо шуда, ҳуқуқҳои даъвогар ба истифодабарии манзил аз ҳамон вақт халалдор гаштааст. Коллегияи судӣ ба хулоса омадааст, ки суди марҳилаи якум ҳангоми баррасии парвандаи оилавӣ талаботи моддаи 4 КМ ва м.76 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" оид ба амали қонунҳои маданӣ вобаста ба вақтро маддӣ назар намуда, дар қисми асосноккунии ҳалнома меъёрҳои қонунеро татбиқ намудааст, ки набояд татбиқ гарданд. Аз ин рӯ, коллегияи судӣ ба хулоса омадааст, ки барои бо тартиби кассатсионӣ бекор кардани ҳалнома мутобиқи с.4 қ.1 м.351 ва м.353 КММ асосҳо мавҷуд мебошанд, зеро суди марҳилаи якум ҳалномаро бо вайрон кардан ва нодуруст татбиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ қабул намудааст.

Ҳалнома ҳамон вақт асоснок мебошад, агар ҳолатҳои парванда бо далелҳои дар маҷлиси судӣ таҳқиқгардида, ки ба талаботи қонун оид ба дахлдорӣ ва қоизии далелҳо қавобгӯй мебошанд ё ҳолатҳое, ки мувофиқи м.64 КММ ба исбот эҳтиёҷ надоранд тасдиқ шуда бошанд. Инчунин, вақте ки ҳалнома хулосаҳои мукаммали судро дар бар мегирад, ки онҳо аз ҳолатҳои воқеии парванда бармеояд.[179]

Инчунин, ҳалнома дар он маврид асоснок эътироф мегардад, ки агар хулосаҳои ниҳоии суд бо ҳолатҳои парванда муқаррар карда шуда бошанд.

Барои қабул намудани ҳалномаи қонунӣ ва асоснок судяҳо бояд принсипи бевосита ва шифоҳӣ будани муҳокимаи судиро қатъиян риоя намоянд, зеро суд ҳангоми баррасии парванда уҳдадор аст бевосита баёноти тарафҳо ва шахсони сеюм, нишондоди шоҳидон, хулосаи коршиносони судӣ, маслиҳат ва шарҳи мутахассисонро шунавад, бо далелҳои хаттӣ шинос шавад, далелҳои шайъиро аз назар гузаронад, сабтҳои овозро шунавад, сабтҳои видеоро тамошо намуда, далелҳои парвандаро таҳқиқ намояд.[180]

---

[179]б.2 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 "Дар бораи ҳалномаи судӣ" https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

[180]қ.1 м.160 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Муҳокимаи парванда шифоҳӣ ва дар ҳайати тағйирнаёбандаи суд анҷом дода мешавад. Ҳангоми иваз намудани судя дар ҷараёни баррасии парванда муҳокимаи судӣ бояд аз ибтидо оғоз карда шавад. Риоя намудани ин қоида барои қабул намудани ҳалномаи қонунӣ ва асоснок муҳим аст.

Муқаррарот дар бораи қонунӣ ва асоснок будани ҳалнома нисбат ба ҳама ҳалномаҳо татбиқ мегардад ва ин ду мафҳум (қонунӣ ва асоснокӣ) бо ҳам алоқаманд мебошанд. Агар ҳалнома беасос бошад, он гоҳ онро қонунӣ эътироф кардан мумкин нест.

Қонунӣ ва асоснок будани ҳалнома танҳо дар сурате таъмин карда мешавад, ки агар тартиби муқаррарнамудаи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии маданӣ оид ба оғоз намудани парванда (м.м.5, 134-136 КММ), омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ (м.м 150-153 КММ), муҳокимаи судӣ инчунин, тартиби қабул ва таҳия намудани худи ҳалнома риоя карда шуда бошад. Масалан, моҳиятан баррасӣ намудани парванда, ки бо вайрон кардани талаботи м.м.137-138 КММ ба мурофиаи суд қабул шудааст, барои аз ҷониби суди болоӣ бекор кардани ҳалномаи қабулшуда бо қатъ намудани баррасии парванда ва ё бебаррасӣ мондани аризаи даъвогӣ асос мебошад (м.м.350-353, 376 КММ).

Бо дарназардошти принсипи баробарҳуқуқии мурофиавӣ, тарафҳо уҳдадоранд он ҳолатҳоеро исбот кунанд, ки ҳамчун асоси талабот ва норозигии худ ҳангоми аз ҷониби тарафи дигар мавриди баҳс қарор гирифтани ин ҳолат ба он истинод менамояд, аз ин рӯ зарур аст, ки дар рафти маҷлиси судӣ ҳар як далеле, ки тарафҳо барои исбот намудани талаботи даъвои худ ва норозигиашон, ки ба талаботи дахлдорӣ ва ҷоизии далелҳо ҷавобгӯй мебошанд, мавриди таҳлил қарор дода шаванд.[181]

Мувофиқи тавзеҳоти дастурии б.8 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” бо дарназардошти он, ки яке аз принсипҳои муҳокимаи судӣ бевосита будани он мебошад (м.160 КММ), ҳалнома танҳо ба он далелҳое асоснок карда мешавад, ки дар маҷлиси судӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда бошанд. Агар ҷамъоварии далелҳо аз ҷониби суди парвандаро баррасикунанда гузаронида нашуда бошад, (масалан, супориши судӣ м.65 КММ) бо он шарте суд ҳуқуқ дорад ҳалномаро ба ин далелҳо асоснок намояд, ки агар онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи КММ (масалан, м.66-и КММ тартиби иҷрои супориши судӣ) ба даст оварда шуда, дар маҷлиси судӣ эълон гардида, ба шахсони

[181] б.14 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №23 аз 26 июни соли 2009 “Дар бораи татбиқи меъёрҳои Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳо дар суди марҳилаи якум” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

иштирокдорони парванда, намояндагони онҳо ва ҳангоми зарурат ба шоҳидон, коршиносони судӣ ва мутахассисон пешниҳод карда, дар мачмӯъ бо дигар далелҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шуда бошанд. Ба далелҳое, ки аз тарафи суд бо риояи талаботи муқарраркардаи КМГ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудаанд инчунин, ба далелҳое, ки бо вайрон намудани меъёрҳои муқаррарнамудаи қонун ба даст оварда шудаанд, асоснок намудани ҳалнома роҳ дода намешавад.

Мувофиқи қ.2 м.200 КММ суд ҳалномаро танҳо бо он далелҳое асоснок менамояд, ки дар маҷлиси судӣ таҳқиқ гардидаанд. Бинобар ин, суд ҳуқуқ надорад далелҳоеро, ки дар маҷлиси судӣ таҳқиқ нашудаанд, ҳангоми қабул намудани ҳалнома ба асос гирад.

Ҳеҷ яке аз далелҳо барои суд дорои эътибори қаблан муқарраргардида намебошад. Суд дахлдорӣ, ҷоизӣ, саҳеҳии ҳар як далелро дар алоҳидагӣ инчунин, басандагӣ ва алоқаи мутақобилаи ин далелҳоро дар маҷмӯъ баҳо медиҳад. Суд уҳдадор аст натиҷаҳои баҳодиҳии далелҳоро дар ҳалнома дарҷ намояд, ки дар он асосҳо барои қабули баъзе далелҳо чун воситаи асоснокунии хулосаи суд қабул гардида, дигар далелҳоро суд рад намудааст инчунин, асосҳое, ки мутобиқи онҳо ба як далел нисбат ба далели дигар афзалият дода шудааст, зикр мегарданд.[182]

Бинобар ин судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки нодуруст муайян кардани ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта, исбот нагардидани ҳолатҳои муайяннамудаи суди марҳилаи якум, ки барои парванда дорои аҳамият мебошанд ва номутобиқатии хулосаи суди марҳилаи якум вобаста ба ҳолатҳои парванда, ки дар ҳалнома дарҷ гардидаанд, аз асоснок набудани ҳалнома шаҳодат дода, мувофиқи қ.1 м.351 КММ асос барои бекор кардан ё тағйир додани ҳалнома мебошад.

Ғайр аз ин, ҳалнома бояд мукаммал (пурра) бошад ва ба ҳамаи талаботҳои пешниҳоднамудаи тарафҳо ҷавобҳои ниҳоӣ дошта бошад. Он инчунин, бояд бо итминон тавсиф карда шавад. Ҳалнома бояд ба талаботҳои пешниҳодшуда чунин посух диҳад, ки номуайянӣ ва тафсирҳои гуногунро истисно кунад. Аз ин рӯ, қабул намудани ҳалномаҳо бо шартҳои алтернативӣ ба монанди “молу мулк баргардонда шавад ва агар/ё ..... арзиши он рӯёнида шавад” мумкин нест. Инчунин, ҳалнома бояд бечунучаро бошад, яъне иҷрои талаби даъвогарро ба пайдо шудан ё ба вуҷуд наомадани ягон шарт вобаста насозад.

Дар асоси муҳокимаи асосҳои талабот, баҳо додан ба далелҳои пешниҳодшуда суд муайян мекунад, ки кадом ҳолатҳои барои парванда

[182]м.70 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

аҳамиятдошта муқаррар шудаанд ва кадомашон не, меъёри зарурии ҳуқуқии татбиқшавандаро интихоб мекунад ва оид ба қонеъ гардонидани талаботи пешниҳодшуда ва ё рад намудани он хулоса мебарорад. Маҳз дар ин ҷо нуктаи назари тарафҳо, ки дар музокираҳои судӣ баён шудаанд, метавонанд таъсири худро ба ҳалномаи қабулмешуда оид ба мулоҳизаи далелҳои пешниҳодшуда ва нисбат ба меъёри қонун, ки бо парванда бояд татбиқ карда шавад расонанд.

Мазмуни ҳалномаи дар шакли асосноки ниҳоӣ омодашуда аҳамияти муҳим дорад, зеро норавшан будани асоснокӣ, нокифоя будани асоснокқунии хулосаҳои суд метавонад минбаъд боиси бекор шудани ҳалнома гардад. Ҳалнома бояд тавре тартиб дода шавад, ки хар як шахси холис бо он розӣ нашуда натавонад.

Усули ҳуқуқӣ барои таҳияи ҳалнома аҳамияти калон дорад. Мафҳуми усули ҳуқуқи ҳангоми таҳия намудани ҳалномаи суд ба маънои васеъи калима, маҷмӯи воситаҳо ва методҳое мебошанд, ки ҳадафҳои пешбинишуда ё пешгирифтаи мақомоти судӣ ба ҷараёни меъёрҳои ҳуқуқӣ мутобиқ карда шуда, тавассути амалишавии ин меъёрҳо ба натиҷаи дилхоҳ мерасанд. Ба маънои маҳдуд, усули ҳуқуқи бо масъалаҳое, ки шароити истифодаи забони қонун ва сохтори тафаккури ҳуқуқиро муайян мекунанд ё аниқ месозанд инчунин, усулҳо, воситаҳо ва қоидаҳои гуногуни техникиро маҳдуд мекунанд.

Талаботи асосии усули ҳуқуқи барои таҳияи ҳалнома риояи қоидаҳои зерин мебошанд:

-баёни мантиқии мавод;

-дақиқ ва муайян будани шакли ҳуқуқии истифодашуда: таркибҳо, ибораҳо, истилоҳот;

-аниқии баён ва дастрасии забон ҳангоми навиштани ҳуҷҷатҳо;

-истифодаи истилоҳоту ибораҳои муқарраршуда, ки васеъ истифода мешаванд;

-сарфакорӣ, зарфиятҳои муносиб, кутоҳии тасвияҳо;

-сохтмони системавии ҳуҷҷатҳо: яклухтӣ, робитаи дохилӣ ва вобастагии ҳама қисмҳо, пайдарпайии мантиқии изҳорот.

Ҳангоми таҳия намудани ҳалнома, судяҳо бояд услуби муқарраршударо риоя кунанд. Услуби нутқ ҳамчун маҷмӯи усулҳои истифодаи воситаҳои забонӣ фаҳмида мешавад. Санади судӣ як услуби расмӣ-корӣ дошта, забони санади судӣ ба услуби қонунгузорӣ (ҳуқуқӣ) тааллуқ дорад.

Дар ҳалнома баёноти тарафҳо, шахсони сеюм, дигар шахсони иштирокдорони парванда, нишондоди шоҳидон, хулосаи коршиноси судӣ ё маслиҳати мутахассис, аз номи шахси сеюм дар доираи моҳияти баҳс мухтасар дарҷ карда мешаванд.

Матни ҳалнома ба забони давлатӣ қабул карда мешавад. Матни ҳалнома бояд бо риояи услуби расмии забони адабӣ, сода ва равону фаҳмо баён карда шавад, ки тафсири ҳархеларо истисно намояд.

Дар матни ҳалнома ба тафсилоти аз ҳад зиёди ҳолатҳо ва овардани иқтибос аз меъёрҳои ҳуқуқие, ки ба ҳалли баҳс алоқаманд нестанд инчунин, ба истифодаи ихтисороти қабулнашуда ва калимаҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои расмӣ истифода намешаванд, иҷозат дода намешавад, аз ин рӯ бояд ибораҳои пешбининамудаи КММ ва қонунгузорӣ аниқ истифода бурда шаванд.

Мувофиқи м.48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” истинод ба қисмҳои таркибии санади меъёрии ҳуқуқӣ инчунин, ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ҳолате истифода мешавад, ки нишон додани робитаи мутақобилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё худ пешгирии такрори онҳо зарур бошад.

Дар мавриди истинод намудан ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисмҳои таркибии онҳо) инҳо зикр карда мешаванд:

-ишора ба меъёри дақиқ (дар мавриди зарурӣ то сархат), ки ба он истинод карда мешавад (ҳангоми истинод кардан ба қисми таркибии алоҳидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ);

-намуди санади меъёрии ҳуқуқӣ;

-номи санади меъёрии ҳуқуқӣ.

Дар мавриди истинод намудан ба санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ илова ба нишонаҳои дар қисми 2 моддаи мазкур пешбинишуда рақам ва санаи қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ низ зикр карда мешаванд. Дар ҳолатҳои якчанд маротиба ба санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ истинод кардан танҳо намуди санад, рақам ва санаи қабули он ва ё шакли мухтасари он зикр карда мешаванд.

Ба санади меъёрии ҳуқуқӣ ё худ ба қисми таркибии он дар ҳамин санади меъёрии ҳуқуқӣ танҳо бо истифодаи калимаҳои "мазкур" ва ё "ҳамин" истинод карда мешавад.

Ҳалнома бояд мутобиқати дохилӣ дошта, аз рӯйи мантиқ тартиб дода шавад ва ба услуби ҳуқуқӣ ҷавобгӯ бошад. Ҳангоми навиштани матни ҳалнома мафҳумҳо ва истилоҳоти истифодашаванда бояд фаҳмо ва ҳаммаъно

бошанд. Мазмуни матни моддаҳо, қисмҳо ё бандҳо дар дигар моддаҳо, қисмҳо ё бандҳо дар ҳалнома набояд такроран баён карда шаванд. Ҳалнома ва қисмҳои таркибии он бояд возеҳу мухтасар ва фаҳмо бошад, мазмуни асосии матни онро дақиқ ифода намояд.

Ҳангоми таҳияи ҳалнома истилоҳҳои муайян истифода мешаванд, ба монанди:

-тарафҳо, шахсони сеюм ба суд баёнотҳои шифоҳӣ ва ё хаттӣ медиҳанд;

-ҷавобгар нисбати аризаи даъвогӣ норозигӣ пешниҳод менамояд;

-прокурор дар музокираҳои баромад намуда хулоса медиҳад;

-шоҳид нишондод медиҳад;

-коршинос хулоса медиҳад;

-мутахассис маслиҳат ё тавзеҳи хаттӣ ё шифоҳӣ медиҳад;

-суд далелҳоро таҳқиқ менамояд.

Ҳалнома протоколи маҷлиси судӣ ё ин ки стенография намебошад, ки дар он тамоми маълумоти аз ҷониби суд бадастовардашударо дар бар гирад. Муфассал, бидуни зарурият нишон додани ҳамаи баёноти тарафҳо, нишондодҳои ҳамаи шоҳидон, сарфи назар аз он, ки онҳо барои ҳалли баҳс аҳамияти ҳуқуқӣ доштанашон, ҳаҷми ҳалномаи судро печидатар ва дарки онро душвор мегардонад, онро барои тарафҳо нофаҳмо мегардонад.

Дар ҳалнома набояд ба истинодоварии барзиёдатии меъёрҳои ҳуқуқӣ бархилофи қоидаҳои усусли ҳуқуқӣ оид ба баёни мантиқии мавод, сарфакорӣ, зарфиятҳои муносиб, кутоҳии тасвияҳо роҳ дода шаванд. Ҳангоми истифода намудани ихтисорот, махсусан татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бори аввал ибора ё номи санади меъёрии ҳуқуқиро пурра зикр кардан лозим аст, зеро ихтисороти овардаи судя дар ҳалнома бояд барои тарафҳо фаҳмо бошад.

Ҳангоми истифода намудани калимаи мураккаби мухтасаршуда (аббревиатура) ва ихтисори шартии маъмули калимаҳо (мисол, ниг.-нигаред, ғ.-ғайра) дар аввал истифода шудани ибораи ихтисоршуда бояд онро пурра нишон дода, баъд ихтисоротро нишон мумкин аст. Масалан, Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КММ ва ё ҳамин Кодекс), Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМ ё ин ки Кодекси мазкур) ва ғайраҳо.

Филологҳо намудҳои зиёди хатоҳои услубиро муайян мекунанд, ки ҳангоми таҳия намудани ҳалнома бояд пешгирӣ карда шаванд. Хатоҳои услубӣ, ки дар ҳалли онҳо роҳ дода мешаванд, инҳоянд:

- тавтология (ифодаи такрорӣ);

- истифодаи нодурусти калимаҳо;

- такрорёбӣ;

-вайрон кардани тартиби калимаҳо, инверсия (ивазшавии ҷойи калима бо мақсади услубӣ ва суханпардозӣ);

- ба ҳам пайвастани ибораҳои ҳиссадор;

- ҷумлаҳои калонҳаҷм;

- хатоҳои грамматикӣ;

- хатоҳои имлоӣ;

- хатоҳои аломатҳои китобатӣ.

Бо дарназардошти ин, судяҳо набояд ба камбудиҳои дар боло зикршуда роҳ диҳанд, балки истилоҳоти ҳуқуқиро ба роҳ монда, матни ҳалномаро дуруст ва дақиқ шарҳ диҳанд.

Мувофиқи қ.1 м.200 КММ ҳалнома бояд қонунӣ ва асоснок бошад. Вазифаҳои мурофиаи судии маданӣ аз дуруст ва саривақт баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳои маданӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии вайронгардида ё мавриди баҳс қарордоштаи шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ инчунин, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони дигар, ки субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, манзил, замин, экологӣ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд, иборат мебошад.[183]

Баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судӣ мебошад, яъне ҳалнома бо парвандаи маданӣ ин санади судӣ бо татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ ва моддӣ мебошад. Бояд зикр кард, ки ҳалнома дар он вақт дуруст хохад буд, ки мувофиқи талаботи қонунҳои моддӣ ва мурофиавӣ қабул карда шуда бошад. Зеро, ҳалномаи судие, ки ҳуқуқу ухдадориҳои маданиро муқаррар намудаанд асосҳои ба вуҷуд омадани ҳуқуқу ухдадориҳои маданӣ мебошанд.[184]

Мувофиқи б.2 тавзеҳоти дастурии Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” Ҳалнома дар он ҳолат қонунӣ мебошад, ки агар он бо риояи дақиқи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ қабул карда шуда, ба меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ, ки нисбати ҳамин муносибатҳои ҳуқуқӣ татбиқ карда мешаванд, пурра мувофиқат кунад, ё дар ҳолатҳои зарурӣ ба татбиқи қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ асос карда шуда бошад ё аз принсипҳои асосҳои умумию моҳияти қонунгузории маданӣ ва

[183]м.3 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj
[184]с.3 қ.2 м.7 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

талаботи бовиҷдонӣ, оқилӣ ва адолат (м.м.1 ва 2 КММ ва м.м. 4 ва 6 КМ) бармеояд.

Ҳамзамон судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мувофиқи қ.3 м.6 КМ инчунин, тибқи қ.3 м.86 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз рӯйи қиёс татбиқ намудани меъёрҳое, ки ҳуқуқи маданиро маҳдуд сохта, ҷавобгариро муқаррар менамоянд, манъ аст. Яъне, истифодаи қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ дар мавриди маҳдуд намудани ҳуқуқҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ инчунин, муқаррар намудани ҷавобгарӣ манъ мебошад.

Мисол, мутобиқи б.7 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1 аз 26 декабри соли 2023 “Дар бораи баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми татбиқ намудани Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд” суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мутобиқи муқаррароти қ.3 м.7 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи қиёс (қонун ва ё ҳуқуқ) татбиқ намудани меъёрҳое, ки ҳуқуқ ба манзилро маҳдуд ва ҷавобгариро муқаррар менамоянд, манъ аст.

Дар самти ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, шаҳрванд, таъмини манфиатҳои қонунии ҷомеа ва давлат санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нақши муҳим мебозанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори иҷрои бечунучарои шартномаҳои байналмилалӣ буда, пуштибонии худро ба принсипи иҷрои софдилонаи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ эълон намудааст.

Пеш аз ҳама, ин ба ҳуқуқҳои инсон дахл дорад, ки дар санадҳои байналмилалӣ масалан, “Эъломияи умумии ҳуқуқи башар”, ки 10 декабри соли 1948 аз ҷониби Ассамблея Генералии Созмони Милали Муттаҳид қабул шудааст, дар “Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ”, ки бо қатъномаи 2200А(XXI) Ассамблеяи Генералии СММ 16 декабри соли 1966 қабул шуда, аз 3 январи соли 1976 эътибор пайдо кардааст инчунин, дар “Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ”, ки бо қатъномаи 2200А(XXI) Ассамблеяи Генералии СММ 16 декабри соли 1966 қабул шуда, аз 23 марти соли 1976 эътибор пайдо кардааст ва дигар шартномаҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст дарҷ гардидаанд.

Мувофиқи муқаррароти қ.3 м.10 Конститутсияи Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Бо дарназардошти муқаррароти конститутсионии дар боло номбурда суд,

судяҳо зимни баррасии парванда ҳуқуқ надоранд меъёри қонуни батанзимдарорандаи муносибатҳои ҳуқуқии бавуҷудомадаро татбиқ намоянд, агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дигар қоидаҳоро нисбат ба қонуни татбиқшаванда муқаррар намуда бошанд. Дар чунин ҳолатҳо меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ бояд татбиқ карда шаванд.[185]

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст амали мустақиман ва бевосита доранд ва аз ҷониби суд, судяҳо зимни баррасии парвандаҳои маданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ карда мешаванд, чунончӣ:

- ҳангоми баррасии парвандаҳои маданӣ, агар шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартибу қоидаҳои дигарро нисбат ба қонунҳои моддии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намуда бошанд, ки матлаби муҳокимаи судӣ гардидаанд;

- мавриди баррасии парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ, агар дар шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартибу қоидаҳои дигари мурофиаи судӣ нисбат ба қонунгузории мурофиавии маданӣ, мурофиавии ҷиноятӣ ё мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ гардида бошад;

- ҳангоми баррасии парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ, агар шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатеро аз ҷумла, муносибат бо шаҳрвандони хориҷӣ, ки предмети баҳси судӣ гардидааст, танзим намуда бошанд.[186]

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки татбиқи нодурусти меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар ҳолате ҷой дошта метавонад, ки агар суд меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалиеро, ки бояд татбиқ гардад, татбиқ накарда бошад, ё меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалиеро татбиқ намуда бошад, ки набояд татбиқ гардад ё суд меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро нодуруст маънидод карда бошад.

Ғайр аз ин, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки агар байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ҳангоми баррасӣ ва ҳал кардани баҳси мазкур татбиқ карда мешаванд, мухолифат ҷой дошта бошад, пас ҳалнома ҳамон вақт қонунӣ ҳисоб мешавад, ки суд қонуни эътибори бештари ҳуқуқӣ доштаро татбиқ карда бошад.

---

[185] б.4 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №5 аз 29 сентябри соли 2014 “Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/mfs/

[186] Б.6 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №9 аз 18 ноябри соли 2013 “Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф гардидаанд” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

Мисол, агар зимни баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо вобаста ба манзил байни меъёрҳои Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии баробардараҷа ихтилофот ва номутобиқатӣ ошкор гардад, суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки меъёрҳои Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қонуни махсус қувваи бештари ҳуқуқӣ доранд.[187]

Ҳангоми муқаррар намудани ихтилофот байни меъёрҳои ҳуқуқи, ки бояд ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парванда татбиқ карда шаванд инчунин, тартиби бартараф намудани ин ихтилофотҳо, судяҳо бояд меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Дар бораи суди конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва инчунин, меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” ва КММ-ро ба роҳбарӣ гиранд.

Инчунин, ба судяҳо зарур аст, ки тавзеҳотҳои дастурии Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ” таҳти №5 аз 29 сентябри соли 2014 ва “Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф гардидаанд” таҳти №9 аз 18 ноябри соли 2013 ҳатман ба роҳбарӣ гиранд, зеро мувофиқи қ.5 м.82 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи судиро оид ба амалияи татбиқи қонунгузорӣ ҷамъбаст намуда, тавзеҳоти дастурӣ медиҳанд ва онҳо барои судҳо, мақомоту шахсони мансабдоре, ки қонуни тавзеҳшударо татбиқ менамоянд, ҳатмӣ мебошанд.

Суд ҳангоми қабул намудани ҳалнома меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавиро татбиқ намуда, Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба роҳарӣ мегирад ва меъёрҳои дахлдорӣ онро татбиқ менамояд.

Мувофиқи муқаррароти м.10, Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Бо назардошти ин меъёри конститутсионӣ, судҳо ҳуқуқ надоранд қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро, ки хилофи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, татбиқ намоянд.

[187]б.3 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1 аз 26 декабри соли 2023 “Дар бораи баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми татбиқ намудани Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

Мувофиқи с.3 қ.2 м.353 КММ агар ҳангоми баррасии парванда қоидаҳо оид ба забони мурофиаи судӣ риоя нагардида бошанд ҳалномаи суди марҳилаи якум новобаста аз далелҳои шикоят ва эътирози кассатсионӣ бояд бекор карда шавад. Бо назардошти ин, талаботи дигар оид ба қонунӣ будани ҳалнома забони мурофиаи судӣ ҳисоб меравад.

Мувофиқи муқаррароти м.88 Конститутсияи Тоҷикистон мурофиа ба забони давлатӣ ва ё забони аксарияти аҳолии маҳал баргузор мегардад. Шахсоне, ки забони мурофиаро намедонанд, бо тарҷумон таъмин карда мешаванд.

Принсипи забони мурофиаи судӣ барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои субъектҳои мурофиаи маданӣ муҳим буда инчунин, дар м.2 Конститутсияи Тоҷикистон, ки мувофиқи он забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ мебошад, асос ёфтааст.

Ҳамзамон судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мувофиқи муқаррароти м.2 Конститутсия ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳуқуқ доранд аз забони модариашон озодона истифода кунанд. Бо дарназардошти меъёри конститутсионии мазкур шахсони иштирокдорони парванда, ки забони давлатиро намедонанд, ҳуқуқ доранд бо забони модариашон дар мурофиаи судӣ баёнот ва хулоса диҳанд, баромад ва пешниҳодҳо кунанд инчунин, аз хизмати тарҷумон истифода намоянд. Дараҷаи донистани забони мурофиавӣ ва кифоягии он барои дар мурофиаи судӣ иштирок намудан, бояд бо дарназардошти фикри шахси ба хизмати тарҷумон эҳтиёҷманд муайян карда шавад. Ҳуқуқи истифодаи забони модарӣ ё хизмати тарҷумон ҳангоми омодасозии парвандаи маданӣ, оилавӣ ба муҳокимаи судӣ пас аз барои иштирок ба парванда ҷалб кардани шахс, фаҳмонида мешавад.[188]

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мурофиаи судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ бо забони давлатӣ ё забони аксарияти аҳолии маҳал сурат мегирад. Бинобар ин гузаронидани мурофиаи судӣ, таҳияи ҳуҷҷатҳо ва қабули санадҳои судӣ бо хоҳиши тарафҳо бо дигар забон роҳ дода намешавад.[189]

---

[188]қ.2 м.10 КММ с.3 қ.2 м.7 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj ва б.8 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №5 аз 29 сентябри соли 2014 “Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/mfs/

[189] б.1 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №23 аз 26 июни соли 2009 “Дар бораи татбиқи меъёрҳои Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳо дар суди марҳилаи якум” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

Мувофиқи қ.1 м.3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ мебошад.

Тибқи м.5 ва м.м. 16-17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” коргузории мақомоти ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ сурат мегирад.

Инчунин, мутобиқи қ.6 м.3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳангоми истифодаи забони давлатӣ риояи муқаррароти қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати он ҳатмӣ мебошад.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №268 аз 30 июни соли 2021 “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ” тасдиқ карда шудааст.

Мисол, мувофиқи Қоидаҳои мазкур дар матни санадҳо пасвандҳои шумораи тартибии -ум (-юм), -умин (-юмин) пас аз рақам навишта намешаванд. Дар дар ҳалнома меъёрҳои қонун бо чунин тарз бояд навишта шаванд: “сархати дуюми қисми 4 моддаи 20 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва ғайра.

Агар шумораҳо бо рақамҳои римӣ навишта шаванд, пасвандҳои -ум (-юм), -умин (-юмин) ва бандаки изофӣ навишта намешаванд, мисол, асри XX, синфи X, боби II ва ғайра.

Агар ҳарфҳо барои муайян кардани шумораҳои бо рақам ифодаёфта оянд, чунин навишта мешаванд: 3(а), 3(б), 4(в), хонандаи синфи 11(г), кӯчаи Борбад 98(в), бинои №10(д), хонаи №5.

Номи мақомоти давлатӣ ва мансабҳои ҳокимияти давлатӣ дар шакли расмии қабулшуда навишта мешаванд.

Мувофиқи м.12 Қонуни конститутсионӣ “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” яке аз талабот нисбати номзадҳо ба вазифаи судя донистани забони давлатӣ мебошад.

Аз мазмун ва талаботи қонунгузории болозикр бармеояд, ки тамоми хуҷҷатгузорӣ дар судҳои ҷумҳурӣ инчунин, таҳия намудани санадҳои судии қабулшуда аз ҷумла, ҳалнома бояд ба забони тоҷикӣ тартиб дода шаванд. Ҳангоми баррасии парванда дар судҳои марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратӣ забони муқарраршудаи мурофиаи судӣ як мебошад.

Аз ин рӯ судяҳо ҳангоми таҳия намудани ҳалнома ва дигар санадҳои судӣ қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикиро бояд дақиқ риоя намоянд. Ҳалнома бояд бо тартиби қоидаҳои болозикр таҳия шуда набояд ба худкорӣ ва вайрокунии услуби имлои тоҷикӣ роҳ дода

шаванд, дар акси ҳол ин вайрокунии ҷиддии меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ ҳисоб рафта, барои бекор гардидани ҳалнома асос мегардад.

Мисол, дар асоси қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои мадании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалномаи суди шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд бекор шудааст. Яке аз асосҳо барои бекор кардани ҳалнома ин бо хатоҳои зиёди имлоӣ таҳия шудани он ва риоя накардани меъёрҳои қоидаи имлои забони тоҷикӣ мебошад. Коллегияи судӣ ҳалномаи қабулнамудаи суди марҳилаи якумро қонунӣ ва асоснок ҳисоб накардааст, зеро он ба принсипи қонунӣ будани ҳалнома ҷавобгӯй набудааст.

Инчунин, талаботҳои қоидаҳои мазкур ба тамоми марҳилаҳои мурофиаи судӣ аз ҷумла, ҳангоми қабули аризаи даъвогӣ, гузаронидани омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, баррасии парванда дар маҷлиси судӣ, қабул намудани ҳама гуна таъинотҳо ва ҳалнома, ҳангоми вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда инчунин, иҷрои ҳалномаҳо низ татбиқ мешаванд.

Муқаррарот дар бораи риояи принсипи забони мурофиаи судӣ нисбат ба ҳамаи шахсони иштирокдорони мурофиаи суди маданӣ аз ҷумла, ба судяҳо татбиқ мешаванд.

Судяҳо бояд аз шахсони иштирокдори парванда ва дигар иштирокдорони мурофиаи судӣ муайян намоянд, ки онҳо забони мурофиаи судиро медонанд, оё онҳо ба хизмати тарҷумон эҳтиёҷ доранд ё не, ба онҳо ҳуқуқи додани баёнотро бо забони модариашон фаҳмонанд.

Қоидаҳои пешбининамудаи КММ нисбат ба шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд низ дахл дошта, судяҳо дар ҳолатҳои зарурӣ бояд иштироки тарҷумон ва сурдотарҷумонро, ки ишораҳои шахси кар ва гунгро мефаҳмонад ҳатман таъмин намоянд.

Дар марҳилаи омодасозии парвандаи маданӣ ба муҳокимаи судӣ, судя бояд аз даъвогар, ҷавобгар, дигар шахсони иштирокдорони парванда муайян намояд, ки онҳо забони пешбурди мурофиаро медонанд ё не, ва ба хизмати тарҷумон эҳтиёҷ доштанро муайян намояд. Одатан, ин дар рафти суҳбат аниқ карда мешавад. Фаҳмидан лозим аст, ба кадом забон таҳсил кардааст, дар кадом маҳал зиндагӣ мекунад, дар куҷо кор мекунад, саволҳо то чӣ андоза дуруст фаҳмида мешаванд ва ба онҳо чӣ гуна ҷавобҳо дода мешаванд. Ба шахсоне, ки забони мурофиаи судиро намедонанд, инҳо дохил мешаванд: онҳое, ки нутқи оддии гуфтугӯро ба забони мурофиаи судӣ намефаҳманд, бо ин забон озодона фикру ақидаи худро баён карда наметавонанд, ҳангоми сухан гуфтан ва хондани матн душворӣ мекашанд.

Чунин танзими муфассали асосҳои забони мурофиаи судӣ бо мақсади пешгирии вайрон гардидани ҳуқуқҳои шахсони иштирокдорони парванда, таъмин намудани кафолати конститутсионии ҳуқуқи шаҳрвандон ба ҳифзи судӣ, истисно кардани шикоятҳои беасос оид ба аз ҷониби суд вайрон кардани забони мурофиаи судӣ, ки асоси бечунучарои бекоршавии санади судӣ мебошад, пешбинӣ шудааст.

Дар хотима аз мазмуни муқарраротҳои дар боло зикргардидаи қонуни муровифавӣ метавон хулоса кард, ки иҷро накардани ӯҳдадориҳо оид ба омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ метавонад ба нодуруст муайян кардани меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва мавзуи исбот гардад, вале вайрон кардани принсипҳои бевосита ва шифоҳӣ будани муҳокимаи судӣ ва забони муҳокимаи судӣ ба баҳодиҳии нодурусти далелҳои пешниҳодгардида ва далелҳое, ки дар маҷлиси судӣ таҳқиқ нашудаанд, оварда мерасонад.

Ҳангоми таҳия намудани ҳалнома риоя кардани талабот оид ба сохтори он муҳим аст.

Мутобиқи қ.1 м.202 КММ муҳтавои ҳалнома аз қисмҳои муқаддимавӣ, баёнӣ, асосноккунӣ ва хулосавӣ иборат мебошад. Мафҳуми сохтори ҳалнома дар меъёрҳои КММ нишон дода шудааст.

Сохтор (аз лотинӣ - structura - сохт, таркиб, тартиб) ҳамчун маҷмӯи робитаҳо ва муносибатҳои устувори объект, ки пуррагӣ ва айнияти онро бо ҳамдигар таъмин мекунанд, яъне нигоҳдоштавии хусусиятҳои асосӣ ҳангоми тағйироти гуногуни берунӣ ва дохилӣ, фаҳмида мешавад.

Қисмҳои ҳалнома бо пайдарҳамии муқаррарнамудаи қ.1 м.202 КММ таҳия карда мешаванд. Ҷойгиркунии муайяни қисмҳо дар ҳалнома ва истифодаи тасвияҳои муайян барои гузаштан аз як қисм ба қисми дигари ҳалнома маҷмӯи робитаҳои устувор байни қисмҳои ҳалнома мебошад.

Дар ҳалнома мутобиқи амалияи ҷойдоштаи судӣ, истилоҳҳои зерини тавсифбашуда истифода мешаванд: аз қисми муқаддимавӣ ба қисми баёнӣ калимаҳои ”Муқаррар кард:”, барои гузаштан аз қисми баёнӣ ба қисми асосноккунӣ ҷумлаи “Суд баёноти тарафҳоро шунида, маводи парвандаи маданиро омухта ба хулосаи зерин омад”, барои аз қисми асосноккунӣ ба қисми хулосавӣ гузаштан калимаҳои “Суд дар асоси моддаҳои 198-202 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳал кард:” бояд истифода бурда шаванд. Чунин хусусияти сохтор ба монанди пуррагӣ ва айният ба худ, иҷрои муқаррароти қонунро оид ба муҳтавои ҳатмии ҳар як қисми ҳалнома таъмин менамояд ва ба хонанда возеҳ нишон медиҳад, ки суд ҳар як чор қисми ҳалномаро дар санади судӣ дарҷ намудааст.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки риоя намудани пайдарҳамии таҳияи ҳалнома уҳдадории бо қонун муқарраршуда мебошад.

Инчунин, судяҳо бояд талаботҳои б.б. 25.2, 25.3, 25.4 санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ[190] “Дастурамал оид ба коргузорӣ дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармоиши Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №48 аз 11 декабри соли 2017 тасдиқ шудааст, риоя намоянд.

Мувофиқи б.25.2 дастурамали мазкур санадҳои судӣ аз ҷумла, ҳалнома бояд бо тартиби мазкур чоп карда шаванд:

-дар қоғази андозаи А4 (210х297 мм);

-бо фосилаи байнисатрии 1;

-бо шрифти забони тоҷикӣ - Times New Roman бо истифодаи алифбои тоҷикӣ;

-андозаи ҳарфҳо 14;

-бо сарҳадҳои аз тарафи чап 30 мм, аз тарафи рост 15 мм, аз боло ва поён 20 мм.

Дар кунҷҳои рост ва чапи болои санади судӣ реквизитҳои парванда (парвандаи маданӣ №1-2/2024) навишта мешавад.

Мувофиқи с.4 қ.1 м.8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санадҳои судии судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда мешавад. Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли ранга, якранг ва ё сиёҳу сафед истифода бурда мешавад. Тавсири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни қисми болоии саҳифаи аввали санади судӣ ҷойгир карда мешавад.

Санади судӣ, ки аз якчанд саҳифаҳо иборат аст бояд саҳифагузорӣ карда шавад. Дар саҳифаи якуми санади судӣ рақам гузошта нашуда, саҳифаҳои минбаъда рақамгузорӣ карда мешавад. Рақами саҳифа дар мобайни қисми поёнии варақ гузошта мешавад.[191]

Дар таҳия намудани санадҳои судӣ истифода намудани шрифтҳои махсуси ородиҳанда, сиёҳкунии матн, хат кашидани қисми матн, ҷудокунии қисми матн, зиёд ё кам кардани фосилаи байни сатрҳо, дар як варақ чоп намудани ду саҳифа ва дигар тағйиротҳо роҳ дода намешавад.[192]

---

[190]қ.2 м.29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

[191]б.25.3., Дастурамал оид ба коргузорӣ дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши №48 аз 11 декабри соли 2017

[192]б.25.4., Дастурамал оид ба коргузорӣ дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши №48 аз 11 декабри соли 2017

Сатри аввали ҳар як сарсатри матн бо гузоштани фосилаи муайян аз ҳудуди ҳошияи чап чоп карда мешавад. Матн бояд дар паҳнои матн дар байни ҳошияҳои чап ва рост баробар ҷойгир карда шавад.

Сархат дар мавриди зерин гузошта мешавад: одатан, дар аввали сатри ҳар фикри нав, ки дар чанд ҷумла ифода ёфтааст, ҷойи холӣ гузошта мешавад. Аз ин рӯ, ҷойи холие, ки аз аввали сатр ба миқдори гунҷоиши панҷ ҳарф аст, ҷойи сархат ном дорад. Гузоштани сархат ба мазмуни нави матне, ки ба варақ сабт мегардад, вобаста мебошад. Пас аз сарлавҳа ҳар як мавзуъ ё фикри нав дар матн ҳамеша аз сархат навишта мешавад.[193]

Ҳалномаи суд ҳуҷҷати мукаммалест, ки дар он як маротиба зикр кардани ин ё он маълумот кифоя аст, аз ин рӯ бидуни зарурат чандин маротиба такрор намудани ин ё он чизҳоро лозим нест.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки таҳия намудани санадҳои судӣ аз рӯйи шакл дар ҳамаи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мувофиқи стандарти давлатии муқарраршуда ба роҳ монда шаванд. Ҳар як санади судӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо бояд дорои маҷмӯи муайяни нишонаҳои (реквизитҳои) дақиқ ва тартиби устувори ҷойгиршавии онҳоро дошта бошад. Нишонаи мутобиқат ба стандартҳои давлатӣ ин нишонаест, ки дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона буда, мутобиқи тартиби муқарраршудаи қонунгузорӣ зери ҳимоя қарор дорад.

§2. Методикаи таҳия намудани қисми муқаддимавии ҳалнома;

Ба қисми муқаддимавии ҳалнома кам диққат дода мешавад, зеро он аз рӯйи қолабе навишта мешавад, ки дар натиҷаи таҷрибаи бамиёномадаи ҳар як судя дар алоҳидагӣ ва ё ба таври умумӣ дар низоми судӣ ҷойдошта тартиб дода мешавад. Чунин ба назар мерасад, ки бо сабаби ҷой доштани хатоҳо дар ин қисм, ҳалнома чун қоида, бекор карда намешавад. Бо вуҷуди ин, аз рӯйи тартиб додани қисми муқаддимавӣ, баъзан метавон дар бораи тахассусӣ судя инчунин, оё ӯ мефаҳмад, ки барои чӣ қисми муқаддимавии ҳалнома зарур аст, оё ӯ қоидаҳои усули ҳуқуқии тартиб додани санадҳои судиро медонад ё не, баҳо додан мумкин аст.

Гумон кардан мумкин аст, ки вайрон кардани талаботи қонун нисбат ба тартиб додани қисми муқаддимавии ҳалнома барои бекор намудани ҳалнома чун қоида асос шуда наметавонад. Зеро, ҳалномаи моҳиятан дурусти

[193] б.19 Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ, қарори №268 аз 30 июни соли 2021, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

суди марҳилаи якум наметавонад танҳо бо як фикру мулоҳизаи расмӣ бекор карда шавад (қ.2 м.351 КММ).

Аммо судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки агар дар қисми муқаддимавии ҳалнома маълумот дар бораи сана ва маҳалли эълон намудани ҳалнома мавҷуд набошад ё ин ки ҳалнома ба протоколи маҷлиси судӣ мувофиқат накунад ва ё аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудани он инчунин, насаб, ном ва номи падари судя ва дигар иштирокдорони муҳокимаи судӣ вуҷуд надошта бошад, ҳамзамон дигар талаботи ҳатмии дар қ.2 м.202 КММ пешбинишуда дарҷ нагардида бошанд, пас ин гуна вайронкунии ҷиддии меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавиро хатоҳои расмӣ ҳисоб кардан мумкин нест, аз ин рӯ дар қисми муқаддимавии ҳалнома дарҷ накардани чунин маълумотҳо ҳатман боиси дар асоси м.м.352 ва ё 376 КММ бекор шудани ҳалнома мегардад.

Дар қ.2 м.202 КММ муҳтавои қисми муқаддимавии ҳалнома пешбинӣ шудааст, ки дар он аз ҷиҳати сохторӣ маълумотҳои зерин бояд дарҷ гарданд:

1.санаи қабул намудани ҳалнома;

2.маҳалли қабул намудани ҳалнома;

3.номи суде, ки ҳалномаро қабул намудааст;

4.насаб, ном ва номи падари судя;

5.насаб, ном ва номи падари котиби маҷлиси судӣ;

6.насаб, ном ва номи падари тарафҳо;

7.насаб, ном ва номи падари дигар шахсони иштирокдорони парванда;

8.насаб, ном ва номи падари намояндагони тарафҳо ва дигар шахсони иштирокдорони парванда;

9.мавзуи баҳс ва талаботи пешниҳодшуда.

Ба ғайр аз талаботҳои болозикр дар қисми муқаддимавии ҳалнома ба судяҳо зарур аст, ки инчунин, маълумотеро, ки барои бақайдгирӣ ва муайян намудани баҳисобгирии парвандаи маданӣ ва ҳалнома ҷиҳати иҷроиши минбаъдаи он, ҳамчунин барои бойгонӣ муҳим мебошанд, яъне реквизитҳои парванда (парвандаи маданӣ №1-2/2024) дарҷ карда шаванд. Реквизит номи парвандае мебошад, ки ҳангоми бақайдгирии парванда дар суд ба он рақами тартибӣ дода шудааст.

Мувофиқи амалияи судии ҷойдошта, судяҳо дар аксар ҳолатҳо чунин маълумотро дар қисми муқаддимавии ҳалнома дарҷ мекунанд, аммо ин талабот бояд ба низоми доимӣ таҷриба гардад, зеро бо ворид гардидани унсурҳои элекронии коргузории судӣ аз ҷумла, ташкил гардидани маҳзани ягонаи санадҳои судӣ, маълумотро оид ба парванда аз реквизити он пайдо намудан мумкин аст.

Судяҳо набояд талаботи с.4 қ.1 м.8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро маддӣ назар намоянд, зеро иҷро намудани талабототи қонун уҳдадории судя мебошад. Аз ин рӯ, судяҳо тавсири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар байни қисми болоии саҳифаи аввали қисми муқаддимавии ҳалнома бояд ҷойгир намоянд.

Дар зери тавсири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми мобайн номи санади судӣ мутобиқи м.14 КММ ҳамчун “Ҳалнома” бояд навишта шавад.

Бо назардошти он, ки ҳокимияти судӣ аз номи давлат аз ҷониби судяҳо амалӣ карда мешавад, дар қисми муқаддимавии ҳалнома қабул гардидани он “Аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон” талаботи ҳатмӣ мебошад ва бояд аз ҷониби судяҳо дар қисми муқаддимавии ҳалннома дар зери калимаи “Ҳалнома” ё калимаҳои “Ҳалнома ғоибона” дарҷ карда шавад.[194]

Тибқи сохтори матни ҳалнома ҳамаи маълумотҳое, ки дар қ.2 м.202 КММ пешбинӣ шудаанд, бояд дар қисми муқаддимавӣ аз калимаҳои “Аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон” сар карда то калимаҳои “Муқаррар кард:” дарҷ карда шаванд.

Судҳоро зарур аст, ки пайдарҳамии таҳияи ҳалномаро, ки дар м.202 КММ муқаррар карда шудааст, риоя намоянд. Аз ин рӯ судяҳо ҳангоми таҳияи ҳалнома пайдарҳамии шартҳои меъёри қонунро бояд риоя намоянд. Мувофиқи меъёрҳои КММ дар қисми муқаддимавии ҳалнома маълумотҳои зерин бояд дарҷ карда шаванд:

1) Санаи қабул намудани ҳалнома маънои рӯзи эълон намудани ҳалнома вобаста ба парванда, яъне рӯзе, ки аз ҷониби суд ҳалнома ё қисми хулосавии ҳалнома дар хонаи алоҳида қабул, имзо ва эълон карда мешавад, фаҳмида мешавад. Ҳангоми тартиб додани ҳалномаи пурраи асоснок рӯзи қабул намудани ҳалнома ҳамон рӯзи имзо ва эълон гардидани қисми хулосавии ҳалнома дар толори маҷлиси судӣ мебошад.

Масалан, агар суд 19 апрели соли 2024 ба хонаи алоҳида даромада, дар ҳамон рӯз қисми хулосавии ҳалномаро тартиб ва имзо карда, онро эълон карда бошад, вале таҳияи ҳалномаи асоснокро ба муддати панҷ рӯз ба таъхир гузорад, сарфи назар аз он, ки судя ҳалномаи пурраи асосонокро рӯзи 24 апрели соли 2024 таҳия намудааст, санаи қабули ҳалнома рӯзи 19 апрели соли 2024 мебошад.

[194]м.84 Конститутсияи Тоҷикистон, қ.1 м.2 Қонуни конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қ.1 м.198 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки санаи қабул намудани ҳалнома бояд пурра навишта шавад. Рӯз ва соли қабули ҳалнома бо рақамҳои арабӣ, номи моҳ бошад бо калима (ҳамчун, 19 апрели соли 2024) нишон дода мешавад. Дар меъёрҳои КММ бевоситаи чунин талабот вуҷуд надорад, аммо тибқи б.4.9. Дастурамал оид ба коргузорӣ дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 2017, стандарти давлатӣ ду намуди навиштани санаро муқаррар намудааст: пурра масалан, “17 январи соли 2024” ва мухтасар “17.01.24”. Шакли нисбатан мувофиқ ба воситаи се ҷуфти рақамҳои арабии ба воситаи аломати нуқта ҷудо гардида, мухтасар навиштани сана мебошад (ҷуфтҳои алоҳидаи рақамҳо рӯз, моҳ, солро ифода менамоянд). Агар рақами рӯз ва рақами тартибии моҳ якрақама бошанд, он гоҳ пеш аз рақам “сифр” гузошта мешавад, масалан, агар 3 феврали соли 2024 бошад, пас 03.02.24 навиштан лозим аст.

Аммо, бо мақсади беҳтар кардани сифати ҳалнома навиштани санаи қабул намудани ҳалнома ба таври мухтасар (12.05.24) ба мақсад мувофиқ намебошад ва он бояд пурра (12 феврали соли 2024) дарҷ карда шавад. Инчунин, судяҳо ҳангоми навиштани рақамҳо дар матни ҳалнома бояд талаботи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикиро ба роҳбарӣ гиранд ва ин услуби ин қоидаҳоро риоя намоянд.

Дар дохили матни қисми муқаддимавии ҳалнома навиштани санаи қабул намудани ҳалнома нодуруст буда, санаи қабули ҳалнома аз аввал дар тарафи чапи саҳифа бе сархат нишон дода мешавад.

2) Маҳалли қабул намудани ҳалнома аз рӯйи номи шаҳр, ноҳия ё маҳалли дигаре, ки он ҷо маҷлиси судӣ гузаронида шуда ҳалнома қабул ва эълон шудааст, муайян карда мешавад. Агар ҳалнома дар бинои суд эълон карда шавад, он гоҳ номи маркази воҳиди маъмурию ҳудудие, ки дар он суди дахлдор амал мекунад, пурра навишта мешавад (мисол, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе). Қароргоҳи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маркази воҳиди маъмурию ҳудудие мебошад, ки суди дахлдор дар ҳудуди он фаъолият мекунад.[195]

Дар ҳалнома дарҷ кардани ду ҷойи қабул намудани ҳалнома иҷозат дода намешавад, масалан, дар амалияи судӣ ҳалномаҳое ҳастанд, ки дар қисми муқаддимавии он судяҳо маҳалли қабул намудани ҳалномаро бо чунин тарз дарҷ мекунанд: “Баррасӣ намуд парвандаи маданиро дар маҷлиси сайёри судӣ дар кӯчаи Карамов-8 ва дар толори маҷлиси судии Суди ноҳияи

[195]м.135 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе”. Чунин тасвияи маҳалли қабул намудани ҳалнома нодуруст мебошад.

Бо назардошти он, ки қонунгузор маҳалли қабул намудани ҳалнома он ҷойеро, ки суд ба хонаи алоҳида даромада, ҳалномаро қабул ва эълон кардани ҳалномаро муқаррар кардааст. Судяҳо бояд донанд, ки маҳалли қабул намудани ҳалнома, маҳалле мебошад, ки суд аз хонаи алоҳида баромада ҳалномаро эълон намудааст дониста мешавад.

Аз тарафи суд анҷом додани азназаргузаронӣ ва таҳқиқи далелҳои хаттӣ ё шайъӣ дар маҳалли нигаҳдошт ё ҷойгиршавии онҳо мутобиқи м.61 КММ ё ин ки аз ҷониби суд пурсиши шоҳидон дар маҳалли ҷойгиршавӣ бо сабаби беморӣ, пиронсолӣ, маъюбӣ ё дигар сабабҳои узрнок мувофиқи қ.1 м.73 КММ танҳо амали алоҳидаи мурофиавӣ ҳисоб рафта дар ҳеҷ ҳолат маҳалли қабул намудани ҳалнома ба ҳисоб намеравад.

Агар суд дар маҷлиси сайёри судӣ амалҳои дар м.м.61 ва 73 КММ ва ғайраҳоро анҷом диҳад ва дар ҳамин рӯз ва маҳал ба хонаи алоҳида надаромада ҳалнома қабул накунад, чунин маълумотҳо оид ба амалҳои алоҳидаи мурофиавӣ дар протоколи маҷлиси судӣ дар рӯзи гузаронидани он дарҷ карда мешаванд.

Аммо агар суд берун аз бинои суд маҷлиси судиро ба анҷом расонда ба хонаи алоҳида даромада ҳалномаро қабул ва эълон намояд, дар ин маврид дар қисми муқаддимавии ҳалнома маҳалли қабул шудани ҳалнома ҳамчун дар маҷлиси сайёри судӣ дарҷ карда мешавад.

Маҳалли қабул намудани ҳалнома дар қисми муқаддимавии ҳалнома муқобили сана аз тарафи рост навишта мешавад.

3) Минбаъд дар қисми муқаддимавӣ судя аз сархат номи пурраи судеро, ки ҳалномаро қабул кардааст, мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сохтори дастгоҳ, нақшаи идоракунӣ ва шумораи воҳидҳои кории Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳти №699 аз 9 июни соли 2016 бо пуррагӣ бояд нависанд. Масалан, Суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ё ин ки Суди шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд.

Низоми ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои

иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе ташкил медиҳанд ва танҳо ҳамин судҳо адолати судиро амалӣ мекунанд.[196]

Номи судҳоро қонунгузорӣ муқаррар намудааст, аз ин рӯ дар қисми муқаддимавии ҳалнома он бояд дуруст, дақиқ ва пурра бидуни ихтисорот дарҷ карда шавад.

4) Мутобиқи муқаррароти м. 88 Конститутсияи Тоҷикистон ва қ.1 м.11 КММ мурофиаи судӣ ва муҳокимаи парвандаҳо дар ҳамаи судҳо ба тарзи ошкоро мегузарад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст.

Тибқи қ.2 ва 4 м.11 КММ муҳокима дар маҷлиси пӯшидаи судӣ оид ба парвандаҳои дорои маълумоти сирри давлатӣ инчунин, оид ба дигар парвандаҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст, гузаронида мешавад. Муҳокима дар маҷлиси пӯшидаи судӣ инчунин, ҳангоми қонеъ намудани дархости шахсони иштирокдорони парванда, ки ба зарурати нигоҳ доштани сирри тиҷоратӣ ё дигар сирре, ки қонун ҳифз менамояд, ишора мекунанд, ба дахлнопазирии ҳаёти шахсии шаҳрвандон ё дигар ҳолатҳое, ки ошкоро муҳокима намудани онҳо барои баррасии дурусти парванда халал мерасонанд ва ё боиси ифшои сирри зикршуда ё вайрон шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон мегарданд, имконпазир аст. Суд оид ба муҳокимаи парванда дар маҷлиси пӯшидаи судӣ таъиноти асоснок қабул менамояд.

Чунин таъинотро судя метавонад ҳам дар шакли таъиноти алоҳида ва ҳам дар таъиноти таъин намудани баррасии парванда ба муҳокимаи судӣ қабул намояд.

Мувофиқи тавзеҳоти дастурии б.9 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №6 аз 29 сентябри соли 2014 “Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо” таъинот (қарор)-ро дар хусуси дар маҷлиси пӯшидаи суд баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба тамоми ҷараёни муҳокима ё қисмҳои алоҳидаи он баровардан мумкин аст. Оид ба он ки парванда дар маҷлиси пӯшидаи суд баррасӣ гардидааст, дар протоколи маҷлиси суд ва қисми муқаддимавии санади судии қабулнамуда дарҷ карда мешавад. Маълумот дар хусуси баррасӣ намудани парванда дар маҷлиси пӯшидаи суд бояд дастраси омма бошад. Бинобар ин, судяҳо дар қисми муқаддимавии ҳалнома бояд ҳатман дарҷ намоянд, ки муҳокимаи парвандаи маданӣ дар маҷлиси ошкоро ва ё пӯшидаи судӣ баррасӣ шудааст.

---

[196] м.84 Конститутсияи Тоҷикистон ва қ.1 м.3 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

5) Минбаъд дар қисми муқаддимавии ҳалнома насаб, ном ва номи падари судяи раисикунанда пурра бе ихтисоркунӣ ва сарҳарфҳои исм, тавре к.2 м.202 КММ муқаррар намудааст, дарҷ менамояд.

Нишон додани насаб, ном ва номи падари судя (судяҳо), ки дар қабул намудани ҳалнома иштирок кардааст, имкон медиҳад, ки салоҳиятдории ҳайати суд тафтиш карда шавад. Дар баробари ин, ҳайати суд, ки дар протоколи маҷлиси судӣ ва қисмҳои мукаддимавӣ ва хулосавии ҳалнома дарҷ шудааст, бояд комилан мувофиқ бошад. Дар акси ҳол, ин барои бекор кардани ҳалнома мутобиқи с.6 қ.2 м.353 КММ асос мегардад.

Инчунин, ин талаботи қонуни мурофиавӣ бо он асоснок карда мешавад, ки судяҳои ҳамном метавонанд дар як суд кор кунанд, масалан, агар судя Абдуллозода Зафар Камол дар ҳалнома худро ҳамчун Абдуллозода З.К. нишон дода бошад ва дар ҳамин суд ё судҳои марҳилаҳои кассатсионӣ ё назоратӣ ба мисли Абдуллозода Зариф Карим мавҷуд буда, ӯ низ худро бо ҳамин ном Абдуллозода З.К. дарҷ намояд, дар судҳои болоӣ дар мавриди парвандаро бо тартиби кассатсиони ё назоратӣ баррасӣ намудан, мутобиқи м.19 КММ масъалаи норавоии иштироки такрории судя дар баррасии парванда шубҳа ва саволҳо пайдо шуда метавонанд.

Аз ин рӯ, талаботи қонунгузориро иҷро намуда судяҳо уҳдадоранд насаб, ном ва номи падари судяро дар қисми муқаддимавии ҳалнома пурра дарҷ намоянд.

6) Бо мақсади ба миён наомадани асосҳои пешбининамудаи м.м.18 ва 20 КММ насаб, ном ва номи падари котиби маҷлиси судӣ низ дар қисми муқаддимавии ҳалнома пурра бидуни ихтисор ва сарҳарфҳои исм бо ҳамин принсипи болозикр навишта мешаванд.

Дар амалияи судӣ дар баъзе мавридҳо судяҳо ҳангоми иваз шудани котиби маҷлиси судӣ дар ҷараёни муҳокимаи судӣ, дар қисми муқаддимавии ҳалнома ҳамаи котибоне, ки дар ин парванда иштирок кардаанд, дарҷ менамоянд, вале аз рӯйи қонун ва мантиқ бо чунин тарз таҳия намудани ҳалнома нодуруст мебошад.

Агар маҷлиси судӣ бо иштироки як котиби маҷлиси судӣ оғоз шуда, парванда мавқуф гузошта шуда бошад ё баррасии парванда боздошта шуда бошад ва котиби маҷлиси судӣ ба дигараш иваз карда шуда бошад, дар ин ҳолат танҳо насаб, ном ва номи падари котиби маҷлиси судӣ, ки дар ҷаласаи охирини судӣ иштирок кардааст ва бо иштироки ӯ баррасии парванда хотима ёфта, суд ба хонаи алоҳида барои қабул намудани ҳалнома рафтааст, дарҷ карда мешавад.

Насаб, ном ва номи падари якум котиби маҷлиси судӣ ва имзои ӯ бояд танҳо дар ҳамон қисми протоколи маҷлиси судие, ки ӯ дар он иштирок кардааст, зикр карда шавад, на дар ҳалномаи суд.[197]

7) Минбаъд судя дар қисми муқаддимавии ҳалнома насаб, ном ва номи падари тарафҳоро, ки шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ мебошанд, пурра бе ихтисоркунӣ ва сарҳарфҳои исм дарҷ карда менамояд.

Мувофиқи қ.1 м.40 КММ дар мурофиаи маданӣ таҳти мафҳуми калимаи тарафҳо даъвогар ва ҷавобгар фаҳмида мешавад.

Дар амалияи судӣ чунин вазъиятҳое ба миён меоянд, ки аризаи даъвогии якчанд даъвогар нисбат ба як ё якчанд ҷавобгар пешниҳод карда мешавад, ки онҳо бо навбат дар аризаи даъвогӣ нишон дода мешаванд, чунин ҳуқуқи шарикии мурофиавӣ дар м.41 КММ пешбинӣ шуда ба танзим дароварда шудааст.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки иштироки якчанд даъвогар ё ҷавобгар (шарикии мурофиавӣ) дар он маврид иҷозат дода мешавад, агар мавзуи баҳс ҳуқуқ ё уҳдадориҳои умумии якчанд даъвогар ё ҷавобгар бошад, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои якчанд даъвогар ё ҷавобгар як асос дошта бошанд, мавзуи баҳс ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шабеҳ бошад. Ҳар яке аз даъвогарон ё ҷавобгарон нисбат ба тарафи дигар дар мурофиаи судӣ мустақилона баромад мекунанд.[198]

Насаб, ном ва номи падари даъвогар (даъвогарон) ва ҷавобгар (ҷавобгарон), ки шахсони воқеӣ мебошанд, дар қисми муқаддимавии ҳалнома бояд аз ҷониби судя бе ворид намудани тағйир ё ихтисор ва пурра дарҷ карда шаванд. Маълумоти шахсии чунин шахсон бояд тибқи сабти ҳуҷҷати расмии тасдиққунандаи шахсият, масалан, шиноснома, шаҳодатномаи ронандагӣ ва ғайраҳо нишон дода шавад.

Чунин ҳуҷҷатҳо бояд ба талаботи м.11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият”, ки номгӯйи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсияти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро муқаррар менамояд, мувофиқ бошанд.

Насаб, ном ва номи падари шарванди хориҷӣ дар қисми муқаддимавии ҳалномаи суд ҳам ба забони давлатӣ ва ҳам бо тарзи дар ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият зикргардида нишон дода мешавад.

---

[197]м.м.234-235 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj ва банди 24.3 Дастурамал оид ба коргузорӣ дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши №48 аз 11 декабри соли 2017

[198]қ.қ.2-3 м.41 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Дар сурати даъвогар ё ҷавобгар будани шахси ҳуқуқӣ, дар қисми муқаддимавии ҳалнома номи он бояд айнан мутобиқи ҳуҷҷатҳои бақайдгирии давлатӣ нишон дода шавад. Номи шахсони ҳуқуқӣ мувофиқи номи бақайд гирифташуда дар оиннома ё низомнома ё дигар ҳуҷҷати таъсиси пурра нишон дода мешавад.

Як насабро ба якчанд ҳамнасаб нишон дода, баъд номи онҳоро навиштан нодуруст ва қобили қабул нест. Масалан, Шарофзодаҳо Суман, Довуд ва Юсуф ва ё калимаи "дигарон"-ро навистан нодуруст мебошад. Дар қисми муқаддимавии ҳалнома насаб, ном ва номи падари ҳар як иштирокдори мурофиа бояд пурра ва алоҳида дарҷ карда шавад.

Ғайр аз ин судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки меъёрҳои КММ вазъи ҳуқуқии ҳар як иштирокдорони парвандаро мушахас номгузорӣ намудааст. Аз ин рӯ дар ҳалнома истифода бурдани калимаҳои "даъвогар-ҷавобгар" ва ё "ҷавобгар-даъвогар" мумкин нест. Ҳатто агар ҷавобгар аризаи даъвогии муқобили даъво пешниҳод карда бошад, ӯ даъвогар шуда наметавонад. Вазъи мурофиавии номбурда ҳамчун ҷавобгар боқӣ мемонад.

Аз ин рӯ судяҳо бояд донанд, ки дар доираи як парвандаи маданӣ ҳеҷ як даъвогар, ҷавобгар ва ҳеҷ ҷавобгар, даъвогар шуда наметавонад. Ҳар як субъекти мурофиаи судии маданӣ ҳамон тавре, ки меъёрҳои қонуни мурофиавӣ номгузории онҳоро муқаррар намудааст дар ҳалнома боя дарҷ карда шаванд.

8) Сипас, дар қисми муқаддимавии ҳалнома судя насаб, ном ва номи падари дигар шахсони иштирокдорони парвандаи маданиро бо ҳамон тарзи болозикр яъне пурра дарҷ менамояд. Ба чунин шахсон, шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод мекунанд ва дорои ҳамаи ҳуқуқ ва уҳдадории даъвогарро доранд (м.44 КММ), шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод накардаанд ва дар мурофиа ба ҷонибдории даъвогар ё ҷавобгар то қабул намудани санади судӣ аз рӯйи парванда аз ҷониби суди марҳилаи якум ҳамроҳ карда шуда, ҳуқуқ барои тағйир додани асос ва мавзуи даъво, зиёд ё кам кардани андозаи талаботи даъво, даст кашидан аз даъво, эътирофи даъво, бастани созиши оштӣ инчунин, пешниҳод намудани даъвои муқобили даъво ва талаботи иҷрои маҷбурии санади судиро надоранд (м.45 КММ), вориси ҳуқуқии мурофиавӣ (м.46 КММ), прокурор, ки дар мурофиаи судӣ иштирок карда хулоса медиҳад (қ.3 м.47 КММ), мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шаҳрвандон ё шахсони ҳуқуқӣ, ки барои ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи дигар шаҳрвандон мутобиқи хоҳиши онҳо ё гурӯҳи номуайяни шахсон бо даъво ба суд муроҷиат

намудаанд ва ҳамаи уҳдадориҳои мурофиавии даъвогарро иҷро мекунанд, ба истиснои ҳуқуқ барои бастани созиши оштӣ ва уҳддадориҳои пардохти хароҷоти судӣ (м.49 КММ), инчунин, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои ба зиммаашон гузошташуда ё барои ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии дигар шахсон ё манфиати давлат ҷиҳати додани хулоса вобаста ба парванда иштирок кунанд (м.49 КММ) ва тарҷумонҳо (м.165 КММ) дохил мешаванд.

Ҳангоми дар муҳокимаи судӣ иштирок намудани мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ҳам номи ин мақомот ва ҳам насаб, ном ва номи падари шахси мансабдоре, ки дар ин парванда аз номи ин мақомот дар мурофиа баромад мекунад, дарҷ карда мешавад. Чунин шахсон метавонанд роҳбарони мақомоти дорои ҳуқуқи имзои якум ё ҳуқуқи иштирок дар мурофиаи судиро бе пешниҳоди ваколатнома дошта бошанд. Ҳангоми дар мурофиа иштирок намудани прокурор насаб, ном, номи падар, вазифаи ишғолкардаи ӯ ва ҷойи кори прокурор нишон дода мешавад.

Салоҳияти иштирок дар маҷлиси судии ин шахсон бо фармон дар бораи ба вазифаи роҳбарикунанда таъин шудан, шаҳодатномаи расмӣ ё дигар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ваколат ва ғайра тасдиқ карда мешавад ва ин маълумотҳо дар протоколи маҷлиси судӣ дарҷ карда мешаванд.

9) Баъдан судяҳо дар қисми муқаддимавии ҳалнома насаб, ном ва номи падари намояндагони даъвогар, ҷавобгар, шахсони сеюм ё мақомоти давлатиро дарҷ мекунанд. Намояндагӣ дар суд бо боби 5 КММ танзим карда шуда, судяҳо бояд талаботи қонуни мурофиавиро нисбат ба намояндагӣ дарк кунанд.

Агар дар парванда намояндагон иштирок дошта бошанд, дар баробари нишон додани насаб, ном ва номи падари онҳо инчунин, зикр мегардад, ки онҳо манфиатҳои киро намояндагӣ мекунанд. Дар қисми муқаддимавии ҳалнома зикр намудани номи ҳуҷҷати тасдиққунандаи ваколати намоянда шарт нест, чунин маълумот дар бораи ваколатнома ё ордер дар протоколи маҷлиси судӣ инъикос карда мешавад.

Нисбат ба ҳар як шахси иштирокдори парванда мавқеи мурофиавии онҳо бояд аниқ дарҷ карда шавад, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ чунин навиштан дуруст мебошад: даъвогар, даъвогарон, ҷавобгар, ҷавобгарон, шахси сеюме, ки шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод накардаанд ва ғайра.

Ҳамин тавр, дар қисми муқаддимавии ҳалнома тарафҳо бо нақши ҳуқуқии онҳо, ҳатто агар онҳо нисбати ҳамдигар даъво пешниҳод карда

бошанд ҳам, онҳо бояд аз рӯйи вазъи мурофиавии худ масалан, шахси сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод намудааст, насаб, ном ва номи падари онҳо пурра дарҷ карда шавад.

Судяҳо бояд фаҳманд, ки мақоми ҳуқуқии даъвогар ба ҷавобгар тағйир намеёбад, чунон ки ҷавобгар дар як мурофиаи маданӣ даъвогар шуда наметавонад, бо назардошти он, ки ҳар як тараф дар амалӣ намудани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо аз рӯйи қонуни мурофиавӣ муносибати гуногун доранд. Масалан, даъвогар ҳуқуқ надорад даъворо эътироф кунад, зеро ин ҳуқуқи истисноии ҷавобгар мебошад.

Дар амалияи судӣ саволҳое ба миён меоянд, ки оё дар қисми муқаддимавии ҳалнома дарҷ намудани насаб, ном ва номи падари шахси иштирокдори парванда, ки дар яке аз маҷлисҳои судӣ иштирок дошта, вале минбаъд иштирок накардааст ва ё бе иҷозат аз толори суд берун рафта дигар барнагаштааст лозим аст ё не. Судяҳо дар чунин маврдиҳо дар қисми муқаддимавии ҳалнома насаб, ном ва номи падари шахсони иштирокдорони парванда, ки дар лаҳзаи ба хонаи алоҳида рафтани суд дар толори маҷлиси судӣ ҳузур доштанд дарҷ менамояд.

Иштироки шахсоне, ки пештар дар маҷлиси судӣ ҳузур доштанд ва баёнотҳои онҳо дар қисми баёнии ҳалнома ва протоколи маҷлиси судӣ дарҷ карда мешавад.

Ҳам ин тавр насаб, ном ва номи падари иштирокдорони парванда дар қисми муқаддимавии ҳалнома ду маротиба нишон дода мешаванд:

-ҳангоми нишон додани шахсони дар маҷлиси судӣ иштирокдоша;

-ҳангоми нишон додани мавзӯи баҳс ва талаботи пешниҳодшуда.

Дар ҳалнома дарҷ накардани маълумот оид ба иштироки тарафҳо метавонад оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ дошта бошад. Мисол: даъвогар нисбат ба собиқ ҳамсар оид ба тақсим намудани манзили истиқоматии муштарак соли 2020 даъво пешниҳод намудааст. Ҷавобгар дар норозигиҳояш нишон медиҳад, ки бо ҳалномаи эътибори қонуни пайдонамудаи суд аз соли 2016 ақди никоҳи онҳо бекор карда шудаст, аз ин рӯ рад намудани даъворо бо сабаби гузаронидани мулати даъво аз суд хоҳиш кардааст. Даъвогар ваҷҳ пешниҳод мекунад, ки дар мурофиаи судӣ оид ба бекор кардани ақди никоҳ иштирок надошт ва оид ба бекор шудани ақди никоҳ намедонист. Судя ҳалномаи соли 2016-ро таҳлил намуда, аз қисми муқаддимавӣ муайян менамояд, ки иштироки ҷавобгар дар маҷлиси судӣ дар ҳалнома ва протоколи дарҷ нагардидааст. Дарҷ нашудани ҳолати мазкур ба даъвогар асос барои тасдиқи ҳолати надонистани бекор шудани ақди никоҳро имкон

медиҳад, яъне вақҳи даъвогар дар бораи он, ки у оид ба бекор шудани ақди никоҳ хабар надошт асоснок мебошад.

Ҳамин тавр, оқибати ҳуқуқии он, ки судяҳо иштироки тарафҳоро дар қисми муқаддимавии ҳалнома дарҷ намекунанд, метавонад боиси тафтиши иловагии ҳолатҳое гардад, ки ҳангоми дуруст тартиб додани қисми муқаддимавии ҳалнома ба миён омада наметавонист.

Хулоса, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки дар қисми муқаддимавии ҳалнома ному насаби шахсони иштирокдорони парванда, ки дар маҷлиси судӣ ҳозир буданд ва ҳуқуқҳои мурофиавии худро пурра амалӣ намудаанд, дар рӯз ва маҳалле, ки суд барои қабули қарор ба хонаи алоҳида даромадааст ҳузур доштанд, дарҷ карда мешаванд.

10) Баъдан судя дар қисми муқаддимавии ҳалнома мавзуи баҳс ё талаботи пешниҳодшударо дарҷ менамояд. Мавзуи баҳс бояд ба таври ҳуқуқӣ мушаххас ва мухтасар ва дар ҳолатҳои дахлдор талаби даъвои муқобил ва даъвои шахси сеюм, ки талаботи мустақил пешниҳод менамояд, нишон дода шавад. Агар даъво аз тарафи прокурор ё макомоти давлатӣ пешниҳод шуда бошад, дар он сурат шахсоне, ки даъво ба манфиати онҳо дода шудааст дарҷ карда мешавад.

Дар амалияи судӣ ҳолатҳое вуҷуд доранд, ки судяҳо ҳангоми нишон додани тарафҳои баҳскунанда аксар вақт дар бораи пешниҳод гардидани талаботи даъво нисбат ба ҷавобгар (ҷавобгарон) ва шахсони сеюм ишора мекунанд. Масалан, дар қисми муқаддимавии ҳалнома чунин менависанд: парвандаи маданӣ аз рӯйи даъвои Сатторзода А.З. нисбат ба Мирзозода Б.В. ва шахси сеюм Идораи нотариалии давлатии нохияи Фирдавсии шаҳри Душанбе дар бораи беэътибор донистани шартномаи фурӯши манзили истиқоматӣ.

Дар ин маврид ва дар ҳар мавридҳои дигар, нишон додани шахси сеюм дар номи парвандаи маданӣ нодуруст буда, хилофи илмӣ назарияи мурофиаи маданӣ ва қонун мебошад. Зеро, дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба масъалаи муайян кардани мавқеи мурофиавии шахсони сеюм қайд карда мешавад, ки дар ин раванд баҳси ҳуқуқии шахси сеюм бо тарафи муқобил ғайриимкон мебошад. Агар баҳс оид ба ҳуқуқ имконпазир бошад, пас ин шахси сеюм бояд дар парванда мавқеи ҷавобгарро ишғол намояд.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки талаботи даъво танҳо нисбат ба ҷавобгар пешниҳод мешавад. Аз ин рӯ, дар қисми муқаддимавии ҳалнома мавзуи баҳс ва талабот танҳо нисбат ба ҷавобгар навишта мешавад.

Дар меъёрҳои КММ фарқияти зикршуда оид ба мақоми мурофиавии ҷавобгар ва шахсони сеюм ба таври равшан муайян шудаанд. Мутобиқи қ.1

м.40 ва м.м.41- 42 КММ ҷавобгарон шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд, ки нисбати онҳо талаботи даъво пешниҳод карда мешавад. Ҳангоми муайян кардани шахсони сеюм оид ба он, ки нисбат ба онҳо талаботи даъво пешниҳод мегардад чизе пешбинӣ нашудааст. (ниг. ба м.м 44-45 КММ).

Далели дигар, зиддӣ дарҷ намудани шахси сеюм дар байни шахсоне, ки нисбати онҳо талаботи даъво пешниҳод мешавад, ин аст, ки баҳси судӣ байни тарафҳо яъне даъвогар ва ҷавобгар, вале на ҳамаи шахсони иштирокдорони парванда ба миён омада, ҳуқуқҳои моддӣ-ҳуқуқии даъвогар ва ҷавобгар маврди баҳс ва ҳифзи судӣ қарор мегиранд. Ин хулоса инчунин, бо он далел тасдиқ мегардад, масалан, тибқи с.3 қ.1 м.137 КММ судя қабули аризаи даъвогиро дар сурати мавҷуд будани ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдонамудаи суд вобаста ба баҳси байни ҳамин тарафҳо, дар ҳамон мавзуъ, тибқи ҳамон асос ё таъинот дар хусуси қатъи баррасии парванда вобаста ба қабули аризаи даст кашидани даъвогар аз даъво ё тасдиқи созиши оштӣ рад менамояд, исбот мегардад. Дар меъёри мазкур дар бораи шахсони сеюм чизе гуфта нашудааст. Ин маънои онро дорад, ки баҳс аз рӯйи шахсони сеюм муайян карда намешавад ва аз ин рӯ зарурати дар номи мавзуи баҳс нишон додани онҳо вуҷуд надорад.

Ҳангоми дарҷ намудани талаботи даъвои пешниҳодшуда қоидаҳои усули ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои услуби кории расмиро риоя кардан зарур аст. Истифодаи истилоҳҳои ҳуқуқи бояд ба меъёрхои ҳуқуқи моддие, ки суд хангоми халли бахс онҳоро ба рохбарӣ мегирад, истинод карда шаванд.

Дар номи мавзуи баҳс бо парвандаи маданӣ судяҳо ҳангоми дарҷ намудани мавзуи баҳс ва талаботи пешниҳодшуда бояд калимаҳои муқаррарнамудаи қонуни моддиро истифода баранд. Нишон додан нодуруст аст: даъво дар бораи рӯёндани маблағи 5000 сомонӣ -дуруст рӯёнидани қарз, ноустуворона, товони зарар, ситонидани алимент ва ғайраҳо) ва ё мисоли дигари бекор кардани қарори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтари вилояти Хатлон №148 аз 12.10.2022с., дар бораи чудо кардани қитъаи замин ба Азиззода Д.А., дурусташ бекор кардани қарор мебошад. Боқимонда маълумотҳо минбаъд дар қисми баёнӣ ва асоснокунии ҳалнома зикр карда мешаванд.

Номгузории парвандаи маданӣ набояд айнан маълумоти дар қисми хоҳишкунии (талаб) аризаи даъвои зикргардидаро такрор кунад. Он бояд дар асоси мавзуи баҳс ё талаботи пешниҳодшуда дуруст тартиб дода шуда инчунин, дар доираи талаботи меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ тартиб дода шавад. Масалан, агар аризаи даъвогӣ “Дар бораи аз нав барқарор намудани васлгари сехи қубурҳо ва дар бораи руёндани музди меҳнат дар давраи ноилоҷ

баромадан ба қор” ном дошта бошад, пас комилан маълум аст, ки чунин номгузорӣ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ нодуруст аст. Навиштани номи парвандаи маданӣ дар қисми муқаддимавии ҳалнома “Дар бораи барқарор кардан ба кор ва ҷуброни зарар” дуруст мебошад.[199]

Судяҳо бояд донад, ки тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ дар м.11 КМ муқаррар шудаанд, аз ин рӯ ҳаноми дарҷ намудани номи парванда аз тасвияҳои дар қонуни моддӣ пешбинишуда бояд истифода намуд.

Инчунин, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки тибқи м.140 КММ ҷавобгар ҳуқуқ дорад нисбат ба даъвогар барои баррасии якҷоя бо даъвои ибтидои аризаи даъвогии муқобили даъво пешниҳод намояд. Аз ин рӯ, минбаъд дар қисми муқаддимавии ҳалнома инчунин, мавзуи баҳс ва талаботи пешниҳоднамудаи ҷавобгар бо ҳамон тартибе, ки барои даъвои ибтидоии даъввогар пешбинӣ шудааст, дарҷ карда шавад.

Ҳангоми пешниҳод гардидани аризаи даъвогии шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод мекунанд дар қисми муқаддимавии ҳалнома судяҳо инчунин, тибқи қоидаҳои пешбининамудаи даъвоҳои ибтидоӣ ва муқобили даъво мазмуни чунин даъворо бояд дарҷ намоянд.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки суд ба хонаи алоҳида бо маҷмӯи талаботҳои пешниҳодшудаи тарафҳо ворид мешавад ва дар доираи ин талаботҳо ҳалнома қабул менамояд. Аз ин рӯ, дар қисми муқаддимавии ҳалнома дарҷ намудани ба истилоҳ “ ва даъвои иловагӣ ва ё мувофиқи м.43 КММ талаботи тағйир, кам ё зиёд кардашуда” нодуруст мебошад. Ҳамаи талаботҳои даъвогӣ, ки аз ҷониби даъвогар ё ҷавобгар дар ҷараёни муҳокимаи судӣ то ба хонаи алоҳида рафтани суд пешниҳод мегарданад бояд дар номи парвандаи маданӣ ҳамчун як аризаи даъвогӣ дарҷ карда шавад.

Инчунин судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки агар талаботҳои даъво дар асоси м.43 КММ тағйир, кам ва ё зиёд шуда бошад, таърихи мурофивии чунин амали мурофиавӣ на ин ки дар қисми муқаддимавии ҳалнома балки дар қисми баёнии ҳалнома дарҷ карда мешавад.

Ҳамин тавр, дар қисми муқаддимавии ҳалнома насаб, ном ва номи падари тарафҳо ва дигар шахсони иштирокдорони парванда пурра нишон дода шуда, баъдан дар дигар қисмҳои ҳалнома онҳо чандин маротиба навишта намешаванд. Дар дигар қисмҳои ҳалнома истифода намудани калимаҳои даъвогар, ҷавобгар, шахси сеюм ва ғайраҳо ҳаҷми ҳалномаро кӯтоҳ ва фаҳмо мегардонад.

---

[199]м.м. 54-55 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Дар охир метавон хулоса кард, ки дар қисми муқаддимавии ҳалнома субъектҳои мурофиаи судӣ, даъвогар ва ҷавобгар ду маротиба дарҷ карда мешавад. Бори аввал ҳангоми нишон додан ҳамчун шахсони дар маҷлиси судӣ иштирокдошта ва маротибаи дуюм ҳангоми навиаштани мавзуи баҳс ва талаботи пешниҳодшуда. Ғайр аз ин чунин нишондодҳо метавонанд тафовут дошта бошанд, зеро он ки тарафҳо метавонанд оид ба бе иштироки онҳо баррасӣ намудани парвандаро дархост намоянд ё ин ки ба маҷлиси судӣ ҳозир нашаванд. Чунин тасвия дуруст буда, талаботи қонунро вайрон намекунад ва доираи тарафҳо ва доираи парвандаи маданиро муайян мекунад.

Намунаи қисми муқаддимавии ҳалнома чунин шуда метавонад:

Парвандаи № 2-16/20

Ҳалнома

Аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон

28 апрели соли 2024 ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе

Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, таҳти раисикунанда судя Назарзода Сорбон Хуршед, бо иштироки котиби маҷлиси судӣ Сафарзода Ашур Зафар, даъвогар Давлатзода Мушкинисо Расул, ҷавобгар Мирзоназарзода Садриддин Назар, прокурор Исматзода Рустам Суҳроб, намояндаи ваколатдори шахси сеюм Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, ки ба мавзӯи баҳс талаботи мустақил пешниҳод накардааст Сабурӣ Ҷалол Маҷид, намояндаи ваколатдори даъвогар Абдуллозода Тоҷиддин Азиз ва намояндаи ваколатдори ҷавобгар Қурбонзода Хусрав Нуриддин.

Дар муҳокимаи ошкорои судӣ дар толори маҷлиси судии суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, парвандаи маданиро аз рӯйи аризаи даъвогии Давлатзода Мушкинисо Расул ба ҷавобгарии Мирзоназарзода Садриддин Назар оид ба беэътибор донистани шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ ва аризаи даъвогии муқобили даъвои Мирзоназарзода Садриддин Назар ба ҷавобгарии Давлатзода Мушкинисо Расул, Давлатзода Ҳаким Бобоҷон ва Давлатзода Баҳодур Бобоҷон оид ба кӯчонидан аз манзили истиқоматиро баррасӣ намуда суд,

Муқаррар кард:

§3. Методикаи таҳияи намудани қисми баёнии ҳалнома;

Мувофиқи қ.3 м.202 КММ дар қисми баёнии ҳалнома бояд талаботи даъвогар, норозигии ҷавобгар ва баёноти шахсони иштирокдорони парванда дарҷ гардад.

Дар қисми баёнии ҳалнома талаботи даъвогар мувофиқи қисми хоҳишкунии (талабкунии) аризаи даъвогии ӯ, норозигии ҷавобгар нисбат ба даъво ва баёноти шахсони иштирокдорони парванда нишон дода мешавад. Ин маълумот тавре оварда мешавад, ки моҳияти онҳо равшан бошад.

Дар амалияи судӣ судяҳо дар қисми баёнии ҳалномаҳо аксар вақт матни пурраи аризаи даъвогӣ, норозигӣ ба даъворо аз нав дарҷ мекунанд инчунин, ҳамаи баёнотҳои дар маҷлиси судӣ додаи тарафҳо ва шахсони сеюмро инъикос мекунанд. Дар баробари ин, ба қисми баёнӣ ҳам ақидаи тарафҳо дар бораи тарзи ҳалли баҳс ва ҳам андешаҳои ҳуқуқии тарафҳоро зикр менамоянд.

Азбаски суд дар асоси маводи зикргардида ҳолатҳои воқеиро муқаррар мекунад, аз ин рӯ дар як ҳалнома ҳамон як ҳолат метавонад се маротиба зикр карда шавад. Ҳамаи ин боиси калонҳаҷм ва душворфаҳм шудани ҳалнома гашта инчунин, аз судя барои дар ҳалнома такрор ба такрор навиштани ҳолатҳои зикрнамудаи тарафҳо, ки аксар вақт зарур нест, сарф намудани вақти зиёдро талаб менамояд.

Аксар вақт дар қисми баёнии ҳалнома судя ҳолатҳо ва далелҳои тарафҳоро зикр мекунад, ки барои ҳалли баҳс аҳамият надоранд. Ҳол он ки меъёрҳои қонун судро вазифадор намекунад, ки ҳама чизеро, ки тарафҳо баён намудаанд, дар ин қисми ҳалнома, дубора нависад.

Қонун муқаррар намудааст, ки дар қисми баёнии ҳалнома бояд талаботи даъвогар, норозигии ҷавобгар ва баёноти шахсони иштирокдорони парванда дарҷ гардад.[200]

Инчунин, ҳамин талаботро нисбат ба қисми баёнии ҳалнома б.3 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” дастур додааст, ки мувофиқи тавзеҳоти он дар қисми баёнии ҳалнома бояд муҳтавои талаботи даъвогар, норозигии ҷавобгар ва баёноти шахсони иштирокдорони парванда дарҷ карда шаванд.

Мақсади қисми баёнии ҳалнома аз он иборат аст, ки суд ба тарафҳо, судҳои марҳилаи болоӣ ва ба ҳар шахси манфиатдор аниқ нишон медиҳад, ки маҳз кадом ҳолатҳои парвандаро суд ба асоси ҳалнома гирифтааст. Сифати

[200]қ.3 м.202 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

ҳалнома на танҳо аз рӯйи асоноккунии дуруст инчунин, аз рӯйи сохтори таркибӣ, аниқ ва возеҳ дарҷ намудани ҳолатҳои парванда муайян карда мешавад. Вақҳҳои (далелҳои) овардаи тарафҳо то ба он андозае мухтасар ва осонфаҳм ҷамъбаст карда мешаванд, ки фаҳмида шавад баҳс маҳз дар бораи чӣ меравад ва кадом ҳолатҳои муқарраршудаи парвандаро суд ба асоси ҳалнома гирифтааст. Қисми баёнӣ бояд на танҳо ҳолатҳоро пай дар пай номбар кунад, балки вақҳои (далелҳои) овардаи тарафҳоро ба таври хронологӣ ва систематикӣ тавре батартиб дарорад, то ин ки баҳс ба хонанда қобили мушоҳида ва барои ҳуқуқшинос таҳлилшаванда бошад. Қисми баёнӣ бояд фаҳмо бошад ва ҳолатҳои баҳснокро аз бебаҳс ҷудо намояд. Воситаи хеле муфид, ки кори судяро дар тартиб додани қисми баёнӣ хеле осон мекунад, усули қаблан пешниҳодшудаи ҷамъоварӣ ва мураттабсозии ҳолатҳо мебошад. Судя чӣ қадар аниқтар ба муайян намудани ҳолатҳои барои ҳалли парванда аҳамиятдошта ва ҷудо намудани онҳо ба ҳолатҳои баҳснок ва бебасҳ кӯшиш намояд, ҳамон қадар минбаъд тартиб додани қисми баёнии ҳалнома осонтар мешавад. Судя метавонад қисми баёниро бо истифода аз ҷадвали муқоисавии ҳолатҳои парванда ба осонӣ тартиб диҳад.

Дар қонун аз ҷумла, дар қ.3 м.202 КММ пешбинӣ нашудааст, ки қисми баёнии ҳалнома бояд чӣ гуна бошад, ба истиснои он ки дар он “талаботи даъвогар, норозигии ҷавобгар ва баёноти шахсони иштирокдорони парванда дарҷ гардад”. Аз ин рӯ, дар ин қисм судяҳо амалӣ озоданаи бештар доранд. Оид ба ин масъала то ҳол таҷрибаи ягона ҷорӣ нашудааст. Дар ҳалнома, масалан, байни изҳор намудани ҳолатҳо ва сабабҳои қабул намудани маҳз ҳамин қарор фарқгузории аниқ мавҷуд нест. Баъзан маълумоти муҳим дар бораи ҳолатҳои парванда танҳо дар қисми асоснокунии ҳалнома бе зикр намудани он ки онҳо ба суд аз кучо маълум шудаанд, дарҷ карда мешаванд. Аксар вақт норавшан боқӣ мемонад, ки тарафҳо кадом ҳолатҳоро мушаххас баҳс мекунанд ва аз рӯйи кадом ҳолатҳо суд далелҳоро таҳқиқ менамояд.

Ба ғайр аз ин, мувофиқи амалияи маъмулгардида, номгузории тарафҳо ҳам дар қисмҳои баёнӣ ва ҳам асоснокунӣ пурра нишон дода мешаванд ва бинобар такроршавии чандинкарата барои хонанда фаҳмидани мазмуни ҳалномаро душвор ва барои худи тартибдиҳандаи ҳалнома душвор мегардад. Дар қисми муқаддимавии ҳалнома муаррифӣ кардани тарафҳо бо дарҷ намудани ном, насаб ва номи падар ва дар як вақт мақоми мурофиавии онҳо (“даъвогар”, “ҷавобгар”) ва баъдан дар қисмҳои баёнӣ ва асоснокунии ҳалнома истифода бурдани танҳо мақоми онҳо, яъне танҳо “даъвогар”, “ҷавобгар”, “шахси сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод накардааст” ва ғайраҳо, хеле осонтар аст.

Гарчанде қонун нисбат ба мазмуни қисми баёнии ҳалнома талаботи мушаххасро муқаррар накардааст, тавсия дода мешавад, ки сохтори муайяне риоя карда шавад, ки ба хонанда (тарафҳо, адвокатҳо, судҳои болоӣ инчунин, шахсони дигар) имкон диҳад, ки оид ба ҳолатҳои парванда маълумоти мухтасар гиранд ва дар як вақт фаҳмиши беҳтари мазмуни ҳалнома таъмин гардад.

Хусусиятҳои сохтори қисми баёнии ҳалнома ҳангоми пешниҳод гардидани аризаи даъвогии муқобили даъво ба вуҷуд меоянд.

Агар аризаи даъвогии ибтидои ва аризаи даъвогии муқобили даъво вобастагии мутақобилаи мавзуи дошта бошанд, яъне ба ҳамон як ҳолатҳо дахл дошта бошанд (масалан, даъвои ибтидои дар бораи кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ, даъвои муқобил дар бораи беэътибор донистани шартномаи хариду фурӯши ҳамин манзили истиқоматӣ), истифодаи сохтори намунавии зерини қисми муқаддимавии ҳалнома тавсия дода мешавад:

1) талаботи даъвогар;
2) норозигии ҷавобгар нисбат ба даъвои даъвогар;
3) талаботи ҷавобгар;
4) норозигии даъвогар нисбат ба даъвои муқобили даъво;
5) ҳолатҳои бебаҳс (даъвои ибтидои ва даъвои муқобил);
6) ваҷҳҳои (далелҳои) баҳсноки овардаи даъвогар (оид ба даъво ва даъвои муқобил);
7) ваҷҳҳои (далелҳои) баҳсноки овардаи ҷавобгар (оид ба даъво ва даъвои муқобил);
8) таърихи мурофиавӣ: тавсифи ҷараёни аз ҷониби суд таҳқиқ намудани далелҳо ва ҳолатҳои иловагии муқаррарнамудаи суд масалан, санадҳо, ҳуҷҷатҳо ва ғайраҳо.

Агар аризаи даъвогии ибтидои ва аризаи даъвогии муқобили даъво бевосита вобастагии мутақобила надошта бошанд (масалан, даъво дар бораи ситонидани нархи хариди ашё, даъвои муқобил дар бораи баргардонидани маблағи қарз), истифода намудани чунин сохтори намунавӣ тавсия дода мешавад:

1) талаботи даъвогар;
2) норозигии ҷавобгар нисбат ба даъвои даъвогар;
3) талаботи ҷавобгар;
4) норозигии даъвогар нисбат ба даъвои муқобили даъво;
5) ҳолатҳои бебаҳс (даъвои ибтидои ва даъвои муқобил);
6) ваҷҳҳои (далелҳои) баҳсноки овардаи даъвогар;
7) ваҷҳҳои (далелҳои) баҳсноки овардаи ҷавобгар;

8) ваҷҳҳои (далелҳои) овардаи ҷавобгар вобаста ба даъвои муқобил (ҳолатҳои бебаҳс ва баҳснок);

9) ваҷҳҳои (далелҳои) баҳсноки овардаи даъвогар вобаста ба даъвои муқобил;

10) таърихи мурофиавӣ: тавсифи ҷараёни аз ҷониби суд таҳқиқ намудани далелҳо ва ҳолатҳои иловагии муқаррарнамудаи суд масалан, санадҳо, ҳуҷҷатҳо ва ғайраҳо.

Бо мақсади он ки матни ҳалнома бо ҳолатҳое, ки аҳамияти ҳуқуқӣ надоранд, калонҳаҷм нашавад, айнан пурра дарҷ намудани ҳамаи матни аридаи даъвогӣ, аризаи даъвогии муқобили даъво инчунин, ваҷҳҳои (далелҳои) овардашуда ва ҳолатҳое, ки ҷавобгар дар норозигии хаттӣ ба даъвои ибтидои нишон додааст, мумкин нест, ҳамаи ин ҳолатҳо ва далелҳо аз ҷониби суд дар қисми асосноккунии ҳалнома баҳо дода мешаванд.

Бо дарназардошти ин, судяҳо бояд донанд, ки нишон додани мавқеи тарафҳо чӣ маъно дорад ва дар қисми баёнии ҳалнома чиро бояд зикр кард. Барои ин, бояд моҳияти ин қисми ҳалнома дарк карда шавад. Маълум аст, ки қисми баёнии ҳалнома барои тавсифи моҳияти баҳс ва доираи он, бе ворид шудан ба таҳлили он, ки баёноти тарафҳо ба ҳақиқатан дуруст мебошанд ва ё не, зарур аст. Аз ин рӯ, дар қисми баёни ҳалнома дарҷ намудани асосҳои талаботи даъво ва норозигиҳо, ки бояд аз ҷониби суд дар қисми минбаъдаи ҳалнома, яъне қисми асоснокунӣ мавриди таҳлил қарор дода шавад, барзиёдатӣ мебошад. Мисол, судя қисми баёнии ҳалномаро чунин таҳия намудааст: “Даъвогар Азиззода Барно рӯзи 29 ноябри соли 2013 ба суд бо даъво нисбати Каримзода Хуршед дар бораи муқаррар намудани падарӣ мурочиат карда, онро бо он асоснок намудааст, ки ӯ бо ҷавобгар зиндагӣ мекард, аз ин муносибатҳо онҳо соҳиби писар бо номи Сорбон, соли таваллудаш 15 ноябри соли 2012 шудаанд. Кӯдак аз рӯзи таваллуд бо модараш зиндагӣ мекунад, ҷавобгар далели падари будани худро нисбат ба кӯдак рад мекунад, зеро ӯ намехоҳад ӯҳдадориҳои алиментии худро ҳамчун падари кӯдак сабт кунад. Бо ҳамин асосҳо аз суд хоҳиш намудааст, ки падарии ҷавобгар Каримзода Хуршед нисбати кӯдак Сорбон, ки 15 ноябри соли 2012 муққарар карда шавад”.

Пешниҳод карда мешавад, ки қисми баёнии ҳалнома чунин таҳия карда шавад: Даъвогар талаб намудааст, ки падарии ҷавобгар нисбати кӯдак Сорбон, ки 15 ноябри соли 2012 таваллуд шудааст, муқаррар карда шавад.

Боқимонда ҳолатҳо: “Даъвогар бо ҷавобгар зиндагӣ мекард, онҳо соҳиби писар шудаанд, Сорбон рӯзи 15 ноябри соли 2012 таваллуд шудааст, кӯдак аз рӯзи таваллуд бо модараш зиндагӣ мекунад, ҷавобгар ҳолати падар

будани худро нисбат ба кӯдак рад мекунад, зеро ӯ намехоҳад худро бинобар ӯҳдадориҳои алимент ҳамчун падари кӯдак ба қайд гирад” бояд дар қисми асоснокунии ҳалнома бояд баҳои ҳуқуқӣ дода шуда, маҳз дар ҳамин қисм дарҷ карда шаванд.

Аз ин рӯ, дар қисми баёнӣ нишон додани асоснокунии талабот ва норозигиҳо зиёдатист, онҳо аз ҷониби суд дар қисми асоснокунии халнома таҳлил ва таҳқиқи карда мешаванд. Ҳамин тавр, зарурати пурра дарҷ намудани моҳияти аризаи даъвоги даъвогар ва даъвои муқобили даъвои ҷавобгар ё норозигии хатти ӯ лозим нест. моҳияти баҳс, доираи он бе таҳлили асоснокии ҳолатҳои нишондодаи тарафҳо дар қисми баёнии халнома дарҷ карда шуда, ҳолатҳо ва далелҳои барои ҳалли павранда аҳамиятдошта минбаъд дар қисми асоснокунии ҳалнома такрор хоҳад шуд.

Бинобар ин, методика қоидаҳои зерини таҳия намудани қисми баёнии ҳалномаро пешниҳод мекунад. Дарҷ намудани танҳо талаботи аризаи даъвогӣ, ки дар қисми хоҳишкунии (талабкунии) аризаи даъвогии даъвогар зикр шудааст. Мавзуи даъво бо талаботи мушаххаси даъвогар муайян карда шуда, ҳамчун талаботи моддӣ-ҳуқуқӣ, ки аз моҳияти вайрон гардиан ё таҳдиди вайрон кардани ҳуқуқ, озодиҳо ё манфиатҳои қонунии даъвогарро нишон медиҳад, муайян карда мешавад. Аксар вақт талаботи моддӣ-ҳуқуқӣ дар тасвияи муайяни ҳуқуқӣ ифода карда мешавад, ки ҳаҷми (андозаи) талабот ё ҳолатҳои дигарро муайян мекунад. Масалан, талаботи даъво пешниҳод карда мешавад, ки дар он даъвогар аз рӯи шартномаи қарз рӯёнидани 10000 сомонӣ маблағӣ қарз ва 5000 сомонӣ ноустуворонаро (ҷарима, пеня) талаб мекунад, ё ин ки рӯёнидани маблаги товони зарари ба саломатӣ расонидашуда ба андозаи 100000 сомониро хоҳиш менамояд. Ҳамин тавр, бо истифода аз тасвияҳои умумии ҳуқуқӣ, ки дар қонуни моддӣ дарҷ ёфтаанд, номи даъво ва маълумоти мушаххас мумкин аст талаботи даъвогарро мухтасар ва басанда нишон дод. Асоснокунии ин талабот (яъне, санаи бастани шартнома, асосҳои ҳуқуқи моликият ба ашёи мушаххас ва ғайраҳо) дар қисми асоснокунии ҳалнома баҳо дода мешаванд.

Инчунин, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки агар дар як аризаи даъвогӣ даъвогар ва ё ҷавобгар дар аризаи даъвогии муқобили даъво, якчанд талаботҳои даъворо пешниҳод карда бошанд, пас дар қисми баёнии ҳалнома ҳар як талаботи даъво пай дар пай ҳатмат бояд дарҷ карда шаванд.

Минбаъд, дар қисми байнии ҳалнома бояд тағйиротҳо оид ба талаботҳои даъвогӣ, ки мутобиқи м.43 КММ тағйир, зиёд ё кам шудаанд, агар ҳангоми баррасии парванда пешниҳод гардида бошанд, дарҷ карда шаванд.

Тибқи б.3 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” ба судяҳо тавзеҳоти дастурӣ дода шудааст, ки агар даъвогар асос ё мавзуи даъворо тағйир дода, андозаи талаботи даъворо зиёд ё кам карда бошад, дар ин бора бояд дар қисми баёнии ҳалнома дарҷ карда шавад.

Зарурати ин қоида хеле баҳснок аст. Агар даъвогар асос ё мавзуи даъворо тағйир диҳад, он гоҳ талаботи пешниҳодшуда ва ё ҳолатҳои аз ибтидо изҳоршуда аҳамияти ҳуқуқӣ надоранд ва аз тарафи суд баррасӣ ва таҳқиқ карда намешаванд, бинобар ин мақсади нишон додани чунин амали даъвогар хангоми баррасии ниҳоии парвандаи маданӣ ва қабул намудани ҳалнома дар доираи талаботи даъво маълум нест. Аммо қонуни мурофиавӣ тартиби дигарро ҷиҳати ҳалли ин масъала пешбинӣ накардааст, бо назардошти ин, дар қисми баёнии ҳалнома таърихи мурофиавии парвандаи маданӣ бояд нишон дода шавад.

Минбаъд дар қисми баёнии ҳалнома бояд норозигии ҷавобгар зикр карда шавад. Ин муқаррароти қонунро аксар вақт ҳамчун зарурати такроран навиштани тамоми ваҷҳҳои (далелҳои) овардани ҷавобгар аз норозигӣ ба даъво фаҳмида мешавад. Аммо инро бояд дар назар дошт, ки агар даъво аз тарафи ҷавобгар пурра эътироф шуда бошад, дар қисми баёнии ҳалнома танҳо ҳамин ҳолат нишон дода мешавад, зеро дар баробари аз тарафи суд қабул гардидани чунин эътирофи даъво, барои қабул намудани ҳалнома оид ба қонеъ намудани даъво кифоя аст.

Агар ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ бо истифода аз усули иртиботӣ (релясионӣ), суд ба хулосае ояд, ки даъво аз ибтидо беасос аст ва ё ҳуқуқи талабот мавҷуд набошад, новобаста аз асосҳое, ки ҷавобгар нисбати он норозигӣ баён кардааст, даъво бояд рад карда шавад. Бинобар ин, муфассал баён намудани норозигии ҷавобгар зиёдатист, зеро норозигиҳо на ҳама вақт дар парванда аҳамияти ҳуқуқӣ доранд. Дарҷ намудани он ки ҷавобгар даъворо эътироф накардааст ва бо ин моҳияти мавқеи ҷавобгарро нишон додан кифоя мебошад.

Агар ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ суд ба хулосае ояд, ки норозигии ҷавобгар аз ибтидо беасос аст, он гоҳ даъво бояд новобаста аз он ки ҷавобгар кадом ваҷҳҳоро пешниҳод намудааст, қонеъ гардонида шавад. Бинобар ин, зарурати дар қисми баёнии ҳалнома муфассал дарҷ кардани норозигиҳои ҷавобгар, ки ба ҳалли баҳс аҳамияти ҳуқуқӣ надоранд, вуҷуд надорад. Дарҷ намудани он ки ҷавобгар даъворо эътироф накардааст ва баъдан дар қисми асосноккунии ҳалнома оид ба беасос будани ваҷҳҳои

овардаи ҷавобгар бо истиноди дахлдор овардан ба меъёри қонуни моддӣ баҳои ҳуқуқӣ додан кифоя мебошад.

Дар мавриде, ки ҳангоми омодасозии парванда суд ба хулосае ояд, ки ҳам даъво ва ҳам норозигии ҷавобгар асоснок мебошанд, пас оқибати ҳалли баҳс аз он вобаста аст, ки кадом далелҳоро тарафҳо оид ба асоснок будани мавқеашон ба суд пешниҳод менамоянд. Дар баробари ин дар қисми асосноккунии ҳалнома ҳам ҳолатҳои муқаррарнамудаи суд, ки тарафҳо оид ба онҳо хабар додаанд ва ҳам ҳолатҳое, ки суд барои тасдиқи ҳолатҳои дигар рад кардааст, нишон дода мешавад. Бинобар ин, мувофиқи қоидаҳои болозикр дарҷ намудани мавқеи тарафҳоро низ мухтасар ба мақсад мувофиқ аст.

Агар дар норозиҳои ҷавобгар дар бораи гузарондани муҳлати даъво, ки аз ҷониби суд татбиқ шуда боиси рад кардани даъво мегардад, пас ин хоҳиши ҷавобгар бояд дар қисми баёнии ҳалнома зикр карда шавад, зеро он аҳамияти ҳуқуқӣ дорад. Асосноккунии чунин норозигиҳо дар қисми асосноккунии ҳалнома баҳои ҳуқуқи дода мешавад.

Бинобар он ки норозигии хаттии тарафҳо оқибатҳои ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ доранд, дар қисми баёнии ҳалнома ба кадом даъво пешниҳод гардиди норозиги ва моҳияти мухтасари норозигии тарафҳоро судяҳо бояд дарҷ намоянд. Масалан, мувофиқи қ.2 м.216 КМ давомияти муҳлати даъворо суд танҳо тибқи аризаи тарафи баҳс, ки то баровардани санади судӣ арз шудааст, татбиқ менамояд. Аз мазмуни меъёри мазур бармеояд, ки ҷавобгар метавонад чӣ дар ариза ва чӣ дар норозигии хаттӣ хоҳиш намоянд, ки бо назардошти бе сабабҳои узрнок гузаштани муҳлати даъво, даъвои даъвогар рад карда шавад.

Минбаъд, агар ҷавобгар аризаи даъвогии муқобили даъво пешниҳод карда бошад, он гоҳ қоидаҳои нишон додани талаботи ӯ инчунин, норозигиҳои даъвогар бо тартиби дарҷ намудани даъвои ибтидоии даъвогар сурат мегирад. Яъне дар қисми баёнии ҳалнома мавзуи баҳс ва талаботи даъвои муқобил низ мухтасар нишон дода мешаванд. Дар мавриди пешниҳод намудани даъвои мустақил аз ҷониби шахсони сеюм талабот ба он низ бо ҳамин тартиб нишон дар қисми баёнии ҳалнома дарҷ карда мешавад.

Дар қисми баёнии ҳалнома бояд баёнотҳои шифоҳӣ ё хаттии тарафҳо ва шахсони иштирокдори парванда аз номи шахси сеюм зикр карда мешаванд.

Шахсони иштирокдорони парванда инҳо мебошанд: даъвогар, даъвогарон, ҷавобгар, ҷавобгарон, шахсони сеюм, прокурор агар ӯ даъво пешниҳод карда бошад, ворисии ҳуқуқии мурофиавӣ, мақомоти ҳокимияти

давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шаҳрвандон ё шахсони ҳуқуқӣ, ки дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун метавонанд барои ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи дигар шаҳрвандон мутобиқи хоҳиши онҳо ё гурӯҳи номуайяни шахсон бо даъво ба суд мурочиат кунанд. Инчунин, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки то баровардани ҳалномаи суди марҳилаи якум ҳуқуқ доранд бо ташаббуси худ ё бо ташаббуси шахсони иштирокчии парванда дар мурофиа бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои ба зиммаашон гузошташуда ё барои ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии дигар шахсон ё манфиати давлат ҷиҳати додани хулоса вобаста ба парванда иштирок кунанд.[201]

Қонуни мурофиавии маданӣ судяро вазифадор мекунад, ки дар қисми баёнии ҳалнома баёноти шахсони иштирокдорони парвандаро дарҷ намояд. Азбаски вазъи мурофиавии шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод мекунанд ва шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод накардаанд гуногун аст, тавсия мешавад, ки ҳангоми дар қисми баёнии ҳалнома дарҷ намудани баёнотҳои онҳо қоидаҳои зерин истифода бурда шаванд. Ҳангоми дарҷ намудани баёноти шахси сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод мекунад, қоидаҳои болозикршуда барои аризаи даъвои ибтидои татбиқ карда мешаванд, зеро шахси сеюм бо пешниҳод намудани талаботи даъво нисбати як ё ҳар ду тараф ба мурофиаи судӣ дохил мешавад. Вобаста ба ин, дар қисми баёнии ҳалнома бояд нороозигиҳо нисбати даъвои шахси сеюм низ дарҷ карда шаванд.

Баёноти шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод накардаанд, ба судя имкон медиҳад, ки иштироки шахси сеюмро дар мурофиа ба ҷонибдории даъвогар ё ҷавобгар дар қисми баёнии ҳалнома зикр намояд. Масалан, ишора ба он ки “шахси сеюм хоҳиш кардааст, ки даъво қонеъ карда шавад” шаҳодат медиҳад, ки шахси сеюм ба ҷонибдории даъвогар ба мурофиа ворид шудааст.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мувофиқи қ.4 м.45 КММ шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод накардаанд, ҳуқуқи эътироф намудани даъворо надоранд. Аз ин рӯ дар қисми баёнии ҳалнома чунин дарҷ намудан “Шахси сеюм ҷонибдори ҷавобгар даъворо эътироф накарда ..... аз суд хоҳиш намуд, ки даъво рад карда шавад” нодуруст мебошад. Баёноти чунин шахси сеюм дар қисми баёнии ҳалнома оид ба ҳолатҳо ва делелҳо бояд дарҷ карда шавад.

---

[201]м.м.40, 41, 44 то 49 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

Агар шахсони сеюм оид ба татбиқ намудани давомияти муҳлати даъво арз карда бошанд ва чунин арзкунӣ боиси аз ҷониби суд рад гардидани даъво шавад, ин ваҷҳи (далели) овардаи шахси сеюм бояд дар баёноти номбурда дарҷ карда шавад.

Ҳамзамон, дар назар бояд дошт, ки ҳуқуқи эътироф намудани ҳолатеро, ки тарафи дигар талабот ё норозигии худро ба он асоснок мекунад, намояндаи тараф низ ҳуқуқҳоро доро мебошад, агар дар ваколатномаи ба ӯ додашуда чунин амалҳои мурофиавӣ нишон дода шуда бошанд.[202]

Судяҳо бояд дарк кунанд, ки қисми баёнии ҳалнома барои тавсифи моҳияти баҳс бидуни таҳлил зарур аст. Аз ин рӯ, дар қисми баёнӣ маводи қисми асосноккуниро баён кардан шарт нест. Дар он аризаи даъвогӣ, норозигӣ ба даъво ва баёноти тарафҳо ба таври муфассал зикр карда намешавад. Инчунин, ба ҳалнома кучонидани тамоми матни аризаи даъвогӣ ва норозигиҳои хаттӣ мумкин нест. Қисми баёнӣ танҳо моҳияти мавқеи шахсони иштирокдорони парванда ва баёнотҳои онҳоро оид ба ҳолатҳои баҳснок бояд дар бар гирад.

Азбаски дар қисми баёнии ҳалнома баёноти тарафҳо ва шахсони сеюм бояд мухтасар дарҷ карда шаванд, онҳо бояд дар қисми асоснокии ҳалнома бо роҳи муқаррар намудани ҳолатҳои муайяни воқеӣ ё рад кардани далелҳо барои тасдиқи ҳолатҳои дигар инъикос карда шаванд. Дар қисми баёнӣ бояд ваҷҳҳои овардаи ҷавобгар, шахси сеюм дар бораи гузаштани муҳлати даъво, ки барои рад кардани даъво асос шудааст, дарҷ карда шавад.

Шоҳидон шахсони иштирокдорони парванда намебошанд, нишондоди онҳо далел оид ба парванда мебошад, аз ин рӯ нишондодҳои шоҳидон набояд дар қисми баёнии ҳалнома зикр карда шаванд.

Чӣ тавре зикр шуд меъёрҳои қ.3 м.202 КММ маълумотҳое, ки бояд қисми баёнии ҳалнома дарҷ карда шавад, мушаххас муқаррар намудааст. Аз ин рӯ дар матни ин қисми ҳалнома ба тафсилоти аз ҳад зиёди ҳолатҳо ва овардани иқтибос аз меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавӣ, ки ба ҳалли баҳс алоқаманд нестанд аз ҷумла, оид ба масъалаҳои мурофиавие, ки дар ҷараёни муҳокимаи судӣ анҷом дода шудаанд, иҷозат дода намешавад. Мисол, дар ҳалнома муҳокима намудани масъалаи бе иштироки ин ё он тараф баррасӣ гардидани парванда ва истинод овардан ба м.170 КММ мавзуи муҳтавои ҳалнома набуда, набояд дар ҳалнома дарҷ карда нашавад. Суд ин масъаларо дар маҷлиси судӣ ҳал карда истода оид ба қарори қабулшуда дар протоколи маҷлиси судӣ ва ё таъинот чунин хулосаронихоро дарҷ менамояд.

[202]б.3 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

Намунаи қисми баёнии ҳалнома чунин шуда метавонад:

Муқаррар кард:

Даъвогар хоҳиш намудааст, ки шартномаи хариду фурӯши манзили истиқомати №25 воқеъ дар бинои №12 кӯчаи Ваҳдати шаҳри Душанбе, ки байни ӯ ва ҷавобгар рӯзи 18 апрели соли 2024 дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба расмият дароварда шудааст, беэътибор дониста шавад.

Ҷавобгар дар норозигиҳои хаттиаш хоҳиш намудааст, ки аризаи давогии даъвогар бинобар беасос будан рад карда шавад.

Инчунин, ҷавобгар дар аризаи даъвои муқобили даъво хоҳиш намудааст, ки даъвогар ва ҷавобгарон аз манзили истиқомати №25 воқеъ дар бинои №12 кӯчаи Ваҳдати шаҳри Душанбе кӯчонида шаванд.

Дар маҷлиси судӣ даъвогар талаботи аризаи даъвогиашро дастгирӣ намуда, талаботи даъвои муқобилро эътироф накарда.....баёнот дод. Аз суд хоҳиш кард, ки талаботи аризаи даъвогии пешниҳодкардаи ӯ қонеъ карда шуда, талаботи аризаи муобили даъвои ҷавобгар рад карда шавад.

Ҷавобгар дар маҷлиси судӣ талаботи даъвогии даъвогарро эътироф эътироф накарда, талаботи даъвои муқобилро дастгирӣ намуда.....баёнот дод. Аз суд хоҳиш намуд, ки даъвои даъвогар бинобар беасос буданаш рад карда шуда, талаботи даъвои муқобили даъво қонеъ карда шавад.

Дар маҷлиси судӣ ҷавобгар Давлатзода Ҳ.Б. талаботи даъвои муқобили даъворо эътироф накарда.....баёнот дод. Аз суд хоҳиш кард, ки талаботи аризаи муқобили даъвои ҷавобгар рад карда шавад.

Ҷавобгар Давлатзода Б.Б. дар маҷлиси судӣ талаботи даъвои муқобили даъворо эътироф накарда.....баёнот дод. Аз суд хоҳиш кард, ки талаботи аризаи муқобили даъвои ҷавобгар рад карда шавад.

Дар маҷлиси судӣ намояндаи ваколатдори шахси сеюм, ки ба мавзӯи баҳс талаботи мустақил пешниҳод накардааст .....баёнот дод.

Дар маҷлиси судӣ намояндаи ваколатдори даъвогар талаботи аризаи даъвогии даъвогарро дастгирӣ намуда, талаботи даъвои муқобилро эътироф накарда.....баёнот дод. Аз суд хоҳиш кард, ки

талаботи аризаи даъвогии пешниҳодкардаи даъвогар қонеъ карда шуда, талаботи аризаи муобили даъвои ҷавобгар рад карда шавад.

Намояндаи ваколатдори ҷавобгар дар маҷлиси судӣ талаботи даъвогии даъвогарро эътироф эътироф накарда, талаботи даъвои муқобили ҷавобгарро дастгирӣ намуда.....баёнот дод. Аз суд хоҳиш намуд, ки даъвои даъвогар бинобар беасос буданаш рад карда шуда, талаботи даъвои муқобили даъво қонеъ карда шавад.

Суд баёноти тарафҳо ва шахсони иштирокдорони муҳокимаи судиро шунида, маводи парвандаи маданиро омухта ба хулосаи зерин омад.

§4. Методикаи тарзи тартиб додани қисми асоснокқунонии ҳалнома;

Қисми асоснокқунонии ҳалнома асосӣ ҳалнома ҳисобида мешавад. Он ҷараёни асосии эҷодии қабул намудани ҳалномаро мутамарказ ва инъикос мекунад. Қисми асоснокқунонии ҳалнома аз се унсури асосӣ иборат аст:

-ҳолатҳои муқаррарнамудаи суд;

-далелҳо, ки дар асоси таҳқиқи онҳо, муқаррар карда шудаанд;

-бандубасти ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқӣ.

Тавре ки дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд шудааст, ҳадафи асосии қисми асоснокқунӣ тавсифи асосҳои қабул намудани ҳалнома, яъне он далеловарие мебошад, ки қабул намудани маҳз ҳамин гуна ҳалномаро мефаҳмонад. Асосҳои (ё сабабҳои) қабул намудани ҳалнома дар пайдарҳамии мантиқие, ки ҳалнома қабул шудааст, шарҳ дода мешавад.

Тасвияи қисми асоснокқунонии ҳалнома бояд равшан, мухтасар ва бо забони осонфаҳм баён карда шавад. Дар хотир доштан лозим аст, ки асоснокқунонии ҳалнома пеш аз ҳама, ба тарафҳои баҳс, яъне ба шахсоне, ки мутахассиси соҳаи ҳуқуқ намебошанд, равона гардидааст. Аз ҳамин сабаб ҳалнома бояд маҳз ба онҳо фаҳмо бошад. Ҳангоми таҳия намудани қисми асоснокқунонии ҳалнома ба ҷумлаҳои кӯтоҳ на ин ки ба сохти мураккаб, бояд афзалият дода шавад. Ба қадри имкон, аз калимаҳои хориҷӣ даст кашида, дар истифода бурдани истилоҳоти ҳуқуқи ба мафҳумҳои маъмултарин маҳдуд шуда дар ҳолатҳои дигар агар имкон бошад, онҳоро ба тарзи сода ифода кардан лозим аст. Ин ягона усулест, ки тарафи мағлубшуда моҳияти ҳалномаро дарк кунад ва ба он розӣ шавад, ҳатто агар тараф чунин шуморад, ки ҳалнома "умуман" бояд ба манфиати онҳо қабул мешуд.

Дар ҳалнома нишон додани асосҳои қабул шудани он, якчанд ҳадафҳоро пайгирӣ мекунад. Аз як тараф, асосҳо ба тарафҳо барои дарк намудани мантиқи хулосаронии суд оид ба ҳалномаи қабулшуда, фаҳмидан он ки чаро баъзе далелҳо қабул карда шудаанд вале дигарашон не, барои чӣ ҳамин меъёри муайяни ҳуқуқи моддӣ татбиқ шудааст ва ё бо чӣ сабаб суд қиёси қонунро истифода кардааст, кӯмак мерасонад. Мавҷуд будани асосҳо дар ҳалнома адолати судиро барои аҳолӣ дастрас ва фаҳмо мегардонад. Аз тарафи дигар, маҳз асосҳо барои судҳои болоӣ ҳангоми санҷиши қонунӣ ва асоснок будани ҳалнома суд як навъ роҳнамо мебошанд.

Дар қисми асосноккунонии ҳалнома ҳолатҳои парвандаро бо он тарзе, ки суд онҳоро ҳангоми маҷлиси судӣ дар асоси таҳқиқи далелҳо ва баҳодиҳии онҳо муқаррар кардааст, бояд дарҷ карда шаванд.

Ҳангоми таҳия намудани қисми асосноккунонии ҳалнома судяҳо набояд танҳо бо баёни одии ҳолатҳо, номбар кардани далелҳо, истинод овардан ба иқтибос аз нишондодҳои шоҳидон маҳдуд шаванд ва бе таҳлил ва баҳодиҳии онҳо ба ин ё он хулоса омадани судро нишон диҳанд.

Дар ин қисми ҳалнома далелҳо на танҳо бояд номбар карда шаванд, балки ба онҳо бояд баҳои ниҳои дода шавад, зеро суд уҳдадор аст натиҷаҳои баҳодиҳии далелҳоро дар ҳалнома дарҷ намояд. Суд уҳдадор аст, ки дар қисми асосноккунонии ҳалнома асосҳо барои қабули баъзе далелҳо чун воситаи асосноккунии хулосаи суд қабул гардида, дигар далелҳоро суд рад намудааст, инчунин асосҳое, ки мутобиқи онҳо ба як далел нисбат ба далели дигар афзалият дода шудааст, зикр намояд.[203] Аз ин рӯ аҳамияти онҳо барои парванда инчунин, ҳолатҳои муқарраршуда нишон дода шуда ба онҳо баҳои ҳуқуқӣ бояд дода шаванд.

Ҳангоми аз ҷониби тараф эътироф намудани ҳолатҳо суд инро дар қисми асосноккунӣ дар як вақт бо хулосаи суд оид ба муқаррар намудани ин ҳолатҳо нишон медиҳад, агар аз рӯйи он асосе мавҷуд набошад, ки эътирофи ҳолатҳо қабул карда намешаванд.

Танҳо баъд аз ин хулосаи ниҳоӣ оид ба моҳияти парванда бо нишон додани меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқи моддие, ки суд нисбат ба муносибатҳои ҳуқуқии баҳсноки баррасишаванда татбиқ кардааст, бароварда мешавад.

Мувофиқи қ.4 м.202 КММ дар қисми асосноккунонии ҳалнома бояд маълумотҳои зерин дарҷ гарданд:

1. Ҳолатҳои парванда, ки суд муқаррар намудааст;

[203]қ.4 м.70 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

2. Далелҳое, ки хулосаи суд оид ба ин ҳолатҳо бо ин далелҳо асос ёфтаанд;

3. Ваҷҳое, ки дар асоси онҳо суд ин ё он далелро рад кардааст;

4. Қонуне, ки суд ба роҳбарӣ гирифтааст.

Саволе метавонад ба миён ояд, ки чӣ тарз дар қисми асосноккунонии ҳалнома ин муқарраротҳоро бояд дарҷ карда шаванд. Пеш аз ҳама дар қисми асосноккунӣ ҳолатҳои парванда, ки суд муқаррар кардааст, дарҷ карда шаванд. Ин талабот комилан асоснок аст, зеро дар аввал судя бояд муқаррар намояд, ки дар байни тарафҳо чӣ гуна ҳолатҳои воқеӣ буданд, ки барои таҳлили парванда асоси воқеӣ хоҳанд буд. Ҳолатҳои муқарраршудаи парванда на маҷмӯи ҳолатҳои баҳс, ки тарафҳо баён кардаанд, балки ҳолатҳои воқеие мебошанд, ки:

1. Барои парванда аҳамият доранд;

2. Бо тартиби муқарраргардида исбот шудаанд ё ин ки бебаҳс мебошанд.

Агар ҳалнома дар асоси усули иртиботи (релясионӣ) навишта шуда бошад, пас аз муҳокмаи судӣ бояд ҳамаи нуктаҳои баҳсноке, ки дар марҳилаи омодасозии парванда муайян карда шуда буданд, ҳал карда шаванд ва дар вақти таҳия намудани ҳалнома алакай бояд ба суд маълум бошад, ки:

1. Кадом ҳолатҳои воқеӣ барои парванда аҳамият доранд ва кадоме аз ҳолатҳо ба мавзуи баҳс дахл надоранд;

2. Кадом ҳолатҳои воқеӣ бебазс мебошанд;

3. Кадом ҳолатҳои баҳснок исбот шудаанд ва кадомашон исбот нашудаанд.

Донистани ин бояд ба судя барои таҳия намудани қисми асосноккунонии ҳалнома кӯмак расонад.

Дар навбати аввал дар ҳолатҳои муқарраршуда, ҳолатҳои бебаҳсро, ки барои парванда аҳамият доранд нишон додан лозим аст. Ҳолатҳои бебаҳс – ҳолатҳои воқеие мебошанд, ки:

1. Аз ҷониби даъвогар арз шуда ва аз тарафи ҷавобгар эътироф гардидаанд;

2. Аз ҷониби ҷавобгар арз шуда ва аз тарафи даъвогар эътироф гардидаанд.

Аз ҷониби як тараф эътироф намудани ҳолате, ки тарафи дигар талабот ё норозигии худро ба он асоснок мекунад, дар қисми асосноккунии ҳалнома бо хулосаи суд оиди муқаррар кардани ин ҳолатҳо дарҷ карда

мешавад, агар асосҳо барои қабул накардани эътирофи даъво ҷой надошта бошанд.[204]

Ба ҳолатҳои бебаҳс инчунин, ҳолатҳое, ки дар м.64 КММ пешбинӣ шуда, асос барои озод кардани тарафҳо аз уҳдадории исбот дохил мешаванд, бояд ба роҳбарӣ гирифта шаванд.

Ҳангоми муайян кардани ҳолатҳои бебаҳс судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки бо даъвоҳое, ки аз парвандаи ҷиноятӣ бармеоянд, суд дар қисми асосноккунии ҳалнома масъалаи гунаҳгокрии ҷавобгарро муҳокима какарда, балки танҳо талаботи даъвогарро, мисол оид ба ҷуброни зиёни расондашударо ҳал мекунад.

Мутобиқи қ.4 м.64 КММ санади эътибори қонунӣ пайдокардаи суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ барои суди баррасикунандаи парванда оид ба оқибатҳои маданию ҳуқуқии амали шахсе, ки нисбати ӯ санади судӣ дар хусуси оё чунин амалҳо ҷой доштанд ва ё онҳоро ҳамин шахс содир намудааст, бароварда шудааст, ҳатмӣ мебошад. Бо дарназардошти ин, аз рӯи даъвое, ки аз парвандаи ҷиноятӣ бармеояд, суд гунаҳгории ҷавобгарро муҳокима накарда, танҳо масъалаи талаботи даъворо ҳал менамояд. Дар ҳалномаи суд оид ба қонеъкунии даъво, ба ғайр аз ишора ба ҳукм аз рӯи парвандаи маданӣ, инчунин далелҳои дар парванда мавҷудбуда, ки талаботи даъво (масалан, андозаи маблағи рӯёнидашаванда, баҳисбогирии вазъи молу мулкии ҷавобгар ё гуноҳи ҷабрдида ва ғайра) бо онҳо асоснок карда шудаанд бояд нишон дода шавад.[205]

Масалан, суд хулосаи худро оид ба ҷуброни зиёни расондашуда аз ҳисоби ҷавобгар ба фоидаи даъвогар асоснок карда истода, танҳо ба ҳукми эътибори қонуни пайдонамудаи суд, ки гуноҳи ҷавобгарро оид ба расонидани зиён ба бебаҳс тасдик кардааст, истинод мекунад. Дар ин ҳолат аз матни ҳукми суд такроран рӯйбардор намудани моҳияти содир шудани ҷиноят ва кирдорҳои ҷиноятии содиркардаи ҷавобгар шарт нест. Аз ин рӯ, дар қисми асосноккунонии ҳалнома ба суд кофист, ки масъалаи ҳаҷми ҷуброни зиёни расондашударо ҳал намуда, даъворо пурра ё қисман қонеъ намояд.

Ғайр аз ин, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мувофиқи қ.қ.2, 3 ва 5 м.64 КММ ва тавзеҳоти дастурии б.10 Қарори Пленуми Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” номгӯйи асосҳо барои озод гардидани тарафҳо аз уҳдадории исбот аз ҷумла, ҳолатҳое, ки бо санадҳои эътибори қонунӣ пайдокардаи суд

[204]б.3 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

[205]б.10 Қарори Пленуми Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

оид ба парвандаҳои маданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҳолатҳое, ки аз ҷониби нотариус ҳангоми ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ тасдиқ гардиданд пешбинӣ шудаанд. Оқибатҳои ҳуқуқии чунин далелҳо бояд ҳангоми баррасии парвандаҳои маданӣ дар бораи амали шахсоне, ки нисбати онҳо ин санадҳо қабул шудааст, бояд ба назар гирифта шаванд.

Инчунин, бо дарназардошти мазмуни қ.3 м.15, м.64 ва қ.2 м.213 КММ шахсони дар баррасии парвандае, ки аз рӯи он санади судӣ қабул карда шудааст, иштирок накардаанд, ҳуқуқ доранд дар баррасии парвандаи мадании дигар бо иштироки онҳо ҳолатҳоеро, ки бо ин санади судӣ муқаррар карда шудааст, мавриди баҳс қарор диҳанд. Дар чунин ҳолат суд дар асоси далелҳои дар маҷлиси судӣ мавриди таҳқиқ қарор дода ҳалнома қабул мекунад.[206]

Ҳолатҳое, ки суд онҳоро умумимаълум эътироф кардааст, ба исбот эҳтиёҷ надоранд. Ба чунин ҳолатҳо мисол, заминҷунбӣ, обзезӣ, эпидемияи Ковид-19 чӣ дар миқёси ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва чӣ умумиҷаҳонӣ шуда метавонанд. Шарти аз ҷониби суд умумимаълум эътироф намудани ин ё он ҳолат аз он иборат аст, ки он ба доираи васеи аҳолӣ аз ҷумла, худи суд маълум бошад. Аз ин рӯ, дар чунин мавридҳо ҳолатҳои умумимаълум маврди исбот қарор намегиранд ва тарафҳоро аз уҳдадории исбот озод мекунанд.

Судҳо дар ҳар як ҳолати мушаххас ҳангоми умумимаълум эътироф намудани ҳолат уҳдадоранд дар қисми асосноккунонии ҳалнома онро асоснок намоянд.

Ҳолатҳое, ки дар ҳуҷҷати бо тариқи нотариалӣ тасдиқгардида, ки аз ҷониби нотариус ҳангоми ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ тасдиқ гардиданд мутобиқи қ.5 м.64 КММ асос барои озод кардани тараф аз исбот мебошад. Аммо, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳуҷҷатҳои бо тариқи нотариалӣ тасдиқгардида дар он маврид далели бебаҳс ҳисоб меравад, ки агар он мавзуи баҳс набошад, қаблан бекор нашуда бошад ва ё тибқи тартиби м.190 КММ ҳамчун далелҳои сохта мавриди баҳс қарор нагирифта бошанд.

Мисол, ҳангоми баррасӣ намудани парвандаи маданӣ оид ба рӯёнидани маблағи қарз даъвогар ҷиҳати асоснок намудани талаботи даъво шартнома қарзро, ки бо тариқи нотариалӣ тасдиқ гардидааст пешниҳод намуда бошад ва ҷавобгар ин шартномаро мавриди баҳс қарор надиҳад.

[206]б.11 Қарори Пленуми Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

Ҳолатҳое, ки дар шартномаи мазкур муайян шудаанд мувофиқи меъёри болозикр даъвогарро аз уҳдадории исбот озод мекунанд.

Ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта, ин ҳолатҳои воқеие мебошанд, ки:

1. Ба шартҳои он меъёрҳои ҳуқуқ, ки суд ҳангоми ҳалли баҳс татбиқ менамояд, мувофиқат мекунад;

2. Хулосаи суд ба онҳо асос меёбад.

Ҳамин тавр, дар қисми асосноккунонии ҳалнома, ҳолатҳои воқеиро метавон бо нишон додани он, ки ин ҳолатҳо аз ҷониби тарафҳо мавриди баҳс қарор нагирифтаанд ва ё аз исбот озод мебошанд, дарҷ карда шаванд. Чунин нишондод барои фаҳмидани ҳалнома ва таҳлили минбаъдаи маводи воқеӣ аз тарафи судҳои болоӣ мусоидат мекунад. Масалан, вобаста бо даъво оид ба рӯёнидани маблағи қарз дар қисми асосноккунонии ҳалнома нишон додани он ки тибки шартномаи қарз аз 5 апрели соли 2023, ки аз ҷониби нотариуси давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душабе тасдиқ шудааст, ҷавобгар қарз гирифта, уҳдадор шудааст, ки онро ба даъвогар то 5 апрели соли 2024 баргардонад, кифоя мебошад. Ин ҳолатро тарафҳо баҳс накардаанд.

Минбаъд дар қисми асосноккунонии ҳалнома ҳолатҳои воқеие, ки баҳснок мебошанд, вале аз ҷониби тараф исбот шудаанд ва аз тарафи суд муқаррар карда шудаанд, бояд дарҷ карда шаванд.

Суд бояд дар қисми асосноккунонии ҳалнома далелҳоеро дарҷ намояд, ки ба онҳо хулосаи суд оид ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо асос ёфтааст. Ин барои тасдиқ намудани ҳолатҳои баҳснок, ки суд муқаррар кардааст, зарур аст. Суд дар қисми асосноккунонии ҳалнома бояд ваҷҳу асосҳоеро нишон диҳад, ки аз рӯйи онҳо ин ё он далелҳоро рад мекунад. Ин барои ниҳоят ба таври қатъӣ дарҷ кардан ва мустаҳкам намудани маводи воқеии ташаккулёфта, нишон додани он ки суд ваҷҳҳои тарафҳоро дар бораи дигар ҳолатҳои воқеӣ “шунида” асоснокии онҳоро таҳқиқ кардааст, лозим аст. Аммо тарафҳо асоснок будани ин ваҷҳҳоро исбот карда натавонистанд, ки вобаста ба онҳо ин ҳолатҳои воқеӣ аз ҷониби суд муқаррар карда нашудаанд. Бо рад кардани ин ё он далел суд бо ҳамин ҳолатҳои воқеиро, ки талаботи даъво ё норозигии тарафҳо ба он асос ёфтаанд, рад мекунад.

Суд уҳдадор аст натиҷаҳои баҳодиҳии далелҳо, қабул намудани баъзе далелҳо ва ё рад намудани дигар далелҳоро дар қисми асосноккунонии ҳалнома дарҷ намояд. Ҳамин тавр, дар қисми асосноккунонии ҳалнома ҳангоми баҳодиҳии далелҳо суд бояд талаботи м.70 КММ-ро риоя намояд. Дар ин қисми ҳалнома суд меъёрҳои ҳуқуқи моддиро, ки дар ҷараёни қабул намудани ҳалнома онҳоро ба роҳбарӣ гирифтааст, бояд дарҷ намояд.

Мисол, чунин тавзеҳоти дастуриро ба судяҳо б.6 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №14 аз 23 ноябри соли 2012 “Дар бораи татбиқи қонунгузорӣ оид ба баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо марбут ба эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ба миён меоянд” пешбинӣ намудааст, ки мутобқи талаботи моддаи 70 КММ ҳеҷ яке аз далелҳо барои суд дорои эътибори қаблан муқарраргардида намебошад. Аз ин рӯ, суд ӯҳдадор аст натиҷаҳои баҳодиҳии далелҳоро, яъне асосҳои барои қабул намудани баъзе далелҳо чун воситаи асосноккунии хулосаи суд ва рад намудани дигар далелҳо инчунин, асосҳое, ки мутобиқи онҳо ба як далел нисбат ба далели дигар афзалият дода шудааст, дар дар қисми асосноккунонии ҳалнома дарҷ намояд.

Бо дарназардошти он, ки яке аз принсипҳои муҳокимаи судӣ бевосита будани он мебошад, ҳалнома танҳо ба он далелҳое асоснок карда мешавад, ки дар маҷлиси судӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда бошанд. Ба далелҳое, ки аз тарафи суд бо риояи талаботи муқарраркардаи КММ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудаанд, инчунин ба далелҳое, ки бо вайрон намудани меъёрҳои муқаррарнамудаи қонун ба даст оварда шудаанд, асоснок намудани ҳалнома роҳ дода намешавад.[207]

Дар ҳалнома бояд далелҳои тасдиққунандаи хулоса оид ба ҳолатҳои барои ҳалли баҳс аҳамиятдошта дарҷ карда шаванд ва дар ҳолати қонеъ намудани талаботи даъвогӣ ҳолати муқаррарнамудани суд бояд аниқ баён карда шуда бошад.

Қайд кардан зарур аст, ки хулосаи коршиноси судӣ дар баробари дигар далелҳои парванда воситаҳои истисноии исбот ва барои суд далели дорои эътибори қаблан муқарраргардида намебошад ва бояд дар маҷмӯъ бо ҳамаи далелҳои дар парванда мавҷудбуда баҳо дода шавад. Баҳои ба хулосаи коршинос додаи суд бояд пурра дар ҳалнома инъикос карда шавад. Дар ин мавриди нишон дода шавад, ки хулосаи коршиноси судӣ (эксперт) ба чӣ асос карда шудааст, оё ҳамаи маводе, ки ба экспертиза пешниҳод шудаанд ба эътибор гирифта шуда, онҳо аз тарафи коршиносони судӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтаанд ё не.[208]

Аз ин рӯ, суд ӯҳдадор аст натиҷаҳои баҳодиҳии далелҳоро, асосҳои барои қабули баъзе далелҳо чун воситаи асосноккунии хулосаи суд қабул намуда, дигар далелҳоро суд рад кардааст, инчунин асосҳое, ки мутобиқи онҳо ба як далел нисбат ба далели дигар афзалият дода шудааст, дар ҳалнома

[207]б.8 Қарори Пленуми Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

[208] б.9 Қарори Пленуми Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

дарҷ намояд. Ҳангоми баҳодиҳии саҳеҳии ҳуҷҷатҳо ва дигар далелҳои хаттӣ суд бояд бо назардошти дигар далелҳо эътимод дошта бошад, ки ҳуҷҷат ва дигар далелҳои хаттӣ аз мақомоте пешниҳод шудаанд, ки барои додани чунин навъи далелҳо ваколатдоранд, аз ҷониби шахсе имзо шудааст, ки ҳуқуқ дорад ба ин ҳуҷҷатҳо имзо гузорад, дорои ҳамаи дигар реквизитҳое бошад, ки барои чунин навъи далелҳо заруранд.[209]

Дар ҳалномаи суд бояд ҳатман асосҳое оварда шуда бошанд, ки аз онҳо дида шавад, ки суд парвандаро ҳал карда истода чиро ба роҳбарӣ гирифтааст ва аз ҷониби ӯ ба далелҳои дар парванда ҷойдошта чӣ гуна баҳо дода шудаанд.

Баъд аз ин, суд дар қисми асосноккунонии ҳалнома бояд қонунҳоеро дарҷ намояд, ки ҳангоми қабул намудани ҳалнома онҳоро ба роҳбарӣ гирифтааст. Муносибатҳои ҳуқуқии мавриди баҳс қарордоштаро бандубаст намуда, суд бояд на танҳо меъёрҳои ҳуқуқии татбиққарда, балки мутобиқ будани ҳолатҳои муқарраршударо бо шартҳои меъёри ҳуқуқи моддии татбиқшаванда нишон диҳад.

Бо меъёри қонун оғоз намудани таҳияи қисми асосноккунонии ҳалнома, такя кардан ба ҳолатҳои воқеии барои парванда ахамиятдошта, ки қаблан муқаррар нашуда буданд, пас аз нишон додани ҳолатҳо ва таҳлили меъёрҳои қонун нодуруст мебошад.

Қонун судро вазифадор намекунад, ки ақидаи ҳуқуқии тарафҳоро инкор намояд ва ё ҳолати татбиқ накардани меъёри ҳуқуқии дигареро, ки дар назари аввал ба вазъияти баҳснок наздиктар мебошад, асонок намояд. Аммо дар амалия, судяҳо чун қоида, аксар вақт бо мақсади ба тарафҳо нишон додани он ки ақидаи ҳуқуқии онҳо аз ҷониби суд шунида шудааст инчунин, бовар кунондани тараф вобаста ба нодурустии баҳодиҳии ҳуқуқи ҳолатҳои воқеии парванда ва далелҳо, пешгирӣ кардани вақҳҳои шикоят ба судҳои болоӣ ва оид ба парванда ба таври илова асоснок намудани мавқеи ҳуқуқии суд дар назди судҳои болоӣ, ба анҷом расонида мешавад. Дар ин ҷо ҳеҷ як гуна тавсияҳои қатъӣ вуҷуд надоранд: оё бояд мувофиқи қонун (муқаррароти ҳатмӣ) бо асоснок намудан маҳдуд гашт ва ё асосҳои иловагиро дарҷ намудан (чунон ки мегӯянд, "танҳо барои ягон вазъият") лозим аст. Зарурати рад кардани хулосаи ҳуқуқии тарафҳоро суд бояд дар ҳар як ҳолат алоҳида ҳал намояд.

[209] б.6 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №14 аз 23 ноябри соли 2012 “Дар бораи татбиқи қонунгузорӣ оид ба баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо марбут ба эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ба миён меоянд” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

Баъзан беасос будани ақидаи ҳуқуқии тарафҳо ба дараҷае айён аст, ки рад кардани он зарурият надорад. Аммо вақте, ки хулосаи суд бо ақидаи ҳуқуқии тараф, ки ба таври кофӣ боварибахш ба назар мерасад, мувофиқат намекунад, зарурати асоснок рад кардани чунин ақида ба миён меояд.

Мисол, ҳангоми ҳал кардани баҳс оид ба ҳуқуқи моликият ба қисми хона бо асосҳои иштирок доштан дар сохтмони он аз тарафи шахсони барои иморатсоз бегона ё аъзои оилаи иморатсоз, фикри мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ оид ба моҳияти даъво, дар якҷоягӣ бо дигар маводҳо аз ҷониби суд ба назар гирифта мешавад. Суд уҳдадор аст, ки норозигии худро дар бораи фикри мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ, дар ҳалнома оид ба парванда асоснок намояд.[210]

Уҳдадории суд оид ба нишон додани асоснок будани ҳалнома ба ғайр аз он ки қонун муқаррар кардааст инчунин, ба принсипи асосии татбиқи адолати судӣ дар давлати ҳуқуқбунёд манша мегирад. Он пеш аз ҳама ба манфиатҳои тарафҳои дар баҳси ҳуқуқӣ иштирокдошта, бахусус тарафи мағлубшуда хизмат мекунад. Тарафҳо ҳуқуқ доранд донанд, ки барои чӣ суд маҳз чунин ҳалномаро бо парвандаи онҳо қабул намудааст. Танҳо дар чунин маврид онҳо метавонанд дурнамои муваффақияти шикояткуниро ба судҳои марҳилаҳои болоӣ арзёбӣ намоянд. Ғайр аз ин, қисми босифати асоснокунонии ҳалнома барои суди болоӣ низ аҳамияти муҳим дорад, зеро он метавонад асоснокунии дар он зикршударо баҳо диҳад.

Ниҳоят, ҷанбаи дигари муҳими қисми асоснокунонии ҳалнома аз имконияти худидоракунии судя ҳангоми қабул намудани ҳалнома мебошад. Изҳороти хаттии хулосаҳои асосӣ ба судя имкон медиҳад, ки пеш аз қабул намудани ҳалнома носаҳеҳӣ ва хатоиҳоро дар асосонокунии худ бартараф намояд. Ба ғайр аз он, судя доим бояд дар хотир дошта бошад, ки ҳифзи самаранокро аз танқиди беасос, хусусан дар ҳолате, ки аз тарафи шахси дар мурофиа мағлубгардида айбдор намудани судя дар манфиатдории шахсӣ оид ба оқибати парванда, маҳз қисми асоснокунонии ҳалнома, ки ба таври дахлдор тартиб дода шудааст, таъмин менамояд.

Вобаста аз натиҷаи муҳокимаи судӣ дар ҳалнома аз рӯи талаботи даъвогар асоснокунонӣ чӣ аз рӯйи қонуни татбиқшуда ва чӣ аз рӯйи ҳолатҳои муқарраршуда дарҷ карда мешаванд. Асоси ҳуқуқӣ ин меъёрест, ки талаботи ҳуқуқӣ ё ӯҳдадоркунанда дорад ва фарорасии оқибатҳои ҳуқуқии талаботи дархостшударо пешбинӣ мекунад (асоси ҳуқуқи талабот/меъёри ҳуқуқии

[210]б.7 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №2 аз 25 июни соли 2004 “Дар бораи баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи аз ҷониби судҳо баррасӣ намудани баҳсҳои оид ба ҳуқуқи моликият ба хонаи истиқоматӣ пайдо мегарданд” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

татбиқшаванда). Минбаъд он ҳолатҳое нишон дода мешаванд, ки ба аломатҳои абстрактии бандубасткунандаи (шартхои) меъёри ҳуқуқ мувофиқ буда, бебаҳс ва ё муқарраршуда мебошанд. Қисми асоснокқунонии ҳалнома дар роҳи фарогирии субсумсияи ҳуқуқӣ омода мегардад. Роҳи мазкур аз таъсири мушаххаси оқибати ҳуқуқе, ки даъвогар тавассути таъсири абстрактии ҳуқуқӣ ва шартҳои абстрактии меъёри ҳуқуқ талаб мекунад ба ҳолатҳои мушаххас мебарад.

Оғоз намудани таҳияи қисми асоснокқунонии ҳалнома аз натиҷаи оқибати мурофиавии дар боло тавсияшуда, ниҳоят, ба тарзи кори судя низ мувофиқат мекунад. Судя танҳо пас аз он ки ӯ баҳсро барои худ фикран ҳал карда, ба натиҷаи мушаххас расида бошад, ба таври ҷиддӣ ба таҳия намудани ҳалнома оғоз мекунад. Ҳамин тавр, ҳалнома алакай қабул шудааст, ба судя танҳо лозим аст, ки онро асонок намояд.

Сохтори қисми асоснокқунонии ҳалнома бештар аз он вобаста аст, ки талаботи даъво қонеъ ва ё рад карда мешавад. Масалан, агар талаботи даъвогар асоснок бошад, он гоҳ судя метавонад танҳо он меъёри ҳуқуқиеро (асоси ҳуқуқи талабот), ки барои пурра қонеъ гардонидани талаботи даъво асос мегардад ва иҷрои шартҳои он, ба осонӣ асоснок намудан мумкин аст, дарҷ намояд. Асоснок будани даъво инчунин, бо дигар асосҳои ҳуқуқи талабот дигар аҳамият надорад.

Баҳри иҷроиши талаботи қ.4 м.202 КММ, судҳоро зарур аст, ки қонунҳои моддие, ки суд онҳоро ба муносибатҳои ҳуқуқии мазкур татбиқ мекунад ва меъёрҳои мурофиавие, ки онҳоро дастрас менамояд дар ҳалнома нишон диҳад. Инчунин, судяҳо метавонанд қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба таҷрибаи судӣ оид ба татбиқи меъёрҳои мурофиавӣ ва моддие, ки ба ҳамин парванда татбиқ карда мешаванд, дастрас намоянд.[211]

Судя ҳамеша ва аз ҳама беҳтараш дар ибтидои изҳор намудани вақҳҳои худ бояд меъёри қонунро, ки дар асоси он талаботи даъвогарро асоснок мешуморад нишон диҳад ва пас аз он аломатҳои (шартҳои) бандубасткунандаи онро бо ҳолатҳои мушаххаси парванда бандубаст (субсумсия) намояд.

Аз тарафи суд танҳо чунин тартиби пешниҳод намудани асосҳо ҳангоми қонеъ гардонидани даъво имкон медиҳад, ки ҷавобгари мағлубгардидаро бовар кунонад, ки ҳалнома на ин ки дар асоси хоҳиши суд, балки бевосита дар асоси қонун кабул шудааст. Инчунин, ин фаъоляити суди

[211]б.4 Қарори Пленуми Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

болоиро осон мекунад, зеро алакай дар натиҷаи шинос шудан бо ваҷҳҳои ҳуқуқие, ки дар асоси он ҳалнома мавриди шикоят қарор гирифта қабул шудааст, ба назар мерасанад.

Дар сурати рад намудани қонеъгардонии даъво бояд ҳамаи меъёрҳои ҳуқуқие, ки татбиқ карда шуданнд (асосҳои ҳуқуқи талабот) бояд номбар карда шуда, барои ҳар кадоми ҳолатҳо нишон дода шавад, ки чаро бо назардошти ҳолатҳои мушаххаси ин парванда шартҳои ҳеҷ яке аз ин меъёрҳо иҷро нашудаанд. Танҳо дар ин маврид судя ба даъвогари мағлубшуда нишон медиҳад, ки ӯ дар ҷараёни баррасии парванда тамоми имкониятҳои қонунро пурра истифода бурда, ба таври дахлдор меъёрҳои хуқуқиро маънидод ва татбиқ намудааст инчунин, судя метавонад даъвогарро ба ғайриимкон будани бурд намудани мурофиа аз ҳар мавқеи ҳуқуқӣ бовар кунонад.

Нисбат ба норозигии ҷавобгар қоидаи зерин татбик карда мешавад: дар сурати қонеъ гардондани даъво, судя бояд ҳамаи ваҷҳҳои норозигии ҷавобгарро оид ба беасос будани даъво муфассал санҷида барояд бо шарте, ки аз ибтидо чунин норозигӣ худ беасос набошад. Агар ҷавобгар норозигӣ ва ё талаботи муқобили даъво пешниҳод намояд, ки он барои қатъ гардидани тамоми талаботҳои даъвогар асос гардад (масалан, иҷрои уҳдадорӣ, гузаштани муҳлати даъво), дар ин маврид дар ҳалнома метавон танҳо бо зикри ваҷҳҳи норозигӣ маҳдуд гардида, аз баҳодиҳии муфассали тамоми асосҳои ҳуқуқи талаботи ба манфиати даъвогар баррасишаванда даст кашид.

Зеро, ҳангоми рад кардани даъво бо сабабҳои узрнок эътироф накардан ва ё ҳангоми муайян намудани далели бе сабабҳои узрнок гузаронидани муҳлати даъво ё муҳлати мурочиат ба суд дар қисми асоснокқунии ҳалнома метавонад танҳо дар хусуси муқаррар намудани ин ҳолатҳо зикр карда шавад. Хулосаи суд оид ба сабабҳои гузаронидани муҳлати мурочиат ба суд бояд дар қисми асоснокқунонии ҳалнома оварда шавад. Ҳангоми рад кардани даъво бинобар бе сабабҳои узрнок гузаронидани муҳлати даъво ва ё муҳлати мурочиат ба суд дар қисми асоснокқунии ҳалнома суд метавонад бе таҳқиқи дигар ҳолатҳои воқеии парванда танҳо ин ҳолатҳоро зикр намояд.[212]

Ба вуҷуд омадан ё надоштани ҳуқуқи талабот аҳамият надорад, агар он дар ҳама ҳолат қатъшуда ҳисоб равад. Инчунин, худ аз худ қатъ гаштани ҳуқуқи талабот аҳамият надорад, агар вобаста ба он дар ҳама ҳолат муҳлати

[212]қ.6 м.202 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj , б.6 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1 аз 12 ноябри соли 2021 «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ҳангоми баррасии баҳсҳои меҳнатии фардӣ” ва б.19 Қарори Пленуми Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

даъво ва ё муҳлати муроҷиат намудан ба суд гузашта бошад, чунки дар ҳар сурат, қонеъгардондани даъво дар ҳар ду маврид рад карда мешавад.

Суд набояд дар бораи масъалаҳои ҳуқуқие, ки аз ҳар нуқтаи назар ба парвандаи мушаххас аҳамият надорад, ҳалнома барорад. Ин вазъият махсусан вақте мушоҳида мешавад, ки назарҳои мухталифи ҳуқуқӣ дар ниҳоят ба як натиҷа оварда мерасонанд. Дар ин маврид суд вазифадор нест, ки мавқеи худро дар ин гуна масъалаҳо асоснок намояд (ва дар ин сурат тарафи мағлубро водор намояд, ки аз рӯйи ин масъала ба марҳилаи болоӣ шикоят кунад).

Дар қисми асосноккунонии ҳалнома дарҷ накардани ҳамаи вақҳҳои тарафҳо, беасос эътироф намудани вақҳу далелҳои тарафҳо бе асосноккунонии ҳуқуқӣ инчунин, нишон додан, ки “Суд маҷмӯи далелҳоро баҳо дода ба хулоса омад……..”, суйистеъмол намудан аз эътимоди ботинии судя ва берун баромадан аз доираи талаботи даъво ҳангоми баҳодиҳӣ тавсия дода намешавад.

Камбудие, ки аксар вақт дар қисми асосноккунонии ҳалнома ба назар мерасад, набудани баҳодиҳии далелҳо мебошад. Аммо дар ҳалнома судя бояд ақидаи худро асоснок кунад, аз ин рӯ, ба далелҳо бояд пурра ва ба таври фаҳмо баҳо дода шаванд. Ҳамин тавр, судя бояд ба нишондодҳои мухолифи шоҳидон ва хулосаҳои коршиносони судӣ баҳо диҳад. Дар ҳалномаи суд бояд нишон дода шавад, ки чаро судя нишондоди як шоҳидро саҳеҳ эътироф намуда, нишондоди шоҳиди дигарро қабул накардааст ва ё як хулосаи коршиносро аз дигараш афзал донистааст. Инчунин, судя бояд норозигиҳои тарафҳоро оид ба саҳеҳии нишондоди шоҳидон ва ё дурустии хулосаи коршинос баррасӣ намояд. Тарафҳо, ки мутахассиси соҳаи ҳуқуқ нестанд, аз ҳалномаи судӣ ба осонӣ ҳамаи ҷанбаҳои лозимаро бояд пайдо ва дарк намоянд, аз ин лиҳоз, аз тарафи судя асосноккунонии натиҷаи таҳқиқи далелҳо барои онҳо аҳамияти бештар дорад.

Хулоса, дар қисми асосноккунонии ҳалнома аввал ҳолатҳои воқеии муқаррарнамудаи суд, ки барои парванда аҳамият доранд ва бебаҳс ё ин ки баҳснок мебошанд, аммо аз тарафи суд тибқи тартиби муқарраргардида исбот шудаанд, дарҷ карда мешаванд. Чунин тарзи таҳия намудани ин қисми ҳалнома имкон медиҳад, ки судя ҳалномаро сохторбандӣ намуда, ба масъалаҳои баҳснок таваҷҷуҳ намуда, ба таври возеҳ нишон диҳад, ки суд мавзуи исботро чӣ гуна муайян кардааст. Ҳангоми татбиқ намудани меъёри ҳуқуқи моддӣ суд бояд мутобиқ будани ҳолатҳои муқарраршудаи воқеиро ба шартҳои меъёри ҳуқуқӣ пурра нишон диҳад, суд вазифадор аст асоснок намояд, ки бо кадом сабаб ин ё он далелҳои муайянро рад кардааст: ҳамзамон

ин ё он ҳолатҳои воқеиро, ки ба шумораи ҳолатҳои муқарраркардаи суд дохил нагардиданд ва ба парванда аҳамият надоранд инчунин, ҳангоми зарурат суд метавонад дар қисми асосноккунонии ҳалнома ақидаи ҳуқуқии тарафро низ рад намояд.

Ҳамин тавр методика алгоритми қисми асосноккунонии ҳалномаро бо чунин тартиб пешниҳод менамояд:

1) Ҳолатҳои воқеии бебаҳси муқаррашуда;

2) Ҳолатҳои воқеии баҳсноки муқаррашуда бо нишон додани далелҳо;

3) Далелҳои ғайри қобили қабул ва радкардашуда ва ҳолатҳои исботнашуда;

4) Меъери қонуни моддӣ;

5) Хулосаи суд.

Аз ҷониби як тараф эътироф намудани ҳолате, ки тарафи дигар талабот ё норозигии худро бо он асоснок мекунад, ҳамин тарафро аз зарурати исботи минбаъдаи ин ҳолат озод менамояд. Эътирофи тарафҳо ва шахсони сеюм дар протоколи маҷлиси судӣ дарҷ карда мешавад. Агар эътироф дар аризаи хаттӣ изҳор шуда бошад, он ба маводи парванда замима мегардад.[213]

Ҳангоми тасдиқ намудани ягон ҳолати парванда аз ҷониби яке аз тарафҳо, ки онро тарафи дигар мавриди баҳс қарор надодааст, эътирофшуда ба ҳисоб рафта, баҳсталаб намебошад ва тарафҳоро аз исбот кардани ин ҳолат озод менамояд, аз ин рӯ, дар вақти таҳия намудани ҳалнома хулосаи суд оид ба ин ҳолатҳо бе овардани далелҳои тасдиққунанда дарҷ карда мешавад.[214]

Судяҳо набояд фаромуш кунанд, ки қонунӣ ва асоснок будани ҳалнома шарти ҳатмии меъёрҳои қонуни мурофиавӣ буда, аз босифат ва асоснок таҳия намудани қисми асосноккунонии ҳалнома вобастагии бевосита дорад.

Мутобиқи қ.1 м.43 КММ тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ҷавобгар ҳуқуқ дорад даъворо эътироф кунад. Ҳангоми даъворо эътироф намудани ҷавобгар дар асоси қ.5 м.202 КММ дар қисми асосноккунонии ҳалнома метавон танҳо оид ба эътирофи даъво ва аз ҷониби суд қабул гардидани он зикр карда шавад.

Дар хусуси эътирофи даъво аз ҷониби ҷавобгар ба суд аризаи хаттӣ пешниҳод карда мешавад, ки он дар протоколи маҷлиси судӣ зикр мегардад. Суд ба ҷавобгар оқибатҳои эътирофи даъворо тавзеҳ дода, аз ӯ дастхат

---

[213]қ.2 м.71 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

[214]б.7 Қарори Пленуми Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

мегирад, ки он ба маводи парванда замима карда мешавад. Суд ҳангоми аз ҷониби ҷавобгар эътироф гардидани даъво ва қабули он дар хусуси қонеъгардонии талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар ҳалнома қабул мекунад.[215]

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки суд эътироф намудани даъворо қабул намекунад, агар он хилофи қонун бошад ё ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигар шахсонро халалдор созад.[216]

Дар қисми асоснокунӣ набояд қоидаҳои умумии меърҳои ҳуқуқи мурофиавӣ, ки талаботи умумиро нисбат ба санадҳои судӣ (қонунӣ, асоснокӣ) муайян мекунанд истинод намуд, зеро онҳо дар ҳама гуна баҳси судӣ татбиқ мешаванд ва барои ҳар як ҳалномаи суд аҳамият доранд.

Дар ҳолате, ки ҳалнома бояд фавран иҷро карда шавад, ё суд дар бораи фавран иҷро кардани ҳалнома ба хулоса омада бошад, дар ин хусус дар қисми асоснокунии ҳалнома дарҷ карда мешавад.

Ҳангоми қабул намудани ҳалнома инчунин, суд масъалаи харочоти судиро дар қисми асоснокунии ҳалнома ҳал мекунад.

Пеш аз гузаштан ба таҳия намудани қисми хулосавии ҳалнома судя дар охири қисми асоснокунии ҳалнома ҷумлаи “Бо дастрасии моддаҳои 198-202 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, суд_” бояд ҳатман дарҷ намояд. Инчунин, агар суд қисми хулосавии ҳалномаро эълон намуда бошад дар қисми асоснокунонии ҳалнома бояд дастрас гардидани моддаи 203 КММ низ дарҷ карда шавад.

Намунаи қисми асоснокунонии ҳалнома чунин шуда метавонад:

Суд баёноти тарафҳо ва шахсони иштирокдорӣ муҳокимаи судиро шунида, маводи парвандаи маданиро омухта ба хулосаи зерин омад. 1) Ҳолатҳои воқеии бебаҳси муқаррашуда; а) Ҳолатҳои бебаҳс бе далел, чунин зикр карда мешаванд: - Ҳолатҳои ……(мазкур) бебаҳс мебошанд. -Ҳолатҳои …… аз ҷониби тарафҳо мавриди баҳс қарор дода нашудаанд. -Суд бе баҳс муқаррар кард, ки……. 2) Ҳолатҳои воқеии баҳсноки муқаррашуда бо нишон додани далелҳо; б) Ҳолатҳои баҳснок бо зикри далелҳо дарҷ карда мешаванд:

[215] м.176 КММ,

[216] қ.2 м.43 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

- Суд инчунин, муқаррар кард, ки .....…..., ин ҳолат бо таҳқиқи …….. тасдиқ мегардад.

3) Далелҳои ғайри қобили қабул ва радкардашуда ва ҳолатҳои исботнашуда;

4) Меъёри қонуни моддӣ;

5) Хулосаи суд.

Бо дастрасии моддаҳои 198-202 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, суд_

Ҳал кард:

§5. Методикаи таҳия намудани қисми хулосавии ҳалнома;

Дар ҳалномаи суд бояд тасвияҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ дуруст, дақиқ, равшан, возеҳ, содда ва босаводона дошта бошад, зеро тасвияҳои душворфаҳм, ибораҳои мураккаб, вазнин ё калонҳаҷм дарк намудани ҳалномаро душвор мегардонад.

Ҳалнома санади ҳуқуқтабиққунии судӣ буда, ба воситаи он парванда моҳиятан ҳал мешавад, аз ин рӯ қисми хулосавии он бояд хулосаҳои пурраи судро, ки аз ҳолатҳои воқеии дар қисми асосноккунӣ муқарраргардида бармеоянд, иборат бошад.

Ҳалнома бояд бечунучаро бошад, яъне қабул намудни ҳалномаҳое, ки иҷрои онҳо вобаста ба пайдо шудан ё набудани шартҳои муайян инчунин, қарорҳои алтернативӣ, ки усулҳои номуайяни иҷрои ҳалномаро пешбинӣ мекунанд, ки интихоби онҳо ба шахси уҳдадор вобаста аст, қобили қабул намебошад.

Мувофиқи қ.7 м.202 КММ қисми хулосавии ҳалнома бояд хулосаи судро дар хусуси пурра ё қисман қонеъ намудан ё рад намудани даъво, тақсими хароҷоти судӣ, муҳлат ва тартиби пешниҳоди шикоят, эътироз ва иҷрои ҳалномаро дар бар гирад.

Қисми хулосавии ҳалнома бояд хулосаҳои пурраи судро, ки аз ҳолатҳои воқеии парванда бармеояд ва онҳо дар қисми асосноккунии ҳалнома муқаррар карда шудаанд дар бар гирад. Вобаста ба ин, дар қисми хулосавии ҳалнома ба таври возеҳу равшан нишон дода шавад, ки суд доир ба талаботҳои даъвои ибтидоии арзкардашуда ва талаботҳои даъвои муқобили даъво (агар арз шуда бошад) чӣ қарор қабул кардааст ва тарафҳо чӣ гуна амалҳоро бояд анҷом диҳанд ба таври мушаххас дарҷ карда шаванд.

Суд ҳамчунин дигар масъалаҳоеро, ки қонун пешбинӣ намудааст ҳал менамояд, то ки ҳалнома иҷрошаванда бошад. Дар сурати пурра ё қисман рад намудани талаботи даъвогӣ аниқ нишон дода шавад, ки кадом талаботи даъвогӣ рад карда шудааст.[217]

Қисми хулосавии ҳалномаи суд бояд хулосаи мухтасар ва ниҳоии судро оид ба парванда ва ҷавобро ба талаботҳои даъвогӣ дар бар гирад.

Ба қисми хулосавии ҳалнома дохил кардани хулосаҳои суд дар он қисми даъво, ки аз рӯйи онҳо ҳалнома моҳиятан қабул намешавад, мумкин нест. Ин хулосаҳо дар шакли таъинот, ки бояд алоҳида аз ҳалнома қабул карда мешаванд, оварда шаванд.

Ҳангоми баррасӣ намудани якчанд талаботи даъвогӣ, ки яке аз онҳо моҳиятан баррасӣ ва ҳал гардидааст дар ин қисм ҳалнома қабул карда мешавад оид ба дигар қисми талаботи даъво суд масъалаи бе баррасӣ монондани даъво, тасдиқи созиши оштии тарафҳо, аз даъво даст кашидани даъвогар ва дигар асосҳое, ки боиси қатъ намудани баррасии парванда мегарданд, он гоҳ санади судӣ дар ин қисм дар шакли таъинот ба таври алоҳида бояд қабул карда шавад.[218]

Қисми хулосавии ҳалнома дақиқ, дар шакли императивӣ баён мегардад, то ин ки барои тарафҳо ва дигар шахсони иштирокдорони парванда, иҷрочии хадамоти иҷро оид ба мазмун ва иҷрои ҳалнома саволҳои иловагӣ ба миён наояд. Инчунин, барои қабул ҳалномаи иловагӣ ва ё зарурати тавзеҳ ҳалнома, асос вуҷуд надошта бошад.

Ин талабот аз он сабаб асоснок мебошад, ки зеро, қисми хулосавии ҳалнома пурра ба ҳуҷҷати иҷро гузаронида мешавад.

Қисми хулосавии ҳалнома бояд воқеан ҷавобҳоро ба талаботи ба суд пешниҳодшуда, ки аз хусусиятҳои ин талабот муайян карда мешавад, дар бар гирад.

Қисми хулосавии ҳалнома бояд аз хулосаҳои суд, ки аз ҳолатҳои воқеии парванда, ки дар қисми асосноккунӣ муқаррар шудаанд, ҳам аз рӯйи даъвои ибтидои ва ҳам аз рӯйи даъвои муқобили даъво, агар он пешниҳод шуда бошад, иборат бошад. Ин қисми ҳалнома махсусан босаводона баён карда шуда, дар он бояд ҳама масъалаҳо ҳал карда шаванд, то зарурияти тавзеҳ додани минбаъдаи ҳалнома ба миён наояд. Аз ҷумла, оид ба баҳсҳои вобаста ба ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул дар сурати қонеъ гардонидани даъво дар қисми хулосавии ҳалнома тавсифи муфассали молу мулк дар асоси

[217]б.5 Қарори Пленуми Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

[218] б.6 Қарори Пленуми Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

маълумоти баҳисобгирии техники оварда мешавад зеро, маҳз дар асоси ҳамин қисми ҳалнома дар мақомоти давлати оид ба ҳуқуқи соҳибмулкӣ сабти дахлдор анҷом дода мешавад.

Инчунин, дар қисми хулосавии ҳалнома бояд суроға (маҳалли ҷойгиршавии сохтмони худсарона, номгӯй ва таъиноти он, масоҳати умумӣ аз ҷумла, масоҳати зери сохтмон, масоҳати зист, андозаи ҳуҷраҳои он, иншоотҳои ёрирасон, масоҳати қитъаи замине, ки дар он иншоотҳо бунёд шудаанд ва ғайраҳо нишон дода шаванд.[219]

Пас аз қабул намудани ҳалнома дар назди суд метавонад оид ба масъалаҳои қабул намудани ҳалномаи иловагӣ, тавзеҳ додани ҳалнома ва ё дар бораи батаъхиргузорӣ ё ба даврaҳо ҷудо намудани муҳлати иҷрои ҳалнома, тағйир додани тарз ва тартиби иҷрои ҳалнома, индексатсияи маблағҳои пулии мансубдонисташуда ва ғайраҳо, гузошта шавад.

Дар таҷриба чунин мисолҳо, ки тарафҳо ва ё иҷрочии хадамоти иҷро барои тавзеҳ додани ҳалнома бинобар норавшан будани асосҳои он ба суд мурочиат менамоянд, кам нестанд. Аммо асосҳои қабул намудани ҳалномаро тавзеҳ додан мумкин нест, зеро ин боиси тағйир ёфтани мӯҳтавои он мегардад. Норавшанӣ ё хатоиҳои асосҳои он метавонад барои пешниҳод нмулани шикояти кассатсионӣ ва ё назоратӣ асос гардад аз ҷумла, танҳо аз рӯйи асосҳои ҳалномаи қабулгардида. Ҳалнома дар ҳолатҳое бояд тавзеҳ дода шавад, ки агар нопуррагӣ ё норавшании он боиси иҷро намудани ҳалномаро имкон намедиҳад ё ба таври назаррас иҷрои ҳалномаро душвор мегардонад. Масалан, дар қисми хулосавӣ тавсифи муфассали молу мулк мавҷуд набошад ва ё маълумоти муайяне, ки барои иҷрои ҳалнома заруранд, нопурра нишон дода шуда бошад ва ғайраҳо.

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳалнома оид ба рад намудани даъво мавриди иҷро қарор намегирад, аз ин рӯ тавзеҳ додани чунин ҳалномаро истисно мекунад. Дар мавриди норозӣ будани яке аз шахсони иштирокдорони парванда нисбат ба ҳалномаи қабулшуда шикояти кассатсионӣ ё назоратӣ овардан мумкин аст.

Ҳангоми таҳия намудани қисми хулосавӣ бояд дар назар дошта шавад, ки он бояд пурра ба қоидахои умумии муқарраршудаи тартибдиҳии қисми хулосавии ҳалнома мувофиқат кунад. Инчунин, талаботи мушаххас барои қисми хулосавии ҳалнома муқарраршуда аз рӯйи хусусияти алоҳидаи парвандаҳо бояд ба инобат гирифта шавад.

---

[219]б.12 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №14 аз 23 ноябри соли 2012 “Дар бораи татбиқи қонунгузорӣ оид ба баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо марбут ба эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ба миён меоянд” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

Мисол, қисми хулосавии ҳалнома оид ба қонеъ гардонидани даъво оид ба бекор кардани ақди никоҳ бояд хулосаи судро дар бораи ҳамаи талаботи тарафҳо, аз он ҷумла оид ба талаботи якҷоякардашудаи онҳо барои дар якҷоягӣ баррасӣ намудан дошта бошад. Дар ин қисми ҳалнома инчунин маълумотҳои зарурӣ оиди бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ дар китоби бақайдгирии асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ (рӯзи ба қайд гирифтани никоҳ, рақами қайд дар санад, номи мақомоти никоҳро бақайдгирифта) нишон дода шаванд.[220]

Ғайр аз ин, ҳангоми қабул намудани ҳалнома оид ба бекор намудани ақди никоҳи падару модаре, ки фарзандони ноболиғи муштарак доранд, бо назардошти қ.2 м.24 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, суд бояд барои ҳифзи манфиатҳои фарзандони ноболиғ, новобаста аз он, ки оиди фарзандон баҳс оғоз шудааст, чораҳо андешад. Дар қисми хулосавии ҳалнома суд вазифадор аст ҳуқуқ ва ӯҳдадории падар ё модаре, ки аз кӯдак ҷудо зиндагӣ мекунад, оид ба иштироки ӯ дар тарбияи кӯдак пас аз бекор шудани никоҳ низ дарҷ ёфта ва муайян карда шавад, ки фарзандони ноболиғ пас аз бекор кардани никоҳ бо кадоме аз падару модар зиндагӣ мекунанд. Бо назардошти, он ки падар ё модаре, ки аз фарзанд ҷудо зиндагӣ карда барои муошират бо кӯдак ҳуқуқ дорад, инчунин зарурияти ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ноболиғ ҳангоми муошират бо ин падар ё модар, ба суд лозим аст бо ба ҳисоб гирифтани ҳар як ҳолати мушаххаси парванда тартиби чунин муоширатро (вақт, ҷой, давомнокии муошират ва ғайраро) муайян намуда, онро дар қисми хулосавии ҳалнома нишон диҳад.[221]

Қисми хулосавӣ аз дарҷ намудани хулосаи суд оид ба парвандаи баррасишуда оғоз мегардад. Ҳангоми қабули ҳалнома танҳо се хулосаи суд имконпазир аст, ки яке аз онҳо бояд нишон дода шавад:

1. Оид ба қонеъ гардондани даъво;
2. Оид ба қисман қонеъ гардондани даъво;
3. Оид ба рад кардани даъво.

Ҳангоми қонеъ гардонидани даъво тасвияи “Даъво қонеъ карда шавад” бояд истифода шавад. Баъдан моҳияти даъвои қонеъгардида дарҷ карда мешавад. Баъзан дар қисми хулосавии ҳалнома номи даъво, ки онро суд

---

[220]б.20 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №10 аз 29 майи соли 2003 “Дар бораи тағрибаи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба бекор кардани ақди никоҳ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

[221]б.4 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №10 аз 29 майи соли 2003 “Дар бораи тағрибаи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба бекор кардани ақди никоҳ” ва б.8 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №16 аз 2 октябри соли 2003 “Дар бораи тағрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ ҳангоми баррасии баҳсҳои вобаста бо тарбияи фарзандон” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

қонеъ мегардонад, пурра нишон дода мешавад. Масалан, пас аз калимаҳои Ҳал кард:” чунин нишон дода мешавад: “Даъвои Азиззода Санавбар Давлат ба ҷавобгарии Пӯлодӣ Хуршед Зафар оид ба ситонидани алимент қонеъ карда шавад.”. Чунин изҳороти пурра зиёдатист, аммо, чунин тартиби таҳия намудани қисми хулосавии залнома дар амалияи судҳои Тоҷикистон ҷой гирифтааст.

Бояд дар назар дошт, ки қисми хулосавӣ ҷузъи ҳалнома мебошад. Дар қисми муқаддимавии он номи пурраи даъво нишон дода шудааст. Бинобар ин, дубора такрор намудани номи парвандаи мазкур ба талаботи усули ҳуқуқӣ, ки самаранокӣ ва пайдарҳамиро дар ҳуҷҷатгузорӣ тақозо мекунад (робитаи дохилӣ ва вобастагии ҳама қисмҳои ҳалнома) ҷавобгӯ нест.

Минбаъд, дар қисми хулосавӣ моҳияти даъвои қонеъ кардашуда дарҷ мегардад, ки вобаста ба ин боз маълумоти пурраи як тараф ва ё тарафҳо дарҷ мегардад.

Методика чунин тарзи таҳия намудани қисми хулосавии ҳалномаро пешниҳод менамояд, пас аз калимаҳои “Ҳал кард:” чунин нишон дода шавад: “Даъво қонеъ карда шавад”. Баъд аз сархат “Аз ҳисоби Пӯлодӣ Хуршед Зафар ба фоидаи Азиззода Санавбар Давлат 10 000 (даҳ ҳазор) сомонӣ маблағи қарз ва 6 000 (шаш ҳазор) сомонӣ фоизҳои истифодаи маблағ рӯёнида шаванд.” дарҷ намудан лозим аст.

Ё мисоли дигар, дар ҳалнома оид ба маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ дар қисми хулосавии ҳалнома бояд нишон дода шавад, ки кӯдак барои тарбия ба кӣ, ба кадоме аз падару модар, мақомоти васояту парастории ё васӣ (парастор), агар он аллакай бо тартиби муқарраршуда таъин шуда бошад, супорида мешавад.[222]

Дар қисми хулосавии ҳалнома оид ба ситонидани алимент бояд ном, номи падар ва насаби шахсони иштирокчии парванда ва намояндагони онҳо, рӯз, моҳ, сол ва ҷои таваллуди ҷавобгар ва ҷои истиқомати доимии ӯ, ҷои кор ва вазифаи ишғолкардааш, ном ва рӯз, моҳ, соли таваллуди кӯдаке, ки барои таъминоташ алимент муқаррар карда мешавад, ба таври аниқ ва пурра нишон дода шаванд.[223]

Ҳангоми тақсими хона суд ӯҳдадор аст, дар қисми хулосавии ҳалнома нишон диҳад, ки ба таври аниқ кадом қисми алоҳидаи хона ҷудо карда

[222]б.18 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №16 аз 2 октябри соли 2003 “Дар бораи тағрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ ҳангоми баррасии баҳсҳои вобаста бо тарбияи фарзандон” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

[223]б.35 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12 аз 16 декабри соли 2004 “Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани меъёрҳои Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳо марбут ба ситонидани алимент барои таъминоти кӯдак” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

мешавад ва он кадом ҳиссаи хонаро ташкил медиҳад. Ҳамчунин бояд нишон дода шавад, ки кадом иморатҳои ёрирасон ба молики ҷудошаванда дода мешаванд.[224]

Ҳангоми қисман қонеъ намудани даъво калимаҳои “Даъво қисман қонеъ карда шавад” истифода бурда шавад. Баъдан тавсифи он, ки кадом қисми даъво қонеъ карда шудааст, дарҷ мегардад. Баъди дарҷ намудани қисми қонеъгардонида шудаи даъво қисми радшуда бояд бо чунин тарз: “Даъво дар қисми.....рад карда шавад” дарҷ карда шавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ фикру ақидае баён шудааст, ки ҳангоми қисман қонеъ гардонидани талаботи пешниҳодшуда бояд нишон дода шавад, ки дар кадом қисм талаботи даъво қонеъ гардонида шуда, дар кадом қисм қонеъгардонии талабот рад карда мешавад. Баъзан судяҳо ба ибораи умумии “Қонеъгардонии даъво дар дигар қисм рад карда шавад” роҳ медиҳанд, ки дар натиҷа на ҳама вақт маълум мешавад, ки суд дар кадом қисм талаботи пешниҳодшударо рад намудааст.

Мувофиқи б.5 Қарори Пленуми Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” ба судяҳо тавзеҳоти дастурӣ дода шудааст, ки дар сурати пурра ё қисман рад намудани талаботи даъвогӣ аниқ нишон дода шавад, ки кадом талаботи даъвогӣ рад карда шудааст. Аз ин рӯ, судяҳо дар қисми хулосавии ҳалнома ҳангоми қисман қонеъ намудани даъво бояд қисми рад кардашударо низ дарҷ намоянд.

Бо вуҷуди ин, зарурати чунин нишондод баҳснок аст. Қисми хулосавӣ ҷузъи ҳалнома мебошад, ки дар қисми баёнии он талаботи даъвогар зикр шудааст. Аз ин рӯ, барои фаҳмидани он ки дар кадом қисм талаботи пешниҳодшуда рад карда шудааст, қисми баёнии ҳалномаро хондан лозим аст. Новобаста аз ин дарҷ намудани ҳамаи хулосаҳои суд аз меъёрҳои қ.7 м.202 КММ асос мегиранд зеро, тибқи шартҳои ин меъёр қисми хулосавии ҳалнома бояд хулосаи судро дар хусуси пурра ё қисман қонеъ намудан ва ё рад намудани даъворо дар бар гирад.

Ҳангоми дар шакли асл ситондани молу мулк суд дар қисми хулосавии ҳалнома арзиши молу мулкеро, ки бояд аз ҷавобгар ситонида шавад, нишон медиҳад, инчунин дар ҳалнома нишон дода мешавад, ки агар

[224]б.10 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №2 аз 25 июни соли 2004 “Дар бораи баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи аз ҷониби судҳо баррасӣ намудани баҳсҳои оид ба ҳуқуқи моликият ба хонаи истиқоматӣ пайдо мегарданд” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

ҳангоми иҷрои ҳалнома молу мулки ситонидашаванда дар шакли асл мавҷуд набошад, аз ҷавобгар арзиши он ситонида мешавад.[225]

Дар сурати қонеъгардонии даъво ҷиҳати баргардонидани молу мулки фурӯхташуда суд баҳси байни шахси бадастоварандаи молу мулк, ситонанда ва қарздорро бо тартиби мурофиаи даъвогӣ бо назардошти меъёрҳои КМ, ки масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи молу мулкиро ба танзим медароранд, баррасӣ менамояд. Дар қисми хулосавии ҳалнома аз рӯи ин намуд парвандаҳо, судҳо бояд молу мулке, ки аз ҳабс озод ё аз рӯйхат хориҷ карда мешаванд, арзиши он, ба фоидаи кӣ озод карда шуданаш ва ба моликӣ ё соҳибии кӣ супурда шуданашро дарҷ намоянд.[226]

Ҳангоми қабул намудани ҳалнома оид ба уҳдадор намудани ҷавобгар барои анҷом додани амали муайяни ба интиқоли молу мулк ё маблағҳои пулӣ вобастанабуда суд бояд дар қисми хулосавии ҳалнома зикр намояд, ки агар ҷавобгар ҷалномаро дар муҳлати муқарраргардида иҷро накунад, пас даъвогар ҳуқуқ дорад ин амалро аз ҷисоби ҷавобгар бо ситонидани хароҷоти зарурт аз ӯ анҷом диҳад. Инчунин, ҳангоми қабул намудани ҳалнома оид ба уҳдадор намудани ҷавобгар барои худдорӣ намудан аз содир намудани амали муайян суд бояд дар қисми хулосавии ҳалнома зикр намояд, ки ҷавобгар аз содир намудани кадом амали муайян бояд худдорӣ намояд.[227]

Ҳангоми қабул намудани ҳалнома оид ба рад кардани талаботи пешниҳодшуда дар қисми хулосавӣ бояд пурра нишон дода шавад, ки маҳз нисбат ба кӣ ва оид ба чӣ талаботи даъво рад карда шудааст. Вобаста ба ин, дар қисми хулосавӣ тасвияи “муфассалтар” бо зикри пурраи тарафҳо ва номи даъвобо чунин тарз “Даъвои Азиззода Санавбар Давлат ба ҷавобгарии Пӯлодӣ Хуршед Зафар оид ба ситонидани алимент рад карда шавад.” бояд дарҷ карда шавад.

Инчунин, дар қисми хулосавии ҳалнома бояд оид ба тақсим намудани хароҷоти судӣ нишон дода шавад. Мувофиқи қ.1 м.100 КММ суд ба тарафе, ки ба манфиати он ҳалнома қабул шудааст, аз ҳисоби тарафи дигар ҳамаи хароҷоти судӣ вобаста ба баррасии парвандаро ҷуброн менамояд. Агар даъво қисман қонеъ гардонида шуда бошад, пас хароҷоти судии дар ҳамин модда пешбинигардида ба даъвогар мутаносибан ба андозаи талаботи

[225]м.209 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

[226]б.13 Қарои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №34 аз 24 декабри соли 2010 “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои граждани марбут ба баҳсҳои аз ҳабс озод ё аз рӯйхат хориҷ намудани молу мулк” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

[227]м.210 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

қонеъгардонидаи суд ва ба ҷавобгар бошад мутаносибан ба он қисми талаботи даъво, ки ба даъвогар рад карда шудааст, гузаронида мешавад.

Хароҷотеро, ки суд вобаста ба баррасии парванда кардааст ва боҷи давлатие, ки аз пардохти онҳо даъвогар озод шудааст, аз ҷавобгари аз пардохти хароҷоти судӣ озоднашуда мутаносибан дар қисми қонеъ гардонидашудаи талаботи даъво ба фоидаи буҷети дахлдор ситонида мешавад. Агар даъво қисман қонеъ гардонида шуда, аммо ҷавобгар аз пардохти хароҷоти судӣ озод шуда бошад, хароҷоти судӣ вобаста ба баррасии парванда аз даъвогаре, ки аз пардохти хароҷоти судӣ озод нашудааст, мутаносибан ба он қисми талаботи даъво, ки қонеъ гардонидани он барояш рад шудааст, ба буҷети дахлдор ситонида мешавад.[228]

Мисол, бо аризаҳои даъвогӣ оид ба ҳуқуқи моликият ба хонасозӣ, оид ба тақсими хона, оид ба беэътибор донистани шартномаҳои бегона кардани ҳавлиҳои шахсӣ, васиятномаҳо, шаҳодатномаҳои ҳуқуқ ба мерос ва оид ба ҳуқуқи моликият ба амволи умумии ҳамсарон боҷи давлатӣ бояд аз рӯи арзиши инвентарӣ пардохт гардида, ҳангоми баровардани ҳалнома бошад, аз арзиши муқарраршудаи ҳақиқӣ бо фарқияташ рӯёнида шавад.[229]

Дар қисми хулосавӣ ҳамаи намудҳо ва маблағи хароҷоти судӣ аз ҷумла, боҷи давлатӣ, ҷуброни хароҷот барои пардохти хизмати намоянда ва дигар хароҷоти вобаста ба баррасии парванда бояд дарҷ карда шаванд. Асоснокунии рӯёнидани ҳар як намуд ва маблағи чунин хароҷотҳоро суд бояд дар қисми асоснокунонии ҳалнома дарҷ намояд. Дар қисми хулосавии ҳалнома дарҷ намудани ҳисобу китоби хароҷоти судӣ мумкин нест, зеро ин қисми ҳалнома бояд қатъӣ бошад.

Минбаъд қисми хулосавии ҳалнома бояд муҳлат ва тартиби пешниҳод намудани шикоят, эътироз ва иҷрои ҳалномаро дар бар гирад.

Мутобиқи талаботи қ.2 м.326 КММ шикоят ва эътирози кассатсионӣ аз рӯи ҳалномаҳои эътибори қонунӣ пайдонакардаи суди марҳилаи якум ба воситаи суде, ки ҳалномаро қабул кардааст, пешниҳод карда мешавад. Ҳангоми пешниҳоди шикоят ё эътирози кассатсионӣ, судя бояд санҷида барояд, ки шарту тартиби бо қонун муқарраргардидаи оғоз намудани мурофиаи кассатсионӣ риоя карда шудааст ё не. Аз ҷумла, оё шахси шикоят ё эътироз пешниҳоднамуда ҳуқуқи ба тариқи кассатсионӣ шикоят ё эътироз оварданро дорад; ҳалномае, ки аз болои он шикоят ё эътироз оварда шудааст,

[228]м.105 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

[229]б.23 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №2 аз 25 июни соли 2004 “Дар бораи баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи аз ҷониби судҳо баррасӣ намудани баҳсҳои оид ба ҳуқуқи моликият ба хонаи истиқоматӣ пайдо мегарданд” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

эътибори қонунӣ пайдо кардааст ё не; оё талаботи қонун нисбат ба мазмуни шикоят ва эътирози кассатсионӣ риоя шудааст; боқи давлатӣ вобаста ба шикояти кассатсионӣ дар ҳолатҳои бо қонун пешбинишуда, пардохт карда шудааст ё не. Мувофиқи талаботи м.325 КММ нисбат ба ҳамаи ҳалномаҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи якум қабул карда шудаанд, аз ҷониби шахсони иштирокчии парванда мумкин аст шикояти кассатсионӣ ва прокурори дар парванда иштирокдошта эътирози кассатсионӣ пешниҳод карда шавад.[230]

Инчунин, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки шикоят ва эътирози кассатсионӣ на танҳо аз болои ҳалномаи судӣ, балки ба қисми он масалан, қисми хулосавӣ ё асосноккунии он оид ба масъалаи тақсими хароҷоти судӣ байни тарафҳо, тартиб ва мӯҳлати иҷроиши ҳалнома, бобати дигар масъалаҳое, ки аз ҷониби суд ҳангоми баррасии парванда ҳаллу фасл ёфтааст ва инчунин аз болои ҳалномаи иловагие, ки тибқи талаботи м.205 КММ қабул карда шудааст, оварда мешавад. Агар шикоят ва эътирози кассатсионӣ аз болои ҳалномаи пурраи судӣ не, балки аз болои қисми он пешниҳод гардида бошад, дар чунин ҳолат ҳалномаи шикоятгардида қувваи қонунӣ пайдо намекунад.[231]

Дар қисми хулосавии ҳалнома метавонанд дигар хулосаҳои суд низ дарҷ карда шаванд. Аммо, онҳо бояд ба он қисми талаботҳои даъвогие, ки моҳиятан дар маҷлиси судӣ баррасӣ шудаанд, алоқаманд бошанд.

Оид ба дигар масъалаҳои дар қонун пешбинӣ шуда метавонанд, муайян намудани тартиб ва муҳлати иҷрои ҳалнома, таъмини иҷрои ҳалнома инчунин, ҳалли масъалаи бекор кардани таъмини даъво ва ғайраҳо дохил шаванд. Аксар вақт хулосаҳои дигар ба тартиби иҷрои ҳалнома дахл доранд.

Батаъхиргузорӣ, ба даврaҳо ҷудо намудани мӯҳлати иҷрои ҳалнома, тағйир додани тарз ва тартиби иҷрои ҳалнома бо тартиби муқарраркардаи моддаи 207-и КМГ баррасӣ карда мешавад. Агар дар бораи аз нав пешниҳод кардани масъалаи батаъхиргузорӣ, ба даврaҳо ҷудо намудани мӯҳлати иҷрои ҳалнома, тағйир додани тарз ва тартиби иҷрои ҳалнома ариза пешниҳод

[230]б.1 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 19 декабри соли 2008 “Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани меъёрҳои Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баррасии парвандаҳоро дар суди марҳилаи кассатсионӣ ба танзим медароранд” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

[231]б.6 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 19 декабри соли 2008 “Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани меъёрҳои Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баррасии парвандаҳоро дар суди марҳилаи кассатсионӣ ба танзим медароранд” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

гардад, он бояд бо тартибе баррасӣ карда шавад, ки аризаи аввал баррасӣ карда шуда буд.[232]

Судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳангоми рад намудани даъво тадбирҳои андешидашудаи таъмини даъво то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалнома амал мекунанд. Аммо судя метавонад ҳамзамон бо қабул намудани ҳалнома ё баъди қабули он дар бораи бекор кардани таъмини даъво таъинот қабул намояд. Ҳангоми қонеъгардонии даъво тадбирҳои андешидашуда барои таъмини он то иҷрои ҳалнома эътибори худро нигоҳ медоранд.[233]

Бо назардошти талаботи меъёри болозикр судяҳо дар қисми асосноккунонии ҳалнома доир масъалаи тадбирҳои андешидашудаи таъмини даъво хулосаҳои худро асоснок намоянд ва дар қисми хулосавии ҳалнома оид ба тадбирҳои таъмини даъво аз ҷониби суд андешида бояд қарори дахлдор қабул намоянд, то ки ин вазъият муроҷиати такрории тарафҳоро ба суд ба миён наорад.

Дар ҳолатҳое, ки агар суд тартиб ва муҳлати муайяни иҷрои ҳалномаро муқаррар намояд, иҷрои фаврии ҳалномаро тақозо кунад ё ҷиҳати таъмини иҷрои он тадбирҳо андешад, дар ин хусус дар қисми хулосавии ҳалнома зикр карда мешавад.[234]

Дар ҳолате, ки ҳалнома бояд фавран иҷро карда шавад, ё суд дар бораи фавран иҷро кардани ҳалнома ба хулоса омада бошад, дар ин хусус дар ҳалнома дарҷ карда мешавад. Ҳалномаҳое, ки тибқи қонун бояд фавран иҷро карда шаванд, дар м.215 КММ нишон дода шудаанд, бинобар ин дар ҳалнома оид ба иҷрои фаврии онҳо дарҷ намудан ба мавқеи даъвогар ва ба назардошти суд вобастагӣ надорад. Фавран иҷро намудани ҳалнома бо асосҳои пешбининамудаи м.216 КММ тибқи аризаи даъвогар сурат гирифтанаш мумкин аст. Дар чунин маврид, хулосаи суд оид ба зарурияти фавран иҷро намудани ҳалнома бояд бо маълумотҳои боэътимод ва кофӣ оиди ҷой доштани ҳолатҳое, ки дар натиҷаи дер иҷро кардани ҳалнома метавонад ба расонидани зарари ҷиддӣ ба рӯёнанда ё ғайриимкон гардонидани иҷрои ҳалнома оварда расонад, асоснок карда шавад. Суд ҳангоми иҷозати иҷрои

[232]б.23 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №23 аз 26 июни соли 2009 “Дар бораи татбиқи меъёрҳои Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳо дар суди марҳилаи якум” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

[233]қ.3 м.147 КММ,

[234]м.208 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

фавриии ҳалнома метавонад аз даъвогар дар сурати бекор кардани ҳалнома таъмини баргардонидани иҷрои ҳалномаро талаб намояд.[235]

Агар суд ба хулосае ояд, ки тарафҳоро ба ҳолати аввалаашон овардан зарур аст, дар қисми хулосавии ҳалнома бояд нишон дода шавад, ки аз ҷониби кадом тараф кадом амали мушаххас анҷом дода мешавад.

Барои категорияҳои мушаххаси аризаҳои даъвогӣ судяҳо дар қисми хулосавии ҳалнома суд бояд маълумоти зеринро зикр намояд.

Мисол, ҳангоми қонеъ гардонидани даъво оид ба ҳифзи шаъну шараф ё эътибори корию шаҳрванд ё ин ки шахси ҳуқуқӣ суд вазифадор аст дар қисми хулосавии ҳалнома тарзу усули раддияи маълумотҳои пастзанандаи шаъну шарафро, ки ба ҳақиқат мувофиқат намекунанд дарҷ намояд ва дар сурати зарурӣ матни чунин раддияро ифода намояд, ҳамчунин маҳз кадом маълумот ба ҳақиқат номувофиқ ва пастзанандаи шаъну шараф мебошад, кай ва чӣ тавр онҳо паҳн шудаанд, инчунин мӯҳлатеро, ки дар давоми он раддияи мазкур бояд нашр гардад қайд намояд.[236]

Ҳангоми қонеъ гардонидани даъво оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори корӣ суд вазифадор аст дар қисми хулосавии ҳалнома зикр намояд: тартиби рад кардани маълумоти беобрӯкунандаро, ки ба ҳақиқат нодуруст эътироф шудаанд (воситаи ахбори омма, нашр ва саҳифаи нашри чопӣ, вақт ва шумораи нашрҳои эфирӣ ва ғ.), дар ҳолати зарурӣ матни чунин маълумотро нишон диҳад, ки дар он бояд дарҷ гардад, ки кадом маълумотҳо ба ҳақиқат дуруст нестанд, кай ва бо кадом тартиб онҳо паҳн гаштаанд, муҳлате, ки дар муддати он бояд маълумоти радкунанда нашр гардад.

Дар мавридҳои муайян кардани тартиби истифодаи молу мулке, ки дар моликияти умуми ҳиссагӣ қарор дорад, дар бораи тақсими чунин амвол (қитъаи замин, сохтмони манзил ва ғайра) суд дар қисми хулосавии ҳалномаи худ чунин нишон медихад: молу мулки аз ҷониби ҳар кадоми тарафҳо додашуда, сарҳад ва андозаи қитъа, тартиби азнавсозӣ, гузоштани деворҳо ва дигар ҳолатхои мушаххас.

Ҳангоми ҷуброни зарари маънавӣ суд вазифадор аст намуди масъулияти ҷавобгарро (фарҷӣ, ҳиссавӣ, муштарак ва ғ), инчунин, манбаи руёнидани ҷуброни зарари маънавиро бо ифодаи пулӣ (аз ҳисоби молу мулки шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ё маблағҳои онҳо дар суратҳисобҳои бонкӣ; аз хазинаи давлат) нишон диҳад.

---

[235] б.12 Қарори Пленуми Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

[236] б.17 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №7 аз 23 декабри соли 2011 “Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори корию шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

Намуди масъулияти якчанд ҷавобгар (муштарак, инфиродӣ) инчунин, ҳангоми ситонидани маблағ дар ҳолатҳое, ки зиёда аз ду ҷавобгар мавҷуд аст, инчунин, ҳангоми ситонидани боҷи давлатӣ оид ба ҳамаи категорияҳои парвандаҳо нишон дода мешавад.

Намунаи қисми хулосавии ҳалнома чунин шуда метавонад:

Бо дастрасии моддаҳои 198-202 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, суд_

Ҳал кард:

Даъво пурра конеъ карда шавад.

Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқомати №25 воқеъ дар бинои №12 кӯчаи Ваҳдати шаҳри Душанбе, ки рӯзи 18 апрели соли 2024 таҳти феҳрасти 1д-735 дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе байни Давлатзода Мушкинисо Расул ва ҷавобгар Мирзоназарзода Садриддин Назар ба расмият дароварда шудааст, беэътибор дониста шавад.

Аризаи даъвогии муқобили даъвои Мирзоназарзода Садриддин Назар ба ҷавобгарии Давлатзода Мушкинисо Расул, Давлатзода Ҳаким Бобоҷон ва Давлатзода Баҳодур Бобоҷон оид ба кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ рад карда шавад.

Аз ҳисоби ҷавобгар Мирзоназаров С. М., ба фоидаи даъвогар Исматзода Р.Х. хароҷоти судӣ иборад аз боҷи давлатӣ ба маблағи 1500 (ҳазор ҳазор) сомонӣ руёнида шавад.

Аз болои ҳалнома тавассути ҳамин суд ба коллегияи судии парвандаҳои маданӣи суди шаҳри Душанбе дар давоми як моҳ аз рӯзи ба тарафҳо супурдани нусхаи ҳалнома шикоят ё эътирози кассатсионӣ додан мумкин аст.

Судя имзо Назарзода С.Х.

§6. Ислоҳи иштибоҳ ва хатоҳои ошкори арифметикӣ дар ҳалнома ва қабул намудани ҳалномаи иловагӣ;

Меъёрҳои КММ якчанд асос ва роҳҳоро ҷиҳати аз ҷониби суди марҳилаи якум барои ислоҳи иштибоҳ ва хатоҳои ошкори арифметикӣ дар ҳалнома, инчунин, қабул намудани ҳалномаи иловагиро муқаррар мекунанд.

Ислоҳе, ки дар матни ҳалнома ворид шудаанд бояд бо имзои судя то аз хонаи алоҳида баромадани суд тасдиқ карда шаванд. Шарти ҳатмӣ барои иҷрои ин амалҳои мурофиавӣ роҳ надодан ба бекор кардан ё тағйир додани ҳалнома аз ҷониби суд мебошад. Зеро, суде, ки оид ба парвандаи маданӣ ҳалнома қабул намуда, онро эълон кардааст, ҳуқуқ надорад ин ҳалномаро бекор кунад ё тағйир диҳад.[237]

Дар сурати ислоҳ намудани иштибоҳ нишон додан лозим аст, ки ба кадом хатоӣ роҳ дода шудааст ва чиро маҳз дуруст ҳисоб кардан лозим аст.

Хатоҳои ошкори арифметикӣ ин хатоҳои технике мебошанд, ки ҳангоми ҷамъ кардан, тарҳ кардан, зарб кардан ё тақсим кардани маблағҳо содир мешаванд. Новобаста аз ин меъёри ҳуқуқи дахлдори моддие, ки муносибатҳои ҳуқуқии баҳснокро танзим менамояд, бояд дуруст татбиқ карда шавад.

Хатоӣ дар ҳисобҳо метавонад аз сабаби нодурусти маълумоти ибтидоӣ бошад. Хато дар усули интихобкардаи ҳисоб хатои татбиқ намудани меъёри ҳуқуқи моддӣ мебошад, на ин ки хатои равшани арифметикӣ.

Қонунгузор имконияти ислоҳ намудани иштибоҳ ва хатоҳои ошкори арифметикиро дар ҳалнома бо муҳлат маҳдуд накардааст. Бинобар ин, ислоҳ намудани иштибоҳ ва хатоҳои ошкори арифметикиӣ ҳам то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалнома ва ё баъди он ҳал карда мешавад.

Аммо, масъалаи қабул намудани ҳалномаи иловагӣ метавонад то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалнома гузошта шавад.[238]

Ҳалномаи иловагӣ бояд камбудиҳои ҳалномаи асосиро бартараф намояд. Қоидаҳои умумии қабули ҳалномаи иловагӣ инҳоянд:

-ҳалномаи иловагиро танҳо дар ҳолатҳои бевосита пешбининамудаи қонун қабул кардан мумкин аст, ғайр аз ин дар санади судӣ бояд ҳатман дар бораи иловагӣ будани ҳалнома нишон дода шавад. Дар ин маврид калимаҳои “Ҳалномаи иловагӣ” истифода бурда мешаванд;

-муҳокимаи судӣ ва қабул намудани ҳалномаи иловагӣ тибқи қоидаҳои умумии мурофиаи маданӣ сурат мегирад;

-аз болои ҳалномаи иловагӣ шикоят ё эътироз овардан мумкин аст, ки вобаста ба он дар ҳалномаи иловагӣ (қисми хулосавии ҳалнома) бояд тартиби пешниҳод намудани шикоят, эътироз нишон дода шавад.

Мувофиқи қ.1 м.205 КММ суде, ки вобаста ба парванда ҳалнома қабул намудааст, метавонад бо ташаббуси худ ё дар асоси аризаи шахси

---

[237]қ.1 м.204 КММ,

[238]қ.2 м.205 КММ, Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "ADLIA" http://www.adlia.tj

иштирокчии парванда дар ҳолатҳои зайл ҳалномаи иловагӣ қабул намояд, агар:

- оид ба ин ё он талаботе, ки шахсони иштирокчии парванда вобаста ба онҳо далелҳо пешниҳод намудаанд ё баёнот додаанд, аммо оид ба ин талабот ҳалнома қабул нашуда бошад;

- суд масъаларо оид ба ҳуқуқ ҳал намуда, андозаи маблағи ба фоидаи шахси дигар ситонидашаванда, молу мулки интиқолшаванда ё амалеро, ки бояд ҷавобгар анҷом диҳад, зикр накарда бошад;

- суд масъалаи хароҷоти судиро ҳал накарда бошад.

Дар байни асосҳое, ки дар қ.1 м.205 КММ ҷиҳати қабул намудани ҳалномаи иловагӣ пешбинӣ шудаанд, дар бораи ҳолати ҳуқуқие, ки баъзан дар таҷрибаи судӣ ба амал меояд муқаррар карда нашудааст, мисол агар аз рӯйи ягон он талаботи пешниҳодшудае, ки шахсони иштирокчии парванда вобаста ба онҳо далелҳо пешниҳод накардаанд ё баёнот надодаанд ҳалномаи иловагиро қабул намудан мумкин аст ё не. Чунин вазъият аз ҷумла, ҳангоми дар як даъво пешниҳод кардани якчанд талаботи даъво ва ё якчанд даъвогар даъвоҳои гуногун пешниҳод кардан ба миён омадан мумкин аст.

Дар асоси тавсияҳои дастурии Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳалномаи судӣ” оид ба он ки ҳалнома аз рӯйи ҳамаи талаботи баёнкардаи даъвогар қабул карда мешавад, метавон тахмин кард, ки суди марҳилаи якум дар чунин холат аз рӯйи қиёси қонун бояд мурофиаи судиро гузаронад ва ҳалномаи иловагӣ қабул намояд.

Инчунин, мувофиқи б.11 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 19 декабри соли 2008 “Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани меъёрҳои Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баррасии парвандаҳоро дар суди марҳилаи кассатсионӣ ба танзим медароранд” суди марҳилаи якум мутобиқи м.204 КММ ҳуқуқ дорад бо ташаббуси худ ва ё аризаи шахсони иштирокчии парванда, иштибоҳ ё хатогиҳои арифметикии дар ҳалнома ҷойдоштаро ислоҳ намояд. Инчунин, тибқи талаботи м.205 КММ то ба қувваи қонунӣ даромадани ҳалнома, агар аз рӯи ягон талабот, ки оиди он шахсони иштирокчии парванда далел пешниҳод карда, баёнот додаанду, аммо қарор қабул карда нашудааст, агар суд масъаларо оид ба ҳуқуқ ҳал намуда, андозаи маблағи ба фоидаи шахси дигар ситонидашаванда, молу мулки интиқолшаванда ё амволеро, ки бояд ҷавобгар анҷом диҳад зикр накарда бошад, ҳамчунин агар суд масъалаи хароҷоти судиро ҳал накарда бошад, ҳалномаи иловагӣ қабул менамояд.

Бо дарназардошти талаботи м.205 КММ масъалаи қабул намудани ҳалномаи иловагӣ метавонад то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалнома

гузошта шавад. Ҳалномаи иловагиро бояд суде қабул кунад, ки вобаста ба парванда ҳалнома баровардааст. Суд дар ҳамон вақт ҳалномаи иловагӣ қабул мекунад, ки агар оид ба ин ё он талаботе, ки шахсони иштирокчии парванда вобаста ба онҳо далелҳо пешниҳод намудаанд ё баёнот додаанд, аммо оид ба ин талабот ҳалнома қабул нашуда бошад, суд масъаларо оид ба ҳуқуқ ҳал намуда, андозаи маблағи ба фоидаи шахси дигар ситонидашаванда, молу мулки интиқолшаванда ё амалеро, ки бояд ҷавобгар анҷом диҳад, зикр накарда бошад ва ё суд масъалаи хароҷоти судиро ҳал накарда бошад.

Бинобар ин, суд ҳуқуқ надорад аз доираи талаботҳои даъвогӣ барояд, балки метавонад бо дарназардошти ҳолатҳое, ки дар маҷлиси судӣ муайян карда шудааст, камбудиҳои ҳалномаро пурра намояд. Дар ҳолати рад намудани қабули ҳалномаи иловагӣ шахси манфиатдор ҳуқуқ дорад бо чунин талабот дар асосҳои умумӣ ба таври алоҳида ба суд мурочиат намояд. Агар нисбати ҳалнома шикоят ё эътирози кассатсионӣ пешниҳод шуда ва дар як вақт масъалаи ислоҳи иштибоҳ ё хатогиҳои ошкори арифметикӣ дар ҳалнома ва қабул намудани ҳалномаи иловагӣ ба миён омада бошад, суд дар аввал масъалаҳои дар боло ба миён омадаро ҳал намуда, сипас парвандаро барои баррасӣ намудан ба суди марҳилаи кассатсионӣ ирсол менамояд. Қонунгузор имконияти ислоҳ намудани иштибоҳ ва хатогиҳои ошкори арифметикиро дар ҳалнома бо муҳлат маҳдуд накардааст. Бинобар ин ислоҳ намудани иштибоҳ ва хатогиҳои арифметикӣ дар ҳалнома метавонад дар давраи то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалнома ва ё баъди он ҳал карда шавад, агар ин камбудиро суди марҳилаи болоӣ бартараф накарда бошад. Судя ҳуқуқ надорад, ки бо баровардани ҳалномаи иловагӣ мазмуни ҳалномаро тағйир диҳад ё масъалаҳои наве, ки дар ҷараёни маҷлиси судӣ таҳқиқ нагардида буданд, ҳал намояд. Қабул кардани ҳалномае, ки иҷроиши он аз фаро расидан ё нарасидани ягон шарти муайян вобастагӣ дорад, мумкин нест.[239]

[239] б.12 Қарори Пленуми Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/pgo/

КАЛИДВОЖАҲО:

Методика (усул методология) - (юнонӣ. methodike) дар шакли умумиаш маҷмуи тарзу усулҳо ва воситаҳои мақсаднок гузаронидани ягон куна кор мебошад.

Асоноккунӣ - шарҳи оқилонаи сабабҳои амали субъект бо нишон додани ҳолатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ-мақсаднок, ки боиси интихоб намудани ин амал гардидааст, мебошад.

Асоси даъво – ҳолатҳое, ки аз ҷониби шахси манфиатдор талаботи худро бо далелҳо асоснок месозад, ки боиси оқибатҳои ба миён омадан, тағйир ёфтан ва ё қатъ гардидани муносибатҳои моддӣ-ҳуқуқӣ мегардад, ки мавзуи даъво мебошад, фаҳмида мешавад.

Асоси ҳуқуқии талабот - меъёри қонуне мебошад, ки оқибати ҳуқуқии он талаботи даъвогарро ҳангоми мавҷуд будани аломатҳои (шартҳои) мушаххаси бандубасткунандаи дар қонун нишондодашуда, пешбинӣ менамояд. Чунин меъёр дар қонун асоси ҳуқуқи талабот номида мешавад. Ҳамин тавр таҳти мафҳуми асоси ҳуқуқи талабот, меъёре дар қонун фаҳмида мешавад, ки мувофиқи он як тараф ҳуқуқ дорад аз тарафи дигар иҷроро аз ҷумла, амал ё беамалӣ, ҳангоми иҷрошавии шартҳои бандубасткунандаи мушаххаси дар қонун пешбинишударо, талаб намояд.

Бандубасти ҳуқуқии баҳс - арзёбии ҳуқуқи ба тамоми маҷмуи ҳолатҳои воқеии парванда бо роҳи ба меъёрҳои муайяни ҳуқуқи мутобиқ намудани онҳо, фаҳмида мешавад. Бандубасти ҳуқуқии баҳс тавассути ҳуқуқтатбиққунӣ амалӣ карда мешавад.

Баҳодиҳии экспертӣ - асоснокии ҳуқуқии қабул намудани ҳалнома мебошад, ки дар он судя ҳуқуқтатбиққуниро гузаронида асосҳои ҳуқуқи талаботро ҷустуҷӯ мекунад, доираи мавзуи исботро муайян мекунад ва дар бораи асоснокии даъво ба хулосаи пешакӣ мебарояд.

Ваҳҷ - раванди мантиқие, ки дар алоҳидагӣ ё дар маҷмуъ бо мақсади исбот намудани ҳақиқати гуфтаҳои муайян истифода мешавад.

Гипотезаи (фарзияи) меъёри ҳуқуқ - унсури меъёри ҳуқуқ, ки ба шартҳои татбиқ намудани ин меъёри ҳуқуқиро нишон медиҳад, мебошад.

Диспозитсияи меъёри ҳуқуқ - (аз лотинӣ ҷобаҷокунӣ, тақсимкунӣ) унсури меъёри ҳуқуқ, ки дар он қоидаҳои рафтори эҳтимолӣ ва ё имконпазири иштирокдорони муносибатҳои ҷамъиятии бо ҳамин қоида танзимшавандаро муқаррар менамояд, мебошад. Дар диспозитсия ҳуқуқҳои субъективӣ, уҳдадориҳо, мамнӯъиятҳо, тавсияҳо муқаррар карда мешаванд, ки тавассути онҳо қоидаҳои рафтор тартиб дода мешаванд. Диспозитсия

дорои намудҳои зерин мебошад: одӣ (қоидаҳои рафторро бе шарҳи он инъикос менамояд); мукаммал (тамоми нишонаҳои қоидаи рафторро дар бар мегирад ҳаволакунанда (қоидаи рафторро инъикос накарда, барои шиносоӣ бо он ба меъёри дигар ишора мекунад.

Далел - ҳама гуна маълумот оид ба ҳолатҳое (фактҳое), ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун гирифта шудаанд ва дар асоси онҳо суд мавҷуд будан ё набудани ҳолатҳои асосноккунандаи талабот ва норозигии тарафҳо, инчунин дигар ҳолатҳои барои ҳалли дурусти парванда аҳамиятдоштаро муқаррар менамояд.

Хулоса оид ба ҳолатҳои воқеии парванда - натиҷаи фаъолияти судя бо ҳолатҳои воқеии парванда, ки дар натиҷаи он судя ҳолатҳои баҳснок ва бебаҳси воқеиро, ки барои парванда аҳамият доранд, ҷудо мекунад.

Мавзуи (предмети) даъво - талаботи моддӣ-ҳуқуқие мебошад, ки ишора ба моҳияти вайрон гардидан ё таҳдиди вайрон кардани ҳуқуқ, озодӣ ё манфиатҳои қонунии муроҷиаткунандаро нишон медиҳад, иборат мебошад.

Мавзуи баҳс - дар назарияи ҳуқуқӣ мурофиавии маданӣ ҳамчун объекти муносибатҳои ҳуқуқии баҳсшаванда - (мавзуи (объекти) моддии муайяни баҳс) моле, ки нисбати он байни даъвогар ва ҷавобгар баҳс ба миён меояд - молу мулки манқул ё ғайриманқул, пул, саҳмияҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳои шахс, қарорҳо, амал ё беамалии мақомот ва ғайра муайян карда мешавад.

Ҷадвали ҳолатҳо (иқтибос намудани ҳолатҳо аз маводи парванда) - ин ҷудокунии ҳолатҳои воқеии парванда дар шакли ҷадвал мебошад, ки дар як сутуни он тасдиқи даъвогар дар бораи ҳолатҳои парванда ва дар сутуни дуюм тасдиқи ҷавобгар оид ба ҳолатҳои парванда оварда мешаванд.

Субсумсия (Subsomption) - ҳамчун ҳуқуқтатбиққунӣ фаҳмида мешавад. Калимаи лотинии субсумсия: “sub - sum” маънои тобеъ буданро ифода мекунад. Мафҳуми мазкур маънои мутобиқ намудан ва ба тартиб даровардани як мафҳум (ё сохтор) зери мафҳуми дигар дорад. Дар илми ҳуқуқ ин мафҳум ҳамчун татбиқи (мутобиқати) ягон меъёри ҳуқуқӣ, аломатҳои (ва ё шартҳои) ин меъёр ба ҳолатҳои муайяни воқеӣ фаҳмида мешавад.

Тезис - ақидаи пешниҳоднамудани иштирокдорон мебошад, ки дар ҷараёни исботкунӣ асоснок карда шудааст.

Ҳолат (факт) аз калимаи лотинии Factum - (ба вуқӯъ пайваст, шуд) сарчашма гирифта, синонимии ин мафҳум ҳақиқат, воқеа, ҳодиса, рӯйдоди воқеӣ муқобили хаёлӣ ва ё бофта, мушаххас ва ягона дар тафовут аз абстрактӣ ва умумӣ, фаҳмида мешавад.

Техникаи ҳуқуқӣ – маҷмӯи методҳо, воситаҳо ва усулҳое, ки мутобиқи қоидаҳои қабулшуда ҳангоми таҳия ва ба низом даровардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои таъмини такмили онҳо истифода мешаванд.

Қонунгузорӣ - санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар маҷмӯъ ё дар соҳаи муайян танзим мекунанд.

Санадҳои қонунгузорӣ - Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ - санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар асос ва барои иҷрои санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии қувваи бештари ҳуқуқидошта қабул мешаванд.

ЗАМИМАҲО:

1.Сохтори хулоса вобаста ба ҳолатҳои воқеии парванда:



2. Нақшаи тартибдиҳии хулоса вобаста ба ҳолатҳои воқеии парванда:



3. Сохтори баҳодиҳии экспертӣ:

4.Нақшаи тартибдиҳии баҳодиҳии экспертӣ:



5.Нақшаи ҳалномаи судӣ:

Алгоритми таҳия намудани ҳалнома:



РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАБУРДАШУДА:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”;

3. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон”;

4. Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон;

5. Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

6. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон;

7. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

8. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ”;

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатномадиҳӣ”;

11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот дар бораи фаъолияти судҳо”;

12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи боҷи давлатӣ”;

13.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият”;

14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”;

15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон”;

16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”;

17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”;

18. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №268 аз 30 июни соли 2021 оид ба тасдиқ намудани “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ”;

19. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №225 аз 2 майи соли 2019 оид ба тасдиқ намудани “Тартиби қабули маблағҳои андоз, боҷҳо, пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет ва маблағҳои дигари буҷети давлатӣ тавассути терминалҳо ва терминалҳои худкори худхизматрасон”;

20. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, №699 аз 9 июни соли 2016, № 699 “Дар бораи сохтори дастгоҳ, нақшаи идоракунӣ ва штатҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”;

21.Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба муҳокимаи судӣ омода намудани парвандаҳои маданӣ» № 12 аз 19 декабри соли 2008;

22.Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тағрибаи судӣ оид ба ситонидани боҷи давлатӣ оид ба парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ» № 3 аз 23 декабри соли 2011;

23.Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи татбиқи меъёрҳои Кодекси мурофиавии маданӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳо дар суди марҳилаи якум» № 23 аз 26 июни соли 2009;

24.Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳукми суд» № 13 аз 23 июни соли 2010;

25.Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои адолати судӣ» № 5, аз 29 сентябри соли 2014;

26.Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст» № 9 аз 18 ноябри соли 2013;

27.“Дастурамал оид ба коргузорӣ дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” фармоиши №48 аз 11 декабри соли 2017.

28. “Қоидаҳо оид ба пешбурди сомонаҳои судӣ” фармоиши № №21, №36/1 аз 31 июли соли 2023.

29.Модулҳои омӯзишӣ барои судяҳо дар мавзӯи “Методикаи оғоз намудан, омодасозӣ, муҳокимаи судӣ ва таҳияи ҳалномаи судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ дар мурофиаи даъвогӣ”.